**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД: 625.7/.8(091) (575.3)**
**ТКБ: 39.311+63.3 (2 тоҷик)**

**АЙНУЛОЗОДА НАҲТУЛЛО АЙНУЛО**

# ТАҶРИБАИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ХОҶАГИИ РОҲУ НАҚЛИЁТ ДАР ТОҶИКИСТОН (солҳои 1924–2021)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих**
**аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик))**

**Мушовири илмӣ: доктори илмҳои таърих,**
**Абдурашитов Ф.М.**

**ДУШАНБЕ, 2026**

**МУНДАРИҶА**

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**........................................................................ 5

**МУҚАДДИМА**........................................................................ 6

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ**.................................... 14

**БОБИ 1. ОМӮЗИШИ МАСЪАЛА ВА ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ХОҶАГИИ РОҲ ВА НАҚЛИЁТ ДАР ТОҶИКИСТОН** 34

1.1. Таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ ва методологияи таҳқиқот........................................................................ 34

1.2. Заминаҳои таърихии ташаккули роҳсозӣ ва инфрасохтори он дар Тоҷикистон.................................................................. 48

**БОБИ 2. ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ХОҶАГИИ РОҲ ВА ИНФРАСОХТОРИ РОҲСОЗӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 20–40–УМИ АСРИ XX**................................ 66

2.1. Бунёди инфрасохтори хоҷагии роҳ ва нақлиёти автомобилӣ дар солҳои 20 – 30-юми асри XX ва таъсири он ба пешрафти бахшҳои иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон........................................................................ 66

2.2. Вазъи сохтмони роҳҳо дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва барқарорсозии баъдиҷангӣ....................................................... 89

**БОБИ 3. АҲАММИЯТИ БУНЁДИ ШАБАКАҲОИ РОҲИ ОҲАН ВА АВИАТСИЯИ ГРАЖДАНӢ ДАР ТАРАҚҚИЁТИ ХОҶАГИИ ХАЛҚИ ҶШС ТОҶИКИСТОН**........................ 107

3.1. Вазъи шабакаҳои роҳи оҳан ва шаклгирии он дар солҳои 20-40-уми асри XX дар ҶШС Тоҷикистон............................. 107

3.2. Раванди ташаккул ва рушди авиатсияи гражданӣ дар ҶШС Тоҷикистон: заминаҳо ва шароити сиёсиву иқтисодӣ........... 122

**БОБИ 4. МЕХАНИКУНОНИИ ХОҶАГИИ РОҲ ВА СОХТМОНИ РОҲҲОИ НАВ ДАР СОЛҲОИ 50 – 80 - УМИ АСРИ XX..................................................................** 143

4.1. Масоили ташкили алоқаи нақлиётии минтақаҳо дар ҶШС Тоҷикистон ва рушди роҳҳои мошингард (солҳои 50-80-ум)........................................................................................ 143

4.2. Механикунонии соҳаи роҳу нақлиёт ва нақши онҳо дар тараққиёти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ........................................ 164

**БОБИ 5. ИДОМАИ БАРҚАРОРСОЗИИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТИ ҲАВОӢ ВА РОҲИ ОҲАНИ ҶШС ТОҶИКИСТОН ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XX.........** 187

5.1. Барқарорсозӣ ва рушди авиатсияи гражданӣ дар солҳои 50-80-ум.................................................................................... 187

5.2. Фаъолияти ташкилӣ ва иқтисодии роҳи оҳан дар таъмини соҳаҳои хоҷагии халқ............................................................ 200

**БОБИ 6. РАВАНДИ ТАҲАВВУЛ ВА РУШДИ СОҲАИ НАҚЛИЁТИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ.......................................................** 218

6.1. Сохтмону навсозии роҳҳои мошингард ва аҳаммияти нақбсозӣ дар замони истиқлоли давлатӣ................................ 218

6.2. Вижагиҳои нақлиёти роҳи оҳан дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ.......................................................................... 250

6.3. Таҳаввули авиатсияи гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: марҳалаҳо ва равандҳо........................................................... 273

6.4. Ҳамкориҳои байналмилалӣ ва рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири асри XX ва аввали асри XXI..................................................................... 292

**ХУЛОСА.....................................................................................** 323

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**.................................................. 331
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**.......................................................... 335
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**.............................................. 369

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА Ё АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**АВВАТ** – Ассотсиатсияи боркашонҳои байналмилалии автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**IATA** – Ассотсиатсияи байналмилалии нақлиёти ҳавоӣ

**БИР** – Бонки исломии рушд

**ВМКБ** – Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИИР** – Идораи истифодабарии роҳҳо

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**КВД** – Корхонаи воҳиди давлатӣ

**КИМ** – Комитети иҷроияи марказӣ

**КМ** – километр

**КМ ҲК**– Комитети марказии Ҳизби Коммунистӣ

**ҲҶТ** – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶБВ** – Ҷанги Бузурги Ватанӣ

**ҶДММ** – Ҷамъияти дорои масъулияташ муҳдуд

**ҶМЧ** – Ҷумҳурии Мардумии Чин

**ҶМШС** – Ҷумҳурии мухтори шуравии сотсиалистии Тоҷикистон

**ШКХ** – Шурои комиссарони халқӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Раванди ташаккул ва рушди роҳсозӣ ва инфрасохтори нақлиётӣ яке аз заминаҳои асосии пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварҳо маҳсуб меёбад. Дар шароити Тоҷикистон, ки бо маҳдудиятҳои ҷуғрофӣ, иқлимӣ ва табиӣ фарқ мекунад, нақлиёт ва роҳсозӣ ба унвони бахши муҳимми сиёсати давлатӣ ва рушди миллӣ нақши калидӣ дорад. Аз ибтидои ташаккули давлатдории миллӣ дар солҳои 20-уми асри XX, масъалаи ташкили шабакаи боэътимоди роҳҳо, ки минтақаҳои кишварро бо якдигар ва бо ҷумҳуриҳои иттифоқӣ пайваст намояд, ҳамчунин, робитаҳои устувор бо кишварҳои ҳамсоя таъмин намояд, ба сифати яке аз омилҳои калидии сиёсати стратегии давлат ҷойгоҳи хос пайдо намуд.

Таҳаввулоти иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ – аз замони барпошавии ҳокимияти Шуравӣ дар Бухоро ва ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон то ҷашнни 30-солагии истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 ба ташаккули шабакаи роҳҳо - нақлиётӣ, роҳи оҳан, ҳавоӣ ва инфрасохтори онҳо таъсири амиқ гузоштааст. Сохтмони роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан дар солҳои 20–40-уми асри гузашта бо вуҷуди мушкилоти молиявӣ ва техникӣ, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳукумати Шуравӣ ба шумор мерафт. Дар солхои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва баъди ҷанг роҳсозӣ ҳамчун василаи муҳимми дифоӣ ва иқтисодӣ аҳаммияти бештарро касб намуд.

Солҳои 50–80-уми асри XX марҳилаи механиконии роҳсозӣ, рушди алоқаи нақлиётии дохилӣ ва беҳтар шудани шароити ҳамлунақл дар дохили кишвар ва берун аз он ба ҳисоб меравад. Таъмини воридшавии техникаи вазнин, беҳтарсозии роҳҳои автомобилгард ва ҳавоӣ, ҳамчунин, пешрафти шабакаи роҳҳои оҳан ва инфрасохторҳои вобаста ба онҳо, ба рушди соҳаи нақлиёт замина гузошта, онро ба бахши муҳимму таркибии иқтисоди миллӣ табдил дод.

Баъд аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ва дар пасманзари тағйироти сиёсиву иқтисодӣ, соҳаи нақлиёт ва роҳсозӣ ба мушкилоти ҷиддӣ

рӯ ба рӯ гардид. Оғози Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, фурӯпошии низоми умумии нақлиётии Шуравӣ ва вобастагии роҳҳои мавҷуда ба қаламрави кишварҳои ҳамсоя, ки акнун мустақил шудаву сарҳадҳои худро ҷудо намуда буданд, зарурати бозсозӣ ва тарҳрезии дубораи шабакаи нақлиётиро ба миён овард. Дар ин давра, нақлиёт ба унвони василаи муҳимми таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва ҳамгироии иқтисодии дар дохили Тоҷикистон арзёбӣ мешуд.

Дар давраи истиқлол, бо такя ба сармоягузории дохилию хориҷӣ ва ҳамкорӣ бо ниҳодҳои байналмилалӣ, чандин лоиҳаи муҳимми инфрасохторӣ амалӣ гардиданд. Ба ин лоиҳаҳо бунёди роҳҳои стратегӣ, нақбҳо ва пулҳои муҳандисӣ, ҳамчунин ташкили самтҳои нави парвозҳои байналмилалӣ дохил буда, нақши онҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар аҳаммияти хосса дорад. Лоиҳаҳои муҳимми стратегӣ, аз ҷумла, ба истифода додани нақбҳои «Истиқлол», «Шаҳристон», «Дӯстӣ», «Хатлон», «Озодӣ», «Тоҷикистон», роҳҳои автомобилгарди «Қӯрғонтеппа – Кӯлоб», «Душанбе – Хуҷанд – Бӯстон – Чанок», «Душанбе – Кӯлоб – Дарвоз – Мурғоб – Қулма», «Душанбе – Нуробод – Чиргатол – Саритош – Ош», «Душанбе - Данғара», «Душанбе – Бохтар – Данғара – Кӯлоб», «Душанбе – Бохтар – Панҷи Поён» ва ҳамакнун низ амалишавии сохтмони роҳҳои нав идома дошта, дар рафтуомади аҳолии кишвар ва ҳамлунақли молу маҳсулот ва рушди иқтисодии кишвар шароити мусоид фароҳам меоранд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб (бо дарозии 132 км, дар ин роҳ панҷ пули калон ва 7 истгоҳу вокзал сохта шудааст), қитъаи Вахдат – Ёвони роҳи оҳани Душанбе – Бохтар – Кӯлоб (бо дарозии 40,7 км, шомили 3 нақб бо дарозии 3643 метр, 8 пул бо дарозии 683,2 метр) ва дар маҷмуъ, дар солҳои соҳибистиқлолӣ 200 км роҳи оҳан сохта ба истифода дода шудааст.

Дар давраи омӯзиши, Ҳукумати Тоҷикистон ба масъалаи роҳҳои ҳавоӣ низ диққати ҷиддӣ дода, фурудгоҳҳои кишварро таъмиру тармим кардааст. Дар айни замон, дар ҷумҳурӣ чор фурудгоҳи байналмилалӣ амал мекунад, ки

ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқанд. Инҳо фурудгоҳҳои байналмилалии Душанбе, Кӯлоб, Бохтар ва Хуҷанд мебошанд.

Сохтмону ба истифода додани роҳҳои нав ва таъмини инфрасохтори муосир на танҳо пайвастагии дохили кишварро таҳким бахшиданд, балки барои рушди иқтисоди миллӣ ва боло бурдани рақобатпазирии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ замина фароҳам оварданд.

Аҳаммияти соҳаи нақлиётро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои ҳарсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ ва рушди соҳаро барои солҳои оянда таъкид менамуданд. 21-уми декабри соли 2021 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти кишвар қайд намуданд, ки: «Барои таъмин намудани рафтуомади бемамониати мусофирон ва ҳамлунақли молу маҳсулот дар тамоми фаслҳои сол байни минтақаҳои кишвар, ҳамчунин, раҳоӣ бахшидани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани он 59 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 24 млрд сомонӣ амалӣ гардида, 2400 км роҳ, 326 пул, 6 нақби мошингузар ва 219 км роҳи оҳан сохта, ба истифода дода шуд. Бо амалӣ намудани корҳои зикргардида мо соли 2017 ба яке аз ҳадафҳои стратегии худ ноил шуда, Тоҷикистони сепорчаро ба қаламрави воҳид табдил додем ва тавассути долонҳои нақлиётӣ бо кишварҳои ҳамсоя ва дигар мамлакатҳои дуру наздики хориҷӣ пайвастани онро таъмин намудем» [1, С. 723].

Дар солҳои истиқлоли давлатӣ бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати милли–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар қарор дода шудааст, ки аҳаммияти илмии мавзуи таҳқиқи диссертатсионии моро боз ҳам тақвият дода, муҳим будани онро тасдиқ мекунад.

Таҳқиқоти илмии пешниҳодгардида, ки дар худ ҷанбаи таърихӣ долшта, на танҳо аз нигоҳи таърихнигорӣ, балки барои таҳияи стратегияҳои муосири рушди инфрасохтори нақлиётии кишвар аҳаммияти назариявию амалӣ дорад. Таҳқиқи ҳамаҷонибаи равандҳои таърихии ташаккул ва такомули нақлиёт дар Тоҷикистон имкон медиҳад, ки бо дарназардошти меъёрҳои иқтисоди бозорӣ дар марҳалаи муосир, самтҳои афзалиятноки рушд ва роҳу воситаҳои муассири таҳкими инфрасохтори нақлиётӣ бо асоснокии илмӣ муайян гардад.

Дар заминаи гуфтаҳои боло, метавон мубрамии таҳқиқоти мазкурро бо чунин далелҳо асоснок кард:

– **якум**, то имрӯз дар илм масъалаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт ва инфрасохтори нақлиётӣ дар Тоҷикистон (солҳои 1924–2021) ва аҳаммияти он дар пешрафти хоҷагии халқи мамлакат чи дар даврони Шуравӣ ва чи то ҷашни 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як таҳқиқоти фарогир мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Ҳамин омил асоси мубрамии мавзуи таҳқикро муайян мекунад;

– **дуюм**, пажуҳишҳое, ки аз ҷониби муҳаққиқони риштаҳои гуногуни илм анҷом шудаанд, ҳамеша яксон ва ҳамоҳанг набуда, дар онҳо андешаҳои пароканда ва ихтилофи назарҳо мавҷуданд, ки боиси норасогии хулосаҳои умумӣ мегардад;

– **сеюм**, то ба ҳол перомуни масъалаи роҳу нақлиёт ва ташаккули инфрасохтори он таҳқиқоти байнисоҳавӣ гузаронида нашудааст. Дар мавриди инфрасохтори роҳу нақлиёт зарурати таҳқиқоти байнисоҳавӣ (таърихӣ, иқтисодӣ, муҳандисӣ ва сиёсӣ) вуҷуд дорад, вале то ҳол чунин таҳқиқоти ҳамгиро ва муштарак ба таври кофӣ амалӣ нашудааст;

– **чорум**, маҳдудияти истифодаи манбаъҳои бойгонӣ. Муҳақиқон дар аксари маврид ба манбаъҳои дуюмдараҷа такя кардаанд, дар ҳоле ки истифодаи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва манбаъҳои аслӣ барои таҳлили таърихии воқеӣ хеле муҳим ва шарти асосӣ аст;

– **панҷум**, норасоии таҳқиқоти муқоисавии давраи гузариш аз замони Иттиҳоди Шуравӣ ба истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Давраи гузариши Тоҷикистон аз низоми Шуравӣ ба давлати соҳибистиқлоли миллӣ дар таҳқиқотҳои мавҷуда бо таври муназзам, муқоисавӣ ва ҳамаҷониба таҳлил нашудааст;

– **шашум**, маҳдудият ва камии арзёбии нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Ҳарчанд осор, суханронию баромадҳо ва паёмҳои Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии кишвар дорои арзиши баланди сиёсиву амалӣ мебошанд, таҳлили илмии фарогири нақши ӯ дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ то ҳол ба таври лозимӣ ва комил анҷом наёфтааст;

– **ҳафтум**, дар таҳқиқоти мавҷуда норасоии таҳлили таъсири роҳу нақлиёт ва як сохтори муназзами инфрасохтори он ба вазъи иҷтимоӣ ва амниятии кишвар. Дар таҳқиқоти мавҷуда таваҷҷуҳи бештар ба нақши роҳу нақлиёт дар соҳаи иқтисодӣ нигаронида шуда, нақши роҳу нақлиёт ҳамчун омили ваҳдати миллӣ, амнияти иҷтимоӣ ва таҳкими суботи сиёсӣ аз назари муҳаққиқон дур мондааст. Аз ин рӯ, ин масъала низ аҳаммияти мавзуи таҳқиқро боз ҳам мукамал мекунад.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти илмӣ дар таърихи ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт ва инфрасохтори он дар Тоҷикистон дорои аҳаммияти баланд, мубрам ва саривақтӣ буда, ба ҳалли чандин масъалаҳои илмию амалӣ дар самти таърихи роҳсозӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар мусоидат менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Раванди ташаккул ва такомули хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқоти таърихӣ ба шумор рафта, дар таҳкими зерсохторҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар ҷойгоҳи калидӣ дорад. Ин соҳа дар таҳаввули равандҳои таърихӣ ва иқтисодиву иҷтимоии кишвар нақши ҳалкунанда дошта, дар шароити муосир низ аҳаммияти стратегии худро нигоҳ доштааст.

Бояд гуфт, ки олимону муҳаққиқони соҳаҳои гуногун паҳлуҳои гуногуни масъалаи мавриди таҳқиқро баррасӣ намудаанд, вале то ба ҳол дар

доираи як таҳқиқоти маҷмуӣ рисолаи илмӣ анҷом дода нашудааст. Осори нашршударо дар ин бора метавон ба тариқи зайл гурӯҳбандӣ кард: 1) асарҳо, суханрониҳо ва Паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар; 2) китобу монографияҳо ва мақолаҳои илмии муҳаққиқони рус ва шуравӣ; 3) китобҳо, монографияҳо ва мақолаҳои илмии муҳаққиқону муаррихони ватанӣ; 4) китобҳои ҳаммуалифӣ ва ҷашнӣ, 5) диссертатсияҳо ва авторефератҳо; 6) маводди сомонаҳо ва саҳифаҳои интернетӣ, аз ҷумла, сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, АМИТ «Ховар» ва саҳифаҳои электронии дигар рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ ва хориҷӣ.

Пешвои миллат ҳамчун ташаббускори стратегияи аз байн бурдани бунбасти коммуникатсионӣ ва вусъати шабакаи роҳу нақлиёт шинохта мешавад, ки яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати давлатӣ ба шумор меравад. Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ дар самти муайян сохтани авлавиятҳои сиёсати иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла дар мавриди роҳсозӣ ва таҳкими инфрасохтори нақлиётӣ, барои омӯзиши таърихи муосир муҳим мебошанд. Дар паёмҳо масъалаи роҳсозӣ, инфрасохтори нақлиётӣ, сохтмону нақбу пулҳо на танҳо ҳамчун омили коммуникатсионӣ ва иқтисодӣ, балки ҳамчун кафолати амнияти миллӣ ва ваҳдати ҷомеа баррасӣ мешавад [1; 2; 3; 4; 5; 6; 7; 8; 9; 10; 11; 12; 13; 14; 15; 16; 17; 18; 19; 20].

Ба гурӯҳи дуюм бошад, китобҳо, монографияҳо, мақолаҳои илмии муҳаққиқони рус ва шуравӣ батабърасида, ки ҷанбаҳои мухталифи рушди инфрасохтор ва нақлиётро инъикос намудаанд дохил мешаван. Аз ҷумла, таҳқиқоти Василев А.П. [103], Яковлев Ю.М. [103], Коганзон М.С. [103], Бутлитский Ю.В. [101], Бронштейн Я.Т. [98; 99; 100], Заманов А.Н. [120; 121], Василев П.А. [104], Дустматов Д. [117], Климов И.П. [144], Малиновская О.В. [154], Марсаков П. [157], Свириденко А. [222], Тваровская. А.И. [227], Исмоилов А. [128], Сутсепин. А.В. [128], Лебейко

А.М. [150], Лорнеок А. [152] ва дигарон, таҷрибаи сиёсати нақлиётӣ ва роҳсозии даврони шуравиро инъикос намудаанд.

Ба гурӯҳи сеюм китобҳо, монографияҳо, мақолаҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ, ки дар омӯзиши масъалаҳои ташаккули инфрасохтори роҳу нақлиёт ва нақши он дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар ҳам дар замони шуравӣ ва ҳам дар солҳои истиқлол саҳми арзанда гузоштаанд, дохил мешаванд. Аз ҷумла, осори Абулҳаев Р. [85], Акрамӣ З.И. [85], Масов Р. [85], Ахмедов К.М., Каримов Б.Б. [93], Бобоев К.О. [97], Ғоибназаров, Ғ.У. [111], Джумаев Д. [116], Зоҳидӣ Н., Ниятбеков В., Камолов А. [122], Каримов Б. [137; 138; 139; 140; 141], Нарзулоев С. [174; 175; 176; 177; 178; 179], Низомзода Ф.Н. [188; 189; 190; 191], Раджабов Р.К. [201; 202], Рауфи А. [203; 204; 205; 206; 207], Ҳотамов Н.Б. [243], Шарипов С.М. [258], Шарифов А. [270] ва дигарон дорои аҳаммияти баланди илмӣ мебошанд. Муаллифони номбурда ҷанбаҳои гуногуни таъсири инфрасохтори нақлиётӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишварро мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Ба гурӯҳи чорум китобҳои ҳаммуалифӣ ва ҷашнӣ, ки ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷикро дар давраи таҳқиқ инъикос намудаанд [123; 132; 133; 134; 194; 195; 223]. Дар ин китобҳо масоили асоси рушди тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи Тоҷикистон, аз ҷумла соҳаи нақлиёт давра ба давра таҳқиқ шудааст.

Ба гурӯҳи панҷум автореферату диссертатсияҳо, ки дар соҳаҳои гуногуни илм, алалхусус, дар самти таърих, иқтисодиёт ва сиёсат таҳия шудаанд, масалаҳои мухталифи сохтмону навсозӣ ва механизми ва тавсеаи инфрасохтори нақлиётро барои таҳлил ва омӯзиш қарор додаанд ва маълумотҳои арзишмандро барои таҳияи рисола фароҳам меоранд, шомил карда шудаанд. Аз ҷумла, диссертатсияҳо ва мақолаҳои илмии пажӯҳишгарон ба монанди Мирзаянтс, Г.Ю. [281], Шарифов А. [290], Ходжибеков Э.Х. [288], Ҳамидов Ф. [286], Алимов Д.Х. [274], Ашуров Н.А. [277], Саидов Х. [285], Назруллоев С. [282], Гафурова Г.А. [280], Арефев

И.Н. [276], Бобоев К.О. [279], Расулов Т.А. [283], Бобиев Р.С. [278], Рауфӣ А. [284], Ходжаев П.Д. [287], Шодипур Юсуфӣ [291] ва дигарон.

Паҳлуҳои гуногуни соҳаи нақлиётро, олимони риштаҳои ҷуғрофиё, иқтисодиёт ва техника низ пажӯҳиш намудаанд. Муҳаққиқ Саидов Х. ҷанбаҳои иқтисодию ҷуғрофии рушди маҷмааи нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар рисолаи илмии худ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Перомуни масоили рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикии вилояти Хатлон бошад Ашуров Н.А. таҳқиқоти мукаммал анҷом додааст. Муаллиф вазъи роҳҳои автомобилгард, нақлиёти автомобилӣ ва системаҳои логистикро аз ҷиҳати иқтисодӣ таҳлил намуда, мушкилот ва имконияти рушди онҳоро ошкор намудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки роҳҳои автомобилгард ва инфрасохтори логистик ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисоди минтақавӣ нақши ҳалкунанда доранд.

Манбаъҳои саҳифаҳои интернетӣ, аз ҷумла, сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, АМИТ «Ховар » ва дигар саҳифаҳои электронии рӯзномаву маҷаллаҳо, дар таҳқиқу баррасии мавзуи мазкур, истифода шудаанд.

Бо вуҷуди таҳқиқоти мавҷуда, то ба имрӯз масъалаи ташаккул ва рушди таърихии хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон дар заминаи як таҳқиқоти мукаммал ва маҷмӯӣ, ки давраҳои асосии ташаккул ва рушди соҳаро аз солҳои 20-уми асри XX то даврai соҳибистиқлолӣ (то соли 2021) фаро гирад, пурра мавриди таҳлил қарор нагирифтааст. Бинобар ин, таҳияи чунин як рисолаи илмии фарогир ва байнисоҳавӣ, ки бо истифода аз манбаъҳои бойгонӣ, таҳлилҳои муқоисавӣ ва хулосаҳои ҷамъбастӣ омода шавад, зарур ва саривақтӣ ба назар мерасад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ**

Диссертатсия дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмиву таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2020–2025 дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924–2021)» омода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади асосии таҳқиқоти мазкур таҳияи тасвири илмӣ ва мукаммали равандҳои ташаккул ва рушди инфрасохтори роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон дар солҳои 1924–2021, бо дарназардошти омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба ин раванд таъсиргузор мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо дарназардошти мақсади асосии таҳқиқот, таҳлили марҳилавии ташаккул ва рушди инфрасохтори роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон аз оғози солҳои 20-уми асри XX то ҷашни 30-солагии истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар диссертатсия ҳалли вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

– муайян намудани заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки ба ташаккули ибтидоии соҳаи роҳу нақлиёт дар солҳои 20-40-уми асри XX дар Тоҷикистон мусоидат намуданд;

– омӯзиши таъсири ташаккули хоҷагии роҳ ба рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, махсусан дар марҳалаҳои саноатисозӣ ва сиёсати нақлиётии давлат дар солҳои 30–40-уми асри XX;

– таҳлили таҳаввули инфрасохтори роҳсозӣ ва рушди нақлиёти автомобилӣ, бо таваҷҷуҳ ба нақши он дар густариши алоқа ва тиҷорати дохилӣ дар солҳои 30–40-уми асри XX:

– таҳлили вазъи роҳҳо ва инфрасохтори нақлиётӣ баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҳамчунин, арзёбии тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати барқарорсозӣ ва таъсири онҳо ба рушди соҳа дар солҳои баъди ҷанг;

– таҳқиқи шароити иқтисодӣ ва сиёсие, ки ба шаклгирии шабакаи роҳи оҳан дар солҳои 20–40-уми асри гузашта замина гузоштанд ва ҳамчунин арзёбии нақши роҳи оҳан дар ҳамгироии ҷумҳурӣ ба низоми нақлиётии умумииттифоқӣ;

– омӯзиши омил ва равандҳои ташаккули авиатсияи граждани дар солҳои 20–30-уми асри XX, бо таъкид ба хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва талаботи иртиботии минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон;

– баррасии масоили ташкили алоқаи нақлиётии минтақаҳо ва рушди шабакаи роҳҳои мошингард дар солҳои 50–70-уми асри XX ва нақши он дар тамаркузи иқтисоди миллӣ;

– таҳлили равандҳои механиконии хоҷагии роҳ ва нақлиёт, таъсири ҷорӣ намудани технологияҳои нав ба сифати сохтмон ва самаранокии ҳамлунақл дар солҳои 50–80-уми асри XX;

– арзёбии рушди авиатсияи граждан ва роҳи оҳан дар давраи баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ, бо мақсади таъмини ниёзҳои хоҷагии халқ ва иртибототи байниминтақавӣ;

– муайян кардани ҷанбаҳои асосии давраи гузариш ба марҳилаи нави рушди инфрасохтори нақлиётӣ аз соли 1990 бо таъкиди тағйироти сохторӣ ва густариши имкониятҳо дар бахши хизматрасонӣ;

– омӯзиши нақши сохтмон ва навсозии роҳҳо дар давраи соҳибистиқлолӣ, аз ҷумла татбиқи лоиҳаҳои миллӣ ки ба тавсеаи шабакаи роҳҳои мошингард равона шудаанд;

– таҳлили аҳаммияти нақбсозӣ ва таъсири стратегӣ ва иқтисодии он, дар раванди таъмини пайвастшавии минтақаҳо ва беҳсозии иртибототи дохилӣ;.

– баррасии вижагиҳои рушди нақлиёти роҳи оҳан ва авиатсияи граждан дар давраи истиқлол, бо назардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулоти бозорӣ;

– таҳқиқи нақши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва лоиҳаҳои минтақавии ҳамгирой, дар рушди инфрасохтори нақлиётии Тоҷикистон дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI;

– муайян кардани дурнамои рушди инфрасохтори нақлиётии кишвар, бо такя ба омӯзиши таҷрибаи таърихӣ ва таҳлили равандҳои муосири миллӣ ва байналмилалӣ.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз таҳқиқи масъалаи раванди ташаккул ва рушди низоми хоҷагии роҳ ва инфрасохтори нақлиётӣ дар Тоҷикистон аз солҳои 20-уми асри XX то ҷашни 30-солагии истиқлоли давлатӣ (1924–2021) иборат мебошад. Соҳаи роҳ ва инфрасохтори он ҳамчун

ҷузъи муҳимми сиёсати иқтисодиву иҷтимоии давлат нақши муассир дар рушди соҳаҳои истеҳсолӣ, такмили шабакаи роҳҳо ва пайвастшавии минтақаҳои кишвар дошта, бо ин васила ҳамчун объекти калидии таҳқиқоти илмӣ барои арзёбии таъсир ва самаранокии инфрасохтор шинохта мешавад.

**Мавзуи таҳқиқот** омӯзиши равандҳо ва ҷанбаҳои гуногуни ташаккул, рушди техникӣ ва идории хоҷагии роҳу нақлиёт, ҳамчунин, таъсиррасонии онҳо ба сохтмон ва устувории инфрасохтори нақлиётии Тоҷикистонро аз соли 1924 то соли 2021 фаро мегирад. Ин равандҳо таҷрибаи таърихӣ ва механизми ташаккул ва рушди роҳсозӣ, такомули нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан ва авиатсияро бо дарназардошти тамоюлҳои нави иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дар бар гирифта, ҳамчун объекти асосӣ ва муҳим барои таҳқиқоти илмӣ шинохта шудаанд. Илова бар ин, таҳқиқ равандҳои барқарорсозӣ, таъмиру азнавсозӣ ва ҳамкориҳои минтақавию байналмилалиро, ки барои устувории фаъолияти хоҷагии роҳу нақлиёт нақши муҳим бозидаанд, низ дар бар мегирад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот** аз таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон соли 1924 то соли 2021, яъне то ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро гирифта, вобаста ба таҳлили адабиёти илмии мавҷуда, сарчашмаву маъхазҳо, маҷаллаву газетаҳо, сомонаҳои интернетӣ, ҷамъоварии мавод, нашри мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқ дар се марҳилаи ба ҳам алоқаманд гузаронида шудааст:

**Марҳилаи якуми таҳқиқот (солҳои 2020–2021)** давраи омодагӣ ва ташаккули заминаи назариявии тадқиқотро фаро гирифта, асосан ба омӯзиши адабиёти илмӣ, таҳлили манбаъҳои таърихӣ ва ташкили асосҳои равишшиносии кори илмӣ нигаронида шудааст. Дар ин марҳила ҷамъоварии манбаъҳои илмӣ ва таърихӣ дар самти ташаккул ва рушди инфрасохтори роҳу нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, назарияҳо ва амсилаҳои илмии марбут ба инфрасохтор, ки дар кишварҳои собиқ шуравӣ ва минтақаи Осиёи Марказӣ истифода шудаанд, мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Ҳамзамон, осори илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар мавзуъҳои

ба таҳқиқоти илмӣ наздикӣ доранд омӯхта шуда, ҳуҷҷатҳо ва санадҳои расмӣ аз бойгонии марказии кишвар, бойгонии вазоратҳои марбута ва дигар манбаъҳои расмӣ дастрас ва таҳлил гардиданд. Дар ин давра самтҳои калидии таҳқиқот муайян гардида, мақсад ва вазифаҳои кори илмӣ шакл гирифтаанд. Ҳамзамон, усулҳои истифодашавандаи таҳлил, сохтори умумии рисола ва тарҳи нахустини бобҳои он омода ва тарҳрезӣ шуданд.

**Марҳилаи дуюми таҳқиқот (солҳои 2021–2023)** ба таҳлили фаъолонаи равандҳои таърихӣ ва ҷамъоварии маълумоти мушаххас равона гардида, давраи асосии таҳияи мундариҷаи илмии рисоларо ташкил медиҳад. Дар ин марҳила маълумоти оморӣ ва таҳлилӣ оид ба соҳаи роҳу нақлиёт, аз ҷумла шумораи роҳҳои сохташуда, сатҳи таъминоти мошинии онҳо, ҳаҷми сармоягузорӣ ва рушди техникаи нақлиётӣ дар давраҳои гуногун таҳлил гардиданд. Маълумот аз сарчашмаҳои расмӣ, ба монанди Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёт ва дигар сохторҳои дахлдор ҷамъоварӣ ва барои таҳияи бобҳои таърихии рисола, аз ҷумла давраҳои Шуравӣ, ҷанги дуюми ҷаҳон, давраи пас аз ҷанг ва солҳои 50–80-уми асри XX истифода гардиданд. Дар баробари таҳлили манбаъҳо, таҳқиқоти саҳроӣ ва мусоҳиба бо мутахассисони собиқу ҳозири соҳа низ анҷом шуда, таҷрибаи амалии онҳо дар таҳияи мавод ба назар гирифта шуд. Ҳамзамон, таҳлили муқоисавии таҷрибаи кишварҳои аз ҷиҳатҳои гуногун ба Тоҷикистон монанд – Қирғизистон ва Ӯзбекистон низ дар ин марҳила татбиқ гардид, ки ба муқоисаи таърихӣ ва таҳкими натиҷаҳои илмӣ мусоидат намуд. Хулосаҳои бобҳо дар ҳамин марҳила анҷом ёфтанд, ки барои таҳлили ниҳоии марҳилаи сеюм шароит зарурӣ фароҳам сохтанд.

**Марҳилаи сеюми таҳқиқот (солҳои 2024–2025)** давраи ҷамъбаст, таҳлили ниҳоӣ ва пешниҳоди натиҷаҳои илмии диссертатсия ба ҳисоб меравад. Дар ин марҳила хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои илмӣ оид ба раванди ташаккул ва рушди инфрасохтори роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон, дар заминаи таҳқиқоти қаблӣ таҳия гардида, саҳми соҳа дар рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар арзёбӣ мешавад. Пешгӯйии рушди инфрасохтори нақлиёт дар

шароити муосир ва таҳлили сенарияҳои эҳтимолии рушд дар солҳои оянда низ аз самтҳои муҳимми марҳилаи сеюм маҳсуб мегардад. Ҳамзамон, боби панҷуми рисола, ки таҳаввулоти давраи истиқлол ва дурнамои рушди инфрасохторро дар бар мегирад, бо истифода аз таҳлили сиёсати нақлиётӣ, барномаҳои давлатӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ, таҳия ва такмил дода шуд. Дар охири марҳила, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии муаллиф таҳия гардида, натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, конфронсҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва дигар маҷаллаву рӯзномаҳои соҳавӣ чоп шуданд. Диссертатсия бо муаррифии васеъ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва семинарҳои илмӣ пешниҳод гардид ва тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои дифоъ, аз ҷумла автореферат ва маълумотномаҳо омода ва пешниҳод шуданд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Таҳқиқоти илмии мазкур, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон дар солҳои 1924–2021 бахшида шудааст. Он дар асоси усулҳои муосири таҳқиқи таърихӣ, ба монанди пайвасти хронологию мантиқӣ дар баёни воқаву ҳодисаҳо, системанокӣ, шаффофият ва воқеият асос ёфтааст. Усулҳои мазкур дар пайвастагӣ ба мо имикон доданд, ки масъалаҳои дар назди мо гузошташуда, пурра таҳлили амиқ ва ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор дода шаванд. Асоси таҳқиқро принсипи таърихият ташкил медиҳад, ки омӯзиши равандҳо ва падидаҳоро дар иртибот ба шароити мушаххаси таърихӣ ва тағйироти марҳилавии сиёсиву иқтисодӣ таъмин менамояд. Таҳаввулоти инфрасохтори нақлиётӣ дар давраи фарогири таҳқиқ–давраи Шуравӣ ва даврони истиқлол, ҷудо ва таҳлил гардидааст.

Ҳамзамон, бо дарназардошти табиати мураккаби масъала, равиши низомнокӣ истифода шудааст. Соҳаи нақлиёт ҳамчун як системаи муназзами инфрасохтории иҷтимоию иқтисодӣ арзёбӣ гардида, алоқаи мутақобилаи

зерсохторҳои он (нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, авиатсияи граждании ва ғайра) мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст.

Дар раванди таҳқиқот равишҳо ва тамоюлҳои таърихнигории иқтисодӣ ба назар гирифта шуда, тибқи онҳо ба рушд ва такомули соҳаи роҳу нақлиёт ҳамчун унсури асосӣ дар низоми иқтисоди миллӣ ва омили таъсиргузор ба равандҳои иҷтимоӣ арзёбӣ мегардад. Мақоми соҳаи нақлиёт дар раванди санотсозӣ, афзоиши нақши шаҳрҳо, фарҳанги шаҳрсозӣ ва «муносибатҳои шаҳрӣ» дар рушди ҷомеа, афзудани шумораи аҳолии шаҳр нисбат ба аҳолии деҳот, ҳамгироии иқтисодӣ ва таъмини амнияти стратегӣ дар доираи ин равиш таҳлил шудааст.

Дар асоси назарияи иқтисоди инфрасохторӣ, нақлиёт ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодӣ, таҳкими робитаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Робитаи мутақобилаи рушди нақлиёт ва дигар соҳаҳои истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва мудофиа дар таҳқиқ нишон дода шуда, принсипи робитаи иқтисод ва инфрасохтор истифода гардидааст.

Дар доираи таҳқиқот тамоюлҳои иҷтимоӣ ба назар гирифта мешаванд, ки дар онҳо нақлиёт ҳамчун омили муҳим дар беҳтарсозии сатҳи зиндагии аҳолӣ, тақвияти пайвастагии минтақавӣ ва тавсеаи имконоти дастрасӣ ба захираҳои иҷтимоӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад. Дар баробари ин, истифодаи назарияи институтсионалӣ низ муҳим арзёбӣ шудааст. Зеро он робитаи сохторҳои марбута, сиёсати давлатӣ ва заминаи қонунгузориро дар ташаккули инфрасохтори нақлиёт ва роҳсозӣ дар бар мегирад.

Барои асоснок кардани хулосаҳои таҳқиқот, аз маълумоти бойгонӣ, санадҳои расмии давлатӣ, асноди оморӣ, маводди матбуоти даврӣ, асарҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ истифода шудааст. Истифодаи манбаъҳои гуногун имконият фароҳам овард, то таҳқиқот дорои асоси мустаҳками манбаъшиносӣ ва таърихнигорӣ бошад.

Методологияи таҳқиқоти мазкур бар маҷмуи принсипҳо, усулҳо ва равишҳои илмие асос меёбад, ки барои омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи

раванди ташаккул ва рушди соҳаи роҳу нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми як қарни охир (солҳои 1924–2021) мусоидат менамоянд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Диссертатсия дар асоси методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлилӣ, тахрихи-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ ва ғайра навишта шудааст. Принсипи таърихият ҳамчун яке аз асосҳои меҳварии методологияи таҳқиқот эътироф мешавад. Он имконият фароҳам меорад, ки тамоюлҳо ва механизмҳои вобаста ба рушди соҳаи роҳу нақлиёт дар иртибот ба воқеиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, ҳамчунин, дар пайванди замонӣ ва марҳилавӣ мавриди омӯзиш қарор гиранд. Ин тамоюл шароити ташаккул ва тағйироти инфрасохтори нақлиётиро дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ аниқ менамояд.

Бо дарназардошти он ки соҳаи нақлиёт ва роҳсозӣ як ҷузъи таркибии инфрасохтори миллии кишвар маҳсуб меёбад, дар таҳқиқ равиши низомнокӣ истифода шудааст. Дар асоси ин тамоюл, соҳаи нақлиёт ҳамчун низоми мураккаб, ки аз зерсохторҳои гуногун (нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, авиатсия ва ғ.) иборат аст, таҳлил мешавад. Ҳамчунин, усули таҳлили комплексӣ барои дарёфти робитаҳои дохилӣ ва берунаи ин соҳа бо дигар бахшҳои иқтисодию иҷтимоӣ истифода гардидааст.

Барои арзёбии рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар марҳилаҳои мухталиф, усули муқоисавӣ-таърихӣ ба кор бурда шудааст. Ин усул имконият медиҳад, то хусусиятҳои муҳимми давраҳои гуногун (Шуравӣ, баъдиҷангӣ, истиқлол) бо ҳам муқоиса ва омилҳои таъсиргузорӣ самтҳои асосии рушди давраҳои мазкур муайян карда шаванд.

Яке аз унсурҳои муҳимми методологии таҳқиқ таҳлили мустанад ва манбаъшиносӣ аст. Дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонии давлатӣ, маълумоти оморӣ, санадҳои расмӣ, асарҳои таърихнигорон, матбуоти даврӣ ва дигар манбаъҳои муътамад дар рисола, таҳлили воқеиятҳои таърихӣ анҷом дода шудааст.

Дар раванди таҳқиқ тамоюлҳои таҳлилӣ–иҷтимоӣ ва иқтисодӣ низ ба таври васеъ истифода шудаанд. Ин тамоюлҳо имкон медиҳанд, ки таъсири

соҳаи роҳу наклиёт ба вазъи иҷтимоии аҳолӣ, сатҳи зиндагӣ, рушди иқтисоди миллӣ ва амнияти стратегӣ муайян карда шавад.

Истифодаи усулҳои таҳлили миқдорӣ (омӯзиши маълумоти оморӣ, ҳисобҳо, ҷадвалҳо ва нишондодҳои иқтисодӣ) ва сифатӣ (таҳлили мундариҷаи санадҳо, арзёбии сиёсати давлатӣ ва дидгоҳҳои коршиносӣ) ба амиқтар шудани муҳтавои таҳқиқ ва дақиқтар шудани хулосаҳо мусоидат кардааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки рисола ҳамчун як таҳлили фарогири таърихии раванди ташаккул ва рушди соҳаи инфрасохтори роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон барои дарки бештари заминаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ин соҳа дар даврахои гуногун мусоидат мекунад. Аз нигоҳи илмӣ, пажӯҳиши мазкур фазои нави таҳқиқотиро дар самти таърихи иқтисодӣ ва нақлиётшиносии кишвар фароҳам оварда, дар баробари таҳлилҳои мавҷуда, бинишҳои навро ба равандҳои рушди инфрасохтори роҳу нақлиёт пешниҳод менамояд.

Диссертатсия дар заминаи иттилоот ва маълумоти таърихии муътамад, санадҳои бойгонии расмӣ, маълумоти оморӣ ва таҷрибаи амалӣ таҳия гардида, ба ташаккули системаи назариявии фаҳмиши макроиқтисодии нақлиёт ва инфрасохтори роҳ дар Тоҷикистон саҳм мегузорад. Бо истифода аз усулҳои таҳлили таърихӣ, муқоисавӣ ва сохторӣ, тадқиқот на танҳо як тасвири пайдарпайи таърихӣ фароҳам овардааст, балки заминаи илмиро барои ташаккули назарияҳо ва моделҳои миллии рушди нақлиёт дар шароити Тоҷикистон низ таҳия намудааст.

Ҳамзамон, диссертатсияи мазкур ба такмили илми таърихи иқтисодӣ дар кишвар хизмат намуда, дар таълифи асарҳои дарсӣ, маводди таълимӣ ва монографияҳои соҳавӣ нақши муҳим бозида метавонад. Он метавонад ҳамчун манбаи илмӣ барои муҳаққиқон, мутахассисон, донишҷӯён ва унвонҷӯён дар бахшҳои таърих, нақлиёт, банақшагирӣ ва идоракунии инфрасохтори нақлиётӣ истифода шавад. Таҳқиқот бо омезиши донишҳои таърихӣ ва таҳлили иқтисодӣ ба рушди назарияи байнисоҳавии таҳқиқи

инфрасохтори наклиётӣ мусоидат мекунад ва барои таҳияи тадқиқотҳои минбаъдаи соҳавӣ заминаи устувор ба вуҷуд меорад.

Бо дарназардошти ин, ки масъалаи таҳқиқи инфрасохтори наклиётӣ дар Тоҷикистон то имрӯз ба таври нокомил ва қисман баррасӣ шудааст, диссертатсияи мазкур аввалин иқдоми ҷиддӣ дар таҳлили мукаммал ва марҳилавии ин раванд маҳсуб меёбад, ки аҳаммияти назарии он боз ҳам бештар мегардад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун пойгоҳи илмӣ барои таҳияи стратегияҳои рушд, тарҳрезии барномаҳои давлатӣ ва муайян намудани сиёсати мақсадноки соҳаи нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Бо дарназардошти он ки инфрасохтори роҳу нақлиёт яке аз заминаҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ ва таҳкими амнияти нақлиётии кишвар мебошад, таҳқиқоти мазкур ба ниҳодҳои дахлдори давлатӣ имкон медиҳад, то бо такя ба таҷрибаи таърихӣ ва таҳлили илмӣ, қарорҳои босифат ва асоснок қабул намоянд.

Диссертатсия ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои ҳамгирой, созмондиҳии шабакаҳои нақлиётӣ, банақшагирии минтақаҳои аҳолинишин, сохтмону навсозии роҳҳо ва нақбҳо, ҳамчунин, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ бо кишварҳои ҳамсоя, ба монанди Чин, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Афғонистон, манфиати мустақим дошта метавонад. Хусусан, пешниҳодҳои илмии дар диссертатсия таҳиягардида метавонанд барои идоракунии беҳтари шабакаҳои нақлиётӣ, диверсификатсияи масирҳо ва баландбардории сатҳи хизматрасонии нақлиётии дохилӣ ва транзитӣ хидмат кунанд.

Аз ҷониби дигар, натиҷаҳои тадқиқот метавонанд барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати сармоягузорӣ дар бахши инфрасохтори нақлиётӣ истифода шаванд. Таҳлилҳои таърихӣ ва омӯзиши таҷрибаҳои муваффақ ва ноком, ҳамчунин арзёбии омилҳои мураккабкунанда дар рушди инфрасохтор, барои роҳбарон, таҳиягарони барномаҳо ва мутахассисони соҳа ҳамчун пойгоҳи амалӣ ва роҳнамо хизмат мекунанд. Таҳқиқоти мазкур

метавонад барои тарбияи мутахассисони соҳаи нақлиёт дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва омӯзишгоҳҳои техникӣ ҳамчун воситаи таълимӣ истифода гардад.

Дар маҷмуъ, бо дарназардошти заминаи ғании таърихӣ ва таҳлили васеи оморӣ, рисола ҳамчун як манбаи боэътимоди амалӣ дар сатҳи миллӣ метавонад барои қабули қарорҳо, таҳияи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва банақшагирии дурнамои рушди инфрасохтори нақлиётӣ мавриди истифода қарор гирад.

**Сарчашмаи маълумот.** Таҳқиқоти мазкур бар асоси омӯзиши санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ, таърихӣ, диссертатсияҳо, адабиётҳои илмӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, сомонаҳои интернетӣ, маълумоти оморӣ марбут ба мавзуи таҳқиқ ба анҷом расидааст. Ин манобеъ ҳамчун пойгоҳи бунёдӣ барои таҳқиқи равандҳои таърихӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки рушди хоҷагии роҳу нақлиётро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд, хизмат мекунанд. Дар диссертатсия онҳоро вобаста ба моҳияташон ба якчанд гурӯҳ ҷудо намудем:

– суханрониҳо, маърузаҳо ва Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, ки дар онҳо масъалаи роҳу роҳсозӣ ва инфрасохтори нақлиётӣ таъкид карда шудааст;

– манбаъҳои аслии таърихӣ, маводди бойгонӣ, санадҳо ва ҳуҷҷатҳои расмӣ, ки аз фондҳои давлатӣ, бойгониҳои маҳаллӣ ва марказӣ дастрас карда шудаанд. Ин манбаъҳо асоси бевоситаи таҳқиқоти низомнокии равандҳои таърихии рушд ва ислоҳоти соҳаи роҳу нақлиётро ташкил медиҳанд ва бо далелҳои мустақим таҳқиқро фароҳам меоранд;

– маълумоти оморӣ ва таҳлилҳои расмӣ, маълумоти омории Вазорати нақлиёт ва дигар сохторҳои дахлдор, ки барои таҳлили рушди инфрасохтори нақлиёт ва арзёбии тағйироти иқтисодӣ истифода гардидаанд. Ин маълумот таҳқиқотро бо заминаи рақамӣ ва микдорӣ таъмин менамоянд;

– маводди матбуоти даврӣ, аз ҷумла рӯзномаҳои: 1) «Ҳақиқати Кӯлоб», «Тоҷикистони Советӣ», «Коммунист Таджикистана», «Советский Таджикистан», «Ҳаёти қишлоқ», «Роҳи Ленинӣ», «Бадахшони советӣ»; 2)

«Ҷумҳурият», «Нақлиёт», «Азия - Плюс», «Чархи гардун», «Садои мардум», «Народная газета», «Фараж», «Минбари халқ» ва ғайра;

– сомонаҳои интернетӣ ва электронӣ, порталҳои расмӣ, базаҳои маълумот ва китобхонаҳои электронии академӣ, ки барои дастрасӣ ба иттилооти иловагӣ ва таҳлилҳои амиқ истифода шудаанд. Ҳамаи манбаъҳои электронии истифодашуда тибқи талаботи илмӣ ва ҳуқуқӣ қайд ва истинод дода шудаанд, ки ин ба таъмини шаффофият ва эътибори илмӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, манбаъҳои истифодашуда имконият медиҳанд, ки таҳқиқот бо асоси воқеӣ ва таҳлили мукаммал анҷом дода шавад ва натиҷаҳои он дар соҳаи илмӣ ва амалии рушди нақлиёт аҳаммияти воқеӣ дошта бошанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст равандҳои таърихии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми асри XX ва ибтидои асри XXI бо назари фарогир ва марҳилавӣ таҳлил ва баррасӣ гардидаанд. Истифодаи маводди таҳқиқот имкон медиҳад, ки равандҳои рушду инкишофи соҳаи роҳу нақлиёт бо дарназардошти таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар шакли низомнок ва таърихӣ таҳлил ва омӯзиш шаванд. Дар натиҷа, нуктаҳои зерин ҳамчун навоварӣ ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот муайян шуданд:

– бори аввал дар таърихи таҳқиқоти илмии соҳаи нақлиёт дар Тоҷикистон таҳлили фарогир ва марҳилавии рушди инфрасохтори роҳу нақлиёт дар давраи солҳои 1924–2021, бо дарназардошти шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ пешниҳод гардидааст;

– дар таҳқиқот равобити функсионалӣ ва ҳамоҳангии сохтории навъҳои гуногуни нақлиёт (мошингард, роҳи оҳан, ҳавоӣ) ва таъсири он ба рушди иқтисоди миллӣ таҳлил гардида, нақши онҳо дар ташаккули заминаҳои иқтисодии давлати муосири Тоҷикистон асоснок шудааст;

– маҳз дар таҳқиқоти мазкур асоснокии илмӣ барои таҳия ва амалӣ сохтани стратегияҳои давлатӣ дар соҳаи роҳу нақлиёт, бо дарназардошти

хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва вазъи геополитикии кишвар, ба таври мукаммал пешниҳод гардид;

– дар асоси таҳлили оморӣ ва мисолҳои таърихӣ, зарурати ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, бо техника таъмин шудани равандҳои сохтмон ва нақбсозӣ ҳамчун омили муассир ва мусоид барои таҳкими рушди устувори инфрасохтори нақлиётӣ ба таври илмӣ исбот гардид;

– тавассути омӯзиши манбаъҳои расмӣ ва ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, таъсири ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, хусусан бо кишварҳои дуру наздик (Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Федератсияи Русия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ), ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар давраи истиқлол муайян ва баррасӣ шудааст;

– таҳқиқот масъалаи ҷалби манбаъҳои молиявӣ, аз ҷумла сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, барои рушди самараноки соҳаи нақлиётро бо истифода аз намунаҳои мушаххаси лоиҳаҳои амалӣ ба таври илмӣ баррасӣ кардааст;

– дар доираи таҳқиқот модели таҳлили таърихии ташаккул ва рушди соҳаи роҳу нақлиёт таҳия гардида, самаранокии он тавассути таҳлили муқоисавӣ бо дигар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ арзёбӣ шуд;

– таърихи инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун манбаи таҷриба ва асос барои таҳияи сиёсати нақлиётии муосири миллӣ шинохта шуда, нақши омӯзиши илмии он дар банақшагирии стратегии соҳа асоснок гардид;

– таҳлилҳо нишон доданд, ки иштироки фаъол ва пайвастаи роҳбарияти олии сиёсӣ дар татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, хусусан дар равандҳои баромад аз маҳдудиятҳои коммуникатсионӣ, ҳамчун омили калидӣ ва ҳалкунанда дар рушди устувори соҳаи нақлиёт эътироф мешавад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Бо дарназардошти омӯзиши манбаъҳои бойгонӣ, маълумоти оморӣ ва натиҷаҳои пажӯҳиш муҳаққиқони дохил ва хориҷ дар бораи аҳаммияти хоҷагии роҳу нақлиёти Тоҷикистон, нуктаҳои зерин ҳамчун асос барои ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:

1. Рушди инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон дар давраи Шуравӣ. Дар шароити афзоиши талабот ба рушди иқтисодӣ, роҳандозии инфрасохторҳои мукаммали нақлиётӣ аз ҷониби Ҳукумати Шуравӣ ба сифати самти стратегӣ пазируфта шуда буд. Ҳадаф аз татбиқи тадбирҳои фарогири давлатӣ дар самти механиконидани шабакаҳои нақлиётӣ, ин таъмини дастрасии васеи аҳолӣ ба роҳҳо ва ба вуҷуд овардани имкониятҳои мусоид барои фаъолияти хоҷагидорӣ дар тамоми гӯшаву канори ҷумҳурӣ буд. Ин раванд ба тарзи муассир ба ҳамгироии минтақавӣ, таҳкими робитаҳои дохилӣ ва беҳтар гардидани шароити зиндагии аҳолӣ мусоидат намуд. Тоҷикистон дар як муддати кӯтоҳ тавонист шабакаи васеъ ва муносиб барои ҳамлунақли автомобилӣ ташкил диҳад, ки ниёзҳои иқтисодию иҷтимоии давраи мавриди назарро пурра қонеъ мекард. Ин шабака, бо саҳми фаъолонаи давлат ва амалӣ намудани равандҳои ҳамоҳангшудаи роҳсозӣ, нақши калидӣ дар муттаҳид намудани марказҳои аҳолинишин ва минтақаҳои дурдаст дошта, ҳамзамон рушди соҳаҳои стратегӣ – маориф, фарҳанг, тандурустӣ ва истеҳсолотро таъмин намуд.

2. Мубориза бо монеаҳои табиӣ ва ҷуғрофӣ барои таъмин намудани пайвастагии давомдор дар ҳама фаслҳо. Бо дарназардошти хусусиятҳои релефи кӯҳии Тоҷикистон ва таъсири шадиди фасли сармо, мақомоти шуравӣ зарурати таҳияи барномаҳои махсусро дарк намуданд, ки ҳадафи онҳо аз байн бурдани монеаҳои табиӣ ва таҳкими пайвастагии дохилии кишвар буд. Хусусан, роҳҳои кӯҳии ағбаҳои Анзоб, Шаҳристон ва Хобуробод, ки дар фасли зимистон бинобар боришоти зиёди барф ва хатарҳои табиӣ баста мешуданд, барои ҳаракати мунтазам монеа эҷод мекарданд. Бо вуҷуди сохтмони пулу роҳҳо дар минтақаҳои стратегӣ, иртиботи доимӣ дар ҳама фаслҳои сол ҳанӯз ба таври комил амалӣ нашуда буд. Камбудиҳо дар бобати рафтуо ба баъзе ноҳияҳо тавассути роҳҳои заминӣ, махсусан дар зимистон, водор месохт, ки барои таъмини иртиботи иҷтимоиву иқтисодӣ аз воситаҳои

нақлиёти ҳавоӣ истифода бурда шавад. Ин ҳолат аз зарурати таҳияи роҳҳои устувортар ва технологияҳои мутобиқ ба шароити иқлимӣ шаҳодат медиҳад.

3. Маҳдудиятҳои истифодаи роҳи оҳан ва нақши калидии авиатсия дар рушди минтақавӣ. Дар доираи рушди иқтисодиёт, махсусан бахши кишоварзии кишвар, шабакаи роҳи оҳан имкони васеъ барои ҳамгироии минтақаҳои пахтакори ҷумҳурӣ фароҳам овард. Бо вуҷуди он ки роҳи оҳан воситаи арзон ва тақрибан бехатари интиқол дар масофаҳои дур ба ҳисоб мерафт, шароити кӯҳӣ ва мураккаби ҷуғрофии Тоҷикистон истифодаи пурраи онро маҳдуд месохт. Масоҳати ками ҳамворӣ ва мавҷудияти релефи душворвуруди кӯҳӣ монеаҳои ҷиддие дар роҳи тавсеаи ин соҳа ба вуҷуд меоварданд. Дар чунин шароит нақлиёти ҳавоӣ ба унвони як имконияти ҷойгузин ба таври густарда истифода шуд. Ҳамин намуди нақлиёт ба рушди равобити дохилӣ, дастрасии деҳаҳои дурдаст ба марказҳои хизматрасонӣ ва густариши иртиботи байниҷумҳуриявӣ мусоидат намуд. Хусусан пас аз ҶБВ, тавҷҷуҳ ба авиатсияи граждани афзоиш ёфта, ҳаҷми интиқоли бору мусофир дар як муддати кӯтоҳ чандин баробар зиёд гардид. То соли 1945, ҳаҷми интиқолҳо ба маротиб бештар аз нишондодҳои соли 1940 шуда, деҳаҳои дурдаст низ аз хизматрасониҳои тиббӣ ва иртиботи зарурӣ бархӯрдор гардиданд.

4. Бехатарии ҳаракати нақлиёт ва такмили инфрасохтори роҳҳо дар солҳои 1950–1980. Дар даҳсолаҳои 50 то 80-уми асри XX, масъалаи таъмини амнияти ҳаракати нақлиёт дар қаламрави Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати нақлиётии давлатӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ин давра, чорабиниҳои гуногун барои баланд бардоштани сатҳи устувории роҳҳо, риояи стандартҳои техникӣ ва такмили инфрасохтори марбут ба роҳҳои автомобилгард роҳандозӣ гардиданд. Ҳадафи асосӣ аз ин тадбирҳо таъмини ҳаракати босуръат, бемонеа ва боэътимоди воситаҳои нақлиёт дар ҳама гуна шароити иқлимӣ ва ҷуғрофӣ буд. Дар доираи сиёсати роҳсозӣ, роҳҳо мутобиқ ба талаботи техникии замони худ сохта мешуданд, ки ба интиқоли сареъ ва самараноки бор ва мусофирон мусоидат мекард. Робитаи муттасили

марказҳои ноҳияҳо ва маҳалҳои аҳолинишин бо шабакаи умумии роҳҳои автомобилгард фазои коммуникатсионии устуворро дар саросари кишвар таъмин мекард. Бо вуҷуди ин, дар минтақаҳои кӯҳӣ ва ағбаҳои баланд, хусусан дар фасли зимистон, мушкилоти ҷиддӣ ба миён меомаданд. Аз ҷумла, бинобар муваққатан баста шудани ағбаҳои Анзоб ва Шаҳристон иртиботи нақлиётӣ бо водии Зарафшон халалдор мегардид. Ин ҳолат ба равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва низоми фаъолияти ҳамарӯзаи аҳолии ин манотиқ таъсири манфӣ мерасонд.

5. Татбиқи қарорҳои пешрафтаи авиатсионӣ ва таъсири онҳо ба ташаккули низоми дохилии нақлиёт ва рушди ҳамаҷонибаи давлат. Дар нимаи дуюми асри XX авиатсияи гражданӣ дар Тоҷикистон аз доираи як соҳаи оддии нақлиёт берун рафта, ба унсури муҳими зерсохтори давлатӣ табдил ёфт. Дар шароите, ки қисми зиёди қаламрав дастнорас боқӣ мемонд ва сохтмони роҳҳои заминӣ хароҷоти аз ҳад зиёд ва муҳлати тӯлонӣ талаб мекард, маҳз иртиботи ҳавоӣ идорашавандагии воқеии фазои миллӣ ва тамомияти ҳудудиро таъмин менамуд. Релефи кӯҳӣ, муҳосирашавии мавсимии баъзе ноҳияҳо ва ноустувории иқлим авиатсияро на ҳамчун воситаи ёрирасон, балки ҳамчун ҷузъи системавии шабакаи коммуникатсионӣ муаррифӣ мекард.

Ба истифода додани ҳавопаймои Ан-24, чархболҳои Ми-8 ва дигар техникаҳои мутобиқ ба шароити баландкӯҳ имкон фароҳам овард, ки байни Душанбе, Хоруғ, Кӯлоб ва маҳалҳои аҳолинишини дурдаст хатсайрҳои устувори мунтазам ба роҳ монда шаванд. Дар натиҷа, сатҳи ҷудоии ҳудудӣ коҳиш ёфта, марказ имконият пайдо намуд, ки бо минтақаҳои канорӣ робитаи пайваста ва самаранокро нигоҳ дорад.

Шабакаи авиатсионӣ, ки ба инфрасохтори умумииттифоқӣ ҳамгиро гардида буд, танҳо интиқоли мусофирон ва борро таъмин намекард. Тавассути он ҳамоҳангсозии маъмурӣ, сафарбаркунии мутахассисон ва таъминоти хоҷагидорӣ амалӣ мешуд. Дар ин замина, авиатсия вазифаи

ҳамгироиро иҷро намуда, пайвастагии институтсионалии минтақаро дар доираи низоми воҳиди умумииттифоқӣ таҳким мебахшид.

6. Модернизатсияи зерсохтори нақлиётӣ дар давраи истиқлол ва ташаккули самти транзитӣ. Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ сиёсати нақлиётии кишвар қабули қарорҳои мустақилонаро тақозо намуд. Зарурати бознигарии ҷойгоҳ ва аҳаммияти зерсохтор дар раванди рушди иқтисодии давлат ба миён омад. Бунёди нақби «Истиқлол», таҷдиди шоҳроҳҳои самти шимол–ҷануб ва навсозии гиреҳҳои роҳӣ на танҳо тадбирҳои дорои хусусияти техникӣ, балки иқдомҳои дорои аҳаммияти фазоӣ ба ҳисоб мерафтанд. Дар натиҷа, мантиқи пайвастагии дохилӣ тағйир ёфт: минтақаҳои шимолӣ ва ҷанубӣ ба дастрасии солона таъмин гардиданд, муҳлати интиқол коҳиш ёфт ва сатҳи хароҷоти логистикӣ паст шуд.

Ин дигаргуниҳо ба динамикаи иқтисодӣ таъсир расониданд. Робитаҳои байни минтақаҳо тақвият ёфта, савдои дохилӣ фаъол гардид ва сатҳи ҳаракатпазирии аҳолӣ афзоиш ёфт. Нақлиёт ҳар чи бештар ҳамчун шарти муҳими ҳамгироии иқтисодӣ арзёбӣ мешуд, на ҳамчун соҳаи ёрирасони хизматрасонӣ.

7. Механизмҳои сармоягузорӣ ва лоиҳаҳои инфрасохторӣ ҳамчун омили рафъи бунбаст. Нақши захираҳои сармоягузорӣ бояд алоҳида таъкид карда шавад. Амалӣ сохтани лоиҳаҳои калон – бунёди нақбҳо дар қаторкӯҳҳо, таҷдиди шоҳроҳҳои байналмилалӣ ва сохтмони пулҳо – бо иштироки шарикони хориҷӣ имконпазир гардид. Ин омил ба суръат бахшидани раванди модернизатсия ва бартарафсозии як қатор маҳдудиятҳои сохторӣ мусоидат кард. Афзоиши қобилияти гузаронандаи роҳҳо ва коҳиши танаффусҳои мавсимӣ симои нақлиётии кишварро дигаргун сохт.

Саволи мантиқӣ ба миён меояд: тафсири мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон чӣ гуна тағйир ёфт? Агар қаблан хусусияти кӯҳистонии қаламрав ҳамчун монеа арзёбӣ мешуд, дар шароити модернизатсияи зерсохторӣ он ҳамчун омили дорои имконияти транзитӣ ба назар гирифта шуд. Бо мурури замон

кишвар тадриҷан ҳамчун пайванди эҳтимолии иртиботӣ миёни самтҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ мавқеъ пайдо намуд.

8. Интегратсия ба шабакаҳои байналмилалии нақлиётӣ ва маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ. Бо вуҷуди ин, инфрасохтори моддӣ танҳо як ҷузъи масъала мебошад. Салоҳияти транзитӣ ба таври мустақим ба танзими ҳуқуқии интиқоли байналмилалӣ вобаста аст. Маҳдудиятҳои мавҷуда дар соҳаи литсензия, равандҳои андозӣ ва тақсимоти квотаҳо то ҳол бар шиддати ҳаракати сарҳадӣ таъсир мерасонанд. Номувофиқии баъзе меъёрҳо бо созишномаҳои байналмилалӣ самаранокии интегратсияро коҳиш медиҳад.

Аз ин рӯ, рушди минбаъда талаб мекунад, ки ҳамзамон модернизатсияи техникӣ ва ислоҳоти институтсионалӣ амалӣ гарданд. Ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ, содда гардонидани равандҳои маъмурӣ ва баланд бардоштани шаффофияти танзимгарӣ метавонанд мавқеи кишварро дар системаи минтақавии коммуникатсионӣ тақвият бахшанд.

Дар ин замина, таҳаввулоти низоми нақлиёти Тоҷикистон – аз ҷуброн намудани ҷудоии табиӣ тавассути авиатсия то модернизатсияи комплексии инфрасохторӣ – ташаккули тадриҷии модели интегратсияи фазоиро таҷассум менамояд. Нақлиёт дар ин ҷо на ҳамчун заминаи ёрирасон, балки ҳамчун шарти сохтории устувории иқтисодӣ ва ҳамгироии берунаи давлат амал мекунад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада дар диссертатсия дар заминаи истифодаи манбаъҳои ғанӣ ва гуногунҷабҳаи таърихӣ, методҳои таҳлилӣ-назарӣ ва усулҳои илмии тадқиқотӣ асос ёфтааст. Дар доираи тадқиқот таҳлил ва омӯзиши маҷмуи санадҳои расмӣ ва ҳизбӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, маълумоти оморӣ, харитаҳои инфрасохторӣ ва асарҳои муҳаққиқони пешин дар асоси илми таърих анҷом ёфт. Натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии тадқиқот дар раванди таҳқиқ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи масоили марбут ба ташаккул ва рушди инфрасохторҳои нақлиётии роҳҳои мошингард, роҳи оҳан ва ҳавоӣ дар шароити сиёсӣ-иқтисодии солҳои 1924 то 2021 ҳосил шудаанд. Дар

таҳқиқот равандҳои муҳимми таърихӣ, аз қабили таъсири Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба роҳсозӣ, рушди инфрасохторҳои баъдиҷангӣ, таъсири соҳибистиқлолӣ ба соҳа ва густариши ҳамкориҳои байналмилалиро дар бар гирифта, бо назардошти далелҳои муътамад ва таҳлилҳои муфассал асоснок карда шудааст.

Таҳқиқот ба таҳлили миқёсу суръати татбиқи лоиҳаҳои сохтмони роҳҳо, нақбҳо, хатҳои роҳи оҳан ва майдонҳои ҳавоӣ равона гардида, ин масъалаҳо дар бобҳои 3, 4 ва 5 бо далелҳо ва маълумоти оморӣ бо таври систематикӣ ва муфассал асоснок шудаанд.

**Мувофиқат ва ҳамоҳангии хулосаҳои таҳқиқот** бо воқеиятҳои таърихӣ тавассути истифодаи усулҳои муосири таҳлили таърихӣ, хронологӣ ва муқобилавӣ таъмин гардидааст. Ҳамчунин, пайгирии муназзами таҳаввулоти сиёсиву иқтисодӣ ва арзёбии таъсири онҳо ба соҳаҳои нақлиёт ва роҳсозӣ имкон дод, ки натиҷаҳои тадқиқот бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ пешниҳод шаванд.

Дар маҷмуъ, хулосаҳои бадастомада дар ин тадқиқот на танҳо ба далелҳои муътамад такя доранд, балки метавонанд дар таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимӣ, таҳқиқоти минбаъда ва барномаҳои рушди инфрасохтории кишвар ҳамчун асоси боэътимод истифода шаванд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)), ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри 2025, №10 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд:

*банди 3:* Рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият дар ҳудуди Тоҷикистон: сохти ҷомеа, хоҷагии қишлоқ, саноат, роҳҳои муошират ва нақлиёт, тиҷорат, воситаҳои алоқа, шаҳрсозӣ, ташаккул ва вазъи табақаҳо, синфҳо;

*банди 4:* Ташкилотҳои давлатӣ дар ҳудуди Тоҷикистон, сиёсати дохилӣ ва хориҷии онҳо, ҳукуматҳои маҳаллӣ, муборизаҳои синфӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ғайрисиёсӣ, ташкилотҳо, идеологияи давлатӣ, синфӣ ва табақавӣ;

*банди 9:* Алоқаҳои иқтисодӣ, ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва фарҳангии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** аз он иборат аст, ки дар асоси маъхазҳо, сарчашмаҳо ва истифодаи самараноки адабиёти илмӣ масъалаи мазкур таҳқиқ гардидааст. Таҳқиқоти мазкур пурра ва бо иштироки бевоситаи довталаб анҷом гирифтааст. Маълумоти бойгонӣ, санадҳои расмӣ, омори таърихӣ ва маводди назарӣ мустақиман аз ҷониби довталаб ҷамъоварӣ ва коркард гардида, таҳлилу танзими бахшҳои рисола бо иштироки бевоситаи ӯ анҷом ёфтааст. Хусусияти асосии таҳқиқоти мазкур дар таҳлили ҳамаҷонибаи раванди ташаккул ва рушди соҳаи роҳу нақлиёти Тоҷикистон дар давоми тақрибан сад сол бахшида шудааст.

Бо дарназардошти мавҷуд будани фазои холии илм дар мавзуи мазкур ва зарурати таҳлили амиқи масъалаҳои вобаста ба роҳу инфрасохтори нақлиётии кишвар, таҳқиқоти мазкур дар доираи илми таърихшиносии миллӣ як таҳқиқоти нав арзёбӣ мегардад. Он барои таҳкими заминаҳои назарию методологӣ ва густариши дониши таърихӣ дар самти омӯзиши ҷанбаҳои иқтисодию иҷтимоии таърихи Тоҷикистон дар асри XX ва ибтидои асри XXI аҳаммияти хосса дорад. Ҳамзамон, таҳияи нақшаву муқаддима, таълифи таҳқиқот, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар маҷмуъ, бо назардошти навгониҳои илмии пешниҳодшуда ва арзиши баланди амалии маводди таҳқиқот, рисолаи мазкур метавонад ҳамчун як пажӯҳиши мустақил, ҷиддӣ ва арзишманди илмӣ дар илми таърихшиносии муосири тоҷик баҳо дода шавад.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи якҷояи кафедраи таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналмилалии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории

Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (Суратҷаласаи №4, аз 26.11.2025) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст. Доир ба муҳтавои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқ муаллифдар семинару конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва донишгоҳӣ маърузаҳо хондааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 32 нашрияҳои батабърасондаи муаллиф, аз ҷумла, 2 монография, 30 мақолаҳои илмӣ, ки 24 номгӯй аз онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардиданд, ҳамчунин 6 мақола дар маҷмуаи маводди конференсияҳо инъикоси худро ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», панҷ боб, сенздаҳ зербоб, бахши «Хулосаҳо», «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», «Рӯйхати адабиёт» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 373 саҳифа ва мазмуни диссертатсия аз 334 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, 13 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 378 номгӯй иборат аст.

# БОБИ 1.ОМУЗИШИ МАСЪАЛА ВА ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ХОҶАГИИ РОҲ ВА НАҚЛИЁТ ДАР ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ ва методология таҳқиқот

Дар бораи рушди соҳаи нақлиёт ва роҳсозӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби муҳаққиқон аз риштаҳои гуногуни илм, ба монанди таърих, иқтисод, муҳандисӣ ва идоракунӣ таҳқиқот анҷом дода шудаанд. Аммо таҳлилҳои таърихнигорӣ нишон медиҳанд, ки асарҳои чопшуда на ҳамеша яксон ва ҳамоҳанг буда, гоҳе дар онҳо дидгоҳҳои гуногун ва ихтилофи назарҳо ба мушоҳида мерасад. Маҳз ҳамин омил зарурати таҳқиқоти мукаммалу фарогир ва байнисоҳавиро ба миён меорад.

Мавриди зикр аст, ки масоили асосии соҳаи нақлиёт ва рушду ташаккули инфрасохтори он дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама, дар китоб, мақола, суханрониҳо ва Паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар таҷассум ёфтаанд.

Осору суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ, хусусан роҳсозӣ, дорои арзиши баланди илмию амалӣ буда, ба ҳайси яке аз манбаъҳои боэътимоди таҳқиқотӣ хидмат мекунанд [21; 22; 23; 24; 25; 26; 27; 28; 29; 30; 31; 32; 33; 34; 35; 36; 37; 38].

Ҳамчунин, ба ин гурӯҳ маводҳоеро дохил кардан мумкин аст, ки нақши Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро дар таҳкими сохтмони роҳу инфрасохтори нақлиёти ҷумҳурӣ, бунёди нақбу пулҳо ва ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос намудаанд. Оид ба нақши Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди роҳу нақбҳо, инфрасохтори нақлиётӣ ва рушди роҳи оҳану ҳавоии ҷумҳурӣ китобу мақолаҳои зиёде нашр шудааст. Дар онҳо нақши Пешвои миллат дар бунёди иншооти бузурги аҳаммияти стратегидошта, аз ҷумла шоҳроҳҳои дорои аҳаммияти байналмилалӣ, нақбҳои бузургу миёна, ташаккул додани инфрасохтори нақлиётӣ ва рушди ин соҳа мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, барои таълифи рисола манбаи муҳимму арзишманд ба ҳисоб меравад. Олимону мутахассисони соҳа

дар асарҳо, китобҳо ва мақолаҳои худ маълумотҳои амику таҳлилшударо доир ба рушду такомули соҳаи роҳ ва нақши Пешвои миллатро дар таҳкиму бунёди сохтмонҳои стратегӣ, гирд оварда, барои аҳли илм ва мутахассисони соҳа пешниҳод намуданд [252; 253; 254; 255; 256; 261; 262; 263; 264; 265; 266; 267; 268; 269; 311; 329; 342].

Дар солҳои 2004-2011 китоби шашҷилдаи «История таджикского народа» ба табъ расид, ки аз ҷониби коллективи олимони шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши  Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо омӯзгорони донишгоҳҳои олии ҷумҳурӣ таҳия гардида буд, ду боби ҷилдҳо ба ташаккули синфи коргар бахшида шудааст. Дар онҳо ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, маводҳои матбуоти даврӣ, маълумоти пурсишҳои иҷтимоӣ васеъ истифода мешаванд. Мутаассифона, дар ин китобҳо оид ба ташаккул ва рушди хоҷагии нақлиёт ва роҳ таҳлили назариявӣ дар сатҳи нокифоя гузаронида шудааст, ки ба сифати хулосаҳои умумӣ таъсир расонд. Муаллифон марҳилаҳои таърихиро ҷудо накарда, хусусиятҳои хоси ташаккули ин соҳаҳоро баён накардаанд [132; 133].

Дар китоби «Очеркҳои таърихии Ҳизби коммунистии Тоҷикистон» далелҳои зиёд оид ба фаъолияти ташкилотҳои ҳизбии ҷумҳурӣ дар давраи ҷанг, ташкили кори самараноки корхонаҳои саноатӣ, нақшаи ҳарбиву хоҷагидории ҷумҳурӣ, оид ба корхонаҳои аз марказҳои саноатии ИҶШС ба ҷумҳурӣ кӯчонидашуда, фаъолияти корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ ҷамъоварӣ карда шудааст. Дар ин таҳқиқоти дастаҷамъи, таърихи рушди саноат дар солҳои 20-60-ум мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, ки дар ин таҳқиқотҳо мусобиқаҳои оммавии сотсиалистӣ таҷассум гардидаанд [194].

Китоби М. Иркаев, Ю.А. Николаев, Я. Шарапов «Очерки истории Советского Таджикистана» диққати махсусро сазовор аст. Он бо амиқӣ ва муқоисаи объективии таҳлили маводи воқеӣ фарқ мекунад. Баъзе мушкилоти хоси Тоҷикистон, ки дар раванди ташаккули синфи коргар, кормандони

муҳандисӣ ва техникӣ дар оғози таҷдиди хоҷагии халқ буданд, ба назар мерасанд [125].

Дар таҳқиқотҳои муҳаққиқон, мушкилоти муҳимми таърихи ташаккул ва рушди хоҷагии ироҳ ва нақлиёт дар асарҳои таърихнигорон, иқтисоддонон ва мутахассисони соҳа низ инъикос ёфтанд.

Дар китоби муаллифон А.П. Василев, Ю.М. Яковлев, М.С. Коганзон ва дигарон моҳият ва зарурати таҷдиди роҳҳои автомобилӣ хеле равшан баён шудааст [103]. Муаллифон зикр мекунанд, ки бо гузашти вақт роҳҳо фарсуда мешаванд, ҳаҷми ҳаракати нақлиёт зиёд мегардад ва талаботи нав ба меъёрҳои роҳсозӣ пайдо мешавад. Аз ин рӯ, тармиму навсозии роҳҳо танҳо бартараф кардани камбудиҳо набуда, балки раванди мураккаби банақшагирӣ, ҳисобҳои муҳандисӣ, ташкили ҳаракати муваққатӣ, таъмини бехатарӣ ва назорати қатъии сифат мебошад. Дар китоб, ҳамчунин, масоили тартиби иҷрои корҳои заминӣ, бардоштани қабатҳои фарсуда, васеъкунии роҳ, сохтани пӯшиши асфалтӣ ё бетонии нав ва истифодаи таҷҳизоту техникаи махсус, ташкил ва идораи корҳои сохтмонӣ таҳлил шудааст.

Масоили муҳимми муҳандисӣ-иқтисодии соҳаи роҳсозии кишварро Ю.В. Бутлитский ва Б.Б. Каримов таҳқиқ намудаанд [101]. Дар таҳқиқот равандҳои таърихии ташаккул ва инкишофи шабакаи роҳҳои автомобилии кишвар бо такя ба сарчашмаҳои боэътимоди таърихӣ ва далелҳои муътамад мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ба андешаи муаллифон, мушкилоте ба монанди ноҳамвориву ҷойгиршавии нобаробари роҳҳо, афзоиши босуръати аҳолӣ, сатҳи саноатикунонии минтақаҳо ва хусусиятҳои ҷуғрофии онҳо, аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки ба пешрафти роҳсозӣ монеа эҷод мекунанд. Муаллифон вазъи техникии роҳҳои истифодаи умумро дар оғози ислоҳоти иқтисодӣ арзёбӣ намуда, таъкид мекунанд, ки қисми зиёди роҳҳо ба талаботи меъёрӣ аз рӯйи дарозӣ, категория ва талаботи техникӣ мувофиқат намекунанд. Ҳамчунин, хусусиятҳои лоиҳакашӣ ва сохтмони роҳҳо дар шароити релйефи душвор, хавфҳои табиӣ ва иқлими гарм, зарурати

истифодаи конструксияҳои оқилонаи пӯшиши роҳҳо мутобиқ ба шароити маҳал таҳлилу баррасӣ шудааст.

Осори Я.Т. Бронштейн фарогири масоили банақшагирӣ ва рушди инфрасохтори нақлиёти ҶШС Тоҷикистони мебошад [98; 99; 100]. Дар ин асарҳо вазъи нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан ва ҳавоии Тоҷикистон таҳлил гардида, муаллиф вазифаҳо, ҳадафҳо ва нишондиҳандаҳои асосие, ки барои панҷсолаи нуҳум пешбинӣ шуда буданд, баррасӣ ва арзёбӣ намудааст.

Дар ин миён С. Назруллоев оид ба таърихи роҳсозӣ ва рушди нақлиёт дар Тоҷикистон пажӯҳишҳои бештар анҷом додааст [174; 175; 176; 177; 178; 179]. Осори ӯ таҳқиқоти муфассалеро дар заминаи ташаккул ва инкишофи инфрасохтори нақлиёт дар давраҳои гуногуни таърихӣ фаро мегиранд ва ҳамзамон, омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсие, ки ба рушди нақлиёт таъсир расониданд, арзёбӣ менамояд. Муаллиф дар асарҳояш таърихи сохтмони роҳҳо, омодаиомоии мутахассисони маҳаллӣ, сохтмони роҳҳои автомобилӣ, оҳан, авиатсияи гражданӣ ва нақши онҳо дар пайваст ва рушди минтақаҳои кишвар, ҳамчунин, дар сатҳи умумииттифоқӣ, дар маҷмуъ, вазъи соҳаи нақлиётро дар давраи Шуравӣ ва солҳои соҳибистиқлолӣ таҳқиқ намудааст.

Осори Б.Б. Каримов гуногунҷабҳа буда, таърихи роҳҳо, масъалаҳои техникӣ ва идоракунии роҳсозӣ дар шароити гуногуни ҷуғрофӣ ва иқлимӣ, ҳамчунин рушди нақлиёт ва беҳбуди роҳсозиро фаро мегиранд [137; 138; 139; 140; 141]. Дар асарҳои муаллиф масъалаҳои марбут ба хусусиятҳои техникӣ ва идоракунии инфрасохтори роҳҳо бо далелҳои илмӣ баррасӣ шуда, ҳамзамон, нақши таърихӣ ва иҷтимоии шабакаи роҳҳо таҳлил мегардад. Илова бар ин, ӯ равандҳои муҳимми рушди нақлиёт ва роҳҳои амалӣ намудани стратегияҳои мукаммали беҳсозии ин низомро пешниҳод мекунад.

Пажӯҳишҳои А. Рауфӣ низ бевосита ба рушди соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, маҷмуан як силсилаи таҳқиқоти илмӣ-иқтисодиро ташкил медиҳанд, ки дар онҳо ниёзҳо, самт, мушкилот ва дурнамои рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар давраи истиқлол ва гузариш ба

иқтисоди бозорӣ баррасӣ мегарданд [203; 204; 205; 206; 207]. Дар осори муаллиф аҳаммияти таҳлили вазъи кунунии соҳаи нақлиёт аз нуқтаи назари технологияҳои муосир ва навовариҳо, ташаккули сиёсати минтақавии нақлиёт, роҳҳои татбиқи механизмҳои инноватсионӣ, мушкилоти минтақавӣ дар заминаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирӣ ва самаранокии хизматрасониҳо, идоракунии давлатӣ ва ҷалби сармоягузориҳо ба таври васеъ баррасӣ гардидааст.

Ҳамчунин, муаллиф зарурати мутобиқсозии инфрасохтори нақлиётӣ ба рушди саноат ва қонеъ намудани талаботи афзояндаи иқтисоди миллӣ ба шабакаҳои муосири нақлиётиро таъкид менамояд.

Дар монографияи А. Шарифов масоили таърихи ҳолати меъморӣ, ороиши зебоишиносӣ ва меъмории роҳҳои автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ гардидааст [270; 290]. Ҳамзамон, муаллиф ба хусусиятҳои сохтмон ва истифодаи роҳҳои автомобилӣ дар шароити кӯҳӣ ва иқлими мураккаб диққат додааст. Муаллиф бо истифода аз таҷрибаи ҷаҳонӣ ва омӯзиши таърихи ташаккулёбии низоми роҳҳо ва таъсири онҳо ба муҳити зист асосҳои илмӣ ва амалӣ барои тарҳрезӣ ва ташкили манзараи роҳҳоро пешниҳод намудааст.

Монографияи С.М. Шарипов ба омӯзиши таърихи рушди низоми нақлиёт ва нақши иттифоқи касаба дар ҳифзи ҳуқуқ ва пешрафти соҳаи нақлиёт бахшида шудааст [258]. Ин пажӯҳиш аҳаммияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии нақлиётро дар давраҳои гуногун инъикос намуда, саҳми иттифоқи касабаро дар пешбурди соҳаи роҳу роҳсозӣ нишон додааст. Дар монография, ҳамчунин, масоили равандҳои шаклгирӣ ва рушди комплекси нақлиётии Тоҷикистон, сохтмон ва таҷдиди роҳҳо, роҳи оҳан, хизматрасонии ҳавоӣ ва дигар намудҳои нақлиёт мавриди таҳқиқи муаллиф гардидааст. Муҳаққиқ нишон медиҳад, ки рушди инфрасохтор на танҳо имкониятҳои нақлиётро беҳтар мекард, балки ба рушду тавсеаи иқтисодиёт ва тақвияти иртиботи байни минтақаҳо низ мусоидат менамуд.

Дар таҳқиқоти Г.А. Ғафурова таърихи ташаккул ва рушди инфрасохтори роҳу нақлиёт, саъю кӯшишҳои аввали Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои раҳоӣ аз бумбасти коммуникатсионӣ, равандҳои сохтмони роҳҳои автомобилӣ, рушду такомули низоми нақлиётӣ, вазъи роҳи оҳан, роҳҳои ҳавоӣ ва ҳамчунин, самтҳои ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор гирифтааст [280].

Масоили фаъолияти Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон дар рушди нақлиёт дар давраи густариши сохтмони коммунизм дар солҳои 1956–1965-ро И.Н. Арефев таҳқиқ намуда, нақши роҳбарии ҳизбӣ ва тадбирҳои амалӣ дар рушди соҳаи нақлиётро дар ҶШС Тоҷикистон пешниҳод мекунад [276]. Муаллиф қайд мекунад, ки дар солҳои 1956–1965 нақлиёт ҳамчун омили асосии рушди иқтисодиёт ва тақвияти иртиботи минтақавӣ мавқеи муҳим дошт. Ҳизби Коммунистӣ роҳбариро дар такмил додани роҳҳо, роҳҳои оҳан, сохтмони пулҳо ва беҳтарсозии хизматрасонии нақлиёт ба уҳда дошт. Дар баробари ин, рушди инфрасохтор ба афзоиши истеҳсолот, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва тақвияти иртиботи минтақавӣ мусоидат мекард. Дар пажӯҳиш, ҳамчунин фаъолияти ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ дар соҳаи нақлиёт, нақши онҳо дар омоданамоии кадрҳо, ҷалби коргарон ба меҳнати софдилона ва татбиқи самараноки нақшаҳои давлатӣ, сиёсати ҳизбӣ дар рушди низоми нақлиёт ва иҷрои лоиҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва таъсири ҳалкунанда доштани онҳо дар рушди соҳаи нақлиёт таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Пажӯҳиши Шодипур Юсуфӣ ба масъалаи таърихи роҳҳои алоқа ва нақлиёт дар Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX бахшида шудааст [291]. Муҳаққиқ иброз медорад, ки то истилои Осиёи Миёна аз ҷониби Русияи подшоҳӣ аҳолӣ, асосан, аз роҳҳои корвонӣ, гузаргоҳҳои кӯҳӣ ва душворгузар истифода мекарданд, ки василаи асосии иртибот ба шумор мерафт. Дар рисолаи ӯ масоили нақши империяи Русия дар ҳалли масъалаҳои низомӣ, идорӣ, иқтисодӣ, зарурати сохтани роҳҳои

нав, пулҳо ва иншооти муҳандисии дигар ба миён гузошта шуда, қайд гардидааст, ки ин тағйирот на танҳо ба беҳбуди иртибот мусоидат карданд, балки батадриҷ тарзи зиндагӣ ва муносибатҳои иҷтимоии сокинонро дигар сохт. Ҳамчунин, дар рисола воридшавии воситаҳои нисбатан нави нақлиёт, аз ҷумла нақлиёти чархдор, банақшагирии роҳи оҳан, баррасӣ шуда, таъкид гардидааст, ки ин омилҳо дар рушди бозорҳои маҳаллӣ, робитаҳои фарҳангию иҷтимоӣ, фароҳам омадани шароити беҳтари тиҷорат, равобити иқтисодӣ ва ҳаракати аҳолӣ замина гузоштанд.

Яке аз самтҳои муҳими ин соҳа мусофиркашонӣ буда, оид ба ин масъала китоби Д. Ҷумаев «Проблемы комплексного развития пассажирского автомобильного транспорта Таджикской ССР» дастовардҳои ин соҳаро инъикос менамояд [116].

Дар таҳқиқи мавзуи мазкур маводҳои брошураҳо низ аҳамияти баланди илмӣ доранд. Дар ин бобат маводи таҳқиқоти А. Заманов «Транспорт Таджикистана» ва «Вопросы эксплуатации и строительства, автомобильных дорог в Таджикистане» арзиш илмӣ дошта, дар онҳо масъалаҳои тақвияти корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ва рушди интиқоли боркашонии марказонидашуда ва таъсири онҳо ба ҳосилнокии парки воситаҳои нақлиёт ва хароҷоти нақлиёт, инчунин ба фоиданокии парки мошинҳои боркаш тавсияҳо ва пешниҳодҳо нишон дода шудааст [120; 121].

Доир ба таърихи роҳ ва нақлиёт дар солҳои истиқлолият асари К.М. Ахмедов «Международные автомобильные дороги» ҷолиб аст [93]. Дар он таҳлили аввалини вазъият, мушкилот ва дурнамои рушди роҳҳои автомобилгарди байналмилалӣ, инчунин таъсири онҳо ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои ИДМ пешниҳод шуда, татбиқи технологияҳои муосир дар тарҳрезӣ, сохтмон ва истифодаи роҳҳо, аз ҷумла системаҳои нақлиёти интелектуалӣ, инчунин такмили чаҳорчӯбаи ташкилии рушди роҳҳои автомобилгарди байналмилалӣ баррасӣ мешавад.

Оид ба ин давра маводи З.А. Дадабаева дар китоби маҷмуии «Транспорт и связь в новых независимых государствах: особенности и факторы

развития» аҳаммияти калони илмӣ дорад. Дар он муносибатҳои байнидавлатӣ, бахусус ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ оид ба ҳамлунақл муфассал маълумот оварда шудааст [114].

Таҳқиқи масъалаи ташаккул ва рушди хоҷагии роҳ ва нақлиёт дар Тоҷикистон аз осори аввалини илмие оғоз меёбад, ки ба масъалаи ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда бахшида шудаанд. Ин осор на танҳо хусусияти иқтисодӣ доштанд, балки заминаи назариявӣ ва методологии омӯзиши рушди инфрасохторро низ фароҳам оварданд. Муаллифони онҳо олимоне буданд, ки ба таҳлили принсипҳои ҷойгиркунии оқилонаи корхонаҳои саноатӣ ва шабакаҳои нақлиётӣ машғул гардида, омилҳои асосии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва табииро мавриди баррасӣ қарор медоданд.

Дар доираи таърихнигории масъала бояд қайд намуд, ки таҳқиқоти мазкур бештар дар заминаи назарияи ҷойгиркунии истеҳсолот инкишоф ёфтанд. Аз ҷумла, намояндагони илми иқтисодию географӣ, ба мисли А. Рауфӣ [203; 204; 205; 206; 207] ва Х.М. Муҳаббатов [165] бо таҳияи консепсияҳои илмӣ оид ба ноҳиябандии иутисодӣ ва ташаккули комплексҳои истеҳсолӣ, ба рушди назариявии ин самт мусоидат намуданд. Андешаҳои онҳо барои омӯзиши равандҳои ташаккули саноат ва инфрасохтори роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон аҳаммияти калидӣ доштанд.

Дар ин манбаъҳо маълумотҳо оид ба иқтидори иқтисодии ҷумҳурӣ, захираҳои меҳнатӣ, манбаъҳои ашёи хом ва имкониятҳои энергетикӣ ҷамъоварӣ ва таҳлил шудаанд. Ин маълумотҳо, ки аксаран бо усулҳои оморӣ ва таҳлили муқоисавӣ асоснок гардидаанд, баъдан зимни таҳияи нақшаҳои давлатии рушди хоҷагии халқ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Аз ин рӯ, онҳо на танҳо амҳаммияти назариявӣ доранд, балки ба  арзиши амалӣ низ молик мебошанд.

Аз нуқтаи назари сарчашмашиносӣ, чунин осор ба гурӯҳи сарчашмаҳои хаттии расмӣ ва илмӣ дохил мешаванд. Онҳо дорои маълумоти муътамад буда, вазъи иқтисодии даврахои муайяни таърихро инъикос мекунанд. Ба ҳар

ҳол таҳлили онҳо бояд бо назардошти шароити таърихӣ, ҳадафи муҳаққиқон ва талаботи қонунгузорӣ анҷом дода шавад.

Дар таърихнигории рушди иқтисодии Тоҷикистон масъалаи саноатикунонӣ ва ташаккули инфрасохтори роҳу нақлиёт марказӣ дорад. Муаррихону иқтисодчиёни соҳаи саноат ба омӯзиши роҳҳо ва шаклҳои амалисозии сиёсати саноатикунонӣ таваҷҷуҳи калон зоҳир намудаанд. Онҳо кӯшиш ба харҷ додаанд, ки хусусиятҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар, заминаҳои таърихии қафомонӣ ва механизмҳои ҳалли масъаларо аз нигоҳи назариявӣ асоснок намоянд.

Дар осори аксари муҳаққиқони замони шуравӣ таъкид мегардад, ки халқҳои Осиёи Марказӣ марҳилаи классикии тараққиёти капиталистиро пурра тай накардаанд. Ин афкор дар доираи консепсияи марҳилавии рушди ҷамъият, ки ба таълимотҳои марксизму ленинизм такя менамуданд, ташаккул ёфта буд. Тибқи ин назария, минтақа бо мушкилоти нобаробариҳои иқтисодӣ ва қафомонии таърихӣ рӯ ба рӯ гардида, эҳтиёҷоти гузариши босуръат ба марҳилаи саноатии рушдро эҳсос менамуд.

Муҳаққиқон бар он назар буданд, ки баратараф намудани ин қафомондагиҳо танҳо дар шароити ҳамгироӣ бо иқтисодиёти умумииттифоқӣ имконпазир аст. Аз ин лиҳоз, нақши минтақаҳои пешрафтаи саноатӣ, махсусан кишвари Русия, ҳамчун манбаи кумаки моддӣ, техникӣ ва кадрӣ таъкид мешавад. Ба ақидаи онҳо, маҳз тавассути чунин ҳамкорӣ кишварҳои Осиёи Марказӣ метавонистанд ба раванди умумии саноатикунонии Иттиҳоди Шуравӣ ҳамроҳ шаванд.

Саноатикунонӣ ва рушди шабакаи роҳу нақлиёт ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати ягонаи иқтисодии давлат арзёбӣ мегардид. Ин ҷараён тамоми минтақаҳои кишварро, ҳам минтақаҳои аз лиҳози саноатӣ пешрафта ва ҳам минтақаҳои ақибмондаро фаро гирифта буд. Бо вуҷуди ягонагии стратегияи давлатӣ, фарқият дар сатҳи рушд ва имкониятҳои захиравӣ боис мегардид, ки суръат ва шаклҳои амалисозии саноатикунонӣ дар кишвар ба талабот мутобиқ бошад.

Аз нуқтаи назари методологӣ, чунин баррасӣ намудан ба принсипи таърихият ва таҳлили низомнок асос меёбад. Ҷараёни саноатикунонӣ ҳамчун ҷузъи сиёсати иқтисодии мутамарказ ва механизми тағйироти сохтории иқтисод арзёбӣ мешавад. Бо вуҷуди ин, таҳқиқоти муосир зарурати бознигарии интиқодии ин консепсияҳоро таъкид менамояд, зеро бисёре аз хулосаҳои давраи шуравӣ зери таъсири идеологияи давлатӣ қарор доштанд. Гарчанде раванди ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон дар як давраи муайяни таърихӣ оғоз гардида бошад ҳам, анҷоми нақшаиҳои пешбинишуда вобаста ба ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва захираҳои мавҷуда дар баъзе минтақаҳо пештар ва дар дигар минтақаҳо дертар сурат гирифт. Албатта, омӯзиши ин масъала барои дарки қонуниятҳои рушди иқтисодии кишвар ва арзёбии таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёти Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Яке аз ҷойҳои марказии таърихнигории солҳои 20 – 30-юми асри XX-ро асарҳое ишғол менамоянд, ки ба тадбирҳои нахустини Ҳокимияти Шуравӣ дар соҳаи хоҷагии роҳ ва нақлиёт ва таъмини индустриякунонӣ дар Тоҷикистон бахшида шудаанд. Ин давра ҳамчун марҳилаи ташаккули заминаҳои моддӣ-техникии иқтисоди ҷумҳурӣ арзёбӣ гардида, дар осори муҳаққиқон бештар аз нигоҳи татбиқи сиёсати иқтисоди миллӣ таҳлил шудааст.

Дар доираи таърихнигорӣ ин масъала ҳамчун ҷузъи сиёсати индустриякунонии кишвар баррасӣ мегардад, ки ҳадафи он ташаккули пойгоҳи саноатӣ дар ҷумҳурӣ буд. Муҳаққиқон дар ин давра бештар ба таҳлили чораҳои маъмурӣ, сармоягузории давлатӣ, омодасозии кадрҳо ва сохтмони инфрасохтори роҳу нақлиёт таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд.

Аз нуқтаи назари сарчашмашиносӣ, барои таҳқиқи таҷрибаи таърихи ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт, маводҳои Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – хазинаҳои 1, 2,6, 9,10, 17, 18, 19, 20,18,20,282, 894, 1595 арзиши муҳими илмӣ доранд. Ин ҳуҷҷатҳо ба гурӯҳи сарчашмаҳои аввалиндараҷа мансуб буда, имкон медиҳанд, ки сиёсати

давлатӣ ва механизми амалисозии ондар амал бозсозӣ карда шавад. Муҳимтарин манбаъ барои таҳқиқи масъалаи мазкур дар Бойгонии ҷории Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз мебошанд. Онҳо маълумоти муфассалро оид ба банақшагирӣ, сохтмон, истифода ва идоракунии шабакаҳои роҳу нақлиёт дар марҳилаҳои гуногуни рушд дар бар мегиранд.

Дар ҷараёни таҳқиқот инчунин истифодаи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ, қарорҳои ҳукуматии Давлати Шуравӣ оид ба рушди хоҷагии роҳ ва нақлиёт дар кишвар, маълумоти оморӣ, аз ҷумла «Народное хозяйство Таджикской ССР» ва ғайра аҳаммияти махсус дорад. Ғайр аз он маводҳои ҳисоботии корхонаҳои саноатӣ, маводҳои конференсияҳо, симпозиумҳо ва семинарҳои илмӣ, автореферат ва диссертатсияҳо оид ба масъалаи таҳқиқшаванда нақши муҳим мебозанд.

Аз лиҳози методологӣ, омӯзиши ин манбаъҳо истифодаи принсипҳои таърихият, айният ва таҳлили интиқодии сарчашмаро тақозо менамояд. Зеро қисме аз ҳуҷҷатҳо дар шароити низоми идеологишуда таҳия гардида, метавонанд дорои унсурҳои якҷониба бошанд. Аз ин рӯ, муқоисаи сарчашмаҳои гуногун, таҳлили оморӣ ва баррасии паҳлуҳои сиёсӣ-иқтисодии давра шарти асосии ба даст овардани хулосаҳои илмии асоснок ба шумор меравад.

Барои таъмини боваринокӣ ва асоснокии илмии таҳқиқот, истифодаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ аз қабили Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи убури транзитии воситаҳои нақлиёти автомобилии байналмилалӣ тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бунёди тирминалҳои наздисарҳаддии байналмилалии автомобилӣ», аз 2 майи соли 2007, №212, «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба баъзе қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 2 октябри соли 2010, №527, «Дар бораи тадбирҳои рушду такомули ташкили боркашониҳои байналмилалии автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 26 марти соли 1997, №123, «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои аз роҳҳои автомобилгард гузаштани воситаҳои

нақлиёт бо вазн ва андозаҳое, ки аз меъёрҳои муқарраргардида зиёданд», аз 29 декабри соли 2006, №779 ва ғайра мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Аз лиҳози сарчашмашиносӣ ин қарорҳо хусусияти меъёрӣ дошта, на танҳо вазъи ҳуқуқии соҳаро инъикос менамояд, балки равандҳои тағирёбии сиёсати давлатӣ, мутобиқшавӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва марҳилаҳои такмили низоми идоракуниро низ нишон медиҳанд. Бо истифода аз чунин манбаъҳо таҳқиқоти таърихнигорӣ имкон медиҳад, ки на танҳо равандҳои сохторӣ ва стратегӣ дар соҳаи роҳу нақлиёт таҳлил карда шаванд, балки қонуниятҳои рушди иқтисод ва таъсири сиёсати давлатӣ ба пешрафти инфрасохтор дар Тоҷикистон низ ба таври ҳамаҷониба ошкор гарданд.

Дар таҳқиқоти мазкур заминаҳои методологӣ, ки ба ҷанбаҳои динамикӣ, таърихии таҳқиқи раванди инкишоф ва ҷойгиршавии саноат, мукаммал намудани сохтори саноатӣ мувофиқ аст, мавриди истифода қарор дода шудааст. Илова бар ин, хусусиятҳои ташаккул ва рушди хоҷагии роҳ ва нақлиёт, таъсири онҳо ба суръати рушди корхонаҳои саноатӣ дар ҷумҳурӣ ба инобат гирифта шудааст. Корҳо ва таҳқиқотҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ дар мавзуи таърихи ташаккул ва инкишофи хоҷагии роҳ ва нақлиёт мавриди омӯзиш ва истифода қарор дода шудаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмуи методҳои таҳлили таърихӣ, диалектикӣ, мантиқӣ ва муносибати маҷмуавӣ дар таҳқиқи қонуниятҳо, омилҳо, шароит ва хусусиятҳои бунёду навсозии роҳҳо дар ҷумҳурӣ истифода шудаанд. Методи таҳлили таърихӣ барои муайян намудани марҳилаҳои асосии бунёд ва навсозии роҳҳо, инчунин тағйироти сохтории саноат хизмат намудааст. Методи диалектикӣ бошад, барои ошкор намудани робитаи мутақобилаи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва техникӣ истифода гардида, имконият медиҳад, ки рушд ҳамчун раванди мураккаби тағйирёбанда арзёбӣ гардад. Илова бар ин, методҳои муқоисавӣ, миқдорӣ, системавӣ дар нишон додани далелҳои ин масъала мавриди истифода қарор дода шуданд. Истифодаи ин методҳо имконият доданд, ки боэътимодии

натиҷаҳои таҳқиқот дар давраи муайянгардида, асоснокнамоии хулосаҳои асосӣ таъмин карда шавад.

Асоси назариявӣ ва методологии тадқиқоти таърихии ташаккул ва рушди соҳаи саноат, ҳамчунин хоҷагии роҳ ва нақлиёт, бар принсипҳои умумии раванди рушди илми таърих ва қонуниятҳои рушд ва ташаккули таърихи инсоният асос ёфтааст.

Омӯзиши таърихи бунёди роҳ ва низоми нақлиёт дар Тоҷикистони Шуравӣ бе таҳлили ҳамаҷонибаи ҳуҷҷату маводҳои ҳизбӣ тасаввурнопазир аст. Дар ҳуҷҷатҳои ҳизбӣ микдори зиёди маводҳои муайяни таърихӣ мавҷуданд. Дар байни онҳо барои минтақаи Осиёи Миёна муҳимтаринашон қарорҳои машҳури Бюрои сиёсии КМ ҲК(б) «Дар бораи вазифаҳои асосии ҲК (б) дар Туркистон» (июни 1920), қарорҳои съездҳои X ва XII-уми ҳизб оид ба масъалаи миллӣ, маҷлиси IV-уми КМ ҲКР(б) бо масъулони ҷумҳуриҳо ва вилоятҳо мебошад.

Аз нуктаи назари методологӣ, таҳлили чунин ҳуҷҷатҳо бо истифодаи принсипҳои таърихият, танқиди сарчашма ва таҳлили системавӣ сурат мегирад. Ин усулҳо имкон медиҳанд, ки қонуниятҳои рушди инфрасохтор ва ҳадафҳои ҳизбӣ муайян гардаднд. Илова бар ин, истифодаи методҳои таҳлили мантиқӣ ва муқоисавӣ робитаи байни қарорҳои сиёсӣ ва натиҷаи амалӣ дар рушди роҳсозӣ ва нақлиётро равшан месозад.

Муҳаққиқони таърихи навтарини Тоҷикистон, сарфи назар аз маҳдудиятҳои зиёд аз ҳуҷҷатҳои алоҳидаи муҳимми ташкилоти ҳизбии ҶШС Тоҷикистон ва минбаъд аз бойгониҳои гуногуни соҳавӣ, бойгонии Марказии давлатӣ истифода бурданд. Дар онҳо муҳимтарин вазифаҳои назариявӣ ва амалии роҳбарияти ҷумҳурӣ дар соҳаи роҳсозӣ ва нақлиёт дар ду даҳсолаи аввали баъд аз ба сари ҳокимият омадани Ҳокимияти Шуравӣ инъикос ёфтааст.

Дар бораи таърихи сохтмони роҳ ва нақлиёт дар Тоҷикистон маводҳои чопшудаи иҷлосияҳои Шуроҳои Олии ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон низ ҳамчун сарчашмаи пурарзиш ба ҳисоб мераванд. Онҳо тарҳрезии сиёсати

давлатӣ ва рушди инфрасохтор, аз ҷумла роҳсозӣ ва ташкили шабакаҳои нақлиётиро инъикос менамояд.

Ҳуҷҷатҳои зикргардида, ки марҳалаҳо, мазмун ва раванди дигаргунсозиҳои давраи гузаришро ошкор менамоянд, барои таърихнигорӣ пойгоҳи пурарзиши маъхазҳоро ташкил мекунанд. Ин манбаъҳо имконият медиҳанд, ки таҳқиқоти таърихӣ дар заминаи воқеаҳои сиёсӣ ва иқтисодии давра таҳлил карда шавад ва ҷараёни тағйирот дар сохторҳои истеҳсолӣ ва инфрасохторӣ боэътимод бозсозӣ гардад.

Дар қарорҳои КМ ва санадҳои қонунгузории мақомоти давлатии Тоҷикистон дар солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ ба таври муфассал тараққиёти миллӣ ва давлатӣ, инчунин таърихи татбиқи сиёсати нави иқтисодӣ, саноатикунонӣ ва алалхусус роҳсозиро инъикос менамоянд. Аз ин рӯ, онҳо барои омӯзиши равандҳои мураккаби иқтисодӣ, ҷойгиршавии истеҳсолот ва таъсири инфрасохтор ба рушди соҳаҳои саноат ва нақлиёт манбаи боэътимод ва муҳим мебошанд.

Маврид ба зикр аст, ки дар давраи Ҳукумати шуравӣ, дар доираи сохтори сиёсӣ ва иқтисодии Иттиҳоди Шуравӣ, таърихнигорӣ бештар характери идеологӣ дошта, ба инъикоси дастовардҳои сиёсати индустрикунонӣ ва нақшаҳои давлатии рушд нигаронида мешуд. Сарчашмашиносӣ асосан ба ҳуҷҷатҳои бойгонии давлатӣ, қарорҳои ҳизбӣ, ҳисоботҳои оморӣ ва маводди муассисаҳои соҳавӣ такя менамуд. Дар ин марҳила методологияи таҳқиқот ба принсипҳои материализми таърихӣ ва талили синфӣ асос меёфт. Хоҷагии роҳу нақлиёти Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи таркибии комплекси ягонаи хоҷагии халқ баррасӣ гардида, рушди он дар заминаи талаботҳои иқтисоди мутамарказ арзёбӣ мегардид.

Дар давраи истиқлолият, бо тағйир ёфтани низоми сиёсӣ ва иқтисодӣ, заминаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот низ таҷдид гардиданд. Таърихнигорӣ бештар характери плюралистӣ касб намуда, арзёбии интиқодӣ ва воқеъбинонаи равандҳои таърихро пеш мегузорад. Сарчашмашиносӣ тадриҷан тавсеа, дар баробари ҳуҷҷатҳои миллӣ санадҳои созмонҳои

байналхалқӣ, гузоришҳои молиявӣ, маводди лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва манбаъҳои шифоҳӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Методология ба равишҳои системавӣ, институтсионалӣ, муқоисавӣ ва таҳлили миқдорӣ такя намуда, хоҷагии роҳу нақлиётро ҳамчун зерсохтори стратегии рушди устувор ва ҳамгироии минтақавӣ баррасӣ мекунад.

Дар маҷмуъ, таҳаввули таърихнигорӣ ва методологияи омӯзиши хоҷагии роҳу нақлиёт аз идеологишудаи замони шуравӣ ба назарияи таърихнигории илмии муосир, ки ба меъёрҳои байналмилалии таҳқиқот мутобиқ мебошад, гузариш намудааст. Ин раванд имкон фароҳам меорад, ки рушди соҳа дар пайванди омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо диди фарогир ва таҳлили амиқи илмӣ арзёбӣ гардад.

Ҳамин тариқ, таҳлили таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ, назария ва методологияи таҳқиқи таърихи ташаккул ва рушди хоҷагии роҳ ва нақлиёт дар Тоҷикистони Шуравӣ ва дар даврони истиқлолият нишон медиҳанд, ки гарчанде доир ба  ин масъала як қатор корҳои илмӣ амалӣ шуда бошад ҳам, муаллифон дар чунин корҳоҳалли масъалаҳои роҳу найлиётроба таври яклухт ва мукаммал ҳадафи таҳқиқот қарор надода, мавзуи мазкурро аз ягон ҷиҳат мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Рисолаи мазкур ҳалли масъалаҳои роҳу роҳсозӣ, ҳамлунақли борҳо, нақлиёти таъиноти гуногунро ба таври яклухт ҳадафи таҳқиқ қарор додааст.

Мубрамии арзиши илмии ин рисола боз дар он зоҳир мегардад, ки дар он  таърихи яке аз соҳаҳои ҳаётан муҳими Тоҷикистонро дар ду давра мавриди муқоиса қарор гирифтааст.

## 1.2. Заминаҳои таърихии ташаккули роҳсозӣ ва инфрасохтори он дар Тоҷикистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба далели мавқеи кӯҳистонӣ ва иқлими мусоид дорои аҳаммияти баланди ҷуғрофӣ мебошад. Маҳз ҳамин релефи мураккаб, сабаби зарурати сохтмони роҳҳои муосир дар тамоми гӯшаҳои кишварро фароҳам овард. Роҳҳо воситаи муҳимми пайванди деҳот бо шаҳр, манотиқи дурдаст бо марказ ва мардум бо якдигар мебошанд.

**Аввалан,** қисми зиёди қаламрави Тоҷикистонро кӯҳҳо ташкил медиҳанд. Барои осон кардани ҳаракат ва иртибот, роҳҳо бояд тавассути нақбҳо, пулҳо ва ағбаҳо сохта шаванд. Масалан, нақбҳои «Истиқлол», «Шаҳристон», «Дӯстӣ», «Хатлон», «Озодӣ», «Тоҷикистон», «Пули дӯстӣ» дар Панҷи Поён ва якчанд пулҳои дигар дар ВМКБ намунаи беҳтарини тарҳҳои муосири муҳандисӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ мебошанд.

**Дуюм,** заминаҳои иқтисодӣ низ омили муҳимми рушди роҳҳо мебошанд. Тоҷикистон кишварест, ки захираҳои зиёди табиӣ (захираҳои бузургӣ гидроэнергетикӣ, маъданҳои гуногун, маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайра) дорад. Барои истихроҷ, истеҳсол ва содироти онҳо роҳҳо нақши калидӣ доранд. Сохтмони роҳҳо, ҳамчунин, имкони ҷалби сармояи хориҷӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва рушди инфрасохтори нақлиётиро фароҳам меорад.

**Сеюм,** мавқеи ҷойгиршавии геосиёсии Тоҷикистон низ дорои аҳаммият аст. Кишвари мо дар маркази Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ҷойгир буда, бо Чин, Афғонистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон ҳамсарҳад аст. Сохтмони роҳҳои байналмилалӣ имкони рушди тиҷорати хориҷиро фароҳам меорад. Тоҷикистон ҳамчунин узви лоиҳаи бузурги минтақавии «Роҳи Абрешими нав» аст, ки тавассути он кишвар метавонад ба бозорҳои ҷаҳонӣ пайваст гардад.

Бояд гуфт, ки дар гузашта низ ниёгони мо ба роҳсозӣ ва инфрасохтори он диққати зиёд медоданд: «Ҷойи шубҳа нест, ки тайи садсолаҳо ва ҳатто ҳазорсолаҳои гузашта шохаҳои гуногуни Шоҳроҳи бузурги абрешим аз ҳудуди Тоҷикистони имрӯза мегузашт. Сарзамини кӯҳистони мо, сарфи назар аз кӯҳҳои осмонбӯсу душворгузари худ, як навъ пули пайвандбахши кишварҳо буд. Номгӯйи шаҳрҳои зиёди бостонии Тоҷикистон, ки тайи ҳазорсолаҳои гузашта бо корвонсаройҳо ва бозорҳои бузурги минтақавӣ дар сарчашмаҳои муътамади таърихӣ зикрашон омадааст, аз дурустии ин иддао гувоҳӣ медиҳанд. Шаҳру шаҳристонҳои бостонии Саразм, Панҷакент, Истаравшан, Хуҷанд, Ҳисори Шумон, Тахти Сангин, Қубодиён, Фархор,

Ҳулбук, Кӯлоб, Мунк, Дарбанд, Рашт, Дарвоз, водии Вахон ва ғайра аз ҷумлаи мавзеъҳои Тоҷикистони имрӯзаанд, ки дар гузашта аз онҳо роҳҳои минтақавию байналмилалии тиҷоратӣ мегузаштанд» [261, с. 40]. Ин шаҳрҳо марказҳои тиҷоратию фарҳангии хеле муассир буданд ва робитаҳои устувор бо дигар минтақаҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҳиндустону Чин, Эрон ва Осиёи Марказӣ доштанд. Робитаҳо на танҳо тиҷорат, табодули андешаҳои нав, фарҳанг ва забонро фароҳам меовард.

Роҳи бузурги абрешим на танҳо барои тиҷорат, балки барои рушди фарҳанги минтақа низ хизмати арзандае кардааст. Маҳз бо шарофати Роҳи бузурги абрешим фарҳангҳои гуногун аз якдигар бархӯрдор шуда, донишҳои навро дар байни халқҳои гуногун паҳн мекарданд. Аз ин лиҳоз, сохтмон ва ташаккули роҳҳо бахши муҳимми иқтисоди миллии ҳама кишвару халқҳо маҳсуб меёбад. Аз ҷумла, барои Тоҷикистон, ки 93%–и қаламрави онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд [137, с. 120].

Пеш аз инқилоби Бухоро (20 сентябри соли 1920) қисми зиёди масоҳати Тоҷикистони имрӯза (Бухорои Шарқӣ) тобеи Аморати Бухоро буд. Дар замони тоинқилобӣ дар Тоҷикистон, роҳҳои корвонгард аҳаммияти хосса доштанд. Воситаҳои ибтидоии ҳамлунақл, ки дар тули садсолаҳо истифода мешуданд ва тақрибан бетағйир боқӣ монда буданд.

Дар Бухорои Шарқӣ воситаи асосии ҳамлунақлу сафар дар роҳҳо аспҳои саворӣ ва боркаш, шутур ва харҳо буданд. Дар кӯҳҳо ва ҷариҳои касногузар, ки аспу шутурҳо ва харҳо гузашта наметавонистанд, борҳоро мардум худ мегузарониданд, ки аксар вақт боиси фавти одамон мегардид [238, с. 29]. Роҳҳо дар Бухорои Шарқӣ на дар ҳама ҷо барои ҳаракати нақлиёт мусоид буд. Масалан, пайроҳаҳои тангу ноҳамвори кӯҳии роҳи байни Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) ва Қубодиёнро аҳолии он замон пайроҳаи дандоншикан меномиданд [104, с. 113]. То истилои Бухорои Шарқӣ ба Аморати Бухоро дар ин минтақа ҳаракати муқаррарии воситаҳои нақлиёт тақрибан вуҷуд надошт.

Бо таъсири амирони Бухоро дар Бухорои Шарқӣ ва Помири Ғарбӣ зарурати ситонидани андозҳои саривақтӣ аз аҳолӣ, таҳкими робитаҳои

тиҷоратӣ ва назорати фаъолияти мансабдорони маҳаллӣ ва бекҳо ба сохтмони роҳҳои муносиб барои алоқаи беҳтар таҳия мешуд. Пеш аз ҳама, бунёди роҳҳои хокӣ дар самти Обигарм беҳтар шуда, роҳи нав сохта шуд ва дар сохтмони он 1000 деҳқон иштирок карданд. Роҳҳои корвонгард байни Ғарм ва Марғелон (вилояти Фарғона), Қалъаи Хумб ва Лангар, Қаротоғ бо Самарқанд беҳтар карда шуда, дар водии Ҳисор дар дарёи Кофирниҳон пул сохта шуд [176, с. 15].

Дар давоми сол корвонҳо метавонистанд то 24 ҳазор тонна борро аз як минтақа ба минтақаҳои дигар интиқол диҳанд. Борҳо ба Тоҷикистон тавассути роҳҳои корвонгарди Тирмиз – Қубодиён – Ҷиликӯл – Саройкамар – Файзобод – Қалъа – Кӯлоб кашонида мешуданд* Қисматҳои ҷанубӣ ва шарқии Тоҷикистонро аз роҳҳои мушкилгузари кӯҳии Қалъаи Хумб – Нулванд – Зиғар – Шурообод – Кӯлоб пайваст менамуданд. Дар баробари ин, аз роҳҳои Қалъаи Хумб – Ағбаи Хобу Рубот – Сағирдашт – Сари – Об – Шугнов – Ховалинг – Кӯлобро истифода мекарданд [174, с. 63].

Сокинони водии Қаротегин дар бисёр ҳолат бинобар номусоид будани роҳи байни Ғарм ва Фарғона, ҳангоми сафар ҷони худро зери хатар мегузоштанд. Подполковники Артиши Русияи подшоҳӣ Снесарев дар ёддоштҳои худ оид ба вазъи роҳу нақлиёти мардуми Бухорои Шарқӣ менависад, ки: «бо сабабҳои мушкилии набудани роҳ дар соли 1903 зиёда аз 32 нафар ва дар соли 1904 18 нафар ҳангоми гузаштан аз пайроҳаҳои кӯҳӣ ҷони худро аз даст доданд» [142, с. 14]. Баррасии иқтибоси мазкур нишон медиҳад, ки ин мушкилот ва ҳолатҳое, ки дар натиҷаи бад будани инфрасохтори роҳу нақлиёт ба миён омада буданд, як монеаи ҷидди барои рушди иқтисодӣ ва ҳамкориҳои байни минтақаҳо гардида буд.

Сокинони минтақаи Ғарм барои расидан ба Кӯлоб ва Дарвоз тавассути гузаргоҳҳои Қамчирақ рафтуо мекарданд, ки гузариш аз ағбаҳо барои одамон ва ҳайвонот мушкил буд. Аз ин рӯ, минтақаҳои кӯҳӣ дар тули солҳои зиёд аз

* Деҳаи типи шаҳрак дар ҷануби Тоҷикистон, ки то соли 1931 номи Сарой Камарро дошт, аз соли 1931 то 1936 он Бауманобод ва соли 1937 Кировобод номгузорӣ шуда, аз соли 1963 то ба имрӯз номи ноҳияи Панҷро дорад.

ҷаҳони беруна канда шуда, аҳолӣ дар ин ҷойҳо хоҷагии табииро пеш мебурданд [127, с. 53].

Баъди истилои Аморати Бухоро аз ҷониби Русияи подшоҳӣ, ҳукумати подшоҳӣ сиёсати мустамликадориро пеша намуда, бо дарназардошти манфиатҳои худ таваҷҷуҳи бештарро ба вазъи роҳу нақлиёт равона мекард. Албатта, ин тадбирҳо барои таъмини муваффақияти забткориҳои ҳукумати Русия низ аҳаммияти стратегӣ дошт. Зеро қобилияти идоракунӣ ва таҳкими нуфузи Русия дар минтақа ба рушди соҳаи роҳу роҳсозӣ, пешбурди инфрасохтори нақлиёт ва ҳамлунақли молу маҳсулот вобаста буд.

Роҳҳои нақлиёт ва алоқаи Осиёи Миёна, махсусан барои рушди иқтисодӣ ва таҳкими робитаҳои сиёсӣ ва амниятии Русияи подшоҳӣ, аҳаммияти калон дошт. Таъмири роҳҳо, афзоиши ҳаҷми боркашонӣ ба тавсеаи тиҷорат ва рушди иқтисоди маҳаллӣ кумак намуд. Ҳукумати Русия пайваста кӯшиш мекард, ки барои ҳарчи зудтар расидан ба ҳадафҳои худ як шабакаи муназзам ва самараноки нақлиётиро ташкил намояд, ки ба манфиати иқтисодӣ ва сиёсии ӯ дар минтақа кумак кунад. Таҳкими инфрасохтори нақлиётӣ ва сохтмону навсозии роҳҳои нав на танҳо барои интиқоли молу маҳсулот, балки барои мустаҳкам кардани мавқеи Русия дар сарзамин Осиёи Марказӣ пешбинӣ шуда буд.

Дар Кӯлоб роҳҳо асосан аз сангу хок ва шағал сохта шуда буданд, ки барои ҳаракати аробаҳо монеаҳои ҷиддӣ пеш меовард. Дар Бадахшон бошад, мушкилоти роҳу нақлиёт боз ҳам ҷиддитар буд. Дар ин манотиқ, ки роҳи нақлиёт тақрибан вуҷуд надошт, ҳаракати одамон ва ҳамлунақли бор асосан аз пайраҳаҳои кӯҳӣ, водии дарёҳо ё тавассути ағбаҳои кӯҳи сурат мегирифт. Дар натиҷа, одамон ҳангоми гузаронидани борҳо ба душвориҳо дучор мешуданд. Танҳо баъд аз ҳамроҳшавии Бухорои Шарқӣ ба аморати Бухоро, зарурати беҳтар кардани зерсохти нақлиётӣ ва таъмиру тармими роҳҳо ба миён омад. Ҳамин тавр, сохтмони роҳҳо ва шоҳроҳҳо дар минтақаҳо, ки дар асри XIX бо дастгирии ҳокимони Бухоро оғоз ёфта буд, як масъалаи муҳим барои рушди иқтисодӣ ва амниятии минтақа маҳсуб меёфт.

Яке аз навгониҳое, ки бо омадани русҳо мушоҳида гардид, ворид кардани аробаҳои чорчарха ба низоми нақлиёт буд, ки нисбат ба аробаи дучарха муфидтар буданд. Аҳолии маҳаллӣ арзиши аробаҳои чорчархаро дарк намуда, онҳоро барои ҳаракат ва интиқоли молу маҳсулоти худ зиёд истифода мебурданд. То охири асри XIX дар роҳҳои кӯҳии Бухорои Шарқӣ бо сабаби мувофиқ набудани роҳҳо аробаҳо истифода бурда намешуданд. Вале ақидаи он, ки аҳолии Бухорои Шарқӣ умуман истифодаи аробаро намедонистанд, ба фикри мо нодуруст аст. Тибқи маълумоти муаррих Юсуфи Шодипур, аввалин шуда аробаҳо дар минтақаи Ҳисор баъдан дар Кӯлоб истифода шуданд, вале онҳо асосан барои ҳокимону мансабдорон ва бекҳои маҳаллӣ дастрас буданд [291, с. 12]. Ҳангоми ҳаракат дар роҳҳои нақлиётии аморати Бухоро аробаи дучархаро истифода мебурданд, ки чархҳои хеле баланди дорои канори чӯбӣ буда, бо оҳанҳои хеле тунук печонида шуда буд [179, с. 11]. Чунин аробаҳо борҳои то 30 пуд вазндоштаро дар роҳҳои ҳамвор мебардоштанд. Бо таъсири русҳо дар баъзе ҷойҳо (махсусан, дар водиҳо) аробаҳои дуаспа ва якаспа низ истифода мешуданд. Барои кашонидани одамон дар болои ароба болопуши махсус аз матоъ сохта мешуд, ки одамонро аз боду борон ва офтоб муҳофизат мекард. Дар ин давра тоҷирони калон барои интиқоли бор аробаҳои боркаши махсус доштанд. Аробаҳои дучарха дар Бухорои Ғарбӣ ва водии Зарафшон бештар истифода мешуданд. Дар бекигарии Кӯлоб, аробаи чархдорро танҳо бек истифода менамуд. Аҳолии Бухорои Шарқӣ бо сабаби аксар дар манотиқи кӯҳӣ ҷойгир шудан ва набудани роҳҳои васеъ, тақрибан аз нақлиёти чархдор тасаввӯроте ҳам надоштанд [197, с. 21].

Тибқи маълумотҳои муаррих С. Нарзуллоев масофаи роҳҳои тиҷоратии дохилии Бухорои Шарқӣ қариб 600 км-ро ташкил медод [176, с. 15]. Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX зарурати сохтмони роҳҳои нав, бахусус роҳҳои аз сангу шағалро ба миён овард, ҳамчунин, равобити иқтисодии дохилӣ ва хориҷии минтақа густариш менамуд [291, с. 14].

Амирони Бухоро барои сохтмон ва таъмири роҳҳо, деҳқононро ба таври маҷбурӣ аз деҳаҳо ва бекгариҳои кӯҳии дурдаст бе музд ба кор ҷалб мекарданд. Бекҳо ва мансабдорони маҳаллӣ аз мавқеи худ истифода намуда, аҳолии маҳаллиро ҳамчун қувваи арзони корӣ дар сохтмону таъмири роҳҳо истифода мекарданд.

Маблағи барои сохтмону таъмири роҳҳо ҷудошударо мансабдорони маҳаллӣ худсарона ба манфиатҳои шахсии худ сарф мекарданд. Дар натиҷа, аҳволи мардум боз ҳам мушкил мегардид, вале амалдорон ба ин нигоҳ накарда, истисморро шадидтар давом медиҳанд. Масалан, то соли 1917 аҳолии шаҳри Кӯлоб тақрибан 6000 нафарро ташкил намуда, дар 38 гузар ба сар мебурданд. Охирин беки Кӯлоб Абдуқодир Исҳоқбек аз аҳолӣ боҷу хироҷи зиёде меситонид, вале барои эҳтиёҷоти халқ ягон танга низ чудо намекард. Барои сохтмони роҳҳо низ аз аҳолӣ андоз ситонида мешуд, аммо барои сохтмони роҳ аз хазина умуман маблағ ҷудо карда намешуд [164]. Бек бо амалдорони худ деҳқононро барои сохтани роҳу пулҳо ба корҳои сангин маҷбур месохт ва барои онҳо тангае ҳам сарф намекард.

Дар ин давра робитаҳои тиҷоратии мунтазам байни Бухорои Шарқӣ ва Ғарбӣ роҳандозӣ шуд. Барои ҳамлунақли молу коло аз Ҳисор аксар шутурҳоро истифода мебурданд. Масалан, агар ба воситаи онҳо дар як сол ду маротиба ба Бухоро мол интиқол дода шавад, пас ин миқдор тақрибан 24 ҳазор тоннарро ташкил медод. Ба ҳисоби миёна 7000 шутур аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ дар роҳи Қаршӣ – Ғузор ва Бухорои Шарқӣ барои тиҷорат истифода мешуданд. Ҳаракат дар байни Бухорои Ғарбӣ ва Шарқӣ махсусан, пас аз ташкили «Ҷамъияти Шарқӣ» дар соли 1905 бештар шиддат ёфт [28-М, с.129-135].

Дар роҳҳои кӯҳӣ ва душворгузар ба шутурҳо то 16 пуд ва ба аспҳо то 8 пуд мол бор карда мешуд. Дар Бухорои Шарқӣ боркашонӣ тавассути харҳо низ нақши муҳим дошт, ки аҳолии бумӣ аз аз ин восита васеъ истифода мекарданд. Ба воситаи ин ҳайвонҳо то 5 пуд бор кашонидан мумкин буд.

Дар муқоиса бо Бухорои Шарқӣ ва Помир, дар шимоли Тоҷикистон соҳаи роҳу нақлиёт бештар рушд намуда буд. Аввалин маротиба моҳи августи соли 1914 сокини шаҳри Хуҷанд Юнусов Г.М. ду адад автомобилро барои мусофиркашонӣ харидорӣ намуд, ки минбаъд боиси пайдо гардидани роҳи мошингарди байни шаҳри Хуҷанд то истгоҳи Хуҷанд – роҳи оҳани Осиёи Миёна гардид. Ин аввалин автомобили тамғаи «Берлит» буд, ки дар қисми шимоли Тоҷикистон оварда шуд [43, л. 1]. Вале тибқи маълумотҳои дигар, аввалин автомобил ба ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон дар соли 1922 ба шаҳри Хуҷанд оварда шудааст, ки он нақлиёти сабукрави сеслиндраи тамғаи «Дирак» буда, чархҳои чӯбин дошт ва тибқи ҳамин сарчашма, баъд аз чор сол аввалин автомобил аз шаҳри Тирмиз ба шаҳри Душанбе оварда шудааст [206, с.28]. Тибқи сарчашмаҳо дар қатори нахустин ронандагони тоҷик номи Шамсиев, ки сокини шаҳри Хуҷанд буд, зикр мешавад [117, с. 8].

Аз сабаби набудани роҳҳо, ҷануби Тоҷикистон тақрибан аз тамоми қисматҳои кишвар ҷудо буд. Дар шароити набудани масирҳои муносиби нақлиёт, нақши муайянро нақлиёти обӣ мебозид. Дар охири соли 1887 флотилияи (навтип)-и махсуси амударё таъсис дода шуд. Дар ибтидо, флот танҳо ду киштӣ бо номи «Шоҳ» ва «Малика» дошт, ки аввалин ҳаракати худро дар Амударё соли 1888 оғоз карданд. Баъдтар ба флотилияи амударё якчанд барҷа ва қаиқҳои дигар илова гардид. Ҳамчунин, қад-қади флотилияи амударё ва Панҷ аз Чорҷӯй то ба Файзобод – Қалъа қаиқҳо низ шино мекарданд. Дар дарёи Вахш қаиқҳо бо роҳи Тирмиз – Ҷиликӯл – Қизил – Қалъа рафтуо доштанд. Қаиқҳо ба навъҳои калон, миёна ва хурд тақсим мешуданд, ки қобилияти борбарии онҳо аз 200 то 5 ҳазор пудро ташкил медод [258, с. 10].

Аҳолии Бухорои Шарқӣ барои шиноварӣ дар амударё, Панҷ, Вахш, Сурхоб қаиқ ва пӯсти бо ҳаво пуркардашудаи ҳайвонҳоро истифода мекарданд. Барои ҳаракат ва ҳамлунақли бор ба минтақаҳои поёноб дар дарёи Сир, қаиқҳо истифода мешуд ва ҳамчунин, аз конҳои Қарамазор кашондани маъдан ба кор бурда мешуданд. Аммо бо бунёди роҳи оҳани Тошканд ҳаракат дар самти Сирдарё аҳаммияти пешинаи худро аз даст дод.

Аҳолии ҷануби Тоҷикистон қаикҳоро барои гузаштан аз дарёи Панҷ, ки дар наздикии деҳаи Чубек, қишлоқи Баҳорак (ҳоло ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) мегузашт, истифода мекарданд. Дар солҳои 1894-1898 комиссияи махсуси Русия ва Аморати Бухоро ин қисми дарёро аз назар гузаронида, муайян карданд, ки агар онро аз санг тоза кунанд, пас ҳаракати киштиҳо метавонанд аз моҳи апрел то октябр идома ёбад. Миқдори умумии боркашонӣ тавассути дарёҳои Тоҷикистон, дар як сол тақрибан 700 000 пудро ташкил медод [58, л. 61-62].

Минтақаҳои Помир бо даштҳои кӯҳии душворгузар ва қаторкӯҳҳои дастнорас аз ҳамдигар ва ҷаҳони беруна боз ҳам ҷудотар буданд. 24-уми апрели соли 1894 коркарди роҳи Помир аз Тошканд то Марғелон ва баъдан роҳи Уш – Хоруғ оғоз ёфт. Русияи подшоҳӣ бо сохтани роҳи оҳан ва беҳтар кардани истифодаи роҳҳои корвонӣ, заминҳои забткардаашро бо минтақаҳои марказии Русия пайваст намуда, истеҳсоли пахта ва ғалларо афзоиш медод.

Баҳори соли 1909 сохтмони роҳ дар водии дарёи Ғунд оғоз ёфта, соли 1910 то Хоруғ ва сипас то Дарвоз пайваст гардид. Дар як сол аз самти Уш ба Помир зиёда аз 2000 аспҳо мегузаштанд [126, с. 234]. Дар соли 1912 коркарди оврингҳо* дар Дарвоз анҷом ёфт ва роҳи боркашонӣ то дарёи Ванҷ сохта шуда, соли 1915 то Қалаи Хумб расонида шуд [134, с. 6].

Чунин роҳҳо дар мавзеъҳои дигари Тоҷикистон низ вуҷуд дошт, аз ҷумла дар Кӯҳистони Мастчоҳ, ки тасвири он дар шеъри Лоиқ Шералӣ «Ду масчоҳӣ дар овринг» омадааст. Шоири халқии Тоҷикистон ба ҳамин таъбир чунин ишора кардааст: «Ду масчоҳӣ дар овринг вақте бо хару бори худ рӯ ба рӯ меоянд, илоҷи дигаре намемонад, ба ҷуз он ки як нафар гузашт намояду хару бори худро ба коми фано, яъне ба дарё фиристад. Дар ин маврид ҳам қонуни мардигариву адолат нақш мебозид, яъне шахсе хару бори худро сарозер менамуд, ки қимати бораш камтар аз дигарӣ бошад» [311].

Дар ибтидои асри XX қаламрави имрӯзаи Тоҷикистон ба якчанд роҳҳои муосири нақлиётӣ ва транзитӣ пайваст гардид, ки аҳолӣ ва молу маҳсулотро

---

* Оврингҳо роҳҳое буданд, ки дар танаи шаххҳои баланди касногузар, дар он ҷое, ки аслан роҳ вуҷуд надошт, аз ноилоҷӣ барои гузаштан ба ҷониби дигар аз навдаву қамиш ва шоху барги дарахтон ба тариқи бофтан ва бастан сохта мешуданд.

байни манотиқи гуногуни дохили кишвар ва кишварҳои ҳамсоя интиқол медоданд. Масалан, роҳи аробагузар, ки соҳили чапи дарёи амуро ба минтақаҳои дигари Тоҷикистон пайваст мекард, муҳимтарин роҳи нақлиётӣ ба ҳисоб мерафт. Роҳҳои асосӣ, аз ҷумла Саройкамар – Чубек – Анҷироб – Зиғар – Қалъаи Хумб – қалъаи Вомар бо дарозии 320 км, барои ҳамлунақли молу маҳсулот ва робита байни минтақаҳои ҷудогона муҳим буданд.

Ҳамчунин, роҳи корвонгузари Дарбанд – Бойсун – Деҳнав – Регар – Ҳисор – Кофарнихон – Ғарм, ки 648 км дарозӣ дошт, барои тиҷорат ва хадамоти гумрукӣ бо кишварҳои ҳамсоя аҳаммияти бузург дошт. Ин роҳҳо на танҳо барои тиҷорат, балки барои ҳаракати аҳолӣ ба марказҳои муҳимми сиёсии кишвар, ташаккули фарҳанг ва эҳтиёҷоти низомӣ низ муҳим буданд.

Роҳи боркашонӣ дар ҳудуди Тоҷикистон аз Ҳисор тавассути Қубодиён то Айвоҷ (297 км), Файзобод – Қӯрғонтеппа – Саройкамар – 278 км, Ғарм – Кӯлоб – Чубек – 315 км, Тутқавул – Балҷувон – Ката Пушён – 123 км ва Тобиидара – Лангар – қалъаи Ванҷ (Рохарв) мегузашт [270, с. 15].

Сохтмони роҳҳои аз сангу шағал бунёдшуда дар Тоҷикистон дар солҳои 20-уми асри XX оғоз ёфт ва ин як марҳалаи муҳимми навсозии инфрасохтори нақлиётии кишвар маҳсуб меёфт. Пас аз барпо шудани ҳокимияти шуравӣ дар Осиёи Миёна, барои дастраси доштан ба захираҳои табиии минтақа, қисмҳои махсуси низомӣ, ки ба сохтмон ва навсозии роҳҳо масъул буданд, сафарбар шуданд. Роҳандозии чунин мақсадҳҳо, барои татбиқи сиёсати нав дар самти инфрасохтори нақлиётӣ ва таъмини пайвастагии минтақаҳо аҳаммияти калон дошт. Агар ба нақши Инқилоби Октябр ва таъсиси ҳокимияти Шуравӣ дар сарнавишти халқи тоҷик диққат диҳем, метавон гуфт, ки рӯйдодҳои баамаломада аз муҳимтарин ва сарнавиштсозтарин воқеаҳои таърихи миллати мо ба шумор мераванд ва то ҳол аҳаммияти худро гум накардаанд [107, с. 7].

Зарурати сохтмони роҳҳо дар он замон бо чанд мақсади муҳим равона шуда буд. Аввалан, робитаи деҳаҳо ба маркази ноҳияҳо, ки пеш аз ин дар ҳолати пароканда ва хеле душвор қарор доштанд. То ин замон минтақаҳои

Тоҷикистон, махсусан минтақаҳои кӯҳӣ ва дурдаст, бо мушкилоти ҷиддӣ дар инфрасохтори нақлиётӣ рӯ ба рӯ буданд, ки имкониятҳои интиқоли мол, ҳаракати мусофирон ва робитаҳои тиҷоратиро маҳдуд мекард.

Дуюм, сохтмони роҳҳо бо мақсади таъмини амнияти кишвар ва рафъи мухолифат байни минтақаҳо сурат мегирифт. Дар оғози асри XX Тоҷикистон ва навоҳии он гирифтори дигаргуниҳои сиёсӣ, махсусан, тохтутози босмачиҳо гашта, пайвасти манотиқи гуногун тавассути шабакаҳои роҳҳои заминӣ яке аз тадбирҳои муҳимми таъмини амният ва кам кардани ихтилофоти дохилӣ маҳсуб ёфт.

Сеюм, сохтмони роҳҳо ва пешбурди инфрасохтор барои рушди иқтисодӣ ва тиҷоратӣ аҳаммияти калон дошт. Ин раванд, имкони интиқоли молу маҳсулотро дар байни минтақаҳо хуб, вақтро сарфа ва шароити иҷтимоии мардумро беҳтар мегардонид.

Бино ба ақидаи Каримов Б.Б., дар солҳои 20-уми асри XX бо кумаки Артиши Сурх дар Тоҷикистон сохтмон ва навсозии роҳҳои асосан хокӣ ба роҳ монда шуд, ки ин раванд ҷузъи муҳимми сиёсати ҳукумати шуравӣ ба шумор рафта, ба таҳкими пояҳои иқтисодӣ, устувории сиёсӣ ва беҳтар гардидани шароити иҷтимоиву маишии аҳолӣ мусоидат намудааст [139].

Ҳаракати босмачиҳо дар ин давра, яке аз сабабҳои асосии садди роҳи сохтмон ва рушди роҳҳо гардида буд. Бо дастгирии Артиши Сурх ва дастгирии аҳолии маҳаллӣ, ки дигар аз ғорати босмачиён ба дод омода буданд, моҳи августи соли 1922 роҳбарони ҳаракати босмачигарӣ Анварпошо, Салимпошо ва Давлатмандбӣ нобуд карда шуданд [164]. Дар натиҷа, мушкилоти мавҷуда бартараф гардида, дигар чизе садди роҳи сохтмону азнавсозии роҳҳо шуда наметавонист.

Роҳҳо ва воситаҳои нақлиёти барои рушди иқтисодии кишвар аҳаммияти калон доштанд. Бо таъсиси шабакаи муосири роҳҳо, кишвар ба осонӣ ва зудӣ имконият пайдо кард, то тиҷорат ва интиқоли молу маҳсулотро беҳтар кунад. Барои ҳамин, дар солҳои аввали таъсиси ҷумҳурӣ, ташкили шабакаи роҳҳои муосир ва истифодаи нақлиёти пешрафта як вазифаи муҳим

ва аввалиндарача барои рушди иқтисоди кишвар маҳсуб меёфт. Ҳамин тариқ, роҳсозӣ ва таҳкими нақлиёт як унсури асосӣ барои муваффақияти иқтисодӣ ва рушди устувори кишвар гардида буд.

Муҳаққиқ Бронштейн Я. дар осори худ масъалаи нақлиёти Тоҷикистон ва ташаккули онро мавриди таҳқиқ қарор дода, ифроз менамояд, ки: «дар солҳое, ки ҳукумати Русия ва дигар кишварҳои хориҷӣ шабакаи роҳҳои оҳанро ба таври васеъ истифода мекарданд, нақлиёти автомобилӣ низ бо суръат рушд намуда, воридоти нақлиёти механикӣ дар чандин давлатҳо ва минтақаҳои дигар мушоҳида мегардид. Дар Бухорои Шарқӣ ба ҷойи истифодаи нақлиёти автомобилӣ ё роҳи оҳан, аҳолии минтақа, ки аз шароити дастрасии воситаи нақлиёти пешрафта маҳрум буданд, аз нақлиёти одӣ – аспу харҳо истифода мебурданд» [100, с. 10].

Новобаста аз ин, дар Бухорои Шарқӣ барои беҳтар гардидани шароити нақлиёт баъзе тадбирҳо андешида шуд. Ҳамчунин, ҷузъу томҳои артиши сурх бо истифода аз захираҳои худ роҳҳои заминӣ, пулҳо ва гузаргоҳи киштиҳоро тармиму таъмир мекарданд. Ин тадбирҳо имкон дод, то амалиёти рушди соҳаи нақлиёт ва иртиботи манотиқи Бухорои Шарқӣ беҳтар шуда, аҳолӣ аз имкониятҳои бештар бо сарфаи вақт ҳангоми сафар аз як минтақа ба минтақаи дигар ва пешравию музафариятҳои нав бархӯрдор шаванд. Аз ин рӯ, дар соли 1922 бо мақсади беҳтар намудани ҳолати инфрасохтори нақлиёт ва роҳсозӣ дар Тоҷикистон, ташкили низоми соҳаи роҳсозӣ аз нав гузаронида шуд [222, с. 89].

Ҳамин тариқ, роҳҳо аҳолии бумиро бо марказҳои бузургтар пайваст мекард, ки барои рафъи эҳтиёҷоти аҳолӣ ё тиҷорати молу маҳсулот аҳаммияти калон дошт. Ин роҳҳо тавассути масъулини ҳукумат ва ташкилотҳои маҳаллӣ нигаҳдорӣ мешуд.

Баъд аз бунёди шабакаи роҳҳо, масъалаи назорат ва истифодаи дурусти онҳо ба сохторҳои гуногун вогузор шуд. Барои мисол, роҳҳое, ки аҳаммияти давлатӣ доштанд, ба ихтиёри Комиссариати халқии иртиботи роҳ супурда шуданд. Ин ниҳод масъулияти асосии идора ва нигоҳубини роҳҳои миллӣ ва

таъмини кори дурусти онҳоро бар дӯш дошт. Ҳамчунин, Дирексияи минтақавии нақлиёти маҳаллӣ (Туркомес) раванди назорати роҳҳо дар минтақаҳои кӯҳӣ ва дурдастро назорат мекард.

Роҳҳои дорои аҳаммияти маҳаллидошта, дар байни аъзои кумитаҳои иҷроияи шуроҳои маҳаллӣ, ки бо истифода аз манбаъ ва буҷаҳои маҳаллии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ маблағгузорӣ мегардиданд, нигоҳдорӣ ва навсозӣ мешуданд. Қадами муҳим ва асосӣ дар таҳкими масъалаи мазкур ин буд, ки роҳҳои аҳаммияти давлатидошта, бевосита аз ҳисоби буҷаи марказӣ нигоҳдорӣ ва маблағгузорӣ мешуданд.

Бо гузашти замон, низоми идоракунии роҳҳо дар Осиёи Миёна тадриҷан ба марҳилаи нисбатан нав гузариш кард. Дар ин раванд ҳамкорӣ миёни ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллӣ нақши муассир бозида, тадбирҳо ҷиҳати беҳсозии инфрасохтори нақлиётӣ, таъмиру нигаҳдории роҳҳо ва барқарорсозии шабакаҳои муҳимми роҳҳои байнишаҳриву минтақавӣ роҳандозӣ гардид.

Зимни баррасии нақши нақлиёт дар таърихи ҳар кишвар, В.И. Ленин таъкид намуда буданд, ки: «нақлиёт асоси моддии пайваст кардани кишоварзӣ бо саноат мебошад» [151, с. 143].

Дар замони ноустувори ҳокимият ва инқилоб дар Бухорои Шарқӣ, ки ба иқтисод ва инфрасохтори нақлиёт зарари ҷиддӣ расонид, 10-уми августи 1922 Комиссияи фавқулодаи диктатории КИМ Бухоро қарор кард, ки ҳамаи кумитаҳои инқилобӣ дар шаҳру ноҳияҳо вазифадор шаванд, то роҳҳо ва пулҳоро дар кӯтоҳтарин муҳлат барқарор кунанд. Ин тасмим дар шароити ҷанг ва ниёз ба рушди инфрасохтори наклётӣ барои ҳукумати шуравӣ муҳим буд.

Аз соли 1922 чандин тадбир барои таъмини пайвастагии минтақаҳо ва интиқоли боркашонӣ роҳандозӣ шуд. Дар ин давра, ба ҷуз захираҳои меҳнатӣ, асосан ҳайвоноти хонагӣ (асп, хар ва шутур) барои боркашонӣ истифода мешуданд.

Ин қарор бо мақсади иҷрои саривақтии даъвати ҳарбӣ дар давраи ҷангӣ ва муназзам кардани фаъолияти иқтисодии давлат равона шуда буд, ки барои аҳолии бумӣ мушкилоти иловагиро ба вуҷуд овард. Зеро ҳайвоноти боркаш, ки барои деҳқонон муҳим буд, бо тақсимоти онҳо ба гарнизонҳо ва дигар мақомотҳо, ба аҳолии маҳаллӣ баргардонида намешуданд. Вазъияти баамаломада боис гардид, ки аҳолӣ аз воситаҳои асосии нақлиёт ва маҳсулотҳои зарурии барои таъмини рӯзгори худ маҳрум монданд.

Мавриди зикр аст, ки барои барқарор кардани сохтмон ва роҳи нақлиёт раисони кумитаҳои инқилобии маҳаллӣ масъул гардиданд, то ба ҷойи баргардонидани ҳайвоноти боркаш ба аҳолӣ, баракс онҳоро барои эҳтиёҷоти давлатӣ ба хатсайрҳои дигар равона мекарданд. Аз ин рӯ, вазъияти бавуқуъомада сабаби зиёд шудани норозигии ҷомеа, бад шудани муносибат байни мақомоти давлатӣ ва аҳолии маҳаллӣ гардид. Нақши нақлиёт дар ин давра на танҳо як масъалаи иқтисодӣ, балки як ҷузъи муҳимми татбиқи сиёсати ҳокимияти марказӣ ва тавсеаи алоқаи сиёсӣ байни минтақаҳо ба ҳисоб мерафт [57, л. 10].

Чи тавре ки Иркаев М.И. баён менамояд, раиси Комиссияи фавқулоддаи диктаторӣ оид ба Бухорои Шарқӣ Н. Ҳакимов дар соли 1922 дар як гуфтугӯйи телефонӣ ба нозири масоили низомии Бухоро аз вазъияти ногувори масоили нақлиёт дар Бухорои Шарқӣ хабар медиҳад. Вазъ чунин буд, ки аспҳо, харҳо ва шутурҳо барои эҳтиёҷоти давлатӣ гирифта мешуданд ва бисёр вақт ба соҳибонашон бозпас дода нашуда ва ҳамчунин, ҳаққи хизматашон пардохт намешуд. Аз ин лиҳоз, дар ҷаласаи КИМ ҲК Бухоро қарор қабул гардид, ки тибқи он, КИМ ҷиҳати аз байн бурдани низоми «ҷалби иҷборӣ» диққати ҷиддӣ дода, танзими онро ба роҳ монанд [124, с. 270].

Раиси Шурои нозирони ҶХШ Бухоро ба роҳбарони ҳамаи гарнизонҳо дастур додан, ки тамоми аспу харҳо ва шутурони дар ихтиёрашон бударо дар муддати 3 рӯз пас аз рӯзи гирифтани фармоиш ба нуқтаҳои ҷойгиршавии нақлиётҳо фиристанд. Барои ташкил ва назорати истифодаи ҳайвоноти

боркаш бо ҳадафҳои низомӣ, комиссияи махсус таъсис ёфт, ки масъулияти ягонаро барои ҷамъоварии ҳайвоноти боркаш ва равона кардани онҳо ба гарнизонҳои артиши сурх, кумитаҳои инқилобии маҳаллӣ ва марказҳои нақлиётӣ ба дӯш гирифт. Комиссия вазифадор буд, ки бо эҳтиёҷоти фаврии ҷанг ва талаботи нақлиётӣ дар минтақаҳои гуногуни Бухорои Шарқӣ, ҳайвоноти боркашро ҷамъоварӣ ва барои таъмини интиқоли молу маводди зарурӣ ва ҳамчунин сафарбар кардани неруҳо дар вазъияти ҷангӣ шароити лозимаро барои қисмҳои ҳарбии Артиши сурх таъмин кунад.

Бояд зикр намуд, ки дар соли 1925, дар масири нақлиётии байни Душанбе ва Самарқанд, то шашсад сар хар ҷиҳати боркашонӣ истифода мешуд. Ин иқдом ба коҳиши нархи маҳсулоти саноатӣ дар минтақа мусоидат намуд [45, л. 15] ва имкон дод то, ки раванди мунтазам ва самаранок барои таъмини воситаҳои нақлиёт, аслиҳаи ҷангӣ ва маҳсулоти ниёзи аввал ташкил гардад.

Дар оғози солҳои 20-уми асри XX, дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза шабакаи роҳу гузаргоҳҳо бо дарозии 10 000 км мавҷуд буд. Дар роҳҳо пулҳои муваққатӣ, вобаста ба шароити замон, сохта шуданд, аммо бо гузашти вақт ва набудани назорат, қисми зиёди онҳо харобу валангор шуданд. Аз ин лиҳоз, вазифаи муҳим ва аввалиндараҷа барои рушди иқтисодии кишвар, бунёди шабакаи муосири роҳҳо ва ҷорӣ кардани намудҳои нисбатан нави воситаҳои нақлиёт ба ҳисоб мерафт. Нақлиёти муосир дар ин солҳо ҳамчун рамзи асосии таҳаввулоти иқтисодӣ дар Тоҷикистон буд. Хушбахтона, кӯшишҳо ҷиҳати аз байн бурдани низоми «ҷалби маҷбурӣ»-и ҳайвонот аз аҳолӣ натиҷа дода, аз 10-уми сентябри соли 1924 дар роҳи низомии Қаршӣ – Душанбе пурра қатъ гардид [56, л. 9].

27-уми октябри соли 1924 Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Ӯзбекистон таъсис ёфт. Баъдан, 26-уми ноябри соли 1924 дар қаламрави Тоҷикистон ҳукумати муваққатии Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон ташкил шуд, ки роҳбарии онро Нусратулло Махсум ба зимма дошт. Бюрои маркази Ҳизби

коммунистии болшевикони Русия 6-уми декабри соли 1924 ҳайати роҳбарикунандаи ҳукумати муваққатии Тоҷикистонро таъсис дода, Чинор Имомов ҳамчун котиботи Бюрои ташкилии Ҳизби коммунистии болшевикони Ӯзбекистон дар ҶМШС Тоҷикистон таъйин гардид [258, с. 3].

Дар солҳои мавҷудияти ҳукумати Шуравӣ Тоҷикистон ба пешравиҳои назарраси иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дастёб гардид. Дар ин давра шаҳру маҳалҳо рушд карда, соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, саноат, маорифу фарҳанг, тандурустӣ ва ғайра пешрафт кард. Дар радифи дастовардҳо, нақлиёт, сохтмону азнавсозии роҳҳо ва инфрасохтори нақлиётӣ низ тараққӣ карда, дар рушди иқтисодии кишвар саҳми назарраси худро гузоштааст [106, с. 3].

Дар ин давра ҶМШС Тоҷикистон аз се минтақае, ки қариб бо ҳам роҳҳои алоқа надоштанд: Шимол, Ҷануб ва Помир тақсим шуда буд. Бояд қайд намуд, ки воситаи нақлиётӣ асосан дар минтақаҳои кишвар бо пайроҳаҳои корвонгузар амалӣ мешуданд. Вазъият дар қисмати шимолии Тоҷикистон нисбатан беҳтар буд. Дар ин ҷо қитъаи роҳи оҳани Нов – Конибодом фаъолият дошт, ки Тоҷикистонро бо дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ пайваст мекард, ҳамчунин, якчанд роҳҳои хокӣ мавҷуд буд, ки боркашонӣ тавассути аробаҳои дучарха анҷом дода мешуд.

Минтақаҳое, ки ба ҶМШС Тоҷикистон аз ҳисоби собиқ ҶХШ Бухоро дар соли 1924 ҳамроҳ шуданд, асосан ба қаламрави Душанбе, Ғарм, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва ВМКБ дохил мешуданд, тасвири як кишвари комилан бидуни роҳ ва алоқаи хуби нақлиётиро нишон медод. Барои расидан ба шаҳрҳо ва маҳалҳои асосии кишвар, аҳолӣ маҷбур буд, ки рӯзҳои зиёд дар роҳ бошанд. Масалан, барои расидан ба Ғарм аҳолӣ 12-14 рӯз вақт сарф мекард, ба Кӯлоб 6 рӯз ва ҳатто барои расидан ба Ҳисор ё Янги Бозор як рӯз вақт мегирифт. Ҳолати чунин таъхир ва камбуди воситаҳои нақлиёт барои аҳолии маҳаллӣ ва деҳқонон душвориҳои зиёде ба бор меовард. Зеро вақти зиёд, ки барои сафарҳо сарф мешуд, боиси таъхири интиқоли молу маҳсулот ва мушкилоти муҳим дар фаъолияти хоҷагидории онҳо мегардид.

Ҳамин тавр, бо барпо шудани ҳукумати Шуравӣ дар Тоҷикистон, сохтмони роҳҳо дар кишвар оғоз ёфт. Ҳукумати шуравӣ бо мақсади барқарорсозии босуръати нақлиёт ва воситаҳои алоқа, бахусус роҳсозӣ, чандин тадбирҳои саривақтиро пеш гирифт. Акнун, аскарони артиши сурх ва аҳолии маҳаллӣ дар сохтмон ва таъмири роҳҳо ҷалб мешуданд. Сохтмону навсозии роҳҳо, барои таъмини эҳтиёҷоти низомӣ нигаронида шуда буд, ки барои интиқоли маҳсулоти зарурӣ ва аслиҳа, саривақт расонидани ёрии тиббӣ ба гарнизонҳо зарур буданд. Дар марҳалаи аввал, яъне то соли 1929, дар қисматҳои ҳамвор барои истифодаи нақлиёти чархдор, яъне аробаҳо асосан роҳҳои хокӣ сохта мешуданд, ки бештар дар минтақаҳои гуногуни кишвар мувофиқ буданд.

Бо вуҷуди мушкилоти ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии тозатаъсис, барои рушди инфрасохтори худ ба дастгирии васеи моддӣ, техникӣ ва машваратӣ ниёз дошт. Дар ин замина, ҳукумати Шуравӣ кумакҳои зарурӣро барои пешбурди соҳаи роҳсозӣ ва рушди шабакаҳои нақлиётӣ ба Тоҷикистон фароҳам овард. Ҳизби ҳоким ва сохторҳои давлатӣ вазифадор буданд, ки тамоми захираҳои мавҷударо ба самти ташкили роҳҳои замонавӣ ва тавсеаи низоми алоқаи нақлиётӣ равона намоянд.

Ҳамин тавр, бо баррасиҳои матраҳ дар ин зербоб, метавон чунин хулоса баровард, ки то барпо шудани ҳукумати Шуравӣ дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза ва дар як давраи муайян пас аз он ҳам нақлиёти асосии боркашонӣ хару асп, шутур ва аз омадани русҳо ба ин сарзамин аробаҳои дучарха ва чорчарха будааст. Аҳолии маҳаллӣ, маҳз аз ҳамин воситаи нақлиёт зиёд истифода мекарда. Ҳамчунин, бо арзёбӣ ва муқоисаи маводди бойгонӣ дақиқ гардид, ки дар оғози солҳои 20-уми асри XX шабакаи роҳу гузаргоҳҳо мавҷуд буд ва дарозии онҳо ба 10 000 км мерасид. Ин роҳҳо бо чандин пулҳои муваққатӣ, ки вобаста ба шароити замон сохта шуда буданд, пайваст мешуданд. Дар ин давра роҳҳои асосӣ Саройкамар – Чӯбек – Анҷироб – Зиғар – Қалъаи Хумб – қалъаи Вомар бо дарозии 320 км ба ҳисоб мерафтанд. Ҳамчунин, роҳи корвонгузари Дарбанд – Бойсун – Деҳнав – Регар – Ҳисор – Кофарниҳон – Ғарм, ки 648 км дарозӣ дошт,

барои тиҷорат ва амалиёти гумрукӣ бо кишварҳои ҳамсоя аҳаммияти бузург дошт.

Ташаккул ва рушди соҳаи роҳ ва таъмини инфрасохтори мусоиди роҳсозӣ аз аввалҳои барпо шудани ҳокимияти Шуравӣ ва таъсиси ҶМШС Тоҷикистон ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иқтисодӣ мубаддал гардид. Ҳамчунин, рушду пешрафти соҳаи нақлиёт аҳолии маҳаллиро бо дигар минтақаҳои наздику дӯрӣ Иттиҳоди Шуравӣ пайваст намуд, истифодаи сарватҳои ғании мамлакат бошад, дар заминаи бунёди роҳҳо дар баланд гардидани сатҳу сифат ва шароити иҷтимоии халқ низ аҳаммияти калон доштанд. Дар ин давра Ҳукумати кишвар мекӯшид, то рушди роҳҳо ва инфрасохтори нақлиётро бо суръат ба роҳ монад.
Дар як давраи кӯтоҳ Тоҷикистон тавонист, шабакаи муосири роҳҳо ва инфрасохтори нақлиётиро бунёд намояд, ки барои таҳвили эҳтиёҷоти кишвар хеле муҳим буд. Ин пешрафт натиҷаи тадбирҳои муассири давлатӣ ва дастгирии инфрасохтори нақлиётӣ маҳсуб меёфт. Шабакаи роҳҳо на танҳо дар пайваст кардани маҳалҳо ва минтақаҳои дурдаст, балки дар рушди бахшҳои иқтисод, иҷтимоиёт ва фарҳанги мамлакат низ нақши муҳим гузошт.

# БОБИ 2. ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ХОҶАГИИ РОҲ ВА ИНФРАСОХТОРИ РОҲСОЗӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 20–40–УМИ АСРИ XX

## 2.1. Бунёди инфрасохтори хоҷагии роҳ ва нақлиёти автомобилӣ дар солҳои 20-30-юми асри XX ва таъсири он ба пешрафти бахшҳои иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон

Солҳои 20-уми қарни XX дар таърихи давлатдории халқи тоҷик як давраи муҳим ва тақдирсоз ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ҳамин давра, ҶМШС Тоҷикистон ва ҶШС Тоҷикистон таъсис ёфт, ки барои халқи тоҷик як рӯйдоди нави таърихӣ буд.

Давраи мавриди назар, ки маҳаки баррасии фасли мазкур аст, барои Тоҷикистон марҳилаи басо муҳимму мураккаб ва баҳснок буд. Дар ин солҳо ИҶШС ба як давлати кишоварзию саноатӣ табдил ёфта, сайъ дошт, ки истиқлолияти техникӣ ва иқтисодии худро аз ҷаҳони беруна таъмин намуда, қобилияти мудофиавии худро таҳким бахшад [194, с. 13].

Албатта, гузариши Тоҷикистон аз низоми ҷумҳурии мухтор ба ҷумҳурии иттифоқӣ, пеш аз ҳама, рушди саноат ва соҳаи кишоварзиро тақозо менамуд. Аз ин рӯ, ҷиҳати иҷрои нақшаҳои таъхирнопазир, ҳукумати кишвар бунёди хатҳои алоқаро ҳамчун омили асосӣ ва пайвасткунандаи татбиқи ин вазифаҳо донист. Ҷиҳати ҳалли ин масъалаи муҳим, на танҳо сохтмони роҳи оҳан, балки сохтмону навсозии роҳҳои мошингард низ зарур буд.

Бо дастгирии ҳукумати марказии умумииттифоқӣ дар ҶМШС Тоҷикистон роҳҳои муҳимму стратегӣ аз минтақаҳои гуногуни кишвар ва берун аз он бунёд мешуданд. Аз ҷумла, роҳҳо аз самти Тирмиз (қад-қади Омударё) ва Фарғона ба ҷониби Ғарм, ҳамчунин, аз самти Ғузор ба шаҳри Душанбе, аз Самарқанд ба Панҷакент, аз Урсатевская ба Ӯротеппа (ҳозира Истаравшан) – Обурдон, Тирмиз – Қабодиён – Ҷиликӯл – Саройкамар – Файзобод қалъа – Сарой – Кӯлоб пешбинӣ шуда буданд.

Нуқтаи марказии пайвастшавии роҳҳо ва инфрасохтори нақлиётӣ дар ин давра аз қисмати Ҷиликӯл (ҳоло Дӯстӣ) оғоз мегардид. Маҳз аз ҳамин нуқта роҳҳо ба самтҳои гуногуни кишвар, ба монанди Душанбе ва Кӯлоб сохта

мешуданд. Дар боқимондаи қисмати роҳҳо, ки барои ҳаракати мусофирону ҳамлунақли молу маҳсулот истифода мешуд, одатан, пайроҳаҳои борику мушкилгузар ташкил медод ва сохтмону азнавсозии роҳҳо ҳам вақти зиёдро мегирифт ва ҳам хароҷоти калонро талаб мекард. Дар робита ба ин, арзиши боркашонӣ хеле баланд гардида, дар бисёр минтақаҳо, арзиши нархи хизматрасонӣ барои як пуд бор аз 7-10 то 12 рубл меафзуд, ки ин барои иқтисоди кишвар мушкилоти иловагӣ эҷод кард. Ҳамзамон, арзиши маводди сӯхт, махсусан керосин, ки барои ҳаракати нақлиёт муҳим буд, хеле гарон буд. Масалан, нархи керосин дар шаҳри Душанбе 2 рубл ва дар минтақаҳои Кӯлобу Ғарм то ба 14-15 рубл мерасид, ки ин ҳолат нархи дигар молу маҳсулоти ниёзи мардумро гарон мегардонид. Ин вазъ шаҳодати он аст, ки Тоҷикистон дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва роҳҳо ба як мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ буд.

Дар Тоҷикистон бунёду насозии роҳҳои нақлиётӣ, асосан, аз оғози нақшаи панҷсолаи якум (солҳои 1927–1933) шуруъ гардид. Дар ин солҳо бо дарназардошти шароити ниҳоят душвори кӯҳии мамлакат бунёди шабакаи роҳҳои оҳан қариб ғайриимкон буд. Аз ин рӯ, ҷиҳати рушди минбаъдаи хоҷагии халқ ҳукумати мамлакат сохтмони роҳҳои мошингардро авлотар шуморид. Дар ин давра шабакаи амалкунандаи роҳҳои мошингард, зиёд гардидани гардиши солонаи боркашониро таъмин карда наметавонист. Илова бар ин, дарсади ками роҳҳои мумфарш ва борик дар минтақаҳои кӯҳӣ мушкилоти мавҷударо боз ҳам душвортар карда буд [92].

Моҳи ноябри соли 1925 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи васеи пленуми Бюрои ташкилӣ бо роҳбарии ҲК болшевикҳои Ӯзбекистон баргузор гардид. Дар ҷаласа, масъалаи тақвият ва барқарорсозии инфрасохтори нақлиёт, ҳамчунин, бунёд ва навсозии шабакаи роҳҳои кишвар баррасӣ ва таҳлил гардид. Барои амалӣ намудани лоиҳаҳои роҳсозӣ афсарону аскарони артиши сурх, ташкилотҳои кооперативӣ, иттифоқҳои касаба ва мутахассисони соҳавӣ фаъолона ҷалб шуданд [89, с. 42-48].

Яке аз вазифаҳои иҷрои нақшаи рушди нақлиёт дар соли 1926 кушода шудани хатти ҳаракати мунтазами нақлиёт дар роҳи Саройкамар – Кӯлоб ба ҳисоб мерафт [47, л. 529]. Бо дарназардошти идомаи корҳои сохтмонӣ дар роҳи Саройкамар – Кӯлоб бо арзиши 380 000 рубл, соли 1926 кумитаҳои иҷроияи Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа вазифадор гардиданд, ки бояд иловаи андозҳои маҳаллиро ба фонди маблағҳои роҳсозии ШКХ интиқол диҳанд [50, л. 101].

Аз соли 1925 то 1927 барои амалӣ намудани нақшаи панҷсола, роҳҳои муҳим дар Тоҷикистон, аз ҷумла Душанбе – Тирмиз – Саройкамар – Кӯлоб сохта ба истифода дода шуданд. Бо вуҷуди кӯшишҳои босмачиён, ки дар баъзе минтақаҳо барои бунёди роҳҳо халал мерасониданд, бунёди ин роҳҳо дар мустаҳкамшавии Ҳукумати Шуравӣ дар минтақа ва пешрафти Тоҷикистон нақши муҳим дошт. Ҳангоми сохтмони роҳ намояндагони ҳизби коммунистӣ ва коргарон баъзан дар задухӯрдҳои зидди ҳаракати босмачиён низ ширкат меварзиданд [282, с. 12].

Сохтмони аввалин роҳҳои мошингард дар Тоҷикистон соли 1926 оғоз ёфт. Дар ҳамин вақт аввалин корвони мошинҳо аз Тирмиз ба пойтахти ҷумҳурӣ-шаҳри Душанбе раҳсипор шуд, ки ин як ҷаҳиши бузург дар рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ба шумор мерафт. Ин рӯйдод ба маънои оғози амалӣ сохтани барномаҳои васеи роҳсозӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои нави нақлиётӣ барои ҷомеа ва рушди иқтисод, ҳамчунин, ба беҳтар гардиданини сатҳи зиндагии мардум замина гузошт. Дар робита ба ин нақшаи дарозмуддати сохтмони роҳҳо барои солҳои 1926-1931 таҳия карда шуд. Хароҷот барои сохтмони роҳҳои дорои аҳаммияти умумидавлатидошта дар соли 1926 аз ҷониби Кумитаи инқилобӣ ба маблағи 380,311 рубл тасдиқ карда шуд [59, л. 99].

Дар солҳои аввали таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон, дар кишвар 138 км роҳҳои мошингард, 201 км роҳҳои аробагард ва 1354 км роҳҳои шағалпӯш мавҷуд буданд. Ин шаҳодати он аст, ки ҳанӯз як сохтори мукаммали роҳсозӣ ва инфрасохтори он, ки барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар

таъсиррасон бошад, вуҷуд надошт. Новобаста аз ин, бо кумаки ҳукумати шуравӣ дар солҳои минбаъда тадбирҳо ҷиҳати беҳтар намудани ҳолати роҳҳо ва инфрасохтори кишвар роҳандозӣ шуд.

Охири соли 1926 дарозии умумии роҳҳои аҳаммияти маҳаллидошта, ки асосан барои истифодаи аҳолии маҳаллӣ ва пайваст деҳот ба марказҳо хизмат мекарданд ба 648 км мерасид. Роҳҳои аҳаммияти ҷумҳуриявидошта, ки ба ҳаракати қариб тамоми нақлиёт, боркашонӣ ва татбиқи лоиҳаҳои давлатӣ мусоидат мекарданд, дар маҷмуъ 1337 км-ро ташкил медоданд. Ин нишондиҳандаҳо барои солҳои 20–30-юми асри XX, ки Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш аз иқтисодиёти аграрӣ ба иқтисодиёти кишоварзӣ-саноатӣ қарор дошт, то андозае қонеъкунанда буда, кӯшишҳои аввалиндараҷа дар бунёди инфрасохтори нақлиёт ва роҳсозӣ ба ҳисоб мерафтанд [64, л. 2].

Бо дарназардошти маълумоти мукаммалу боэътимод дар мавриди вазъи роҳҳо ва интиқоли боркашонӣ дар қаламрави кишвар, Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон 13-уми сентябри соли 1926 қарор қабул намуд, ки тибқи он, таҳқиқи ҳамаҷонибаи роҳи байни Душанбеву Қӯрғонтеппа, Ҷиликӯл, Саройкамар ва Кӯлоб гузаронида шавад. Ин қарор дар як марҳалаи муҳим, ки барои ба роҳ мондани пешрафт дар инфрасохтори нақлиётӣ зарур буд, қабул гардид. Дар натиҷа, соли 1926 аз ҷониби мутахассисон пажӯҳишҳои муфассал анҷом дода шуда, дар асоси он таҳияи нақшаи нав бо маблағи умумии 1 023 273 рубл барои сохтмони роҳҳои нав ва тармими роҳҳои мавҷуда пешниҳод шуд. Маблағи мазкур аз ду ҷониб: 353 273 рубл аз ҳисоби буҷети Комиссариати халқии роҳҳои алоқа ва 670 000 рубл аз буҷаи ҶМШС Тоҷикистон ҷудо гардида, барои амалӣ кардани нақшаи сохтмони роҳҳо ва беҳтар намудани ҳолати инфрасохтори нақлиётӣ равона карда шуданд.

Ҳамчунин, масъалаи беҳтар намудани роҳҳои босифат ва замонавӣ дар минтақаи Саройкамар – Кӯлоб аҳаммияти калон пайдо кард. Барои таъмини иҷрои нақшаҳои мазкур, корҳои сохтмонӣ ва навсозӣ дар масири роҳ оғоз гардид. Ҷиҳати роҳандозии лоиҳаи мазкур, Кумитаи инқилобӣ қарор дар бораи сохтмони роҳи Саройкамар – Кӯлоб то 1-уми апрели соли 1926 ва роҳи

Тирмиз – Қубодиён – Ҷиликӯл – Кӯлоб то 1-уми октябри соли 1926-ро қабул кард [46, л. 291-292]. Тасмими мазкур боис гардид, ки оҳиста-оҳиста аксарияти роҳҳои пиёдагард бо қувваи дастӣ навсозӣ гардида, ба роҳҳои нақлиётгузар табдил дода шуданд. Мутаассифона, ин намуди роҳҳо сатҳи номустаҳкам доштанд ва бо дарназардошти хароҷоти зиёд дар муддати кӯтоҳ харобу валангор мешуданд [3-М, с. 201-205] ва танҳо дар фаслҳои тобистону тирамоҳ мавриди истифода қарор мегирифт. Дар фаслҳои зимистону баҳор роҳҳои хокӣ ва шағалӣ, ки барои гузаштани аробаҳо пешбинӣ шуда буданд, аз сабаби корношоям гардидани роҳҳо, аҳолӣ аз пайроҳаҳои мушкилгузар истифода мекарданд. Бешубҳа, анҷом додани корҳрои сохтмону навсозии роҳҳо бо усулҳои дастӣ боиси сарфи зиёди вақт дар кори сохтмон ва дар баробари он, афзоиши харҷи маблағ мегардид. Ҷалби техника ва технологияҳои пешрафта барои бунёд ва бозсозии роҳҳо дар марҳилаи аввал зимни сохтмони роҳи автомобилгарди Ҷиликӯл – Саройкамар – Кӯлоб, ки 240 км-ро ташкил мекард, аз ҷониби мутахассисон ва коргарони маҳаллӣ ба роҳ монда шуд [59, л. 200].

Соли 1926 тибқи нақшаи аз ҷониби Идораи нақлиёти маҳаллии Осиёи Миёна (САЗОМЕС) таҳия гардида, барои сохтмони роҳҳои хокии Кӯлоб – Ҷиликӯл (107,5 км) 19 755 рубл, Янгибозор – Кӯлоб (120 км) 43 200 рубл ва Саройкамар – Кӯлоб (107 км) 29 350 рубл ҷудо гардид ва ба як км роҳ 210 рубл рост меомад, ки дар муқоиса бо ҳолати мавҷудаи роҳҳо ва шароити кӯҳии кишвар ниҳоят кам буд [7-М, с. 35-39].

Аз сабаби маблағгузории номуназзам сохтмон ва таъмири роҳҳо ба таъхир афтод. Сабаби дигаре, ки ба вазъи корҳои сохтмону тармими роҳҳо таъсири манфӣ расонид, набудани теъдоди зарурии коргарон, махсусан, мутахассисони ихтисосманди соҳаи роҳсозӣ буд. Агар соли 1927 дар Иттиҳоди Шуравӣ ба сари зичии ҳар нафар аз аҳолӣ роҳҳои аробагард ва шоҳроҳҳо дар 7 $км^2$ 243 нафар рост меомад, пас нишондод дар ҶМШС Тоҷикистон мутаносибан ба 1700 нафар баробар буд.

Новобаста аз мушкилоти мавҷуда, нақшаи сохтмони роҳҳо дар муҳлатҳои муқарраргардида иҷро мешуданд. Илова бар ин, 1-уми феврали соли 1927 шуъбаи сохтмони роҳҳо таъсис ёфт, ки имконияти ворид намудани таҷҳизотҳои роҳсозӣ беҳтар гардид, дар нақшаҳои тарҳрезигардида тағйирот ворид шуд ва ҳамаи ин барои рушди соҳаи роҳсозӣ шароити мусоид фароҳам овард. Ҳолати хоҷагии халқи кишварро ба эътибор гирифта, ШКХ ҶШС Ӯзбекистон ба буҷаи маҳаллии ҶМШС Тоҷикистон барои солҳои 1927–1928 дар самти сохтани роҳҳои дорои аҳаммияти маҳаллидошта 606 ҳазору 73 рубл ҷудо кард [61, л. 8].

Дар давраи нуҳ моҳи соли 1927 ҳукумати кишвар ба соҳаи роҳсозӣ зиёда аз 422 ҳазор рубл ҷудо кард, ки ба таҳкими инфрасохтори нақлиётӣ равона гардид. Дар баробари ин, Комиссияи миллии сохтмони роҳҳо 346 851 рубл, Идораи нақлиёти маҳаллии Осиёи Миёна (САЗОМЕС) бошад, тақрибан 50 000 рубл барои таъмини маводди сохтмонӣ, аз ҷумла чӯб, семент ва оҳан барои сохтмони роҳҳо ҷудо намуд.

Бо дарназардошти аҳаммияти сохтмону навсозии роҳҳо ва ҳамчунин, аҳаммияти онҳо дар рушди хоҷагии халқ ва иқтисодиёти ҷумҳурӣ, 6-уми январи соли 1927 дар ҷаласаи навбатии Раёсати Шурои иқтисодии Осиёи Миёна масъалаи таъсиси шуъбаи Идораи нақлиёти маҳаллии Осиёи Миёна дар ҶМШС Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт. Вобаста ба ин, аз ҷониби ШКХ Тоҷикистон 23-юми марти соли 1927 нақшаи корӣ барои солҳои 1926–1927 таҳия ва тасдиқ гардид. Тибқи нақшаи мазкур, барои сохтмону навсозии роҳҳо ҷудо гардидани маблағҳо аз буҷаи Комиссариати халқии роҳҳои алоқа 564 ҳазору 991 рубл ва аз буҷаи ҶМШС Тоҷикистон зиёда аз 630 ҳазор рубл муқаррар гардид. Ғайр аз ин, Комиссариати халқии роҳҳои алоқа ҷиҳати харидории мошинҳо такроран 16 ҳазор рубли дигар ҷудо кард.

Роҳи Душанбе – Кӯлоб барои пайвасти пойтахт ба ҷанубии кишвар аҳаммияти махсус дошт. Ин роҳ на танҳо барои мувозинати иқтисодӣ, балки барои беҳтар кардани алоқаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ низ муҳим буд.

Ҳамчунин, роҳи Кӯлоб – Саройкамар, ки ба рушди тиҷорат ва боркашонӣ мусоидат мекард, бунёд гардид. Роҳи Саройкамар – Кӯлоб 116, 6 км дарозӣ дошта, гардиши боркашонӣ ба 280 пуд рост меомад. Бо дарназардошти нақши муҳимми иқтисодии минтақаи Кӯлоб, пешниҳод гардид, ки дар оянда роҳи оҳани Кӯлоб – Саройкамар низ сохта шавад [47, л. 525]. Муҳаққиқ Файзалиев Ш. қайд намудааст, ки 10-уми октябри соли 1927 сохтмони роҳи мошингарди самти Саройкамар ва ш. Кӯлоб, ки 125 км дарозӣ дошт, пурра ба анҷом расид [233, с. 151].

Дар робита ба ин, ҳукумати Тоҷикистон дар назди худ вазифа гузошт, то шабакаи роҳҳои сангфаршшударо бо мақсади дурнамои рушди кишвар созмон диҳад. Барқарорсозии роҳҳои сангфаршшударо барои пайвасти минтақаҳои гуногун ва осон намудани ҳамлунақли молу маҳсулот, таҳия карданд.

Ин вазифа ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим гардид, ки тибқи он, аввал такмили роҳҳои мавҷуда ва дуюм сохтмони роҳҳои навро дар бар мегирифт. Ба гурӯҳи аввал роҳҳои зерин дохил мешуд:

1. Файзобод – Кӯлоб бо дарозии 124 км барои соли 1927. Ҳамчунин, ба охир расидани корҳо ҷиҳати ба истифода додани роҳ ва ҳолати бехатарии он;

2. Қӯрғонтеппа – Кӯлоб бо дарозии тақрибан 95 км. Ин роҳ 24 ағбаи кӯҳӣ ва чанд роҳу пайроҳаро убур мекунад. Дар соли 1927 лоиҳа ва нақшаи тармими роҳ ҷорӣ карда шуд.

3. Файзобод – Балҷувон – Кӯлоб бо дарозии 124 км. Роҳ аз манотиқи хеле ноҳамвор мегузашт. Дар баъзе ҷойҳо баландӣ ба кунҷи 20 дараҷа мерасид [47, л. 537].

4. Чӯбек – Қалъаи Хумб бо дарозии 190 км. Ин роҳ минтақаи Кӯлобро бо Дарвоз ва Помир мепайвандад [47, л. 538].

Бояд қайд намуд, ки роҳҳои аҳаммияти ҷумҳуриявидошта рушди ҳаракати нақлиётро дар роҳҳои маҳаллӣ муайян мекунанд. Аз ин лиҳоз, талабот ба миён омада буд, ки бештари маблағро барои сохтмони роҳҳои аҳаммияти ҷумҳуриявидошта ҷудо намоянд. Бо дарназардошти он ки дар

соли 1927 қисматҳое аз шоҳроҳи Душанбе – Қӯрғонтеппа – Саройкамар ва бахше аз роҳи Саройкамар – Кӯлоб мавриди сохтмону навсозӣ қарор гирифта буданд, зарурат пеш омада буд, ки маблағгузории муайяне барои буҷаи соли 1928 муқаррар гардад [47, л. 540].

Дар солҳои 1927–1928, Комиссариати халқии Ӯзбекистон барои бунёди роҳҳои маҳаллии ҶМШС Тоҷикистон 606 073 рубл ҷудо намуд. Маблағҳои ҷудошуда барои беҳтар кардани инфрасохтори нақлиётӣ ва роҳҳо истифода шуданд.

Соли 1927 Комисариати халқии алоқаи роҳҳо (НКПС) бо ду қитъаи муҳимми роҳсозии 6 ва 13 таъсис ёфт. Дар ҳамин давра тадқиқот оид ба шоҳроҳи Душанбе – Кӯлоб оғоз шуда, ки 1-уми декабри соли 1927 ба итмом расид. Бо дарназардошти сохта шудани шоҳроҳи Душанбе – Қӯрғонтеппа – Саройкамар ва як қисми шоҳроҳи Саройкамар – Кӯлоб, корҳои роҳсозӣ ва таҳкими инфрасохтор идома ёфтанд [61, л. 62].

Аз тирамоҳи соли 1927 сохтмони роҳҳои мумфарш дар қаламрави кишвар оғоз гардид. Аз сабаби арзиши баланди корҳои сохтмону навсозии роҳҳо, оғоз намудани сохтмони роҳҳои мумфарш танҳо ба охири соли 1928 ва аввали соли 1929 рост омад. Охирҳои соли 1927 дар Тоҷикистон танҳо 275 км роҳҳои сангфарш мавҷуд буда, ҳамагӣ 137 км онҳо барои ҳаракати нақлиёти автомобилӣ мувофиқ буд [61, л. 62].

Новобаста аз ин, мувофиқи қарорҳои қаблан қабулшудаи сохтмони роҳҳо барои солҳои 1927–1928 тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, 414 073 рубл ва аз он 90 000 рубл барои сохтмони роҳи Саройкамар – Кӯлоб ҷудо карда шуд [58, л. 48].

Давоми солҳои 1927–1928 мисли солҳои қаблӣ, таваҷҷуҳи асосӣ ба сохтмони роҳҳои мошингард равона шуда буд. Дар ҳамин сол, роҳи Саройкамар – Кӯлоб бунёд ва барои истифода омода гардид. Техникаҳои асосӣ барои сохтмони роҳҳои Душанбе – Саройкамар – Фархор – Кӯлоб сафарбар шуда буданд [59, л. 123].

Чӣ тавре ки дар боло ишора намудем, аввалин автомобил ба шаҳри Сталинобод соли 1925 ворид карда шуд. Тибқи маълумотҳо, дар соли 1927 дар ҷумҳурӣ 17 адад автомобил мавҷуд буд ва бо дарназардошти талабот шумораи автомобилҳо то соли 1930 ба 319 адад расонида шуд [129].

Аввалин мошинҳои боркаш ва заминкишткунанда бошад, ба қисми ҷанубии Тоҷикистон дар солҳои 1928–1929 ворид карда шуданд. Баъди ба истифода додани роҳи мошингарди Қӯрғонтеппа – Ҷиликӯл – Саройкамар бо дарозии 110 км, дар моҳи октябри соли 1927 мусофиркашонӣ дар ин роҳ ба роҳ монда шуд.

Роҳи сангфарши Душанбе – Саройкамар – Фархор – Кӯлоб 4-уми октябри соли 1928 кушода шуда, нахустин автомобили тамғаи «Форд», ки дар ихтиёри ширкати пахтаи Душанбе буд, ба минтақаи Кӯлоб ҳаракат намуд. Автомобил масофаи 400 км-ро аз самти Душанбе – Қӯрғонтеппа – Саройкамар – Фархор – Хачирсовхоз (ҳоло Гулистон) дар муддати 30 соат тай намуда, дар ниҳоят ба Кӯлоб расид [270, с. 17].

Соли 1928 бунёди роҳи мошингарди Кӯлоб – Фархор бо дарозии 64 км оғоз ёфта, барои сохтмони он 128 000 рубл ҷудо гардид [62, л. 11]. Дар охири соли 1928 роҳҳои Душанбе – Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб ба анҷом расид. Бояд қайд намуд, ки дар соли 1927 барои бунёди ин роҳ 340 000 рубл ҷудо гардид, аммо бинобар нарасидани маблағ аз рӯйи нақшаи сохтмони роҳ, аз буҷаи ҶМШС Тоҷикистон 128000 рубли иловагӣ ҷудо карда шуд, вале сохтмони роҳ ба анҷом расонида нашуд. Барои бартараф намудани норасоии маблағ аз ҷониби «САЗОМЕС» 70 000 рубли ловагӣ ҷудо гардид [61, л. 54]. Ҳамзамон, ба идораи сохтмони роҳҳо супориш дода шуд, ки нақшаи сохтмони роҳҳои маҳаллиро дар доираи маблағгузории пешбинишуда дар муддати на дертар аз 15-уми майи соли 1928 барои тасдиқ ба ШКХ пешниҳод намоянд [58, л. 48].

Ҳамин тавр, 1-уми апрели соли 1929 Идораи роҳу нақлиёти ҶМШС Тоҷикистон таъсис дода шуд. Бо ташкили идораҳои роҳсозӣ корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯӣ оғоз ёфта, назорат аз болои онҳо аз ҷониби «Трансстрой» ва «Трансземстрой» анҷом дода мешуд. Соли 1929 Идораи

банақшагирӣ ва тадқиқоти роҳҳо (ДОРПРОИЗ) таъсис дода шуд, ки роҳбарии онро Савва Александрович Бойвол ба зимма дошт. Бояд қайд намуд, ки сардори минбаъдаи Идораи нақшакашӣ ва тадқиқоти роҳ Дмитрий Иванович Чернов ва сармуҳандиси идора Людвиг Слодзинский – Казимирович мутахассисони самти роҳи оҳан буданд. Баъдтар, «ДОРПРОИЗ» ба шуъбаи лоиҳакашӣ ва нақшакашӣ, Институти лоиҳакашии «Тоҷикпрострой» ва дар ниҳоят ба «Тоҷикгипротрансстрой» ҳамроҳ карда шуд. Бо вуҷуди муваффақиятҳои ба дастомада ҶМШС Тоҷикистон аз ҳисоби васеъ намудани шабакаи роҳҳо ҳамоно қафомонда буд. Сохтмони роҳҳо, ки таҳти назорати Тошканд қарор дошт, бо суръати паст пеш мерафт ва маблағҳои ҷудошуда маҳдуд буданд. Барои муташаккилона пеш бурдани корҳои роҳсозӣ, зарур буд, ки ташкилотҳои роҳсозӣ ба идораи мустақили ҷумҳурӣ гузаронда шаванд.

ШКХ Тоҷикистон дар асоси қарори Анҷумани XV Ҳизби Коммунистӣ 26-уми сентябри соли 1929 «Нақшаи панҷсолаи сохтмони роҳҳоро мутобиқи рушди умумииқтисодии ҷумҳурӣ» қабул кард [42, л. 7].

Мақсади асосии нақшаи панҷсола дар соҳаи роҳсозӣ таъмири шоҳроҳҳои муҳим, табдили пайроҳаҳо бо роҳҳои сангфарш ва беҳтар кардани роҳҳо барои колхозу совхозҳо буд. Сохтмони роҳ дар шароити минтақаи Кӯлоб хеле вазнин буд. Роҳсозон одатан, дар боронҳои пай дар пай, то зону зери барфу лой кор мекарданд. То октябри соли 1929 дар ҷумҳурӣ 88 км роҳҳои шағалпӯш, 981 км роҳҳои хокӣ ва 1647 км пайроҳаҳо вуҷуд дошт [64, л. 2].

Дар оғози нақшаи панҷсолаи аввал дарозии роҳҳои мошингузар 1644 км буда, аз онҳо танҳо 34 км сангфарш буданд. Шумораи пайроҳаҳо бошад тақрибан 11 ҳазор км-ро ташкил медод [182, с. 172]. Мақсади асосии нақшаи панҷсола дар соҳаи роҳсозӣ таъмини таъмиру навсозии шоҳроҳҳои муҳим, табдили роҳҳои хокӣ ба роҳҳои сангфарш ва беҳтар кардани инфрасохтори нақлиёт барои колхозу совхозҳо маҳсуб меёфт.

Бо вуҷуди афзоиши аҳаммияти роҳу роҳсозӣ, мушкилоти ҷиддӣ дар пешрафти соҳаи нақлиёт ва инфрасохтор ҳанӯз бартараф нагардида буд. Бо мақсади бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, дар нақшаи панҷсолаи аввал, такмили соҳаи роҳсозӣ ҳамчун як ҷузъи муҳимтарини бунёди инфрасохтор ва амалӣ намудани дигар иқдомоти иқтисодии кишвар муайян карда шуд. Ин нақша дарбаргирии сохтмони роҳҳои мошингарде буд, ки минтақаҳои ҷанубу шимолии Тоҷикистонро ба ҳам мепайваст ва барои ҳамгироии бештар хизмат мекард. Аз ҷумла, сохтмони роҳҳои мошингарди Тирмиз – Қабодиён – Ҷиликӯл – Кӯлоб ва Кӯлоб – Ховалинг – Балҷувон – Янги Бозор дар назар гирифта шуд [270, с. 18].

Моҳи апрели соли 1929 Конфронси XVI ҲК Тоҷикистон баргузор гардида, тасмими нақшаи панҷсолаи рушди иқтисоди миллӣ барои солҳои оянда гирифта шуд. Таҳияи нақшаи панҷсолаи ҶМШС Тоҷикистон моҳи майи соли 1927 оғоз ёфт, ки он дар маърузаи Раиси ШКХ ҶМШС Тоҷикистон А. Хоҷибоев дар ҷаласаи Раёсати КИМ ҶМШС Тоҷикистон «Дар бораи таҷдиди нақшаи дарозмуддати ҷумҳурӣ» ироа гардид. Дар нақшаи тараққиёт ба рушди хоҷагии роҳҳо аҳаммияти махсус дода шуд. Ҳадафи нақша пайвасти роҳи оҳан бо маркази ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва расонидани он ба Қӯрғонтеппа ҳамчун роҳи оҳани камбар равона гардид [123, с. 49]. Аз 6-ум то 15-уми июни соли 1930 Анҷумани якуми ҲК Тоҷикистон баргузор шуд, ки дар он масъалаи сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Қарорҳои дар анҷуман қабулгардида, ҳамчунин, ба рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ ва роҳсозӣ робита пайдо намуд, ки ҳадаф аз онҳо сохтмони роҳи Сталинобод – Кӯлоб буд [132, с. 482].

Дар аввали солҳои 30-юми асри XX сармоягузории умумии банақшагирифта ба сохтмони роҳҳо 131 млн рублро ташкил дод. Дар маҷмуъ, барои рушди иқтисоди миллӣ ва такмили соҳаи кишоварзӣ 981,10 млн рубл ҷудо гардид, ки ин миқдор нисбат ба соли аввали нақшаи панҷсола ду баробар зиёд буд. Истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти саноатӣ дар тули панҷ сол

42% афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар истеҳсоли умумии ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт дар соли 1932 ба 22% расонида шуд [132, с. 485].

Ҷиҳати иҷрои саривақтии вазифаҳо ва ҷалби аҳолии маҳаллӣ ба сохтмону таъмири роҳҳо дар қитъаи Кӯлоб – Муъминобод маҷлиси умумӣ аз ҷониби кумитаҳои иҷроияи шаҳрӣ, шурои шаҳрҳо, иттифоқи ҷуфтгарон, коргарони хоҷагӣ бо иштироки васеи оммаи мардуми маҳаллӣ баргузор карда шуд [49, л. 5].

Дар қисмати ҷанубии мамлакат дар панҷсолаи якум диққати асосӣ ба сохтмони роҳҳои маҳаллидошта бештар равона карда шуда буд [62, л. 11].

**Ҷадвали 1. Роҳҳои маҳаллӣ, ки барои сохтмон дар давраи 1928 то 1931 пешбинӣ шудаанд**

| Номи роҳҳо | Дарозӣ аз рӯйи км | Арзиши умумӣ | Маблағгузорӣ аз рӯйи сол | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Солҳои 1928-1929 | Солҳои 1929-1930 | Солҳои 1930-1931 |
| Кӯлоб – Муъминобод | 33 | 198000 | 90000 | 108000 | - |
| Кӯлоб – Ховалинг | 37 | 238000 | 100000 | 100000 | 38000 |
| Балҷувон–Кангурт | 18 | 171000 | 50000 | 60000 | 61000 |
| Балҷувон– Ғарм | 75 | 575000 | - | 65000 | 170000 |
| Кӯлоб – Фархор | 64 | 128000 | 128000 | - | - |
| Кӯлоб – Чӯбек– Баҳорак | 35 | 110000 | 50000 | 60000 | - |

Тарҳи нақшаи панҷсолаи аввали рушди иқтисоди миллии Тоҷикистон дар Анҷумани дуюми Ҳизби комунистӣ, ки аз 3 то 10-уми феврали соли 1929 баргузор гардид, мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифт. Дар анҷуман зарурати афзоиши суръати рушди иқтисодиёти Тоҷикистон дар муқоиса бо минтақаҳои марказии кишвар, бартараф кардани нобаробарии иқтисодӣ таъкид гардид. Ҳамчунин, дар анҷуман оид ба нақшаи панҷсола қарор дар бораи масъалаи вусъати сохтмони роҳҳои мошингард, роҳи оҳан ва рушди алоқаи автомобилӣ дар Тоҷикистон қабул гардид [125, с. 174].

Дар моҳи сентябри соли 1929, бо қарори ҷаласаи сеюми Шуроҳои ҶШС Ӯзбекистон, округи Хуҷанд ба ҶМШС Тоҷикистон ҳамроҳ карда шуд. Пас аз он, дар моҳи октябри ҳамон сол, ҶМШС Тоҷикистон мақоми Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистонро гирифт, ки барои мардуми тоҷик рӯйдоди муҳим ва таърихӣ маҳсуб меёфт. Ҳамон моҳ Анҷумани III фавқулоддаи ҷумҳуриявии шуроҳо расман эълом дошт, ки ҶШС Тоҷикистон

ҳамчун узви мустақими ИҶШС ташкил шудааст [240, с. 84-91]. Баъд аз таъсиси ҶШС Тоҷикистон, идораи роҳсозие, ки қаблан дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон қарор дошт, ба як сохтори мустақил табдил ёфт ва бо номи Саридораи шоҳроҳҳо ва роҳҳои ҶШС Тоҷикистон (Тоҷикглавдортранс) ба фаъолият оғоз кард. Соли 1929 Институти тарроҳии «Дорпроект» (Тоҷикгипротранстрой) таъсис дода шуд, ки дар як муддати кӯтоҳ тавонист ҳама иншооти сохтмониро бо ҳуҷҷатҳои зарурии лоиҳавию сметавӣ таъмин намояд. Соли 1935 озмоишгоҳи маводди сохтмонии роҳ ташкил карда шуд [258, с. 15].

Бо сабаби афзоиши истеҳсоли пахта, рушди саноат, таъсиси ноҳияҳои навтаъсис ва зиёд гардидани шумораи сокинон дар Тоҷикистон, ниёз ба бунёд ва таҷдиди роҳҳои муосир ба вуҷуд омад [276, с. 15].

Дар маҳалҳои душвори сохтмони роҳҳо баталёни минагир сафарбар карда мешуд. Дар ҳамин асос, барои ҳалли мушкилиҳои ҷоёдошта, ҳайати отряди 2-юми баталёни минагир ҷалб карда шуд. Кор аз 18-уми июл то 4-уми октябр бо рӯзи кории 8-соата ва аз 5-уми октябри соли 1929 бо рӯзи кории 9 соата гузаронида шуд. Байни дастаҳои шимолӣ ва ҷанубӣ мусобиқаи сотсиалистӣ ба таври васеъ ба роҳ монда шуд, ки боиси 35 рӯз пеш аз муҳлат ба итмом расонидани сохтмони роҳи мошингарди Душанбе – Кӯлоб тавассути Янги Бозор, Тутқавул ва Кангурт мусоидат карда, 5-ум октябри соли 1929 сохтмони он ба поён расид ва ҳаракати доимӣ тавассути он фаъол гардид.

Барои анҷоми бомуваффақияти сохтмон 120 коргар қадрдонӣ шуданд. Ба ҷойи 410 км пайраҳаҳои қаблӣ, 180 км роҳи мошингард сохта шуда, ба истгоҳи роҳи оҳани Янги Бозор дастрасӣ дошт, ки бо ин роҳ нон, пахта ва дигар молҳо аз ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб фиристода мешуд, ва аз он ҷо молҳои саноатӣ, масолеҳи сохтмонӣ, мошинҳои кишоварзӣ, нуриҳои минералӣ ба Кӯлоб ворид мегардиданд.

Маблағи умумии сармоягузорӣ барои сохтмони роҳҳои ҷумҳурӣ дар давраи солҳои 1926–1929 ба 4,3 млн рубл расид. Танҳо дар солҳои аввалини

нақшаи панҷсола (солҳои 1928–1929) аз буҷаи ҷумҳурӣ 950 ҳазор рубл ва аз буҷаи Комиссариати халқии роҳҳо (НКПС) 1266 ҳазор рубл ҷудо карда шуд [276, с. 17].

Сохтмони роҳ бомуваффақият пеш мерафт, аммо ба ҳамаи кӯшишҳо нигоҳ накарда, роҳсозон натавонистанд то охири соли 1929 роҳи мошингарди Қӯрғонтеппаро ба анҷом расонанд. Дар солҳои 1929–1930 дар Тоҷикистон барои сохтмони роҳҳо 5 млн 726 ҳазор рубл ҷудо ва муҳлати сохтмони роҳҳо тибқи нақша 2 сол муқаррар гардид [51, л. 63].

Барои кумак ба роҳсозон бо ташаббуси созмонҳои ҳизбӣ дар бисёр минтақаҳо кумитаҳои кумак ба сохтмон таъсис дода шуданд. Он замон коргарон уҳдадориҳои калон гирифта буданд, ки мақсад аз он сари вақт ва хушсифат анҷом додани корҳои сохтмонӣ буд. Аммо дар роҳсозӣ на ҳама корҳо хуб буд. Норасоии ҷиддии кадрҳо ба назар мерасид. Сохтмонро кормандони техникӣ танҳо 40% таъмин карда буданд. Дар ду соли панҷсола нақшаи сохтмони роҳҳо ҳамагӣ 24,7% иҷро гардид [276, с. 20].

Соли 1930 роҳи мошингарди Қӯрғонтеппа – Кӯлоб сохта шуд. Ҷиҳати саривақт ба анҷом расонидани сохтмону васлкунии роҳи мошингарди Қӯрғонтеппа то Кӯлоб аз ҷониби ҳукумати кишвар масъалаи саривақт ҷудо намудани маблағ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, 225 ҳазор рубл дар солҳои 1929–1930, 183,9 ҳазор рубл дар солҳои 1930–1931 ва 2322 ҳазор рубл дар солҳои 1931–1932 ҷудо гардид [63, л. 2].

Дар соли 1930 ба ҷойи туманҳо ва кентҳо, ноҳияҳо ва шуроҳои деҳот ташкил карда шуданд. 23-юми октябри соли 1930 ноҳияҳои Балҷувон, Кангурт, Ховалинг, Қизилмазор (ҳоло Темурмалик) ва Муъминобод таъсис ёфтанд.

Дар соли 1930 бо ташкили хоҷагиҳои коллективӣ дар Тоҷикистон заминаи асосии таҳкими инфрасохтор ва сохтмони роҳҳои нав дар сатҳҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ фароҳам омад. Хоҷагиҳои коллективӣ на танҳо барои беҳтар намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, балки дар маҷмуъ барои

беҳтар намудани соҳаи нақлиёт ва инфрасохтор дар минтақаҳои гуногуни кишвар аҳаммияти калон доштанд.

Дар рӯзномаи «Роҳи ленинӣ» омадааст, ки: Соли 1930 дар шаҳри Кӯлоб аввалин истгоҳи мошину тракторҳо (ИМТ) таъсис дода шуд, ки бо 25 адад трактори тамғаҳои «Фарзан» ва «Жандир» муҷаҳҳаз буданд. Ин истгоҳ бо мақсади тақвияти соҳаи кишоварзӣ ва фаъол намудани нақлиёт дар минтақаи ҷанубии Тоҷикистон ба роҳ монда шуд. Ин иқдом на танҳо барои таъмини фаъолияти хоҷагиҳои коллективӣ бо техника ва воситаҳои зарурӣ, балки барои пешрафти соҳаи нақлиёт ва иқтисодиёти ҷумҳурӣ аҳаммияти калон пайдо кард [164].

Дар ҳамин давра, барномаи бузурги роҳсозӣ дар ҷумҳурӣ барои соли 1931 ба нақша гирифта шуд. Барои бунёди роҳ аз буҷаҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ 12 млн 400 ҳазор рубл ҷудо гардид. То охири сол ба итмом расонидани сохтмони роҳи Янги Базор – Кӯлоб – Файзобод – Қалъа – Ҷиликӯл ва Кӯлоб – Қӯрғонтеппа ба нақша гирифта шуда, дар баробари ин, соли 1931 сохтмони роҳҳои Ховалинг – Саргазон, Данғара – Қӯрғонтеппа оғоз ёфт [65, л. 53]. Охири соли 1931 сохтмони роҳи мошингарди Помири Шарқӣ аз шаҳри Уш (Қирғизистон) то маркази вилоят - шаҳри Хоруғ бо дарозии 728 км шуруъ гардида, дар муддати се сол ба анҷом расид.

Моҳи майи соли 1930 сохтмони аввалин роҳи асосии сангфарш дар ҷумҳурӣ Душанбе – Қӯрғонтеппа сангфарш оғоз ёфт. Иншооти обёрии Вахш ва таъсиси «Тоҷикглавдортранс» дар ҳамон сол аз ҷумлаи корҳои муҳим ва аввалиндараҷа ба ҳисоб мерафтанд. Барои сохтмони роҳ 54 даста таъсис ёфта, коргарон нақшаи ҳаррӯзаро бештар аз 150 дарсад иҷро мекарданд. Ҳукумати марказӣ барои анҷоми сохтмони роҳ 400 ҳазор рубли иловагӣ ҷудо намуд. Сохтмон дар шароити вазнин, махсусан норасоии об, ки аз масофаи 40 км барои 3 ҳазор коргар оварда мешуд, соли 1932 ба итмом расид [260, с. 37].

Новобаста аз мушкилотҳои мавҷуда 16-уми декабри соли 1932 сохтмони роҳи Душанбе – Қӯрғонтеппа ба анҷом расид [176, с. 69]. Ин шоҳроҳ бо

коҳиш додани вақти интиқоли мол аз 3-4 рӯз ба чанд соат, тиҷорат ва логистикаро пурра тағйир дод. Ҳаҷми боркашонӣ, дар соли 1933 дар ин роҳ 10 ҳазор тоннаро ташкил додааст. Ба воситаи роҳи мазкур, пахта, нуриҳои минералӣ, масолеҳи сохтмонӣ, ғалладона, маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайра кашонида мешуд. Гардиши мол дар ин роҳ дар охири панҷсола чор маротиба афзоиш ёфт. Ҳамчунин, роҳ аввалин дар ҷумҳурӣ буд, ки бо қабати сангӣ пӯшонида шуд.

Бо мақсади беҳтар намудани идоракунии соҳаҳои роҳсозӣ, нақлиёт ва чорводорӣ 5-уми августи соли 1931 ШКХ ва КМ ҲК Тоҷикистон қарореро қабул кард, ки дар шароити гузариш ба иқтисодиёти саноатӣ ва таъсиси инфрасохтори нав мусоидат менамуд. Ин иқдом барои таҳким ва рушди соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва тиҷорат дар кишвар аҳаммияти стратегӣ дошт. Инкишофи нақлиёт ба Тоҷикистон имкон дод, ки минтақаҳо ва ноҳияҳо бо осонӣ ба ҳам пайваст шаванд. Комиссариати халқии ҶШС Тоҷикистон фаъолияти «Главдортранс»-ро зери назорати худ гирифт, ки дар натиҷа масъулият ва хидматрасонӣ дар соҳаи роҳсозӣ ва нақлиёт муташаккил гардонида шуд. Дар ин замина, сардори Главдортранс В. Д. Карамов, ки ҳамчун мутахассиси корозмуда дар таҳкими идоракунии марказии соҳаи нақлиёт ва роҳсозӣ фаъолият мекард аз ҷониби Комиссияи давлатии банақшагирӣ вазифадор карда шуд, ки лоиҳаи нақшаи сохтмону навсозии роҳҳоро барои солҳои 1932–1933 таҷдид ва пешниҳод намояд.

Таъсиси муҳити мусоид дар соҳаи роҳсозӣ ва нақлиёт дар асоси талаботи сиёсати иқтисодӣ барои Тоҷикистон, хеле муҳим арзёбӣ мешуд. Чӣ тавре ки И.А. Арефев ишора намудааст: «Мақсади асосии тадбирҳои роҳсозӣ ва банақшагирии инфрасохтори нақлиётӣ дар он замон ба даст овардани рушди устувор ва босуръат дар соҳаҳои нақлиёт ва роҳсозӣ, ҳамчунин кумак ба пешрафти иқтисодӣ ва беҳтар кардани шароити зиндагии мардум ба ҳисоб мерафт. Аз ин лиҳоз, қарор дар бораи банақшагирӣ ва идоракунии корҳои роҳсозӣ як қисми муҳимми стратегияҳои давлатӣ барои рушди Тоҷикистон, ҳамчун ҷузъи Иттиҳоди Шуравӣ маҳсуб меёфт. Ин тадбирҳо на танҳо дар

соҳаи роҳсозӣ, балки дар соҳаи саноат ва истеҳсолот низ аҳаммияти калон доштанд, ки дар ниҳоят ба саноатикунонии мамлакат ва рушди соҳаҳои мухталиф кумак мекард» [276, с. 20].

Дар давраи азнавсозии сотсиалистии кишоварзии аҳолӣ масъалаи фавран беҳтар кардани роҳҳо, хусусан дар соҳаҳои коллективкунонии пурра ба миён омад. Дар ин робита, КМ ҲК Тоҷикистон ва ШКХ ҷумҳурӣ 5-уми августи соли 1931 қарори қатъӣ дар бораи зарурати таъсиси шуъбаҳои роҳро дар ҳама соҳаҳо қабул кард.

Нокифоягии тадбирҳои умумии сохтмони роҳҳо ва рушди нақлиёти автомобилӣ дар Тоҷикистон бо шароити мушкил ва набудани роҳҳо боис гардид, ки байни эҳтиёҷоти ҳамлунақл ва имконияти мавҷуда фарқият пайдо шавад. Ин вазъият интиқоли саривақтии ғалладона ва дигар маҳсулоти истеҳсолиро ба минтақаҳои пахтапарварии ҷануби кишвар ва ҳамчунин, интиқоли ашёи хом тавассути роҳи оҳанро мушкил сохт, ки дар навбати худ, татбиқи барномаи пахтакорӣ ва ҳалли мушкилот дар водии Вахшро хеле душвор намуд. Дар ҳамин замина, «Главдортранс» дар соли 1932 супориш дод, ки барои бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта тамоми тадбирҳои лозимӣ андешида шаванд [176, с. 129].

Дар моҳи августи соли 1931 мусобиқаи сотсиалистии байни роҳсозон оғоз гардид. Яке аз чунин мусобиқаҳо дар раванди тармиму азнавсозии шоҳроҳи Тутқавул – Данғара баргузор карда шуд. Самараи ин гуна мусобиқаҳо буд, ки роҳсозон дар як муддати кӯтоҳ роҳи мазкурро бо дарозии 34,2 км дар моҳи ноябри соли 1932 ба итмом расониданд. Дар ҳамин давра роҳи мошингарди Данғара – Қӯрғонтеппа бо дарозии 70 км бо тарҳи нав навсозӣ карда шуда, 28-уми уми августи соли 1931 аввалин маротиба мошини боркаш аз Данғара ба ҷониби Қӯрғонтеппа ҳаракат кард.

19-уми феврали соли 1932, ШКХ ҶШС Тоҷикистон қарореро тасдиқ намуд, ки ба нақшаи сохтмони роҳҳо барои ҳамин сол дахл дошт. Бо ин қарор сохтмони шоҳроҳҳои Сталинобод – Қӯрғонтеппа ва Янги Бозор – Кӯлоб дар доираи маблағгузории Иттиҳоди Шуравӣ иҷозат дода шуд [176, с.

77]. Тамоми техникаи роҳсозӣ дар ҷумҳурӣ ба сохтмони роҳи Сталинобод – Қӯрғонтеппа сафарбар гардида, зиёда аз се ҳазор нафар коргарон ҷалб карда шуда, 16-уми декабри соли 1932 аввалин роҳи сангфарш мавриди истифода қарор дода шуд [258, с. 17].

Дар солҳои 30-юми асри XX сохтмони роҳи Янги Бозор – Кӯлоб бо суръати паст пеш мерафт. Барои сохтмони роҳи мазкур 2229 ҳазор рубл дар солҳои 1929–1930, 161 ҳазор рубл дар солҳои 1930–1931, 1024 ҳазор рубл дар солҳои 1931–1932 ва 160 ҳазор рубл дар солҳои 1932–1933 ҷудо гардид [63, л. 2].

Соли 1932 аз буҷаи умумииттифоқӣ барои сохтмони роҳҳои ҷумҳурӣ 8710 ҳазор рубл, аз буҷаи ҷумҳуриявӣ 2105 ҳазор рубл ва аз буҷаи маҳаллӣ 2400 ҳазор рубл ҷудо карда шуд. Дар натиҷа, сохтмони 596 км роҳҳои маҳаллӣ ба нақша гирифта шуд. Аммо воридоти маблағҳо, алахусус аз буҷа, нокифоя буд. Дар сохтмони роҳҳо иштироки бевоситаи аҳолӣ аҳаммияти махсус пайдо намуд. Дар ибтидо барои иҷрои нақшаи роҳсозӣ 2,8 млн рубл тасдиқ карда шуд ва сипас, бинобар озод шудани чандин минтақаҳои пахтакор аз иҷрои корҳои сохтмони роҳҳо ба монанди Кӯлоб, Кангурт, Муъминобод, Шурообод, Фархор, Арал (ҳозира Восеъ) ва ғайраҳо нақша то 2 млн рубл кам карда шуд. Бояд гуфт, ки маблағҳо барои сохтмони роҳҳо ё аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ намерасиданд, ё дар вақташ ворид намешуданд, ки ин ба таъхир афтодани иҷрои нақшаҳои роҳсозӣ оварда мерасонид.

То соли 1933 бунёд ва такмили 300 км пайроҳаҳои боркашонӣ ва 714 км роҳҳои дастрасӣ ба истгоҳҳои роҳи оҳан ба нақша гирифта шуда, сохтмони 5334 км роҳҳо, аз ҷумла 2855 км роҳҳои хокӣ, 1966 км роҳҳои кандакорӣ, 127 км сангфарш ва 566 км роҳҳои сангу шағал пешбинӣ карда шуд. Тибқи нақшаи панҷсола муомилоти боркашонии роҳҳои оҳани Тоҷикистон 460 млн тонна - км-ро ташкил медод [200, с. 10].

Дар натиҷа, нақшаи панҷсола якум барои сохтмони роҳҳо то 1-уми январи соли 1933 124% иҷро гардид. То он замон дар Тоҷикистон 6980 км роҳҳои дохилӣ мавҷуд буд. Дар соли 1932 боркашонӣ тавассути роҳҳои

автомобилӣ бештар аз 18,6 ҳазор тоннаро ташкил додааст [68, л. 121]. Механизми афзояндаи корҳои роҳсозӣ зарурати омодасозии кадрҳои соҳибихтисосро барои коргарон, мошинсозон, механизаторон ва ронандаҳо тақозо мекард. Барои таъмини рушди соҳаи роҳсозӣ, дар соли 1932 мактаби техникии ҷумҳуриявии роҳсозӣ таъсис дода шуд. Дар соли 1933 ин муассисаро 247 нафар хатм намуд, ки бештари онҳо, тақрибан 212 нафар тоҷикон ва ӯзбекон буданд. Ҳатмкунандагон аз рӯйи касбҳо ба ихтисосҳои гуногун, аз ҷумла 25 нафар устои роҳсозӣ, 25 усто, 32 мудири шуъбаҳои ноҳиявӣ ва 165 ронанда тақсим шуда буданд [67, л. 65].

Соли 1934 дар мактаби техникии ҷумҳуриявии роҳсозӣ 150 нафар донишҷӯён таҳсил мекарданд, ки 100 нафари онҳоро тоҷикон ва ӯзбекон ташкил медоданд. Ҳамчунин, дар назди мактаб курсҳои кӯтоҳмуддати ронандагӣ амал мекард. Дар ин муддат 130 нафар курси ронандагиро хатм намуданд, ки 112 нафарашон аҳолии маҳаллӣ буданд. Аз 1956 ронандае, ки дар Тоҷикистон кор мекарданд, 365 нафар ё 19,5% тоҷику ӯзбек буда, 38 нафар тоҷик ба ҳайси роҳбари шуъбаҳои ноҳиявӣ кор мекарданд [146].

Сохтмони роҳи мошингарди Уш – Хоруғ яке аз сохтмонҳои муҳим ва душвортарин дар панҷсолаи якум маҳсуб меёфт. Роҳи мазкур, барои Помир мавқеи стратегӣ ва иқтисодӣ дошт, зеро он на танҳо як шоҳроҳ ба минтақаи кӯҳистон буд, балки ҳамчун як ҳалқаи муҳимми пайвасткунандаи минтақаҳои кишвар ба ҳисоб мерафт. Бо мақсади аҳаммияти калон доштани сохтмони роҳи мошингарди Бадахшон, бюрои Кумитаи ВМКБ 16-уми июли соли 1932 қарор дар бораи таъсиси комиссияи махсус дар назди Кумитаи иҷроияи вилоят ба тавсиб расонид, ки вазифааш мусоидат ва назорати бевоситаи сохтмони роҳи мошингарди Уш – Хоруғ буд. Комиссияи мазкур масъул буд, то ҷараёни корҳои сохтмониро дар ҳама сатҳҳо, сар карда аз таъмини техника ва молия то иҷрои корҳои саҳроӣ ва кор бо коргарону мутахассисон таҳти назорати пайваста қарор диҳадад.

Ҳайати комиссияи мазкур аз кормандон ва мутахассисони соҳавӣ, аз ҷумла Г. Шералихонов, М. Гулмамадов, Карпов, Н. Сайвалӣ ва М. Макулшоев иборат

буд, ки барои таъмини иҷрои дуруст ва саривақтии ҳама гуна тадбирҳои сохтмонӣ ва ҷалби захираҳои лозимӣ масъул буданд. Баъд аз таҳлили вазъ дар сохтмони рҳи мазкур комиссия вазифадор гардид, ки нақшаи ҷалби ҳазор нафар коргаронро дар лоиҳаи сохтмону навсозӣ таҳия кунад.

Барои ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас дар шароити кӯҳистон комиссия лоиҳаҳои нав пешниҳод намуд. Қарор шуд, ки дар ҳар як бригада ячейкаи ҳизбӣ - комсомолӣ ташкил шуда, корҳои ташвиқотӣ-оммавӣ оғоз карда шаванд ва на камтар аз 50 коммунист ба сохтмон фиристода шавад. Кумитаи вилоятии ҳизб ба кумитаи вилоятии комсомол супориш дод, ки дар муҳлати кӯтоҳ 200 нафар комсомолро ба сохтмон сафарбар намояд. Ба ин тартиб, дар соли 1932 нақшаи сохтмон 125% ва нақшаи омоданамоии масолеҳ 121% иҷро шуд [169, с. 194]. Кумиати марказии ҳизб барои анҷом додани сохтмони роҳи Уш – Хоруғ дар қарори 14-уми январи 1933 ба кумитаи вилоятии «Помирстрой» супориш дод, ки сохтмонро то 1-уми сентябри 1933 ба охир расонанд. Ҳамин тариқ, сохтмони роҳи Помир ба кори умумихалқӣ табдил ёфта, дар он намояндагони миллатҳои гуногун ҷалб карда шуданд ва дар соли 1933 сохтмони роҳи Уш – Хоруғ пурра ба анҷом расонида шуд [283]. Соли 1934 пас аз гирифтани хулосаи охири мутахассисону муҳандисон, роҳи мошингарди Уш – Хоруғ, ки зиёда аз 732 км дарозӣ дошт ва як қисмати он дар баландии 4000 метр аз сатҳи баҳр мегузашт, ба истифода дода шуд.

Моҳи январи соли 1933 ширкати «Тоҷиктранс» таъсис ёфт, ки ба он зиёда аз 550 мошини боркаш, 13 автобус, 55 нақлиёти гуногун, 9 мошини махсус ва 2 трактор тааллуқ дошт. Ҳамзамон, артелҳои шутуркашӣ ва аробакашӣ низ фаъол шуданд, зеро ҳайвонот дар интиқоли борҳо нақши муҳим доштанд [157, с. 218].

Дар ташкилотҳои роҳсозӣ байни роҳсозон корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешуданд. Натиҷаҳои кор ҳаррӯза, даҳрӯза ва якмоҳа ҷамъбаст гардида, коргарон ба ҳар тариқа ҳавасманд мешуданд. Варақаҳо ва рӯзномаҳои деворӣ, рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ва марказӣ дар саҳифаҳои худ

мақола ва ёддоштҳо дар бораи сохтмони роҳҳо ва муваффақияти онҳоро чоп мекарданд [258, с. 17].

Дар натиҷаи қарорҳои Анҷумани II ҲК Тоҷикистон, ки 7–14-уми январи соли 1934 баргузор гардид, вазифаҳои минбаъда дар соҳаи сохтмони роҳҳо ва рушди нақлиёт муайян карда шуд. Анҷуман таъкид намуд, ки дар соли 1934, коргарони нақлиёти автомобилӣ бояд якчанд роҳҳои муҳимми аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллидоштаро бунёд кунанд, аз ҷумла, роҳҳои Душанбе – Ӯротеппа – Ленинобод – Тошкент, Қӯрғонтеппа – Ҷиликӯл, Ғарм – Ҳоит – Ҷиргатол, Кангурт – Балҷувон – Ховалинг, Қӯрғонтеппа – Данғара, Шурообод – Шоҳон ва сохтмони пул дар дарёи Вахш [3-М, с. 201-205].

Дар соли 1935 сохтмони чандин роҳи муҳим ва стратегӣ дар Тоҷикистон ба анҷом расид, ки барои пайвасти минтақаҳои гуногуни кишвар ва беҳтар кардани инфрасохтори нақлиётӣ дар кишвар аҳаммияти бузург дошт. Аз ҷумла, роҳҳои Узун – Ҷиликӯл, Пуғус – Такоб ва роҳи Хоруғ – Калъаи Вомар – Ванҷ, ки ноҳияҳои кӯҳии Помир, махсусан Ванҷро бо Хоруғ пайваст мекард, барои ҳаракати нақлиёт ва аҳолӣ кушода шуданд. Ҳамзамон, дар дарёҳои Сурхобу Вахш пулҳои доимӣ сохта шуданд, ки имкониятро барои гузариш осон ва бехатар кард. Ин пулҳо ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва афзоиши хидматрасониҳои нақлиётӣ кумак расонида, шароити ҳаракат ва рафтуомади мардумро беҳтар намуданд.

Дар ҳамин давра, сохтмони шоҳроҳҳои Янги Бозор ва Оби Гарм низ оғоз ёфт, ки барои пайвасти минтақаҳои маркази Тоҷикистон бо манотиқи кӯҳӣ муҳим буданд. Шоҳроҳҳои минтақа заминаи мусоиди рушди иқтисодӣ, тиҷорат ва бехатарии ҳаракат дар роҳҳоро фароҳам меоварданд.

Лозим ба ёдоварист, ки муҳимтарин пешравӣ дар бахши роҳсозӣ ин сохтмони шоҳроҳи Душанбе – Ӯротеппа – Ленинобод (ҳозира Суғд) – Тошканд дар соли 1935 бо дарозии 480 км буд. Ин шоҳроҳ пойтахти Тоҷикистонро бо шаҳри Тошканд пайваст мекард.

Ба истифода додани роҳи Душанбе – Тошканд имкон дод, ки минтақаҳои кӯҳии кишвар, ба монанди Шаҳристон, Мастчоҳ ва Заҳматобод

бо қисматҳои марказӣ ва шимолии ҷумҳурӣ пайваст шаванд. Ин пайвастшавӣ бо роҳи мошингарди мустақим ё шоҳроҳҳо, ҳамчунин, дар рушди саноат, тиҷорат ва робитаҳои тиҷоратӣ нақши муҳим дошт. Минтақаҳои кӯҳӣ, ки пештар аз якдигар ҷудо буданд, акнун имконият доштанд, ки ба осонӣ бо маркази кишвар ва кишварҳои ҳамсоя иртибот пайдо кунанд. Ин шоҳроҳ ба Тоҷикистон имкон дод, ки ба дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна пайваст гардида, ба рушди минтақаи Осиёи Миёна саҳмгузор гардад [44, л. 36].

Дар давраи солҳои 1926 то 1934, барои тақвияти инфрасохтор ва рушди низоми нақлиётӣ дар Тоҷикистон, аз буҷаи Иттиҳоди Шуравӣ маблағи 126,8 млн рубл ҷудо карда шуд. Аз ин маблағ, дар панҷсолаи аввал (солҳои 1926–1932) 74 млн рубл барои рушди роҳсозӣ дар Тоҷикистон сарф шуд. Дар солҳои 1933–1934, 52,838 ҳазор рубл барои идомаи сохтмон ҷудо гардид. Дар се соли аввали нақшаи панҷсолаи дуюм (солҳои 1934–1937), 112 млн рубл барои сохтмони роҳҳои нав ҷудо карда шуд, ки 68 млн рубл аз буҷаи Иттиҳод ва 44 млн рубл аз буҷаи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ буд. Бо истифода аз ин маблағҳо, сохтмони шоҳроҳҳо, роҳҳои мошингарди маҳаллӣ ва пулҳои муҳим амалӣ мешуданд.

Дар соли 1928 сармоягузорӣ барои сохтмони роҳ ба сари ҳар як сокини ҷумҳурӣ 1 рублу 45 тин ва дар соли 1934 бошад, ин нишондод ба 21 рублу 34 тин рост меомад. Хароҷот аз буҷаи умумииттифоқӣ 2,5 маротиба аз хароҷоти якҷояшудаи буҷаҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ бештар буд. Аз арзиши умумии сохтмони роҳҳо дар давоми нақшаҳои панҷсолаи аввал ва дуюм, 69,3% маблағҳо аз буҷаи умумииттифоқӣ ҷудо гардид [146].

Роҳҳои асосие, ки дар давраи аввали панҷсола сохта шуданд, на танҳо дар шароити муосир аҳаммияти худро гум накарданд, балки нақши боз ҳам муасир-тарро пайдо карданд. Дар панҷсолаи дуюми соли 1933–1937 барномаи васеи роҳсозӣ ба нақша гирифта шуда, хароҷоти асосӣ барои татбиқи он ба андозаи 13,36 дарсади тамоми сармоягузориҳо ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ пешбинӣ карда шуд. Бозсозии иқтисодиёт, ҳамчунин сохтмони васеи роҳҳо, рушди нақлиётро дар бар мегирифт. Дар солҳои 1926 то 1934, барои тақвияти инфрасохтор ва

рушди низоми нақлиётӣ дар Тоҷикистон, аз буҷаи умумииттифоқӣ 126,8 млн сомонӣ барои сохтмони роҳҳо ҷудо карда шуд [270, с. 19].

Бояд қайд намуд, ки сохтмони шоҳроҳи асосии ҷанубӣ, ки дар миёнаҳои солҳои 20-ум оғоз ёфта буд, соли 1933 ба итмом расид. Роҳи мазкур марказро бо тамоми минтақаҳои ҷануби ҷумҳурӣ пайваст намуд. Соли 1934 ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар роҳи Помир – Уш – Хоруғ оғоз гардид ва пас аз як сол роҳи Душанбе – Ӯротеппа (ҳоло Истаравшан) бо дарозии 200 км ба истифода дода шуд [236, с. 149].

Моҳи апрели соли 1935 КМ ҲК ИҶШС ва ШКХ ҶШС қарор «Дар бораи чораҳои рушди иқтисод ва сохтмони фарҳангии ҶШС Тоҷикистон»-ро қабул кард. Худи ҳамон сол тавассути дарёи Сурхоб пули доимӣ сохта шуд. Пули болои дарёи Яхсу алоқаи доимиро байни ноҳияҳои Бауманобод* (ноҳияи ҳозираи Панҷ) ва Кӯлоб таъмин мекард. Нақшаи шоҳроҳи Бауманобод – Фархор низ дар ҳамин давра ба итмом расид [176, с. 125]. Роҳҳои Балҷувон – Муъминобод – Шурообод – Ховалинг низ сохта шуданд, ки якдигарро бо ҳам пайванд намуданд. Аз Балҷувон то Сари Хосор роҳи автомобилии доимӣ вобаста ба фасли сол, фаъолият мекард. Дар маҷмуъ, соли 1935 дар мамлакат 514,4 км роҳҳои давлатӣ ва ҷумҳуриявӣ сохта шуда, 110,5 км таъмиру таҷдид карда шуданд [53, л. 37].

Дар давраи панҷсолаи дуюм (солҳои 1933–1937) барои сохтмон ва таҷдиди роҳҳо 131 млн рубл ё 13,36%-и ҳамаи сармоягузорӣ ба хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ҷудо карда шуд. Дар соли 1937 дарозии роҳҳои мошингарди ҷумҳурӣ наздик ба 7000 км, аз ҷумла зиёда аз 2 ҳазор км роҳҳои беҳтаршударо ташкил медод.

Дар панҷсолаи сеюм (солҳои 1938–1941) сохтмони роҳи мошингарди Қӯрғонтеппа – Кӯлоб ба нақша гирифта шуда, гардиши зиёди боркашонӣ дар самти Орҷоникидзеобод (ҳозира Ваҳдат) – Норак – Кӯлоб – Фархор – Бауманобод – Ҷиликӯл – Сталинобод (ҳалқаи ҷанубӣ) зарурати тезонидани корҳои сохтмониро пеш овард [54, л. 12].

Ҳамин тавр, пас аз барпо шудани Ҳокимияти Шуравӣ, Тоҷикистон ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, таваҷҷуҳи махсусро ба таҳкими

* Ин ном солҳои 1935-1963 ба шарафи инқилобчии рус Николай Бауман гузошта шуда буд.

инфрасохтори нақлиётӣ, бахусус роҳҳои асосӣ равона сохт. Яке аз шоҳроҳҳои калидии сохташуда шоҳроҳи Душанбе – Қӯрғонтеппа – Ҷиликӯл – Кӯлоб – Норак – Орҷоникидзеобод – Душанбе (ҳалқаи ҷанубӣ) ба ҳисоб мерафт, ки ҳаракати мустақими минтақаҳои ҷумҳуриро таъмин мекард.

Бо сохтани шоҳроҳҳо ва роҳҳои мошингард, ки қисмати зиёди онҳо роҳҳои мумфарш ва асфалтпӯш буданд, инфрасохтори нақлиётӣ дар Тоҷикистон инкишоф ёфт. Ин шоҳроҳҳо, ки дар давраи Шуравӣ на танҳо барои беҳтар кардани имконоти нақлиётӣ ва тиҷоратӣ дар кишвар, балки барои таҳкими алоқаи байни минтақаҳои кӯҳӣ ва дигар минтақаҳои иқтисодии ҷумҳурӣ низ нақши муҳим бозиданд. Масъалаи мазкур, махсусан, барои минтақаҳои дурдаст, ки бо сабаби шароити душвори ҷуғрофӣ ва табиӣ расидан ба марказҳои маъмурӣ мураккаб буд, аҳаммияти назаррас пайдо кард. Баъзе аз шоҳроҳҳо, ки сохта ва ба истифода дода шуданд, барои рушди иқтисодиёт ва пешрафти ояндаи Тоҷикистон хусусиятҳои муҳимми стратегӣ пайдо карданд.

## 2.2. Вазъи сохтмони роҳҳо дар солҳои Ҷанги Бузургӣ Ватанӣ ва барқарорсозии баъдиҷангӣ

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ иқтисодиёти ҶШС Тоҷикистон бар асоси як силсила тадбирҳо бозсозӣ ёфта ва аҳаммияти бештар ба таҷдиди навъҳои маҳсулоти ниёзи аввали ҳамон солҳо ва шароити ҷанг, тағйир додани коргоҳу корхонаҳо ва мутобиқ намудани онҳо ба шароити ҷангӣ, кам кардани истеҳсоли маҳсулоти ғайризарурӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти зарурӣ ба эҳтиёҷоти фронт, ворид намудани таҷҳизоти интиқолшуда аз маконҳои ҷангӣ, суръат бахшидани сохтмони корхонаҳои нав, тайёр кардани кадрҳои тахассусӣ барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, беҳтар намудани низоми нақлиёт, истифодаи самараноки захираҳои кишоварзӣ барои таъмини эҳтиёҷоти артиш ва зиёдшавиии майдони кишт, ҷалби олимону муҳаққиқон ба ҳалли мушкилотҳои ҳарбию иқтисодӣ нигаронида шуд [147].

Дар ин давра мушкилоти асосӣ дар соҳаи алоқа ва нақлиёт мушоҳида мегардид. Паркҳои мошинҳо кам гардид, ки ин ба мушкилоти алоқаи дохилӣ ва рушди иқтисодии кишвар монеа эҷод мекард. Ин мушкилот, бешак, боиси

кам шудани муассисаҳои ҳамоҳангкунандаи тиҷорат ва ҳаракати бору мусофирон гардид, ки ин ҳолат иқтисоди кишварро заиф мекард [133, с. 56].

Соли 1941 бо оғози ҷанг ва зарурати тақвияти робитаҳо, навсозии роҳи Душанбе – Кӯлоб оғоз ёфт. Роҳи мазкур барои таъмини робитаи маркази кишвар бо ҷануб аҳаммияти калон дошт. Навсозии роҳи Душанбе – Кӯлоб танҳо як қадам дар роҳи беҳтар кардани шабакаи нақлиётии кишвар буд.

Тибқи маълумоти А. Шарипов, дар оғози ҶБВ дар ҶШС Тоҷикистон 9203 км роҳ мавҷуд буд. Аз ин миқдор 1560 км-ро роҳҳои сангфаршшуда ташкил медод, ки онҳо ба талаботи муосир мувофиқ набуда, ба ҳаракати мунтазами боркашонӣ ва мусофирон мушкилот эҷод мекард ва ба таҷдиду навсозӣ эҳтиёҷ доштанд. Барои бозсозии роҳҳои сангфарш ба роҳҳои асфалтӣ ва дигар навъҳои роҳҳои муосир зарур буд, ки сатҳи роҳҳои нақлиётӣ ба талаботи ҷаҳонӣ ва маҳаллӣ мувофиқ гардонида шавад. Беҳтар кардани инфрасохтори нақлиётӣ на танҳо барои муҳити иқтисодӣ ва тиҷоратӣ, балки барои интиқоли ёрии гуманитарӣ ва ҳарбӣ низ зарурӣ буд. Дар натиҷаи ҷанг ва маҳдудияти захираҳо, бисёр аз роҳҳо ва инфрасохтори нақлиётӣ дар ҳолати сагнову вайронӣ қарор доштанд. Барои барқарор кардани онҳо, саъю кӯшиши зиёд ва захираҳои меҳнатӣ зарур буд.

Дар давраи мазкур роҳҳои муҳимтарин, ки дар минтақаҳои кӯҳии душворгузар, ба мисли Ванҷ, Ишкошим, Сангвор, Сари Хосор ва Ховалинг сохта шуданд, бо вуҷуди мушкилоти солҳои ҷангӣ ва шароити душвори табиӣ, бунёд гардиданд. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки дар солҳои ҶБВ (1941–1945) корҳо барои сохтмони роҳҳо дар ВМКБ мунтазам идома меёфт. Барои мисол, роҳҳои асосӣ ба мисли Развилка – Ванҷ (18 км), Хоруғ – Ишкошим (110 км), Мурғоб – Қизил Работ (145 км), Чечекдӣ – Рангкӯл (45 км) ва роҳи мошингарди атрофи Поршнев (5 км) ба итмом расонида шуданд. Раванди бетанаффуси сохтмони роҳҳо, ҳатто дар шароити ҷанг ва мушкилоти иқтисодӣ дар таҳкими пайвастагии минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ва беҳтар кардани инфрасохтори нақлиётии кишвар нақши муҳим гузоштанд [270, с. 23]. Мушкилоти ҷиддие, ки дар сохтмон мушоҳида мешуд, норасоии

корӣ ва мутахассисони роҳ, нақлиёт ва техникаи лозимӣ буд. Ба ин нигоҳ накарда, корҳои ба нақшагирифташуда сари вақт ба анҷом мерасиданд.

Мушкилии дигари ногузир дар ин самт он буд, ки ҷойи коргарон ва мутахассисони ба фронт рафтаро, коргарони ҷавони бетаҷриба, занони хонашин, наврасон иваз мекарданд. Аз сабаби нарасидани сӯзишворӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ, таъмини парки мошинҳо ва ҳайати корӣ қатъ гардида, ҳаҷми таъмири асосӣ якбора кам гардид.

Дар ин давра, барои тараққии соҳаи нақлиёт ва беҳтар намудани инфрасохтори он, 4,83 млн рубл сармоягузорӣ шуд, ки ин теъдод ба 7,7 дарсади ҳамаи сармоягузориҳо дар иқтисоди кишвар баробар ва барои он давра мувофиқ буд. Аксари маблағҳо ба сохтмон ва таъмири роҳҳо, нигоҳдории парки нақлиёт ва дигар инфрасохтори зарурӣ барои ҳаракати мусофирон ва боркашонӣ равона мешуданд. Бо ин маблағҳо Тоҷикистон тавонист, хатҳои нақлиёти барқароршуда ва навро бунёд намуда, ба талаботи хоҷагии халқ дар давраи ҷанг ҷавобгӯ бошад.

Ҳамзамон, бо нақлиёти роҳи оҳан нақлиёти автомобилии ҷумҳурӣ низ ба роҳи ҳарбӣ гузашт. Тақрибан 80 % тамоми паркҳо ба қисми Артиши Шуравӣ ва ҳамчунин, як қисми зиёди мошину механизмҳои роҳсозӣ интиқол дода шудаанд.

Ҷанги Бузурги Ватанӣ нақшаҳои сохтмони осоиштаи сотсиалистӣ ва рушди иқтисодии Тоҷикистонро ба таъхир андохт. Имконияти сохтмони минбаъдаи нақлиёт дар ҷумҳурӣ якбора кам шуданд. Мутахассисони беҳтарин дар бахшҳои роҳу нақлиёт барои дифои Ватан рафтанд ва корхонаҳои саноатии ҳарбӣ нигоҳдории дурусти воситаҳои нақлиётро надоштанд. Коҳиши шадиди воридоти сӯзишворӣ ва дигар маҳсулот ба ҷумҳурӣ тақвияти коркарди маъданҳои фоиданоки маҳаллиро талаб мекард, ки бояд интиқол дода шаванд. Бо ин мақсад, роҳҳои мошингардро дар назди кони ангишти Зиддӣ ва конҳои реги кварси Харангон, ки барои саноати мудофиавӣ зарур буданд ва баъзе қитъаҳои роҳҳо дар Помир сохта шуданд.

Идораи сарраёсати роҳҳои мошингард (Главдорупр) дар Тоҷикистон ҳамчун масъули асосии ташкили нақлиёт дар кишвар, нигоҳдории роҳҳо ва таъмини ҳаракати озодонаи молу мусофирон, хусусан барои интиқоли ёрии муҳимоти ҷангӣ амал мекард. Бо татбиқи қарорҳои ШКХ Иттиҳоди Шуравӣ ва КМ ҲК аз 28-уми феврали соли 1940 қабулгардида, дар Тоҷикистон якчанд раёсатҳои муҳим, аз ҷумла Раёсати идоракунии роҳҳо таъсис дода шуда, мақсади асосии он таъмини сохтмон ва нигоҳдории роҳҳои мошингард, ки шаҳр ва минтақаҳои стратегиро пайваст мекард, иборат буд.

Барои таҳкими инфрасохтори роҳҳои мошингард, раёсатҳои махсуси роҳҳо таъсис ёфтанд:

1. Раёсати идоракунии роҳи Сталинобод – Хоруғ №1, ки аҳаммияти стратегӣ дошта, бо ин роҳ миқдори маҳсулоту лавозимоти зарурӣ ба ҷабҳаҳои ҷанг интиқол дода мешуд.

2. Раёсати идоракунии роҳи Сталинобод – Заҳматобод – Ӯротеппа – Ленинобод №2, нақлиёт ва гардиши молу маҳсулотро дар минтақаи шимолу шарқи Тоҷикистон ва шоҳроҳҳои ба давлатҳои ҳамсоя гузаранда назорат мекард.

3. Раёсати идоракунии роҳи Орҷоникидзеобод – Кӯлоб – Ҷиликӯл – Қӯрғонтеппа – Сталинобод №3. Мақсади аслии сохтмони роҳ, ки бештар ба минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон нигаронида шуда буд, пайвасти нуқтаҳои муҳим дар минтақа бо мақсади интиқоли молу маҳсулот ба фронт буд. Ин раёсатҳо, на танҳо барои ҷанг, балки барои рушди иқтисодӣ ва молии кишвар дар солҳои баъд аз ҶБВ низ муҳим буданд [179, с. 76].

Бо дарназардошти аҳаммият ва мураккабии соҳаи роҳсозӣ дар ҷумҳурӣ, ШКХ ва КМ ҲК Тоҷикистон шуъбаи худмаблағгузорро (шуъбаи сохтмони роҳи Орҷоникидзеобод – Кӯлоб – Ҷиликӯл) бо тобеияти мустақим ба «Главдорупр» таъсис доданд [6-М, с. 72-75].

Тобистони соли 1941 сохтмони иншооти сеюми шоҳроҳи ҷанубӣ дар Тоҷикистон оғоз ёфт, ки як қисми тарҳҳои муҳимму стратегӣ барои рушди инфрасохтори нақлиёт ба ҳисоб рафта, барои интиқоли боркашонӣ ва

мусофирон дар шароити душвори ҷанг ва муҳити кӯҳистонии Тоҷикистон зарур буданд. Ташкилотҳо ва аҳолии маҳаллӣ дар амалҳои созандагии инфрасохтори стратегӣ фаъолона иштирок менамуданд. Кормандони ҳизб ва созмонҳои ҷамъиятӣ бо роҳандозии корҳои фаҳмондадиҳӣ мекӯшиданд аҳаммияти стратегӣ ва иқтисодии онҳоро ба кормандони соҳа ва сокинон равшан созанд.

Барои таъмини иҷрои саривақтии корҳои сохтмонии роҳи Сталинобод – Кӯлоб – Ҷиликӯл – Қӯрғонтеппа – Сталинобод (ҳалқаи ҷанубӣ), сардори шуъбаи «Главдорупр» бо фармони № 331 аз 1-уми октябри соли 1941 Алексей Александрович Умаров ва сардори сохтмони ин роҳ, вазифадор шуданд, ки се бахши нави сохтмони роҳро дар масофаи байни Орҷонқонидзебод ва Кӯлоб ташкил диҳад [69, л. 133].

Дар соли 1942, сохтмон дар самти роҳи Орҷоникидзеобод – Кӯлоб – Кировобод (ҳоло Панҷ) – Ҷиликӯл – Қӯрғонтеппа – Сталинобод бо дарозии 516 км ва Қӯрғонтеппа – Данғара – Кангурт, Тутқавул – Данғара анҷом дода шуд. Идораи нигоҳдории роҳҳои № 817 Ҷиликӯл – Шаҳритус – Айваҷ то сарҳадди Ӯзбекистон бо дарозии 194,5 км таъмир карда шуд.

ШКХ ҶШС Тоҷикистон 26-уми январи соли 1943, №79 қарор дар бораи таҳкими хоҷагиҳои коллективии ноҳияи Ёвонро қабул кард, ки дар он гуфта шудааст: бо кумаки кормандони колхозҳои ноҳияи Ёвон дар нимаи аввали соли 1943 сохтмони роҳи 20 км аз маркази ноҳияи Ёвон то шоҳроҳи Сталинобод – Кӯлоб ба анҷом расонида шавад.

Маҷлиси роҳсозон дар Тоҷикистон 9-10-уми январи соли 1943 баргузор гардид, ки дар он натиҷаҳои нақшаи роҳсозӣ барои соли 1942 ҷамъбаст гардид [174, с. 72]. Ин масъала дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб низ хуб роҳандозӣ шуда буд.

Ташкилоти ҳизбии шурои ноҳияи Сари Хосор дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба сохтмон ва ҳолати роҳҳо дар минтақа диққати махсус медод. Дар аввали соли 1943 сохтмони роҳи мошингарди Балҷувон – Сари Хосор оғоз

гардид. Таҳти роҳбарии раисони шурои деҳоти Даштишуро Тоҳиров ва Афардӣ Сафаров ҳар рӯз дар бунёди ин роҳ беш аз 300 нафар кормандони колхоз ҷалб мешуданд [273]. Дар ин давра ба маъмурияти роҳсозии вилояти Кӯлоб 5 идораи нигоҳдории роҳҳо дохил мешуд, ки ба 754,4 км роҳҳо хидмат мекарданд. Ин роҳҳо ба қитъаҳои гуногун тақсим карда шуда буданд [69, л. 130-131].

**Ҷадвали 2. Қитъаҳои гуногуни роҳ**

| № ИИР | Макони ИИР | Намуди болоии роҳ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Сиёҳ | | Макони ИИР | Сиёҳ | | Макони ИИР |
| 2 | Курғонтеппа (ҳоло Бохтар) | 26,00 | 1,70 | 118,3 | 39,00 | | 185,00 |
| 3 | Кировобод (ҳоло Панҷ) | | | 46,10 | 63,30 | 40,60 | 150,00 |
| 4 | Чормағзак | | | 93,00 | 171,0 | | 264,00 |
| 5 | Кӯлоб | | 4,00 | 44,00 | 67,10 | 14,30 | 129,4 |
| 6 | 9 км | 3,50 | 20,0 | 2,50 | 340,4 | | 20,00 |
| Ҷамъ: | | 29,50 | 5,70 | 303,9 | | 54,9 | 754,4 км |

Ин шабакаи роҳ минтақаҳои гуногуни ҷануби кишварро бо пойтахти ҷумҳурӣ пайваст намуда, барои ҳамлунақли пахта ва ғалладона истифода мешуданд.

Соли 1943 Идораи роҳсозии ҷумҳурӣ таъмири асосии роҳҳоро дар самтҳои зерин ба анҷом расонид [210] (Нигаред ба ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Анҷоми таъмини асосии роҳҳо дар самтҳои гуногун**

| Намуди кор | Нақшаи соли 1941 | харҷнома | Амалигардонӣ бо арзиш | % иҷроиш аз рӯйи харҷнома | % харҷнома |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. Сохтмони нав: сохтмони роҳи мошингардӣ Орҷоникидзеобод (ҳоло Ваҳдат) – Кӯлоб маблағгузорӣ, натиҷа: | 1500,0 | 358,6 | 379,5 | 23,90 | 105,82 |
| Аз ҷумла:<br>а) корҳои сохтмонӣ | 1220,0 | 210,3 | 231,2 | 17,23 | 109,93 |

| Идомаи ҷадвали 3 | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| б) тадқиқот, банақшагирӣ ва назорати техникӣ | 40,0 | 31,3 | 31,3 | 78,28 | 100,0 |
| в) харидорӣ | 100,0 | 11,0 | 117,0 | 117,0 | 100,0 |
| г) истифодаи муваққатӣ | 140,0 | — | — | — | — |
| Маблағгузории умумӣ бо дарназардошти иштироки меҳнатии аҳолӣ | 200,0 | 63 | 6,3 | 3,15 | 100,0 |
| 2. Таъмири асосӣ | 280,0 | 84,0 | 95,5 | 30,57 | 70,29 |
| Таъмири асосии роҳи мошингардӣ Сталинобод - Қӯрғонтеппа – Ҷиликӯл. Маблағгузории умумӣ. Аз ҷумла: иштироки меҳнатии аҳолӣ | 60,0 | 9,8 | 9,8 | 16,33 | 100,0 |
| Истифода, нигоҳдорӣ | 1350,0 | 1011,1 | 1004,0 | 74,89 | 99,34 |
| Бо дарназардошти меъёрҳои кандан | 1183,8 | 762,7 | 133,0 | 64,42 | 106,46 |
| Натиҷа: | 2678,8 | 1931,5 | 1943,5 | 72,0 | 100,93 |
| Аз ҷумла: иштироки меҳнатии аҳолӣ | 410,0 | 308,4 | 308,4 | 75,22 | 100,00 |

Соли 1943 дар Тоҷикистон нақшаи сохтмони роҳҳо 23,9 %, таъмир 30,2%, истифодабарӣ 74,9% иҷро шуд. Мушкилоти асосӣ дар иҷро нагардидани нақшаҳо, асосан дар норасоии маводди сохтмонӣ, сӯзишворӣ, нақлиёти хизматрасонӣ ва қувваи корӣ ба назар мерасиданд. Барои харидории таҷҳизоти сохтмонӣ ва васоити нақлиёт, ба ғайр аз маблағгузории идоракунии роҳ, ҳамчунин, аз иншооти истифодабарӣ ба маблағи зиёда 162 ҳазор рубл таҷҳизоти гуногун харидорӣ карда шуд [69, л. 150-153].

Дар фасли зимистон, бо сабаби бориши барфу борони зиёд роҳи Шурообод – Даштиҷум барои ҳаракати мошинҳо корношоям мешуд. Аз ин рӯ, аз 1-уми июн то 6-уми июли соли 1945 колхозчиёни ноҳияи Даштиҷум бо иштироки 200 нафар роҳро пурра бо қувваи худӣ, мустақилона таъмир карданд [237].

Бо мақсади таъмини иҷрои нақшаи содироти ғалла аз минтақаҳои дурдаст ва интиқоли маҳсулоти зарурӣ барои маъракаи киштукори баҳорӣ, ШКХ ҶШС Тоҷикистон ва КМ ҲК Тоҷикистон 28-уми феврали соли 1945 қарор «Дар бораи беҳтар кардани роҳҳо дар масирҳои интиқоли ғалладона ва сӯзишворӣ барои маъракаи кишти соли 1945»-ро қабул кард [128, с. 22].

Дар робита ба ин, аз ҷониби сардори идораи роҳсозии асосии назди ШКХ ҶШС Тоҷикистон Анисимов дастур дода шуд, ки барои тоза кардани роҳҳо аз барф ва шағал, ҳамчунин беҳтар кардани гузариш дар ҷойҳои душворгузар чораҳои зарурӣ андешида, дар қитъаҳои роҳҳои Орҷоникидзеобод – Кӯлоб, Данғара – Кангурт ва Фархор – Кировобод (ҳоло н. Панҷ) механизмҳои зарурӣ, мошинҳои сабукрав ва нақлиёти аспӣ тамин карда шавад.

Ба воситаи нақлиёти автомобилӣ дар зимистони солҳои 1944–1945 ба меҳнаткашони ВМКБ зиёда аз 130 ҳазор пуд маҳсулотҳои гуногуни ниёзи мардум ба монанди орд, шакар, намак, собун, матоъ, пойафзол, гугирд фиристода шуданд, ки ин ба солҳои пешазҷангӣ баробар буд. Танҳо молҳои саноатӣ нисбат ба соли 1944 2,5 маротиба зиёдтар фиристода шуданд. Дар ин давра аҳолии ноҳияҳои ВМКБ - Аличур ва Мурғоб барои моҳҳои зимистон пурра таъмин карда шуданд.

Парки автомобилҳои Комиссариати халқии нақлиёти автомобилӣ то оғози ҷанг зиёда аз 1300 адад нақлиёти дар ҳолати корӣ қарордошта дошт. Дар охири моҳи сентябри соли 1945 теъдоди нақлиёти парки мазкур тақрибан 100 адад мошинро ташкил медод. Боқимондаи мошинҳо, ки аз ҷиҳати техникӣ ба категорияи 3-юм дохил мешуданд, хеле фарсуда шуда буданд ва ё дар ҳолати корношоямӣ қарор доштанд. Мошинҳои мавҷуда, ки бояд талаботи замон ва шароити ҷангиро қонеъ мекарданд, бо дарназардошти мушкилоти техникии худ, наметавонистанд интиқоли молу маҳсулот ва ёрии заруриро ба хоҷагиҳои қишлоқ ва аҳолӣ саривақт таъмин намоянд.

Ҳиссаи ҳайвоноти боркаш дар ҳамлу нақл ва интиқоли молу маҳсулот дар давраи ҷанг хеле назаррас буда, истифода аз онҳо дар минтақаҳои дурдаст ва кӯҳии Тоҷикистон бештар ба назар мерасид. Аз 8 то 10% -и ҳаҷми умумии интиқоли борҳо ба ҳайвоноти боркаш рост меомад.

Хадамоти мусофирбарӣ дар ин давра қариб аз байн рафта, танҳо ду нақлиёти автомобилӣ ба мусофирон дар роҳи Сталинобод – Қӯрғонтеппа хизмат мерасонид.

Барои таъмиру барқарорсозии роҳҳо дар солҳои ҷанг асосан қувваи аҳолии маҳаллӣ – колхозчиён истифода мешуд. Барои мисол, колхозчиёни ноҳияи Ёвон корҳои таъмиру барқароркуниро дар роҳи Ёвон – Обикиик ба анҷом расониданд, ки дар он зиёда аз 300 нафар сафарбар гардида буданд. Яке аз колхозҳои пешқадам дар соли 1945 колхози ба номи Карл Маркси ноҳияи Ёвон ба ҳисоб мерафт, ки барои таъмири қитъаи роҳи ба колхозҳо таъиншуда 97 колхозчиён ва 60 хари боркашро сафарбар карда буд. Дар муддати кӯтоҳ онҳо 24 км роҳҳои ноҳияро таъмир намуданд. Дар ҳамин сол дар ноҳияи Регар (ҳоло Турсунзода) зиёда аз 5 км роҳи Регар – Пахтаобод таъмир карда шуд.

Масъалаи омода кардани мутахассисони соҳаи роҳу нақлиёт низ ба талабот ҷавобгӯ набуд. Усули омода кардани мутахассисони соҳаи роҳу нақлиёт ва ронандаҳои воситаҳои гуногуни нақлиётӣ, ки бе ҷудошавӣ аз истеҳсолот дар вақти шабона то сентябри соли 1945 амал мекард, натиҷаҳои самарабахшро ба бор наоварданд [215, с. 16].

18-уми марти 1946 нақшаи панҷсолаи чорум (солҳои 1946–1950) дар иҷлосияи якуми Шурои Олии ИҶШС тасдиқ карда шуд. Ҳадафи асосии иҷлосия барқарорсозии тамоми соҳаҳои иқтисодиёт пас аз ҷанг, бахусус ба соҳаи нақлиёт ва роҳсозӣ нигароинда шуд [4-М, с. 72-76].

Яке аз вазифаҳои асосии нақшаи панҷсолаи панҷум барқарорсозии инфрасохтори роҳу нақлиёт, ки аз таъсири ҷанг зарари ҷиддӣ дида буданд, махсуб меёфт. Ҷиҳати иҷрои ин ҳадаф, бояд роҳҳои мошингарди таъмирнашударо дар кишвар ба ҳолати қаноатбахш расонида, парки автомобилӣ пурра карда мешуд.

Барномаи барқарорсозӣ, ки бо дастгирии давлат ва ташкилотҳои масъул таҳия карда шуд, ҳадаф дошт, ки ба зудӣ инфрасохторӣ нокифоя ва вайроншударо барқарор ва навсозӣ кунад.

Нақшаи тараққиёти хоҷагии халқи ҶШС Тоҷикистон дар соли 1946, ки ба нақшаи ягонаи хоҷагии халқи ИҶШС дохил мешуд, аз зарурати зудтар ба

роҳи сохтмони осоишта гузарондани тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ маҳсуб меёфт.

Дар соҳаи кишоварзӣ тадбирҳо барои азхудкунии майдонҳои нави корам, афзоиши истеҳсоли пахта ва ғалладона, захираи хӯрока барои чорво, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва ҳамчунин, рушди минбаъдаи абрешимпарварӣ ва боғдорӣ пешбинӣ гардиданд.

Бо гузашти вақт, таваҷҷуҳи хос ба бунёди роҳҳои мумфарш ва нигоҳдории роҳҳои стратегӣ ва муҳим зоҳир гардид. Роҳҳо, ки дар давраи ҷанг бо сабаби кам будани маблағгузорӣ аз истифода баромада ё осеб дида буданд, бояд таъмир ва бозсозӣ мешуданд. Барқарор кардани роҳҳои мусофирбар ва боркашонӣ ба иқтисодиёт ва таъмини минтақаҳо бо маҳсулоти зарурӣ нақши муҳим мебозид.

Барои барқарор кардани қитъаҳои фарсудашудаи роҳҳо, ба хусус дар минтақаҳои дурдасти Тоҷикистон, деҳқонони колхозҳо ҷалб карда мешуданд. Ин кори муҳимми ҷамъиятӣ буд, ки дар он аҳолии маҳаллӣ, махсусан деҳқонон, саҳми назаррас доштанд. Масалан, дар аввали солҳои баъдиҷангӣ дар қисмати ҷануби Тоҷикистон бо кумаки деҳқонони колхозу хоҷагиҳои коллективии Қизилмазор (ҳоло Темурмалик), Ҷантоқӣ ва Қушқия бештар аз 400 км роҳҳо таъмиру навсозӣ карда шуданд. Ҳангоми таъмир ва барқарорсозии роҳҳо, деҳқонон на танҳо дар бунёди роҳҳо кумак мекарданд, балки, ҳамчунин, ба таъмини хароҷотҳои зарурии ашё ва манбаъҳои мавҷуда мусоидат мекарданд.

Барқарор кардани қитъаҳои фарсудашудаи роҳҳо ва сохтмони роҳҳои нав дар Тоҷикистон ба рушди иқтисоди миллӣ кумак расонид. Ин амалҳо дар кумак ба пайвасти минтақаҳои дурдасти кӯҳӣ мусоидат карданд. Ба ин васила, иқтисодиёти кишвар рушд меёфт, имкони интиқоли маҳсулот ва молҳои зарурӣ ба минтақаҳои аҳолинишин ва стратегӣ зиёд гардида, дар баробари ин бехатарии онҳо таъмин карда мешуд [168].

Пас аз анҷоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ то охири солҳои 40-ум шабакаи роҳҳои мошингард 8203 км-ро ташкил медод, ки аз он 1651 км бо истифода

аз шағал сохта шуда буд [137, с. 125]. Дар чаҳорчӯбаи нақшаи панҷсолаи 1946–1950 (панҷсолаи чорум) барои такмили инфрасохтори нақлиётӣ ва роҳсозӣ дар Тоҷикистон маблағгузории маҳаллӣ дар ҳаҷми 51 млн рубл пешбинӣ шуд, ки аз он 27,6 млн рубл барои анҷоми корҳои асосӣ, ба иқтисодиёти минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ ҷудо гардид [214].

Баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва дар давраи баъдиҷангӣ кишвар дар шароити мушкил қарор дошт. Яке аз мушкилоти асосӣ хуб набудани вазъи шабакаи роҳи оҳани Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Аз ҳамин ҷиҳат нақши роҳҳои мошингард дар таъмини алоқа миёни минтақаҳо ва рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар аҳаммияти бештар пайдо мекард.

Шабакаи роҳҳои мошингарди Тоҷикистон дар солҳои баъдиҷангӣ ва дар доираи нақшаҳои панҷсола барои равобити минтақаҳои гуногуни кишвар ва таъмини шароити боз ҳам беҳтару хубтари ҳаракати нақлиёт густариш ёфт. Вале бо вуҷуди васеъшавии назарраси шабакаи роҳҳо, ҳамоно, гардиши солонаи афзояндаи молу маҳсулот ба талабот ҷавобгӯ набуд. Аз ҳамин лиҳоз, ҳукумати умумииттифоқӣ ба шабакаи роҳҳо дар ҶШС Тоҷикистон таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекард. Қарор дар бораи нақшаи панҷсолаи рушди иқтисодиёти миллии ҶШС Тоҷикистон пешниҳод кард, ки шабакаи роҳҳо ба 2744 км расонида шуда, 732 км роҳҳо таъмир карда шаванд, ҳамчунин, сохтмони купрӯкҳо, беҳбудӣ ва нигоҳдории роҳҳоро зарур донист [179, с. 89].

Вазифаи асосии роҳсозони на танҳо барқарор кардани қитъаҳои фаромӯшшудаи роҳҳо, балки оғози сохтмони роҳҳои мумфарш ва сохтани иншооти доимии сунъӣ, ташкил ва дуруст ба роҳ мондани истифодаи техникии роҳҳо, таъмир, нигоҳдорӣ ва ободонӣ буд.

Раиси ШКХ ҶШС Тоҷикистон М. Қурбонов дар ҷаласаи якуми Шурои Олии ИҶШС суханронӣ карда, таъкид намуданд, ки иқтисодиёти дар ҳоли рушди Тоҷикистон бо воситаҳои мавҷудаи коммуникатсионӣ таъмин карда нашудааст ва дар айни замон норасоии воситаҳои нақлиёт ба рушди минбаъдаи қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷумҳурӣ монеа ҷиддӣ ба вуҷуд

овардааст. Мо хоҳиш мекунем, ки ба нақшаи сохтмони шохаи роҳи оҳан аз истгоҳи Урсатевск (ҳоло Ҳавос) то шаҳри Ӯротеппа (ҳоло Истаравшан) бо ҳаҷми сармоягузории 68 млн рубл ва сохтмони роҳи оҳани қитъаи Қӯрғонтеппа – Кӯлоб бо ҳаҷми сармоягузории 20 млн рубл дохил карда шавад. Аз ин рӯ, дархост мекунем, ки ҳаҷми сармоягузории асосиро барои сохтмони роҳҳо дар ҷумҳурӣ, иловатан то 43 млн рубл зиёд кунед. Ин имкон медиҳад, ки роҳи Сталинобод – Хоруғ васеъ карда шуда, шоҳроҳи Сталинобод – Кӯлоб аз нав сохта шавад. Илова бар ин, барои таъмири парки нақлиётӣ ва сохтмони корхонаи таъмири мошинҳо дар шаҳри Сталинобод хоҳиш карда мешавад, ки 6 млн рубли иловагӣ ҷудо менамудед [179, с. 82].

Кӯшишҳо барои барқарорсозии иқтисодиёти ҷумҳурӣ қабл аз қабули нақшаи чоруми барқароркунии баъдиҷангӣ (1946–1950) оғоз ёфт. Дар панҷсолаи нав аз соли 1946 кашондани ашёи хом, сӯзишворӣ ва маҳсулоти тайёр зиёд шуд. Агар дар соли якуми нақшаи панҷсола гардиши боркашонӣ 24,2 ҳазор тонна бошад, пас дар соли 1950 ин нишондод 394,5 ҳазор тоннаро ташкил медод.

Аз Қарори ШКХ ҶШС Тоҷикистон аз 23-юми июли соли 1945, №637 «Дар бораи пешрафт ва истифодаи шабакаи роҳҳои мошингарди ҷумҳурӣ» маълум мегардад, ки иҷрои нақшаи солонаи корҳои сохтмонӣ барои роҳҳои асосӣ то 1-уми июли соли 1945 ба андозаи 18% ва иҷрои нақшаи ҳифзи роҳҳо 60%-ро ташкил додааст. Омилҳои аслии ин камбудиҳо дар набудани камии захираҳои инсонӣ, таъсири ҷанг, норасоии мутахассисони касбӣ ва техникӣ буд. Дар солҳои баъдиҷангӣ, ки ба рушди иқтисод ва инфрасохтор диққати бештар дода мешуд, на танҳо бояд маблағгузорӣ ва кӯшишҳо бештар мешуд, ҳамчунин, стратегияи мувофиқ барои рафъи монеаҳои ҷорӣ ва рушд дар соҳаи роҳсозӣ ва нигоҳдорӣ низ амалӣ мешуд. Роҳандозии аз роҳбарони ҳукумати Тоҷикистон ва Иттиҳоди Шуравӣ тақозо мекард, ки ҷиҳати дастгирии лоиҳаҳои роҳсозӣ ва инфрасохтори он, дар барномаҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат мусоидат намоянд [183, с. 248-249].

Шурои Комиссарони халқи Иттиҳоди Шуравӣ бо фармони № 17213-Р аз 30-юми ноябри соли 1945 ба Сардори идораи асосии сохтмони роҳҳои Артиши Сурх-Кондратев иҷозат дод, ки дар моҳи декабри соли 1945 барои рафъи камбудиҳо 3 трактор, 2 грейдер, 10 муҳаррики барқӣ ва 3 мошини боркашро ба Идораи асосии роҳҳои назди ШКХ ҶШС Тоҷикистон интиқол диҳад, ки ин иқдом як қисми кӯшишҳои Ҳукумати Шуравӣ барои рушди инфрасохтори роҳу нақлиёти Тоҷикистон дар шароити баъдиҷангӣ буд [179, с. 89].

27-уми марти соли 1946 Комиссариати халқии нақлиёти автомобилӣ ба Вазорати нақлиёти автомобилии ҶШС Тоҷикистон табдили ном кард. Нимаи дуюми ҳамин сол аз шаҳри Кишенёви Молдова 287 мошинҳои тамғаҳои гуногун ба Тоҷикистон ворид карда шуда, дар заминаи онҳо дар шаҳри Сталинобод автобазаи №3 ташкил карда шуд. Баъд аз ин, дар Тоҷикистон таҷдиди саросарии роҳҳо бо рӯйпӯшҳои аз шағал ва маводди сангҳои майда бо равғани вазнин коркардшуда оғоз ёфт. Роҳсозони тоҷик ба иҷрои ин вазифаҳо ҷиддӣ муносибат менамуданд. Бо саъю талошҳои онҳо соли 1946 дар дарёҳои Қизилсу, Сирдарё, Ванҷ, Яғноб, Кофирниҳон, Хингов, Зарафшон, Бартанг ва Сурхоб 12 пули калон ва якчанд гузаргоҳҳо сохта шуданд.

Дар соҳаи роҳу нақлиёт ҳоло ҳам мушкилиҳои зиёд мавҷуд буд. Танҳо пас аз таъсиси Истгоҳи мошину роҳҳо (ИМР) дар соли 1948 бо Қарори ҳукумати ИҶШС, воридоти техникаи нави роҳсозӣ ба Тоҷикистон ба таври ҷиддӣ оғоз ёфт. Ҳукумат барои такмил ва навсозии инфрасохтори нақлиётӣ ва роҳсозӣ аз таҷҳизоти муосир ва техникаи роҳсозии пешрафта истифода бурд. Қарор барои таъсиси истгоҳҳои мошину роҳҳо, ки ҳамчун марказҳои асосии таъминот, нигоҳдории техникӣ барои роҳсозӣ, ҳамчунин барои амалишавии лоиҳаҳои гуногуни роҳсозӣ фаъолият мекарданд аҳаммияти калон дошт. Бо таъсиси ин истгоҳҳо, ба соҳаи роҳу нақлиёт техникаи муосир ва замонавии роҳсозӣ ворид карда шуд. Ин кор ба беҳтар шудани таъминоти

моддию техникии ташкилотҳои роҳсозӣ ва бартараф кардани мушкилоти мавҷуд дар коркард ва нигоҳдории роҳҳо мусоидат кард.

Аз соли 1948 барои беҳтар кардани сифати роҳҳо ва устувории онҳо аз мазут (маҳсулоти нафтӣ) истифода мешуд, ки ин ба рушди шабакаи роҳҳо дар Тоҷикистон оварда расонд. Дар натиҷа, байни солҳои 1950–1956 шабакаи умумӣ роҳҳо 22 маротиба афзоиш ёфта, ба рушди иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ ва алоқаи нақлиётӣ мусоидат намуд [270, с. 24].

Ҳангоми таҷдиду азнавсозии роҳҳои рӯпӯшашон сахт роҳсозон сангу шағалро бо маҳсулоти нафтӣ омехта мекарданд. Бояд қайд намуд, ки нафтро дар он вақт аз кони нафти Ҷарқурғони ҶШС Ӯзбекистон ворид мекарданд. Мутахассисон дар ҳамин давра бо усулҳои геофизикӣ як кони гази Қизилтумушқ ва ду кони нафти Кичикбел ва Оқбошадирро кашф намуданд, ки онҳо барои боз ҳам вусъат ёфтани роҳсозӣ мусоидат намуд [295].

Дар роҳҳои мошингарди дорои аҳаммияти ҷумҳуриявидошта, таваҷҷуҳи бештар ба идомаи сохтмони роҳи Орҷоникидзеобод – Кӯлоб – Ҷиликӯл зоҳир карда мешуд [214]. Он замон Идораи роҳи Орҷоникидзеобод – Кӯлоб – Ҷиликӯл – Сталинобод масъули ҳафт қитъаи роҳ буд [70, л. 26]. Яке аз онҳо қитъаи нигоҳдории роҳ №15 ба шумор мерафт. Ин қитъа дар маркази вилояти Кӯлоб ҷойгир буда, 90 км роҳи мошингардро дар бар мегирифт, ки 33,8 км он шағалӣ буд. Соли 1949 ин қитъа дар ихтиёри худ як адад истгоҳи баркӣ, як адад трактори грейдерҳои Гт 8, ду адад ЧТЗ 60 – 2 адад, як адад мошини ЗИС-5, ду адад грейдерҳои Гт 12, як адад мошинҳои Газ-лл 1,5 т дошт [70, л. 320].

Дар ноҳияи Кӯлоб нақшаи сохтмони роҳу пулҳо дар нимаи аввали соли 1947 ҳамагӣ 78 дарсад иҷро гардида, таъмири 8 км роҳро дар деҳаи Лағмон ба анҷом расонида шуд. Дар ду тарафи ин роҳ барои бехатарии нақлиёт 1000 дарахти тут шинонда шуд [171].

Дар ин давра барои баланд бардоштани суръати сохтмони роҳҳо шароити мусоид фароҳам оварда шуда, дар ноҳияи Шурообод (ҳоло Ш. Шоҳиин) дар охири соли 1948 бо ташаббуси раисони колхозҳои Шчор, Қизил

Ӯзбекистон, Жданов ва Қизил Шарқ сохтмони роҳҳоро то деҳаи Ҷилга ба охир расониданд. Соли 1949 бошад, колхозчиёни Шурои колхозии деҳаи Ёхсуи боло аз маркази ноҳияи Ховалинг то деҳаи Ёхсуи боло 75 км роҳи мошингард сохта ба истифода доданд [248].

Бояд қайд намуд, ки дар солҳои 40–50-ум роҳҳои муҳим ва стратегӣ, ба монанди Хоруғ – Тузкӯл ва Вахон – Ишкошим ба истифода дода шуданд. Ин роҳҳо боиси рушди бемайлони иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат гардиданд, зеро онҳо ба алоқаи байни минтақаҳои гуногуни кишвар, ҳамчунин бо ҷумҳуриҳои ҳамсояи Осиёи Миёна, кумак намуданд. Мавриди амал қарор додани ин роҳҳо, сатҳи зиндагии аҳолии минтақаҳои марзии Тоҷикистонро беҳтар гардонида, ба рушди устувори иқтисоди мамлакат мусоидат намуд [216, с. 102].

Хулоса, дар давраи пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҶШС Тоҷикистон ба барқарорсозии иқтисодӣ ва инфрасохтори нақлиётӣ шуруъ намуд. Як қисмати муҳимми он сохтмони роҳҳо ва таъмири шоҳроҳҳо, ки барои пайваст кардани минтақаҳои гуногуни кишвар ва таъмини рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолӣ нигаронида шуда буд, аҳамиияти бузурги стратегӣ дошт.

Ҳадафи аслии сохтмони роҳҳо ва инфрасохторӣ нақлиётӣ дар Тоҷикистон дар пасманзари зарурати ба миёномада, сохтмони роҳҳои нақлиёти мошингард ва баланд бардоштани марзҳои иртиботӣ бо кишварҳои ҳамсоя, ҳамчунин, пайваст кардани минтақаҳои кӯҳистон бо маркази ҷумҳурӣ маҳсуб меёфт. Новобаста аз мушкилотҳои мавҷуда, дар ин давра чандин роҳҳои муҳим бунёд ва азнавсозӣ карда шуданд, ки аҳаммияти стратегӣ ва иқтисодӣ доштанд. Аз ҷумла, сохтмони шоҳроҳи Орҷоникидзеобод – Кӯлоб – Кировобод – Ҷиликӯл – Қӯрғонтеппа, Қӯрғонтеппа – Данғара – Кангурт, Тутқавул – Данғара – Сомончӣ дар соли 1950-ум ба анҷом расонида шуданд. Як қисми муҳимми ин кӯшишҳо дар рушди соҳаи роҳу нақлиёт сохтмони пулҳо дар дарёҳои асосии Тоҷикистон ба монанди Вахш, Варзоб, Кофарниҳон ва дигар дарёҳо буд.

Роҳи асфалтпӯш як ҷузъи муҳим ва зарурии инфрасохтори нақлиётӣ ба ҳисоб мерафт, ки на танҳо барои пайваст кардани марказ ба минтақаҳои дурдаст, балки барои беҳтар кардани шароити зиндагии мардум ва рушди соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ нақши калон дошт. Барои сохтмони роҳҳои асфалтпӯш, ба қадри имкон захираҳо ва маводди заруӣ бо кумаки ҳукумати Иттиҳоди Шуравӣ ҷудо ва таъмин мешуд. Ҳамзамон, бо беҳтар кардани роҳсозӣ ва пайвастагии минтақавӣ, Тоҷикистон аз усулҳои муосир дар соҳаи нақлиёт ва логистика истифода намуд [98, с. 95]. Сохтмони пулҳо ва таъмири роҳҳо заминаи рушди иқтисодиёти кишвар, хусусан, дар соҳаҳои кишоварзӣ ва саноатро фароҳам овард.

Дар ин давра бо беҳтар гардидани ҳолати алоқаи нақлиётӣ, сохтмону азнавсозии роҳҳои нав, дастрасии аҳолӣ ва корхонаҳои саноатӣ, ҳамчунин хоҷагии қишлоқ ба молу маҳсулоти арзон боиси рушди иқтисодии Тоҷикистон гардид. Мукаммал гардонидани инфрасохторӣ нақлиётии Тоҷикистон пас аз ҶБВ яке аз ҷузъҳои муҳим дар барқарорсозии иқтисоди кишвар маҳсуб меёфт. Бо ба анҷом расидани лоиҳаҳои роҳсозӣ, пайвастшавии минтақаҳо таъмин гардиданд ва он дар рушди хоҷагии халқи кишвар ва беҳтар шудани шароити зисти мардум, махсусан, минтақаҳои кӯҳистон мусоидат намуданд.

Ҳамин тариқ, барои таъмини пайвастагии минтақаҳо дар ҳама фаслҳо, бахусус дар фасли зимистон, ҳукумати кишвар кӯшиш намуд, ки барномаҳои махсусро барои коҳиш додани монеаҳои табиӣ, махсусан, дар шароити кӯҳистон таҳия намояд. Масалан, роҳҳо дар масири кӯҳии Тоҷикистон дар фасли зимистон бо барф пӯшида мешуданд ва ҳаракати нақлиётро ба минтақаҳои кӯҳӣ душвор мекард. Ба монанди шоҳроҳҳои Анзоб, Шаҳристон ва Хобуробод, ки дар фасли зимистон баста мешуданд, иртибот бо маркази ҷумҳурӣ фақат тавассути алоқаи ҳавоӣ имконпазир буд. Тоҷикистон баъд аз анҷоми ҷанг камбуди зиёди молиявӣ дошт ва дар буҷаи кишвар захираҳои моливӣ маҳдуд буд. Аз ин рӯ, таҳия ва амалӣ кардани лоиҳаҳои сохтмонӣ бо захираҳои маҳдуд ва шароити шадиди ҷанг хеле мушкил буд.

Аз таҳлил ва таҳқиқи боби якуми рисола хулоса баровардан мумкин аст, ки:

– дар солҳои 20–40-уми асри XX дар шароити сиёсати саноатсозии босуръати кишвар барои ташаккули соҳаи роҳ ва нақлиёт заминаи мусоид фароҳам оварда шуд. Дар ин марҳала аввалин роҳҳои мошингард ва роҳи оҳан сохта шуд, ки барои пайвасти минтақаҳои ҷумҳурӣ, ҳамчунин бо дигар ҷумҳуриҳои умумииттифоқӣ мусоидат карданд;

– ташаккули хоҷагии роҳ дар ин давра ба таври назаррас ба рушди иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон таъсири мусбӣ расонид. Сохтмони роҳҳои нав, ки минтақаҳои саноатӣ, кишоварзӣ ва аҳолинишинро пайваст мекард, имкониятҳои интиқоли молу маҳсулот ва хизматрасониро беҳтар кард. Рушди соҳаи роҳ дар беҳбудии вазъи иқтисодӣ, афзоиши гардиши молу маҳсулот, тиҷорат ва беҳтаршавии шароити зисту зиндагии мардум нақши муҳим бозид.;

– дар ин марҳила инфрасохтори роҳсозӣ босуръат ташаккул ёфт. Сохтмони роҳҳои мошингард ва роҳҳои маҳаллӣ ба таври васеъ ба роҳ монда шуд, ки ин ба рушди нақлиёти автомобилӣ мусоидат карда, ба яке аз рукнҳои асосии хоҷагии роҳ табдил ёфт. Ин раванд ба осон кардани интиқоли молу ашё, тавсеаи бозорҳо ва пайвастшавии минтақаҳо ба шабакаи умумии иқтисодӣ замина гузошт;

– солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо вуҷуди мушкилиҳои зиёд, сохтмони роҳҳо идома ёфт, зеро ин соҳа барои таъмини озуқа, силоҳ ва техникаи ҳарбӣ аҳаммияти стратегӣ дошт. Инкишофи роҳсозӣ дар ин давра ба ҳолати ҷангӣ мутобиқ гардонида шуда, барои кумак ба артиш ва ҳифзи марзҳо истифода гардид. Пас аз анҷоми ҷанг, раванди барқарорсозии инфрасохтори роҳсозӣ дар Тоҷикистон бо суръати баланд оғоз ёфта, беҳтар кардани ҳолати роҳҳо, васеъ намудани шабакаи роҳҳо ба яке аз ҳадафҳои асосии ҳукумати Тоҷикистон табдил ёфт. Барқарорсозии роҳҳо ба рушди босуботи иқтисоди мусоидат намуда, шароити мусоидро барои рушди иҷтимоӣ кишвар фароҳам овард;

– дар ин давра рушди соҳаи роҳсозӣ ва татбиқи барномаву нақшаҳои марбут ба он ҳам аз ҷониби ҳукумати ҶШС Тоҷикистон ва ҳам ҳукумати умумииттифоқӣ дастгирӣ мегирифт, ки ин ба рушду пешрафти соҳа заминаи мусоид гузошт;

– бо барпо шудани ҳокимияти Шуравӣ дар Осиёи Миёна ва таъсиси ҷумҳуриҳои нав соҳаи роҳсозӣ ва инфрасохтори он ба худ хусусият ва шакли навро касб карда, ба талаботи замон мувофиқ гардонида шуд;

– маҳз дар ҳамин давра мутахассисони соҳибтаҷриба ва касбии маҳаллӣ дар соҳаи роҳсозӣ ва идора кардани нақлиётҳои гуногун ба миён омаданд;

– таъсиси шабакаи роҳҳо ва инфрасохтори нақлиётӣ маҳалҳоро бо марказҳо ва ҷумҳуриҳои ҳамсоя мепайваст, ки ин ҳамлунақли борҳоро афзун карда, рушди минбаъдаи иқтисодӣ – иҷтимоии Тоҷикистонро таъмин намуд;

– бар асоси баррасиҳо ва хулосаҳои бадастомада маълум гардид, ки пешрафти соҳаи роҳсозӣ ва инфрасохтори он дар Тоҷикистон ба омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ вобастагӣ дошт. Пешрафт ва ташаккули соҳаи роҳу роҳсозӣ ба рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимои мамлакат шароити мусоидро фароҳам овард.

# БОБИ 3. АҲАММИЯТИ БУНЁДИ ШАБАКАҲОИ РОҲИ ОҲАН ВА АВИАТСИЯИ ГРАЖДАНӢ ДАР ТАРАҚҚИЁТИ ХОҶАГИИ ХАЛҚӢ ҶШС ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Вазъи шабакаҳои роҳи оҳан ва шаклгирии он дар солҳои 20-40-уми асри ХХ дар Тоҷикистон

Роҳи оҳан ҷузъи муҳимми инфрасохтори нақлиёти Тоҷикистон буда, дар пешрафти иқтисоди миллӣ нақши ҳалкунанда ва стратегӣ дорад. Ҳамчунин, роҳи оҳан дар ҳамлунақли мн дар дохил ва берун аз кишвар саҳми назаррас дошта, дар пешбурди соҳаҳои энергетика, истихроҷи маъданҳои гуногун, кишоварзӣ ва саноати сабук мусоидат мекунанд. Роҳи оҳан ва ҳавоӣ дар таъмини амнияти иқтисодии кишвар ва роҳандозии ҳамкориҳои судманд миёни кишварҳои ба мо дӯсту наздик нақши калидӣ доранд. Вобаста ба ин, рушди инфрасохтори роҳи оҳан ва ҳавоӣ барои танзими раванди истеҳсолот ва таъсиси ҷойҳои кории нав низ аҳаммияти бузург дорад.

Ҳудуди Тоҷикистон, ки мавқеи мураккаби ҷойгиршавӣ ва ҷуғрофӣ дорад, ки 93 %-и қаламрави онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, сохтани роҳи оҳан дар чунин шароит аз лиҳози теникӣ хеле мушкил мебошад. Илова бар ин, бунёди чунин роҳҳо маблағ ва воситаҳои зиёди техникиро тақозо мекунад. Аммо тараққиёти кишоварзӣ бевосита бо роҳсозӣ, махсусан, бо сохтмони роҳҳои оҳан алоқаманд аст. Бесабаб нест, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон роҳҳоро «рагҳои хунгузар»-и кишвар номидаанд [340].

Сохтмони роҳи оҳан дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза аз миёнаҳои асри XIX, аз замоне ки ҳукумати Русияи подшоҳӣ ба мақсади таҳкими мавқеи сиёсӣ ва иқтисодии худ дар Осиёи Миёна ба бунёди инфрасохтори нав, аз ҷумла роҳи оҳан, шуруъ намуд, оғоз ёфт, Дар он замон сохтмони роҳи оҳан асосан дар ду самт шуруъ карда шуд. Самти якум, аз Красноводск (аз соли 1983 Туркменбошӣ) гузашта, шаҳрҳои Марӣ, Бухоро, Самарқанд ва Тошкандро ба ҳам пайваст мекард. Самти дуюм, Оренбургро бо Тошканд

пайваст менамуд. Ин роҳҳо маркази минтақаҳои гуногун, аз ҷумла, маркази Русияро бо минтақаи ҷанубии Осиёи Миёна ба ҳам пайваст намуда, ба рушди тиҷорат, интиқоли молу маҳсулот ва рафту омади мусофирон мусоидат мекард.

Аммо, сарзамини имрӯзаи Тоҷикистон, ки дур аз маркази Аморати Бухоро ҷойгир буд, барои сохтмони роҳи оҳан тамоман мувофиқ набуд. Аз ин рӯ, он пешравиҳои технологӣ ва инфрасохторӣ, ки дар дигар қисматҳои Осиёи Миёна амалӣ шуда буданд, ба Тоҷикистон дертар расид.

Минтақаи шимолии Тоҷикистон ба роҳи оҳан, ки тавассути кишвари ҳамсарҳад Ӯзбекистон мегузашт, то андозае аз дастовардҳои пешрафтаи илму техника истифода мекард. Минтақаҳои кӯҳии кишвар бошанд, бо сабаби дар шароити кӯҳистон ҷойгир шуданашон аз ин пешравиҳо дар канор монда буданд. Аз ин рӯ, вазъи инфрасохтори нақлиёти Тоҷикистон дар давраи мавриди таҳқиқ ҳанӯз хеле паст ва ба талаботи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар номувофиқ боқӣ монда буд [264, с. 12].

Бояд гуфт, ки Осиёи Миёна барои Русияи подшоҳӣ манбаи арзони ашёи хом, махсусан пахта ва пилла ба шумор мерафт. Соли 1874 аз тарафи сармоягузорон ва тоҷирони Маскав, аввалин пешниҳодҳо барои бунёди роҳи оҳан дар Осиёи Миёна ва пайвасти он ба Русия карда шуд. Аммо, мақомоти давлатӣ, бахусус масъулони молиявӣ, ин сохтмонро барои иқтисоди Русия пурхароҷот мешумориданд [335]. Дар ибтидо мақомоти молиявии Русия сохтмони чунин роҳҳоро дастгирӣ намекард, аммо вазъи сиёсию низомии Русия сохтмони роҳ оҳанро дар Осиёи Миёна на танҳо ба миён гузошт, балки тезонид. Пас аз он ки англисҳо дар Ҳиндустон ва олмониҳо дар Эрон сохтмони роҳҳои оҳанро оғоз карда, мавқеи худро дар ин манотиқ мустаҳкам карданд, императори Русия Александри II ба генерал-лейтенант Михаил Анненков супориш дод, ки барои густариши роҳҳои оҳан дар Осиёи Миёна чораҳои зарурӣ андешад. Корбарии хатти якуми роҳи оҳан байни Урсатевская ва Андиҷон соли 1880 шуруъ шуда, соли 1895 ба анҷом расид ва ин як иқдоми муҳимми таҳкими иртиботи иқтисодӣ ва тиҷоратии Осиёи

Миёна бо Русия маҳсуб меёфт. Ин лоиҳа, ки бо мақсади таъмини талаботи рӯзафзуни шаҳру ноҳияҳои марказӣ, бахусус пахта ва ҳамчунин беҳтар кардани алоқаи байни водии Фарғона ва дигар минтақаҳо анҷом дода шуд, аҳаммияти стратегӣ ва иқтисодӣ дошт. Роҳи оҳани мазкур, ки 109 км он аз қаламрави шимолии Тоҷикистон мегузашт, Ҳуҷандро бо шабакаи роҳҳои оҳани Русияи подшоҳӣ пайваст менамуд. Соли 1889 сохтмони роҳи оҳан аз минтақаҳои Нов, Хуҷанд ва Конибодом ба самти Фарғона ба поён расида, бо роҳи оҳани Самарқанд – Андиҷон пайваст шуд ва ин шабака дар маҷмуъ як қисми роҳи оҳани Фарокаспий гардид.

Қитъаи якум, қисмати роҳи оҳани Самарқанд – Андиҷон ба ҳисоб мерафт. Қаторахо дар истгоҳҳои Спиридоново (ҳоло Спитамен), Драгомирово (Ҷаббор Расулов), Хуҷанд, Қайроққум Завадская (Гулистон), Қароқчикум (Веревкино), Маҳрам, Ковалский (Маданият), Мелниково (Конибодом), Қурғонча ва Исфара меистоданд. Номи ин истгоҳҳоро дар «Атласи роҳи оҳан», ки соли 1948 дар шаҳри Москва омода гардидааст, пайдо намудан мумкин аст [16-М, 68-75].

Соли 1904 Русияи подшоҳӣ тарҳрезии сохтмони роҳи оҳани Бухороро шуруъ кард, аммо бо сабаби оғози ҷанг бо Ҷопон дар ҳамон сол, ин лоиҳа муваққатан боздошта шуд. Соли 1906 роҳи оҳани Красноводск ва Оренбург пайваст шуданд. Онҳо аз ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон – Хуҷанд ва Конибодом мегузаштанд. Шимоли Тоҷикистон ба марказҳои асосии иқтисодӣ ва фарҳангии Осиёи Миёна тавассути роҳи оҳани Хуҷанд – Драгомирово бо дарозии 90 км роҳ ёфт.

Дар соли 1911 созишнома дар бораи сохтани ду хатти мустақил: Қаршӣ – Коркӣ – Тирмиз ва Қаршӣ – Ғузор – Тирмиз ба имзо расид.

Аз соли 1908 то 1916 роҳи оҳани Фарғона бунёд ёфт, ки бо пайвасти роҳҳои Хуқанд – Намангон – Андиҷон ва шохаҳои Бухоро – Когон – Каршӣ – Калиф – Самсоново – Тирмиз ва Қаршӣ – Ғузор – Китоб, дарозии умумии он 585 км-ро ташкил медод [60, л. 402].

26-уми августи соли 1911 муҳандиси роҳсоз А.Н. Ковалевский барои корҳои лоиҳакашӣ ва банақшагирии сохтмони роҳи оҳани Бухоро аз истгоҳи Когон то Тирмиз бо хатти Қаршӣ – Китоб иҷозат гирифт. Баҳори соли 1912 аз ҷониби ӯ лоиҳае пешниҳод шуд, ки дар он хатти роҳи оҳани Когон – Қаршӣ – Тирмиз (283 км) ва шохаи аз Қаршӣ то Китоб (якҷоя 624 км) дар назар гирифта шуда буд.

Тибқи маълумотҳои М. Ҳабибов, дар ҷараёни сохтмони роҳи оҳани Бухоро – Тирмиз ҳафт ҳазор нафар коргар (аз ҷумла 500 нафар русҳо, 6 ҳазор нафар мардикорон, ки 800 нафарашон аз бекигарии Қаротегин буданд, ҳамчунин, асирони ҳарбӣ – чеххо, словакҳо, олмониҳо ва лаҳистониҳо) иштирок карда буданд [247, с. 28].

Коргарон дар сохтмони роҳи оҳан, асосан аз асбобҳое, ба монанди бел, каланд, путк, зоғнул истифода мекарданд. Барои коргарони роҳи оҳан шароити мусоиди корӣ таъмин карда намешуд. Нарасидани либоси корӣ, хӯрока ва озуқаворӣ боиси авҷи бемориҳо гуногун мегардид. Садриддин Айнӣ дар асари худ «Таърихи инқилоби Бухоро», ки ба таҳқиқи рӯйдодҳои инқилоби Бухоро ва таҳаввулоти иҷтимоии он давра таъаллқ дорад, ба мавзуи сохтмони хатти роҳи оҳани Бухоро – Тирмиз ишора намуда, қайд менамояд ки: «дар соли 1911 вақте ки сохтмони хатти роҳи оҳан миёни Бухоро ва Тирмиз шуруъ гардид, барои иҷрои ин кор зиёда аз ҳазор нафар мардикорон аз минтақаи Қаротегин ба корҳои сохтмонӣ сафарбар карда шуда буданд.

Хатти роҳи оҳани Бухоро – Тирмизро сармоягузорони Русияи подшоҳӣ бо мақсади беҳтар кардани иртиботи байни минтақаҳои Осиёи Миёна ва таҳкими манфиатҳои иқтисодии Русия бунёд намуда буданд. Ин хатти роҳи оҳан, ки барои интиқоли бору мол ва мусофирон миёни шаҳрҳои калони Осиёи Миёна, ба монанди Бухоро, Самарқанд, Тошканд ва Тирмиз нақши муҳим дошта, ба истифода дода шуд» [87, с. 80].

Устод Айнӣ дар романи «Ғуломон» муфассал масъалаи сохтмони роҳи оҳан ва таъсири он ба ҳаёти ҷомеаи он замонро ба қалам додааст. Вай

ҳодисаҳои солҳои 20-уми асри XX-ро, ки дар Осиёи Миёна рух дода буданд, ҳамчунин ҷараёни сохтмон ва мушкилоти иҷтимоиву иқтисодии марбут ба онро ба таври мукаммал тасвир намудааст. Айнӣ сохтмони роҳи оҳанро, аз таъминот ва коҳишёбии захираҳо то иштироки коргарон аз маҳаллаҳои гуногуни мамлакат, дар маҷмуъ, вазъи воқеии кишварро ба хонанда расонидааст [333].

15-уми июни соли 1912 амир Олимхон дар хусуси сохтмони роҳи оҳани Бухоро бо директори Институти марказии пажӯҳишоти иқтисод ва нақлиёти ИҶШС А. Н. Ковалевский шартнома ба имзо мерасонад. Пас аз ин, 13-уми июли соли 1913 Ширкати «Роҳи оҳани Бухоро» таъсис ёфта, «Низомнома»-и он тасдиқ карда мешавад. Худи ҳамин сол А. Н. Ковалевский барои сохтмони роҳи оҳан то деҳаи Сарои Панҷ ва Тирмиз – Ҳисор то Файзобод иҷозат гирифт [337].

Роҳи оҳан ба самти Бухорои Шарқӣ (Когон – Қаршӣ – Тирмиз) соли 1913 бо дарозии 424 км сохта шуд. Ширкати Роҳи оҳани Бухоро соли 1914 банақшагирии роҳи оҳани Тирмиз – Душанберо баррасӣ намуда, нақшаи татбиқи онро мураттаб намуд, вале оғози Ҷанги якуми ҷаҳонӣ боис гашт, ки масъалаи мазкур ба вақти номуайян мавқуф гузошта шавад [247, с. 28].

Сохтмони роҳи оҳани Тирмиз – Душанбе дар таърихи рушди нақлиёти Тоҷикистон дар оғози солҳои 20-уми асри XX хеле муҳим ва аҳаммияти назаррас дошт. Ҳукумати ҶХШ Бухоро дар солҳои 1923–1924 ба сохтмони масири роҳи оҳани Бухоро – Тирмиз таваҷҷуҳи бештар намуд. Сохтмони роҳи мазкур дар пешрафти соҳаи нақлиёти ҳам Тоҷикистон ва ҳам минтақаи Осиёи Миёна аз пештара дида, муҳимтар буд.

Корҳои сохтмонӣ ва барқарорсозии инфрасохтори роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон пас аз таъсиси ҶМШС Тоҷикистон дар соли 1924 бо истифодаи маблағгузории ҷумҳуриҳои умумииттифоқӣ дар ҳамоҳангӣ бо мақомоти марказии Иттиҳоди Шуравӣ оғоз ёфтанд.

Нақши асосиро дар пешниҳоди лоиҳаи сохтмони роҳи оҳани Тирмиз – Душанбе ҳайати вакилони ҶМШС Тоҷикистон дар анҷумани якуми ҲК(б)

Ӯзбекистон, ки моҳи феврали соли 1925 баргузор шуд, бозиданд. Дертар дар феврали соли 1925 Ҳукумати ҶМШС Тоҷикистон ва ҶШС Ӯзбекистон ба Бюрои сиёсии КМ ҲК(б) муроҷиат намуданд, ки барои амалӣ кардани лоиҳаи сохтмони роҳҳои оҳан иҷозат дода шавад. Ин сохтмон дар шароити бисёр сангин ва бо камбуди норасоии об, маводди сохтмонӣ ва ғизо рӯ ба рӯ буд. Бо вуҷуди мушкилоти зиёд, аввалин қатораи роҳи оҳан 7-уми ноябри соли 1925 ба истгоҳи Тирмиз расид ва дастоварди муҳимми сохтмонӣ эътироф шуд [321].

Дар соли 1926 хатти роҳи оҳан ба Ҷарқурғон, ки аввалин истгоҳи роҳи оҳани Тирмиз – Душанбе буд, расонида шуд. Ин иқдом аввалин қадами муҳимми Тоҷикистон дар рушди шабакаи нақлиёти роҳи оҳан буд. Дар давраи солҳои 1926-1927 бо ҷалби мутахассисони касбӣ ва муҳандисон корҳои сохтмонӣ дар самтҳои асосӣ идома ёфтанд. То моҳи ноябри 1927 хатти роҳи оҳан то водии Сурхондарё расонида шуд, ки нишондиҳандаи талошҳои пайвастаи давлат ва мардум барои мустаҳкам намудани иртибот бо марказ ва Ӯзбекистон буд. Ҳукумати ҶМШС Тоҷикистон бо дарки аҳаммияти стратегӣ ва иқтисодии ин лоиҳа аз ШКХ ИҶШС дархост намуд, ки барои соли 1929 маблағи зарурии сохтмони роҳи оҳани Тирмиз – Душанбе таъмин карда шавад. Ин барои анҷом додани сохтмон ва иҷрои нақшаи таъхирнопазири роҳсозии кишвар хеле муҳим буд. Пас аз ба анҷом расидани сохтмони роҳи оҳани Тирмиз – Душанбе як давраи ҳалкунандаи таърихӣ барои рушди инфрасохтор ва беҳтар кардани пайвастагии нақлиётӣ дар Тоҷикистон фаро расид.

23-юми феврал соли 1927 таҳти роҳбарии Валериан Владимирович Куйбишев, Бюрои сиёсии КМ ҲК(б) қарор қабул кард, ки сохтмони роҳи оҳани Тирмиз – Душанбе як лаҳзаи муҳимми такомули инфрасохтори нақлиётии Тоҷикистон ва Осиёи Миёна ба ҳисоб меравад. Ин пайвастагии нақлиётӣ имкон дод, ки маҳсулот ва хадамоти гуногун бидуни монеаҳои нақлиётӣ ба осонӣ дар дохили минтақа интиқол ёбанд. Ҳамзамон, таъсиси як хатти нақлиёти пайваста барои беҳтар намудани ҳамкориҳои иқтисодӣ ва

фарҳангии кишварҳои минтақа ва барои пешбурди ҳамгирой ва рушди устувори Осиёи Миёна аҳаммияти бештар дошт.

Яке аз марҳилаҳои муҳим дар таърихи ин лоиҳа 14-уми сентябри соли 1928 мебошад. Маҳз дар ин сана аз ҷониби Комиссариати халқии почтаю телеграф ва Нақшаи давлатии ИҶШС қарор қабул гардид, ки сохтмони хатсайри роҳи оҳани Тирмиз – Душанбе ба рӯйхати роҳҳои стратегӣ ва афзалиятнок дохил карда шавад. Мақсади аслии қабули ин қарор расидан ба анҷоми бомуҳлати сохтмон буд, ки тибқи нақша бояд то тирамоҳи соли 1929 ба итмом мерасид. Мақсад аз ин тадбир беҳтарсозии робитаҳои нақлиётӣ, тақвияти инфрасохтори минтақавӣ ва мусоидат ба пешрафти иқтисоди миллӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ дар Осиёи Миёна буд [341].

Дар соли 1929, баъд аз табдили ҶМШС Тоҷикистон ба ҶШС Тоҷикистон ҳукумати Шуравӣ тадбирҳои муҳимми сохтмони роҳҳои мошингард ва роҳи оҳанро оғоз намуд. Аз ҷумла, барои рушди саноат ва кишоварзӣ, сохтмони хатти роҳи оҳани Тирмиз – Душанбе, ки барои таъмини пайвастагии мустақим миёни вилояти Суғд, ВМКБ ва маркази ҷумҳурӣ муҳимму стратегӣ буд, мақсади аслии ҳукумат гардид.

Дар замони шуравӣ, чандин масирҳои роҳи оҳан бо истифода аз навтарин таҷҳизоти техникӣ сохта шуданд ва минъд тамоми боркашонӣ ва мусофиркашонӣ бо паровозҳо ва электровозҳои ватанӣ анҷом дода мешуд. Мисоли равшани он роҳи оҳани Тирмиз – Душанбе буд, ки он дар моҳи апрели соли 1926 оғоз гардид. Барои иҷрои супориш аз буҷаи умумиттифоқӣ 14 млн рубл ҷудо карда шуда, ҳукумати шуравӣ сохтмонро бо тамоми масолеҳ ва кормандони муҳандиси-техникии Маскав ва Ленинград таъмин кард. Сохтмони роҳи оҳан дар мавзеъҳои кӯҳӣ душвориҳои зиёдеро ба бор меовард. Дар сохтмони роҳи оҳан ба ҳалқи тоҷик муҳандисон, мутахассисони роҳи оҳан ва ҳарбиёни рус ёрӣ калон мерасониданд. Аз ин рӯ, якчанд истгоҳҳои роҳи оҳани Тоҷикистон ба номи онҳо гузошта шудаанд. Масалан, истгоҳи Конибодом қариб 80 сол то соли 1964 бо номи Мелниково, яъне ба шарафи генерал-лейтенант, якумин вазири роҳҳои оҳани империяи

Русия Павел Петрович Мельников гузошта шуда буд. Истгоҳи Қароқчиқум дар деҳаи Ҷаҳонзеби ноҳияи Конибодом дар оғоз ба номи генерал Веревкин ва истгоҳи Пролетар дар ноҳияи Ҷаббор Расулов низ ба ифтихори генерали рус Драгомирово номгузорӣ шуда буданд. Оғози сохтмони роҳи оҳан дар Тоҷикистон намунаи барҷастаи саҳми мардуми бомасъулият ва қавии мардум дар ҷомеаи иҷтимоии шуравӣ буд [341].

Рӯзи 10-уми сентябри соли 1929 ба вокзали роҳи оҳани Душанбе таҳти идораи мошинист Н. Ярко ва сардори сохтмони роҳ В.Д. Карамов қатораи аввалини силсилаи Эу-733–24 ворид шуд. Дар маросими пешвозгирии қатораи таърихӣ Котиби масъули КМ ҲК(б) Тоҷикистон Шириншо Шотемур иштирок дошт.

Сохтмони ин хатти роҳи оҳан дар таърих аҳаммияти бузурги сиёсӣ ва иқтисодӣ дошт, зеро он имкониятҳои бузурге барои рушди иқтисоди Тоҷикистон ва беҳтар кардани рафтуоро бо ҷумҳуриҳои иттифоқӣ фароҳам овард. Вай ҳамчунин, ба тараққиёти саноат ва кишоварзии кишвар кумак расонд. Бо фароҳам омадани равобити нави нақлиётӣ, бору мусофиркашонӣ дар солҳои минбаъда рӯ ба афзоиш ниҳод. Масалан, боркашонӣ тавассути истгоҳи Сталинобод дар солҳои 1929–1930 зиёда аз 150 ҳазор тонна ва дар соли 1938 ба 455,8 ҳазор тонна расонида шуд. Мусофиркашонӣ аз 450 нафар дар рӯз ба 1625 ҳазор нафар дар соли 1938 афзоиш ёфт, дар ҳоле ки роҳсозон ва коргарон бо истифода аз техникаи муосир, бахусус тепловозҳо, 90% интиқоли молу маҳсулотро анҷом медоданд. Шуъбаи душанбегии шабакаи роҳҳои оҳани Осиёи Миёна, ки ин роҳ ба он шабака дохил мешуд, то соли 1978 зиёда аз 1,9 млн тонна бор ва бештар аз 3 млн мусофирро қабул мекард. Дар ин шуъба, ки 3500 нафар коргару хизматчӣ кор мекарданд, бо истифода аз меҳнати коммунистӣ ва коллективҳои фаъоли меҳнатӣ, ҳамчун намунаи самаранокии роҳи оҳан ба ҳисоб мерафтанд [332].

Роҳи оҳан ба Тоҷикистон, хусусан дар самти сохтмони инфрасохтор ва таҳкими робитаҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ байни ҷумҳуриҳои умумииттифоқӣ нақши муҳим бозид. Ба шарофати созишномаи мазкур, Тоҷикистон тавонист

ба пойтахти ҳукумати Шуравӣ-шаҳри Маскав ва дигар минтақаҳои саноатии ИҶШС пайваст шавад. Бо роҳи оҳан ҳаракати бор ва мусофирон афзоиш ёфта, барои Тоҷикистон, ки аз назари саноатӣ ва иқтисодӣ то он замон камбудиҳо дошт, шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

Бо кумаки инфрасохтори роҳи оҳан, имкон пайдо шуд, ки мардум аз минтақаҳои гуногуни Осиёи Марказӣ ба осонӣ ва бидуни монеаҳои нақлиётӣ ба робитаҳои иҷтимоии худ идома диҳанд. Ғайр аз ин, роҳи оҳан имконият фароҳам овард, ки захираҳои табиӣ ва маҳсулот ба минтақаи марзӣ ва берун аз он интиқол дода шаванд, ки ин барои рушди иқтисодӣ ва таъмини устуворӣ дар бахшҳои гуногуни соҳаҳои иқтисодиёт хеле муҳим буд.

Соли 1929 корҳои тарҳрезӣ барои сохтмони роҳи оҳан дар қитъаи Сталинобод – Янгибозор (ҳоло Ваҳдат) бо дарозии 36 км оғоз шуд. Лоиҳа барои сохтмони роҳи оҳан дар ҳудуди Тоҷикистон аз ҷониби Комиссариати халқии алоқаи роҳ барои солҳои 1929–1930 дар ҳаҷми 2973 ҳазор рубл барои анҷоми хатти Тирмиз – Сталинобод ва барои сохтмони хатти роҳи оҳани Сталинабад – Янгибозор 1900 ҳазор рубл муайян карда шуд [65, л. 15-17].

Нақлиёти роҳи оҳан дар Тоҷикистон барои боркашонии байни ноҳиявӣ ва берунмарзӣ хеле муҳим буд, ки дар он ду навъ роҳи оҳан – васеъ ва камбар барои интиқоли молу маҳсулот байни минтақаҳои ҷумҳурӣ ва кишварҳои дигар истифода мешуд. Ба воситаи ин роҳҳо, ки дар минтақаҳои гуногуни тоҷикистон сохта мешуданд, молу маҳсулот дар муҳлати наздик ва бехатар ба нуқтаҳои лозима бурда мешуд, ки ин барои рушди хоҷагии халқ ва беҳтар кардани робитаҳои тиҷоратӣ хеле муҳим буд.

Дар муқоиса, роҳи оҳани камбар танҳо барои ҳаракати борҳои сабук ва мусофирон пешбинӣ шуда буд, барои қисматҳои хурдтар ва манотиқи марзӣ, ки талаботи махсуси нақлиётӣ дошт, истифода мешуд. Бо вуҷуди он ки чунин роҳҳо ба таври васеъ дар қаламрави Тоҷикистон истифода намегардид, онҳо нақши муҳимме дар пайваст кардани минтақаҳои марзии кишвар, алалхусус ВМКБ ва баъзе манотиқи дурдаст доштанд.

То 1-уми январи соли 1931 дар роҳи оҳани Тирмиз – Сталинобод 1769 нафар меҳнаткашон кор мекарданд, ки 1270 нафарашон роҳсозон буданд. Мусобиқаи сотсиалистӣ 70%-и коргаронро фаро мегирифт, ки 50%-и онҳоро бригадаҳои зарбдор ташкил мекард. Бояд зикр намуд, ки аксарияти коргарони роҳи оҳан, хусусан таъмиргаронро намояндагони миллатҳои маҳаллӣ ташкил медод.

Соли 1932 пас аз бартараф кардани монеаҳои техникӣ, хатти роҳи оҳани Тирмиз – Сталинобод ба истифода супурда шуд. Барои рушду пешрафти ноҳияҳои Конибодом ва Исфара охири соли 1932 ба истифода додани хатти роҳи оҳан, ки аз истгоҳи Мелников то наздикии кони ангишти Шӯроб дар масофаи 52 км тул мекашид, мусоидат намуд.

Дар давраи панҷсолаи аввал дар ҶШС Тоҷикистон сохтмони роҳи оҳани камбар бо суръати баланд тараққӣ мекард. Бо мақсади рушди минбаъдаи пахтакорӣ дар соли 1931 сохтмони системаи обёрии Вахш оғоз ёфт. Набудани роҳҳо ва воситаҳои нақлиёт яке аз сабабҳои ҷиддии таъхири саривақтии ин сохтмон буд. Барои интиқоли миқдори зиёди борҳои вазнин ягона роҳи обӣ дар дарёи Ому ва болои он дарёи Панҷ мавҷуд буд. Қисми борҳо бо аспҳо, шутурҳо ва харҳо интиқол дода мешуданд. Мутаассифона, бо аспҳо, шутурҳо ва харҳо кашонидани қисмҳои вазнин ва калонҳаҷми мошину механизмҳо ғайриимкон буд. Барои интиқоли борҳои вазнин истифодаи мошину тракторҳоро ба роҳ монданд, вале дар шароити бероҳӣ нақлиётҳо зуд аз кор мебаромаданд. Аз ин рӯ, аз соли 1929 то соли 1931 навбати якуми сохтмони роҳи оҳани камбари Панҷи Поён – Қӯрғонтеппа бо дарозии 105 км сохта шуд ва минбаъд ба туфайли он даҳҳо ҳазор га заминҳои нав азхудкардашуда, водии Вахш пойгоҳи асосии ИҶШС барои парвариши навъҳои пахтаи маҳиннах гардид.

Дар ин замина, моҳи апрели соли 1931 Комиссариати халқии кишоварзии ИҶШС барои сохтмони канали Вахш дар соли 1931 ва семоҳаи аввали соли 1932 маводди асосии сохтмонӣ, механизмҳо, таҷҳизот ва воситаҳои нақлиёт ҷудо кард.

Сохтмони роҳи оҳани камбари Панҷи Поён – Қӯрғонтеппа бо мушкилоти зиёд алоқаманд буд. Хусусан, сохтмони 14 км-и аввали он, ки аз заминҳои сахту ноҳамвор мегузашт, хело душвор буд. Созмони ҳизбии Вахшсохтмон (Вахшстрой) тасмим гирифт, ки ин қитъаро бо усулҳои зарбдорӣ бунёд кунад. Ба ин сохтмон аз ҷониби ташкилотҳои ҳизбӣ, комсомолии сохтмони обёрии Вахш диққати махсус дода мешуд. Ҳамин тавр, дар ҳамаи қарорҳои ташкилотҳои ҳизбӣ, комсомолӣ, иттифоқи касаба, ки ба сохтмони обёрии Вахш дахл доштанд, масъалаи рушди нақлиёт, махсусан роҳи оҳани камбар дар ҷойи аввал қарор дошт [239, с. 71].

3-юми майи соли 1931 ШКХ ИҶШС ҳисоботи Комиссари халқии кишоварзии ИҶШС-ро дар бораи сохтмони обёрии Вахш шунида, қарор кард, ки барои сохтмони Вахш экскаваторҳо, таҷҳизоти механикӣ ва маводди сохтмонии иловагӣ ҷудо карда шавад. Барои сохтмони саривақтии роҳи оҳани камбар дар водии Вахш, ШКХ релсҳоро аз ҳисоби филизоти воридотӣ ба маблағи 350 ҳазор рубл ҷудо кард [55, л. 46].

Созмони ҳизбии Вахшсохтмон ҳамаи коммунистон, комсомолҳо, беҳтарин коргарон ва кормандони муҳандисӣ-техникиро барои сохтмони хатти роҳи оҳан сафарбар кард, ки доираи минбаъдаи кор аз онҳо вобаста буд [239, с. 72]. Комсомоли ленинӣ сохтмони роҳи оҳани камбарро ба уҳда гирифта, истгоҳҳои махсуси назоратиро ташкил кард.

Дар маҷлиси истеҳсолии роҳсозон 20-уми майи соли 1931 масъалаи пеш аз муҳлат сохтани 14 км хатти роҳи оҳан дубора баррасӣ карда шуд. Коргарон уҳдадории сотсиалистиро барои пеш аз муҳлат ба анҷом расонидани ин қитъаи роҳ ба зиммаи худ гирифтанд [217, с. 70-71]. 29-уми июли соли 1931 роҳсозон корҳои васлу насби роҳи оҳанро дар километаи 14 ба анҷом расиданд ва аввалин паровоз дар роҳи оҳани камбар ба ҳаракат даромад [145].

2-юми октябри соли 1931 ШКХ ИҶШС масъалаҳои сохтмони обёрии Вахшро муҳокима намуда, қарор қабул кард, ки дар он зарурати тезонидани сохтмони роҳи оҳани камбар таъкид карда шуд. Аз ин рӯ, ШКХ ташкилотҳои

дахлдорро вазифадор кард, ки Вахшсохтмон бо миқдори зарурии релсу, шпалҳо, болтҳо, ва дигар маводҳои зарурӣ таъмин намояд.

Солҳои 30-юми асри гузашта дар ҷумҳурӣ ба сохтани роҳҳои оҳани камбар таваҷҷуҳи хоса зоҳир шуд. Дар давоми солҳои 1929–1931 марҳалаи нахустини роҳи оҳани камбари Панҷи Поён – Қӯрғонтеппа ба дарозии 105 км сохта ба истифода дода шуд. Сохтмони роҳи оҳани камбар то Панҷи Поён 12-уми марти соли 1932 ба охир расида, ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистонро бо ҳам пайваст менамуд. Маврид ба зикр аст, ки танҳо дар соли 1932 барои системаи ирригатсионии Вахш 63 км хатти роҳи оҳан сохта ба истифода дода шуд [286, с. 17].

14-16-уми декабри соли 1933 маҷлиси бюрои КМ ҲК Тоҷикистон оид ба истифодабарии роҳи оҳани камбар барпо гардид. Дар маҷлиси машваратӣ қайд карда шуд, ки роҳи байни истгоҳи Панҷи Поён то истгоҳи асосӣ 102 км буда, дарозии умумии роҳ 131,6 км-ро ташкил медиҳад ва дар умум 6 истгоҳ дорад. Сохтмони роҳи мазкур 5249,5 ҳазор рубл ва бо дарназардошти сохтмони манзил 6339,2 ҳазор рублро ташкил намуд. Бо мақсади бо қувваи корӣ таъмин намудан, 12-уми августи соли 1932 Бюрои осиёимиёнагии Кумитаи марказии ҳизби коммунистӣ қарор қабул кард, ки аз Ӯзбекистон 1300 нафар ба «Вахшсохтмон», 700 нафар аз Кирғизистон ва 1000 нафар аз Туркманистон коргари ботаҷриба фиристад. Дар яке аз бандҳои қарор таъкид мешавад, ки бо супориши Ҳукумати иттифоқӣ «Вахшсохтмон» дар ибтидои соли 1933 барои роҳи оҳани камбар 3 паровоз бо 132 вагон дастрас намудааст [274, с. 27-28].

Роҳи оҳани мазкур мушклоти роҳро дар водии Вахш аз байн бурда, барои таъмини бефосилаи маводди сохтмонӣ ва озуқаворнии Вахшсохтмон шароити зарурӣ фароҳам овард. Аммо бо сохтани роҳи оҳани 102 км масъалаи роҳу нақлиёт ҳоло ҳам пурра ҳал нагардида буд. Барои пайвастани марказ бо дигар ноҳияҳои водии Вахш бояд роҳи Сталинобод – Қӯрғонтеппа сохта мешуд. 24-уми декабри соли 1932 ШКХ ҶШС Тоҷикистон қарори сохтмони роҳи оҳани камбарро аз Сталинобод то Гулистон бо дарозии

умумии 27 км қабул кард. Барои сохтмони ин шоха 3500 ҳазор рубл ҷудо гардид ва сохтмон 15-уми майи соли 1933 ба анҷом расид. Дар соли 1932, дарозии умумии роҳи оҳани ҷумҳурӣ 192 км ва гардиши борҳои нақлиёти роҳи оҳан 796 ҳазор тонна буд [16-М, с. 68-75].

Моҳи октябри соли 1934 сохтмони шохаи роҳи оҳани камбар аз қисми асосии Вахшстрой то Қӯрғонтеппа ба анҷом расид. 7-уми ноябр бошад, аввалин паровоз ба Қӯрғонтеппа омад. Соли 1935 бо қарори ҳукумати ҶШС Тоҷикистон сохтмони як лоиҳаи муҳимми инфрасохтории кишвар, роҳи оҳани камбар оғоз ёфт, ки бандари Панҷи Поёнро бо Қӯрғонтеппа пайваст мекард. Ин роҳи оҳан бо мақсади интиқоли борҳое, ки аз истгоҳи Тирмиз ба воситаи киштӣ оварда мешуданд, ба дохили водии Вахш равона гардида буд. Вай борҳоро аз бандари Панҷи Поён ба минтақаи Вахш мекашонид ва дар ҳамин ҳол барои таъмини сохтмони канали Вахш бо масолеҳи сохтмонӣ нақши муҳим дошт. Ин амалиёт дар навбати худ, нақши муҳимро дар рушди инфрасохтори нақлиётии кишвар ва баланд бардоштани иқтидори иқтисодии Тоҷикистон дошт.

Дар солҳои 1930–1938 рушди зербинои нақлиёт дар Тоҷикистон, ба хусус роҳҳи оҳани мамлакат ба муҳимму натиҷаҳои назаррас расид. Хатти умумии роҳҳи оҳани васеъ дар кишвар дар соли 1937 алакай ба 245 км расонида шуда, инфраструктураи нақлиётӣ ба таври назаррас таҳким ёфт. Вақте ки дар соли 1932 гардиши борҳои роҳи оҳан 1450 ҳазор тонна ё 182% дар муқоиса бо соли 1928 афзоиш ёфт, ин нишондиҳанда гувоҳӣ медод, ки иқтисодиёти кишвар ба таври босуръат рушд намудааст ва дар ин раванд нақлиёти роҳи оҳан нақши калидӣ доштааст [22-М, с. 74-79].

Роҳи оҳани Сталинобод – Қӯрғонтеппа бо дарозии 123 км, ки дар солҳои 1934-1941 сохта шуд, як иқдоми муҳимми инфрасохторӣ ба ҳисоб мерафт. Роҳи оҳани мазкур ҳамчун як самти муҳим барои пайваст кардани минтақаҳои саноатӣ ва кишоварзӣ дар Тоҷикистон ва таъмини интиқоли молу маҳсулот дар дохили кишвар ва ҳамчунин ба дигар минтақаҳои Иттиҳоди Шуравӣ аҳаммияти калон дошт. Бо амалисозии лоиҳаҳои сохтмони

роҳи оҳан, дарозии умумии роҳҳои оҳани камбар дар Тоҷикистон то соли 1941 ба 440,3 км расид. Ҳамин тавр, роҳҳои оҳани сохташуда нақши муҳимро дар пайваст кардани минтақаҳои Тоҷикистон бо дигар қисматҳои Иттиҳоди Шуравӣ ва таҳкими равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат анҷом доданд.

Дар соли 1940 натиҷаи фаъолияти роҳҳои оҳан дар Тоҷикистон ба сатҳи рекордии 1753 ҳазор тонна расид, ки ин нишондиҳанда 17 маротиба бештар аз соли 1928 ва 2,8 маротиба бештар аз соли 1934 буд.

Воридоти маҳсулот ба 882 ҳазор тонна расид, ки 9 маротиба нисбат ба соли 1928 ва 2,8 маротиба нисбат ба соли 1934 зиёдтар аст. Ҳаҷми мусофиркашонӣ тавассути роҳи оҳан 2,1 маротиба нисбат ба соли 1934 афзуда, 1365 ҳазор нафарро ташкил дод [179, с. 68].

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ хатти роҳи оҳани камбар, ки шаҳрҳои Сталинобод (ҳоло Душанбе) ва Қӯрғонтеппаро (ҳоло Бохтар) пайваст мекард, аҳаммияти стратегӣ пайдо карда буд. Ин роҳ имконият дод, ки водии Вахш бо маркази ҷумҳурӣ ва умумииттифоқӣ пайваст гардад. Бо вуҷуди аҳаммияти иқтисодӣ ва стратегӣ доштан, сохтмони роҳи оҳани камбар дар давраи ҷанг ба охир нарасид. Маблағгузорӣ ва манбаъҳои зарурии моддӣ-техникӣ барои сохтмон ба таври маҳдуд таъмин мешуд, ки ин ба амалишавии лоиҳаи мазкур таъсири манфӣ расонид.

Дар солҳои 1941–1942 шохаи кӯчаки роҳи оҳан бо дарозии 2 км, ки истгоҳи Роҳи оҳани Душанбеи ҷанубиро бо истгоҳи роҳи оҳани муқаррарӣ пайваст мекард, ба фаъолият шуруъ намуд. Ин имкон дод, ки интиқоли боркашонӣ аз роҳи васеъ ба роҳи камбар ва бозгашт бе интиқоли нақлиёти автомобилӣ ба роҳ монда шавад. Пас аз ин, роҳи оҳани камбари Панҷи Поён – Қӯрғонтеппа ба Сталинобод тавассути қитъаи навсохтаи роҳи оҳани камбари Вахш ва ба шабакаи умумииттифоқии роҳи оҳани васеъ пайваст шуд. Бояд қайд намуд, ки дар соли 1941 дарозии роҳи камбари мазкур 314 км буд. Дар соли 1942, ҳамзамон бо сохтмони қитъаи роҳи Сталинобод – Қӯрғонтеппа, аввалин хатти алоқаи телефонӣ дар роҳҳои оҳани камбар ба истифода дода шуд. Парки вагонҳои

боркаш аз 206 адади соли 1940 то 429 адад дар соли 1943 афзоиш ёфт. Парки локомотивҳо бо мотовозҳо аз 7 адади соли 1940 ба 69 адад дар соли 1943 расид.

Агар дар соли 1940 ба воситаи роҳҳои оҳани камбар 104,7 ҳазор тонна бор кашонида шуда бошад, пас дар соли 1943 ин нишондод ба 223,3 ҳазор тонна ё ин ки ду баробар зиёд гардид [242]. Дар солҳои ҷанг барои такмили системаи нақлиётии Тоҷикистон 4,83 млн рубл, ки наздики 7,7% аз тамоми сармоягузориҳои иқтисодиёти ҷумҳуриро ташкил медод, ихтисос дода шуд. Бо вуҷуди шароити мураккаб, рушди нақлиёт бо суръати кам пеш мерафт, вале қонеъ кардани ниёзҳои кмшрварзӣ тадриҷан таъмин мешуд.

Барои муттаҳид кардани хатҳои роҳи оҳани камбари Қӯрғонтеппа ва Гулистон дар гиреҳи Сталинобод аз ҷониби роҳсозон шохаи роҳи 6 км сохта шуд. Дар соли 1944 роҳи оҳани камбар аз корхонаи истеҳсоли сементи Сталинобод то дараи Варзоб бо дарозии 12 км сохта ба истифода дода шуд. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз ҷониби идораи асосии роҳҳо корҳои тарҳрезӣ гузаронида шуда, роҳи оҳани камбар ба кони ангишти Зиддӣ то истгоҳи Пуғус бо дарозии 37 км сохта ба истифода дода шуд. Бояд қайд намуд, ки дарозии умумии роҳҳои оҳани камбари кишвар дар солҳои 40-уми асри XX ба 326 км баробар буд [179, с. 74].

Соли 1946 роҳи оҳани камбари кони ангишти Зиддӣ, ки дар солҳои ҷанг сохта шуда буд, ба дарозии 21 км ба истифода дода шуд. Дар ҳамин давра сохтмони роҳи оҳани камбари Қӯрғонтеппа – Кӯлоб оғоз ёфт. То охири панҷсола дарозии роҳҳои оҳани камбар дар Тоҷикистон назар ба солҳои баъд аз ҷанг 197 км зиёд шуда, 339 км-ро ташкил дод, ки дар натиҷаи ин ҳаҷми муомилоти боркашонӣ 2,2 баробар афзуд [133, с. 133].

Ҳамин тариқ, дар баробари рушди соҳаи иқтисодиёти кишвар хатти роҳи оҳан имкон фароҳам овард то минтақаҳои пахтакори ҷумҳурӣ бо ҳам пайваст карда шаванд. Новобаста аз он, ки ба воситаи нақлиёти роҳи оҳан миқдори зиёди молу маҳсулот ба масофаҳои хело дур ва ба таври арзон ҳамлунаул мешуд, мутаассифона, бо назардошти хусусиятҳои релефи қаламрави Тоҷикистон истифодаи пурраи ин навъи нақлиёт дар ин давра ба таври зарурӣ ғайриимкон буд.

## 3.2. Раванди ташаккул ва рушди авиатсияи граждани̅ дар ҶШС Тоҷикистон: заминаҳо ва шароити сиёсиву иқтисоди̅

Дар баробари рушди нақлиёти автомобили̅ ва роҳи оҳан нақлиёти ҳавои̅ низ давра ба давра дар кишвар рушд мекард. Ташаккули нақлиёти ҳавои̅ дар Тоҷикистон ҳамчун як ҷузъи таркибии низоми нақлиётии шурави̅ бо бартариятҳои хосси худ, махсусан дар минтақаи кӯҳии мамлакат мавқеи муҳимро дар таҳкими соҳаҳои иқтисоди̅ ва иҷтимоии кишвар бозидааст. Тибқи маълумоҳо бори аввал дар соли 1923 Иттиҳоди Шурави̅ Ҷамъияти ихтиёрии ҳавопаймоҳои флоти «Добролёт»-ро таъсис дод, ки вазифаи он ташкили алоқаи ҳавои̅ дар сартосари кишварҳои ИҶШС маҳсуб меёфт. Ҳангоми таҳияи нақшаи хатсайрҳои худ, «Добролёт» ба минтақаҳои дурдасти ИҶШС, хоса Шарқи Дур ва Осиёи Миёна, таваҷҷуҳ зоҳир мекард. Дар солҳои тулони̅, сарзамини имрӯзаи Тоҷикистон ҳамчун минтақаи кӯҳии дастнорасу душворгузар буда, иртиботи байни минтақаҳои кишвар тавассути пайроҳаҳои борику ноҳамвор ба роҳ монда мешуд. Дар давраи тирамоҳу зимистон, бо пӯшида шудани гузаргоҳҳо, нақлиёти ҳавои̅ ягона воситаи иртиботи Сталинобод бо ВМКБ, Ҷиргатол, Айни̅, Дарвозу Масчоҳ ва дигар минтақаҳои кишвар ба ҳисоб мерафт.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади ташкили парвозҳои ҳавои̅ дар Тоҷикистон таъмини алоқаи байни минтақаҳои гуногуни ҷумҳури̅, ҳамчунин таъмини ҳаракати мусофирон ва боркашони̅ дар давраи душвори ҷанг моҳи июли соли 1923 гурӯҳи мутахассисони соҳа барои омӯзиши хатти ҳавоии Бухоро - Душанбе аз Русия ба Тоҷикистон сафарбар гардиданд. Ташаккули авиатсияи гражданиро дар Тоҷикистон ба 3-юми сентябри соли 1924 рабт медиҳанд, чунки дар ин рӯз бори аввал ҳавопаймои мусофирбари Юнкерс Ф-13 аз шаҳри Бухоро ба самти Душанбе сурат гирифт.

Парвоз як рӯз давом карда, ҳавонавардҳо шаб дар Тирмиз қарор гирифта, субҳи дигар аввалин ҳавопайморо ба Душанбе фуруд оварданд. Шуруъ аз ҳамин лаҳза, таърихи рушди нақлиёти ҳавои̅ дар Тоҷикистон оғоз ёфт. Лозим ба таъкид аст, ки истифодабарии нақлиёти ҳавои̅ дар Тоҷикистон

ду сол пеш аз нақлиёти автомобилӣ ва панҷ сол пеш аз роҳи оҳан оғоз шуд [166]. Ин ҳавопаймо, ки аввалин маротиба парвозҳои таҷрибавиро анҷом дода буд, минбаъд авиатсияи Тоҷикистонро таҳким бахшида, имкон фароҳам овард, ки робитаҳои муҳимми байни маркази ҷумҳурӣ ва минтақаҳои дурдасти кишвар таъмин шаванд.

Ҳавопаймои Юнкерс Ф-13, ки барои интиқоли мусофирон ва боркашони махсус сохта шуда буд, имконият фароҳам овард, ки парвозҳои муосир роҳандозӣ гардида, хатсайрҳои ҳавоӣ дар кишвар рушд ёбанд. Ин ҳолат ба густариш ва ҳамоҳангии шабакаи роҳҳои ҳавоии мамлакат замина гузошт. Дар парвози аввалин ҳавопаймои Юнкерс Ф-13 Рашидбек Ахриев ва Пётр Комаров ба ҳайси капитан ва фармондеҳ ширкат карда, бо таъсиси авиатсия дар Тоҷикистон ва ба роҳ мондани парвозҳои пайваста, нақши муҳим дар рушди авиатсияи Тоҷикистон гузоштанд.

Хатсайри Бухоро – Душанбе бо сабаби номуътадилии ҳаво ва шароити хосси ҷуғрофӣ яке аз мушкилтарин ва хатарноктарин хатти ҳавоии минтақа ба ҳисоб мерафт. Бо вуҷуди ин, ифтитоҳи хатти ҳавоии Бухоро – Душанбе бо як рӯйдоди муҳимми дигар, яъне ташкили ҶМШС Тоҷикистон алоқаманд буд. Ин иқдоми на танҳо рушди алоқаи ҳавоӣ байни ду кишварро таъмин кард, балки барои тақвияти робитаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ миёни ҷумҳуриҳои умумииттифоқӣ, махсусан Тоҷикистон, аҳаммияти калидӣ дошт.

Роҳи ҳавоӣ имкон фароҳам овард, ки равобити тиҷоратӣ ва фарҳангӣ байни ҷумҳуриҳо беҳтар гардида, ҳамкориҳои мутақобила дар сатҳҳои гуногун рушд намояд. Тавассути пайвастагии хатти ҳавоӣ, Тоҷикистон ба як қисми муҳим ва муассири шабакаи иқтисодӣ ва сиёсӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ табдил ёфт [331].

Дар аввалин ҳавопаймо, ки соли 1924 ба Душанбе омад, аъзои роҳбарияти ҳукумати нави Тоҷикистон парвоз карданд. Аз ин рӯ, оғози фаъолияти хатти ҳавоии Бухоро – Душанбе на танҳо як қадами амалӣ барои таъмини пайвастагии нақлиётии кишвар буд, балки ҳамчун як рамзи шуруи таърихи авиатсияи гражданӣ Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Ин марҳила як

роҳи мураккаб ва таърихиро барои авиатсияи граждании кишвар оғоз кард, ки дар оянда нақши муҳимро дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва беҳтар кардани алоқаи байни минтақаҳо бозид.

Дар шароити кӯҳии Тоҷикистон, ки сохтмони роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан хеле мушкил ва гарон буд, авиатсия ҳамчун роҳи зуд ва муассир барои пайвасти минтақаҳои гуногун, ки дастрасии осон ва самаранокро таъмин мекард, амал мекард. Хатти ҳавоии Бухоро – Душанбе бо фароҳам овардани имкони зарурӣ барои мусофирон ва интиқоли борҳо, махсусан дар ҳолатҳои фавқулодда ва таъҷилӣ аҳаммияти калон дошт. Ифтитоҳи хатти ҳавоии Бухоро – Душанбе барои Тоҷикистон як қадами муҳим дар рушди авиатсия ва инфрасохтори нақлиёти кишвар ҳисоб мешуд, ки дар оянда бо ба кор даромадани лоиҳаҳои дигар, имкониятҳои кишварро дар робита бо дигар минтақаҳои Шуравӣ ва ҷаҳон ба таври назаррас афзун кард [160, с. 55].

22-юми декабри соли 1924 Идораи авиатсияи граждании ИҶШС дар хусуси таъсиси истгоҳи ҳавоии Душанбе фармон ба тасвиб расонд ва баъд аз он роҳи ҳавоии Душанбе – Тошканд ба фаъолияти худ шуруъ намуд. Бояд қайд намуд, ки аввалин фурудгоҳ дар шаҳри Душанбе дар ҷойи бинои собиқи телевизиони Сафина ташкил шуда буд [312]. Хатти ҳавоии Бухоро – Тирмиз – Душанбе 730 км дарозӣ дошта, аз 15-уми март то 1-уми майи соли 1925 дар як ҳафта 2 маротиба ва аз 1-уми майи соли 1925 дар як ҳафта 3 маротиба парвоз анҷом медод [258, с. 21-22].

Дар соли 1925 роҳҳои ҳавоии Бухоро – Душанбе то Кӯлоб идома ёфта, бо Шурои иқтисодии Осиёи Миёна соли 1927 алоқаи мунтазами ҳавоӣ дар хатсайри Тошканд – Самарканд – Тирмиз – Душанбе кушода гардид [345]. Хатти ҳавоӣ бо масофаи 1083 км, ягона роҳи мусофиркашонии ҳавоӣ буд, ки марказҳои асосии Тоҷикистон ва минтақаҳои дигари Осиёи Миёнаро бо ҳам мепайваст. Соли 1929 дар Душанбе як қисми хатти ҳавоӣ таъсис ёфт ва авиатсияи граждании ҷумҳурӣ аввалин қадамҳояшро барои рушди инфрасохторӣ ҳавоӣ гузошт. Акнун, ҳавопаймоҳо дар майдони хурди фурудгоҳ, ки дар байни хонаи матбуот ва Вазорати адлия ҷойгир буд, парвоз

мекарданд. Аввалин ҳавопаймоҳо дар Тоҷикистон асосан барои мусофиркашонӣ ва ташкили алоқаҳои ҳавоии байни шаҳрҳо ва минтақаҳои гуногуни Осиёи Миёна истифода мешуданд.

Маҳз дар ҳамин давра, бо кумак ва маблағгузории коргарони Тоҷикистон, аввалин ҳавопаймо, ки «Тоҷикистони Сурх» номгузорӣ шуда буд, харидорӣ карда шуд.

Бо рушди босуръати хоҷагии халқи мамлакат ва афзоиши талабот ба хизматрасонии авиатсионӣ, соли 1929 фурудгоҳ ба канори шаҳри Душанбе, ки имрӯз бо номи «фурудгоҳи куҳна» маълум мебошад, кӯчонида шуд. Тадбирҳои мазкур кумак намуданд, ки ҳарчӣ бештар парвозҳо ва хизматрасониҳои ҳавоӣ муташаккилона ва осонтар анҷом ёбанд ва ҳамин тавр, ба тараққиёти авиатсия ва нақлиёти ҳавоӣ дар Тоҷикистон заминаи устувор гузошта шавад.

Бояд қайд намуд, ки дар солҳои 20-уми асри XX хатсайрҳои ҳавопаймоии Тошканд – Самарқанд – Тирмиз – Душанбе ягона хатҳои мусофиркашонии ҳавоӣ ба ҳисоб мерафтанд. Оҳиста - оҳиста авиатсияи граждани дар кишвар рушд намуда, соли 1929 хатти ҳавоии Сталинобод – Рашт кушода шуд.

Соли 1929 дар назди роҳбарияти шуъбаи Осиёи Миёнаи ширкати авиатсионии «Добролёт», масъалаи стратегӣ ва муҳим, яъне ташкили хатҳои ҳавоии дохилии Тоҷикистон ба миён гузошта шуд. Мақсади асосии ташкили чунин хатҳо таъмини алоқаи беҳтар байни шаҳрҳои ҷумҳурӣ ва кумак ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳо буд. Хатҳои ҳавоии Душанбе - Ғарм, Кӯлоб, Панҷ, Қӯрғонтеппа – Қубодиён ва Ӯротеппа - Хуҷанд нақши муҳим дар алоқаи ҳарбӣ, иқтисодӣ ва мусофиркашонӣ доштанд.

Идеяи таъсиси хатҳои ҳавоӣ дар асл бо мақсади беҳтар кардани имкониятҳои авиатсионӣ барои минтақаҳои дурдаст ва кӯҳӣ таҳия мешуданд. Ҳавопаймоҳо барои дастрасӣ ба сокинони маҳаллӣ, ки аксар вақт аз дигар минтақаҳо ҷудо буданд ва наметавонистанд аз роҳи оҳан ё нақлиёти автомобилӣ истифода кунанд, нақши калидӣ дошт.

Бо истифода аз таҷрибаи ширкати авиатсионӣ «Добролёт», кӯшиш мекарданд, ки ҳамзамон инфрасохторро тақвият бахшида, имкониятҳои авиатсиониро дар Тоҷикистон афзоиш диҳанд. Тағиротҳои мазкур барои Тоҷикистон, ки дар марҳилаи аввали рушди инфрасохтори муосир қарор дошт, хеле муфид ва манфиатовар буданд.

Масъалаи аз ҳама муҳим алоқаи нақлиётӣ бо Бадахшон маҳсуб меёфт. Барои расидан ба Бадахшон ба воситаи нақлиёти автомобилӣ тақрибан 30–40 рӯз лозим меомад ва он ҳам бошад танҳо дар фасли тобистон. Аз ин рӯ, санаи 21-уми октябри соли 1929 бори аввал дар таърихи ВМКБ, сарнишинони ҳавопаймо дар ҳайати ҳавонаворд Н.И. Баранов ва муҳандиси парвоз А.М. Велмер дар аэроплани Р-5 аз фурудгоҳи Ғарм парвоз карда, ба фурудгоҳи Хоруғ нишаст [288, с.25]. Баъд аз ин, 18-уми августи соли 1930 бо нишасти дуюми чунин ҳавопаймо дар фурудгоҳи Хоруғ ба парвози муттасил дар ин хатсайр оғоз ёфт [158, с. 67]. Бешак, он замон парвози онҳо воқеан як қаҳрамонӣ ҳисоб мешуд ва ҳукумати Тоҷикистон сарнишини ҳавопаймҳоро бо ордени «Нишони Сурх» пешниҳод намуда буд. Акнун бо кушода шудани хатти ҳавоии Душанбе – Хоруғ масофаи роҳ қариб 200 маротиба кӯтоҳ карда шуд.

Парвозҳо дар хатсайри Помир ба сарнишинҳои ботаҷриба, мисли С. Лубченко, В. Асавин, Г. Таран, Н. Рибалко ва дигарон анҷом дода мешуданд. Дар фазои Тоҷикистон беҳтарин ҳавонавардон ба мисли Михаил Водолянов ва Мавриний Слепнев парвоз мекарданд [166].

Моҳи феврали соли 1930 КМ ҲК Тоҷикистон ба Кумитаи марказии ҲК ИҶШС пешниҳод намуд, ки дар шаҳри Душанбе фурудгоҳи муосир сохта ба истифода дода шавад. Барои таҷҳизондани фурудгоҳ ва раванди рушди авиатсия ҳукумати кишвар тақрибан 100 000 рубл ҷудо намуд. Таъсиси фурудгоҳи шаҳри Душанбе ҳамчун аввалин марҳалаи рушди инфрасохтори авиатсия дар кишвар маҳсуб мешуд. Дере нагузашта, чанди фурудгоҳи хурд дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла, Кӯлоб, Ғарм, Панҷ ва Данғара низ сохта ба истифода дода шуданд.

Ба ин тартиб, оҳиста-оҳиста парвозҳои мунтазам дар хатҳои ҳавоии маҳаллии Душанбе – Ленинобод, Душанбе – Кӯлоб, Душанбе – Ғарм, Панҷ – Данғара ба роҳ монда шуданд. Ин хатҳо ба аҳолии минтақаҳои дурдаст имкон медод, ки ба дигар минтақаҳо бо осонӣ дастрасӣ пайдо намоянд.

Моҳи июли соли 1930 дар ҷаласаи Президиуми Комиссияи давлатии банақшагирии ҶШС Тоҷикистон масъалаи пешбурди соҳаи нақлиёти ҳавоӣ низ мавриди баррасӣ қорор гирифт. Ҳаҷми сармоягузориро барои рушди ин соҳа зиёда аз 1920 ҳазор рубл, ки аз он 1650 ҳазор рубл аз ҳисоби буҷаи Иттиҳод пешбинӣ шуда буд, муайян гардид.

Ҳамин тавр, соли 1930 дар Душанбе аввалин фурудгоҳи замонавӣ сохта шуд, ки барои рушди авиатсияи граждании Тоҷикистон як қадами муҳим ба ҳисоб мерафт. Ин фурудгоҳ ба хатти ҳавоии Душанбе ва ба дигар шаҳру минтақаҳо замина гузошт. Мувофиқи нақшаи рушди соҳаи нақлиёти ҳавоӣ соли 1930 дар Кӯлоб ва Данғара фурудгоҳҳои навъи майдончаҳои фуруд сохта шуданд. Дар соли 1931 бо сохтани фурудгоҳҳои гуногуни маҳаллӣ ва оғози парвозҳои мунтазами ҳавопаймоҳо дар Тоҷикистон ба таври расмӣ ба вуҷуд омад. Ин воқеа як қадами муҳим дар пешрафти соҳаи нақлиёт ва иртиботи ҳавоӣ буд [285, с. 19].

Моҳи июли соли 1931 хатти ҳавоии Сталинобод – Истаравшан – Хуҷанд – Тошканд кушода шуд. Парвозҳои ҳавопаймоии Сталинобод – Хоруғ, дар аввал ба воситаи ду ҳавопаймои якмуҳаррикаи П-5 анҷом дода мешуданд. Ҳавопаймои П-5, ки махсус барои ин хатсайр интихоб шуда буд, аз ҳавопаймоҳои барҷаста дар авиатсияи шуравӣ ба шумор мерафт. Аз хусусиятҳои муҳимми ҳавопаймо ин бу, ки барои парвозҳо дар шароити душвор ва баландкӯҳ мувофиқ буданд.

Дар хатҳои ҳавоии ҷумҳурӣ ҳамчунин, ҳавопаймоҳои АН-9, СП-9, П-5, Сталь-2, С-2 парвоз мекарданд. Тирамоҳи соли 1935 ба Душанбе 7 ҳавопаймои мусофиркашони навъи АНТ-9 оварда шуда, худи ҳамин сол хатти ҳавоӣ дар самтҳои Рашт – Ҳоит, Сталинобод – Ховалинг, Ҷиргатол, Ҷиликӯл, Данғара, Ёвон ва Шаҳртус кушода шуд. Дар соли 1935 роҳҳои

ҳавоии ҶШС Тоҷикистон бо дарозии 3 ҳазор км ба фаъолият шуруъ карда, бештар аз 23 ноҳияи ҷумҳуриро ба якдигар пайваст мекард [345].

Ҳизби коммунистӣ ва ҳукумати Тоҷикистон аз аввалин рӯзҳои таъсиси ҷумҳурӣ ба рушди авиатсияи граждании таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекарданд. Моҳи марти соли 1937 Бюрои минтақавии флоти ҳавоии шаҳрвандӣ таъсис дода шуд, ки барои таъмини робитаҳои доимӣ бо 23 ноҳияи ҷумҳурӣ ва ҳамчунин, бо шаҳрҳои Тошканд ва Самарқанд нақши асосӣ дошт. Ҳамин тариқ, Идораи мустақили авиатсияи граждании Тоҷикистон моҳи июни соли 1937 дар Душанбе таъсис дода шуд [325]. То ин вақт ҳавопаймои думуҳаррикдор дар роҳҳои ҳавоии Тоҷикистон парвоз мекарданд. Дар доираи иҷрои нақшаи панҷсолаи сеюм (1938–1942) бунёд ва васеъ намудани хатсайрҳои нави ҳавопаймоӣ дар назар дошта шуд, аз ҷумла ҳалқаҳои муҳим мисли Кӯлоб – Фархор, ҳалқаи шарқии Кӯлоб, ҳалқаи шимолии Кӯлоб ва ҳалқаи байни Душанбе ва Ховалингро дар бар мегирифт. Дар оғози фаъолият, парвозҳо дар шароити одӣ ва бо шиддати ҳаракати ҳавоии паст сурат мегирифтанд. Ҳавопаймоҳо дар он замон мустақилона парвоз мекарданд, ки дар натиҷа эҳтиёҷ ба назорати марказии ҳаракати ҳавоӣ вуҷуд надошт. Аммо бо афзоиши аёнияти парвозҳо ва ҳавопаймоҳо, зарурати таъсиси хадамоти идоракунии мутамаркази парвозҳо пайдо шуд.

Бо афзоиши парвозҳои мунтазам, зарурати таъмини бехатарии ҳаракати ҳавоӣ ба миён омад. Таъсиси хадамоти махсуси авиатсионӣ, ки вазифаи таъмини навбатдорӣ ва муайян кардани фосилаи вақти парвозҳоро бар дӯш дошт, то андозае ин масъалаҳоро танзим мекард. Ин хадамот на танҳо хатти парвозҳо, масофа ва суръатнокиро танзим мекард, ҳамчунин, хатари наздикшавии ҳавопаймоҳо ва рафъи чунин хатарҳоро ба таври дуруст ва амиқ назорат мекард.

То оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ бисёре аз нақшаҳои соҳаи роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон амалӣ карда шуд. Дар солҳои 30–40-уми асри гузашта бо ташкили хатҳои ҳавоии нав ва беҳтар кардани инфрасохтори фурудгоҳҳо иртиботи байни минтақаҳо боиси рушди соҳаҳои иқтисод ва иҷтимоиёт

гардид. Дарозии хатҳои ҳавоии Тоҷикистон то 4 ҳазор км афзуд, ки ин нишондиҳанда тавонист ба густариши алоқаи ҳавоии минтақаҳои дурдасти кишвар ва бо дигар минтақаҳои ИҶШС пайваст гардида, имконияти интиқоли мусофирон ва борҳоро тавассути ҳавопаймоҳо таъмин намояд.

То соли 1940 рушди хатҳои ҳавоӣ дар Тоҷикистон дастовардҳои назаррасро нишон дод, ки ба афзоиши фаъолият ва беҳтар шудани истифодаи авиатсия дар кишвар мусоидат намуд. Дар ин давра, дарозии хатҳои ҳавоии кишвар 3130 км-ро ташкил дода, зиёда аз 33 ҳазор мусофир ва 1750 тонна бор тавассути ин хатҳо интиқол ёфтанд, ки барои таҳкими як шабакаи фаъоли авиатсионӣ дар кишвар мусоидат кард.

Дар ин давра авиатсия дар соҳаи кишоварзӣ низ аҳаммияти махсус пайдо кард. Дар соли 1940 тавассути хатҳои ҳавоии кишвар 73 ҳазор га майдони кишт бо маҳлулҳои безараркунӣ коркард мешуд. Ин амал дар афзоиши ҳосилнокии кишт ва баланд бардоштани сифати маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намуд. Албатта тадбирҳои мазкур барои рушди соҳаи кишоварзии Тоҷикистон ва таъмини амнияти озуқаворӣ хеле муҳим буданд ва авиатсия дар ин раванд нақши муҳимро мебозид. Ин ҳамоҳангии самарабахшро дар байни нақлиёти ҳавоӣ ва соҳаҳои дигари иқтисодиёт ба рушди устувор ва беҳтар гардидани вазъи иҷтимоии аҳолӣ кумак намуд.

Халабонҳои Тоҷикистон дар шароити хеле мураккаб ва душвор парвоз мекарданд, ки ин ба онҳо таҷрибаи фаровон ва устуворо дар авиатсия таъмин мекард. Бо вуҷуди ин, оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ нақшаҳои рушди авиатсия ва инфрасохтори нақлиёти кишварро ба таври ҷиддӣ халалдор сохт. Дар натиҷа, нақшаҳои пешинаи рушди соҳаи авиатсия дар Тоҷикистон ба таъхир афтода, минбаъд фаъолияти соҳа ба талаботи ҷангӣ ва муҳофизатӣ равона карда шуд. Ин раванд манъ кардани баъзе тадбирҳои авиатсионӣ ва маҳдуд намудани имкониятҳо барои парвозҳои осоишта буд, ки коҳиши рушд ва пешравии соҳаи нақлиётро дар давраи ҷанг ба вуҷуд овард.

Нақлиёти ҳавоӣ дар Тоҷикистон тадриҷан ба як соҳаи муҳим ва асосии кишоварзии кишвар табдил ёфт. Мавқеи кӯҳистонии Тоҷикистон, иртиботи

нақлиётро хеле мушкил мегардонид. Бо ба роҳ мондани парвозҳои мунтазам ва бунёди фурудгоҳҳо дар минтақаҳои дурдаст, мушкилоти иртиботи байни минтақаҳои дурдасти кишвар низ бартараф шуд.

Авиатсия имкониятҳои бузурге барои пайвасти пойтахти кишвар, шаҳри Сталинобод бо маҳалҳои аҳолинишини кӯҳӣ, аз ҷумла ВМКБ (Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон, Бартанг, Яғноб ва ғайра)-ро фароҳам овард. Ин амалиётҳо вақти сафарро барои сокинони маҳаллии ноҳияҳо даҳҳо ва ҳатто садҳо маротиба кам намуданд. Масалан, то кушодашавии роҳи ҳавоӣ ба самти Хоруғ, одамон тавассути аспҳо ин масофаро тули 20 рӯз тай мекарданд. Акнун ба воситаи ҳавопаймо ин масофаро дар давоми 2,5 соат тай кардан мумкин буд [304].

Мутаассифона дар оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ, тамоми қувва ва имкониятҳо барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ақибгоҳ ба кор бурда мешуд. Бо таъсиси воситаҳои моддию техникӣ барои мубориэи бурдан бо душман тамоми кӯшишҳои халқ ҷиҳати таҳкими ҳамаҷонибаи қувваҳои мусаллаҳ, сафарбарнамоии ихтиёриён, ҳамчунин, ба ташкили қисмҳо ва воҳидҳои низомӣ равона карда шуд. Ҳарчанд сафарбарнамоӣ ба фронт фавран эълон нашуда бошад ҳам, мардуми ҳама қишрҳои кишвар дар рӯзҳои аввали ҷанг хоҳиши ба фронт рафтанро изҳор намуданд [275, с. 9].

Дар ин асос, соли 1941 барои омода намудани курсантон Идораи авиатсияи граждании Тоҷикистон дар шаҳри Сталинобод гурӯҳи мутахассисонро аз деҳаи Смишляевкаи вилояти Куйбишев сафарбар кард. Омӯзишҳои амалии курсантҳо дар фурудгоҳҳои Сталинобод ва Куктош гузаронида шуда, аз ҷониби командири эскадрилияи таълимӣ Филимонов барномаи таълимии омӯзиши босуръати парвозҳо ҳам рӯзона ва ҳам шабона ба роҳ монда шуд. Ба курсантон ва халабонҳо инструкторон Т.И. Аверянова, Т.А. Комиссарова, С.М. Матюнина, А.М. Степанова, Ф.Н. Клишин ва дигарон таълим ва омода мекарданд. Гурӯҳҳои инструкторӣ дар байни худ барои омодасозии беҳтарин халабонҳо ва сарфаи маводди сӯзишворӣ мусобиқаҳо баргузор мекарданд, ки дар он гурӯҳи комсомолии А.В. Робустов ғолиб омада буд.

Дар тамоми давраи фаъолияти эскадрилияи таълимӣ дар шаҳри Сталинобод инструктор А.В. Робустов 12 курсантҳоро барои анҷом додани парвозҳо омода намуда, 2300 кг сӯзишвориро сарфа намуд. Эскадрилия то оғози соли 1943 фаъолияти худро идома дода, дар ин давра 212 курсантҳоро пурра омода намуд, ки аз онҳо 192 нафарашон ба мактаби Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоии артиши Шуравӣ фиристода шуда, 20 нафари дигарашон дар шаҳри Сталинобод барои кор дар бахшҳои махсус сафарбар карда шуданд.

Дар ин давра, дар ҷумҳурӣ тадбирҳои зиёде барои омодасозии захираҳои кадрӣ барои Артиши Сурх анҷом ёфтанд. Коргарони соҳаи авиатсия дар як бахши махсуси омӯзишӣ-таълимӣ, ки барои омӯхтани соҳаи ҳарбӣ ташкил шуда буд, таълим мегирифтанд. Мутахассисон, аз ҷумла халабонҳо, муҳандисони техникии ҳавопаймо ва устои мотори ҳавопаймо, ба омӯзиши ҷузъиёти техникӣ ва хусусиятҳои ҳавопаймоҳои ҷангӣ, ба монанди ПС-2, ЛАГГ-3 ва ЯК-1 машғул буданд.

Масофаи миёнаи интиқоли мусофирон тавассути нақлиёти ҳавоӣ дар соли 1939 ба 509 км, дар соли 1940 ба 533 км ва дар соли 1941 ба 735 км расонида шуд, ки гувоҳӣ аз рушди соҳаи авиатсия дар кишвар буд [175, с. 531].

Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар баробари дигар ҷумҳуриҳои умумииттифоқӣ бо истифода аз роҳҳои оҳан, нақлиётӣ автомобилӣ ва ҳавоӣ кумакҳои моддию маънавиро ба ақибгоҳ расонида, барои ҳарчи зудтар расидан ба ғалаба дар ҷанг саҳми худро мегузошт.

Дар соли 1941 ҶШС Тоҷикистон дорои чор хатсайри ҳавоии иттифоқӣ буд, ки онҳо нақши муҳим дар таъмини интиқоли захираҳои зурурӣ ва кумакҳо ба ақибгоҳ ва дигар минтақаҳои кишвар доштанд. Ин хатсайрҳо ба масофаҳои гуногун ва минтақаҳои муҳимми Тоҷикистон ва Осиёи Миёна пайваст буданд. Аз ҷумла:

1. Хатти ҳавоии Сталинобод – Тошканд бо масофаи 705 км, аз шаҳри Сталинобод (ҳоло Душанбе) то Тошканд, барои интиқоли захираҳо муҳим ба фронт ва минтақаҳои шимолии Иттиҳоди Шуравӣ хидмат мекард.

2. Хатти ҳавоии Сталинобод – Хоруғ бо масофаи 381 км, ки аҳаммияти стратегӣ ва иқтисодӣ дошта, шаҳри Сталинободро бо Хоруғ ва дигар минтақаҳои кӯҳии Бадахшон пайваст мекард.

3. Хатти ҳавоии Сталинобод – Ғарм бо масофаи 145 км маркази ҷумҳуриро бо водии Рашт пайваст мекард.

4. Хатти ҳавоии Сталинобод – Кӯлоб бо масофаи 114 км шаҳри Сталинободро бо минтақаи Кӯлоб пайваст менамуд.

Дарозии ин хатсайрҳо, дар маҷмуъ 1345 км буда, барои интиқоли молу маҳсулот ва дигар воситаҳои техникӣ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам барои фронт кумак мерасониданд.

Алоқаи радиоӣ барои Раёсати авиатсияи Тоҷикистон ягона воситаи иртибот бо фурудгоҳҳо ба ҳисоб мерафт. Бо оғози ҷанг шумораи зиёди мутахассисони касбӣ дар солҳои 1941–1942 барои муҳофизати ватан ба гурӯҳҳои авиатсионӣ фиристода шуданд.

Ба ин нигоҳ накарда, соли 1941 дар фурурдгоҳҳои Сталинобод, Кӯлоб, Қалъаи Хумб истгоҳҳои радиоии МРК-05 насб карда шуд. Моҳи январи соли 1942 алоқаи Сталинобод бо дигар фурудгоҳҳои кишвар ба воситаи чандин истгоҳҳои радиоӣ, аз қабили Ленинобод МРК-0,1, Кӯлоб КЭН-0,05, Хоруғ МРК-0,1, Ғарм МР-0,04, Ҷиргатол МРК-0,04, Кировобод МР-2, Калъаи Хумб МРК-0,04, Фархор МРК-0,04 ва Муминобод МРК-2 ба роҳ монда мешуданд [175, с. 534].

Дар ин давра алоқаи радиоӣ дар хатсайри Сталинобод – Хоруғ нисбатан заиф буд. Аз ин лиҳоз, барои таъмини бехатарии парвозҳо соли 1942 насби ду нуқтаи иртиботи радиоӣ: Калъаи Хумб – Ванҷ ва Рӯшон ба нақша гирифта шуд.

То охири соли 1942 дар 12 фурудгоҳ радиостансияҳо насб карда шуданд, ки ба назорат ва идоракунии ҳаракати ҳавопаймоҳо хизмат мекарданд. Дар маҷмуъ, дар ин давра тавассути радиоҳо 99,893,497 калима пахш карда шуд, ки 52,0397 калимаи он ба истгоҳҳои радиоии Сталинобод рост омад, ки беш аз 52% ҳаҷми умумии онро ташкил медод [175, с. 503].

Дар таъмини амнияти озӯқаворӣи кишвар ва дастрасии маҳсулоти гуногуни зарурӣ ба ақибгоҳ хатсайрҳои Сталинабад – Кировобод, Сталинобод – Ховалинг, Сталинобод – Фархор, Сталинобод – Шаҳритус, Сталинобод – Муъминобод, Ғарм – Ҷиргатол ва Сталинобод – Тавилдара нақши калидӣ доштанд.

Нақлиёт ва роҳҳо дар давраи ҷанг на танҳо як воситаи интиқол, балки ҷузъи муҳимми таъмини пирӯзӣ дар ҷанг маҳсуб меёфт. Роҳҳои оҳан, автомобилӣ ва ҳавоӣ дар Тоҷикистон барои интиқоли аслиҳа, лаозими тиббӣ, ғизоӣ ва дигар молу маҳсулот ба ақибгоҳ истифода мешуданд. Ҳавопаймоҳо ва нақлиёти ҳавоии низомӣ, ҳамчунин, барои сариваќт расонидани кумак барои фронт хидмат мекарданд.

Бо вуҷуди душвориҳо дар соҳаи роҳу роҳсозӣ ва инфрасохтори он, аҳолии Тоҷикистон бо истифода аз ҳама имкониятҳо барои кумак ба ақибгоҳ кӯшиш мекарданд. Барои мисол, соли 1940 ҳавопаймои Р-5, ки бо сабабҳои набудани таҷҳизоти техникӣ муддати чанд сол дар фурудгоҳи Кӯлоб таъмирталаб буд, соли 1942 аз ҷониби гурӯҳи техникҳо – Н.А. Тихомиров, М. Рожков ва П. Потапов бо истифода аз воситаҳои техникии ҳавопаймои истеҳсоли Олмон ПС-9 пурра аз таъмир баровarда шуда, барои эҳтиёҷоти ақибгоҳ фиристода шуд, ки онро ҳавонавард М.А. Гончаров дар муҳорибаҳо ба муқобили фашистон идора менамуд. Барои нишон додани ташаббус ва шуҷоат дар таъмири ҳавопаймо, муҳандис Н.А. Тихомиров аз ҷониби ҳизби комунистӣ бо ордени «Ситораи Сурх» сарфароз шуд [175, с. 483].

Новобаста аз мушкилоти ҶБВ, дар Тоҷикистон соҳаи авиатсия оҳиста-оҳиста рушд намуд, вале ҳолатҳои садамавӣ низ ба қайд гирифта мешуданд. Дар давоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар кӯҳҳои Помир яке аз бузургтарин садамаҳои ҳавопаймоӣ, на танҳо дар таърихи Тоҷикистон, балки дар таърихи авиатсияи Иттиҳоди Шуравӣ рух дод.

16-уми феврали соли 1942 ҳангоми парвози ҳавопаймои Биплан Р-5 аз самти Сталинобод ба Хоруғ бо сабаби вазнини боду ҳаво ба нуқтаи зарурӣ нарасида, ба яке аз қуллаҳои гузаргоҳи Одуди дарвозаи Рӯшон бархурд

намуда, дар дашти қалъаи Вомари ВМКБ ба замин афтод. Дар дохили ҳавопаймо сарнишин Василий Кинжинченко, сардори дастаи сарҳаддии Помир; майори авиатсия Андрей Маслинский, корманди Комиссариати халқӣ НКВД капитан Михаил Вихров, корманди НКВД ҶШС Тоҷикистон Жуковский, ҳамчунин, Анна Гуреева ҳамсари сардори фурудгоҳи Хоруғ бо ду фарзандаш буданд. Танҳо пас аз 85 рӯзи ҷустуҷӯйи наҷотдиҳандагон мусофирони зиндамондаро пайдо намуданд. Айни ҳол боқимондаи ин ҳавопаймо дар осорхонаи неруҳои ҳарбӣ-ҳавоии шаҳраки Монинои Федератсияи Русия ҳамчун экспонат ҷой дода шудааст.

Дар шароити душвори Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо қарори КМ ҲК (б) Тоҷикистон авиатсия вазифаи асосии худро дар амалишавии интиқоли борҳои муҳимми мудофиавӣ ва иқтисодии кишвар ба зимма гирифта, тавассути ҳавопаймоҳо борҳое, ки барои қисмҳои ҳарбӣ омода мешуд, ба минтақаҳои марзии кишвар интиқол медоданд. Қариб тамоми корҳо дар ин давра дар хатти ҳавоии Сталинобод – Кӯлоб гузаронда мешуд. Масалан, дар шаҳри Кӯлоб ҳавопаймоҳо хӯроки чорво, маҳсулоти озуқаворӣ ва дигар эҳтиёҷоти хоҷагии халқи мамлакатро ба минтақаҳои дигар интиқол медоданд. Новобаста аз он, ки дар солҳои ҷанг сарфаи сӯзишворӣ дар тамоми намуди нақлиёт ба роҳ монда шуда буд, авиатсия дар минтақаи Кӯлоб барои парвариши ҳосили кишоварзӣ ва фронт кумак мекард. Танҳо дар соли 1943 ба минтақаи Кӯлоб аз Сталинобод 244,5 тонна тухмии кишоварзӣ тавассути ҳавопаймоҳо интиқол дода шудааст.

Фаъолияти авиатсияи беҳдоштӣ низ дар ин давраҳо назаррас буд. Дар соли 1943 авиатсияи беҳдоштӣ 1279 соат парвозро анҷом дода, 530 нафар кормандони тиббӣ, тақрибан 6 тонна хун, 19 тона маводди доруворииву зиддиэпидемиявӣ ва 132 нафар сокинони ба ёрии тиббӣ ниёздоштаро ба Сталинобод интиқол доданд. Вале нақшаҳои барои соли 1943 муқарраргардида ба таври зарурӣ роҳи ҳалли худро пайдо накард. Сабаби асосии он камбуди сӯзишвории авиатсионӣ ва норасоии мутахассисони шуъбаҳои назоратӣ буд.

Соли 1944 авиатсияи беҳдоштӣ дар мубориза бо эпидемияҳои гуногун, ки дар чандин минтақаҳои Тоҷикистон паҳн шуда буданд кумак расонида, ваксина ва дигар техникаву таҷҳизоти тиббӣ сари вақт ба табибон расонида мешуданд. Масалан, хуруҷи домана дар Заҳмадобод ва Масчоҳ, ки зимистони солҳои 1943–1944 паҳн гардид, танҳо бо сабаби интиқоли саривақтии табибон ва маводди доруворӣ тавассути ҳавопаймоҳо бартараф гардид. Чунин вазъият дар чандин ноҳияи вилояти собиқи Ғарм низ ба қайд гирифта шудаанд. Ҳамзамон, ҳавонавардони авиатсияи беҳдоштӣ дар солҳои ҷанг садҳо нафарро аз марг наҷот додаанд.

Тадбирҳо барои пешгирии зарари ҳашаротҳо, ки боиси паҳншавии бемории вараҷа мегардид, бо сабаби набудани захрхимикатҳо анҷом дода намешуданд. Натиҷаи корҳои саривақтии халабонҳо (Оболов ва Троитский) дар мубориза бо паҳншавии малах асосан дар вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) боиси баланд гардидани ҳосилнокии ғалладона гардида буд. Парвози зиёди ҳавопаймоҳо бештар дар минтақаҳои Ленинобод (549 км) ва Кӯлоб анҷом дода мешуданд. Меҳнати фидокоронаи ҳавонавардҳо дар солҳои ҷанг аз ҷониби роҳбарони Ҳизби комунистӣ ва ҳукумати кишвар пайваста қадрдонӣ мешуданд. Бисёре аз онҳо бо ордену медалҳо, шаҳодатномаҳои ифтихорӣ, дипломҳои Президиуми Шурои Олии Тоҷикистон, ҳамчунин, бо нишони «Аълочии Аэрофлот» қадр карда шуданд.

Чи тавре, ки маълум аст, барои ҳимояи ватан қисми зиёди мардҳо ба фронт сафарбар шуда, ба ҷойи онҳо акнун занон ба корхонаҳои саноатӣ ва корҳои саҳроӣ ҷалб карда мешуданд. Барои омода намудани занҳо ба касбу коре, ки пештар мардҳо иҷро мекарданд, ҳукумати кишвар курсҳои махсусро ташкил намуд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ин давра дар баробари дигар касбу корҳо, 120 нафар занҳо барои ихтисосҳои гуногуни соҳаи авиатсия омода гардиданд. Ҳамчунин, 16 нафар занон аз курсҳои ронандагӣ, 13 нафар аз курси радиооператорӣ, 30 нафар курси бастубандкунандагони парашют ва 8 нафар курси автомотористро бомуваффақият анҷом доданд.

Дар ин давра халабонҳо Л.С. Улянетская, В.А. Семина, Н. Шишкина, Варашнева, Ханинева, Лебедева ва дигарон бо маҳорат ва шуҷоати баланд ҳавопаймоҳоро дар шароити кӯҳии Тоҷикистон идора мекарданд. Мутахассисони ҳавонавардӣ А.В. Куликова, М.В. Лурсева, Л.М. Старшинова, З.А. Ярсево ва дигарон техникаро сари вақт ва бо сифати баланд нигоҳубин ва таъмир мекарданд. Ҳамчунин, мутахассисони соҳаи радио А. Строденко, Н.И. Русина, А.И. Туманова ва дигарон ба вазифаи сардори истгоҳҳои радиоии фурудгоҳҳои хатсайрҳои ҳавоии маҳаллӣ таъйин гардида буданд. Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки занҳо дар ин давраи мушкил дар ҳама мансабҳо содиқона ва бо масъулияти баланд вазифаҳояшонро иҷро мекарданд [175, с. 484].

Чи тавре, ки маълум аст, аз рӯзҳои аввали ҷанг аз Тоҷикистон ҷавонписарону ҷавондухтарон бо хоҳиши худ ба фронт рафта, бар зидди душман бо маҳорат, ҷасорат ва руҳияи ҷангӣ мубориза мебурданд.

Дар байни халабонҳои ба фронт рафта аз Тоҷикистон қаҳрамонии коммунист Георгий Александрович Таран ҷойгоҳи махсус дорад. Чунки вай пас аз хатми маркази омӯзишии парвозии Новосибирск ба фронт сафарбар шуда, парвозҳоро бо ҳавопаймои ПС-84 ва ЛИ-2 анҷом медод. Ӯ яке аз аввалинҳое буд, ки дар ҷанг нисбат ба дигар ҳалабонҳо ба ақибгоҳи майдони ҷанг парвозҳоро анҷом медод. Таран Г.А. таҷрибаи бойи парвози худро дар хатти ҳавоии Сталинобод – Хоруғ, ки бисёр душвор буд, гирифта буд. Дар давраи ҷанг, Г.А. Таран 460 маротиба хатти ҷабҳаи ҷангиро убур намуда, 230 парвози шабона ба самти душманон анҷом дод, ки 78-тои он дар майдонҳои тамоман ношинос анҷом дода шуданд. Ӯ 400 парвозро ба мавқеъҳои нисбатан пешрафтаи фашистҳо анҷом дода буд. Ҳукумати шуравӣ бо дарназардошти ҷасорату шуҷоати Г.А. Таран 5-уми ноябри соли 1944 ба ӯ унвони «Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ» дода, командири полки 3-юми Горди ҳавонавардии Вилнюс таъйин намуданд.

Моҳи апрели соли 1945 Г. Таран борҳо супоришҳои махсуси ҳукумати ИҶШС-ро иҷро намуда, аз шаҳри Маскав ба Сан-Франсиско якчанд маротиба

парвозҳоро анҷом дод. Бо супоришҳои ҳукуматӣ ба хатҳои ҳавоии Маскав – Прага – Базел – Сурих, Маскав – Берлин парвоз карда, намояндагони ҳукумати шуравиро, ки дар конференсияи Берлин иштирок мекарданд, ба Маскав расонд.

Иван Ефимович Душкин, халабон аз шаҳри Душанбе, ки ҳамчун лейтенант дар гурӯҳи таъйиноти махсус парвозҳои ҷангиро анҷом дода, аввалин шуда, иншооти саноатӣ-низомии фашистӣ ва гиреҳҳои оҳаниро бамбаборон карда, аксар вақт ба ақибгоҳи душман парвоз мекард. Саҳми ӯро дар мубориза бо душман ба эътибор гирифта, бо фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС, 18-уми сентябри соли 1943 И.Е. Душкин пас аз марг бо унвони «Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ» қадрдонӣ карда шуд. Ҳамчунин, яке аз кӯчаҳои шаҳраки истиқоматии истгоҳи Неболчи вилояти Новогородск ба номи И.Е. Душкин гузошта шуд. Бо қарори Шурои вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 25-уми январи соли 1968, фурудгоҳ ва мактаби миёнаи №16-и шаҳри Душанбе ба номи И.Е. Душкин гузошта шуд.

Сокини шаҳри Сталинобод Иван Семенович Волохов дар қатори дигар ҷавонони кишвар барои ҳифзи ватан аз фашистони истилогар бо хоҳиши худ ба фронт рафт. Дар солҳои ҷанг барои шуҷоат ва ҷасорат 19-уми августи соли 1944 Шурои Олии ИҶШС Волоховро ба унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ қадрдонӣ кард. И.С. Волохов бо супориши И.В. Сталин ба ҷустуҷӯйи киштии дар Антарктида гумшудаи яхшикани «Сталин» фиристода шуд. Волохов то моҳи июни соли 1946 дар қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоии ИҶШС ба ҳайси майори гвардия, командири эскадрилия фаъолият намуд.

Сокини шаҳри Сталинобод, халабони касбӣ Устимчук аз оғози ҷанг ба хизмати ҳарбӣ рафта, барои иҷрои саривақтии вазифаҳои ҷангӣ бо ордени «Ситораи Сурх» мукофотонида шуд.

Пеш аз оғози ҷанг В.М. Обухов ҳамчун халабони флоти ҳавоии гражданӣ дар шаҳри Сталинобод фаъолият мекард. Соли 1940 ӯ ба бахши ташкилоти ҳизбии нақлиёт роҳбарӣ мекард. Дар аввали соли 1941 В.М. Обухов низ ба сафи Артиши Шуравӣ даъват карда шуда, ҳамчун инструктори

полк, инструктори парвозҳои шабона ва парвозҳо ба масофаҳои дур таъйин карда шуд. Моҳи октябри соли 1941 хизматҳои ӯро ба инобат гирифта, бо Ордени Байраќи Сурх мукофотонида шуд. Танҳо дар соли 1944 В.М. Обухов тавонист 65 парвози ҷангӣ, аз ҷумла 149 парвози шабонаро анҷом диҳад. Барои шуҷоат ва ҷасорат В.М. Обухов ба унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ сазовор дониста шуд [175, с. 496].

Ҳеҷ гоҳ зани шуравӣ мисли рӯзҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ фидокор набуд. Хатари нобудии Ватан ҳар як ватандӯстро маҷбур мекард, ки ҷойи мардҳои ба фронт рафтаро дар истеҳсолот иваз кунанд, то ниёзҳои ҷабҳа ва кишвар таъмин карда шаванд. Занҳо дар ин давра дар баробари фаъолияти кории худ дар корхонаҳои саноатӣ, колхозу совхозҳо, касбҳои гуногун, аз ҷумлаи нақлиёти автомобилӣ ва ҳавоиро аз худ мекарданд.

Аввалин халабонзани тоҷик Ойгул Мамадҷановна, аз шуҷоътарин ҷанговарони тоҷик дар ҶБВ дар ҳисобаш 93 парвози ҷангӣ буд ва барои ин шуҷоат моҳи октябри соли 1943 бо Ордени Ленин қадрдонӣ карда шуд.

Яъне дар маҳви душман ҳиссаи авиаторон ниҳоят калон буда, онҳо нуқтаҳои муҳимми душманро муайян менамуданд ва он нуқтаҳоро бомба-борон мекарданд, бо қувваҳои ҳавоии душман ба ҷанг медаромаданд. Дар байни авиаторон Иван Волухов, Тимофей Гаврилов, Иван Душкин, Василий Обухов, Михаил Родних, Григорий Таран, Павел Тихонов ва Серафим Ятсковский барин далерони майдони ҷанги ҳавоӣ буданд, ки онҳо то оғози ҷанг дар нуқтаҳои баландкӯҳи Кӯҳистони Бадахшон парвоз мекарданд. Маҳз дар натиҷаи шуҷоату мардонагӣ ҳамаи номбурдагон сазовори унвони баланд – «Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ» шудаанд [249, с. 417].

Бояд тазаккур дод, ки вазифаи идораи авиатсияи гражданӣ дар соли 1944, пеш аз ҳама, ҳамлунақли маҳсулоти гуногун ва одамон байни пойтахти ҷумҳурӣ, Сталинабад ва марказҳои вилоятҳо: Хорӯғ, Ғарм, Кӯлоб ва Ленинобод иборат буд.

Дар ин давра, идораи авиатсионӣ 12113 парвозҳо ё 78,9% нақшаи парвозҳоро иҷро намуд, аз ҷумла парвозҳои ёрирасон 309 соат ва омӯзиш аз

ҳисоби воситаҳои истифода 608 соат. Ҳамчунин, 16475 мусофир ва 1786 тонна бор интиқол дода шуда, хатти ҳавоии Сталинобод - Қалъаи лаби об кушода шуд.

Баъд аз анҷоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ 20-уми майи соли 1945, бо фармони сардори Идораи флоти ҳавоии граждании Тоҷикистон аз 15-уми майи соли 1945, №129 Хадамоти идоракунии ҳаракати ҳавоӣ таъсис дода шуд, ки қасди он беҳтар намудани фаъолияти авиатсионӣ дар кишвар ва роҳандозии ҳадафҳои минбаъдаи соҳа буд. Ин ниҳод барои танзими назорати аниқ ва самараноки парвозҳо, рушди инфрасохтор ва таъмини амнияти парвозҳо дар кишвар таъсис ёфта буд.

Баъд аз таъсиси хадамоти идоракунии ҳаракати ҳавоӣ, мутахассисони ҳарбии аз ақибгоҳ баргашта ва кормандони дигар соҳаҳо, ки таҷриба ва малакаи лозимиро дар ҷанг касб намуда буданд, ба кор ҷалб шуданд. Таҳаввулоти муҳандисӣ ва масъулиятҳои баланд дар идоракунии парвозҳо дар шароити нав ба такмили кӯшишҳои давлат дар соҳаи интиқоли мусофирон, бор ва масъалаҳои марбут ба авиатсия мусоидат карданд. Ин раванд ба беҳтар кардани самараи интиқол ва амнияти парвозҳо, ҳамчунин мутобиқ кардани системаҳои авиатсионӣ бо талаботҳои навини техникии замон мусоидат намуд. Рушди соҳаи авиатсия ва афзоиши талабот ба он сабаб гардид, ки дар соли 1945 Идораи флоти ҳавоии граждании Тоҷикистон ҳавопаймоҳои нави Ю-52 ва Ли-2 мавриди истифода қарор диҳад. Бояд зикр намуд, ки пас аз ворид кардани онҳо, парвози аввалини ҳавопаймоӣ дар хатти Сталинобод – Маскав тавассути ҳавопаймои Ли-2 сурат гирифт [13-М, 227-232].

Дар он замон тамос бо ҳавопаймоҳо тавассути телефонҳои мавҷи кӯтоҳ идора мешуд, ки дар оғоз ба он навбатдори фурудгоҳи Сталинобод Яков Иванович Хоружа таъйин гардида буд. Бо фармони роҳбарияти Хадамоти ҳаракат, нишони нишаст дар фурудгоҳ бо матои сафед дар шакли ҳарфи «Т» таъин шуда, онро ҳамсари Яков Иванович, Мария Петровна гузошта мерасонд.

Дар аввали солҳои 50-ум, Василий Гаврилович Фролов, ки соли 1953 техникуми авиатсионии Ленинградро хатм карда буд ба сифати танзимгар ба хадамоти ҳаракат дар фурудгоҳи Сталинобод ба кор қабул шуд. В.Г. Фролов соли 1934 Мактаби олии ҳавонавардии низомии ба номи Балашоврo хатм карда буд. Пеш аз ҷанг, ӯ дар фурудгоҳи Хоруғ кор мекард ва дар солҳои 40-ум бо ҳайати парвозии ҳавонаварди машҳури Иттиҳоди Шуравӣ – Мария Василевна Салова парвоз менамуд. Мавсуф беш аз панҷ ҳазор соат парвозҳо анҷом дод ва баъди итмоми фаъолияти ҳавонавардӣ, вазифаи танзимгари Хадамоти ҳаракат дар фурудгоҳи Сталинободро идома дод [309].

Ҳамин тариқ, рушди авиатсияи граждании Тоҷикистон дар солҳои 20–40-уми асри XX ба яке аз ҷузъҳои муҳимми рушди инфрасохтори нақлиёти кишвар табдил ёфт. Яъне, аз ибтидои солҳои 20-ум дар робита ба мушкилоти роҳҳои автомобилгард ва оҳан дар минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон, авиатсия ҳамчун воситаи асосӣ барои иртиботи минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ва берун аз он мавқеи калидӣ пайдо намуд. Аз соли 1924, хатти аввалини мусофиркашонии ҳавоӣ байни Бухоро ва Душанбе ба фаъолият оғоз кард. Бо густариш ва беҳтаршавии инфрасохтори соҳа, хатти ҳавоии Душанбе – Хоруғ ва дигар хатсайрҳои дохили кишвар низ ба фаъолият шуруъ карданд.

Барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар, парвозҳои мусофирбар ва интиқоли молу маҳсулот аз Душанбе ба минтақаҳои дурдасти кишвар, аз ҷумла ВМКБ ва Суғд аҳаммияти зиёд доштанд. Тоҷикистон бо ёрии ҳавопаймоҳо тавонист ба осонӣ ва босуръат бо минтақаҳои дурдасти кӯҳӣ робита барқарор намояд. Таъсиси Идораи флоти ҳавоии граждании Тоҷикистон барои таъмини пайвандҳои байни минтақаҳои кишвар ва дигар қисматҳои Иттиҳоди Шуравӣ мусоидат намуд. Ин парвозҳо авиатсияро ҳамчун воситаи муҳимми иртибот ва интиқоли босуръат муаррифӣ намуда, аввалин маротиба бо марказҳои асосии иқтисодӣ, ба мисли Тошканд ва Самарқанд, алоқаҳо ташкил карданд.

Аз солҳои 20-уми асри XX дар Тоҷикистон нахустин ҳавопаймоҳо дар ҳавои Тоҷикистон парвозҳоро оғоз намуда, барои интиқоли мусофирон ва молу

бор ба минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ ва дигар ҷумҳуриҳои умумииттифоқӣ истифода мешуданд. Бештари хатҳои ҳавоӣ дар ин давра вобаста ба рушди инфрасохтори фурудгоҳҳо ва таъмини таҷҳизоти муосири парвозҳо ба роҳ монда мешуданд. Ҳавопаймоҳо, махсусан дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ то охири солҳои 40-ум, дар вазъияти душвор бо кумак ба интиқоли мусофирон ва борҳои стратегӣ ва ҳарбӣ нақши ҳалкунанда мебозиданд. Шумораи хатҳои ҳавоии Тоҷикистон дар ин давра то 4 ҳазор км расида, боркашонӣ тавассути роҳҳои ҳавоӣ ба нишондиҳандаҳои баландтарин расид.

Новобаста аз монеа ва мушкилотҳои зиёди солҳои ҷанг дар роҳи ҳавоӣ Тоҷикистон ба тақвияти инфрасохтори нақлиётии муосир диққати ҷиддӣ медод. Нақлиёти ҳавоӣ, ки қисми муҳимми иқтисоди кишвар маҳсуб меёфт, имконият фароҳам овард, то ба шабакаи ҳавоии Иттиҳоди Шуравӣ ҳамроҳ шавад. Танҳо дар соли 1945 ҳавопаймоҳои нақлиётӣ мусофирон ва почтаҳоро нисбат ба соли 1940 ду маротиба бештар интиқол доданд ва ҳаҷми умумии интиқол бештар аз се маротиба афзоиш ёфта буд.

Бо ин роҳ, авиатсияи граждании Тоҷикистон дар равандҳои интиқоли мусофирон, молу маҳсулот ва ҳамчунин, дар таҳкими иқтисод ва иртибот ба минтақаҳои кишвар, ҳамчунин бо ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, нақши муҳим ва калидӣ дошт. Соҳаи мазкур ҳамчун пояи устувори пешравии иҷтимоӣ арзёбӣ шуда, барои мамлакат имконот ва роҳҳои нави ҳалли мушкилоти иқтисодӣ ва фарҳангиро фароҳам овард ва дар рушди иқтисоди ҷумҳурӣ барои солҳои оянда саҳми арзанда гузошт.

Бо баррасии масъалаҳои матраҳ дар боби дуюм хулосаҳои зерин ба даст омад:

- дар солҳои 20–40-уми асри XX дар Тоҷикистон ташаккули шабакаи роҳи оҳан яке аз омилҳои асосии таҳкими низоми нақлиётӣ ва рушди иқтисодии ҷумҳурӣ гардид. Ин раванд бо ҳадафи пайвасти минтақаҳои саноатӣ ба шабакаҳои васеи нақлиётӣ оғоз ёфт;
- шабакаи роҳи оҳан дар Тоҷикистон асосан ба воситаи васлакунии роҳҳои муҳим ва стратегӣ ба дигар қисматҳои Иттиҳоди Шуравӣ ташаккул ёфт, ки боиси такмили иртиботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва байниминтақавӣ гардид;

- заминаҳои иқтисодии рушди шабакаи роҳи оҳан бо истифода аз захираҳои табиӣ, инсонӣ ва сиёсати рушди саноатию кишоварзӣ фароҳам омаданд;

- дар давраи таҳқиқ авиатсияи гражданӣ низ дар Тоҷикистон ҳамчун бахши нави нақлиётӣ шакл гирифта, тадриҷан рушд намуд. Аввалин парвозҳо ва хатсайрҳои авиатсионӣ ба пайваст кардани минтақаҳои дур ва таъмини иртиботи босуръат бо пойтахт ва минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ мусоидат карданд;

- ташаккул ва рушди авиатсияи граждании Тоҷикистон бо таҳаввулоти сиёсиву иқтисодӣ дар он давра зич алоқаманд буд ва бо кумак ва дастгирии давлат ва сохторҳои идорӣ, ин соҳа дар муддати кӯтоҳ босуръат рушд кард. Ин раванд барои рушди иқтисодиёт ва амният дар шароити вақти кӯтоҳ аҳаммияти стратегӣ дошт;

- албатта, дар ин давра авиатсияи гражданӣ на танҳо барои мусофиркашонӣ ва ё интиқоли молу маҳсулоти зарурӣ хизмат мекард, ҳамчунин, дар самти тандурустӣ, беҳдоштию эпидемологӣ низ хизмати назаррас дошт;

- бо вуҷуди маҳдудиятҳои техникиву молиявӣ ва камбуди иқтисодӣ, инфрасохтори нақлиёти ҳавоӣ тадриҷан васеъ шуда, таҷҳизоти наву замонавӣ ворид гашт, ки ин омил ба беҳтар шудани парвозҳо ва таъмини амнияти шаҳрвандон мусоидат намуд;

- шабакаи нақлиёти роҳи оҳан ва авиатсия дар солҳои 20–40-ум ҳамчун унсурҳои асосии инфрасохтори нақлиётӣ бо ҳамдигар ҳамоҳанг карда шуданд, ки ин омил рушди муназзами иқтисод ва таҳкими равобити минтақавиро дар Тоҷикистон таъмин намуд.

# БОБИ 4. МЕХАНИКУНОНИИ ХОҶАГИИ РОҲ ВА СОХТМОНИ РОҲҲОИ НАВ ДАР СОЛҲОИ 50 – 80-уми АСРИ XX

## 4.1. Масоили ташкили алоқаи нақлиётии минтақаҳо дар ҶШС Тоҷикистон ва рушди роҳҳои мошингард дар солҳои 50-80-ум

Аз солҳои панҷоҳуми садаи гузашта, сохтмони роҳҳо дар Тоҷикистон ба як самти муҳим ва калидӣ дар рушди иқтисоди миллӣ ва таҳкими робитаҳои нақлиётӣ байни минтақаҳои кишвар табдил ёфт. Самаранокии низоми нақлиёти автомобилӣ барои интиқоли боркашонӣ ва мусофирон аз банақшагирии оқилонаи шабакаи роҳҳо вобаста буд.

Самтҳои афзалиятноки сиёсати роҳсозӣ дар ин давра, аз таъмини бехатарии ҳаракат барои ҳама гуна воситаҳои нақлиёт, нигоҳдории роҳҳо, баланд бардоштани сатҳу сифат ва истифодабарии бештари иншооти нақлиётиро дар бар мегирифт. Ҳамзамон, барои беҳтар гардонидани ҳаракат дар роҳҳо ва таъмини амнияти мусофирон ва ронандагон шароити муносиб муҳайё карда мешуд. Яке аз вазифаҳои муҳимми нақшаҳои рушди баъдиҷангӣ, эҳёи зерсохтор ва роҳандозии саноати вазнин буд, ки пояи рушди соҳаҳои дигари иқтисод ва иқтидори мудофиавии мамлакат ба шумор мерафт. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 1950 бояд 48% бештар аз сатҳи солҳои 1940-ум махсулоти кишоварзӣ 27%-ро бояд ташкил медодод, ки истифодабарии роҳҳо ва сифати онҳо барои болоравии истеҳсоли маҳсулот мусоидат менамуд.

ҶШС Тоҷикистон дар панҷсолаи чорум (солҳои 1946–1950) ба густариши инфрасохтори миллӣ, махсусан дар бахши роҳу нақлиёт, диққати аввалиндараҷа дод. Новобаста аз мушкилоти зиёди иқтисодии баъдиҷангӣ, масоҳати роҳҳои мошингард оҳиста-оҳиста афзоиш мекард. Агар дар соли 1940 дарозии роҳҳои кишвар 13,5 ҳазор км-ро ташкил медод, пас дар соли 1950 ин нишондод ба 13,8 ҳазор км расид. Илова бар ин, истифодаи роҳҳои асфалтию бетонӣ дар соли 1940, ки 0,9 ҳазор км-ро ташкил медод, дар соли 1950 то ба 1,1 ҳазор км расонида шуд. Роҳҳои сатҳи сахт барои кишвар имкониятҳои беҳтар барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва ҳамчунин,

таъмини бехатарии ҳаракатро таъмин менамуданд. Ҳамчунин, Ҳукумати Тоҷикистон дар давраи баъдиҷангӣ барои рушди соҳаи нақлиёт 11,8 млн рубл ҷудо кард, ки 7,1% аз ҳаҷми умумии сармоягузории хоҷагии халқро ташкил медод [177, с. 209].

Дар роҳҳои Тоҷикистон, ки бештари онҳо тавассути кӯҳҳо аз як минтақа ба минтақаи дигар пайваст мешаванд, бештар дар фасли зимистон ва баҳор ҳолати тармафаромӣ, ярч, сел ва заминҷунбӣ мушоҳида мегардад. Ин омилҳо дар ҳаракати роҳҳои мошингард мушкилиҳои ҷиддиро ба миён оварда, дар баъзе масирҳои роҳ кандашавӣ ба вуҷуд меомад, ки ҳаракати нақлиёт муваққатан баста мешуданд.

Азнавсозии техникии роҳҳои мошингард дар ин давра барои таъмини ҳаракати бехатарӣ дар роҳҳо, ҳамчунин афзоиши шумораи нақлиёти автомобилӣ муҳим буд. Аз ин рӯ, роҳҳои мошингарди ҷумҳуриро бояд ба талаботи рӯз мувофиқ гардонида, ба истифодаи воситаҳои нақлиёти муосир мутобиқ намудан зурур буд. Таҷдиду азнавсозии қисматҳои алоҳидаи роҳи оҳан ба анҷом расонида шуда, робитаи нақлиёти роҳи оҳан бо дигар навъҳои нақлиёт беҳтар шуданд.

Анҷумани VIII-уми ҲК ҶШС Тоҷикистон, ки аз 19-ум то 22-юми сентябри соли 1952 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, лоиҳаи Директиваҳои анҷумани XIX ҲК ИҶШС-ро баррасӣ ва тасдиқ намуда, вазифаҳои асосии нақшаи панҷсолаи панҷумро барои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон дар солҳои 1951–1955 муайян кард.

Тибқи нақшаи тасдиқшудаи панҷсола, сармоягузорӣ ба хоҷагии халқи Тоҷикистон бояд ду маротиба бештар аз ҳаҷми сармоягузориҳо дар панҷсолаи чорум зиёд карда мешуд. Ҳамчунин, дар ин нақша аҳаммияти махсус ба соҳаи нақлиёт, махсусан ба соҳаи роҳсозӣ, сохтмон ва таъмири он дода шуд.

Ҳамчунин, дар анҷумани VIII оид ба рушди роҳсозӣ ва инфрасохтори нақлиётӣ, танзими лоиҳа, банақшагирӣ ва маблағгузории бештар ба соҳаи мазкур, диққати махсус дода шуд. Тибқи нақшаҳои тарҳрезишуда, истеҳсоли

масолеҳи сохтмонӣ бояд дар ҳаҷм ва сифати баланд афзоиш дода мешуд, ҳамчунин беҳтар намудани таъминоти масолеҳи сохтмонӣ дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ мақсади муҳимми нақшаи панҷсола гардида буд. Ин иқдом бо мақсади беҳтар намудани шароити зисти коргарон ва омода намудани мутахассисони соҳа ба анҷом расонида шуданд.

Дар соли 1953 сохтмон ва ба истифодадиҳии роҳҳои мошингард ба ихтиёри вазоратҳои ҷумҳуриявӣ гузаронида шуд. Ин боиси таъсиси Вазорати нақлиёти автомобилӣ ва роҳҳои мошингард гардид, ки масъулияти асосии соҳа ва тадбирҳои вобаста ба нигоҳдории роҳҳо, роҳсозӣ ва таъмини нақлиёти автомобилиро бар дӯши худ гирифта буд.

Анҷумани IX-уми ҲК Тоҷикистон 18-уми январи соли 1954 баргузор гардид. Дар он масъалаи дастовардҳои соҳаи роҳу нақлиёт мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Таъкид гардид, ки вазифаҳоеро, ки дар анҷумани VIII гузошта буданд, махсусан дар хоҷагии қишлоқ, иқтисод ва фарҳанг иҷро гардиданд. Ба хусус, дар ин давра талабот ба баҳтар намудани роҳҳои мошингард ва иншоотҳои инфрасохторӣ зиёд гардид. Дар ин муддат 3451 км шоҳроҳҳо навсозӣ ва таъмир карда шуданд, ки аз ин 690 км роҳҳои хокӣ ба сатҳи болояш сахт иваз шуда буданд, аз ҷумла 553 км бо нафт коркард карда шуд.

Дар давоми панҷсолаи панҷум (солҳои 1951–1955) бунёди роҳҳои сангфарш, асосан бо истифода аз битум ва роҳ монда шуд. Тибқи нақшаи пешбинишуда, масоҳати роҳҳои сангфаршшуда дар муқоиса бо солҳои 1946–1950 ба миқдори 50% афзоиш ёфта буд. Ин дастовардҳо барои беҳтар кардани шароити истифодаи нақлиёт ва баланд бардоштани имкониятҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ нақши калидӣ бозид. Илова бар ин, бо мақсади таҳкими инфрасохтори роҳсозӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо, ба ду истгоҳи мавҷудаи техникаи роҳсозӣ се истгоҳи нав зам карда шуд. Ин тадбирҳо боис ба он гардид, ки афзоиши ҳиссаи таъминоти мошинии корҳои роҳсозӣ, ки дар соли 1951 ба 21,4% баробар буд, дар соли 1955 ба 79,9% расонида шуд.

Дар соли 1955 аввалин хатти троллейбус дар шаҳри Душанбе бо дарозии 11 км кушода шуд, ки то соли 1956 зиёда аз 12 млн нафар мусофиронро интиқол дод. Бештари мусофирон аз автобусҳои ҷамъиятӣ истифода менамуданд. Ҳамарӯза теъдоди мусофироне, ки ба воситаи автобусҳо интиқол мешуданд, ба таври назаррас афзоиш меёфт. Дар соли 1958 тавассути автобусҳои шаҳрӣ зиёда аз 15,4 млн нафар мусофиронро интиқол доданд, ки нишондиҳандаи хеле баланд буд [285, с. 45].

Дар давраи мазкур дарозии умумии шоҳроҳҳои мошингард ба андозаи 1,5 маротиба ва интиқоли молу маҳсулот ба воситаи нақлиёти автомобилӣ қариб 3,2 маротиба афзоиш ёфт. Дар солҳои 50-ум шабакаи роҳҳои бо битум пӯшонидашуда рӯ ба беҳбудӣ ниҳоданд. Дар соли 1956 ин шабака нисбат ба соли 1948 қариб 22 маротиба афзоиш ёфта, дар маҷмуъ дар давоми панҷ сол то 11,7 маротиба зиёд гардид [4-М, с. 72-76].

Маврид ба зикр аст, ки то соли 1956 интиқоли борҳои саноатӣ ва кишоварзӣ аз водиҳои Ёхсу ва Қизилсу ба минтақаҳои Ҳисор ва Вахш, бо истифода аз мошинҳои боркаш, сурат мегирифт, ки масири он хеле тулонӣ буд. Аз ин лиҳоз, ҳукумати кишвар ҷиҳати беҳтар намудани вазъи боркашонӣ байни ин минтақаҳо, тадбирҳои заруриро андешида, истифодаи роҳи оҳани камбарро ба роҳ монд [165, с. 145].

Дар давоми панҷсолаи шашум (солҳои 1956–1960), раванди сохтмони роҳҳои маҳаллӣ ва дохилии кишвар ба таври васеъ ба роҳ монда шуд. Мутахассисон барои иҷрои нақшаи навбатии панҷсола тадбирҳо андешида, зиёда аз 600 км роҳҳои дорои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла шоҳроҳи Душанбе – Кӯлобро мавриди сохтмон ва таҷдид қарор доданд. Ҳамзамон, дар масофаи 400 км корҳои таъмири капиталӣ гузаронида шуда, бо истифода аз маводди нафтии хом бо рӯйпӯшҳои асфалтӣ пӯшонида гардиданд [276, с. 34].

Дар соли 1956, бо вуҷуди душвориҳои мавҷуда, Вазорати нақлиёти автомобилӣ ва роҳҳои автомобилгарди ҶШС Тоҷикистон барои идора ва хизматрасонии роҳи мошингарди Орҷоникидзеобод – Кӯлоб – Ҷиликӯл –

Сталинобод 9 воҳиди истеҳсолиро таъсис дод, ки барои онҳо фонди умумии музди меҳнат ба маблағи 9 млн 84 ҳазор рубл муайян гардид [70, л. 10]. Сохтмон, таъмир ва нигоҳдории роҳҳои дохилии хоҷагӣ бо Қарори Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 1-уми июли соли 1957 ба уҳдаи колхозҳо вогузор шуд. Ин буд, ки дар соли 1957 роҳи деҳаи Хрушеви вилояти Кӯлобро асфалтпӯш ва сохтмони қисматҳои танг ва маҳдуди роҳҳои деҳаҳои Ленин, Шаталов, Карл Маркс ва Кировро ба анҷом расониданд [119].

Бо дарназардошти тағйирот дар сохтори Вазорати нақлиёти автомобилӣ ва роҳҳои автомобилгарди ҶШС Тоҷикистон, Раёсати асосии пешинаи роҳҳои автомобилгард (Главдорупр) ба Дирексияи роҳҳои автомобилгард иваз карда шуд. Дар ҳаҷми умумии корҳои роҳсозӣ ҷойгоҳи асосиро таҷдиди роҳҳои мавҷуда бо ҳиссаи ниҳоят ночизи сохтмон ва бунёди роҳҳо дар самтҳои нав ишғол кард. Рушди шабакаи роҳ дар тули 50 сол бо маълумоти ҷадвал тавсиф карда мешавад (ҷадвали 4) [179, с. 102].

**Ҷадвали 4. Динамикаи афзоиши дарозии роҳҳои мошингард**

| **Нишондод** | **Соли 1950** | **Соли 1955** | **Соли 1958** | **Соли 1958 бо % нисбати соли 1950** |
|---|---|---|---|---|
| Дарозии умумии роҳҳои мошингард ба ҳазор км | 13,8 | 13,8 | 13,8 | 100 |
| Ҳамин бо % нисбат ба нишондиҳандаи умумииттифоқӣ | 0,9 | 0,9 | 0,9 | _ |
| Дарозии роҳҳои мумфарш, ҳазор км | 1,1 | 1,6 | 2,2 | 200 |
| Ҳамин бо % нисбат ба нишондиҳандаи умумииттифоқӣ | 0,6 | 0,8 | 0,9 | _ |

Чӣ тавре ки аз таснифоти бар меояд, дарозии роҳҳои мумфарш дар солҳои 1951–1958 ду баробар афзоиш ёфтааст. Ҳиссаи онҳо дар дарозии умумии роҳҳои ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна дар саросари ИҶШС ба чунин нишондиҳанда расидааст. Тақрибан нисфи роҳҳои мошингард мумфарш ва беҳтар карда шуданд. Бо ҳамин мақсад, дар соли 1956 аз 1,9 ҳазор км роҳҳои мумфарш, 0,8 ҳазор км роҳҳои босифат ва 1,1 ҳазор км роҳҳои бо шағал пӯшонидашуда буданд. Ҳамин тавр, дар анҷумани XI-уми ҲК Тоҷикистон,

ки моҳи январи соли 1958 баргузор гардид, муваффақиятҳои назаррасӣ соҳаи роҳу нақлиёт бо қаноатмандӣ қайд карда шуд.

Қарори Шурои Вазирони ИҶШС, ки 26-уми октябри соли 1958 ба тавсиб расид, фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, колхозу совхозҳо, корхонаҳои нақлиётию сохтмонӣ ва дигар воҳидҳои истеҳсоливу хоҷагидориро ҷиҳати саҳм гузоштан дар сохтмон ва таъмири роҳҳои автомобилгард пешбинӣ кард, ки рушди соҳаи роҳсозӣ дар ҷумҳурӣ вусъати тоза гирифт. Инчунин, дар робита ба ин, 26-уми ноябри ҳамон сол Шурои Вазирони ИҶШС қарори № 1281-ро «Дар бораи чораҳои беҳтар намудани сохтмон ва таъмири роҳҳои маҳаллӣ» ба тасвиб расонид, ки он шароити мусоиди заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиро барои пешрафти минбаъдаи роҳсозии маҳаллӣ фароҳам кард [4-М, с. 72-76]. Дар натиҷаи босуръат пеш рафтани корҳои роҳсозӣ, танҳо дар солҳои 1957–1958 беш аз 300 км роҳҳои бо шағал ва асфалтпӯш сохташуда ба истифода дода шуда, сохтмони роҳи нави мошингарди Қӯрғонтеппа – Кӯлоб дар масофаи 150 км дар муҳлати пешбинишуда ба анҷом расонида шуд.

Соли 1958 роҳи нави Қӯрғонтеппа – Кӯлоб бо дарозии 150 км сохта шуд. То соли 1959 тули роҳҳои сангфаршшуда ба 2,2 ҳазор км расид, ки ҳазор км он сатҳи беҳтаршударо дошт. Аз моҳи июни соли 1959 корхонаҳо ва хоҷагиҳои кишоварзӣ ба корҳои сохтмони роҳҳои маҳаллӣ ҷалб гардиданд. Соли 1960 муҳандисон дар чанд колхози ноҳияҳои Кӯлобу Восеъ 20 км роҳ сохтанд. Соли 1961 бошад сохтмони роҳҳо то деҳаҳои Сангдара ва Хонаобод анҷом ёфт. Дар ҳамин сол совхози Кангурт беш аз 35 км роҳро сохта, ба истифода дод [213].

Пешрафти бесобиқаи ИҶШС, ки онро нақшаи ҳафтсола пешбинӣ карда буд, рушди соҳаи нақлиёт ва сохтмони роҳҳои навро талаб мекард. Дар робита бо Қарори Президиуми Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон ва дархостҳои сершумори колхозу совхозҳо оид ба сохтмон ва таъмири роҳҳо соли 1959 ИИР-и № 34-и ноҳияи Арал (ҳоло Восеъ) 278 км роҳҳои дорои аҳаммияти маҳаллӣ ва ҷумҳуриявиро таъмиру азнавсозӣ намуд [72, л. 146].

Дарозии роҳҳои мошингарди ҷумҳурӣ то 1-уми январи соли 1960 ба 8900 км баробар карда шуд, ки аз он 2980 км бо сатҳи сахт ва 1305 км роҳҳо бо истифода аз маводди нафтӣ сохта буданд [276, с. 37].

Нақлиёти автомобилӣ на танҳо барои боркашонӣ, балки ҷиҳати хизматрасонии мусофирон низ муҳим буда, ҳам дар дохили шаҳр ва ҳам байни ноҳияҳо фаъолият мекард. Дар ин асос, марказҳои минтақа ва нуқтаҳои аҳолинишини кишвар ба ҷузъ аз баъзе минтақаҳои кӯҳӣ ва дурдасти мамлакат, ки бо сабаби баста шудани ағбаҳо ҳаракат дар онҳо қатъ мешуд бо ҳам алоқаи мунтазам доштанд. Ин боис гардид, ки сатҳи мусофиркашонӣ оҳиста-оҳиста дар ҷумҳурӣ беҳтар гардад. Масалан, сатҳи мусофиркашонӣ дар соли 1960 нисбат ба соли 1940 зиёда аз 14 маротиба ва нисбат ба соли 1950 панҷ маротиба зиёд гардидааст [179, с. 102].

Дар ин давра, муваффақияти бештарро роҳсозони ВМКБ ба даст оварда, бо усули ҳашари умумӣ сохтмони роҳҳои мошингарди Калъаи Хумб – Нулвандро бо дарозии 46 км ба анҷом расониданд. Ҳамчунин, моҳи ноябри соли 1960 роҳи дигар бо дарозии 36 км то деҳаи Спонжии водии Бартанг ба истифода доданд. Ба ин васила, яке аз мушкилоти муҳимми вилоят, алоқаи нақлиётии маркази ноҳияро бо маркази вилоят – шаҳри Хоруғ ва маҳалҳои аҳолинишини калон аз байн бурд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ВМКБ дорои хусусиятҳои ҷуғрофии хос буда, қаламрави он аз баландкӯҳҳо иборат аст. Масофа миёни маркази вилоят – шаҳри Хоруғ ва пойтахти ҷумҳурӣ – шаҳри Душанбе беш аз 650 км-ро ташкил медиҳад. Илова бар ин, фосила то шаҳрҳои Уши Қирғизистон ва Кошғари Ҷумҳурии Мардумии Чин тақрибан 1000 км аст, ки бозгӯкунандаи ҷойгиршавии стратегӣ ва ҳамзамон, мураккабии дастрасӣ ба минтақа мебошад [272, с. 263-268].

Дар солҳои 1955–1965 бисёр роҳҳои мошингарди Ванҷ, Ванҷи Боло, Вишхарв (Язгулом), Нулванд, Роғак, Сағирдашт, Калъаи Хумб – фурудгоҳ, Вишхарв – Сипондҷ – Разуҷ, Пастхуф – Хуф, роҳҳои мошингарди Бичкурт, Дирч, Боғуш, Андароб – Ғарм – Чашма, Шоҳризм – Туқузбулоқ, Харгӯш –

Драғзов, Сазд – Тусям, Хек – Шоргин, Хизоржов – Шербуков сохта ба истифода дода шуданд [177, с.213-217].

Бо қарори КМ ҲК Тоҷикистон ва Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон, ҳамчунин фармони Вазорати нақлиёт ва хоҷагии роҳҳо аз 25-уми ноябри соли 1961, №341, тресги махсуси худидоракунии роҳсозӣ «Тоҷикдорстройтрест» дар якҷоягӣ бо ДСУ-1, ДСУ-2, ДСУ-4, ва истгоҳҳои мошинсозии байниноҳиявии №12 ва №13 таъсис дода шуд. Ташкили трест мусоидат намуд ба афзоиши механиконии корҳои роҳсозӣ ва рушди усулҳои пудратии сохтмон, ки барои ин тақсимоти маблағҳоро аз ташкилотҳои гуногун зарур мешуд [276, с. 37].

Солҳои 1959–1966 дар рушди хоҷагии роҳу нақлиёти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ҳамчун марҳалаи алоҳида ва дорои аҳаммияти хос арзёбӣ мегарданд. Дар ин давра, мутобиқ ба нақшаҳои нави рушди хоҷагии халқ ва бо назардошти талаботи афзояндаи иқтисоди миллӣ, сиёсати давлатӣ дар самти сохтмон ва таҷдиди роҳҳои автомобилгард хусусияти ҳадафманд ва низомнок касб намуд. Ҳаҷми маблағгузорӣ ба сохтмон ва таҷдиди роҳҳои автомобилгарде, ки аҳаммияти умумидавлатӣ ва иқтисодӣ доштанд, дар муқоиса бо солҳои пешин тақрибан 2,8 баробар афзоиш ёфт, ки ин нишондиҳанда ба таври равшан тағйирёбии муносибати давлат ба масъалаи рушди инфрасохтори нақлиётиро инъикос менамояд.

Афзоиши назарраси ҳаҷми маблағгузорӣ дар солҳои 1959–1966 пеш аз ҳама бо зарурати мутобиқ намудани шабакаи роҳҳои мошингард ба вазифаҳои нави иқтисоди миллӣ вобаста буд. Дар ин давра суръати рушди соҳаҳои калидии хоҷагии халқ, аз ҷумла саноат, кишоварзӣ ва истихроҷи захираҳои табиӣ, боло рафта, талабот ба алоқаи боэътимод ва самараноки нақлиётӣ ба таври ҷиддӣ афзоиш ёфт. Роҳҳои автомобилгард ҳамчун унсури муҳими таъмини равандҳои истеҳсолӣ ва тақсимоти маҳсулот ба яке аз омилҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ табдил ёфтанд.

Дар доираи нақшаҳои нави иқтисодӣ сохтмон ва таҷдиди роҳҳои автомобилгард ҳамчун қисми ҷудонашавандаи сиёсати минтақавии давлатӣ

баррасӣ мешуд. Таваҷҷуҳи махсус ба роҳҳое равона гардида буд, ки марказҳои маъмурӣ, ноҳияҳои истеҳсолӣ ва минтақаҳои дурдастро бо ҳам пайваст намуда, барои ташаккули фазои ягонаи иқтисодии ҷумҳурӣ замина фароҳам меоварданд. Ин раванд ба коҳиш ёфтани ҷудогонагии нақлиётии баъзе минтақаҳо мусоидат намуда, имконият дод, ки робитаҳои байниноҳиявӣ дар сатҳи нав ташкил карда шаванд.

Бо афзоиши маблағгузорӣ ва ҷалби иқтидорҳои моддӣ-техникӣ имконият пайдо шуд, ки корҳои сохтмон ва таҷдиди роҳҳо бо истифода аз усулҳо ва стандартҳои нисбатан муосир анҷом дода шаванд. Дар натиҷа, сифати асфалтпӯш кардани роҳҳо беҳтар гардида, қобилияти борбардорӣ ва устувории онҳо нисбат ба таъсири омилҳои табиӣ ва сарбории нақлиётӣ баланд бардошта шуд. Ин омилҳо ба беҳтар шудани бехатарии ҳаракат, кам гардидани хароҷоти нигоҳдорӣ ва дароз шудани муҳлати истифодаи роҳҳо то анҷом додани таъмири асосӣ мусоидат намуданд.

Аҳаммияти иҷтимоии ин раванд низ назаррас буд. Беҳтар гардидани ҳолати роҳҳои автомобилгард ба осон шудани рафтуомади аҳолӣ, дастрасии бештар ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва рушди иқтисодии маҳалҳо таъсири мусбат расонд. Дар натиҷаи беҳтар шудани шароити нақлиётӣ, ҳаракати қувваи корӣ фаъол гардида, робитаҳои иҷтимоиву иқтисодии байни шаҳру деҳот тақвият ёфтанд.

Ҳамин тариқ, солҳои 1959–1966 ҳамчун марҳалаи муҳим дар рушди инфрасохтори роҳу нақлиёти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон тавсиф мегарданд, ки дар он афзоиши ҳаҷми маблағгузорӣ ва банақшагирии мақсадноки корҳои роҳсозӣ заминаи устувор барои беҳтар гардидани шароити нақлиётӣ ва рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ фароҳам овард. Таҷрибаи ин давра нишон медиҳад, ки муносибати илмӣ ва системанокӣ ба рушди роҳҳои автомобилгард метавонад ба таҳкими робитаҳои минтақавӣ ва баланд бардоштани самаранокии хоҷагии халқ таъсири дарозмуддат расонад.

Албатта, ин афзоиш ифодагари таваҷҷуҳ ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва роҳсозӣ дар кишвар буд. Чунин банақшагириҳо барои беҳтар

намудани равобити байни ноҳияҳои кишвар ва беҳтар шудани шароити нақлиётӣ аҳаммияти стратегӣ дошта, мусоидат мекард.

Ҳамин тавр, барои беҳтару хубтар ба роҳ мондан, лоиҳакашӣ ва банақшагирии роҳҳои нав дар Тоҷикистон 1-уми августи соли 1962 Институти лоиҳавии «Тоҷикдорпроект» таъсис ёфт. Дар ҷумҳурӣ алакай шабакаи васеи роҳҳои автомобилӣ мавҷуд буд, ки марказҳои ноҳия ва деҳаҳоро бо дарозии умумии тақрибан 13,3 ҳазор км пайваст менамуд. Таъсиси «Тоҷикдорстройтрест» ба беҳтар шудани идоракунии иншооти роҳҳои ҷумҳурӣ ва беҳтар гардидани механиконии корҳои роҳсозӣ мусоидат кард. Ҳамин буд, ки то охири соли 1962 дар ҷумҳурӣ 14,1 ҳазор км роҳҳо, аз ҷумла 3,3 ҳазор км роҳҳои бо қабати сахт сохта шуда ташкил медоданд.

Нақши нақлиёт ва роҳу роҳсозиро дар рушди тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ба назар гирифта, моҳи июни соли 1963 Президиуми Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон қарор дар бораи муқаррар намудани унвонҳои фахрӣ барои кормандони нақлиёти автомобилӣ ва хоҷагии роҳ, аз қабили «Ронандаи шоистаи нақлиёти автомобилии ҶШС Тоҷикистон» ва «Роҳсози шоистаи ҶШС Тоҷикистон» қабул кард [120, с. 5].

Таблиғ ва роҳандозии мусобиқаҳои сотсиалистӣ миёни коргарону мутахассисон барои иҷрои саривақтии соли шашуми нақшаи ҳафтсола, ки бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти роҳсозӣ ва нақлиётӣ ба роҳ монда шуд, як иқдоми муҳим дар рушди соҳаи роҳсозӣ буд. Ҳадафи асосии мусобиқаҳои сотсиалистӣ, ки асосан коллективҳо ва корхонаҳоро фаро мегирифт, иҷрои саривақтии нақшаҳо ва зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолот буд. Бо қарори №72 аз 3-юми июли соли 1963, Президиуми Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон ҷудо кардани маблағ барои сохтмон, таъмир ва барқарорсозии роҳҳоро тасдиқ намуд, ки ин ба пешбурди корҳо дар соҳа мусоидат кард [73, л. 31].

Аз рӯйи таҳлили ҳолати шабакаи роҳҳо муайян карда шуд, ки аз 3,5 ҳазор км роҳҳои аҳаммияти ҷумҳуриявидошта, 2,4 ҳазор ё 69% пӯшиши сахт дошта, роҳҳои аҳаммияти маҳаллидошта аз 8,1 ҳазор км бо сатҳи сахт ҳамагӣ ҳазор км ё 12%-ро ташкил медод.

Маврид ба зикр аст, дар давраи мазкур кумитаҳои иҷроияи шаҳру ноҳияҳои кишвар салоҳияти идоракунии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти ноҳия, аз ҷумла соҳаи нигоҳдории роҳҳоро ба уҳда доштанд. Ин иқдом бо мақсади беҳтар гардидани ҳолати роҳҳои аҳаммияти маҳаллидошта ва дар маҷмуъ, беҳбудии инфрасохтори нақлиётӣ амалӣ гардид. Дар ин замина, кумитаҳои иҷроия дар ноҳияҳо имконият пайдо намуданд, ки мустақилона сиёсати роҳсозӣ ва таъмири роҳҳоро амалӣ сохта, барои дар ҳолати беҳтари техникӣ нигоҳ доштани роҳҳо чораҳои зарурӣ андешанд.

Иқдоми мазкур барои самаранок амалӣ намудани Фармони Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 8-уми феврали соли 1964, №51 «Дар бораи чораҳои минбаъдаи беҳтар кардани ҳолати техникии роҳҳои дорои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллидошта» мусоидат кард. Ҷиҳати роҳандозии ин фармон дар ҳамаи ноҳияҳои ҷумҳурӣ бояд чандин чораҳои амалӣ андешида шуд, ки ба рушди инфрасохтори роҳҳо ва беҳтар шудани шароити нақлиётии маҳалҳо ва ноҳияҳои дурдаст кумак расонид [270, с. 25].

Дар асоси ҳамин қарор, 1-уми апрели соли 1964 дар назди кумитаҳои иҷроияи ноҳияҳо Идораи хизматрасонии роҳҳо (ЛЭУ) ва Идораи истифодабарии роҳҳо (ИИР) таъсис дода шуданд, ки минбаъд онҳо ба пешрафти кори роҳсозон мусоидат кард.

Азнавсозии идоракунии роҳҳои маҳаллӣ яке аз иқдомоти ҳукумати ҷумҳурӣ дар роҳи амалисозии ҳадафҳои худ дар самти роҳу роҳсозӣ ва инфрасохтори налиётӣ маҳсуб меёфт. Дар ҳамин замина, ҳаҷми кори «Тоҷикдорстройтрест» дар роҳҳои маҳаллӣ аз ҷониби Идораи истифодабарии роҳҳои маҳаллӣ зиёд шуд ва таъминоти моддию техникии онҳо то андозае беҳтар гардид. Натиҷаҳои он бештар дар қисмати ҷанубии мамлакат ба назар мерасид. Роҳсозони собиқ вилояти Кӯлоб барои иҷрои вазифаҳои таъйиншуда чораҳои зарурӣ меандешиданд ва дар ин самт асосан коргарони маҳаллӣ фаъол буданд. Масалан, соли 1964 сохтмони роҳи мошингард аз Хонаобод то шаҳраки Гулистон бо дарозии 172 км оғоз шуд, ки ба шоҳроҳи

Душанбе – Кӯлоб пайваст мегардад. Роҳ байни майдонҳои пахта ва аз нуқтаҳои аҳолинишини колхозҳои ба номи Амиршоев, Ленинград (ҳоло Муминобод), Шаталов ва Жданов мегузашт, ки аҳаммияти зиёди иқтисодӣ дошт. Сохтмони роҳ аз соли 1964 то соли 1965 идома ёфт, аммо бо сабаби душвориҳои маблағгузорӣ сари вақт ба анҷом нарасид [5-М, с. 73-79].

Сохтмон, таъмир ва нигоҳдории роҳҳои маҳаллӣ асосан аз ҳисоби саҳмияҳои колхозу совхозҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои минтақа таъмин мешуданд, ки даромади солонаашон ба 130 ҳазор рубл мерасид. Ин маблағҳо на танҳо барои сохтмон, балки барои нигоҳдории шабакаи роҳҳои мавҷуда ва иншооти сунъиро низ фаро мегирифт [71, с. 214].

Бояд тазаккур дод, ки дар соли 1964 идораи роҳсозии шаҳри Кӯлоб зери роҳбарии З. Косиров нақшаи солонаро дар тули 10 моҳ ба андозаи 105 дарсад иҷро намуд, дар ду моҳи дигар, яъне моҳҳои ноябр ва декабр аз ҳисоби соли 1965 кор карданд. Дар тули даҳ моҳ бо ташаббуси идораи мазкур, сохтмони роҳҳои мошингарди Панҷ – Панҷи Поён, Орҷоникидзеобод ва Фархор, Қизилсу ва Бешкаппа, пули Фархор – Қурбоншаҳид ва роҳи Кӯлоб – Қурбоншаҳид – Данғара анҷом дода шуданд [250]. То охири сол идораи мазкур беш аз 50 км роҳҳои байнихоҷагии колхозиро сохта аз таъмир баровард [130].

Аз таҳлилҳо бар меояд, ки то 1-уми январи соли 1965 дар ҷумҳурӣ алакай 17 адад Идораҳои истифодабарии роҳҳо ва 5 шуъбаи роҳ дар назди кумитаҳои иҷроияи ноҳиявӣ, шуъбаи роҳҳои вилоятии ВМКБ дар шаҳри Хоруғ фаъолият мекарданд, ки ин ба беҳтар гардидани соҳаи нақлиёт ва роҳҳо мусоидат намудааст.

Дар асоси фармони Раёсати Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 3-юми июли 1963, Вазорати нақлиёт ва хоҷагии роҳҳои ҷумҳурӣ дар моҳҳои август-сентябри соли 1965 ҳисобот оид ба саҳмияҳо барои сохтмону таъмири роҳҳои маҳаллиро барои соли 1966 пешниҳод намуд. Ташкилотҳои ноҳиявӣ аксаран ин фармонро ихтиёран иҷро карда, ҳар семоҳа маблағро ба

суратҳисобҳои муайяншуда мегузарониданд.

Масалан, барои сохтмони 23,4 км роҳи байни деҳаҳои Хонабод ва Чок-Темир дар вилояти Кӯлоб 464,9 ҳазор рубл ҷудо гардид, ки то 1-уми январи 1966 беш аз 84 ҳазор рубли корҳо аз худ карда шуданд. Нақшаи шартнома барои соли 1966 маблағи иловагии 250 ҳазор рублро дар бар мегирифт [73, л. 28]. Вазорати нақлиёт барои дастгирии молиявии иншоот, бо истифода аз маблағҳои боқимонда аз корхонаҳои Душанбе, 150 ҳазор рубл ҷудо кард. Маблағи боқимондаи 100 ҳазор рубл аз ҷониби ноҳияи Кӯлоб тавассути иштироки колхозу совхозҳо, корхонаҳо ва дигар ташкилотҳои ноҳия маблағгузорӣ гардид [71, л. 29].

8-уми феврал соли 1965, дар асоси фармони Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон таҳти №79, дар сохтори Вазорати нақлиёт Саридораи идоракунии сохтмон, таъмир ва нигоҳдории роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ таъсис ёфт. Дирексияи роҳҳои мошингард, ки он замон фаъолият мекард, акнун суръати афзояндаи нақлиёти автомобилиро қонеъ карда наметавонист. Аз ин рӯ, бо фармони Вазорати нақлиёт ва роҳҳои мошингарди ҶШС Тоҷикистон аз 25-уми феврали соли 1965, №56 аз 1-уми марти соли 1965 маъмурияти оперативӣ-хаттии роҳҳои ҷумҳуриявиро таъсис дод.

Баҳори соли 1966 сохтмони роҳи мошингард дар қисмати Кӯлоб то деҳаи Зиракӣ бо истифодаи маводди нафтӣ оғоз гардид. Идораи роҳсозии №3 таъмири пӯшиши равғании роҳи Зиракӣ – Муминободро соли 1967 идома меёфт. Барои солҳои 1966–1967 тармими 30 км роҳ дар назар гирифта шуд. Ҳамчунин, то охири соли 1967 дар ин роҳ пули оҳанин ва бетонӣ дар деҳаи Лангар сохта шуд, ки барои интиқоли боркашонӣ муҳим буд [75, л. 35].

Бо дастгирии КМ ҲК Тоҷикистон ва коллективҳои сершумори роҳсозон, муҳандисон ва техникҳо нақшаҳои ҳафтсола бомуваффақият анҷом ёфта, то 1-уми январи соли 1966 дарозии роҳҳо дар ҷумҳурӣ ба 11585 км расонида шуд. Аз ҷумла, роҳҳои дорои сатҳи сахт 5100 км, ки зиёда аз 3000 км онро бо маҳсулоти нафтӣ коркард намуда буданд [177, с. 217].

**Ҷадвали 5. Интиқол ва ворид гардидани борҳо тавассути нақлиёти дарёии (обӣ)истифодаи умумӣ (аз рӯйи ҳазор тонна)**

| Номгӯйи маҳсулот | 1940 | 1950 | 1958 | 1960 | 1964 | 1965 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Фиристода шуд, аз ҷумла: | 40,9 | 8,8 | 65,8 | 112,5 | 211,9 | 202,2 |
| Мафт ва маҳсулоти нафтӣ | 0,3 | 0,4 | 0,2 | – | 0,4 | 2,1 |
| Маҳсулоти нонӣ | 0,7 | – | 12,9 | 9,1 | 25,0 | 24,8 |
| Пахта | 14,8 | 6,0 | 19,4 | 23,4 | 44,2 | 39,7 |
| Ворид карда шуд, аз ҷумла: | 63,5 | 38,8 | 263,8 | 448,2 | 575,9 | 534,6 |
| Нафт ва маҳсулоти нафтӣ | 20,9 | 19,5 | 110,2 | 159,0 | 225,7 | 199,1 |
| Чубу тахта | 10,9 | 3,8 | 14,0 | 22,0 | 28,9 | 19,5 |
| Маҳсулоти нонӣ | 16,0 | 10,7 | 20,3 | 65,3 | 10,2 | 12,1 |

Баррасии маълумоти ҷадвалӣ имкон медиҳад, ки дар солҳои 1960–1965 на танҳо дар доираи як давра, балки дар муқоиса бо марҳилаҳои пешин ва таҷрибаи минтақаҳои дигар мавриди баррасии илмӣ қарор дода шаванд. Тибқи нишондодҳои ҷадвал, ҳаҷми умумии боркашонӣ дар ин давра аз 113 ҳазор тонна дар соли 1960 то 202 ҳазор тонна дар соли 1965 афзоиш ёфтааст, ки ин беш аз 79% афзоишро ифода мекунад. Чунин суръати афзоиш аз фаъол гардидани соҳаи нақлиёт ва беҳтар шудани имкониятҳои инфрасохтории роҳсозӣ шаҳодат медиҳад.

Дар муқоиса бо солҳои 1950–1958, ки ҳаҷми боркашонӣ тамоюли афзоиши тадриҷӣ, вале нисбатан суст дошт, давраи солҳои 1960–1965 бо болоравии назарраси нишондиҳандаҳо фарқ мекунад. Дар марҳилаи пешин маҳдуд будани сифати роҳҳо, иқтидори нокифояи онҳо ва сатҳи пасти таҷҳизоти техникӣ имкон намедод, ки ҳаҷми интиқоли борҳо ба талаботи афзояндаи иқтисоди миллӣ пурра ҷавобгӯ бошад. Бо беҳтар гардидани ҳолати шабакаи роҳҳо ва зиёд шудани маблағгузорӣ ба соҳаи роҳсозӣ дар охири солҳои 1950 ва аввали солҳои 1960, шароити зарурӣ барои афзоиши босуръати боркашонӣ фароҳам омад.

Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки дар солҳои 1960–1965 рушди боркашонӣ дар Тоҷикистон аз ҷиҳати суръат аз баъзе ҷумҳуриҳои дорои

релефи мураккаб, аз ҷумла ҷумҳуриҳои кӯҳии Осиёи Марказӣ, қафо намемонд. Гарчанде аз лиҳози ҳаҷми мутлақ ҷумҳурӣ бо минтақаҳои саноатии бузург муқоиса карда намешуд, аммо динамикаи афзоиш гувоҳи он аст, ки соҳаи роҳсозӣ ва нақлиёт дар шароити маҳдудиятҳои табиӣ тавонист ба талаботи иқтисодӣ мутобиқ гардад. Ин ҳолат аз самаранокии сиёсати давлатии роҳсозӣ ва банақшагирии марҳилавӣ дарак медиҳад.

Ҳамзамон бо афзоиши ҳаҷми боркашонии дохилӣ, миқдори молу маҳсулоте, ки ба ҷумҳурӣ ворид мегардиданд, низ тамоюли устувори афзоишро нишон дод. Тибқи маълумоти ҷадвал, ҳаҷми маҳсулоти воридотӣ дар солҳои мавриди таҳлил то 20 дарсад зиёд шуда, дар соли 1965 ба 535 ҳазор тонна расонида шудааст. Дар муқоиса бо солҳои 1950-ум, ки воридоти мол асосан бо маҳдудиятҳои нақлиётӣ рӯ ба рӯ буд, дар солҳои 1960-ум беҳтар гардидани инфрасохтори роҳҳо имконият дод, ки равандҳои воридот бо суръати бештар ва бо хароҷоти нисбатан кам анҷом дода шаванд.

Дар муқоиса бо баъзе ҷумҳуриҳои ҳамсоя, ки дорои шабакаҳои роҳи оҳан ва роҳҳои автомобилгарди мукаммалтар буданд, Тоҷикистон бештар ба роҳҳои мошингард такя мекард. Бо вуҷуди ин, маълумотҳои ҷадвал нишон медиҳанд, ки рушди роҳсозӣ дар ҷумҳурӣ тавонист камбудиҳои мавҷудбударо то андозае ҷуброн намояд ва шароити зарурири барои таъмини бозори дохилӣ бо молу маҳсулоти воридотӣ фароҳам созад. Ин ҳолат махсусан барои минтақаҳои кӯҳистонӣ ва дурдаст аҳаммияти калон дошт.

Илова бар ин, таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки афзоиши боркашонӣ дар солҳои 1960–1965 ба фаъол гардидани равандҳои содироти маҳсулоти истеҳсолшуда дар дохили ҷумҳурӣ низ мусоидат намудааст. Дар муқоиса бо давраҳои қаблӣ, имконияти интиқоли самараноки маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатӣ ба дигар ҷумҳуриҳо васеъ гардида, нақши Тоҷикистон дар гардиши байниҷумҳуриявии мол то андозае баланд шуд. Ин раванд ба таҳкими робитаҳои иқтисодӣ ва ҳамгироии ҷумҳурӣ ба низоми умумии хоҷагии халқ таъсири мусбат расонд.

Ҳамин тариқ, таҳлили ҷадвалӣ дар якҷояги бо муқоисаи таърихӣ нишон медиҳад, ки солҳои 1960–1965 дар рушди соҳаи роҳсозӣ ва нақлиёти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ҳамчун марҳалаи сифатан нав арзёбӣ мегарданд. Дар ин давра рушди инфрасохтори роҳҳо ба афзоиши ҳаҷми боркашонӣ, беҳтар гардидани равандҳои воридот ва содирот ва таҳкими робитаҳои иқтисодии дохилию берунӣ мусоидат намуда, аҳаммияти стратегии соҳаи роҳу нақлиётро дар рушди иқтисоди миллӣ боз ҳам равшантар намуд.

Дар рушди хоҷагии халқи мамлакат ва амалӣ намудани робитаҳои байниҷумҳуриявӣ нақлиёти обӣ (дарёӣ дар ҷануби ҷумҳурӣ) низ нақши калон дошт. Ба минтақаи ҷануби ҷумҳурӣ тавассути роҳи обӣ маҳсулотҳои зерин, аз қабили нафт ва маҳсулоти нафтӣ, равғанҳои молиданӣ-12%, ғалладона-9%, маҳсулоти чӯб-4%, пахта, махсусан пахтаи маҳиннах содир карда мешуд. Дар соли 1970 тавассути роҳҳои обӣ, зиёда аз 169 ҳазор тонна бор интиқол дода шудааст. Баржаҳои бандари Кокули ноҳияи Фархор садҳо тонна борҳои башардӯстонаро аз ҷумҳурии мо ба кишвари Афғонистон интиқол медоданд. Дар ин солҳо борҳои интиқолёфта ба ҷумҳурии мо қариб 3332 ҳазор тоннаро ташкил додааст [223, с. 21].

Мавҷудияти роҳҳои босифат, қобилияти борбардории пулҳо барои гузаштани нақлиёти борабардори гуногон ҳоло ҳам ба талабот ҷавобгӯй набуданд. Новобаста аз мушкилотҳои ҷойдошта, ҳаракати нақлиёти калони боркаши «МАЗ», «Белаз», «Краз» ва ғайра бо иқтидори борбардории 25–30 тонна ба таври назаррас афзоиш ёфт.

Барои расонидани техникаи муосири сохтмонӣ ба неругоҳи барқи обии Норак 67,5 км роҳҳои нави сатҳашон сахт ба мисли Чормағзак – Норак, канори Норак тавассути ағбаи Шаршар, роҳҳои мошингарди масири Норак – Бойғозӣ ба истифода дода шуданд.

Соли 1967 сохтмони роҳи Данғара – Пушинг – Кангурт пешбинӣ шуд, вале бо сабаби арзиши гарон (маблағи 1,108 млн рубл) ва маҳдудияти нақшаи панҷсола, амалӣ нагардид. Роҳи Кангурт – Балҷувон (бо дарозии 27 км), ки

барои эҳтиёҷоти маҳаллӣ хизмат мекард, бо маблағгузории давлатӣ ба шабакаи ҷумҳуриявӣ дохил намешуд.

Масъалаи маблағгузорӣ ба колхозу совхозҳо тавассути Вазорати кишоварзӣ баррасӣ мегардид. Бо ҷудо шудани маблағ ва пешниҳоди харҷнома, пудратчиёни Вазорати нақлиёт сохтмони роҳи совхози Данғарaро анҷом дода метавонистанд [75, л. 34].

24-уми ноябри соли 1967 КМ ҲК, Шурои Вазирони ИҶШС ва Шурои марказии иттифоқҳои касаба қарори махсус «Дар бораи ташаббуси коллективҳои корхонаҳои саноатӣ ва нақлиётӣ, ташкилотҳои сохтмонӣ, колхозҳо ва совхозҳо барои оғоз кардани рақобати сотсиалистӣ, барои иҷрои пешакии нақшаи панҷсолаи рушди иқтисодиёти миллӣ» қабул карданд. Дар ин давра дар сохтмони роҳ дастовардҳои навтарини илм, техника ва таҷрибаи пешқадам ба таври васеъ ворид карда шуданд. Соли 1968 дар низоми Вазорати нақлиёт ва хоҷагии роҳҳо, «Тоҷикдорстройтрест» барои ҷорӣ намудани таҷҳизот ва технологияҳои пешрафта дар сохтмони роҳҳо, ду корхонаи исеҳсоли эмулсияро ба истифода доданд.

Қарори КМ ҲК ва Шурои Вазирони ИҶШС, ки 5-уми августи соли 1968 қабул шуд ва ба рушди минбаъдаи сохтмони роҳҳои мошингард дар тамоми ИҶШС равона гардид, дар татбиқи муваффақонаи вазифаҳои роҳсозони Тоҷикистон нақши калидӣ дошт. Дар заминаи қарорҳои қабулгардида ва вазифаҳои пешбинишуда, корхонаҳои роҳсозии Тоҷикистон ҳар сол афзоиши босуръати сохтмони роҳҳои мумфаршро тахминан то 20 дарсад зиёд мекарданд. Ин пешравӣ ба зиёд гардидани ҳаҷми кор ва беҳтар шудани инфрасохтори нақлиётӣ дар кишвар заминаи муҳим гузошт.

Дар соли 1969 роҳи байни деҳаҳои Ховалинг ва Чуқураки ноҳияи Восеъ, ки қаблан роҳи хокӣ буда, ба таъмири ҷиддӣ ниёз доштанд бо дастгирии Кумитаи иҷроияи ноҳия ва маблағгузории Вазорати нақлиёт пурра асфалтпӯш карда шуда, мавриди истифода қарор дода шуд. Ҳамчунин, то охири сол роҳҳои деҳаҳои Қиблаӣ, Табатош, Яккатут ва Муродбахш то маркази колхози Правда асфалтпӯш гардиданд [75, л. 33].

Соли 1969 роҳҳои Душанбе – Ёвон, Душанбе – ағбаи Чормагзак – Норак ба истифода дода шуданд. Афзоиши ҳаҷми умумии нақлиёти автомобилӣ дар Тоҷикистон 42 дарсадро ташкил дода, ҳамлунақли мутамаркази боркашонӣ тақрибан ду баробар зиёд шуд. Ҳамчунин, дар ин муддат сохтмон ва барқарорсозии зиёда аз 420 км роҳҳои мумфарш ба нақша гирифта шуд.

Дар Тоҷикистон, ки имкониятҳои рушди нақлиёти роҳи оҳан маҳдуд аст, нақлиёти автомобилӣ ва шоҳроҳҳо дар пешрафт ва рушди иқтисодии он нақши калидӣ доранд.

Шоҳроҳҳо, ба шабакаҳои роҳҳои аҳаммияти умумииттифоқӣ, ҷумҳуриявӣ ва маҳаллидошта, тақсим мешаванд.

1. Роҳҳои умумииттифоқӣ ҳамчун шоҳроҳи калидӣ барои ҳамоҳангсозии нақлиёт ва мустаҳкам кардани пайвандҳо байни ҷумҳуриҳои умумииттифоқӣ, хизмат мекарданд ва нақши муҳим дар рушди иқтисод, тиҷорат ва бехатарии ҳаракат дар роҳро доштанд.

2. Роҳҳои ҷумҳуриявӣ барои мувозинат дар иқтисодиёт, мубодилаи молу мусофирон байни минтақаҳои ҷумҳурӣ ва иҷрои талаботи давлатӣ аҳаммияти калон доштанд ва бо сифати баланди техникӣ таъмин мешуданд.

3. Роҳҳои аҳаммияти маҳаллидошта барои рафъи эҳтиёҷоти аҳолӣ, интиқоли молу маҳсулот ва хизматрасонӣ ба минтақаҳои гуногуни кишвар кумак мерасониданд.

Шабакаи асосии роҳҳо, ин шоҳроҳҳои аҳаммияти умумииттифоқӣ буда, дар таъмини робитаҳои маъмурӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии шаҳрҳо ва ҷумҳуриҳои умумииттифоқӣ нақши муҳим доштанд. Дарозии онҳо дар ин давра 6,7 дарсади тамоми шабакаи роҳҳоро ташкил медод.

Шабакаи роҳҳои мошингард барои таъмини пайвастагии иқтисодӣ ва иҷтимоии байни минтақаҳо, аниқтараш байни вилоятҳо ва ноҳияҳои гуногуни кишвар, муҳим буданд. Шоҳроҳҳои дорои аҳаммияти ҷумҳуриявидошта ба рушди иқтисодиёти миллӣ, боркашонӣ ва ҳаракати мусофирон дар миқёси мамлакат кумак менамуданд, ҳамчунин дар шабакаи роҳҳои маҳаллидошта нақши марказиро мебозанд. Роҳҳои аҳаммияти

ҷумҳуриявидошта 21,2 дарсади тамоми дарозии роҳҳоро ташкил дода, аз нигоҳи стратегӣ ва иқтисодӣ хеле муҳим буданд. Ин роҳҳо ба муҳити тиҷоратӣ, нақлиёти байниминтақавӣ ва ҳамчунин, таъмини пайвастагии минтақаҳои дурдаст ва маркази кишвар кумак мекарданд.

Бояд қайд намуд, ки дар Тоҷикистон ҳиссаи нақлиёти автомобилӣ дар мувозинати умумии нақлиёти кишвар дар соли 1970 дар нақлиёти боркаш 90,5 дарсад ва дар нақлиёти мусофиркашонӣ 78 дарсадро ташкил мекард [121, с. 5].

Солҳои 1966–1970 дар натиҷаи заҳмати зиёд, шабакаи роҳҳои мошингарди ҷумҳурӣ дар охири давраи панҷсола ба 15,5 ҳазор км расонида шуд. Аз ин миқдор, 6560 км роҳҳои мошингард буданд, аз ҷумла 4370 км он бо маҳсулоти нафтӣ коркард шуда ва 450 км роҳҳои асфалтубетонӣ буданд. Ҳамчунин, ҳиссаи роҳҳои мумфарши кишвар 486 км ё 6,5 дарсадро ташкил медоданд.

Дар маҷмуъ, дарозии роҳҳои мошингард ба 14 ҳазор км мерасид, ки аксарият хатҳои ҳалқаи ҷанубиро дар бар мегирифтанд. Роҳҳои муҳим ба мисли Душанбе – Қӯрғонтеппа – Кировобод – Кӯлоб – Данғара – Норак – Душанбе ва дигар масирҳо барои пайвастагии минтақаҳои кишвар нақши стратегӣ доштанд. Новобаста аз мушкилотҳои иқтисодию логистик Тоҷикистон дорои шабакаи васеи роҳҳои алоқа буд, ки ба рушди нақлиёт ва пайвасти минтақаҳои гуногуни кишвар кумак мерасонид. Шабакаи мазкур дар бар мегирифт:

1. Роҳи оҳани муқаррарӣ 255 км. Ин роҳи оҳан барои интиқоли борҳо ва мусофирон дар миқёси кишвар нақши муҳимро бозида, як роҳи самараноки интиқоли мол ва мусофирон ба ҳисоб мерафт, ки ба таври мустақим ба рушди иқтисод ва соҳаҳои гуногуни кишвар таъсир мерасонд.

2. Роҳҳои дарёии истифодашаванда, ки тақрибан 300 км-ро ташкил медоданд. Ин роҳҳои дарёӣ барои интиқоли борҳои вазнин ва ҳамчунин дар давраи зимистон, ки дигар роҳҳои нақлиётӣ одатан баста мешуданд, хеле муҳим буданд. Истифодаи роҳҳои дарёӣ воситаи самарабахш ва арзон барои

пайваст кардани минтақаҳои кӯҳистонӣ ва минтақаҳои дурдаст ба ҳисоб мерафт.

3. Роҳҳои мошингарди истифодаи умумӣ, 13500 км-ро ташкил медоданд, ки 8500 км онро роҳҳои пӯшиши сахтдошта ташкил мекард. Ин роҳҳои мошингард ба интиқоли борҳо, мусофирон ва иҷрои корҳои маишии аҳолии ҷумҳурӣ бештар кумак менамуданд. Роҳҳои пӯшиши сахтдошта (асфалт ё асфалтубетон) барои беҳтар намудани сифати ҳаракати нақлиёт ва пайваст гардидани минтақаҳо ва ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистон истифода мешуданд.

Дар солҳои 70-ум ба сохтани роҳҳо бо намудҳои беҳтари фарогирӣ диққати махсус дода мешуд. Танҳо дар панҷсолаи ҳаштум, дар муқоиса бо панҷсолаи ҳафтум, шабакаи роҳҳои дорои намудҳои асосии фарогири сатҳи сахт 364,0 км, қади роҳҳои маҳаллӣ – 214 км зиёд шуда, шоҳроҳи асосии ҷумҳурӣ Орҷоникидзеобод – Данғара – Кӯлоб азнавсозӣ карда шуданд. Фақат дар давраи солҳои 1960–1970 наздики 5100 км роҳҳои мумфарш сохта шуданд, ки ин 37,2% шабакаи роҳҳоро ташкил медод [270, с. 27]. Агар ҳаракати мошинҳо дар роҳ зиёд бошад, пас талабот ба сифати техникии роҳ ва шароити сохтмони он низ бештар мегардид. Дар чунин ҳолатҳо, ба масъалаи таъмини амнияти ҳаракат, бароҳатии воситаҳои нақлиёт ва самаранокии истифодаи роҳ диққати бештар дода мешуд.

Вобаста аз мақсади истифодабарӣ ва аҳаммияти стратегӣ доштанашон, роҳҳои кишвар ба се категория тақсим мешуданд:

1. Роҳҳои шабакаи умумӣ, асосан равобити шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриро таъмин намуда, барои истифодаи умумӣ пешбинӣ шудаанд ва дар онҳо нақлиёти мусофирбариву боркашонӣ роҳандозӣ карда мешуданд. Сифати техникии ин роҳҳо барои мусофиркашонӣ ва интиқоли молҳо, арзёбӣ мегардид.

2. Роҳҳои шаҳрӣ ё кӯчаҳо, нақлиёт ва ҳаракати пиёдагардонро дар дохили шаҳр ва минтақаҳо таъмин намуда, барои хизматрасонӣ ба аҳолӣ, рушди иқтисоди маҳаллӣ ва бехатарии шаҳрвандон аҳаммият дошт.

3. Роҳҳои кишоварзӣ асосан барои таъмини робита байни минтақаҳои кишоварзӣ, корхонаҳои саноатӣ ва аҳолии маҳаллӣ бунёд мешуданд. Ин роҳҳо бештар барои интиқол ва тақсимоти маҳсулоти кишоварзӣ, ҳаракати кормандон ва интиқоли воситаҳои техникии соҳаи аграрӣ пешбинӣ шуда буданд.

Ба ин ё он гурӯҳ вогузор кардани роҳҳо то андозае шартӣ буда, бо банақшагирии дарозмуддат мумкин аст, ки роҳҳо аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар гузаронида шаванд.

Дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб то моҳи январи соли 1970 дарозии умумии роҳҳои истифодашаванда ба ҳолати зерин буд:

- Кӯлоб-77 км роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва 285 км маҳаллӣ;
- Восеъ-206 км ҷумҳуриявӣ ва 189 км маҳаллӣ;
- Данғара-131 км ҷумҳуриявӣ ва 390 км маҳаллӣ;
- Москва (ҳозира Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ)-13 км роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва 151 км маҳаллӣ;
- Фархор-93 км роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва 336,7 км маҳаллӣ [74, л. 53].

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи рушди инфрасохтор ва ворид намудани технологияҳои муосир, тамоми марказҳои минтақавӣ ва маҳалҳои аҳолинишини Тоҷикистон бо роҳи нақлиёти автомобилӣ алоқаи мунтазам пайдо карданд. Махсусан, дар охири солҳои 60–70-уми асри XX роҳҳои мошингард бештар рушд намуда, минтақаҳои аҳолинишин ба марказҳои саноатӣ пайваст шуданд.

Дар соли 1973 шумораи роҳҳо назар ба соли 1940 қариб 9,2 баробар зиёд шуда, ба рушди иқтисод ва беҳбудии алоқаи нақлиётӣ ва таҳкими раванди интиқол ва воридоти молу маҳсулот мусоидат намуд. То соли 1973, шумораи роҳҳои бо пӯшиши мазутӣ ба 370 маротиба афзоиш ёфт, ки ин нишондиҳандаи муҳим барои рушди инфрасохтори роҳҳо мебошад.

Нақлиёти автомобилӣ, ки як ҷузъи муҳим дар шабакаи нақлиётии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт, асосан барои таъмини ниёзҳои аҳолӣ ва фаъолияти бахшҳои гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳамлунақл ва

дигар хизматрасониҳо равона шуда буд. Нақлиёти автомобилӣ дар баробари иҷрои вазифаҳои худ, ҳамзамон, ба фаъолияти дигар зернизомҳои нақлиётӣ, аз қабили роҳи оҳан, ҳавоӣ ва обӣ мусоидат менамояд [144, с. 437]. Тибқи маълумоти Б. Каримов, танҳо дар давоми солҳои 1961–1990 дар ҷумҳурӣ 1831 км роҳҳои автомобилгарди аҳаммияти ҷумҳуриявию маҳаллӣ ба маблағи 160 млн рубл сохта ба истифода дода шуданд [140, с. 15].

Роҳҳои мошингард дар ин давра бо талаботи техникии махсус мувофиқат мекарданд. Илова бар ин, марказҳои ноҳия ва маҳалҳои аҳолинишин бо алоқаи мунтазам бо шабакаи роҳҳои мошингард пайваст шуда, имкониятҳои коммуникативии устувор ва самаранокро таъмин менамуданд.

Дар маҷмуъ, ин дигаргунсозӣ ва пешрафт дар соҳаи роҳу оҳсозӣ нишон медиҳад, ки раванди корҳои роҳсозӣ тавассути афзоиши хатти роҳҳои пӯшида, таъмини бехатарии ҳаракати нақлиёт ва мунтазам барои мубодилаи маълумот дар соҳа ба таври назаррас такмил ёфтааст.

## 4.2. Механикунонии соҳаи роҳу нақлиёт ва нақши онҳо дар тараққиёти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ

Истифодаи технологияҳои муосир дар сохтмони роҳҳо, ки кори роҳсозонро осон ва самаранок месозад, ба рушди устувори иқтисодӣ ва коҳиши арзиши аслии маҳсулот кумак мекунад. Таҳкими соҳаи роҳсозӣ ва нақлиёт, ки як ҷузъи асосии инфрасохтори иқтисодии Тоҷикистон аст, дар татбиқи сиёсати самарабахши давлат нақши муҳим мебозад. Ин соҳа, аввалан, барои рушди устувори иқтисоди кишвар ва беҳтар кардани шароити иҷтимоии аҳолӣ, нақши калидӣ ва таъсиргузор дорад. Мақсади асосии механикунонӣ ва таҷдиди соҳаи роҳсозӣ ва нақлиёт аз он иборат аст, ки шароити мувофиқ барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат таъмин карда шавад. Олими рус А.И. Тваровская таъкид мекунад, ки: «Нақлиёт як унсури муҳим ва ҷудонашавандаи низоми иқтисодии кишварҳо ба шумор меравад. Он ҳамчун василаи пайвасткунандаи байни бахшҳои гуногуни саноат,

корхона, бахшҳои дохилии онҳо хизмат мекунад ва барои таъмини ҷараёни мунтазами истеҳсолот нақши калидӣ мебозад» [227, с. 15].

Истифодаи дурусти технологияҳои муосир дар соҳаи роҳсозӣ барои таъмини ҳаракати босуръат ва бехатар дар кишвар мусоидат мекунанд. Ба ин тартиб, роҳҳо ва нақлиёт бояд барои таъмини талаботи соҳаҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ самаранок ва камхарҷ бошанд. Бо роҳи беҳтар намудани сифати роҳҳо ва кам кардани хароҷоти нақлиёт, давлат метавонад ба рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар мусоидат намояд.

Роҳҳои мошингард дар Тоҷикистон барои бисёр минтақаҳо воситаи асосии алоқа ба ҳисоб меравbooнд, ки тавассути онҳо ҳамлунақли бор ва мусофиркашонӣ амалӣ мегардад. Бо вуҷуди ин, зиёда аз 80% роҳҳои кишвар, роҳҳои пӯшидаро ташкил медиҳанд. Дар солҳои 60-ум роҳҳои мошингарди кишвар мувофиқ ба талаботи замон сохта мешуданд, ки бори меҳварии нақлиёт то 6 тонна буд. Бо мурури замон, меъёрҳои тарҳрезӣ барои нақлиётҳои калон то 10 ва 11,5 тонна зиёд карда шуд. Мутаассифона, дар роҳҳои мошингарди ҷумҳурӣ нақлиётҳое ҳаракат менамуданд, ки вазнашон аз меъёрҳои муқарраршударо хело зиёд буд, ки ин боиси харобшавии бармаҳали роҳҳо мегардид [163, с. 57]. Пас аз барқароршавии баъдиҷангии хоҷагии халқ, майли сохтмони роҳҳо дар ҷумҳурӣ ҷиддан зиёд гашт ва дар солҳои 1950 то 1980 Тоҷикистон дар бахшҳои мухталифи иқтисодӣ, хусусан дар соҳаи нақлиёт ва рушди инфрасохтори роҳсозӣ, тағйиротҳои муҳимми худро паси сар намуд.

Дар ин давра як шакли навсозӣ дар сохтори роҳҳои мошингард сурат гирифт. Бо татбиқи лоиҳаҳои давлатӣ, ба хусус дар шоҳроҳҳои байналмилалӣ ва байниминтақавӣ, роҳҳои наву беҳтар ва босифат сохта шуданд. Масалан, шоҳроҳҳои Душанбе – Хуҷанд, Душанбе – Кӯлоб, Душанбе – Бохтар ва дигар роҳҳо таҷдиду навсозӣ карда шуданд. Шоҳроҳҳои кӯҳии минтақаҳои дурдасти кишвар низ таъмиру азнавсозӣ шуданд, ки ба талаботи зиёд барои интиқоли бору мусофирон ва таъмини пайвастагии байни шаҳрҳо ва ноҳияҳо ёрӣ расонид.

Дар солҳои 50–80-ум, иқтидори техникии нақлиёт дар Тоҷикистон бо воридоти техникаи муосир ва беҳтаршавии захираҳои техникӣ дар соҳаи нақлиёти боркаш ва мусофирбар ба таври назаррас афзоиш ёфт. Вобаста ба ин, дар шаҳру навоҳии кишвар нақлиёти ҷамъиятӣ, монанди автобусҳои калон ва троллейбусҳо, оҳиста-оҳиста ба сатҳи мукаммали худ расиданд.

Дар соҳаи сохтмон ва механикунонӣ бошад, техникаҳои муосир, аз ҷумла тракторҳо, экскаваторҳо, мошинҳои боркаш ва дигар воситаҳои махсус барои корҳои сохтмонӣ ва роҳсозӣ ба Тоҷикистон ворид шуданд. Тракторҳо ва дигар техникаҳои кишоварзӣ барои беҳтар гардидани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатӣ, ба роҳ мондани равандҳои механикунонӣ аҳаммияти калон доштанд.

Дар солҳои 50–80-уми асри XX нақлиёт ҳамчун воситаи муҳимми таъмини талаботи хоҷагии халқи мамлакат, аз қабили кишоварзӣ, саноат ва таъминоти хидматрасонии иҷтимоӣ гардид. Нақлиёти боркаш, автобусҳо ва вагонҳои мусофиркашон барои интиқоли шаҳрвандон, кашонидани бор ва дигар соҳаҳои иқтисодӣ истифода мешуданд. Дар ҳамин замон, дар шаҳрҳои калон, монанди Душанбе ва Хуҷанд, низоми нақлиётӣ бо ёрии автобусҳо ва троллейбусҳо ба мардум хизматрасонӣ мекард. Ҷадвали 6 ифодагари гуфтаҳои болоро тасдиқ мекунад.

**Ҷадвали 6. Интиқоли мусофирони дохилишаҳрӣ бо автобусҳои нақлиёти истифодаи умум (аз ҷумла, байнишаҳрӣ ва наздик ба шаҳр) [223, с.186]**

| Солҳо | Миқдори мусофирон интиқолшуда, млн нафар | Гардиши мусофирон, млн мусофир километр |
|---|---|---|
| 1950 | 15,4 | 43 |
| 1960 | 79,4 | 347 |
| 1965 | 113,8 | 525 |
| 1970 | 174,6 | 1018 |
| 1975 | 246,2 | 1511 |
| 1976 | 273,9 | 1559 |
| 1977 | 279,5 | 1717 |
| 1978 | 295,8 | 1860 |
| 1979 | 299,5 | 1938 |
| 1980 | 312,6 | 2003 |
| 1981 | 329,7 | 2421 |
| 1982 | 331,6 | 2168 |
| 1983 | 351,3 | 2229 |

Таҳлили маълумотҳои оморӣ нишон медиҳад, ки дар солҳои 1950–1983 нақлиёти автобусии дохилишаҳрӣ дар Тоҷикистон босуръат рушд ёфтааст. Дар ин давра на танҳо шумораи мусофирони интиқолшуда, балки гардиши мусофирон низ пайваста афзоиш ёфтааст, ки ин раванд нишондиҳандаи беҳтар гардидани шабакаи нақлиёти ҷамъиятӣ ва густариши хизматрасонии мусофиркашонӣ дар шаҳрҳо мебошад.

Аз таҳлили ҷадвал бармеояд, ки дар солҳои 50–80-ум нақлиёти автобусӣ дар шаҳрҳои Тоҷикистон нақши калидӣ дар таъмини ҳаракати дохилишаҳрӣ доштанд. Афзоиши пайвастаи мусофирон ва ҳаҷми гардиш нишон медиҳад, ки сиёсати давлатӣ дар самти густариши инфрасохтори нақлиёт, аз ҷумла хариди автобусҳои нав, беҳтарсозии роҳҳо ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, натиҷаҳои мусбӣ додааст.

Техникаи нақлиётӣ дар соҳаи кишоварзӣ, махсусан тракторҳо, мошинҳои махсус барои интиқоли маҳсулот, кранҳо ва дигар воситаҳои техникии барои пешбурди корҳои истеҳсолӣ ва сохтмонӣ, хеле муҳим буданд. Истифодаи самаранаоки техникаиборкашӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ ва саноатӣ барои ба роҳ мондани гардиши молу маҳсулот ва интиқоли он ба заводу фабрикаҳо ва ширкатҳои истеҳсолӣ кумак мерасонид. Мошинҳои боркаш, барои интиқоли маводди хӯрока, ашёи хом ва маҳсулотҳои кишоварзӣ истифода мешуданд.

Дар солҳои 60–70-и асри XX, низоми нақлиётии Тоҷикистон, асосан, барои таъмини иртибот бо ҷумҳуриҳои дигари Иттиҳоди Шуравӣ тарҳрезӣ шуда буд ва иртибот бо кишварҳои ҳамсоя, ба монанди Чин ва Афғонистон, то дараҷае маҳдуд буд [93, с. 92]. Масъалаи рушди инноватсионии нақлиёти Тоҷикистонро муҳаққиқи соҳаи иқтисод Рауфӣ А. мавриди таҳлил қарор дода, қайд менамояд, ки: «Рушди инноватсионии хизматрасонии нақлиётӣ дар Тоҷикистон боиси васеъ шудани фаъолият ва инкишофи ҳамаи намудҳои нақлиёт дар минтақаҳои мамлакат ва баромадан ба мамлакатҳои хориҷӣ оварда расонид. Аз ин рӯ, барои такмили минбаъдаи фаъолият бо мақсади ба истеъмолкунандагон расонидани хизмати наклиётӣ, инкишоф додани

тадбирҳои самаранок, истифода бурдани комёбиҳои навоваронаро дар фаъолияти ҳамаи намудҳои нақлиёт талаб менамояд» [203, с. 69-77].

Дар солҳои 70-ум, ҳукумати Тоҷикистон тадбирҳои муҳим барои сохтмони роҳҳои нав ва таҷдиди роҳҳои мавҷуда андешида, таваҷҷуҳи асосиро ба таҷдиди шоҳроҳҳо, васеъ кардани шабакаи роҳҳои кишвар ва сохтмону навсозии роҳҳои мошингарди Душанбе – Ленинобод, Кӯлоб – Калъаи Хумб ва нақбҳои Анзоб ва Шаҳристон равона гардид.

Дар заминаи корҳои анҷомёфта, соҳаи нақлиёт ва дар маҷмуъ, иқтисоди кишвар дар истифодаи технологияи муосир ва мусофиркашонӣ рушд намуда, таъмири роҳҳо ва афзоиши ҳаҷми маҳсулот байни нуқтаҳои истеъмолӣ ва истеҳсолӣ як марҳилаи муҳимми ин раванд гардида буд.

Ин ташаббусҳо, ки дар солҳои 70-ум оғоз ёфтанд, барои рушди инфрасохтори роҳҳои нақлиётии Тоҷикистон ва беҳтар шудани пайвастагии минтақаҳои кишвар нақши муҳим ба ухда доштанд ва ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар саҳми назаррас гузоштанд [223, с. 45-46]. Бо беҳтар шудани фаъолияти нақлиёти автомобилӣ дар ҷумҳурӣ мутамарказ намудани соҳаи нақлиёт, ки аз соли 1955 оғоз ёфта буд мусоидат намуд. Соли 1956 нақлиёти мутамарказшуда 15%-ро ташкил медод, аммо то соли 1970 нақлиёти автомобилӣ дар интиқоли борҳо ба 90,5% ва мусофирон ба 78% расид. Он на танҳо бор, балки қисми зиёди мусофиронро дар алоқаи дохилишаҳрӣ ва байнишаҳрӣ интиқол медиҳад.

Солҳои 1971–1975, ки ба татбиқи нақшаи панҷсолаи нуҳуми хоҷагии халқ рост меоянд, дар таърихи рушди инфрасохтори роҳу нақлиёти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ҳамчун марҳалаи муҳими фаъолгардонии сиёсати давлатии нақлиётӣ арзёбӣ мегарданд. Дар ин давра роҳбарияти ҷумҳурӣ масъалаи беҳбуди хоҷагии роҳҳо ва густариши иртибототи нақлиётиро ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодию иҷтимоӣ муайян намуда, ба он таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир кард. Чунин равиш на танҳо бо афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ,

балки бо зарурати таҳкими робитаҳои байни минтақаҳои ҷумҳурӣ ва таъмини фаъолияти устувори соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ алоқаманд буд.

Дар доираи иҷрои нақшаи панҷсолаи нӯҳум масъалаи навсозӣ ва такмили шабакаи коммуникатсионӣ, махсусан роҳҳои дохилии ҷумҳурӣ, мавқеи хоса касб намуд. Ин роҳҳо ҳамчун унсури асосии пайвасткунандаи марказҳо бо ноҳияҳои дурдаст, минтақаҳои кӯҳӣ ва маҳалҳои истеҳсолӣ хизмат мекарданд. Аз ин рӯ, таъмиру тармим ва таҷдиди онҳо на танҳо вазифаи техникӣ, балки масъалаи муҳими иҷтимоию иқтисодӣ ба шумор мерафт. Роҳбарияти ҷумҳурӣ ва мақомоти соҳавӣ бар он буданд, ки бе рушди устувори шабакаи роҳҳои мошингард пешрафти минбаъдаи иқтисодиёт ва беҳбуди сатҳи зиндагии аҳолӣ ғайриимкон аст.

Дар солҳои мавриди назар корҳои таъмиру таҷдиди роҳҳо тибқи барномаҳои махсуси давлатӣ ва бо ҷалби захираҳои молиявӣ, моддӣ ва кадрӣ амалӣ мегардиданд. Дар ин раванд ташкилотҳои муҳандисӣ, муассисаҳои роҳсозӣ ва сохторҳои дахлдори давлатӣ нақши муҳим бозида, барои татбиқи нақшаҳои пешбинишуда масъул буданд. Истифодаи таҷҳизоти муосир, такмили усулҳои сохтмон ва ҷалби мутахассисони баландихтисос имкон дод, ки сифати корҳои иҷрошуда тадриҷан беҳтар гардад.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти роҳсозӣ дар ин давра баланд бардоштани қобилияти борбардорӣ ва устувории роҳҳо буд, ки ин барои ҳаракати мунтазами нақлиёти боркаш ва мусофиркаш аҳаммияти ҳалкунанда дошт. Беҳтар гардидани ҳолати техникӣ ва сифати роҳҳо ба коҳиш ёфтани хароҷоти нақлиётӣ, кам шудани вақти интиқоли борҳо ва афзоиши самаранокии истифодаи воситаҳои нақлиёт мусоидат намуд. Ин раванд, дар навбати худ, ба рушди тиҷорати дохилӣ, таъмини мунтазами корхонаҳо бо ашёи хом ва васеъ шудани бозорҳои фурӯш таъсири мусбат расонд.

Илова бар ин, такмили роҳҳои дохилӣ ба беҳтар шудани пайвастшавии байни минтақаҳои ҷумҳурӣ мусоидат карда, ҷудогонагии нақлиётии баъзе ноҳияҳои кӯҳистонро то андозае коҳиш дод. Ин омил барои рушди иҷтимоии маҳалҳо, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф,

тандурустӣ ва фарҳанг, аҳаммияти махсус дошт. Осон гардидани рафтуомади аҳолӣ байни шаҳру деҳот ба густариши робитаҳои иҷтимоӣ ва таҳкими ҳамгироии дохилиҷумҳуриявӣ мусоидат намуд.

Ҳамин тариқ, солҳои 1971–1975 ҳамчун давраи муҳим дар рушди хоҷагии роҳҳои Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон арзёбӣ шуда, татбиқи сиёсати мақсадноки давлатӣ дар соҳаи роҳсозӣ заминаи устувор барои пешрафти минбаъдаи инфрасохтори нақлиётӣ фароҳам овард. Таҷрибаи ин давра нишон медиҳад, ки муносибати низомманд ба масъалаи рушди роҳҳо метавонад ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ ва беҳбуди шароити зиндагии аҳолӣ таъсири дарозмуддат расонад.

Дар солҳои 80-уми асри XX шабакаи роҳҳои Тоҷикистон хеле васеъ шуда, имкони ҳаракати нақлиёт ва рушди иқтисодро беҳтар кард. Бо дастгирии давлат сохтмони роҳҳои муосир ва ба талаботи замон мувофиқ оғоз гардид, ки ин ба рушди соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва хизматрасонӣ мусоидат намуд. Аммо ҳолати роҳҳо ва инфрасохтори нақлиёт ҳанӯз наметавонист талаботи афзояндаи аҳолиро қонеъ кунад. Ин мушкилот ба маҳдуд шудани дастрасӣ ба марказҳои маъмурӣ ва шаҳрҳои калон, ки барои таъминоти молу хизматрасонӣ муҳим буданд, оварда расонд.

Ташкилотҳои сохтмонӣ, ки масъул барои таъмири роҳҳо ва иҷрои нақшаҳои сохтмонӣ буданд, дар шароити норасои маводди сохтмонӣ ва дигар намуди таҷҳизотҳо наметавонистанд вазифаҳои худро дар бобати таъмир ва сохтмони роҳҳоро сари вақт ва бо сифат ба анҷом расонанд. Ин масъала тавассути интиқол ва дар чандин ҳолатҳо, бо сабаби норасоиҳо дар ташкили соҳа, ба самаранокии ҳаракати нақлиёт ва истифодаи роҳҳо таъсири манфӣ расонид.

Новобаста аз мушкилоти ҷойдошта нақлиёти автомобилӣ дар шароити ҷумҳурӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дошт. Ҳамарӯза нақлиёти автомобилии мусофиркашонӣ қариб сеяки аҳолиро мекашонид. Сабаби тараққиёти босуръати нақлиёти автомомбилӣ ва хоҷагии роҳи ҷумҳурӣ аз он иборат буд, ки масъалаҳои такмили минбаъдаи кори ин соҳаҳо ҳамеша дар маркази

диққати КМ ҲК Тоҷикистон қарор дошт. Дар давоми дуюним соли панҷсолаи даҳум мусофиркашонӣ ва воситаҳои нақлиёти автомобилӣ назар ба нақша 1,8 дарсад афзуд.

Солҳои 1976–1980 зимни татбиқи нақшаи панҷсолаи даҳум барои рушди роҳҳо ва нақлиёти автомобилӣ зиёда аз 122 млн рубл ҷудо карда шуд, ки он ба беҳтар гардидани ҳолати техникӣ ва афзоиши қобилияти борбардории роҳҳо мусоидат кард. Ба ин нигоҳ накарда, мушкилот дар амалишавии нақшаҳо ва иҷрои онҳо ҳоло ҳам мавҷуд буд.

Як аз омилҳои муҳимме, ки ба рушди соҳаи нақлиёт ва роҳсозӣ монеа эҷод мекард, беназоратӣ дар ҷараёни иҷрои корҳои сохтмонӣ ва таъмирӣ буд. Бештари комиссияҳои шуроҳои ноҳиявии депутатҳои мардумӣ, ки масъули таҳлилу мониторинги фаъолиятҳои роҳсозӣ ва таъмир буданд, кӯшиш мекарданд, ки ба ташкилотҳои роҳсозӣ ёрии зарурӣ расонанд ва кумакҳои молиявӣ диҳанд. Аммо дар амал, ин кумакҳо барои расидан ба ҳадафҳои лозима кофӣ набуд ва дар натиҷа нақшаҳои сохтмон ва таъмири роҳҳо тибқи нақша амали намегардиданд.

Барои беҳтар кардани ҳолати роҳҳои автомобилгард ва таъмир ё азнавсозии роҳҳои мавҷуда, зарур буд, ки маблағҳои махсус ҷудо шаванд. Аммо, дар бисёре аз ҳолатҳо, ин маблағҳо сари вақт пардохт намешуданд. Маблағҳое, ки барои сохтмон ва таъмири роҳҳо пешбинӣ шуда буданд, на танҳо аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ, балки аз ҷониби ташкилотҳои саноатӣ ва корхонаҳои дигар низ ҷудо мешуданд. Аммо, ҳамеша маблағгузорӣ дар вақташ иҷро намегардид. Баъзе корхонаҳои саноатӣ, ки барои иҷрои корҳои сохтмонӣ масъул буданд, фармоиш ва дастурҳои Шурои Олии ҶШС Тоҷикистонро дар бораи иштироки онҳо дар сохтмони роҳҳо риоя намекарданд ва маблағҳои заруриро сари вақт пардохт намекарданд. Ин камбудиҳо ба ақибмонии иҷрои нақшаҳо ва таъхир дар анҷоми корҳо оварда мерасонид.

Бо вуҷуди кӯшишҳои муассисаҳои масъул барои таъмири роҳҳо ва иҷрои нақшаҳо, бо сабаби камбуди молиявӣ ва техникӣ, на ҳама роҳҳои

муҳимми кишвар ба сатҳи зарурӣ таъмир мешуданд. Ин масъала на танҳо ба вазъи нақлиёт ва ҳаракати борҳо, балки ба таъмини шароити зиндагии мардум дар минтақаҳои дурдаст ва шаҳру ноҳияҳо низ таъсир мерасонд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳатто бо вуҷуди таъмини маблағҳои зарурӣ, нақшаи асосии сохтмон, таъмир ва навсозии роҳҳои мошингард тибқи нақшаи пешбинишуда ва бо сифати баланд иҷро карда намешуд. Сабаби асосии хунукназарии ташкилотҳои хоҷагӣ дар он буд, ки комитетҳои иҷроияи шуроҳои нав ба ин масъала диққати зарурӣ намедоданд [241].

Соли 1978 дар вилояти Кӯлоб 11 ташкилоти роҳсозӣ фаъолият дошт, ки сетои онҳо роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва ҳашт адади дигар роҳҳои маҳаллиро бунёд мекарданд.

Соли 1979 бошад, ҳукумати кишвар барои рушди инфрасохтори нақлиёт ва алоқа 97,3 млн рубл ҷудо намуд, ки аз ҳисоби он дар семоҳаи аввали соли 1980 дар минтақаи Кӯлоб 14,2 км роҳҳо таъмиру навсозӣ шуда, арзиши аслии корҳоро 0,3 дарсад арзон гардид [115].

Дар ин давра таъмири роҳҳои 90-километраи миёни ноҳияҳои Восеъ ва Ховалинг, ки яке аз роҳҳои муҳим ва стратегӣ барои пайвасти минтақаҳои гуногуни вилояти Кӯлоб ба ҳисоб мерафт шуруъ шуд. Пас аз таъмир барои баланд бардоштани сифати ҳаракати нақлиёт ба ҳолати хуб ва муосир шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Роҳсозони идораи баистифодадиҳии роҳҳои №14, ки масъули таъмири ин роҳ буданд, 50 км ин шоҳроҳро ба андозаи 3,5 метр васеъ намуда, барои таъмини эҳтиёҷоти нақлиётӣ роҳро мумфарш карданд. Қад-қади роҳҳои кушоду ҳамвор даҳҳо пешдолонҳои истгоҳи нақлиёт сохта шуд, ки мусофирон дар ҳама фаслҳои сол аз онҳо истифода мебурданд. Ҳамчунин, таъмири роҳи байни маркази вилояти Кӯлоб то деҳаи Туғмагӣ, ки 1700 метрро ташкил медод, аз ҷониби роҳсозони участкаи ба истифодадиҳии роҳҳои №38 аз таъмир бароварда шуд [131].

Дар солҳои 70 - 80-ум яке аз мушкилоти асосӣ дар иҷрои корҳои таъмир ва навсозии роҳҳо норасоии мутахассисони касбӣ, хусусан муҳандисони роҳ буд. Барои бартараф намудани мушкилоти норасоии кадрҳо, таъмини

устувории раванди корҳои инфрасохторӣ ваэҳтиёҷоти кишвар соли 1975 дар назди Донишкадаи политехникии Тоҷикистон факултети автомобилию роҳсозӣ таъсис дода шуд.

Соли 1977, 23 нафар хатмкардагони факултет бо тахассуси муҳандиси сохтмони роҳҳо ва пулҳо дар кӯҳистон соҳиби диплом шуданд. Таъсиси чунин як факултет на танҳо барои омода кардани мутахассисони касбӣ, ҳамчунин, барои ба стандартҳо ҷавобгӯй будани роҳҳо, амалишавии лоиҳаҳои нақлиётӣ ва роҳсозӣ дар шароити кӯҳистон, ки мушкилотро пеш меоварданд, муҳим буд.

Дар охири солҳои 70-ум, барои беҳтар кардани сифати сохтмон ва таъмири роҳҳо, Президиуми Шурои Вазирони Тоҷикистон ҷалби фаъолонаи корхонаҳои давлатӣ ва хоҷагиҳоро муқаррар намуд. Дар гузориши соли 1977 таъкид шудааст, ки колхозу совхозҳо бояд нигоҳдории роҳҳои дохилиро беҳтар кунанд, зеро камбудиҳои ҷойдошта боиси зуд вайрон шудани роҳҳо мегарданд ва сари ин масъала бояд чораҳои қатъӣ андешанд. Вақте ки коргарону ронандагон бо якдилӣ ва бо дастгирии тамоми сохторҳои ҷамъиятӣ корҳои худро анҷом медоданд, натиҷаҳои хуб ва пешрафт дар соҳа ба назар мерасид.

Дар лоиҳаи КМ ҲК ба анҷумани XXVI ҳизб зарурати минбаъд ҳам беҳтар намудан ва зиёд кардани роҳҳои мошингард таъкид гардидааст: «Инкишофи босуръати хатти асосии роҳҳои магистралии мошингард пешбинӣ карда шавад. Сохтмони роҳҳои мошингарди ноҳияҳои мамлакат ва дар навбати аввал сохтмони роҳҳое, ки марказҳои ноҳияҳоро бо роҳҳои мошингарди истифодаи умум пайваст менамоянд, вусъат дода шавад. Сифати сохтмон, таъмир ва нигоҳубини роҳҳо беҳтар карда, ба баланд шудани дараҷаи бехатарии ҳаракат диққати махсус дода шавад» [231, с. 13].

Маврид ба зикр аст, ки дар ин давра барои интиқоли маҳсулоти кишоварзӣ ва мусофирон 90 дарсад аз роҳҳои мошингарди истифода мекарданд.

Солҳои 1976–1980 дар солҳои панҷсолаи даҳум мутахассисони роҳсозӣ дар Тоҷикистон корҳои зиёди сохтмон, таҷдид ва таъмири роҳҳоро иҷро карданд, ки ин тадбирҳо барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва беҳтар намудани бехатарии ҳаракат дар роҳҳои мошингардро таъмин мекард. Бо вуҷуди ин, суръати такмили роҳҳо ва инфрасохтори марбут ба онҳо ҳамоно ба талаботи рушди иқтисодёти кишвар ҷавобгӯ набуд.

Ҷиҳати бомуваффақият иҷро намудани вазифаҳои сохтмону истифодаи роҳҳо, дар сохтори идоракунии хоҷагии роҳ тағйирот ворид карда шуд. Моҳи декабри соли 1979 бо фармони Президиуми Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон Вазорати сохтмон ва истифодаи роҳҳои мошингард таъсис дода шуд. Масъулияти вазорат омода намудани лоиҳа, сохтан ва ба истифода додани роҳҳои мошингарди истифодаи умум, вусъат додани сохтмони саноатӣ ва граждании, истеҳсоли саноатии битуми роҳсозӣ ва маснуоти васлшавии оҳану бетонӣ буд.

Новобаста аз муваффақиятҳои бадастомада дар панҷсолаи даҳум бо сабаби ба таври зарурӣ ҷорӣ нагардидани иҷроиши гурӯҳӣ, аз ҷиҳати моддию маънавӣ ва ҳавасманд нагардонидани коргарон, ҳамчунин диққат надодан ба кори кормандон, алалхусус ба мутахассисони ҷавон тресті «Тоҷикдорстрой» нақшаи корҳои пудратиро иҷро накард [231, с. 13-14].

Дар соли 1980 Ҳукумати Тоҷикистон Вазорати сохтмон ва идораи роҳҳоро барои рушди иқтисод ва бахшҳои хоҷагӣ таъсис дод. Ин қарор бо мақсади муттаҳидсозии бахши сохтмон, таъмир ва нигоҳдории инфрасохтори нақлиёт ва ҳифзи захираҳо, ҳамчунин баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ин соҳа қабул гардид. Вазорат масъулияти асосиро дар назорат ва ҳамоҳангсозии ҳамаи корҳои марбут ба сохтмон, таҷдид ва беҳбудии сифати роҳҳо бар дӯш гирифт ва ба беҳтар кардани истифодаи онҳо равона гардид. Икдоми таъсиси вазорат, қадами муҳим дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ ба ҳисоб мерафт, ки боиси таҳким ёфтани робитаҳои байни минтақаҳо, дастгирии лоиҳаҳои стратегии нақлиётӣ ва таъмини рушди устувори ин соҳа дар кишвар гардид [270, с. 29].

Вазорати сохтмон ва истифодаи роҳҳои мошингард барои тараққиёти минбаъдаи хоҷагии роҳи ҷумҳурӣ захираю имкониятҳои зиёде дошт. Ин на фақат ба истифода додани иқтидорҳои нави базаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла корхонаи таъмири техникаи роҳсозӣ, корхонаи тавлиди асфалту бетони Колхозобод ва корхонаҳои дигар аст.

Дар корхонаи нафту битуми Колхозобод ба роҳ мондани истеҳсоли битуми моеъ муваффақияти калон буд. Бо ёрии ин масолеҳ тарҳи мумфарш кардани роҳҳоро такмил додан ва муҳлати истифодаи онҳоро зиёд кардан мумкин буд.

Барои беҳтар кардани идоракунии хоҷагии роҳ, дар сохтори вазорат Идораҳои истеҳсолии роҳҳои автомобилӣ (ПУАД) таъсис ёфтанд. Ҳамзамон бо трести «Тоҷикдорстрой», ки дар соли 1962 таъсис ёфта буд, ҳамчунин трестҳои «Мостострой» ва «Спетсдорстрой» таъсис дода шуданд. Дар вилоятҳо ташкилотҳои сохтмонӣ, мисли «Ленинабаддорстрой» ва «Хатлондорстрой» таъсис ёфтанд, ки маблағҳоро барои сохтмон ва таъмири роҳу пулҳо мутамарказ мекарданд. То соли 1980 маҷмуан дар қаламрави ҶШС Тоҷикистон дарозии роҳҳо ба 13,216 км расид. Дар минтақаҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб бошад ба 2,502 км мерасид, ки аз ин 2,348 км роҳҳо бо сатҳи сахт мавҷуд буданд [270, с. 32].

Дар ин давра дар самти бунёд ва таъмири роҳҳои мошингард ба пешравиҳои ноил гардида, роҳҳои ҷадиди мошингард сохта шуда, роҳҳои мавҷуда аз нав таъмиру такмил ёфтанд. Дар солҳои 1961–1980 дарозии роҳҳои сангфарш 3,7 маротиба афзуда, ҳиссаи роҳҳои мумфаршшуда аз 20% то 80% расид, ки нишондиҳандаи рушди назарраси инфрасохтори нақлиётӣ аст. Дарозии роҳҳои таъмиршуда ва мумфаршшуда, ки барои ҳаракати нақлиёт мувофиқ буданд, ба таври назаррас афзоиш ёфта, аз 1,6 ҳазор км соли 1960 ба 8,6 ҳазор км дар соли 1980 расонида шуд. Ин раванд шароити нақлиётро беҳтар намуда, инфрасохтори кишварро тақвият бахшид ва ҳамзамон ба рушди иқтисодӣ ва беҳбуди зиндагии мардум таъсири мусбат расонд.

**Ҷадвали 7. Дарозии роҳҳои автомобилгард (дар охири сол; ҳазор км) [223, с. 185]**

| Солҳо | Ҳамаи роҳҳо | Аз ҷумла, бо пӯшиши сахт | Аз онҳо бо роҳи беҳтаршуда (бо пӯшиши семент-асфалт-бетон) |
|---|---|---|---|
| 1950 | 13,8 | 1,1 | 0,0 |
| 1960 | 14,1 | 2,9 | 1,6 |
| 1965 | 12,3 | 4,8 | 2,8 |
| 1970 | 13,4 | 8,0 | 5,5 |
| 1975 | 13,4 | 9,7 | 7,9 |
| 1976 | 13,3 | 9,9 | 8,1 |
| 1977 | 13,2 | 10,3 | 8,4 |
| 1978 | 13,2 | 10,5 | 8,5 |
| 1979 | 13,2 | 10,7 | 8,5 |
| 1980 | 13,2 | 10,8 | 8,6 |
| 1981 | 13,3 | 10,9 | 8,8 |
| 1982 | 13,2 | 10,9 | 8,8 |
| 1983 | 13,4 | 11,2 | 8,9 |

Маълумоти омории солҳои 1950–1983 раванд ва хусусиятҳои рушди инфрасохтори нақлиётии кишварро хеле дақиқ инъикос намудааст.

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки дар давоми се даҳсола (1950–1983) ҳиссаи роҳҳои бо пӯшиши сахт тақрибан даҳ маротиба ва роҳҳои бо пӯшиши беҳтаршуда аз сифр то қариб 9 ҳазор км афзудааст. Ин раванд натиҷаи татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба беҳсозии шабакаи роҳҳои автомобилгард, тавсеаи робитаҳои байни ноҳияҳо ва баланд бардоштани аҳаммияти иқтисодиву иҷтимоии нақлиёти автомобилӣ мебошад.

Дар маҷмуъ, маълумоти мазкур нишон медиҳанд, ки рушди соҳаи роҳсозӣ дар Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XX яке аз самтҳои муҳимми сиёсати нақлиётӣ ба шумор мерафт. Афзоиши роҳҳои бо пӯшиши устувор на танҳо сатҳи ҳаракат ва дастрасии аҳолиро беҳтар намуд, балки ба рушди саноат, кишоварзӣ ва тиҷорат дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ таъсири мусбат расонд.

Дар солҳои 80–90-уми асри XX дар соҳаи роҳсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти муҳими технологӣ ба амал омаданд, ки онҳо ба беҳтар гардидани сифати сохтмон ва устувории роҳҳои мошингард равона шуда буданд. Яке аз навовариҳои асосии ин давра истифодаи васеи битуми часпак ва битуми моеи роҳ ҳамчун пайвасткунандаи органикӣ ба ҷои нафти хом дар

таркиби қабатҳои роҳ ба ҳисоб мерафт. Ин ивазкунӣ натиҷаи рушди илму техника, инчунин таҷрибаи ҷамъшудаи соҳа буд, ки зарурати баланд бардоштани сифати роҳҳо ва мутобиқ намудани онҳо ба афзоиши сарбории нақлиётиро ба миён овард.

Истифодаи битум ҳамчун маводди пайвасткунанда имкон фароҳам овард, ки хосиятҳои физикӣ-механикии қабатҳои роҳ ба таври назаррас беҳтар гарданд. Битуми часпак нисбат ба нафти хом дорои қобилияти баланди пайвастшавӣ бо маводди минералӣ буда, устувории қабати роҳро нисбат ба таъсири омилҳои беруна, аз ҷумла тағйирёбии ҳарорат, боришот ва фишори доимии нақлиёт афзоиш медод. Ин хусусият махсусан барои шароити иқлимӣ ва релефии Тоҷикистон, ки бо тағйироти шадиди ҳарорат ва минтақаҳои кӯҳистон тавсиф мешавад, аҳаммияти калон дошт.

Ба кор бурдани битуми моеи роҳ низ дар беҳтар шудани технологияи сохтмон ва таъмири роҳҳо нақши муҳим бозид. Ин навъи битум имконият медод, ки корҳои роҳсозӣ дар мавсимҳои гуногун ва дар шароити нисбатан мураккаб анҷом дода шаванд, зеро он дар ҳарорати пасттар қобилияти хуби паҳншавӣ ва пайвастшавӣ дошт. Дар натиҷа, самаранокии корҳои сохтмонӣ боло рафта, вақти иҷрои лоиҳаҳо ва вобастагӣ аз шароити обу ҳаво то андозае коҳиш ёфт.

Тағйироти зикршуда ба баланд гардидани иқтидори тобоварии роҳҳо нисбат ба сарбориҳои афзояндаи нақлиётӣ мусоидат намуд. Бо назардошти афзоиши шумораи воситаҳои нақлиёт ва зиёд шудани ҳаҷми боркашонӣ дар солҳои охири давраи шӯравӣ ва ибтидои солҳои 90-ум, истифодаи битум ҳамчун пайвасткунандаи органикӣ ба талаботи нави истифодаи роҳҳо ҷавобгӯ гардид. Муҳлати истифодаи қабатҳои роҳ то анҷом додани таъмири асосӣ дар муқоиса бо даврaҳои қаблӣ ба таври назаррас дароз шуд, ки ин ба кам гардидани хароҷоти нигоҳдорӣ ва таъмир таъсири мусбат расонд.

Ҳамин тариқ, гузариш аз истифодаи нафти хом ба битуми часпак ва моеи роҳ дар солҳои 80–90-уми асри XX яке аз марҳалаҳои муҳими такмили технологии роҳсозӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Ин таҷриба на танҳо

сифати роҳҳоро беҳтар кард, балки заминаи техникӣ ва илмии рушди минбаъдаи соҳаи роҳсозиро фароҳам овард ва аҳаммияти татбиқи дастовардҳои илмӣ-техникиро дар соҳаи инфрасохтори нақлиётӣ боз ҳам возеҳтар намуд.

Барои иҷрои нақшаи тасдиқшуда, масъулияти таъмиру нигоҳдории 254 км роҳ, ки маркази ноҳияи Данғараро бо деҳаҳои атроф мепайваст, ба дасти Идораи истифодабарии роҳҳои №36 супорида шуда буд. Коллективи ин корхона, бо дастгирии қарорҳои КМ ва Шурои Вазирони ИҶШС, ки бо мақсади беҳтар кардани сифати сохтмон ва нигоҳдории роҳҳои мошингард қабул шуда буданд, ҳамчунин бо дастурҳои ҳизбиву давлатӣ, дар охири моҳи октябри соли 1980 ҳисоботи кории худро пешниҳод кард. Дар давраи ҳисоботи ба ҷойи 694 ҳазор рубли пешбинишуда, онҳо 730 ҳазор рубл барои корҳои сохтмон ва таъмири роҳҳо истифода карданд, ки 34 ҳазор рубл бештар аз нақша буд. Ба ҷойи таъмири 90 км роҳ, бо истифодаи захираҳо ва имкониятҳои мавҷуда, онҳо 110 км роҳро бо сифати баланд таъмир карданд [211]. Меҳнаткашони минтақаи Кӯлоб бошад, бо иҷрои уҳдадориҳои сотсиалистӣ дар соли 1981, илова ба нақша, 6 км роҳҳоро таъмир намуда, арзиши аслии корҳои роҳсозиро 8,3 дарсад кам карданд [232]. Барои таъмини ҳаракати бехатар ва муассир дар нақлиёт дар масирҳо ва хоҷагиҳои коммуналӣ, зарур буд, ки роҳҳо барои истифода дар шароити сармо ва зимистони сахт ба таври пурра омода гарданд [212].

Роҳсозону кормандони соҳаи нақлиёт бо ёрӣ ва роҳбарии бевоситаи ташкилотҳои ҳизбию давлатӣ супоришҳои онҳоро дар ин самт собитқадамона татбиқ менамуданд, ки дар натиҷа сатҳи хизматрасонии нақлиёти автомобилӣ васеъ гардида, коэффисенти истифодабарии паркҳои автомобилӣ ва шумораи автомобилҳо дар муассисаҳои нақлиётӣ афзуд.

Дар ду соли аввали панҷсолаи ёздаҳум (солҳои 1981–1985) барои сохтмон ва таъмири роҳҳо 854 ҳазор рубл харҷ гардида, 190 км роҳҳо асфалт карда шуда, 220,7 км роҳ аз таъмир бароварда шуд. Дар солҳои 80-ум, маҷмуи роҳҳои мошингарди вилояти Кӯлоб ба 2,339 км мерасид, ки ин роҳҳо

дар сатҳҳои ҷумҳуриявӣ, умумииттифоқӣ ва маҳаллӣ аҳаммияти калон доштанд.

Соли 1984 дарозии умумии роҳҳои мошингарди кишвар 13 216 км-ро ташкил медод, ки 10,5 ҳазор км он пушиши сахтдошта буданд [96]. Дар вилояти Ленинобод дарозии роҳҳои мошингард 3558 км, аз ҷумла бо пӯшиши сахт 1973 км; дар вилоятҳои Қӯрғонтеппа (ҳоло Хатлон) ва Кӯлоб 2502 км, бо пӯшиши сахт 2348 км; дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 1871 км, бо пӯшиши сахт 1147 км; дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриявӣ 2473 км, бо пӯшиши сахт 2154 км ва дар шоҳроҳи Помир ҳамагӣ бо пӯшиши сахт 499 км-ро ташкил медод.

То соли 1988, дар маҷмуъ, зиёда аз 13 700 км роҳҳои мошингард дар ҷумҳурӣ мавҷуд буданд, ки беш аз 88 дарсади онҳо пӯшиши сахт доштанд. Ин роҳҳо ба навъҳои гуногун тақсим мешуданд: қисме бо асфалт, қисме бо шағали сиёҳ ва шағал, ҳамчунин, роҳҳои хокӣ, ки бо усулҳои махсус мустаҳкам мешуданд.

Махсусан, ҳаракати нақлиёти автомобилӣ байни шаҳри Душанбе ва ВМКБ дар тобистон аз Душанбе ва зимистон аз шаҳри Уш амалӣ мешуд, зеро роҳи Душанбе – Хоруғ, ки дар гузаргоҳи Хобурубот бо нишебии сахт ва шароити ҳавоии номусоиди зимистон 6-7 моҳ дар давоми сол баста мешуд. Ин мушкилот, то ба таъхири интиқоли молу маҳсулот ва мушкилоти иқтисодӣ оварда мерасид, тақозо мекард, ки роҳҳои бадила ва ивазкунанда барои роҳҳои ВМКБ пайдо карда шаванд.

Дар ин росто, мутахассисон Я.Т. Бронштейн ва Б.Б. Каримов, пешниҳод намуда буданд, ки роҳи нави гузариш, ки тамоми сол алоқаи нақлиётӣ ва иқтисодии маркази ҷумҳуриро бо ноҳияҳои ВМКБ таъмин намояд, сохта шавад. Роҳи гузариш, ки тавассути Кӯлоб – Шурообод – Зиғар – Қалъаи Хумб мегузарад, метавонад як роҳи муҳим барои бартараф кардани мушкилоти нақлиётӣ дар давоми сол бошад. Бо сохтани роҳи мошингарди Кӯлоб – Шурообод – Зиғар – Қалъаи Хумб, ки 107 км дарозӣ дошт, роҳҳои асосии ҳаракати нақлиёт дар ин минтақа ба пуррагӣ таъмин мешуд. Илова

бар ин, тағйироти мазкур боиси кӯтоҳ шудани масофа дар самти роҳи Душанбе – Кӯлоб – Қалъаи Хумб – Хоруғ қариб то 150 км мегардад.

Бояд қайд намуд, ки сохтмони роҳи мошингарди Кӯлоб – Қалъаи Хумб – Хоруғ яке аз бузургтарин лоиҳаҳои сохтмони роҳ дар солҳои 80-ум ба ҳисоб мерафт. Ба истифода додани ин роҳ имкон медиҳад, ки тули сол иртиботи нақлиётии байни маркази Тоҷикистон ва Бадахшон, минбаъд бо ағбаи Кулма бо Чин таъмин карда шавад [138, с. 85]. Лоиҳаи пешакии роҳи мошингарди Кӯлоб – Қалъаи Хумб – Хоруғ дар асоси баъзе маълумотҳо, аввалин маротиба дар соли 1929 таҳия карда шуда буд. Вале лоиҳаҳои асосии роҳи мазкур танҳо дар солҳои 80-ум омода карда шуд. Бояд қайд кард, ки дар соли 1984 лоиҳаи роҳи мошингарди Кӯлоб – Қалъаи Хумб – Хоруғ бо дарозии умумии 400 км таҳия карда шуд, ки он 168 км аз Кӯлоб то Қалъаи Хумб ва 232 км то шаҳри Хоруғро дарбар мегирифт. Ин роҳ, ки қисми муҳимму стратегӣ дар шабакаи роҳҳои кишварро ташкил медод. Барои сохтмони роҳ, лоиҳаҳо ба ду бахш ҷудо карда шуданд: қисми 106 км, ки роҳро аз Кӯлоб то Қалъаи Хумб пайваст мекард, бо иштироки Институти лоиҳакашию ҷустуҷӯии «Тоҷикгипротранстрой» таҳия карда шуд.

Лоиҳаи 62-километраи роҳи Кӯлоб – Қалъаи Хумб аз ҷониби Институти лоиҳакашии шаҳри Тифлис (ҶШС Гурҷистон) таҳия гардид. Ин роҳ қисми аввали лоиҳаи мазкур буда, барои мустаҳкам намудани алоқаи нақлиётии байни минтақаҳои кӯҳӣ муҳим буд. Роҳи байни Кӯлоб то Шурообод дар миёнаҳои солҳои 80-ум сохта шуда, масофаи он 26,7 км-ро ташкил медод. Давоми роҳ аз Шурообод то Анҷироби Поён, ки 27,7 км мебошад низ ҳамон солҳо сохта шуд [112, с. 874].

Бо мақсади таҳкими равобит тавассути нақлиёт дар мамлакат қарор карда шуд, ки сохтмони роҳи мошингарди Кӯлоб – Шурообод – Зиғар – Қалъаи Хумб, роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Данғара – Кӯлоб роҳҳои мошингарди Душанбе – Ленинобод, сохтмони нақби мошингузар тавассути гузаргоҳи Анзоб, оғоз карда шавад. Сохтмони Неругоҳи барқи обии Роғун танзими роҳи мошингарди Душанбе – Орҷоникидзеобод – Комсомолобод

(ҳоло Нуробод) – Ғарм – Ҷиргатолро бо дарозии 300 км тағйир медиҳад, ки он аз ҷудошавии болои обанбор бо схемаи Оби Гарм – Комсомолобод – Ғарм мегузарад.

Анҷоми сохтмони нақб дар назди гузаргоҳи Анзоб ҳаракати нақлиётии тамоми сол дар роҳи мошингарди Душанбе – Ленинобод муқаррар карда шуд. Ин дарозии роҳи мавҷударо 32 км ва дар зимистон бо назардошти коҳиши алоқаи нақлиётии Душанбе – Ленинобод тавассути шаҳри Тирмиз 543 км камтар мекунад. Акнун дар Тоҷикистон ба хотири навсозӣ ва таҷдиди шабакаи роҳҳои куҳнаи асримиёнагӣ, роҳҳои муосир ва стандартҳои байналмилалӣ ба татбиқ гузошта шуданд. Ҳамчунин, ба иҷро расонидани нақбҳо ва сохтмони пулҳои муосир ба мақсади беҳтар кардани инфрасохтори нақлиётӣ ва рушди иқтисодии кишвар ба роҳ монда шуд. Бо назардошти омодасозии кадрҳои касбӣ барои бахши роҳсозӣ ва таъсиси факултет дар Донишгоҳи Политехникии кишвар нишондиҳандаи нақшаҳои стратегии ҳукумати ҷумҳурӣ барои рушди устувор ва мукаммалгардонии инфрасохтори нақлиётӣ мебошад [270, с. 32-33].

Рушди минбаъдаи сохтмони роҳ ва нақлиёт дар ҷумҳурӣ бо бартараф намудани масъалаҳои ҷойгиршавии истеҳсолот робитаи зич дошт. Ҳадафи асосии ин равандҳо ба даст овардани самараи баландтар дар иқтисод бо сарфаи камтари меҳнати ҷамъиятӣ буд, ки ин ба рушди соҳа ва ҳамзамон фаъолияти муназзами нақлиёт ва истеҳсолот вобаста аст. Вақте ки манфиатҳои хоҷагии халқ ва талаботи рушди иқтисодии кишвар дар ҷои аввал гузошта мешвад, он тақозо мекунад, ки барои таъмини ҳаракати самарабахши нақлиёт, шабакаи васеи роҳҳо сохта шавад, то ки мошинҳои боркаш ва нақлиёти муосир бо суръати баланд ва бе монеа, новобаста аз фасл ва шароити обу ҳаво ҳаракат карда тавонанд.

Ба ин мақсад, барои масъулони соҳаи роҳсозӣ дар ҷумҳурӣ вазифаҳои умумии таъминотимошинӣ ва дастгоҳии корҳои сохтмонӣ, ҷорӣ намудани усулҳои наву пешрафтаи роҳсозӣ ва баланд бардоштани сифати корҳо пеш гузошта шуд. Илова ба ин, беҳтар намудани вазъи корҳои сохтмонӣ,

навсозии роҳҳо, дар сохтмони қабатҳои роҳ ва такмили пойгоҳҳои онҳо ҳадафи минбаъдаи ҳукумати мамлакат буд. Ин равандҳо ба таҳия ва татбиқи тадбирҳое вобаста буд, ки бо истифода аз иншооти муосири васлкунанда ва конструксияҳои сунъӣ дар самти беҳтар намудани нигоҳдории роҳҳо, ҳамчунин истифодаи маводди истеҳсоли маҳаллӣ барои сохтмони пойгоҳҳо ва фаршҳои роҳҳо ва мусоидат ба рушду таъмини устувории инфрасохтори нақлиётӣ кумак мекарданд.

Барои бартараф намудани корҳои мавсимии роҳсозӣ ва таъмини фаъолиятҳои онҳо дар фасли зимистон зарур буд, ки технология ва таҷҳизотҳои нав дар раванди сохтмони роҳҳо ворид карда шаванд. Тадбирҳои ҳамвораи ҳукумат барои ворид намудани механизмҳои махсус ҷиҳати иҷрои корҳои сохтмону навсозӣ дар фасли зимистон ба беҳтар гардидани суръат ва сифати сохтмони роҳҳо ва нақлиёт дар тамоми сол кумак намуданд.

Бо дастгирии ҲК ИҶШС ва Тоҷикистон сохтмон ва такмили роҳҳои саросарии кишвар, ҳамчунин таҳкими робитаҳои нақлиётӣ бо минтақаҳои марказӣ ва дурдасти кӯҳӣ, ки бештар таваҷҷуҳ доштанд, дар Тоҷикистон як шабакаи муосири роҳҳо ва нақлиёт таъсис бунёд гардид, ки вазифаҳои худро бомуваффақият иҷро намуда, талаботи иқтисодӣ ва нақлиётиро қонеъ мекард. Вале пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва қатъ шудани маблағгузории мутамарказ, лоиҳаҳои муҳимми инфрасохторӣ, аз ҷумла сохтмони нақби Анзоб (Истиқлол), ки барои ҳал кардани мушкилоти нақлиётӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ муҳим буд, бекор ё ба таъхир гузошта шуданд. Роҳҳои мошингарди Душанбе – Хуҷанд, Душанбе – Айвоҷ, Обигарм – Комсомолобод – Ғарм, Кӯлоб – Шурообод – Қалъаи Хумб ва дигар лоиҳаҳои стратегӣ ба хотири қатъи маблағгузорӣ анҷом наёфтанд.

Қатъ шудани амалӣ кардани лоиҳаҳо, ки барои беҳтар кардани алоқаи нақлиётӣ ва иқтисодӣ дар кишвар ва маҳалҳои кӯҳӣ равона шуда буданд, ба рушди инфрасохтори кишвар ва афзоиши ҳамкории минтақаҳо ва мавзеъҳои ҷудо аксар вақт монеа шуд. Лоиҳаҳои таҷдиди роҳҳои мошингарди

Қӯрғонтеппа – Панҷ, роҳҳои атрофи Данғара, Кӯлоб, Кофарниҳон, Кангурт – Балҷувон, Балҷувон – Қалтачанор – Ховалинг, Кӯлоб – Ховалинг, Ховалинг – Шугнов, Тавилдара, Кӯлоб – Муъминобод, Айнӣ – Панҷакент ва дигар объектҳои саноатӣ, ки барои таъмини беҳтар шудани ҳолати роҳсозӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои ҷумҳурӣ пешбинӣ шуда буданд, бо сабаби кам шудани маблағгузорӣ, қатъ гардиданд [243, с. 122].

Қайд кардан ҷоиз аст, ки то оғози солҳои 90-ум, асосан, ислоҳот ба такмили низоми идоракунии маъмурии роҳҳои мошингард, такмили сиёсати ҷамъоварии пардохтҳо аз истифодабарандагон ва беҳтар кардани системаи ҷудо кардани фондҳо барои таъмир ва нигоҳдории роҳҳои мошингард равона карда шуда буд. Дар ин давра ба ҳар як км роҳҳои мошингарди истифодаи умумӣ ба ҳисоби миёна дар як сол барои таъмир ва нигоҳдории роҳҳо аз 8,7 то 11,3 ҳазор рубл ба нақша гирифта шуд.

25-уми январ 1974 Президиуми Шурои Вазирони ИҶШС бо фармони №1447 барои таъмини маблағгузорӣ ба сохтмон ва таъмири роҳҳои мошингарди маҳаллӣ қарореро қабул намуд, ки дар асоси он минбаъд маблағҳо бояд аз ҳисоби корхонаҳои нақлиётию саноатӣ, колхозу совхозҳо ва дигар сохторҳои хоҷагидорӣ ҷудо карда шаванд. Ин қарор ба таъмини манбаъҳои молиявӣ барои нигоҳдорӣ ва рушди роҳҳои мошингард дар шаҳру ноҳияҳои гуногун равона шуда, вазифадор сохт, ки ҳамаи ташкилотҳои дар минтақа фаъол барои таъмиру нигоҳдории роҳҳо саҳмгузорӣ намоянд. Ҳар сол тибқи ин фармон, барои нигоҳдории як км роҳ аз 3,4 то 4,3 ҳазор рубл маблағ ҷудо мешуд. Маблағҳои мазкур барои сохтмон ва таъмири роҳҳо, ҳамчунин, нигоҳдорӣ ва ҳифзи шароити ҳаракати нақлиёт дар кишвар равона мешуданд.

Бояд қайд намуд, ки ҳамаи роҳҳои мошингард дар Тоҷикистон асосан мувофиқи меъёрҳои муқарраркардаи ИҶШС сохта мешуданд ва баъзе аз ин роҳҳо то ҳол дар ҳолати истифода қарор доранд.

Ҳамин тариқ, дар давраи таҳқиқ маълум гардид, ки аз маҷмуи тамоми роҳҳои мошингарди Тоҷикистон, 42 дарсади роҳҳои мошингарди

ҷумҳуриявӣ ва байнидавлатӣ бо пӯшиши асфалтубетонӣ, ки барои таъмини устувории роҳ ва пешгирии осебҳо аз ҳавои номусоид кумак мекунад, фаро гирифта шуда буданд. Ҳамзамон 20 дарсади роҳҳои мошингарди маҳаллӣ низ пӯшиши асфалтубетонӣ доштанд. Таҳқиқи ҳолати роҳҳо нишон дод, ки тақрибан се-чоряки шабакаи роҳҳои кишвар дар вазъи техникӣ номутобиқ ба меъёрҳо қарор дошта, тақрибан як-чоряки дигараш дар сатҳи миёна ва танҳо қисми хеле кам, камтар аз як дарсад, дар ҳолати хуб нигоҳдорӣ шудаанд. Ин омор нишон медиҳад, ки сифати роҳҳо ва устувории онҳо дар кишвар дар сатҳи хеле паст қарор дошт. Қисмати боқимондаи роҳҳои мошингард дар ҷумҳурӣ бо маҳсулоти нафтӣ, сангу шағал ва хок рӯпӯш шудаанд, ки ин пӯшишҳо одатан ба дарозумрии роҳ таъсири манфӣ расонида, имкони осебпазирии роҳҳоро аз барфу борон дар зимистон кам мекард [270, с. 55].

Ташкилотҳои роҳсозии давлатӣ ва хусусӣ дар натиҷаи камбуди молиявӣ ва норасоии масолеҳ, бахусус битум ва маҳсулоти нафтӣ, наметавонистанд ба таври комил иҷрои нақшаҳои муқаррарии сохтмон ва таъмири роҳҳоро таъмин намоянд. Барои таъмир ва сохтани роҳҳо, ки дар баъзе минтақаҳо ба таъмири ҷиддӣ ва хизматрасонии нав ниёз доштанд, мавҷудияти маводди сохтмонӣ ба таъминоти мошинӣ мушкилоти асосӣ буд.

Дар маҷмуъ, солҳои 50–80-ум соҳаи нақлиёт дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар нақши муҳим дошт. Ҳарчанд баъзе дастовардҳо дар соҳа ба назар мерасид, аммо ҳолати умумии нақлиёт ва инфрасохтори он қаноатбахш набуд.

Дар Тоҷикистон ба кор андохтани таҷҳизоти худкор ва механикунонӣ дар бахши сохтани роҳҳо ва нақлиёт муҳим арзёбӣ мегардид. Ҳарчанд талошҳо барои истифодаи техникаи нав ба роҳ монда шуд, норасоии маблағ ва камбуди масолеҳи сохтмонӣ, махсусан дар корҳои хурд ва таъмири роҳҳои маҳаллӣ, мушкилоти ҷиддӣ эҷод мекард. Ҳарчанд механикунонӣ барои беҳтар намудани ҳолати инфрасохтор ва ташкили равандҳои нақлиёт дар кишвар зарур буд, камбудҳо дар таъмини молӣ ва камбуди захираҳо монеа

мегузоштанд, ки соҳа ба таври мувофиқ рушд кунад ва талаботи иқтисодии кишварро таъмин кунад.

Тавре маълум аст, вазифаи асосии соҳаи нақлиёт, пеш аз ҳама, қонеъ гардонидани саривақтӣ ва ҳамаҷонибаи ниёзҳои хоҷагии халқ ва аҳолӣ дар самти ҳамлунақл мебошад. Ҳамзамон, баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ ва сифати фаъолияти низоми нақлиётӣ низ яке аз самтҳои муҳимми ин соҳа ба ҳисоб меравад. Барои амалӣ сохтани ҳадафҳои мавриди назар бояд чандин масъалаи муҳимми соҳаи нақлиёт бо диди нав ва равишҳои муосир ҳаллу фасл гарданд, аз ҷумла: таъмини ҳамгироии самараноки зернизомҳои нақлиётӣ, беҳсозии равандҳои логистик ва ташкили ҳамлунақл, такмили тарҳрезӣ ва банақшагирии инфрасохтор, истифодаи босамари технологияҳои навин, баланд бардоштани суръати интиқоли мусофирон, таҳкими ҳамоҳангсозии байни намудҳои гуногуни нақлиёт ва беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ бо дарназардошти талаботи замони муосир [218, с. 128-132].

Аз баррасӣ ва таҳқиқу таҳлили боби сеюми рисола чунин хулоса кардан мумкин аст, ки:

– солҳои 50–80-уми асри ХХ давраи нисбатан нави рушди стратегӣ дар соҳаи роҳсозӣ ва инфрасохтори нақлиётии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар ин давра раванди таъминоти мошинии соҳаи роҳ, ҷорӣ кардани техника ва технологияи муосир, ҳамчунин, фарогирии бештари минтақаҳо бо роҳҳои мошингард, ба таври назаррас амалӣ гардид;

– ташкили шабакаи пайвастаи роҳҳои мошингард дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ дар солҳои 50–70-ум ба тадриҷ мусоидат намуд, ки он на танҳо пайвастшавии байни шаҳру ноҳияҳоро беҳтар кард, балки ба тақсимоти баробари захираҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар шароити мусоид фароҳам овард;

– таҷдид ва тавсеаи роҳҳои куҳна ва сохтмони роҳҳои нав (махсусан, дар минтақаҳои кӯҳистон ва дурдаст) дар заминаи сиёсати давлатии шуравӣ ва таваҷҷуҳи махсуси ҳизбу ҳукумат сурат гирифта, аҳаммияти ин роҳҳо дар таъмини ҳамлунақли маҳсулот, молу ашё ва одамон хеле боло рафт;

– механиконии соҳаи роҳу нақлиёт, бо истифода аз таҷҳизоти муосири сохтмонӣ, экскаваторҳо, булдозерҳо, роҳсозҳои автоматикӣ ва техникаи замонавии ҳамворсозӣ, имконият фарҳам овард, ки сифати роҳҳо ва суръати сохтмон ба таври назаррас беҳтар ва афзоиш ёбад. Ин раванд ба таъсиси пойгоҳҳои техникию таъмирӣ ва баланд бардоштани самаранокии меҳнат мусоидат кард;

– дар ҳамин марҳила омодасозии мутахассисони роҳсоз ва муҳандисони роҳу нақлиёт низ ба роҳ монда шуд, ки дар рушду нигоҳдории шабакаи роҳҳо нақши муҳим бозиданд. Ҳамчунин, ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмӣ ва тадқиқотӣ ҷумҳурӣ ва берун аз он ҷиҳати ҷорӣ намудани усулҳои нави сохтмон зиёд гардид;

– механиконии соҳаи роҳу нақлиёт, на танҳо самаранокии иқтисодиро таъмин намуд, балки боиси рушди дигар бахшҳои иқтисодӣ, аз ҷумла саноат, сохтмон, кишоварзӣ, боғкорӣ ва тиҷорат гардид;

– инфрасохтори нақлиётии бавуҷудомада дар солҳои 50–80-ум ба ҳайси унсури муҳимми стратегӣ барои рушди минбаъдаи иқтисоди миллии Тоҷикистон баромад кард. Бо дастгирии ҳукуматӣ ва барномаҳои сохтмонӣ, Тоҷикистон имкони шабакаи васеи роҳҳо ва нақлиётро дар ихтиёр дошт;

– таҳлили боби мазкур нишон медиҳад, ки солҳои 50–80-ум марҳалаи муҳим ва муассир дар таърихи роҳсозии Тоҷикистон мебошад. Дар ин давра бо татбиқи механиконии сохтмон ва таъсиси шабакаи васеи роҳҳо, инфрасохтори нақлиётии кишвар шакли мукаммал гирифт ва барои рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва минтақавии ҷумҳурӣ замина гузошта шуд.

# БОБИ 5. ИДОМАИ БАРҚАРОРСОЗИИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТИ ҲАВОӢ ВА РОҲИ ОҲАНИ ҶШС ТОҶИКИСТОН ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XX

## 5.1. Барқарорсозӣ ва рушди авиатсияи гражданӣ дар солҳои 50-80-ум

Пас аз анҷоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ нақлиёти ҳавоӣ дар Тоҷикистон боз ҳам рушду такомул ёфт. Авиатсия дар кишвар бо суръати баланд тараққӣ мекард, ки яке аз омилҳои асосии он навсозии парки ҳавопаймоии Тоҷикистон буд. Дар оянда нақлиёти ҳавоӣ ба яке аз бахшҳои муҳимми иқтисоди кишвар табдил ёфта, дар ҳаракати мусофирон, интиқоли бору мол, соҳаи кишоварзӣ ва дигар бахшҳои хоҷагии қишлоқи мамлакат нақши муассир ва ҳалкунанда гузошт.

Фаъолияти пурсамари авиатсияи Тоҷикистон имкон дод, ки минтақаҳо дурдасти кишвар, ки қаблан бо роҳҳои заминӣ ё дигар воситаҳои нақлиёт дастрасӣ ба онҳо мушкил буд, ба осонӣ пайваст шаванд. Пешрафти роҳи ҳавоӣ ба алоқаи мунтазами минтақаҳои кӯҳӣ ва дурдаст, ба монанди Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон, Бартанг, Яғноб ва ғайраҳо ба маркази ҷумҳурӣ ва вилоятҳо, мусоидат намуд. Ғайр аз ин, авиатсия вақтро барои ҳаракати мусофирон ва интиқоли молу маҳсулот аз ВМКБ, водии Қаротегину Вахш ва Ҳисор ба таври назаррас сарфа намуд. Ба ин тартиб, авиатсия на танҳо барои мусофирон, балки барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ мусоидат намуда дар рушди маорифу фарҳанг ва тандурустӣ низ хизмати бузурге расонидааст.

Дар солҳои баъдиҷангӣ вазъи иқтисодию иҷтимоии кишвар беҳтар гардида, парки ҳавоӣ-нақлиётӣ аз ҳисоби ҳавопаймоҳои мусофирбари ИЛ-2, Ил- 12 ва ИЛ-14 зиёд карда шуд. Ҳамин тавр, бори аввал дар соли 1945 Тоҷикистон алоқаи мустақими ҳавоиро бо Маскав, соли 1949 бо Боку, соли 1954 ва соли 1957 бо Адлер ба роҳ монд [234, с. 147].

Дар соли 1949 Хадамоти идораи ҳаракати ҳавоии Ширкати давлатии ҳавопаймоии «Тоҷикистон» номгузорӣ шуд, ки ҳоло он бо номи «ТоҷикЭйр»

фаъолият дорад [345].

Яке аз руйдодҳои муҳим дар роҳи ба даст овардани мустақилияти нақлиёти ҳавоии кишвар дар охири солҳои 50-ум дар заминаи Идораи ҳудудии Осиёи Миёна таъсис додани гурӯҳи алоҳидаи флоти ҳавоии граждани̣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, зарурати кушодани вазифаҳои нав ба миён омада, соли 1950 вазифаи роҳбари парвозҳо дар флоти ҳавоии граждани̣ ҷори̣ карда шуд. Он барои роҳбарии ҳаракати ҳавои̣ дар роҳҳо, минтақаи фурудгоҳҳо, махсусан, ҳангоми фуруд омадани тайёраҳо ҷори̣ карда шуд. Ба ин вазифа танҳо ҳавонавардони ботаҷриба таъйин карда мешуданд.

Дар давраи солҳои 1950–1960 авиатсия дар Тоҷикистон як соҳаи муҳим ва зарури̣ барои рушди иқтисод гардид. Барномаи рушди авиатсияи граждани̣ бо мақсади таъмини ҳаракати муназзам ва бехатарии парвозҳо дар шароити зиёд гардидани шумораи парвозҳо ва густариши шабакаи хатсайрҳои ҳавоии кишвар оғоз ёфт. Дар ин самт, таҳия ва қабул шудани ҳуҷҷатҳо ва қоидаҳои нав барои такмили назорат ва идоракунии парвозҳо аҳаммияти калон дошт.

Ҳамчунин, бо ҳадафи таъмини назорати ҳамаҷониба ва дурустии ҳаракати ҳавопаймоҳо, соли 1958 дар кишвар корҳои ҷори̣ намудани воситаҳои назорати объективии парвозҳо оғоз гардиданд. Воситаҳои назорати объективи̣, ба монанди фоторегистратсия (истифода аз камераҳо ва дигар таҷҳизоти визуали̣ барои сабт кардани натиҷаҳои парвозҳо) бо мақсади таъмини сифати иҷрои нишасти ҳавопаймоҳо, қабул гардиданд. Бо таҳия ва татбиқи дастурамалҳое чун «Дастурамал оид ба истифодаи фоторегистратсия барои назорати сифати нишасти ҳавопаймоҳо» ва «Дастурамал барои ташкил ва роҳбарии ҳаракати ҳавопаймоҳо дар фазои ИҶШС», дар фурудгоҳҳо як низоми муназзаму мукаммали хадамоти идора ва танзими ҳаракати ҳавопаймоҳо ба вуҷуд оварда шуд [293]. Ин қоида ва дастурҳо барои беҳтар кардани низоми ҳаракати ҳавопаймоҳо ва бехатарии парвозҳо дар тамоми ҳудуди ИҶШС муҳим гардид.

Таъсиси низоми мукаммали идоракунии ҳаракати ҳавопаймоҳо дар кишвар ба таваҷҷуҳи зиёд ба бехатарии парвозҳо ва самаранокии коркардҳои фурудгоҳҳо оварда расонид ва ба ҳамин тариқ, ҳаракати ҳавопаймоҳо на танҳо дар масирҳои асосии кишвар, балки дар манотиқи дурдасти кӯҳӣ, ба монанди Помир, Қаротегин, Вахш, Ҳисор ва дигар минтақаҳо ҳам таъмин карда шуд.

Ҳавопаймоҳои Тоҷикистон дар он замон дар марҳилаи аввали рушди иқтидори иҷтимоиву иқтисодии кишвар қарор доштанд. Бо ба кор андохтани авиатсия, дастрасӣ ба минтақаҳои кӯҳӣ, ки барои нақлиёти заминӣ расидан ба онҳо хеле мушкил буд, имконпазир шуд. Ин раванд ба рушди иҷтимоии минтақаҳои дурдаст ва кӯҳӣ кумак расонид ва шароити зиндагии сокинон дар минтақаҳо беҳтар гардид.

Ташкили низоми мукаммали авиатсионӣ имкон дод, ки Тоҷикистон ба як кишвари бо иқтидори баланд дар соҳаи авиатсия табдил ёбад, ки на танҳо дар дохили ИҶШС, балки дар сатҳи байналмилалӣ ҳамкории пурсамар бо дигар кишварҳо дошта бошад. Ин тамоюл дар рушди авиатсияи граждании Тоҷикистон таъсири калон расонида, дар таҳкими пояҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ нақши ҳалкунанда бозид.

Парки авиатсияи граждании Тоҷикистон бо ҳавопаймоҳои АН-2, АХР, ИЛ-14, ИЛ-18, Ан-6 ва чархболи МИ-4 муҷаҳҳаз гардида, ҳавопаймои Ил-12 соли 1954 аввалин маротиба дар хатсайри Сталинобод – Сочӣ парвоз кард. Худи ҳамон сол муассисаи ҳавопаймоии Ленинобод (ҳозира Суғд) таъсис ёфта, ҳавонавард Воробев бори аввал бо ҳавопаймои АН-6 дар болои яхҳои кӯли Сарез фуруд омад [246, с. 235-239].

Идораи авиатсияи граждании Тоҷикистон аз лиҳози самаранокии истифодаи ҳавопаймоҳои Як-40 ва Ан-28, дар миёни Аэрофлоти Иттиҳоди Шуравӣ мақоми аввалро соҳиб шуда, сохтори Идораи авиатсияи граждании Тоҷикистон тадриҷан васеъ ва рушд меёфт. Ҳаҷми интиқоли бор ва мусофирон тавассути ҳавопаймоҳо ба таври назаррас афзоиш ёфта, корҳои авиатсионӣ-кимиёвӣ бист маротиба афзуд [317].

Дар таърихи авиатсияи граждани 8-уми феврали соли 1960 саҳифаи нави таърихӣ кушода шуда, аввалин маротиба ҳавопаймои турбовинтии Ил-18 ба фурудгоҳи Душанбе оварда шуд ва аз моҳи марти ҳамон сол парвозҳои мунтазам ба самти Маскав оғоз ёфт [318]. Аз ҳамин сол, алакай ҳавопаймои ИЛ-18 парвозҳои худро дар самти Сталинобод – Маскав ва Сталинобод – Фрунзе – Алма-Ато – Новосибирск ба роҳ монд. Ҳамзамон, дар соли 1960 фурудгоҳи Кӯлоб ба фаъолият шуруъ намуд.

Дар солҳои 1950–1960 ба Тоҷикистон ҳавопаймоҳои ИЛ-18 ворид гардид, ҳамчунин фурудгоҳҳо бо таҷҳизоти нав таъмин гардидан, шумораи мутахассисони касбӣ омода гардиданд, ки ин ба афзоиши мусофиркашонӣ, таъсиси хатсайрҳои нави ҳавоӣ мусоидат намуд. Дар ин замина, Идораи авиатсияи граждании Тоҷикистон тавонист, ки парвозҳои мунтазамро ба ҷумҳуриҳои умумииттифоқӣ тибқи ҷадвали хатсайрҳои марказӣ роҳандозӣ кунад. Ҳавопаймоҳои тамғаи ИЛ-18, ки василаи асосии интиқоли мусофирон буд, имкон медод, ки парвозҳои мустақим аз Душанбе ба шаҳрҳои муҳимми Иттиҳоди Шуравӣ, мисли Маскав, Тошканд, Симферопол, Ашқобод, Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург), Киев, Алма-Ато, Новосибирск, Свердловск (ҳоло Екатеренбург), Бишкек, Боку, Сочи ва дигар шаҳрҳо анҷом дода шаванд.

Дар ин давра, хадамоти мусофиркашонӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ сол то сол афзоиш ёфт. Агар дар соли 1958 шумораи мусофирон, ки аз хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоӣ истифода намудаанд 161,5 ҳазор нафарро ташкил медод, пас дар соли 1963 ин рақам ба 573,4 ҳазор нафар расид ва дар соли 1965 ба 742,7 ҳазор нафар баробар гардид. Ба ин тартиб, дар тули ҳафт сол ҳаҷми мусофиркашонӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ 4,6 маротиба афзуд.

Дарозии хатсайрҳои ҳавоии Тоҷикистон, дар умум ба 650 ҳазор км баробар буда, 3800 км онро хатсайрҳои дохилии кишвар ташкил медоданд. Ин боис гардид, ки ҳаҷми ҳамлунақл тавассути нақлиёти ҳавоӣ афзоиш ёбад. Нигаред ба ҷадвали 8.

**Ҷадвали 8. Фаъолияти нақлиёти ҳавоӣ дар солҳои 1959–1965 [285, с.47-48]**

| Солҳо | Мусофиркашонӣ (ҳазор одам) | Интиқоли почта (тонна) | Интиқоли бор (тонна) | Зарфияти умумӣ (тонна) |
|---|---|---|---|---|
| 1959 | 215,8 | 1427,8 | 4263,2 | 21874,4 |
| 1960 | 286,9 | 1895,0 | 2173,0 | 28452,0 |
| 1961 | 401,9 | 2201,1 | 4609,9 | 40973,0 |
| 1962 | 490,6 | 2330,9 | 2955,1 | 46894,0 |
| 1963 | 575,9 | 2519,1 | 2829,1 | 54298,0 |
| 1964 | 646,5 | 2785,4 | 3797,0 | 61536,0 |
| 1965 | 742,7 | 3298,1 | 4624,3 | 74767,0 |

Ҳаракати мусофирон аз Тоҷикистон тавассути хатҳои ҳавоии умумииттифоқӣ аз рӯйи самтҳо чунин тақсим карда мешавад: ба самти Тошканд тақрибан 57 %, Маскав-18%, Қафқоз-13 %, Урал-2%. Дар хатҳои ҳавоии маҳаллӣ қисми асосии ҳамлунақл байни Душанбе – Ленинобод, Душанбе – Ғарм, Хоруғ, Колхозобод, Кӯлоб, Шаҳритус, ҳамчунин, байни Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб амалӣ карда мешуданд [150, с.49]. Дар моҳи феврали соли 1966 бошад, гурӯҳи алоҳидаи флоти ҳавоии гражданӣ ба Идораи авиатсияи гражданӣ табдил дода шуд [302].

Дар солҳои 60-ум диққати бештари роҳбарияти Тоҷикистон барои беҳтар кардани шароити зиндагӣ ва солимии мардум нигаронида шуда буд. Ин тавассути қабули қарорҳои муҳимми давлатӣ, аз ҷумла қарори ҳукумати ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои беҳтарсозии хизматрасонии тиббӣ ва рушди инфрасохтор» амалӣ мешуд. Авиатсияи санитарӣ, ки аввалан дар қаламрави ИҶШС бунёд гардида буд, дар Тоҷикистон баъд аз тасдиқи чунин қарорҳо ба як қисми таркибии соҳаи тандурустӣ табдил ёфт. Ворид кардани чархболҳо ва ҳавопаймоҳо барои расонидани кумакҳои тиббӣ, махсусан ба аҳолии манотиқи кӯҳӣ ва дурдаст ба як амали муҳим табдил ёфт.

Авиатсияи санитарӣ барои расонидани ёрии таъҷилӣ дар минтақаҳо ва ноҳияҳои душворгузар, ки аксаран аҳолии камшумор доштанд, нақши муҳим дошт. Чархболҳо, ки аз соли 1961 дар Тоҷикистон фаъолият мекарданд,

вазифаи асосии онҳо расонидани ёрии тиббӣ ба одамони осебдида, ки аз бемориҳои гуногун ва офатҳои табиӣ азият мекашиданд, маҳсуб меёфт. Чархболҳо, ҳамчунин барои интиқоли маводҳои озуқаворӣ, доруҳои зарурӣ ва шароити беҳдоштию тиббӣ низ истифода мешуданд.

Истифодаи чархболҳо имкон доданд, ки даҳҳо нафар сокинон, ки ба офатҳои табиӣ ва дигар хатарҳои табиӣ, аз қабили селҳо ва тармаҳо дучор мешудаанд наҷот ёбанд. Ҳамчунин, авиатсияи санитарӣ барои расонидани кумакҳои гуногун ба минтақаҳои дурдаст ё кӯҳӣ, ки роҳҳо дар мавсими зимистон ва қисмати фасли баҳор баста мешуданд, хизмат мекарданд.

Хизмати сарнишинони чархболҳои ва аъзои гурӯҳи наҷотдиҳандагонро метавон дар амалиёти наҷотдиҳии куҳнавардон дар шаби 24 ба 25 июли соли 1967, мисол овард. Дар ҳамин шабу рӯз, дар пиряхи Беляев, ки дар қисмати ҷанубу ғарбии қуллаи Исмоили Сомонӣ бо дарозии 9 км дар баландии 4800 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст, хаймаҳои 28 нафар куҳнавардон зери тарма монда, якчанд нафар варзишгарон ҷароҳатҳои вазнин бардоштанд. Сарнишинони чархболи МИ-4 таҳти роҳбарии командир В.М. Калошин ва халабони дуюм В.И. Доник санаи 29 июли соли 1967 амалиёти наҷотдиҳиро оғоз намуданд. Онҳо 11 парвози санитариро анҷом дода, куҳнавардон ва аъзои гурӯҳи наҷотдиҳандаро бо муваффақият ба ҷойҳои бехатар интиқол доданд. Барои нишон додани ҷасорат дар амалиёти наҷотдиҳӣ, халабонҳо В. Доник ва И. Медов бо медалҳои фахрии «Барои таъмини тандурустии ИҶШС» мукофотонида шуданд [148, с. 51].

Агар дар солҳои 50-ум ҳавопаймоҳои поршендор, ба монанди ИЛ-14, ки барои хатсайрҳои маҳаллӣ истифода мешуданд, пас дар солҳои 60-ум ҷойи онҳоро ҳавопаймоҳои тамғаҳи нав, ки иқтидори баланди парвоз доштанд иваз намуданд.

Ҳавопаймои ЯК-40 бо муҳаррикҳои турбовинтии дуконтурӣ, ки қаблан дар хатсайрҳои миёна ва дурдаст истифода мешуданд, ба сифати ивазкунандаи ҳавопаймоҳои ИЛ-14 ба истеҳсолот ворид гардиданд. Хавопаймои ЯК-40, ки дар масофаи на камтар аз 1000 км парвоз мекарданд,

заминаи боэътимод барои рушди авиатсияи граждании Тоҷикистон дар хатсайрҳои миёна ва дароз буданд. Бо истифодаи ин намуди ҳавопаймоҳо, Идораи авиатсияи кишвар тавонист на танҳо талаботи мусофиркашонӣ, балки эҳтиёҷоти зарурии ҷумҳуриро дар интиқоли борҳо таъмин намояд. Масалан, ҳавопаймои АН-2, ки асосан дар минтақаҳои баландкӯҳ парвоз мекард, бо ҳавопаймои БЕ-30 иваз карда шуд. Ҳавопаймои БЕ-30 бештар барои интиқоли маводди озуқа ва молу маҳсулот дар минтақаҳои баландкӯҳӣ ВМКБ истифода мегардид.

Дар соли 1970 дарозии хатҳои ҳавоӣ дар муқоиса бо соли 1950 беш аз 2,4 маротиба афзоиш ёфт. Дар натиҷа, шабакаи хатсайрҳои ҳавоӣ рушд намуда, шаҳрҳои калони Иттиҳоди Шуравӣ ва марказҳои саноатии онро ба ҳам пайваст мекард.

Бо ворид гардидани ҳавопаймоҳои нав, ба монанди АН-24, АН-26, ЯК-154, ТУ-134 ва чархболҳои МИ-8у МИ-6, авиатсияи Тоҷикистон тавонист парвозҳои бароҳату муассирро, бахусус дар минтақаҳои кӯҳӣ, таъмин намояд. Чархболҳо, новобаста аз шароити душвор, дар интиқоли бор, хизматрасонии тиббӣ ва амалиёти наҷотдиҳӣ нақши калидӣ доштанд. Ин давра бо рушди низоми нақлиёти ҳавоии кишвар, хусусан дар минтақаҳои кӯҳӣ ва дурдаст, ба Тоҷикистон имкон дод, ки бехатарӣ ва самарабахшии нақлиётро таъмин намоянд.

Барои таъминибехатарӣ ва мунтазамии парвозҳо соли 1966 «Дастур оид ба танзими парвозҳо» ба тавсиб расид, ки дар рушди соҳа саҳми назаррас гузошт. Дар ин санади муҳим бори нахуст меъёрҳо ва тартиботи идоракунии парвоз ва роҳнамоии ҳаракати ҳавопаймоҳо ҷой дода шуданд, ки ҳамкории самараноки хадамоти парвоз ва хадамоти назорати ҳаракати ҳаворо таъмин менамуданд. Дар давраи минбаъда ба ин чанд маротиба ислоҳоту такмилҳо ворид гардид. Бо назардошти афзоиши ҳаҷми парвозҳо, болоравии талабот ба ҳаракати ҳавопаймоҳо ва татбиқи технологияҳои нав, соли 1981 «Дастур оид ба хизмати ҳаракат дар авиатсияи граждании ИҶШС» таҳия шуда, ба амал ҷорӣ гардид [13-М, с. 227-232].

Парвози аввалини ҳавопаймои АН-2 соли 1975 дар хатти Кӯлоб – Даштиҷум анҷом дода шуд. Ин ҳавопаймо, ки махсус барои гузаштан аз кӯҳҳо ва роҳҳои душвор сохта шуда буд, масофаи хатти мазкурро дар 35 дақиқа тай мекард. Хатти роҳи ҳавоии Кӯлоб – Даштиҷум дар баландии наздик ба 3000 метр аз сатҳи баҳр ва аз болои қаторкӯҳҳо мегузашт [192].

Дар солҳои 1970–1980 авиатсияи санитарӣ як воситаи муҳим барои ёрии тиббӣ дар минтақаҳои кӯҳии кишвар табдил ёфт. Дар ин солҳо, дар ВМКБ, ки дар баландии 3000 то 4500 метр аз сатҳи баҳр қарор дорад, барои расонидани ёрии тиббӣ, интиқоли беморон ва маводди зарурӣ авиатсияи санитарӣ бо истифодаи ҳавопаймо ва чархболҳо ҷорӣ карда шуд. Масалан, соли 1977 як гурӯҳ олимон ва кухнавардони Шуравӣ ба қуллаи Исмоили Сомонӣ, ки қаблан онро қуллаи Коммунизм меномиданд, дар баландии 6100 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст, баромаданд. Бо сабаби аз ҳад зиёди сардии ҳаво, яке аз аъзоёни гурӯҳ ба садама дучор шуда, ба ҳалокат расид. Ин омил боиси қатъ гардидани сафари гурӯҳ гардида, онҳо дар як ҳамвории хурд маскан гирифтанд. Яке аз аъзоёни гурӯҳ Р.В. Хохлов ба илтиҳоби шуш гирифтор шуд ва барои наҷоти ӯ ба авиатсияи санитарӣ муроҷиат намуданд. Барои интиқоли ӯ сарнишинони чархболи МИ-4, таҳти фармондеҳии И. Иванов ва бортмеханик М. Шагаров сафарбар гардида, ӯро ба беморхонаи Душанбе интиқол доданд [152, с. 309].

Баҳори соли 1984 бо боридани барф ва фаромадани тарма, роҳҳои мошингард дар водии Бартанги ноҳияи Рушон баста шуданд. Ҳамин тавр, аҳолӣ аз маркази ноҳия пурра ҷудо шуда, ҳаракат байни деҳот хеле мушкил гардид. Дар чунин шароити душвор, ҳатто пиёда рафтан аз як деҳа ба деҳаи дигар ғайриимкон буд, ки ин вазъияти мушкил ва хатарнокро ба вуҷуд овард. Кормандони беморхонаи ноҳиявӣ наметавонистанд ба зарардидагон ёрии тиббӣ расонанд, зеро ба ин минтақа роҳи мошингард набуд. Яке аз сокинони деҳаи Басид ба беморхонаи ноҳиявии Рӯшон барқия фиристод. Сардухтури беморхона Худоназар Ниёзбеков вазъияти ба амаломадаро дарк карда, маҷбур мешавад ба авиатсияи санитарӣ муроҷиат намояд.

Воқеан, авиатсияи санитарӣ дар Тоҷикистон, махсусан дар ҳолатҳое, ки ҳаракати роҳҳои мошингард маҳдуд мегардид, нақши муҳим дошт [84].

Яъне, сарфи назар аз набудани пойгоҳи мустаҳками таъмири авиатсионӣ, ба мисли Қазоқистон, улуми ҳавонавардӣ ба мисли Украина ва ё Латвия ва техникаи муосири авиатсионӣ ба мисли Ӯзбекистон, нақлиёти ҳавоии маҳаллӣ ба андозаи миёна рушд карда буд ва вазифаҳои дар назди соҳа гузошташуда иҷро мегардид. Масалан, агар дар миёнаи солҳои 60-ум ҳавопаймоҳои авиатсияи граждании Тоҷикистон ҳамасола тақрибан ба 750 ҳазор мусофирон хизмат мерасониданд, дар солҳои 70-ум ин нишондод ба 1,7 млн нафар ва дар солҳои 80-ум бошад ба 2,5 млн нафар баробар гардид [308].

Дар солҳои 80-ум авиатсия дар Тоҷикистон ба як соҳаи калидии нақлиёти мусофиркашонӣ ва ҳамлу нақд табдил ёфта буд. Ҳар рӯз аз фурудгоҳи Душанбе беш аз 92 парвоз ба шаҳрҳои умумииттифоқӣ ва 47 парвоз дар дохили ҷумҳурӣ анҷом дода мешуд, ки аз афзоиши баланди талабот ба парвозҳои ҳавоӣ дар он давра шаҳодат медод. Дар ин давра, дарозии хатҳои ҳавоии Тоҷикистон ба 83,3 ҳазор км мерасид, ки беш аз 76,4 ҳазор км онро хатҳои ҳавоии дорои аҳаммияти умумииттифоқӣ дошта, ташкил медоданд. Аз нишондодҳо бармеояд, ки дар ин давра нақлиёти ҳавоӣ, бо ворид намудани ҳавопаймоҳои тамғаҳои гуногун ва беҳтар гардидани инфрасохтори онҳо, шароити мусоиди фурудгоҳҳо рушду пешрафт кардааст.

**Ҷадвали 9. Нишондодҳои асосии рушди нақлиёти ҳавоӣ [223, с. 185]**

| Солҳо | 1940 | 1950 | 1960 | 1970 | 1981 |
|---|---|---|---|---|---|
| Дарозии хатҳои ҳавоӣ бе қисмҳои такрорӣ, ҳазор км | 3,1 | 10,8 | 25,0 | 73,6 | 73,6 |
| Аз ҷумла, хатҳои ҳавоии аҳаммияти иттифоқӣ | - | 7,1 | 17,9 | 68,9 | 68,9 |
| Гардиши бор, млн тонна км | 1,1 | 6,0 | 16,2 | 26,0 | 26,1 |
| Гардиши мусофирон, млн мусофир км | 5,5 | 164,7 | 1603,2 | 3406,1 | 3665,4 |
| Миқдори мусофирон интиқолшуда, ҳазор нафар | 32,9 | 359,9 | 1691,0 | 2497,3 | 2594,1 |

Маълумотҳои ҷадвал дар бораи нишондиҳандаҳои асосии рушди нақлиёти ҳавоӣ дар солҳои 1940–1981 далели возеҳи афзоиши босуръати ин соҳаи муҳимми иқтисодиву иҷтимоии кишвар мебошанд.

Дар оғози давраи таҳлилшаванда, яъне соли 1940, шабакаи роҳҳои ҳавоӣ дар он вақт хеле маҳдуд буд ва тули хатсайрҳои ҳавоӣ бе ҳисоби қитъаҳои такроршаванда ҳамагӣ 3,1 ҳазор км-ро ташкил мекард. Дар солҳои баъдӣ, махсусан то соли 1950, ин нишондиҳанда то ба 10,8 ҳазор км расид, ки аз онҳо 7,1 ҳазор км-ро хатҳои аҳаммияти иттифоқӣ ташкил медоданд.

Даҳсолаи 1950–1960 давраи тавсеаи босуръати авиатсияи гражданӣ ба шумор меравад. Дар ин вақт дарозии хатҳои ҳавоӣ ба 25 ҳазор км расид, ки аз он 17,9 ҳазор км дорои аҳаммияти иттифоқӣ буданд. Ҳамзамон, гардиши молу маҳсулот аз 6,0 то 16,2 млн тонна км ва гардиши мусофирон аз 164,7 то 1603,2 млн мусофир км афзуд. Ин тағйирот натиҷаи воридшавии ҳавопаймоҳои нав, тавсеаи фурудгоҳҳо ва таъсиси хатсайрҳои нави мунтазам байни шаҳрҳои калон ба ҳисоб мерафт.

Дар солҳои 1970–1981 рушди устувори соҳа идома ёфт. Дарозии умумии хатҳои ҳавоӣ ба 73,6 ҳазор км расид, ки қариб ҳамаи онҳо ба шабакаи аҳаммияти иттифоқӣ дохил мешуданд. Ин давраро метавон марҳилаи ба даст овардани сатҳи устувори хизматрасонии ҳавоӣ номид, зеро тақрибан тамоми шаҳрҳои асосӣ тавассути хатсайрҳои мунтазам ба ҳам пайваст шуданд.

Гардиши бор дар ин давра ба 26,1 млн тонна км расида, дар муқоиса бо соли 1940 қариб 24 маротиба афзуд. Гардиши мусофирон бошад, аз 5,5 млн мусофир км дар соли 1940 то 3665,4 млн мусофир км дар соли 1981 зиёд шуд, ки ин беш аз 660 маротиба афзоишро нишон медиҳад. Миқдори умумии мусофирон низ афзоиши назаррас дошт: агар соли 1940 ҳамагӣ 32,9 ҳазор нафар мусофир тавассути ҳавопаймоҳо интиқол дода шуда бошад, пас соли 1981 ин рақам ба 2 594,1 ҳазор нафар расид.

Ин нишондиҳандаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар давраи баъдиҷангӣ нақлиёти ҳавоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман дар минтақа аз воситаи маҳдуди алоқа ба яке аз намудҳои муҳимми стратегӣ табдил ёфт. Рушди босуръати хатсайрҳо, афзоиши ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ, ҳамчунин беҳтар гардидани сифати хизматрасонӣ далели сатҳи баланди сиёсати нақлиётии давлат дар он давра мебошад.

Шаҳри Хуҷанд низ дар фаъолияти авиатсияи кишвар мақоми муҳимро ишғол мекард. Тавассути хатҳои ҳавоӣ фурудгоҳ он ба 26 шаҳрҳои Иттиҳоди Шуравӣ пайваст буд, ки дар рушди робитаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аҳаммияти назаррас дошта, дар Вазорати авиатсияи граждании ИҶШС ҷойи аввалро аз рӯйи парвози соатҳои ишғол мекард [160, с. 198].

Аз 1- уми январ то 30-юми апрели соли 1987 аз фурудгоҳи Душанбе 16 парвози ҳавопаймоҳои мусофирбарӣ ба Хуҷанд, 7 парвоз бо ҳавопаймои Ту-134 анҷом дода шудааст. Ҳамчунин, 5 парвоз ба шаҳри Самарқанд ва 2 парвоз ба шаҳри Тошканд бо ҳавопаймои Ту-154 анҷом дода шудааст [230, с. 3-10].

Дар давраи 80–90-уми асри XX авиатсия дар Тоҷикистон ба як соҳаи муҳимми инфрасохторӣ табдил ёфта буд. Дар ҳамин давра, хатсайрҳои дохилии ҳавоии Тоҷикистон, ки ба 33 самт парвоз мекарданд, имкони интиқол ва робитаи мунтазам байни марказҳои вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриро таъмин менамуданд. Хусусан, дар ВМКБ, парвозҳои ҳавоӣ нақши калидӣ дар таъмини алоқа бо маркази ҷумҳурӣ ва дигар минтақаҳои кишвар доштанд. Барои мисол, танҳо дар фасли тобистони соли 1988 парвозҳои мунтазам ба ноҳияҳои ВМКБ ба монанди Хоруғ, Рӯшон, Ванҷ, Ишкошим, Сағирдашт, Калъаи Хумб ва Мурғоб роҳандозӣ мешуданд. Ташкили парвозҳои мунтазам аз як тараф ба мусофирон имконияти саривақтӣ барои расидан ба ҳадафҳои гуногун (мутахассисон, омӯзгорон, кормандони тиббӣ ва ғайра) медиҳад ва аз ҷониби дигар ба иқтисодиёт ва рушди ҷомеа таъсири мусбӣ мерасонад. Соли 1988 нақлиёти ҳавоии кишвар беш аз 3,2 млн мусофирро интиқол дод ва наздики 4,3 млрд мусофир км иҷро намуд, ки ин дар муқоиса ба соли 1960 тақрибан 26 маротиб зиёд аст. Илова бар ин, фурудгоҳҳои мамлакат ҳамасола зиёда аз 2102,6 ҳазор мусофирро қабул мекарданд.

Дар маҷмуъ, дар солҳои 80–90-ум дарозии хатҳои ҳавоии кишвар 6,82 маротиба афзудааст. Афзоиши ҳаракати мусофирон ки 3,43 маротиба зиёд

шуда буд, шаҳодат медиҳад, ки нақлиёти ҳавоӣ нисбат ба дигар намуди нақлиёти мусофирбарӣ дар ин давра рушд кардааст.

Соли 1990 дарозии умумии хатҳои ҳавоии Тоҷикистон ба 73,7 ҳазор км мерасид, ки 68,9 ҳазор км ба хатҳои иттифоқӣ ва 4,8 ҳазор км ба хатҳои маҳаллӣ рост меомад [116, с. 8]. Ҳамзамон, хатсайрҳои нав барои таъмини алоқаи мустақим бо манотиқи кӯҳӣ ва дурдасти кишвар хидмат мекарданд. Акнун, такмили инфрасохтори ҳавоӣ ва тақвияти иртиботи кишвар бо минтақаҳои гуногун, бахусус ноҳияҳои кӯҳӣ ва дурдаст, алоқаманд буд.

Дар ин давра ҳаҷми хатсайрҳои ҳавоӣ тақрибан се баробар афзоиш ёфт. Махсусан, хатсайрҳои стратегӣ 3,9 маротиба зиёд шуданд, ки ин нишондиҳандаи таваҷҷуҳи махсуси Тоҷикистон ба густариши шабакаи авиатсионӣ дар доираи Иттиҳоди Шуравӣ мебошад. Афзоиш дар ҳаҷми интиқоли мусофирон низ намоён буда, шумораи мусофирон аз 1 млн 691 ҳазор нафар ба 2 млн 497 ҳазор нафар расид, ки ба 1,5 маротиба зиёд мебошад. Гардиши мусофирон 2,1 маротиба зиёд шуда, аз 1603 млн то 3406 млн мусофир км афзуд, ки аз пешрафти соҳаи мазкур шаҳодат медиҳад [234, с. 147].

Дар ҳамин давра, аввалин ретранслятори «Зардак» дар Осиёи Марказӣ сохта шуд, ки вазифаи муҳимро дар алоқаи ҳавоӣ байни Душанбе ва Урумчи иҷро менамуд. Бо истифода аз ин ретранслятор, иртиботи доимӣ ва бехатар байни Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин, хусусан шаҳри Урумчӣ, ба роҳ монда шуд, ки ин барои равобити ҳар ду ҷониб аҳаммияти калидӣ дошта, имкон дод, ки сокинони ин минтақаҳо бо воситаи нақлиёти ҳавоӣ пайвасти устувор ва мунтазамро нигоҳ доранд [13-М, с. 227-232].

Авиатсия дар ин давра на танҳо дар бахши интиқоли мусофирон, балки дар интиқоли бор, таҷҳизоти саноатӣ, маводҳои озуқаворӣ ва ёрии тиббӣ низ нақши муҳим дошт. Ҳамчунин, дар шароити баландкӯҳҳо ва маҳалҳои дурдаст, чархболҳо ва ҳавопаймоҳо ба аҳолии маҳаллӣ, ки дар зимистон бо мушкилоти нақлиётӣ рӯ ба рӯ мешуданд, кумак мерасониданд. Дар ин давра, роҳи ҳавӣ ба як сохтори асосии инфрасохтории кишвар табдил ёфта буд.

Қобили қайд аст, ки дар оғоз хатҳои ҳавоӣ дар Тоҷикистон дар асл як шохаи хурдеро ташким мекард, ки танҳо байни маҳалҳо роҳандозӣ шуда буд. Ворид намудани ҳавопаймоҳои нав ба ҷойгузини ҳавопаймоҳои куҳнаи поршендор, ба хусус ҳавопаймои ИЛ-14, яке аз ҳадафҳои асосии ҳукумати Тоҷикистон дар тақвияти нақлиёти ҳавоӣ дар кишвар буд. Ҳавопаймоҳои ИЛ-18, ЯК-40, ИЛ-76 ва ТУ-154М, ки ба шароити минтақаҳои баландкӯҳ мувофиқ буданд, аҳаммияти бештар пайдо карданд. Ҳавопаймоҳои ИЛ-18 ва ЯК-40 барои парвозҳои дохилӣ ва байналмилалӣ истифода мешуданд. Ҳавопаймоҳои муосир ва чархболҳои турбовинтӣ, ба мисли МИ-8 ва МТВ-1, барои иҷрои парвозҳои санитарӣ ва интиқоли маводҳои тиббию гуманитарӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ва ноҳияҳои дурдаст, кумак мекарданд.

Ҳамин тариқ, дар солҳои 50–80-ум ҳавопаймо ва чархболҳои навин заминаи рушди авиатсия ва нақлиёти ҳавоии Тоҷикистонро фароҳам оварданд. Тоҷикистон, ки худ кишвари кӯҳсор аст, ин намуди нақлиёт имконият фароҳам овард, ки минтақаҳои дурдаст ва кӯҳӣ бо маркази ҷумҳурӣ, вилоту ноҳияҳо ба осонӣ ва бехатар пайваст шаванд. Ҳавопаймо ва чархболҳои нав дар ин давра на танҳо робитаҳои мустақимро бо дигар ҷумҳуриҳои умумииттифоқӣ барқарор месохт, балки ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва беҳтар гардидани сифати хизматрасониҳо дар соҳаи нақлиёт мусоидат намуданд.

Дар ҳамин солҳо ба Тоҷикистон ҳавопаймоҳои навъи АН-24, АН-26, ТУ-134 ва ТУ-154 ворид гардиданд, ки парвозҳоро ба шаҳрҳои муҳимми дохилӣ ва хориҷи кишвар таъмин мекарданд. Ба кор андохтани ретрансляторҳои ҳавоӣ ба Тоҷикистон имкон дод, то алоқаи мунтазами ҳавоӣ бо кишварҳои ҳамсоя ва марказҳои авиатсионии муҳим, ба монанди Урумчи ба роҳ монда шавад.

Ворид кардани ҳавопаймоҳои муосир ва чархболҳои турбовинтӣ, роҳандозӣ кардани хатсайрҳои нав ва таъмини хизматрасониҳои мунтазам имкон доданд, ки Тоҷикистон на танҳо ҳамчун як нуқтаи муҳимми ҳавонавардӣ дар минтақа, балки ҳамчун бозори авиатсионӣ дар Осиёи

Марказӣ ва Шарқи Наздик худро муаррифӣ намояд. Дар солҳои 1990–1991 парки ҳавопаймоҳо ва чархболҳои Тоҷикистон бо ҳавопаймоҳои муосири И-76, ТУ-154М ва чархболҳои МИ-8, МТВ-1 таъмин карда шуданд. Ҳавопаймоҳои Ил-76 ва ТУ-154М барои интиқоли мусофирон ва бор дар хатсайрҳои байналмилалӣ истифода мешуданд. Чархболҳои МИ-8 ва МТВ-1 асосан барои иҷрои парвозҳои беҳдоштӣ, интиқоли маводди зарурии ғизоӣ, тиббӣ, корҳои наҷотдиҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ва маҳалҳои дурдаст истифода мешуданд. Дар маҷмуъ, дар давраи таҳқиқ (солҳои 50–80-уми асри XX) роҳи ҳавоӣ дар Тоҷикистон рушд намуд. Ҳавопаймову чархболҳои наву муосир, хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ, ба стандарти байналмилалӣ мувофиқ гардонидани фурудгоҳҳо, ворид намудани техникаи муосир барои нигоҳдошти онҳо, омода намудани мутахассисони касбии соҳа аз рушду пешрафти роҳи ҳавоӣ ва авиатсияи гражданӣ дар Тоҷикистон шаҳодат медиҳанд.

## 5.2. Фаъолияти ташкилӣ ва иқтисодии роҳи оҳан дар таъмини соҳаҳои хоҷагии халқ

Пас аз поёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Тоҷикистон ба раванди барқарорсозӣ ва инкишофи иқтисод ва инфрасохтори нақлиётӣ, ки дар солҳои ҷанг заиф гардида буданд, оғоз кард. Ин ҷараён барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва ҳамоҳангсозӣ бо меъёрҳои муосири байналмилалӣ муҳим шумурда мешуд. Дар ин давра барои Тоҷикистон таҷдиди соҳаи нақлиёти кишвар муҳим буд, ки ба пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ мусоидат мекард. Яке аз соҳаҳои муҳимме, ки ба пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон таъсир расонид, соҳаи нақлиёт буд, ки он тақвияти инфрасохтор, навсозӣ ва сохтмони роҳҳои нав, таъсиси хатҳои нави роҳи оҳан ва ҷорӣ кардани воситаҳои муосири нақлиёт дар кишоварзиро дар бар мегирифт.

Низоми нақлиётии Тоҷикистон дар ин давра асосан аз се намуд: роҳи оҳан, нақлиёти автомобилӣ ва нақлиёти ҳавоӣ иборат буд. Онҳо барои

таъмини ҳаракати мусофирон ва ҳамлунақли молу маҳсулот дар тамоми қаламрави кишвар ва берун аз он аҳаммияти зиёд доштанд. Ба ин тартиб, барои рушди мунтазами иқтисод зарур буд, то инфрасохтори нақлиёт дар тамоми қаламрави мамлакат такмил ва таҷдид карда мегардид.

Низоми нақлиёти роҳи оҳан, ки барои соҳаҳои кишоварзии Тоҷикистон аҳаммияти калон дошт, дар давраи таҳқиқ, дар баъзе минтақаҳо, махсусан дар қисматҳои марказӣ ва ҷанубии кишвар, ба мушкилот рӯ ба рӯ гардид. Дар ин минтақаҳо, ки шоҳроҳҳои асосии роҳи оҳан ҷойгир буданд, якчанд хатти асосиро ташкил медоданд. Ҳатто дар солҳои баъдиҷангӣ, вақте таҷдиди роҳҳо ва рушди низоми нақлиёт зарур буд, дар инфрасохтори роҳи оҳан мушкилоти зиёд ҷой дошт. Ба монанди хатти Хавос – Ленинобод бо дарозии 42,6 км, Ленинобод – Хуқанд бо дарозии 68,7 км, Конибодом – Шӯроб бо дарозии 52,9 км ва истгоҳи Ленинобод – шаҳри Ленинобод бо дарозии 8,7 км, ки ҳар кадом алоқаҳои иловагиро дар минтақаҳои алоҳида ва иқтисодии кишвар таъмин мекарданд.

Дар минтақаҳои марказии Тоҷикистон, ба низоми нақлиёти роҳи оҳан, алоқа ва интиқоли бору мусофирон аҳаммияти бештар дода мешуд. Роҳи оҳани Тирмиз – Душанбе бо дарозии 71,5 км ва Душанбе – Янгибозор (ҳоло Ваҳдат) бо дарозии 20,9 км роҳи муҳимме буд, ки минтақаҳои ҷанубу марказро ба ҳам пайваст мекард. Ин роҳ имкон медод, ки ҳамлунақли молу маҳсулот ва мусофиркашонӣ бе душворӣ аз минтақаҳои ҷанубӣ ба маркази кишвар амалӣ мешуд. Дар минтақаи ҷанубии кишвар 208,6 км роҳҳои оҳан сохта, ба истифода дода шуда буданд, ки барои рушди минтақаи мазкур муҳим буд. Хатҳои роҳи оҳан на танҳо минтақаҳои ҷудогонаи кишварро бо ҳам мепайвандаднд, балки барои тақвияти робитаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ байни шаҳрҳо ва ноҳияҳо нақши муҳим мебозиданд ва ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва тиҷорат саҳм мегузоштанд [116, с. 6].

Дар ин давра дар Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна диққати асоси ба эҳёи соҳаҳои саноатӣ нигаронида шудабуд. Дар солҳои ҷанг

бештари корхонаҳои саноати ё аз кор монда буданд ва ё ба миқдори зарурӣ маҳсулот истеҳсол намекарданд.

ҶШС Тоҷикистон кӯшиш мекард, то маҳз ба воситаи роҳи оҳан воридот ва содироти молу маҳсулотро бо дигар ҷумҳуриҳои умумиттифоқӣ роҳандозӣ намояд. Дар солҳои 1951–1958 ҳаҷми интиқоли молу маҳсулот тавассути роҳи оҳани Тоҷикистон тақрибан ду маротиба зиёдтар нисбат ба солҳои аввали баъдиҷангӣ буд.

Агар дар соли 1955 ҳаҷми умумии интиқоли бор тавассути роҳи оҳан 2953 ҳазор тоннаро ташкил медод, пас дар соли 1958 ин рақам ба 3009 ҳазор тонна расид. Ин пешравӣ, асосан дар содироти бештари ангишт, маҳсулоти сохтмонӣ ва пахта мушоҳида мешуд. Масалан, дар ин солҳо интиқоли ангишт 61,9 маротиба, маҳсулоти сохтмонӣ 1,4 маротиба ва пахта 62,1 маротиба зиёд гардид [179, с. 95].

Афзоиши назарраси воридоти маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ ба ҷумҳурӣ таъсири мусбӣ дар рушди босуръати иқтисодиёти Тоҷикистон гузошт. Бо афзоиши содирот ва воридоти маҳсулот, дар иқтисодиёти Тоҷикистон чандин тағйироти сифатӣ ба амал омад. Барои мисол интиқоли молу маҳсулот тавассути роҳҳои оҳани Тоҷикистон дар панҷсолаи баъдиҷангӣ дар муқоиса бо соли 1940 дар ҷадвали 10 тавсиф карда мешавад.

**Ҷадвали 10. Интиқоли молу маҳсулот тавассути роҳҳои оҳани Тоҷикистон аз рӯйи ҳазор тонна [285, с. 22].**

| № | Нишондиҳандаҳо | Соли 1940 | Соли 1946 | Соли 1950 | Соли 1950 бо % нисбат ба | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Соли 1940 | Соли 1946 |
| Содироти умумӣ | | 1753 | 756 | 1807 | 103 | 238 |
| 1 | Ангишт | 519 | 392 | 723 | 139 | 184 |
| 2 | Нафт ва маҳсулоти нафтӣ | 20 | 31 | 8 | 40 | 26 |
| 3 | Маҳсулоти сохтмонӣ | 863 | 92 | 672 | 79 | 732 |
| 4 | Пахтаи тозкардашуда | 49 | 41 | 63 | 128 | 154 |
| 5 | Нон | 44 | 23 | 25 | 52 | 109 |
| 6 | Дигар маҳсулот | 258 | 177 | 316 | 122 | 179 |

| Идомаи ҷадвали 10 | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Воридоти умумӣ** | | 882 | 852 | 1899 | 215 | 223 |
| 1 | Ангишт | 107 | 150 | 385 | 360 | 257 |
| 2 | Нафт ва маҳсулоти нафтӣ | 57 | 75 | 108 | 190 | 144 |
| 3 | Нақлиёт | 8 | 19 | 34 | 425 | 179 |
| 4 | Маҳсулоти сохтмонӣ | 137 | 106 | 295 | 215 | 278 |
| 5 | Нуриҳои минералӣ | 24 | 21 | 82 | 342 | 391 |
| 6 | Чӯбу тахта | 146 | 143 | 360 | 246 | 252 |

Аз маълумоти дар ҷадвал овардашуда, бармеояд, ки дар охири панҷсолаи баъдиҷангӣ, интиқоли молу маҳсулот дар Тоҷикистон аз солҳои пеш аз ҷанг афзоиш ёфтааст. Вазифаи асосии панҷсолаи баъдиҷангӣ барқарор намудани ноҳияҳои харобгардида аз ҷанг ва зиёд кардани истеҳсолоти саноатӣ буд. Бо шарофати меҳнати қаҳрамонона ва татбиқи муваффақонаи нақшаҳои барқарорсозии саноат, то соли 1948, махсусан энергетика ва кишоварзӣ ба даст оварда шуд. Дар баробари дигар соҳаҳои хоҷагии халқ ва роҳсозӣ низ, ки яке аз соҳаҳои муҳим маҳсуб меёфт, рӯ ба пешрафт ниҳод. Маҳз ба воситаи роҳҳои автомобилгард, оҳан ва хатҳо ҳавоӣ воридоту содироти маҳсулоти сохтмонӣ, ки барои барқарорсозии соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ муҳим буданд, дастрас карда мешуданд.

Дар давраи баъдиҷангӣ нақлиёти роҳи оҳан дар рушди хоҷагии халқи ҷумҳурӣ нақши муҳим дошт. Хатти роҳи оҳани камбари водии Вахш дар таъминоти минтақа бо маҳсулоти саноатӣ ва содироти пахта аз лиҳози стратегӣ аҳаммияти калон дошт. Маҳсулоти саноатии барои рушди соҳаҳои ҳаётан муҳим тавассути роҳҳои оҳан ба водии Вахш интиқол дода мешуд. Дар ин давра, қитъаҳои роҳи оҳани Душанбе ва Ленинобод вазифаи асосии ҳамлунақли байниноҳияviро ба уҳда доштанд.

Тадриҷан, дар нақлиёти роҳи оҳан тағйироти ҷиддӣ ба амал омада, дарозии шабакаи роҳи оҳан дар кишвар аз 339 км соли 1950 то 440 км дар соли 1958 расонида шуд. Ин аз он шаҳодат медод, ки рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар кишвар ба таври қобили мулоҳиза ба роҳ монда шудааст.

Афзудани дарозии хатти роҳҳои оҳан барои таъмини хоҷагии халқи мамлакат бо молу маҳсулот, ашёи зарурӣ ва интиқоли мусофирон имконпазир гардонид.

Ҳаракати мусофирон тавассути роҳи оҳан, ки дар соли 1950 ба 1,0 млн нафар расида буд, дар давраи баъдӣ оҳиста- оҳиста коҳиш ёфт. Махсусан, дар соли 1955 шумораи мусофирон ба 700 ҳазор нафар ва дар соли 1958 ба 500 ҳазор нафар расид.

Дар солҳои 50-ум роҳи оҳани Тоҷикистон ба шабакаи роҳҳои оҳани Осиёи Миёна пайваст гардида, дарозии он ба 255 км ва 386 км роҳҳои баробар гардид. Ин пайвастшавӣ шароити мусоидро барои беҳтар кардани пайвастагии нақлиёти байни минтақаҳо ва ҳамлунақли молу маҳсулот дар тамоми Осиёи Миёна фароҳам овард.

Соли 1959 бо ташаббуси коллективи таваққуфгоҳи локомативҳои роҳи оҳани Душанбе масофаи ҳаракати онҳо дар қитъаҳои истгоҳҳо аз 93 км ба 225 км зиёд шуд. Ин дастовард барои баланд бардоштани иқтидори воридоту содироти молу маҳсулоти гуногун, ҳаракати бехатари мусофирон заминаи мусоид гузошт.

Дар ҳамин давра, бо ворид намудани тепловозҳо дар нақлиёти роҳи оҳан, коҳиши хароҷоти сӯзишворӣ, таъмири локомотивҳо, нигоҳдории бригадаҳои локомотивӣ ва таъминоти об ба амал омад. Ин тадбирҳо имкон доданд, то самаранокии нақлиётӣ боло рафта, хароҷоти вобаста ба нигоҳдории роҳҳои оҳан камтар шаванд.

Бо истифодаи тепловозҳои нав арзиши интиқоли молу маҳсулот поён рафт, зеро онҳо қувваи баландтар ва қобилияти боркашонии бештари вагонҳоро фароҳам овард. Вагонҳои дорои полоиши мунтазами ҳавоӣ, имкон фароҳам оварданд, ки боркашонӣ на танҳо фоиданок, балки бо сифати баланд ва бехатар анҷом дода шавад. Ин пешравӣ дар соҳаи логистика ва нақлиёт на танҳо ба таҳкими инфрасохтори нақлиёти оҳан кумак карданд, балки таъсири мусбат ба рушди саноат, бозорҳо ва иқтисоди кишвар гузоштанд. Аз ин рӯ,

роҳҳои оҳан дар таъмини талаботи иқтисодӣ ва саноатии кишвар дар давраи гузариш нақши муҳим доштанд.

Дар солҳои 1959 то 1965 ҳаҷми боркашонии роҳи оҳан беш аз як маротиба афзуд ва ин нишонаи васеъ шудани шабакаи нақлиётӣ ва истифодаи оқилонаи инфрасохтор дар кишвар буд. Ҳамзамон, гардиши мол тавассути роҳи оҳан ба таври назаррас, тақрибан ду баробар зиёд гашт, ки ин омил дар рушди иқтисоди Тоҷикистон ва тақвияти иртибот байни минтақаҳои гуногун нақши муҳим бозид. Дар солҳои охир, бо татбиқи ислоҳоти инфрасохторӣ ва истифодаи технологияи муосир, интиқоли борҳои асосии саноатӣ, ба монанди сӯзишворӣ, чӯб, нуриҳо ва металлҳо, ки пештар аз шаҳри Душанбе ба водии Вахш ва дигар минтақаҳои кишвар бо кумаки тепловозҳо анҷом меёфт, муташаккил ва осонтар гардид.

Дар солҳои 50–60-уми асри гузашта, шабакаи роҳи оҳан, бахусус хатти камбар, барои таҳкими иқтисодиёт ва густариши инфрасохтори соҳаҳои гуногуни Тоҷикистон нақши муҳимро иҷро мекард [195, с. 398-399]. Роҳи оҳани камбар, ки Душанбе, водии Вахш ва вилояти собиқи Кӯлобро пайваст мекард, дар таъмини пайвастагии дохилӣ нақши муҳимми стратегӣ мебозид. Дар ин давра суръати қаторахои мусофиркашонӣ нисбатан баланд гардид. Ҳарчанд нақлиёти автомобилӣ дар масофаҳои кӯтоҳ афзалият дошт, нақлиёти роҳи оҳан барои масофаҳои дӯр ва воридоту содироти молу маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ аҳаммияти худро нигоҳ медошт. Бо вуҷуди пешрафти бахши нақлиёти автомобилӣ ва ворид гардидани техникаву таҷҳизоти муосири автомобилӣ, аҳаммияти нақлиёти роҳи оҳан, махсусан, роҳи оҳани камбар, тадриҷан коҳиш меёфт. Мувофиқи омори дастрас, фаъолияти роҳҳои оҳани камбар ба як бахши муҳим ва стратегӣ барои интиқоли маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва энергетикӣ дар кишвар табдил ёфта буд. Яке аз муҳимтарин тадбирҳои таҷдиди инфрасохтори нақлиётӣ дар шаҳри Душанбе ин сохтмони истгоҳи нави замонавии роҳи оҳан буд, ки барои мусофирон шароити мусоид фароҳам меовард.

Ба ин нигоҳ накарда, талабот ба нақлиёти роҳи оҳан рӯз то рӯз меафзуд. Дар он замон нақлиёти роҳи оҳан нақши муҳиммеро дар интиқоли маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатӣ мебозид ва барои таъмини амнияти озуқаворӣ дар Тоҷикисонмуҳим ҳисоб мешуд. Ин буд, ки солҳои 1958–1965 ҳаҷми воридоти молу маҳсулот ба Тоҷикистон назар ба содироти он нисбатан афзоиш ёфт. Барои мисол, агар дар соли 1958 зиёдшавии воридот аз содирот ба 1,64 млн тонна баробар буд, пас дар соли 1965 ба 1,96 млн тонна мерасид. Ҳамчунин, ҳаҷми умумии интиқоли борҳо тавассути истгоҳҳои роҳи оҳан низ дар қаламрави Тоҷикистон рӯ ба пешравӣ ниҳодааст. Масалан, агар дар соли 1958 ҳаҷми умумии интиқол 3,01 млн тонна баробар бошад, пас ин рақам дар соли 1965 ба 4,19 млн тонна мерасид. Омори мазкур нишон медиҳад, ки ҳаҷми интиқоли молу маҳсулот тавассути роҳи оҳан дар ин давра 1,4 маротиба зиёд гардидааст [285, с. 42].

Дар қаламрави ҷумҳурӣ, истгоҳҳои Душанбе ва Ленинобод ҳамчун бузургтарин истгоҳҳои роҳи оҳан ба ҳисоб рафта, дар ташкили ҳамлунақл ва мубодилаи молу маҳсулот нақши калидӣ доштанд. Яъне, ин истгоҳҳо минтақаҳои гуногуни кишварро ба ҳам пайваст мекарданд ва ба онҳо тақрибан 70%-и борҳои воридшуда ба ҷумҳурӣ ва то 18%-и борҳои содиротӣ рост меомад. Аз ҷониби дигар, ҳамлунақли маҳсулот дар дохили ҷумҳурӣ ба ҳаҷми тақрибан 0,6 млн тонна байни минтақаҳои шимолӣ ва ҷанубии ҷумҳурӣ амалӣ мегардид. Ба ибораи дигар, беш аз 60% аз ҳаҷми умумии интиқоли молу маҳсулот барои минтақаҳои дохилӣ равона гардида буд. Масофаи миёнаи интиқоли борҳо дар дохили ҷумҳурӣ тақрибан 60 км маҷмуӣ буд, ки ин нисбатан ба минтақаҳои гуногуни кишвар равобити иқтисодии мустаҳкам ва интиқоли молу маҳсулотро осонтар мегардонид.

Ҳамчунин, омори мавҷуд дар ин бора нишон медиҳад, ки нақлиёти роҳи оҳан на танҳо барои интиқоли борҳои саноатӣ ва кишоварзӣ, балки барои ҳамкории иқтисодӣ ва густариши робитаҳои тиҷоратии Тоҷикистон бо кишварҳои дигар низ аҳаммияти калон дошт. Дар ҳамин давра тавассути роҳҳои оҳан ба кишварҳои хориҷӣ низ миқдори зиёди молу маҳсулот

интиқол мешуд. Бояд қайд кард, ки нақлиёти роҳи оҳан асосан, барои интиқоли борҳои дохили кишвар ва воридоти мол ба кишвар истифода мешуд. Аз ҳаҷми умумии интиқол зиёда аз 85% содирот ба дигар ҷумҳуриҳо ва 90% воридотро ташкил медод.

Вазни таносуби нақлиёти роҳи оҳан дар интиқоли борҳои дохилиҷумҳуриявӣ тақрибан 6%-ро ташкил медод. Аз ду сеяки ҳамаи борҳо ба ҷумҳуриҳои ҳамсояи Осиёи Миёна содирот мешуданд. Ба Русия ва Қазоқистон, ки муҳимтарин шарикони тиҷории Тоҷикистон дар ин давра буданд, қисми зиёди мол интиқол карда мешуд.

Шумораи зиёди молу маҳсулот ва ашёи зарурӣ аз Ӯзбекистон, Русия, Қазоқистон, Туркманистон ва Қирғизистон ворид карда мешуданд, ки он дар ҷадвали 11 тавсиф карда мешавад.

**Ҷадвали 11. Воридот ва содироти борҳо тавассути нақлиёти роҳи оҳан (дар соли 1965)** [285, с. 44]

| **Номгӯйи бор** | **Содирот** | | **Номгӯйи бор** | **Воридот** | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **Ҳазор тонна** | **%** | | **Ҳазор тонна** | **%** |
| Ҳамагӣ | 4543 | 100,0 | Ҳамагӣ | 1676 | 100,0 |
| Ангиштсанг | 1614 | 35,5 | Ангиштсанг | 594 | 9,6 |
| Маводди минералӣ | 1831 | 40,3 | Маводди минералӣ | 438 | 7,1 |
| Пахтаи навъи маҳиннах | 172 | 3,8 | Нуриҳои минералӣ | 336 | 5,4 |
| Маҳсулоти нонӣ | 41 | 0,9 | Чӯбу тахта | 850 | 13,8 |
| Дигар навъи борҳо | 873 | 19,3 | Маҳсулоти нонӣ | 402 | 6,5 |
| | | | Дигар навъи борҳо | 2579 | 41,8 |

Қитъаҳои роҳи оҳани Янгибозор – Душанбе – Пахтаобод ва Нов – Ленинобод – Конибодом – Шӯроб қисми муҳимми шабакаи роҳи оҳани Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафтанд. Ин роҳҳо зери назорати Тошканд, ки маркази ҳамоҳангсозии шабакаи роҳи оҳани Осиёи Миёна дар он ҷойгир буд, амал мекард. Маҳз аз ҳамин марказ роҳҳои дар боло овардашуда, идора мегардиданд ва ба низоми ягонаи нақлиёти роҳи оҳан пайваст шуда буданд. Пештар дар соли 1929 роҳҳои оҳани Тоҷикистон таҳти идораи «Шуъбаи

сталинободии роҳи оҳани Ашқобод», ки маркази идоракуниаш дар Ашқобод буд, қарор дошт. Дар натиҷаи тағйироти сиёсӣ ва маъмурии соли 1924 дар Осиёи Миёна ва табдили ном кардани пойтахти ҶШС Тоҷикистон шаҳри Сталинобод ба Душанбе дар соли 1961, ин шуъба ба «Шуъбаи Душанбегии роҳи оҳани Осиёи Миёна» табдили ном кард.

Ба «Шуъбаи душанбегии роҳи оҳани Осиёи Миёна» табдили ном кардан, дарислоҳот ва рушди минбаъдаи фаъолияти нақлиёти роҳи оҳан заминаи муҳим гузошт. Зеро он на танҳо бар асари тағйироти сиёсии замон, балки ба эҳтиёҷот ва стратегияи дарозмуддати рушди нақлиёт дар минтақа вобаста буд. Роҳҳои оҳан, ки Тоҷикистонро бо кишварҳои дигари Осиёи Миёна пайваст мекард, барои таъмини интиқоли молу маҳсулот, мусофирон ва вусъати ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳамсоя ва ҷаҳон аҳаммияти махсус пайдо кард [16-М, с. 68-75].

Дар давраи мазкур роҳҳои оҳани камбар дар таҳкими иқтисодиёти кишвар аҳаммияти назаррас доштанд. Ҳаҷми солонаи боркашонӣ ба воситаи ин намуди роҳҳо назар ба давраи пеш аз ҷанг тақрибан 8 маротиба афзуд ва гардиши боркашонӣ 11 маротиба зиёд гардида буд. Дар соли 1967 ҳаҷми умумии боркашонӣ ба 630 ҳазор тонна ва дар соли 1970 ин нишондод ба 830 ҳазор тонна афзуд. Ин пешравӣ шаҳодати рушди инфрасохтори роҳи оҳан дар минтақа, аз ҷумла дар ҶШС Тоҷикистон мебошад.

Масофаи миёнаи интиқоли борҳо дар роҳи оҳани камбар 109 км-ро ташкил медод, ки нисбат ба роҳҳои мошингард дарозтар буд. Ҳамин буд, ки роҳи оҳан дар интиқоли борҳо ба як воситаи муҳим ва афзалиятноки нақлиёт табдил ёфта буд.

Ҳаҷми бештари борҳо тавассути хатсайрҳои Душанбе – Қӯрғонтеппа ва Панҷ – Қӯрғонтеппа интиқол дода мешуд. Ин хатсайрҳо дар интиқоли молу маҳсулот байни минтақаҳои муҳим ва индустриалӣ аҳаммияти бештар доштанд. Дар ин солҳо, хатсайри Қӯрғонтеппа – Кӯлоб камтар истифода мешуд, ки, эҳтимолан, сабаби он талаботи паст ё мушкилоти логистик ва ҷуғрофии марбут ба ин хатсайр буданд.

Дар бахши мусофиркашонӣ, роҳи оҳан як алтернативаи муҳим буда, як қисми марказии низоми нақлиёти кишварро ташкил медод. Ҳаракати мусофирон тавассути роҳи оҳан дар қисматҳои гуногуни кишвар, аз ҷумла дар самти Қӯрғонтеппа – Данғара, ба тадриҷ рушд мекард. Бо вуҷуди ин, дар баъзе давраҳо, ба таври мисол, миқдори мусофирон то 90–95 ҳазор нафар мерасид. Ин нишондод гувоҳӣ он буд, ки роҳҳои оҳан имконияти васеъи интиқоли мусофиронро доранд.

Хатти роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Данғара, ки масофаи 50–55 км-ро ташкил медод, як имконияти хуб барои ҳаракати мусофирон вилояти Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа маҳсуб меёфт. Аммо, бо сабабҳои кам будани талабот, мушкилоти иқтисодӣ ва корҳои ташкилӣ дар ин самт аз миёнаи соли 1967 гардиши қаторҳои мусофирбар дар роҳи оҳани камбар қариб қатъ карда шуд. Бо вуҷуди ин, роҳҳои оҳани камбар то ҳанӯз дар интиқоли борҳои саноатӣ ва кишоварзӣ нақши муҳимро иҷро мекарданд ва дар таҳкими робитаҳои иқтисодии кишвар саҳми назаррас мегузоштанд [99, с. 20].

Нақши шуъбаи роҳи оҳани Душанберо дар пайвасти шаҳрҳо ва марказҳои муҳимми саноатӣ ва кишоварзии кишвар, ҳамчунин бо ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва умумииттифоқӣ хуб арзёбӣ кардан муҳим аст. Шуъбаи роҳи оҳани Душанбе, бо мақсади пайваст кардани Тоҷикистон ба дигар кишварҳои Осиёи Миёна сохта шуда буд ва нақши муҳим дар интиқоли молу маҳсулот, аз ҷумла маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ иҷро мекард. Бо вуҷуди мушкилиҳо дар соҳаи роҳу нақлиёт, шуъбаи роҳи оҳани Душанбе дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон ва, дар маҷмуъ, Осиёи Миёна нақши муҳим дошт.

Бояд зикр намуд, ки дар соли 1940 ҳаҷми интиқоли мусофирон тавассути роҳи оҳани Тоҷикистон тақрибан 1,4 млн нафарро ташкил мекард. Аммо, бо оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва солҳои баъдиҷангӣ ҳаҷми мусофиркашонӣ дар кишвар коҳиш ёфта, то соли 1950 ин рақам ба 1,0 млн нафар расид. Ҳаҷми мусофиркашонӣ дар соли 1959 низ коҳиш ёфта, ба 0,4 млн нафарро ташкил медод. Ин коҳишёбӣ омилҳои худро дошт, пеш аз ҳама,

ба кам шудани талабот ба хизматрасонии роҳи оҳан ва мушкилоти иқтисодии кишвар алоқаманд буд. Мушкилоти инфрасохторӣ ва дигар омилҳои иқтисодӣ, ки ба истифодаи муассир ва самараноки нақлиёт таъсир мерасонид, дар натиҷа боиси паст рафтани миқдори мусофиркашонӣ дар он давра гардида буд.

Бо вуҷуди коҳишёбии мусофиркашонӣ дар солҳои 50-ум бо оғози солҳои 60-ум мусофиркашонӣ ба воситаи роҳҳои оҳан зиёд, ба назар расид. Соли 1965 шумораи мусофирони бо роҳи оҳан сафаркарда ба 1,1 млн нафар расонида шуд, ки ин аз беҳтаршавии шабакаҳои роҳи оҳан гувоҳӣ медод. Ин афзоиш дар мусофиркашонӣ бо вазъи некуаҳволии аҳолӣ, рушди сайёҳӣ, таъсиси осоишгоҳҳо ва хонаҳои истироҳатӣ алоқаманд буд. Рушди сайёҳӣ, амалӣ гардидани барномаҳои нави иқтисодӣ, мустаҳкамшавии инфрасохтори нақлиёти роҳи оҳан ва беҳтаршавии шароити хидматрасонӣ ба афзоиши ҳаракати мусофирон мусоидат намуд.

Соли 1960 дарозии роҳи оҳани Тоҷикистон 256 км ва гардиши мусофирон 195 млн мусофир км-ро ташкил медод. То соли 1965 ин рақам ба 331 млн мусофир км расид, ки ин нишондод аз беҳбуди хизматрасонии роҳи оҳан ва таъсири мусбии он ба ҳаракати шаҳрвандон ва рушди иқтисоди кишвар дарак медиҳад.

Дар соли 1970 тавассути роҳи оҳан, амалиёти ҳамлунақли байниноҳиявӣ ва байниҷумҳуриявӣ муташаккилона роҳандозӣ гардида, тавассути роҳи оҳани камбар 836 ҳазор тонна бор интиқол дода шуд. Дар ҳамин давра, ҳаҷми умумии корҳои нақлиётӣ дар Тоҷикистон тақрибан 1,7 маротиб боло рафт, ки аз рушди босуботи иқтисодии кишвар ва пешрафти соҳаи наклт дарак медод [16-М, с. 68-75].

Дар ҳамин давра, ҳаҷми бештари мусофиркашонӣ ба масири Душанбе – Пахтаобод рост омада, тақрибан се чаҳоряки ҳаҷми умумии мусофиркашонӣ дар роҳи оҳанро ташкил медод. Аз ин шумора, қисми зиёди мусофирон ба истгоҳи марказии Душанбе ҳаракат менамуданд. Ҳиссаи истгоҳи Душанбе

дар интиқоли мусофирон ба масофаҳои дур 75% ва дар нақлиёти наздишаҳрӣ тақрибан ба 50% мерасид.

Дарозии роҳҳои оҳани Тоҷикистон дар соли 1980 ба 473 км расида, ба ҳиссаи нақлиёти роҳи оҳан дар кишвар то 90% ҳамлунақли байни ҷумҳуриҳои дигар ва тақрибан 7% ҳамлунақли дохилиҷумҳуриявӣ рост меомад. Пешрафти технологияи наву муосир ва афзоиши иқтидори роҳҳои оҳан имкон доданд, ки талаботи асосии кишоварзӣ қонеъ карда шавад.

Маъмурияти роҳҳои оҳани Тоҷикистон, ки ба идораи шуъбаҳои Душанбе, Тирмиз ва Хӯқанди роҳи оҳани Осиёи Миёна итоат мекард, масъулияти идора ва нигаҳдории роҳи оҳанро дар минтақаҳои худ, назорати фаъолияти қаторахо, таъмини амнияти онҳоро ба дӯш доштанд. Таъсиси чунин шабакаи мукаммали идоракунӣ барои беҳтар намудани нақлиёти роҳҳои оҳан, ҳаракати қаторахо миёни кишварҳои Осиёи Миёна, ҳамчунин, кумак дар воридоту содироти молу маҳсулот ва мусофирон аҳаммияти зиёд дошт.

Солҳои 1981–1985 дар панҷсолаи XI суръати ҳамлунақли бор, махсусан дар роҳҳои оҳан, афзоиш ёфта, гардиши бор то 15% зиёд гардид, ки ин пеш аз ҳама ба рушди саноат ва иқтисоди кишвар вобаста буд. Ҳамзамон, барои такмили инфрасохтори нақлиётӣ, соли 1970 Тоҷикистон сохтмони хатти роҳи оҳани Тирмиз – Қӯрғонтеппа – Ёвонро бо дарозии 264 км оғоз намуд, ки барои рушди иқтисод ва равобити минтақаҳои ҷанубӣ кишвар бо дигар кишварҳои ҳамсоя, аҳаммияти бузург дошт. Иҷрои лоиҳаи мазкур, ки Тирмизро бо Қӯрғонтеппа ва Ёвон пайваст мекард, на танҳо ба роҳандозии пайвастагии беҳтари нақлиёти роҳи оҳан кумак расонид, балки ба таъмини ҳамлунақли молу маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ низ мусоидат кард. Истифодаи роҳи оҳан дар минтақаи ҷанубии Тоҷикистон сабаби ривоҷу равнақи иқтисод, ҳамлунақли ашёи хоми саноатӣ, таъмини маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини саривақтии маҳсулоти зарурии мардум гардид. Оғози сохтмони роҳи оҳани Тирмиз – Қӯрғонтеппа – Ёвон як қадам муҳимми стратегӣ дар самти таҳкими инфрасохтори нақлиётӣ ба шумор мерафт. Дар

тули панҷ соли сохтмон, чандин дастоварди назаррас ба даст омад. Таҳияи инфрасохтори зарурӣ ва сохтмони 218 км роҳҳои асосӣ то истгоҳи Қӯрғонтеппа, як иқдоми бузург ба шумор мерафт. Давоми ин солҳо ҳукумати мамлакат ҳафт истгоҳи роҳи оҳанро сохта ба истифода дод, ки ҳар яке вазифаи муҳимми нақлиётии байни минтақаҳоро ба уҳда доштанд. Илова бар ин, беш аз 40 пул бо дарозии умумии тақрибан ду ҳазор метр ва 128 маҷмуи гузаргоҳи релсӣ бунёд гардиданд, ки ин тасмим ба беҳтар шудани ҳаракат ва бехатарии нақлиёти роҳи оҳан ёри расонд. Ҳамчунин, дар ин давра чандин инфрасохтори зарурӣ, аз ҷумла таваққуфгоҳҳои локомотивӣ, истгоҳҳо, боғчаҳои кӯдакон ва хонаҳои истиқоматӣ барои кормандони роҳҳои оҳан сохта ба истифода дода шуданд.

Муҳимтарин руйдоди ин давра, ворид шудани аввалин қатора аз Тирмиз ба истгоҳи Қӯрғонтеппа моҳи декабри соли 1974 буд ва ин оғози ҳаракати доимии қаторахо дар қитъаи Тирмиз – Қӯрғонтеппаро таъмин намуд. Ба истифода додани роҳи оҳани мазкур барои Хатлонзамин, дар маҷмуъ, барои Тоҷикистон аҳаммияти бузурги стратегӣ дошт. Дар ин замина, дар минтақаи Хатлон чандин корхонаҳои муҳимми саноатӣ, аз ҷумла корхонаи нафтубитум ва трансформатори Колхозобод (ҳоло Ҷ. Балхӣ), корхонаи азотии Вахш ва коргоҳи электрокимиёвии Ёвон сохта, ба истифода дода шуданд, ки дар рушди корхонаҳои саноатӣ, таъмини соҳаи кишоварзӣ бо минералҳои кимиёвӣ ва рушди соҳаи энергетикии кишвар саҳмгузор буданд.

Дар давраи таҳқиқшаванда, садҳо ҳазор га заминҳои бекорхобида обёрӣ шуданд, ки ин имкон дод, пахтакорӣ, боғпарварӣ ва чорводорӣ ба маротиб зиёд карда шаванд. Саҳми роҳи оҳанро дар ташаккули инфрасохтори иқтисодии кишвар метавон хуб арзёбӣ намуд. Корхонаи алюминийи тоҷик (ҳоло ТАЛКО), ки маҳсулоти гуногуни саноатӣ ва хоҷагидорӣ истеҳсол мекунад, нақлиёти роҳи оҳанро воситаи асосии интиқоли маҳсулоти худ истифода менамояд. Ба воситаи хатти роҳи оҳан, маҳсулоти истеҳсоли ин завод ва дигар корхонаҳои саноатӣ ба дигар минтақаҳо интиқол дода мешаванд.

Корхонаҳои кимиёии Тоҷикистон, аз ҷумла корхонаҳои азотии Вахш ва электрокимиёвии Ёвон низ тавассути роҳи оҳан маҳсулоти истеҳсолшавандаро интиқол медиҳанд.

Дар давраи тадқиқшаванда, дарозии умумии роҳи оҳани Тоҷикистон ба 474 км расид, ки он 0,32 дарсади роҳи оҳани Иттиҳоди Шуравиро ташкил медод. Ҳарчанд Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар ҷумҳуриҳои Шуравӣ аз ҷиҳати масоҳат ва сатҳи инфрасохтор қисман рушдёфта буд, афзоиши хатти роҳҳои оҳан ва дастрасӣ ба онҳо нақши муҳим ва саривақтӣ дар низоми нақлиёти кишвар бозид. Ин раванд имкон дод, ки роҳҳои оҳан байни шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла вилояти Хатлон ва дигар минтақаҳои Тоҷикистон, ҳамлунақли бор ва мусофиронро мустақим ва самаранок таъмин кунад ва аҳаммияти худро ҳифз намоянд.

Дар охири соли 1963 як қисми роҳҳои оҳан, ки ба корхонаҳо ва ташкилотҳои саноатӣ тааллуқ доштанд, дарозиашон ба 312,3 км расид. Ин қисми хатҳои роҳи оҳан барои пайваст кардани корхонаҳои саноатӣ бо бозорҳои маҳаллӣ ва байниноҳиявӣ аҳаммияти калон дошт.

Дар солҳои 80-умии асри XX вазни хосси интиқоли молу маҳсулот тавассути роҳи оҳани камбар дар ҳамлунақли дохилиҷумҳуриявӣ пайваста коҳиш меёфт, ки аз омилҳои зерин иборат буд: рушди босуръати нақлиёти автомобилӣ ва ба кор даровардани инфрасохтори нави роҳи оҳан. Агар дар соли 1970 ҳаҷми умумии содирот тавассути роҳҳои оҳани камбар 830 ҳазор тонна ва гардиши бор 90,4 млн тонна/км буд, пас дар соли 1980 ин нишондиҳанда ба 578,5 ҳазор тонна ва 77,7 млн тонна/км коҳиш ёфт. Сабаби асосии коҳиш дар ҳаҷми боркашонӣ дар роҳҳои оҳани камбар бо рушди нақлиёти автомобилӣ алоқаманд буд.

Дарозии роҳҳои оҳани камбар дар ин давра нисбатан коҳиш ёфт. Агар дарозии роҳҳои оҳани камбар пештар 450 км-ро ташкил медод, пас дар соли 1980 ин рақам ба 420 км расид [179, с. 125].

**Ҷадвали 12. Нақлиёти роҳи оҳани Шуъбаи роҳи оҳани камбари Вазорати нақлиёти автомобилӣ [223, с. 183]**

| Солҳо | 1940 | 1960 | 1970 | 1980 | 1981 | 1982 | 1983 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дарозии истифодашавандаи роҳи оҳани камбар (дар охири сол), км | 135 | 386 | 470 | 420 | 420 | 429 | 422 |
| Ҳамагӣ боркашонӣ анҷомшуда, ҳазор тонна | 104,7 | 659,9 | 830,9 | 578,5 | 458,5 | 435,2 | 525,1 |
| Ҳамлунақл (истифодашаванда), млн тонна/км | 8,1 | 51,5 | 90,4 | 77,7 | 72,3 | 68,0 | 75,0 |
| Сарбории муайяншуда ба вагон, тонна | 15,8 | 17,6 | 15,7 | 16,4 | 15,7 | 16,4 | 16,4 |
| Масофаи миёнаи интиқоли як тонна бор, км | 77,4 | 78,0 | 108,8 | 134,2 | 157,6 | 156,2 | 142,9 |
| Масофаи миёнаи ҳаракати рӯзонаи вагонҳои боркаш, км | 25,0 | 43,3 | 49,1 | 62,8 | 65,5 | 61,3 | 55,7 |
| Масофаи миёнаи ҳаракати рӯзонаи локомотив, км | 85,0 | 171 | 238,5 | 250,3 | 224,5 | 210,7 | 262,4 |
| Арзиши хароҷоти 10 тонна-километрҳои муқарраршуда, бо рубл (танга) | 41,9 | 40,0 | 30,1 | 37,0 | 41,1 | 44,9 | 43,0 |

Маълумоти овардашуда марҳилаҳои рушд ва фаъолияти нақлиёти роҳи оҳани Шуъбаи роҳи оҳани камбар, ки ба Вазорати нақлиёти автомобилӣ тобеъ буд, дар солҳои 1940–1983 инъикос менамояд. Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки нақлиёти роҳи оҳани камбар дар шароити кӯҳии Тоҷикистон нақши муҳим дар интиқоли боркашонӣ, хизматрасонӣ ба соҳаҳои истеҳсолӣ ва таъмини иртиботи дохилиминтақавӣ дошт. Нақлиёти роҳи оҳани камбар дар Тоҷикистон дар давраи солҳои 1940–1983 роҳи ташаккул ва рушди устуворро тай намудааст. Дар ин давра дарозии шабакаи роҳҳо беш аз се маротиба афзуда, ҳаҷми гардиши борҳо даҳ маротиба зиёд шудааст, ҳамчунин, нишондиҳандаҳои техникию иқтисодӣ ба таври назаррас беҳтар гардиданд. Ин навъи нақлиёт барои интиқоли борҳои саноатӣ нақши муҳим дошта, яке аз заминаҳои муҳимми рушди инфрасохтори нақлиётии ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар соли 1988 роҳи оҳан нисбат ба дигар намудҳои нақлиёт ҳаҷми боркашонии бештар ва интиқоли мусофирони зиёдтарро анҷом дод. Барои мисол дар соли 1988 тавассути нақлиёти роҳи оҳан дар мамлакат 3937,6 ҳазор мусофир интиқол дода шуд, ки ин шумора ҳамагӣ 1,02 дарсади умумии мусофиркашонии кишварро ташкил медод [16-М, с. 68-75].

Соли 1988 нақлиёти роҳи оҳан дар Тоҷикистон 765,8 млн мусофир/км-ро интиқол дод, ки 9,36 дарсади кори умумии нақлиётро ташкил медод. Ин нишондиҳанда далели он аст, ки нақлиёти роҳи оҳан ҳоло ҳам нақши муҳим дошт, ҳарчанд ҳаҷми мусофиркашонӣ нисбат ба солҳои гузашта каме коҳиш ёфта буд. Масофаи миёнаи сафари як мусофир дар соли 1988 акнун 196,3 км-ро ташкил мекард. Ба ин маъно, мусофирон одатан масофаҳои дуру дарозро тавассути роҳи оҳан тай мекарданд. Аммо, ин афзоиши масофа ва дарозии сафари мусофирон дар тули 20 соли охир дар заминаи тағйирот дар сохтор ва намудҳои нақлиёти миллӣ ёдрас мешавад. Ин тағйирот сабабгори дигаргунии ҳаҷм ва сохтори нақлиёти мусофиркашонӣ гардид, ки дар натиҷа нақлиёти роҳи оҳан нақши барҷаста ё муътадилро дар муқоиса бо дигар намудҳои нақлиёт аз даст дод.

Дар аввали солҳои 90-ум роҳи оҳан дар Тоҷикистон нақши хеле муҳимро дар низоми нақлиёти мамлакат дошт. Он дар асоси рушди иқтисодиёт ва ҳифзи робитаҳои иқтисодии дохилию байналмилалӣ барои кашондани борҳои хоҷагии халқ ва мусофирон дар кишвар аҳаммияти калон дошта, бештар барои мусофиркашонии байнишаҳрӣ ва берун аз ҷумҳурӣ истифода мешуданд.

Ҳамин тариқ, агар омори интиқоли мусофиронро дар солҳои гуногун баррасӣ кунем, мебинем, ки соли 1960, 60,7% аз мусофирон бо нақлиёти маҳаллӣ, 24,3% бо нақлиёти байниҷумҳуриявӣ ва 15,0% бо нақлиёти наздишаҳрӣ (барои масофаҳои кӯтоҳ ба шаҳрҳои наздик ва деҳот) ҳаракат мекарданд. Ин нишондиҳандаҳо дар соли 1988 ба таври назаррас тағйир ёфта, интиқоли мусофирон дар он вақт 32,0% тавассути нақлиёти маҳаллӣ,

11,0% тавассути нақлиёти мустақим ва 56,0% тавассути нақлиёти наздишаҳрӣ ба роҳ монда шуда буд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар аввали солҳои 90-ум нақлиёти роҳи оҳан дар Тоҷикистон нақши муҳим ва муассир дар интиқоли бор ва мусофирон дошт. Аммо, бо гузашти вақт ва рушди дигар намудҳои нақлиёт, махсусан нақлиёти автомобилӣ, аҳаммияти худро қариб ки аз даст дод. Илова бар ин, сохтмони хатти роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Тирмиз, ки ба маҳалҳои аҳолинишин наздик мебошад, на танҳо сафарҳои байнишаҳрӣ, балки сафарҳои корӣ ва истироҳатиро низ осонтар кард.

Ҳамин тавр, таҳлили нақлиёти роҳи оҳан дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҳаҷми афзоиш дар ҳаҷми мусофиркашонӣ дар оянда дар сатҳи 0,8-1,2% дар ҳаҷми умумии мусофиркашонии байнишаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ хоҳад буд [116, с. 7].

Нақлиёти роҳи оҳан дар давраи 50–80-ум асри XX нақши муҳим ва марказиро дар интиқоли мусофирон ва борҳо дар хоҷагии халқ ва рушди иқтисодии кишварҳо ба уҳда дошт.

Аз натиҷаҳои бадастовардаи боби чоруми рисола чунин хулоса баровардан мумкин аст:

– солҳои баъдиҷангӣ барои Тоҷикистон давраи барқарорсозии инфрасохтори нақлиётӣ ба шумор мерафт. Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба соҳаҳои роҳу нақлиёт, махсусан роҳҳои оҳан ва авиатсияи гражданӣ, осеби ҷиддӣ расонида буд. Дар ин шароит корҳои таъмиру барқарорсозии соҳа бо суръат оғоз гардида, ҳамчун бахши муҳимми рушди иқтисод ва амнияти кишвар мавқеи хоса пайдо кард;

– дар ин давра, аввалин хатсайрҳои ҳавоӣ барқарор карда шуданд, ки марказҳои шаҳру ноҳия ва вилоятҳои ҷумҳуриро ба пойтахти кишвар ва дигар ҷумҳуриҳои умумииттифоқӣ мепайвастанд. Ин раванд на танҳо иртиботи дохилиро беҳтар намуд, балки имкониятҳои кишварро дар ҳамлунақли боркашонӣ ва мусофирбарӣ таъмин намуд;

– бо ворид намудани тайёраҳои нав ва афзоиши самтҳои парвоз, авиатсияи граждании Тоҷикистон ба як бахши муҳим табдил ёфт. Дар ин давра, махсусан фурудгоҳҳои шаҳрҳои калон, аз нав таҷҳизонида шуданд ва иқтидори онҳо ба таври қобили мулоҳиза боло рафт;

– дар солҳои 50–80-ум роҳи оҳан низ яке аз самтҳои афзалиятнок дар сиёсати иқтисодии ҷумҳурӣ қарор гирифт. Дар ин солҳо роҳҳои оҳан таъмир, таҷдид ва тавсеа ёфтанд, ки ба беҳбудии иртиботи нақлиётӣ байни минтақаҳо ва кишварҳои ҳамсоя мусоидат намуд;

– фаъолияти ташкилӣ ва иқтисодии роҳи оҳан дар ин давра на танҳо дар самти ҳамлунақл, балки дар таъмин ва рушди дигар соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла саноат, кишоварзӣ ва сохтмон нақши ҳалкунанда бозид;

– ҳамкории сохторҳои роҳсозӣ ва авиатсионӣ бо муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва давлатӣ тақвият ёфта, имконият фароҳам овард, ки дар низоми нақлиёти кишвар бо такя ба асосҳои илмӣ ва таҷрибаи муосир ба роҳ монда шавад;

– дар давраи мавриди таҳқиқ, роҳи ҳавоӣ барои анҷом додани парвозҳои санитарӣ, интиқоли маводди зарурии ғизо ва доруворӣ, корҳои наҷотдиҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ва аҳолии дурдаст истифода мешуд;

– раванди барқарорсозӣ ва такмил дар соҳаи нақлиёти роҳи оҳан ва ҳавоӣ на танҳо мақсади иқтисодӣ, балки ба манфиати фарҳангӣ ва иҷтимоии кишвар низ равона шуда буд.

# БОБИ 6. РАВАНДИ ТАҲАВВУЛ ВА РУШДИ СОҲАИ НАҚЛИЁТИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

## 6.1. Сохтмону навсозии роҳҳои мошингард ва аҳаммияти нақбсозӣ дар замони истиқлоли давлатӣ

Ҷумҳурии Тоҷкистон баъди расидан ба истиқлоли давлатӣ ба татбиқи чандин нақшаҳои муҳимму стратегӣ шуруъ намуд, ки яке аз ҳадафҳои асосии он ҳалли мушкилоти коммуникатсия ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ маҳсуб меёфт. Бояд зикр намуд, ки рушди соҳаи нақлиёт ва иртибот байни минтақаҳои кишвар аҳаммияти бузурги таърихӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошт, зеро бо ҳалли ин масъала на танҳо ҳаракати озоди мардум ва интиқоли молу маҳсулот таъмин мегардид, балки имконият пайдо мегардид, ки Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ҷойгоҳи махсуси худро пайдо намояд.

Барои рафъи мушкилоти коммуникатсионӣ ва табдил додани Тоҷикистон ба як маркази транзитӣ, ҳукумати кишвар диққати махсус ба рушди инфрасохтори нақлиёт, сохтмони роҳҳои транзитӣ, нақбҳо ва пулҳо, мукаммалсозии нақлиёти муосир, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар кардани дастрасии нақлиёти ҷамъиятӣ, ҳавоӣ ва роҳи оҳан равона кард [277, с. 80].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ аксарияти роҳҳои нақлиётӣ ва инфрасохторҳо сохта шуда буданд, аммо сатҳ ва сифати онҳо ба талаботи замони муосир набуданд. Масалан, мусофирон барои рафтуомад ба вилояти Суғд ва ВМКБ маҷбур буданд, аз роҳҳои хатарноки Анзобу Шаҳристон ё Хобурободу Девдара истифода баранд, ки дар фаслҳои тирамоҳу зимистон хеле душворгузар буд. Дар ин фаслҳо ҳаракати нақлиёт дар баъзе масири роҳҳо ғайриимкон гардида, то 5-6 моҳ баста мешуданд. Ҳаракати нақлиёт ба ВМКБ тавассути шаҳри Уши Ҷумҳурии Қирғизистон анҷом дода мешуд. Акнун, кушодани роҳҳои ҳавоӣ ва пайвасти Тоҷикистон ба ҷаҳон, махсусан ба Аврупову Амрико ва дикар манотиқи ҷаҳон ба миён омад.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ, соҳаҳои нақлиёт ва дигар бахшҳои хоҷагии халқ барои мутобиқ шудан ба талаботи муосир омода набуданд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи соҳаи нақлиётро бо ин гуна рақамҳо шарҳ дода буданд: «То соли 1997 танҳо 42 дарсади роҳҳои дорои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва 20 дарсади роҳҳои маҳаллӣ мумфарш буданд. Аз онҳо 73 дарсад дар ҳолати камсифат, 26 фоиш дар ҳолати миёна ва танҳо 1 дарсад дар ҳолати хуби техникӣ қарор дошт» [27, с. 78].

Ҷанги шаҳрвандӣ вазъи мушкили кишварро боз ҳам мураккабтар сохт. Робитаи нақлиётии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя ва дуру наздик, ҳам аз ҷиҳати масофа ва ҳам бо буҳрони сиёсӣ, мушкил ва ғайриимкон мегардид. Вазъияти баамаломада боиси коҳиши соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар гардид. Тоҷикистон, ки минтақаи кӯҳӣ аст, ба мушкилоти ҷиддии ҳаракати одамон ва воридоту содироти молу маҳсулот дучор шуда, дар як муддати муайян дар бунбасти коммуникатсионӣ қарор дошт.

Гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ низ ба фаъолияти соҳаи нақлиёт таъсири ҷиддӣ расонда, ҳаҷми боркашонӣ дар ин давра коҳиш ёфт. Масалан, дар солҳои 1991–1996 ҳаҷми ҳамлунақли боркашонӣ тавассути тамоми воситаҳои нақлиёт ба андозаи 2,7 маротиба кам гардид. Дар натиҷа, дар низоми нақлиётии кишвар тағйиротҳо ба вуҷуд омада, санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа қабул гардиданд [167, с. 80-84].

Бо дарназардошти нақши муҳимми соҳаи нақлиёт дар пешрафти иқтисоди кишвар, ҲҶТ таҳти роҳбарии бевоситаи Эмомалӣ Раҳмон ба рушди ин соҳа аҳаммияти ҷиддӣ дод. Новобаста аз мушкилоти иқтисодӣ, дар солҳои 1993–1999 барои соҳаи нақлиёт 652,7 млн сомонӣ ҷудо гардид. Бо истифода аз ин маблағҳо 479,12 км роҳҳои асосӣ ва 67 пул бо дарозии умумии 2167,9 метр сохта, ба истифода дода шуда [243, с. 115].

Дар асоси супоришҳои бевоситаи ҲҶТ, солҳои 90-ум, бо мақсади пайвасти минтақаҳои кӯҳии кишвар, сохтмони роҳҳои асосӣ ва стратегӣ, аз ҷумла роҳҳои мошингарди Мурғоб – Қулма, Шкев – Зиғар ва Шоҳон – Зиғар оғоз карда шуданд. Сохтмони қитъаи аввали ин роҳҳо, ки дар масофаи 5,5 км

миёни деҳаи Зиғари ноҳияи Дарвоз ва Шоҳони ноҳияи Шурообод (ҳоло Шамсиддини Шоҳин) воқеъ буд, шуруъ гардид. Интихоби ин қитъа тасодуфӣ набуд, зеро байни ин маҳалҳо мавзеи хатарноки «Девдара» воқеъ буд, ки ҳаракати нақлиётро аз як самт ба самти дигар душвор мегардонид.

Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 5-уми июли 1998 ҳангоми сафари кории худ дар ВМКБ аз ҷараёни сохтмони роҳҳо дидан намуда, иброз доштанд, ки минтақаи «Девдара»-ро ба макони диданӣ ва ҷолиб барои сайёҳон табдил дода, дигар на масири хатарнок, балки бо зебоиҳои табиӣ худ тамошобоб гардонанд. 30-юми январи соли 1999 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон расман дар маросими ифтитоҳи шоҳроҳи мошингарди Кӯлоб – Қалъаи Хумб иштирок ва суханронӣ карда, таъкид намуданд, ки: «Роҳи Кӯлоб – Қалъаи Хумбро на танҳо шоҳроҳи Истиқлолият, балки шоҳроҳи «Ваҳдат» низ номидан мумкин аст. Зеро он ду вилояти асосии кишвар – Бадахшону Хатлонро ба ҳам пайваста, барои таҳким бахшидани дӯстӣ ва Ваҳдат байни мардуми онҳо шароити мусоид фароҳам меорад» [31, с. 21-26]. Ҳамзамон, роҳи мазкур барои Тоҷикистон аҳаммияти байналмилалӣ дошта, кишварамонро бевосита бо хориҷи кишвар мепайвандад. Бояд қайд намуд, ки сохтмони роҳи мошингарди Кӯлоб – Қалъаи Хумб, заминаи мусоидро барои сохтмон ва барқарорсозии қисматҳои роҳи Душанбе – Кӯлоб – Қалъаи Хумб – Хоруғ – Кулма – Қаросу (сарҳадди ҶМЧ) ва ҳамчунин қитъаи Мурғоб – Кулма – Қаросу фароҳам овард.

Дар ВМКБ сохтмону навсозии роҳҳо бо ҷидду ҷаҳд пеш мерафт. Дар ин замина соли 1999 лоиҳаи роҳи мошингарди Мурғоб гузаргоҳи Қулма таҳия гардид. Мувофиқи лоиҳаи тасдиқшуда 32,6 км роҳи нав дар қисмати Помири Шарқӣ сохта мешуд, ки он шабакаи мавҷудаи роҳро бо сарҳадди Чин дар масири гузаргоҳи Кулма пайваст менамуд [243, с. 116]. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни як суханронии худ қайд намуданд, ки: «Ҳанӯз соли 2000-ум ҳукумати мамлакат аввалин лоиҳаи сармоягузориро дар соҳаи роҳсозӣ маҳз дар ВМКБ аз бунёди 33 км роҳи

мошингарди Мурғоб – Кулма бо арзиши беш аз 67 млн сомонӣ оғоз карда буд».

Роҳи Мурғоб – Кулма – Қаросу 21-уми сентябри соли 2001 бо ҳузури Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Бонки исломии рушд (БИР) Муҳаммад Алӣ ба истифода дода шуд. Ин қитъа бо шоҳроҳи мошингарди Қароққуруми ҶМЧ пайваст шуда, сохтмон ва мумфаршсозии он аз ҷониби ширкати туркии Энтесӣ бо кумаки роҳсозони маҳаллӣ аз ҷамъиятҳои саҳомии «Бадахшонроҳ» ва «Дизел» анҷом ёфт. Роҳ ба меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқ буда, ҳаракати тамоми навъҳои нақлиётро таъмин менамояд ва 70% боркашонии байни Тоҷикистон ва Чинро бар уҳда дорад.

Дар шароити муосир ширкатҳои сохтмонӣ, ки дар озмунҳои таҷдид ва навсозии роҳҳои автомобилгард иштирок мекунанд, имкониятҳои васеъ рушди фаъолияти худро доранд [103, с. 111]. Моҳи декабри соли 2002 барои сохтмони роҳи мошингарди Шкев – Зиғар миёни Вазорати нақлиёт ва ширкати туркии «Ояк Иншоот» созишнома ба имзо расид. Барои иҷрои ин лоиҳа 768 нафар, аз ҷумла, 76% коргарони маҳаллӣ ва 24% мутахассисони хориҷӣ, ҷалб гардиданд. Корҳо 11-уми апрели соли 2003 шуруъ шуда, сохтмони қисми асосии роҳ 28-уми майи соли 2005 ба анҷом расид. Маблағи умумии амалисозии лоиҳа барои сохтмон ва таҷҳизоти иншоот 12 174,8 ҳазор доллари ИМА муайян гардид, ки 106,8% арзиши пешбинишудаи лоиҳаро ташкил медод. Барои иҷрои лоиҳа 12 174,8 ҳазор доллар ҷудо шуд, ки аз он 9 830,4 ҳазор долларро БИР ва 2 344.4 ҳазор долларро Ҳукумати Тоҷикистон таъмин кард. Қарзи БИР ҳамчун кумак барои таъмини қисми асосии хароҷот ва шарикони хориҷӣ, ки бо технологияи муосир ва таҷрибаи пешқадам дар соҳаи сохтмон хидмат карданд, равона гардид [243, с. 119].

Роҳи мошингарди Шкев – Зиғар бо дарозии 38 км, қисми муҳимми низоми алоқаи нақлиётии кишвар маҳсуб ёфта, Қалъаи Хумб ва Кӯлобро бо ҳам пайваст мекунад. Барои таъмини бехатарии ҳаракати нақлиёт ва устувории роҳи Шкев – Зиғар, дар масири роҳ 6 пули хурду калон бунёд

шуданд. Бунёди пулҳо имкон доданд, ки ҳаракати мошинҳо дар тамоми фаслҳои сол бе мамониа таъмин карда шавад.

Дар марҳилаи сохтмони роҳи мошингарди Шкев – Зиғар, 92 намуди техника истифода гардид, ки дар он 2 булдозер, 6 экскаватор, 2 дастгоҳи пармакунӣ, 42 мошини боркаш ва 4 мошини боркунандаи дигар шомил буданд. Барои навсозии роҳ 32 млн доллари ИМА бо қарзҳои имтиёзӣ аз Хазинаи Кувайт, Хазинаи Созмони кишварҳои содиркунандаи нафт, Хазинаи рушди Саудӣ ва Ҳукумати Тоҷикистон ҷудо гардид [263, с. 48].

Лоиҳаи сохтмони шоҳроҳи Шоҳон – Зиғар бошад, дар се марҳила анҷом мешуд. Марҳилаи аввал 5,5 км роҳро дар бар мегирифт. Сохтмони роҳ бо ҳамкории Вазорати нақлиёти Тоҷикистон, ширкатҳои Қувайт ва Туркия оғоз ёфта, 9,1 млн доллари амрикоӣ БИР ва 2,3 млн доллар Ҳукумати Тоҷикистон ҷудо намуданд.

16-уми марти соли 2005 Ҳукумати Тоҷикистон ва БИР карордоди қарзӣ барои марҳилаи дуюми сохтмон ва таъмири роҳи Шоҳон – Зиғар бо маблағи 13,7 млн доллар имзо карданд. Дарозии роҳ камтар аз 34 км буда, маблағи умумии лоиҳа 35,5 млн долларро ташкил медод [29, с. 314]. Ҳамин тавр, раванди сохтмон аз моҳи апрели соли 2003 то 2-юми ноябри соли 2005 идома ёфта, соли 2006 пурра ба анҷом расид.

Дар солҳои истиқлол бо ташаббуси Пешвои миллат сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ба соҳаҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ, махсусан, соҳаи роҳсозӣ бештар гардид. Бояд қайд намуд, ки соҳаи нақлиёт дар сохтори сармоягузориҳои асосии сохтмонии ҷумҳурӣ ҳиссаи назаррас дорад. Профессор Малиновская О. В. таъкид мекунад: «барои рушди устувори зерсохтори нақлиёт, хусусан, сохтмони роҳҳо, механизми сармоягузорӣ бояд муҳим бошад ва ҳамкории давлату бахши хусусиро дар марҳилаҳои гуногуни рушди иқтисод таъмин намояд. Сармоягузорӣ нақши калидӣ дар беҳбуди иртиботи минтақаҳо ва таҳкими иқтисоди кишвар дорад» [154, с. 135].

Дар идомаи корҳои роҳсозӣ солҳои 2003–2006 лоиҳаи навсозии шоҳроҳи Душанбе – Қӯрғонтеппа – Кӯлоб бо маблағи 27 млн доллар, бо кумаки Бонки

осиёии рушд, Хазинаи кишварҳои содиркунандаи нафт ва Ҳукумати Тоҷикистон амалӣ шуд. Маврид ба зикр аст, ки дар соли 2006 ба ин соҳа 150,7 млн сомонӣ, ё 25,4 дарсади ҳаҷми умумии сармоягузории асосӣ равона шуд. Ҳаҷми нишондиҳанда нисбат ба соли 2005 тақрибан 24 маротиба афзоиш ёфта, маблағи умумии фондҳои асосии ба истифода дода шуда, ба 29,6 млн сомонӣ расид. Ин нишондиҳанда 19,6% (52,3% нисбат ба соли 2003) аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳоро ташкил мекард. Маблағи сармоягузорӣ ба соҳаи роҳсозӣ 112,1 млн сомониро ташкил дода, аз он 541,3 ҳазор сомонӣ ба истифода дода шудааст, ки 0,5% ҳаҷми умумии сармоягузорӣ дар соҳаи роҳсозиро ташкил медиҳад [229, с. 38-42].

Яке аз лоиҳаҳои стратегии муҳим, ки барои баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ мусоидат намуд, бунёди шоҳроҳи Душанбе – Рашт – Ҷиргатол – Саритош (Ҷумҳурии Қирғизистон) ба ҳисоб мерафт, ки сохтмони он моҳи августи соли 2004 бо хазинаи 24 млн доллари ИМА оғоз гардид [178, с. 123]. Дар сохтмони роҳ 421 нафар коргарон, аз ҷумла, 350 нафар коргарони маҳаллӣ ва 71 нафар мутахассисони кишварҳои хориҷӣ ҷалб шуданд [133, с. 532].

Ҳукумати мамлакат банақшагирии корҳои таъмиру сохтмони роҳи мошингарди Душанбе – Рашт – Саритошро ба 3 марҳилаи асосӣ ва лоиҳаи корҳои иловагӣ муайян кард. Оғози марҳалаи аввали ин лоиҳа соли 2005 бо маблағҳои қарзии имтиёзноки Бонки осиёии рушд, Хазинаи кишварҳои содиркунандаи нафт ва саҳми Ҳукумати Тоҷикистон аз қитъаи роҳи мошинагрди Ваҳдат – Оби Гарм шуруъ гардида, дар муддати се сол роҳсозон 75 км роҳи аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва 77 км роҳҳои аҳаммияти маҳаллидоштаро навсозӣ карданд.

17-уми ноябри соли 2005 шартномаи маблағгузорӣ барои марҳилаи дуюми сохтмони роҳи мошингарди Душанбе – Рашт – Саритош имзо шуд. Лоиҳа бо арзиши умумии 39,5 млн. доллар пешбинӣ гардид, ки аз ин миқдор 30 млн. долларро Бонки Осиёии Рушд ва 9,5 млн. долларро Ҳукумати Тоҷикистон ба уҳда доштанд. Марҳилаи дуюм дар доираи лоиҳаи рушди

зерсохторӣ барои беҳтар гардидани равобит дар минтақаҳои кӯҳӣ ва таъмини амният ва бехатарии ҳаракати нақлиёт дар роҳи Душанбе – Рашт – Саритош мавриди амал қарор гирифт. Маблағгузории саривақтӣ имкон дод, ки лоиҳа дар муҳлати муқарраргардида иҷро гардад [133, с. 532].

Дар ҳамин давра, дар ноҳияҳои Тоҷикобод ва Ҷиргатол бо харҷи 262 млн сомонӣ корҳои навсозии роҳҳо ба анҷом расида, ҳамзамон 9 пули мавҷуда пурра таъмир шуданд. Ғайр аз ин, дар доираи марҳалаи сеюм, сохтмони 3 пули нави замонавӣ, ки барои беҳтар кардани ҳаракати нақлиёт ва таъмини бехатарии воситаҳои нақлиёт зарур буданд, ба анҷом расид [133, с. 532].

3-юми октябри соли 2008 Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Тоҷикобод сафар намуда, расман ба марҳалаи сеюми навсозии шоҳроҳи Душанбе – Нуробод – Рашт – Ҷиргатол – Саритош оғоз бахшид. Ин лоиҳа бо харҷи умумии 490 млн сомонӣ барои навсозии 265 км роҳ, аз ҷумла, 137 км роҳҳои маҳаллӣ ва 20 пул равона шуд. Барои пурра ба истифода додани роҳ дар масири он 19 пули нави замонавӣ бунёд гардид, ки ба беҳтар гардидани бехатарии ҳаракати нақлиёт, рушди тиҷорати дохилию байналмилалӣ кумак кард [19-М, с. 205-210].

Президенти Ҷумурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 4-уми октябри соли 2008 зимни сафари худ ба мавзеи Қарамиши ноҳияи Ҷиргатол, ки дар сарҳадди Тоҷикистону Қирғизистон воқеъ аст, ба ҷараёни сохтмону навсозии қитъаи 8-километраи роҳи Душанбе – Саритош, ки мавзеи аз ҳама вазнину мушкилгузари он аст, аз наздик шинос шуд. Зимни боздид аз дидбонгоҳи сарҳаддии хадамоти гумрук, зикр гардид, ки айни ҳол аз ин роҳ байни Тоҷикистону Қирғизистон ҳамарӯза 15–20 мошинҳои хурду бузург мегузарад. «Дар фасли зимистон агар ағбаи Кулма баста шавад, аз ин гузаргоҳ 40–50 мошини боркаш дар як рӯз убур мекунанд, ки бештарашон мошинҳои масири ҳаракаташон байни Чину Тоҷикистон мебошанд» [335].

27-уми октябри соли 2009 зимни сафари корӣ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар мавзеи Лангари Шоҳи ноҳияи Тоҷикобод пули калони мошингузари дарозиаш 210 ва паҳноиаш 10 метраро мавриди баҳрабардорӣ

қарор дод [21-М, с. 182-187]. Дар доираи лоиҳаи навсозии шоҳроҳи Душанбе – Саритош 25 км роҳҳои маҳаллии ноҳияи Тоҷикобод аз Нимич то Сайрон таъмир шуданд. Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Ҳиҷбораки ноҳияи Рашт пули нави 226 - метраро бо иқтидори борбардории 30 тонна ва харҷи 10,4 млн сомонӣ ифтитоҳ кард, ки деҳаро бо шоҳроҳ мепайвандад, ҳамчунин 14 км роҳҳои маҳаллӣ навсозӣ гардиданд. Дар сохтмон 80 нафар коргарони маҳаллӣ ба кор таъмин шуданд.

Президенти кишвар аҳаммияти стратегӣ доштани бунёди роҳҳоро ҳамеша таъкид менамоянд: «Роҳи байналмилалии мошингарди Душанбе – Кӯлоб – Хоруғ – Кулма – Қароқорум дар тамоми фаслҳои сол имкон медиҳад, ки ҳамлунақли бору мусофирон таъмин шавад» [32, с. 39]. Бунёди ин роҳ яке аз дастовардҳои бузурги таърихии давраи истиқлолият буда, моро бо кишварҳои Шарқ ва бандарҳои бузурги ҷаҳонӣ мепайвандад. Ҳоло навбати якуми азнавсозии шоҳроҳи Душанбе – Нуробод – Рашт – Саритош оғоз ёфтааст, ки Тоҷикистонро бо Қирғизистон, Қазоқистон, Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин мепайвандад.

Таҳлили вазъи роҳҳои кишвар дар соли 2006 нишон дод, ки аз 13 747 км роҳҳои мавҷуда, тақрибан нисфи онҳо дар ҳолати садамавӣ, тақрибан сеяки дигар дар ҳолати қаноатбахш ва танҳо 20 дарсад дар ҳолати миёна қарор дорад. Илова бар ин, аз 2167 пули мавҷуда, ки дар маҷмуъ 36979 метрро ташкил медиҳанд, 15% дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дошта, 35 дарсад таъмирталаб мебошанд [243, с. 115].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 14-уми июни соли 2006 зимни сафари худ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин дар мулоқот бо Ҳу Ҷинтао қарордодро дар бораи аз нав сохтани шоҳроҳи Душанбе – Хуҷанд – Чанок бо дарозии 354 км ба имзо расонид [265, с. 60]. Пешвои миллат зикр намуд: «Мухлати амалӣ гаштани лоиҳа ду сол буда, арзиши тахминии он 977 млн сомониро ташкил медиҳад. Таъкид шуд, ки 928 млн аз ҷониби Ҳукумати ҶМЧ ва 49 млн аз тарафи ҲҶТ маблағгузорӣ мешавад. Лоиҳаи мазкур азнавсозии пурраи роҳи автомобилгарди Душанбе – Хуҷанд – Бӯстон -

Чанок, сохтмони нақби Шаҳристон (дарозиаш беш 5 км), 37 купрӯки хурду бузург ва 6300 метр иншооти зидди тармавиро дар бар мегирад» [256, с. 336].

11-уми июли соли 2006 дар км 33-юми шоҳроҳи Душанбе – Хуҷанд – Бӯстон – Чанок маросими расмии оғози амалисозии лоиҳа бо иштироки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сафири ҶМЧ Ли Хуэйлай доир шуд [133, с. 533]. Маврид ба зикр аст, ки корҳои сохтмонӣ дар шоҳроҳи Душанбе – Хуҷанд – Бӯстон – Чанок моҳи июли соли 2006 дар се минтақаи роҳ – дар км 33-юм, аз қисми шимолии нақби Шаҳристон ва мавзеъҳои Бӯстон ва Чанок оғоз шуд. Ҳамин тавр, барои рушди соҳаи нақлиёт аз соли 2000 то аввали соли 2006 4 лоиҳаи инвеститсионӣ ба маблағи умумии 273 млн сомонӣ мавриди татбиқ қарор дода шуд [26, с. 98]. 14-уми ноябри соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни боздиди шоҳроҳи Душанбе – Чанок қайд намуд: «барои татбиқи ин лоиҳа 295 млн доллар ҷудо шудааст ва 94 млн доллари он алакай аз худ карда шудааст. Дар ин замина, нақби мошингарди «Шаҳристон», 6 км иншооти зиддитармавӣ, зиёда аз 37 пул бо стандарти байналмилалӣ ва мумфарш намудани роҳҳо пурра анҷом ёфтанд».

Соли 2007 марҳалаи сеюми лоиҳа ва корҳои иловагии марҳалаи дуюм бо маблағгузории умумии 101,5 млн доллар оғоз гардид. Таъмини саривақтии маблағгузорӣ имкон дод, ки дар давоми амалисозии лоиҳа 114 км шоҳроҳ ва 45 км роҳҳои аҳаммияти маҳаллидошта, ки бештари онҳо корношоям буданд, аз нав бунёд ва ё таъмир шаванд.

Президенти мамлакат дар бобати расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар пайваста таъкид карда, дар Паёми соли 2008 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд: «ҳадафи сеюми стратегии мо аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат ва таъмини ривоҷу равнақи минбаъдаи соҳаҳои нақлиёту алоқа мебошад» [4]. Дар робита ба дастуру ҳидоятҳои сарвари давлат Шоҳроҳи Душанбе – Чанок давоми солҳои 2006–2010 бо сохтмони 21 долони зиддитармавӣ бунёд карда шуд, ки барои таъмини бехатарии ҳаракати нақлиёт дар минтақаи кӯҳӣ аҳаммияти муҳим

дошт. Ин долонҳо дар минтақаҳои осебпазири шоҳроҳ, ки дар натиҷаи фаромадани тарма ва селҳо зарар медиданд, бунёд шуданд. Хароҷоти умумии умумии сохтмони онҳо беш аз 30 млн. долларро ташкил намуда, ба беҳтар кардани устуворӣ ва амнияти зерсохтори нақлиётии Тоҷикистон мусоидат кард.

Солҳои соҳибистиқлолӣ саҳми ширкатҳои хориҷӣ дар сохтмони роҳҳои Тоҷикистон афзоиш ёфт. Моҳи майи соли 2007 ширкати ҷопонии «Нишиматсу Констракшн Ко.ЛТД» бо гранти 4 479,000 доллари амрикоӣ марҳилаи аввали таҷдиди роҳи мошингарди Дӯстӣ – Панҷи Поёнро оғоз намуд ва моҳи июни соли 2008 корҳои сохтмонӣ анҷом дода шуданд. Марҳилаи дуюми лоиҳа моҳи июли соли 2009 бо дарозии 15,36 км ва маблағгузории 13,5 млн доллар аз ҷониби ширкати «Ниппо Корпорэйшн» оғоз карда шуда, моҳи ноябри соли 2010 мавриди истифода қарор дода шуд. Дар байни моҳҳои феврал то сентябри соли 2009 дар Тоҷикистон 27 созишномаи сохтмон ва барқарорсозии роҳҳо бо маблағи умумии 2,3 млн. доллар ба имзо расид. Ин созишномаҳо ба барқарорсозии беш аз 350 км роҳҳои маҳаллӣ, аз ҷумла, дар масири Варзоб-4, Роғун-1, Файзобод-5, Нуробод-5 ва Рашт-12 лоиҳа мусоидат карданд [10-М, с. 287].

Барои беҳтар кардани иртиботи маркази кишвар бо ҷануб, шоҳроҳи Қӯрғонтеппа – Дӯстӣ – Панҷи Поён дар солҳои 2007–2012 бо маблағгузории 76,3 млн доллар аз ҳисоби гранти Ҷопон навсозӣ гардид. Қитъаи роҳи Дӯстӣ – Панҷи Поён бо дарозии 27 км дар ду марҳила, солҳои 2007–2009, пурра таъмир шуд. Эмомалӣ Раҳмон 22-юми сентябри соли 2011 дар ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ (ҳоло Ҷ. Балхӣ) аз рафти навсозии роҳи Қӯрғонтеппа – Панҷи Поён шинос шуда, қайд намуд, ки қитъаи 27 км роҳи Дустӣ – Панҷи Поён алакай омода ва истифода мешавад. То охири соли 2011 дар 42 км аз 60 км роҳ, 94% корҳои таъмир анҷом ёфта, 7 пул сохта шуд. Қисми боқимонда дар соли 2012 бо гранти 75 млн доллари Ҳукумати Ҷопон ва иштироки ширкати «Дай Нипон Нило» ба истифода дода шуд. Ҳамин тавр, роҳи

Қӯрғонтеппа – Дӯстӣ бо дарозии 42 км дар солҳои 2009–2012 бо маблағи 35 млн доллар таҷдид гардид.

Бояд қайд намуд, ки дарозии роҳҳои автомобилгарди аҳаммияти байналмилалидошта, ки аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаранд, 1987 км-ро ташкил медиҳад. Солҳои 2010–2011 барои сохтмон ва таҷдиди 333 км роҳ дар Тоҷикистон 828,3 млн доллар шуд. Дар доираи амалӣ намудани лоиҳаҳо барои беҳтарсозии ҳолати роҳҳои байналмилалии автомобилгард, дар давоми солҳои 1999 то 2009 дар 17 масир корҳои таъмиру бозсозӣ ва дар маҷмуъ дар масофаи 3246,5 км роҳ корҳои сохтмонӣ анҷом дода шуданд [281, с. 19]. Аз солҳои 2012 то 2015 ҳаҷми таъмири асосӣ ва навсозии роҳҳои кишвар ба 101,5 км расид, ки барои иҷрои ин корҳо ба миқдори 274,5 млн доллар маблағгузорӣ гардид [93, с. 95].

23-юми июни соли 2009 дар Хуҷанд пули замонавии 427 метрӣ расман ба истифода дода шуд [329]. Бо пешниҳоди Сарвари давлат ба пули мазкур номи «Ваҳдати миллӣ» гузошта шуд. Ин пул яке аз 15 пули қитъаи №4-и шоҳроҳи Душанбе – Хуҷанд – Чанок аст, ки бо харҷи 14,7 млн доллар сохта шудааст [265, с. 60].

Навсозии роҳи Душанбе – Данғара дар ду марҳила бо харҷи зиёда аз 900 млн сомонӣ оғоз ёфта, то апрели 2011 зиёда аз 270 млн сомонӣ барои корҳои сохтмонӣ истифода шуд. Эмомалӣ Раҳмон пули нави 127-метраро дар дарёи Элок, дар км 25-уми шоҳроҳ ба истифода дод, ки барои рушди зерсохтори нақлиётӣ муҳим буд.

Бо дастури роҳбари давлат, соли 2011 дар ноҳияи Шурообод сохтмони қисмати шоҳроҳи Душанбе – Кӯлоб – Хоруғ – Кулма – Қаросу бо ҷалби 440 млн сомонӣ оғоз ёфт. Дар ин қитъа 9 пули калон, аз ҷумла, барои ҳифз аз сел ва обхезӣ бузургтарин пул Оби Ниҳол бо дарозии 264 м сохта шуд. Ҳамчунин, дар 72 ҷойи роҳ қубурҳои калон хобонда шуданд.

5-уми июни соли 2012 дар Пекин Созишномаи қарзи имтиёзнок байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Эксимбонки Чин ба имзо расид, ки мувофиқи он ба Тоҷикистон 50,54 млн доллар ҷудо гардид. Бо ин маблағ корҳои зиёд дар

таҷдиди марҳилаи аввали қисми сеюми роҳи Душанбе – Кӯлоб – Хоруғ – Кулма сурат гирифт.

Навсозии марҳилаи дуюми шоҳроҳи Душанбе – Рашт – Ҷиргатол – Саритош аз соли 2007 оғоз шуда, то соли 2011 роҳсозон 73 км шоҳроҳ ва 56 км роҳҳои маҳаллии ноҳияҳоро ба анҷом расонида, дар баландкӯҳ роҳи нави 8,6 км ба сарҳадди Қирғизистонро ба истифода доданд. Дар сохтмони роҳ 270 нафар коргарон, аз ҷумла, 100 нафар коргарони маҳаллӣ бо кор таъмин шуданд.

Шоҳроҳи Душанбе – Чанок бо нақби «Шаҳристон» бо харҷи наздик ба 1,43 млрд сомонӣ соли 2012 ба истифода дода шуд. Нақби Дӯстӣ (Майхура) бо дарозии 1047 метр ва харҷи 12,1 млн доллар сохта шуд.

26-уми августи соли 2011 дар арафи таҷлили 20-умин солгарди истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, бо иштироки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шоҳроҳи мошингарди Душанбе – Рашт – Ҷиргатол бо дарозии 350 км ки то марзи Қирғизистон тӯл мекашид, расман мавриди истифода қарор гирифт. Маврид ба зикр аст, ки сохтмони роҳи мазкур ҳанӯз дар соли 2005 бо маблағи 840 млн сомонӣ, ё тақрибан177 млн доллари ИМА шуруъ гардида, ҳаракати нақлиётро дар ин минтақаҳо ба таври назаррас беҳтар намуд [265, с. 65].

Дар ин муддат бо дастгирии ҳукумати кишвар дар қитъаи шоҳроҳи Нуробод – Рашт зиёда аз 73 км роҳҳои аҳаммияти маҳаллидошта ва 15 пулҳои мошингузар сохтаву азнавсозӣ шуданд, ки барои беҳтар кардани равобити нақлиётӣ ва осон кардани ҳаракати нақлиёт дар минтақаи Рашт ва масири он мусоидат намуд. Бо кумаки Бонки осиёии рушд то охири соли 2012 корҳои азнавсозии роҳи 20 километраи Ғарм – Навобод бо харҷи 3 млн доллар ба анҷом расиданд, ки ҳаракати нақлиётро дар ин минтақа бехатар ва осон намуд. Ҳамчунин, шоҳроҳи 38 километари Оби Гарм – Нуробод пурра таъмир шуд.

Бо маблағгузории Бонки осиёии рушд ва Бонки аврупоии таҷдид, лоиҳаи стратегӣ барои навсозии шоҳроҳи Душанбе – Турсунзода – сарҳадди

Ӯзбекистон бо маблағи 181 млн сомонӣ оғоз ёфт. Ифтитоҳи расмии лоиҳа 7-уми ноябри соли 2011 баргузор шуд ва ин роҳ барои беҳбудии алоқаи нақлиётӣ ва рафъи монеаҳои марзӣ аҳаммияти калон дошт. Дарозии шоҳроҳ 66 км буда, бо харҷи зиёда аз 900 млн сомонӣ навсозӣ шудааст. Дар сохтмони роҳ зиёда аз 300 нафар сокинони маҳаллӣ бо ҷойи кор таъмин шуданд. Таъкид ба ёдоварист, ки аз маблағи умумии 181 млн доллар, ки барои таҷдиди шоҳроҳи Душанбе – Турсунзода ҷудо гардида буд, 120 млн доллари он ҳамчун грант ва ё кумаки бебозгашти Бонки осиёии рушд буд [264, с. 108]. Дар роҳи мошингарди Душанбе – Турсунзода, 138 техникаю механизмҳои роҳсозию боркашонӣ ва беш аз 500 нафар коргару мутахассис сафарбар гардида буданд. Дар соли 2012 бошад, 200 техникаю механизмҳои роҳсозию боркашонӣ ва 531 нафар роҳсозон ҷалб гардида буданд.

Ба навсозии роҳи мошингарди Айнӣ – Панҷакент 27-уми октябри соли 2012 оғоз бахшида шуд. Тӯли шоҳроҳи мазкур 114 км буда, барои азнавсозии он 650 млн сомонӣ ҷудо шуд. Сохтмони роҳи мазкур дар соли 2015 ба анҷом расонид [11]. Дар лоиҳа беш аз 60 км роҳҳои маҳаллӣ дар ноҳияҳои Айнӣ ва Панҷакент навсозӣ шуда, масофаи умумӣ 170 км-ро дар бар мегирифт. Лоиҳа сохтмон, таҷдиди 31 пул, чароғон кардани 41 км роҳҳои маҳаллӣ, хариди техникаи нигоҳдорӣ бо харҷи 12 млн сомонӣ ва маблағгузории тақрибан 100 млн доллари амрикоӣ аз ҷониби Бонки осиёии рушд таъмин шуд.

Навсозии роҳи Душанбе – Данғара, ки соли 2013 анҷом ёфт, яке аз шохаҳои шоҳроҳи байналмилалӣ ба шумор рафта, бо саҳми Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин амалӣ гардид. Ин роҳ маркази кишварро бо минтақаҳои ҷанубӣ пайваст намуда, ба афзоиши тиҷорат бо Чин мусоидат кард. Агар соли 2006 интиқоли мол 9 ҳазор тонна бошад, соли 2008 ба 110 ҳазор тонна ва соли 2010 ба 501 ҳазор тонна расид, ки арзиши он ба 685 млн доллар баробар аст [199, с.10]. Тибқи маълумотҳои дигар, дар давоми солҳои 2004 то 2014, ҳаҷми тиҷорат тавассути гузаргоҳи Кулма – Қаросу аз 26 млн доллар ба 1,58 млрд доллар расид, ки беш аз 60 баробар афзоишро ёфтааст [90, с. 298].

Президенти ҷумҳурӣ дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ (соли 2014) иброз доштанд: «аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия 1,1 млрд сомонӣ ва дар 7 соли оянда, зиёда аз 8 млрд сомонӣ харҷ карда мешавад. Татбиқи чунин лоиҳаҳо, аз ҷумла, сохтмони хатти роҳи оҳани Туркманистон – Афғонистон – Тоҷикистон, роҳҳои мошингарди байналмилалии Душанбе – Кӯлоб – Хоруғ - Кулма, Душанбе – Турсунзода, Айнӣ – Панҷакент, Восеъ – Ховалинг ва хусусан роҳи оҳани Ваҳдат – Ёвон – Қӯрғонтеппа барои беҳтар гардидани фазои сармоягузории кишвар, пайваст шудан ба шабакаҳои байналмилалии нақлиётӣ, рушду тараққии бозори дохилӣ ва афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад» [10].

Аз соли 2009 то соли 2014 барои раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ зиёда аз 5 млрд сомонӣ равона карда шудааст. Дар ин раванд, азнавсозии роҳи мошингарди Душанбе – Турсунзода, роҳҳои Душанбе – Қӯрғонтеппа – Панҷи Поён, Айнӣ – Панҷакент, Душанбе – Хоруғ – Кулма (қитъаи Шурообод – Дарвоз), Восеъ – Ховалинг, бунёди роҳи оҳани Душанбе – Қӯрғонтеппа (қитъаи Ваҳдат – Ёвон), таҷдиду сохтмони роҳҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ амалӣ гардид [11].

Дар соли 2015 корҳои таъмиру навсозии шоҳроҳи мошингарди байни Душанбе ва Турсунзода, ки дарозии он 57 км буд, бо сармоягузории беш аз 800 млн сомонӣ анҷом ёфт. Ҳамзамон, шоҳроҳи мошингарди Айнӣ – Панҷакент бо масофаи 113 км бо маблағи зиёда аз 700 млн сомонӣ таҷдид шуд. Дар маҷмуъ, дар он давра тақрибан 510 км роҳҳои мошингард навсозӣ гардида, 140 пули куҳнаву нав барқарору бунёд шуданд.

Ҳамин тариқ, сармоягузорӣ дар самти роҳу нақлиёт сол аз сол зиёд гардида, «дар соли 2015 таъмиру таҷдиди шоҳроҳи мошингарди Душанбе – Турсунзода бо дарозии 57 км ва маблағи зиёда аз 800 млн сомонӣ, шоҳроҳи мошингарди Айнӣ – Панҷакент бо дарозии 114 км ва маблағи зиёда аз 700 млн сомонӣ ба анҷом расонида шуда, наздики 510 км роҳҳои мошингард

таъмиру таҷдид ва 140 пул бунёду барқарор карда шуд» [27, с. 81].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки соли 2016 ҳаҷми умумии интиқоли боркашонӣ дар Тоҷикистон ба 79,3 млн тонна расид, ки 6,5 маротиб нисбат ба соли 2015 зиёд буд. Аз ин миқдор, 70,5 млн тонна тавассути нақлиёти автомобилӣ интиқол ёфта, назар ба як соли қабл 4,4 млн тонна афзудааст. Дар баробари ин, интиқоли мусофирон низ рӯ ба афзоиш ниҳода, дар соли 2016 шумораи онҳо ба 576 млн нафар расид, ки 33,2 млн нафар бештар аз соли 2011 мебошад. Аз ин шумора 553,1 млн мусофир тавассути нақлиёти автомобилӣ интиқол ёфтааст, ки ин 98,9% аз ҳаҷми умумии мусофиронро ташкил медиҳад. Миёнаи соли 2012, нисбат ба соли 2011, ин нишондод қариб 50 млн нафар зиёд шуда буд. Дар ҳамин замина, ҳиссаи дигар намудҳои нақлиёт дар интиқоли мусофирон 1,9% буда, 10,2 млн нафар бо нақлиёти барқӣ (1,8%), 0,4 млн нафар бо роҳи оҳан (0,1%) ва 0,8 млн нафар бо роҳи ҳавоӣ (0,8%) интиқол ёфтаанд [280, с. 90-92].

Дар соли 2016 низ чандин лоиҳаи муҳимми инфрасохторӣ дар соҳаи нақлиёт қабул карда шуданд. Аз ҷумла, навсозии шоҳроҳи Исфара – Хуҷанд, бо маблағи беш аз 310 млн сомонӣ, таъмири шоҳроҳи Восеъ – Ховалинг бо дарозии 88 км ва маблағи 370 млн сомонӣ ба итмом расид. Ҳамчунин, роҳи оҳани Душанбе – Қӯрғонтеппа (тавассути Ваҳдат – Ёвон) бо дарозии 40,7 км расман мавриди истифода қарор гирифт. Ҳамзамон, дар доираи мутобиқ кардани шоҳроҳи Душанбе – Кӯлоб – Қалъаи Хумб – Хоруғ – Кулма ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ, таҷдиди ду қисмат — шоҳроҳи Кӯлоб – Шамсиддини Шоҳин (32 км) ва шоҳроҳи Шкев – Қалъаи Хумб (26 километр) бо арзиши умумии лоиҳаҳо ба 800 млн сомонӣ ба нақша гирифта шуд [102, с.93-98]. Илова бар ин, корҳои омодасозии лоиҳаи навсозии роҳи мошингарди Қалъаи Хумб – Ванҷ бо дарозии 110 км ва маблағгузории зиёда аз 2 млрд сомонӣ шуруъ карда шуд.

Татбиқи самараноки барнома ва стратегияҳо боис гардид, ки дар давоми як сол зиёда аз 324 км роҳҳои мошингард дар ҳаҷми беш аз 70 млн сомонӣ

таъмиру таҷдид карда шаванд. Акнун роҳҳо барои истифодаи мусофирон ва нақлиёти боркашонӣ дар ҳолати беҳтар қарор гирифта, пайвастагии байни шаҳрҳо ва ноҳияҳои гуногун таъмин карда шуд [13]. Бо истифода аз Фонди эҳтиётии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 21 шаҳру ноҳияи кишвар 81 км роҳҳои байнишаҳрӣ бо маблағи умумии 90 млн сомонӣ таъмиру навсозӣ шуданд.

Маблағи нигоҳдории роҳҳо, ки соли 2000 ҳамагӣ 3,8 млн сомониро ташкил медод, то соли 2016 ба 61 млн сомонӣ афзоиш ёфт. Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 6-уми августи соли 2019 зимни мулоқот бо ҳайати фаъолон ва сокинони ноҳияи Балҷувон изҳор доштанд, ки: «Лоиҳаи таҷдид ва барқарорсозии шоҳроҳи мошингарди Данғара – Кангурт – Балҷувон – Ховалинг бо арзиши умумии зиёда аз 160 млн сомонӣ дар кӯтоҳтарин вақт ба истифода дода мешавад. Дар робита ба ин, сохтмони шоҳроҳи мошингарди Балҷувон – Сари Хосор ба масофаи 33 км, бо арзиши 85 млн сомонӣ, тибқи талаботи меъёрҳои муосири сохтмони роҳ, идома дошта, то ин вақт барои бунёди 22 км он наздик ба 26 млн сомонӣ истифода гардидааст ва интизор меравад, ки шоҳроҳ то тирамоҳи соли 2021 ба истифода дода шавад» [33]. Бояд зикр намуд, ки роҳи мошингарди Кангурт – Балҷувон – Ховалинг 43 км дарозӣ ва 7 метр паҳноӣ дошта, сохтмони он моҳи июли соли 2018 оғоз гардида, пеш аз муҳлат ба анҷом расонида шудааст. Лоиҳа сохтмони роҳи мазкур бо кумаки ҲҶТ ва маблағҳои грантии Бонки осиёии рушд амалӣ гардида, пудратчии сохтмон ширкати «Чайна Роуд энд Бриҷз»-и ҶМЧ мебошад. Тибқи лоиҳа, дар ин шоҳроҳ 6 пул бо дарозии 455 метр, 5 истгоҳ ва дигар инфрасохторҳои зарурӣ бунёд гардида.

Ҳамин тавр, тибқи маълумотҳо, дар соли 2018 дарозии умумии роҳҳои мошингарди мамлакат 26559 км буда, аз он 14198 км роҳҳои истифодаи умумӣ, аз ҷумла 3350,27 км роҳҳои аҳаммияти байналмилалӣ, 2128,65 км роҳҳои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва 8719,08 км роҳҳои аҳаммияти маҳаллидошта ташкил менамуд (ҷадвали 13) [163, с. 57-63].

**Ҷадвали 13. Роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Номи минтақаҳо | Роҳҳои истифодаи умум ва навъи рӯпӯши онҳо | | | | | | Роҳҳо аз рӯйи аҳаммият | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ бо км. | аз ҷумла, бо рӯпӯши сахт | Аз онҳо бо рӯпӯши такмилёфта | Роҳҳои истифодаи умум | Аз ҷумла, бо рӯпӯши сах | Аз онҳо бо рӯпӯши такмилёфта | Аҳаммияти ҷумҳуриявӣ | Аҳаммияти маҳаллӣ |
| Дар ҷумҳурӣ | 26559 | 21013,8 | 11380,2 | 11974,6 | 10974,4 | 8770,6 | 4184,1 | 7790,4 |
| ВМКБ | 2376,5 | 2364,8 | 1327,6 | 2333,2 | 1811,8 | 949,8 | 1231,4 | 1101,9 |
| Вилояти Суғд | 8774,9 | 6671,4 | 3053,9 | 3090,1 | 2802,5 | 2394,9 | 920,3 | 1996 |
| Вилояти Хатлон | 10761 | 8661,1 | 4551,7 | 4490 | 4185,9 | 3643,6 | 1145,3 | 3344,7 |
| ш. Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 3748,4 | 3316,4 | 2447,6 | 2235,0 | 2174,2 | 1782,3 | 887,2 | 1347,8 |

Тавассути татбиқи лоиҳаҳо, беш аз 2400 км роҳҳои муосир бунёд гардида, ҳамгироии минтақавӣ ва ҳаракати мунтазами нақлиёт таъмин карда шуд. Илова бар ин, 326 пули нақлиётӣ ва 6 нақби мошингузар, ки муфид ва зарурӣ барои ҳаракати мусофирон ва борҳо мебошанд, ба истифода дода шудаанд [316]. Арзёбии фаъолият ва рушди низоми нақлиётӣ нишон медиҳад, ки он асосан, дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ сохта шуда, солҳои 1960–1980 рушд кардааст. Дар ибтидои солҳои истиқлолияти давлатӣ барои ташкили самарабахши идоракунӣ ва рушди бозори хизматрасонии нақлиёти автомобилӣ норасоии манбаъҳои молиявӣ мавҷуд буданд, ки ин ба кори ғайриқаноатбахши намудҳои гуногуни нақлиёт ва имконияти пурра қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ва иқтисодиёт ба хизматрасонии нақлиёт оварда расонд. Марҳилаи муҳимми рушди бозори хизматрасонии нақлиёти автомобилӣ давраи истиқлолият мебошад [149, с. 87-98].

Чуноне ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 26.01.2021 сол таъкид шуда буд: «Солҳои охир соҳаи роҳу нақлиёт низ бомаром рушд намуда, дар

натиҷа мо ба яке аз ҳадафҳои стратегии худ-раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ноил гардидем. Бо ин мақсад, дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар соҳаи нақлиёти кишвар 53 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 20,3 млр сомонӣ амалӣ гардида, беш аз 2200 км роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилалӣ бунёд ва ба истифода дода шуданд. Корҳои дар соҳа анҷомдодашуда имконият фароҳам оварданд, ки мавқеи Тоҷикистон дар раддабандии ҷаҳонии сифати роҳҳо, ки ҳамасола аз ҷониби таҳқиқоти байналмилалии Ҳисоботи ҷаҳонии рақобатпазирӣ гузаронида мешавад, дар зарфи ду соли охир 20 зина беҳтар гардида, тибқи арзёбии Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ дар байни 141 давлати ба таҳқиқот фарогирифташуда зинаи 50-умро ишғол намуд» [17].

Новобаста аз дастовардҳои соҳа, вазъи кунунии шабакаи нақлиётии роҳҳои автомобилгард дар Тоҷикистон ба ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад. Шумораи зиёди роҳҳо ва пулҳо фарсуда шуда, барои таҷдид ва навсозӣ эҳтиёҷ доранд. Норасоии шабакаи роҳҳои маҳаллӣ боис мегардад, ки қисми зиёди боркашонии дохилӣ тавассути роҳҳои ҷумҳуриявӣ анҷом дода шавад. Илова бар ин, зиёда аз 40 дарсади роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявидошта, ба нишондиҳандаҳои меъёриву истифодабарӣ мутобиқат надоранд [279].

Маврид ба зикр аст, ки дар вилояти Хатлон бештари хизматрасониҳои нақлиётӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ анҷом дода мешавад. Мувофиқи маълумоти омории Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар вилояти Хатлон то соли 2019 5424,6 км роҳи автомобилгард мавҷуд буда, аз он 795,1 км аҳаммияти ҷумҳуриявӣ, 779,2 км аҳаммияти байналмилалӣ ва 3850,3 км аҳаммияти маҳаллӣ ташкил медиҳад [94, с. 213-220].

Зикр кардан ба маврид аст, ки сол то сол дар соҳаи роҳу роҳсозӣ лоиҳаҳои сармоягузорӣ бештар гардидаанд, ки ин аз таваҷҷуҳу ғамхории ҲҲТ, махсусан Пешвои миллат, дарак медиҳад. Масалан, аз соли 2015 то 2020 13 лоиҳаи давлатии сармоягузориро бо маблағи 5,13 млрд сомонӣ дар

соҳаи нақлиёт амалӣ карда шуд. Дар натиҷа, беш аз 250 км роҳҳои мошингарди автомобилӣ, 42 пул, 4 долон ва чандин эстакадаҳо бунёд карда шуданд. Тадбирҳои пешбинишуда, бо мақсади беҳтар намудани инфрасохтори нақлиёт ва таъмини пайвастагии хубтари минтақаҳои кишвар амалӣ гардиданд. Танҳо соли 2018 корҳои сохтмон ва таҷдиди қариб 200 км роҳҳои дохилию байналмилалӣ ва 45 пул ба итмом расид. Ҳамчунин, дар соҳаи нақлиёт 14 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 7,5 млрд сомонӣ амалсозӣ мешаванд [15].

Дар соли 2021 Ҳукумати Тоҷикистон як силсила лоиҳаҳои асосии сохтмон ва таҷдиди инфрасохтори нақлиётро бо мақсади тақвияти пайвастагии минтақаҳо ва рушди иқтисод оғоз кард. Ин лоиҳаҳо асосан ба шоҳроҳҳо ва роҳи мошингард, ки нақши муҳимми транзитӣ ва иқтисодӣ доранд, равона шудаанд.

Аз ҷумла, шоҳроҳҳои муҳим, ки дар доираи ин лоиҳаҳо таҷдид ва сохтмон гардиданд, иборатанд аз:

1. Шоҳроҳи Душанбе – Кулма (дар доираи ин лоиҳа, қитъаи роҳи Қалъаи Хумб – Ванҷ таҷдид ва навсозӣ мешавад).

2. Шоҳроҳи Данғара – Левакант – Бохтар (ин шоҳроҳ барои пайвастагии маркази кишвар бо минтақаҳои ҷанубӣ ва ба воситаи Бохтар ба минтақаҳои дигар кумак мекунад).

3. Шоҳроҳҳои Бекобод – Бобоҷон Ғафуров – Конибодом (ин лоиҳа барои пайвастагии шаҳрҳои шимолии кишвар бо марказ ва сарҳадди Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ӯзбекистон мукаммал шудааст).

4. Шоҳроҳҳои Обигарм – Нуробод ва Ҳулбук – Темурмалик – Кангурт (ин лоиҳаҳо барои рафъи мушкилоти инфрасохторӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ, ки ба шароити табиӣ ва хатарҳои экологӣ рӯ ба рӯ ҳастанд, муҳим мебошанд).

5. Сохтмони пули мошингузар (бунёди пулҳо аз болои дарёи Панҷ дар ноҳияи Фархор ва дарёи Ғунди Хоруғ як масъалаи муҳим мебошад, ки барои таъмини ҳаракати бехатар ва муътадил дар шоҳроҳҳои асосии кишвар мусоидат мекунад).

6. Таҷдиди роҳҳои мошингарди Барсем (дар минтақаи Барсеми ноҳияи Шуғнон, лоиҳаҳои таҷдиди роҳҳо ва бунёди долонҳои зиддитармавӣ барои пешгирии хатарҳои табиӣ, махсусан тармаҳо, амалӣ шуда, мақсади он таъмини бехатарии роҳҳои минтақа аст).

Рушди соҳаи нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъмини устувории иқтисодӣ ва беҳтар гардидани шароити зисту зиндагии мардуми кишвар мусоидат кардааст. Ҳиссаи соҳаи нақлиёт дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар Тоҷикистон имрӯзҳо ба зиёда аз 10,9 млрд сомонӣ ё 8,4% дар ММД мерасад.

Ҳаҷми боркашонӣ яке аз нишондиҳандаҳои калидии самаранокии фаъолияти нақлиёт ба ҳисоб меравад, ки миқдори он аз ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот вобастагии зич дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боркашонӣ асосан, тавассути нақлиёти автомобилӣ анҷом меёбад.

Дарсади роҳҳои автомобилӣ бо рӯйпӯши устувор дар вилояти Суғд – 96%, вилояти Хатлон – 91%, ВМКБ – 79% ва шаҳри Душанбе – 98% буда, дар самти роҳҳои маҳаллӣ, дарсади роҳҳои бо рӯйпӯш таъминшуда дар шаҳри Душанбе – 98%, ВМКБ – 55%, вилояти Хатлон – 91%, вилояти Суғд – 91% ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ расонида шудааст [229, с.38-42]. Дар ин муддат дарозии умумии шабакаи роҳҳои автомобилии умумии истифодашаванда 14803 км ташкил дода, 3138 км-ро роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилалидошта ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, 1740 км роҳҳо ба зумраи аҳаммияти ҷумҳуриявидошта дохил шуда, 8925 км роҳҳои боқимонда аҳамиияти маҳаллӣ доранд [259, с. 192-203].

Сохтмон ва навсозии роҳҳо имкон дод, ки шабакаи роҳҳои мошингард ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мувофиқат кунад. Роҳҳои муҳим, мисли Душанбе – Бохтар, Душанбе – Қизилқалъа, Роғун – Обигарм ва Кӯлоб – Шамсиддин Шоҳин бунёд ва таҷдид шуданд, ки на танҳо ҳаракати дохилӣ, балки транзитиро дар Осиёи Марказӣ беҳтар сохтанд. Ин раванд рушди соҳаи нақлиётро ба бахши калидии иқтисоди миллӣ табдил дод ва боиси афзоиши шумораи корхонаҳои нақлиётӣ, тирминалҳо, хатсайрҳо ва ширкатҳои

байналмилалӣ гардид. Тоҷикистон ҳоло ҳамчун ҷузъи муҳимми шабакаи нақлиёти транзитӣ дар минтақа бо кишварҳои ҳамсоя ва ҷаҳон пайваст аст.

Пешвои миллат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ 21-уми декабри 2021 таъкид карданд, ки айни замон дар соҳаи нақлиёт 13 лоиҳаи сармоягузорӣ бо маблағи беш аз 11 млрд сомонӣ дар ҷараён аст. Ин лоиҳаҳо Тоҷикистонро ба кишвари муосири транзитӣ табдил медиҳанд. Дар солҳои 2022–2026 корҳои сохтмон ва навсозии роҳҳои муҳим, аз ҷумла Гулистон – Фархор, Ҷалолиддини Балхӣ – Қубодиён – Шаҳритус, Данғара – Гулистон – Кӯлоб ва дигар масирҳо амалӣ хоҳанд гашт. Дар ин давра, беш аз 1000 км роҳ, 53 пул, 7 нақб ва 5 долони зидди тарма бо риояи стандартҳои байналмилалӣ сохта мешаванд [314].

Дар солҳои истиқлолият шабакаи роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 26645 км-ро дар бар гирифта, аз ин шумора 14339 км бо 2232 пул ва 17969 новадон дар тавозуни муассисаҳои давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди сохтори Вазорати нақлиёт қарор доранд. Ҳамчунин, 12306 км ҳамчун роҳҳои байнихоҷагӣ ва соҳавӣ мутааллиқи идораю ташкилотҳои дигар мебошанд.

Маҷмааи нақлиёти автомобилӣ тибқи маълумоти омории соҳа аз 1746 адад субъектҳои хоҷагидор иборат мебошад, ки аз ин шумора 210 адад корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ, аз ҷумла 84 адад мусофирбар, 93 адад боркаш, 51 адад тирминалҳои мусофирбар, 11 адад тирминалҳои боркаш, 77 адад таваққуфгоҳҳои нақлиётӣ ва 1397 адад нуқтаҳои хизматрасониҳои техникӣ ва таъмир ба фаъолият машғул мебошанд [188, с. 64-71].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2021 ба раванди рақамисозии соҳаи нақлиёт шуруъ кардааст. Дар доираи ин ташаббус, 26 модели рақамисозӣ барои бахшҳои гуногуни нақлиёт таҳия гардида, татбиқи онҳо идома дорад. Барои идоракунии самараноки роҳҳо, барномаи махсус таҳти унвони Низоми идоракунии дороиҳои роҳҳо барои солҳои 2021–2024 таҳия шудааст. Ҳамчунин, Барномаи давлатии «Рушди маҷмуи нақлиёт то соли 2025» таҳия гардида, амалӣ шуда истодааст. Ҳадафи калидии барнома аз

таҳияи маҷмуи чорабиниҳои пайдарпай оид ба рушди устувори низоми нақлиётии ҷумҳурӣ иборат мебошад [245, с. 14-18].

Оянадаи инкишофи маҷмааи нақлиётӣ ва логистикии Тоҷикистон пеш аз ҳама, ба ҷойгиршавии муфид ва аҳаммияти геостратегии кишвар вобаста аст. Ин мавқеъ ба ҷумҳурӣ имкон медиҳад, ки ба яке аз долонҳои муҳимми иқтисодӣ барои транзити бору хизматрасонӣ байни давлатҳои бузурги ҷаҳон табдил ёбад. Бо он ки релефи кишвар асосан кӯҳистон аст, Тоҷикистон то имрӯз ба шабакаи фарохи инфрасохтори нақлиётӣ даст ёфтааст, ки ба он 19 шоҳроҳи дорои мақоми байналмилалӣ ва беш аз 98 роҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дохил шуда, робитаи кишварро бо ҳамсояҳо таъмин менамояд [105, с. 39-45].

Дар замони ҷаҳонишавӣ ва ҳамкории минтақавӣ, нақбҳо дар таҳкими шабакаи нақлиётӣ нақши калидӣ доранд. Бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофӣ ва релефи кӯҳӣ, сохтмони нақбҳо дар беҳтар гардидани ҳаракати нақлиёт, мусофирон, боркашонӣ, пешрафти тиҷорат дар ҳама фаслҳои сол аҳаммияти бештар пайдо мекунад.

Сохтмони нақбҳо имкон фароҳам оварданд, ки масофаи байни минтақаҳои дурдасти кӯҳӣ ва марказҳои иқтисодии кишвар кӯтоҳ гардида, гардиши боркашонӣ, тиҷорат ва ҳаракати шаҳрвандон дар ҳама фаслҳои сол беҳтар шавад. Ин раванд дар рушди иқтисодиёт, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии маишии мардум манфиатовар мебошад. Нақбсозӣ на танҳо нақши муҳим дар таъмини амнияти миллӣ дорад, балки саҳми он дар амалӣ гардиднаи ҳадафҳои стратегии кишварамон, яъне таъмини амнияти озуқаворӣ ва расидан ба истиқлолияти энергетикӣ низ назаррас мебошад.

Соли 1993 Ҳукумати Тоҷикистон ба омодасозии татбиқи лоиҳаҳои бузург шуруъ кард, ки дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ бо сабабҳои гуногун амалӣ нашуда буданд. Дар миёни ин лоиҳаҳо роҳҳои мошингарди Кӯлоб – Қалъаи Хумб, роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб ва нақби «Истиқлол» (собиқ Анзоб) ҷой доштанд.

Дар натиҷаи канда шудани муносибатҳо байни ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва вазъи ноороми сиёсии кишвар, аз соли 1990 сар карда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамлунақли боркашонию мусофирбарӣ тавассути роҳҳои истифодаи умум кам гардида, соли 1995 боркашонӣ 6,4 маротиба ва мусофирбарӣ 56,7 маротиба коҳиш ёфт.

Пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, Тоҷикистон дар бахшҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба дастовардҳои муҳим комёб гардид. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шиносоии аҳаммияти аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ додани кишвар гузошт. Ин ташаббусҳо на танҳо барои раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини ҳаракати озоди боркашонӣ ва мусофирон кумак карданд, балки барои таҳкими робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ бо дигар давлатҳо низ аҳаммияти зиёд дошт. Муттаҳид сохтани минтақаҳои кишвар ва фароҳам овардани шароит барои даромадҳои иқтисодӣ аз ҳисоби транзити нақлиётӣ ва муомилоти тиҷорӣ, дар маҷмуъ, боис гардид, ки сатҳи зиндагии аҳолӣ беҳтар шавад ва бахшҳои мухталифи иқтисод рушду такомули бештар ёбанд. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо хости қавӣ ва ҳадафмандона, сармоягузорони хориҷиро барои ҳамкорӣ даъват намуда, дар вохӯриҳои худ бо роҳбарони давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалию минтақавӣ, мавзуи бунёди инфрасохторӣ нақлиётиро муҳимму саривақтӣ арзёбӣ намуд. Таъкид карда шуд, ки: «Минтақаи мо-Тоҷикистон, дар гузашта дар маркази роҳҳои тиҷоратии ҷаҳонӣ қарор дошт, ки Шарқ ва Ғарбро бо ҳам мепайваст. Барқарорсозии Шоҳроҳи Бузурги Абрешим на як талаботи мӯд ё анъана аст, балки зарурати ҳаёти иқтисодӣ ва тиҷоратии асоснокшуда мебошад» [264, с. 16].

Соли 2006 раванди азнавсозии роҳҳои мошингарди Душанбе – Хуҷанд – Мастчоҳ, Айнӣ – Панҷакент ва бунёди нақби «Шаҳристон» бо маблағи 820 млн сомонӣ, ҳамчунин, оғози сохтмони нақби «Шаршар» ба нақша гирифта шуд. Ҳамзамон, сарвари давлат дар бораи сохтмони роҳи мошингарди Қӯрғонтеппа – Панҷи Поён ва нақбҳои мошингарди «Хатлон» изҳори назар

карданд, ки бо ҷалби сармояи хориҷӣ иншооти муҳим ва навсозии роҳҳо дар солҳои 2006–2008 зиёда аз 1,5 млрд сомонӣ маблағгузорӣ хоҳад шуд [2].

10-уми сентябри соли 2006 зимни баргузории ҷашни 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб ва ҳамзамон таҷлили 15-солагии истиқлоли давлатӣ, роҳбари давалт Эмомалӣ Раҳмон бо ишора ба корҳои пурсамар дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ таъкид намуданд: «Бо мақсади беҳтар кардани ҳаракати нақлиёт ва коҳиш додани вақт дар шоҳроҳи Душанбе – Ваҳдат – Данғара – Кӯлоб, мо сохтмони нақби «Шаршар»-ро оғоз кардем ва тасмим гирефтаем, ки дар муддати се сол ба истифода дода хоҳад шуд. Ба ғайр аз он, ба сохтмони нақби Чормағзак, ки дарозиаш беш аз 4 км-ро ташкил медиҳад, низ оғоз хоҳем кард» [28, с. 262-263].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба навсозии роҳҳои автомобилгарди кишвар бештар диққат медод, зеро пешрафти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба сифати инфрасохтори нақлиёт, бахусус роҳҳо, сахт вобаста буд. Робитаи байни минтақаҳои ҷумҳурӣ асосан тавассути роҳҳои автомобилӣ таъмин мешуд, ки ҳамин масъала сохтмони нақбҳои муосирро зарур сохт. Масалан, дар фаслҳои сармо ҳаракати нақлиёт байни марказ ва ноҳияҳои шимол қатъ мешуд, ки ин мушкил бо сохтани нақбҳо ва такмили шабакаи роҳҳо ҳал шуд. Яке аз ин нақбҳо нақби Истиқлол буд [9-М, с. 234-238].

Маврид ба зикр аст, ки лоиҳаи сохтмони нақби «Анзоб»-ро мутахассисони Гидроспетспроекти шаҳри Маскав ва Тоҷикгипротрансстрой таҳия намуда, системаи ҳавокашии он, дар ҳамкорӣ бо ширкати «Метростил» амалӣ гардид. Нақб дар қаторкӯҳи Ҳисор, дар наздикии ағбаи Уштур қарор дорад. Сохтмони он соли 1989 оғоз ёфта буд, вале бо сабаби мушкилоти сиёсиву иқтисодӣ дар кишвар, кори сохтмон ба таври номаълум қатъ гардид [133, с. 537].

Корҳо дар нақби Анзоб ҳам аз самти ҷануб ва ҳам аз шимол оғоз ёфта, тақрибан, 600 метр корҳои сохтмонӣ анҷом дода шуда буданд. Дар ин муддат, аҳолии водии Зарафшон барои дастрасӣ ба минтақаҳои марказӣ ва ҷанубӣ маҷбур буданд аз роҳи сарҳаддии Ӯзбекистон истифода баранд.

Вазъияти баамаломада сабаби мушкилоти сунъӣ ва халал дар муносибатҳои ду кишвар гардид. Аз ин рӯ, бо мақсади бартарафсозии монеаҳо ва таъмини ҳаракати доимии нақлиёту мусофирон ва пайвасти минтақаи шимол ба маркази кишвар, 20-уми майи соли 1999 бо иштироки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, сохтмони нақби мошингарди Анзоб, ки дарозияш 5049 метр аст, дубора оғоз ёфт.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки «агар барои боз кардани нақби Анзоб мо мошину олот наёбем, онро бо нохуну дандонамон меканем! Бо нохун бошад ҳам, бояд аз дили санги хоро роҳро кушоем, то дарвозаи вилояти Суғд, ки дар байни Душанбе ва Хуҷанд қарор дорад, дар чор фасли сол ба рӯйи мардум кушода бошад. Бигзор падарону модарон ва бародарону хоҳарони мо аз азоби баста шудани роҳ раҳоӣ ёбанд. Бигзор дарвозаи Зарафшон ва роҳи мошингарди нақби Анзоб пули заррине гардад, ки чун давоми силсилаи Шоҳроҳи бузурги абрешим қисмати шимолии мамлакатро бо пойтахт пайваст намояд» [264, с. 197].

Дар ҷаласаи кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки рӯзи 9-уми октябри соли 1999 бо роҳбарони вазорату идораҳо ва масъулони лоиҳаи сохтмони нақби Анзоб баргузор карда шуд, барои баланд бардоштани суръати иҷрои лоиҳа, 1 млрд рубл (воҳиди пулии ҳамонвақта) аз фонди эҳтиётӣ ҷудо гардид, ки ин маблағ барои пешрафти корҳои сохтмонӣ равона гардид.

Дар моҳи январи соли 2001 Ҷумҳурии Ӯзбекистон ногаҳон талаботи нави раводиди транзитиро барои шаҳрвандони Тоҷикистон ҷорӣ кард, ки то он вақт бидуни чунин иҷозатнома аз роҳҳои оҳан ва шоҳроҳҳои транзитӣ истифода мебурданд. Ин қарор барои ҳаракати шаҳрвандони Тоҷикистон монеаҳои ҷиддӣ ба бор овард. Президенти кишвар, Эмомалӣ Раҳмон 5-уми сентябри соли 2001 ба маҳалли сохтмони нақби Анзоб ва иштирок дар раванди корҳои сохтмонӣ, шахсан ба мошини нақбканӣ нишаста, онро ба кор андохт. Ин иқдом бо мақсади оғоз кардани марҳилаи дуюми сохтмон дар

қисмати ҷанубии нақб ва суръат бахшидан ба раванди иҷрои лоиҳа анҷом дода шуд.

Сарфи назар аз ҷидду ҷаҳд ва талошҳои пайвастаи роҳбарияти Тоҷикистон ва меҳнати шабонарӯзии нақбканони тоҷик имконоти моддию техникӣ барои саривақт ва босифат анҷом додани сохтмон нокифоягӣ мекард. Аз ин рӯ, оғоз аз соли 2003, барои анҷоми сохтмони нақби «Анзоб» ширкатҳои сохтмонии Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷалб шуданд. Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон рӯзҳои 16–18-уми июли соли 2003 зимни сафари кориашон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон бо ҳамтоёни худ, бобати бунёди нақби Анзоб ба мувофиқа омаданд. Дар асоси созишномаи тарафайн, сохтмони лоиҳа ба ширкати эронии «Собир Интернешнл» вогузор карда шуд. 1-уми январи соли 2004 ҳукуматҳои Тоҷикистон ва Эрон созишномае оид ба сохтмон ба маблағи 39 млн доллар барои муҳлати як солу ҳашт моҳ ба имзо расониданд. Аз ин маблағ 10 млн долларро ҷониби Эрон таъмин намуд, 7,8 млн долларро Тоҷикистон ҷудо кард ва 21,2 млн доллар ҳамчун қарзи имтиёзнок аз Эрон гирифта шуд [280, с. 50].

Дар вақти имзои созишнома байни кишварҳо, сохтмони як қисмати нақб то андозае канда шуда буд. Аз қисмати шимол 1486 метр барои ҳаракати нақлиёт ва 1514 метр нақби ҳавокаш, аз тарафи ҷануб 164 метр барои ҳаракати нақлиёт ва 167 метр нақби ҳавокаш ба анҷом расонида шуда буд. Ин нишондод аз он далолат мекунанд, ки корҳои сохтмонӣ босуръат пеш мерафт, вале дар ҳар сурат, то анҷом ёфтани сохтмон ва ба истифодадиҳии нақб чандин корҳои дигар боқӣ монда буд.

То моҳи марти соли 2006 ширкати эронии «Собир Интернешнл» бо ҳамкории фаъоли коргарону муҳандисони байналмилаливу маҳаллӣ, ҳамаи монеаҳоро бартараф намуда, 23-юми март, соати 3:30 дақиқаи субҳ дар масофаи 1 км 890 метр қисмати шимолӣ ва ҷанубии нақбро бо ҳам пайваст карданд [315].

Ҳамин тавр, 26-уми июли соли 2006 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон

Маҳмуд Аҳмадинажод нақби Анзоб ба истифода дода шуда, бунёди ду нақби дигар оғоз ёфт ва сохтмону таҷдиди роҳҳои автомобилгард ба самти Чин, Афғонистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон суръати тоза пайдо намуд [3]. Бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, нақби «Анзоб» минбаъд ба нақби «Истиқлол» тағйири ном кард. 4-уми сентябри соли 2011 барои анҷоми пурраи корҳо дар нақби Истиқлол, байни ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон созишномаи иловагӣ имзо гардид.

Бо имзои Ёддошти тафоҳум, ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки барои анҷоми корҳои сохтмонӣ ва ба истифодаи пурра додани нақби Истиқлол маблағи умумии 6 млн доллари амрикоӣ ҷудо намоянд. Тарафи Эрон барои навсозии нақби «Анзоб» ва ҷорӣ кардани таҷҳизоту технологияҳои замонавӣ 3 млн доллар кумаки молиявии бебозгашт ҷудо намуд. Ҳамин тавр, ҳамкории миёни ду кишвар барои рушди инфрасохтори нақлиёт ва беҳтар кардани ҳолати роҳҳо дар Тоҷикистон тақвият ёфта, барои идомаи корҳо дар нақби «Истиқлол» ширкати «Собир Интернешнл»-и Эрон масъул гардид.

Ҳамин тариқ, аз 25-уми сентябри соли 2015 тамоми маҳдудиятҳо дар ин самт бардошта шуд [85, с. 199]. Дар сохтмон ва ба истифода додани нақби «Истиқлол» 500 нафар мутахассисон ба корҳои сохтмонӣ ҷалб карда шуданд, ки 70 дарсади онро коргарони маҳаллӣ ташкил медоданд. Дарози нақб 5000 метр буда, барои сохтмон ва ба истифода додани он беш аз 49 млн доллар сарфа гардидааст [298].

Дар шоҳроҳи Душанбе – Хуҷанд, ҳамчунин нақби «Дӯстӣ» бо дарозии 900 метр ва харҷи 12 млн доллари амрикоӣ дар соли 2010 сохта ба истифода дода шуд.

Бунёди нақби «Шаҳристон» идомаи роҳи Душанбе – Хуҷанд буда, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти бузург дошт. Сохтмони нақби Шаҳристон, бо дарозии 5253 метри роҳи мошингузар ва 5289 метр нақби ҳаводиҳанда, 11-уми июли соли 2006 шуруъ гардид. 23-юми августи соли 2006 корҳои сохтмонӣ дар нақби мазкур расман ба роҳ монда шуд [180]. Нақби

Шаҳристон аз қисмати ҷануб дар баландии 2760 метр ва аз шимол дар баландии 2640 метр аз сатҳи баҳр қарор дошта, барои сохтмони он 175 млн сомонӣ ҷудо гардид [252, с. 406-407]. Зимни сохтмони нақби Шаҳристон дар маҷмуъ, наздики 430 млн сомонӣ ҷудо гардида, 375 нафар мутахассисону коргарон, аз ҷумла 80 нафар коргарон ва мутахассисони маҳаллӣ ҷалб гардиданд.

Дар охири соли 2011 ва оғози соли 2012 ба корҳои сохтмони нақби «Шаҳристон» беш аз 700 нафар коргарону мутахассисони маҳалливу чинӣ дар се баст ҷалб шуданд [324]. 27-уми октябри соли 2012 маросими расмии ифтитоҳи нақби «Шаҳристон» бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид. Ифтитоҳи нақб дар варзишгоҳи шаҳри Истаравшан баргузор гардид. Зимни суханронии худ Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки: «Ифтитоҳи нақби «Шаҳристон» ва анҷоми бунёди шоҳроҳи Душанбе – Чаноқ барои раҳоӣ бахшидани Тоҷикистон аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини роҳҳои самарабахш ва муҳимми нақлиётӣ як қадами муҳим ва стратегӣ барои миллати мо аст» [136].

20-уми октябри соли 2006 Тоҷикистон ва Чин созишнома барои сохтмони нақби «Шаршар»-ро ба имзо расониданд. Ин созишнома дар доираи кӯшишҳои ду кишвар барои беҳтар кардани транзити нақлиётӣ ва инфрасохтори нақлиётӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба имзо расида, иқдоми бузурге барои рушди робитаҳои иқтисодӣ ва тиҷоратии миёни Тоҷикистон ва Чин мебошад [36].

Мутахассисони тоҷику чинӣ нақби Шаршарро бо дарозии 2223 метр, баландии 7 метр ва паҳноии 11,5 метр сохта, бо таҷҳизоти ҳавокашӣ, бехатарӣ ва идоракунии компютерӣ таъмин карданд. 30-юми августи соли 2009 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, нақбии «Шаршар»-ро расман ифтитоҳ намуд. Дар робита ба ин ҳамчун гранти Ҷумҳурии Мардумии Чин бо арзиши зиёда аз 130 млн сомонӣ пули замонавӣ бо дарозии 180 метр ба истифода дода шуд [9-М, с. 234-238].

Баъд аз ифтитоҳи нақби «Шаршар», масофаи роҳ байни Душанбе ва Кӯлоб 7 км кӯтоҳ шуда, вақти ҳаракати нақлиёт то 40 дақиқа кӯтоҳ гардид [320]. Дар сохтмони нақби «Шаршар» беш аз 380 коргарон, аз ҷумла 185 коргарони маҳаллӣ ҷалб карда шуданд. Дар кори сохтмон зиёда аз 70 навъи техникаи махсусгардонидашуда истифода гардид [173]. Зимни ифтитоҳи нақби Озодӣ ва оғози таҷдиди роҳи Душанбе – Ваҳдат – Данғара, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки аз соли 2000 то имрӯз дар Тоҷикистон беш аз 1480 км роҳ бо маблағи зиёда аз 3,2 млрд сомонӣ навсозӣ ва бунёд гардидааст [88]. Барои ҳифзу устувор нигоҳ доштани сулҳу ваҳдати миллӣ ва истиқлоли давлатӣ, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи ноябри соли 2014 нақби «Шаршар» ба нақби «Озодӣ» тағйири ном кард [280, с. 87].

28-уми феврал соли 2009 дар ҷаласаи Ҳукумати Тоҷикистон қарор қабул гардид, ки роҳи мошингарди Душанбе – Ваҳдат – Данғара, нақби «Чормағзак» пурра таҷдиду навсозӣ карда шавад. Ин тарҳ барои беҳтар намудани шабакаи роҳҳои байналмилалӣ, бахусус шоҳроҳи Душанбе – Кӯлоб – Хоруғ – Мурғоб – Кулма ва тақвияти ҳамкории байни Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин нақши калидӣ мебозад. Қарори мазкур як қадами муҳим дар таҳким ва рушди стратегии давлат ба ҳисоб мерафт.

15-уми марти соли 2010 сохтмони нақби Чормағзак бо сарфи 300 млн сомонӣ ( ё 70 млн доллар) оғоз ёфт. Нақби мошингард бо дарозии 4430 метр дар доираи лоиҳаи азнавсозии роҳи Душанбе – Ваҳдат – Данғара бунёд шуда, сохтмони онро ширкати сохтмонии «China Road»-и Ҷумҳурии Мардумии амалӣ намуд ва тибқи нақша бояд дар муддати 36 моҳ ба истифода дода мешуд.

Дар давраи солҳои 2006 то 2013, бо ҳадафи тақвияти низоми нақлиётӣ ва пешрафти иқтисодии кишвар, дар ҷумҳурӣ корҳои сохтмонӣ ва навсозии шоҳроҳҳои автомобилгарди мухталиф амалӣ гардиданд. Дар ин муддат чандин пулу нақбҳо бунёд ва ба истифода супурда шуда, сохтмони қисми дигари нақбҳо дар роҳҳои кишвар ҳамчунон идома дошт.

Бояд гуфт, ки бунёди нақби «Чормағзак» зери назорати доимии роҳбари давлат қарор дошт. 14-уми апрели соли 2011 аз ҷараёни сохтмони иншоот Президенти ҷумҳурӣ дидан намуданд. Маълумот дода шуд, ки то ин вақт нақбканон 420 метр аз самти шимол ва 314 метр аз самти ҷануб дар маҷмуъ 734 метр кӯҳро сӯрох намуда, 605 метри онро бо бетон мустаҳкам намудаанд. Дар давоми бунёду навсозии роҳи мошингарди Душанбе – Данғара бо нақби Чормағзак 310 адад нақлиёту механизми махсуси сохтмонӣ истифода шуданд. Техника ва таҷҳизоти муосир барои иҷрои корҳои сохтмонӣ ва таъмирии нақбу роҳ кумак расониданд. Ғайр аз ин, барои амалӣ намудани лоиҳа 650 нафар коргарону мутахассисон сафарбар шуданд, ки аз ин шумора 300 нафарашон коргарони маҳаллӣ буданд.

Ширкати «China Road», пудратчии асосии сохтмони нақби «Чормағзак», моҳи августи соли 2011 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ дод, ки ба далели мушкилоти техникӣ муҳлати анҷоми лоиҳаро, ки пештар моҳи марти соли 2012 муқаррар гардида буд, то октябри соли 2013 идома диҳад. Яке аз сабабҳои асосии ба таъхир андохтани муҳлати сохтмони нақби Чормағзак, дар моҳи апрели соли 2011 чор маротиба ба амал омадани резиши сангҳо дар қисми ҷанубии нақб буд. То 1-уми феврали соли 2013 корҳои сохтмонӣ ва барқарорсозӣ бо арзиши умумии 45 млн 620 ҳазор доллари ИМА анҷом ёфта, нақбканон нақбро аз ду ҷониб: шимол ва ҷануб дар дохили нақб бо ҳам пайвастанд.

Ҳамин тавр, 1-уми октябри соли 2013 маросими расман ба истифода додани шоҳроҳи Душанбе – Ваҳдат – Данғара ва нақби «Чормағзак» бо дарозии 4430 метр, ки ҳамчун ҷузъи муҳимми роҳ маҳсуб меёфт, баргузор гардид. Нахустин шуда, қатори мошинҳои роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва ҳайати ҳамроҳони ӯ аз самти шимол ба ҷануб нақбро убур намуданд ва расман аз оғози истифодаи он хабар доданд. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ, ки дар шаҳри Норак, баргузор гардид, бунёду ба истифода додани ин иншооти муҳимро ба тамоми мардуми Тоҷикистон табрик ва муборакбод гуфтанд.

Ҳамин тавр, бо пешниҳоди Президенти кишвар ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи феврали соли 2014 номи нақби «Чормағзак» ба «Хатлон» тағйири ном кард ва он ҳамчун рамзи эҳтиром ба минтақаи Хатлон ва арзишҳои фарҳангии он мебошад [9-М, с. 234-238]. Ба истифода додани нақби «Чормағзак» масофаи роҳи байни Душанбе, Ваҳдат ва Кӯлоб наздики 100 км нисбат ба шоҳроҳи Душанбе – Қӯрғонтеппа – Кӯлоб кӯтоҳтар гардид [343].

Ҳамин тавр, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии худ – баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ наздик мешуд ва барои расидан ба он ҳама тадбирҳои заруриро меандешид. Кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин роҳ бенатиҷа намонд. Ба истифода додани нақбҳои Истиқлол ва Шаҳристон шимоли мамлакатро бо марказ, нақбҳои «Озодӣ» ва «Хатлон» ҳаракати воситаҳои нақлиётро аз маркази ҷумҳурӣ ба минтақаи Кӯлоб дар ҳама фаслҳои сол таъмин намуда, қисмати муҳимми корҳо дар шоҳроҳи бузурги Душанбе – Кӯлоб – Дарвоз – Хоруғ – Кулма ба анҷом расонида шуд. Ҳамзамон, дар масири шоҳроҳи байналмилалии Қалъаи Хумб – Ванҷ сарҳадди Рӯшон ба масофаи 92,5 км бо 12 пули мошингузар ва яке аз нақбҳои он бо дарозии 3400 метр, ки се сол қабл ба бунёди онҳо оғоз гардида буд, мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Аз ду нақби дар ин масир бунёдгардида, яке «Тоҷикистон» бо дарозии 3400 метр ва нақби дуюм «Бадахшон» бо дарозии 1800 метр то охири сол ба истифода дода мешавад, номгузорӣ гардид.

Ин роҳи муосир ва нақбҳои он ҷавобгӯй ба меъёрҳои байналмилалӣ бунёд гардида, дар оянда ба рушди босуръати ВМКБ, бамаротиб афзоиш ёфтани шумораи сайёҳони дохиливу хориҷӣ, яъне боз ҳам беҳтар гардидани сатҳи некӯаҳволии сокинони вилоят ва ноҳияҳои он, аз ҷумла ноҳияи Дарвоз мусоидат менамояд.

Масофаи шоҳроҳи Қалъаи Хумб – Ванҷ – сарҳадди Рӯшон қаблан 109 км буд, ки бо бунёди ду нақб бо дарозии 5,2 км масофаи роҳ ба 92,5 км баробар шуд, яъне 16,5 км кӯтоҳ гардид.

Қисмати нақби «Тоҷикистон» дар деҳаи Ширговад ва нақби «Бадахшон» ҳудуди деҳаҳои Ҷорфу Кеврон бо иштироки бевосита Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифода дода шуданд, ки ин аввалин нақбҳо дар ВМКБ мебошанд ва аз таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бевосита дастгириҳои Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон дар амалӣ гардидани ҳадафи мазкур гувоҳӣ медиҳанд.

Ҳамин тариқ, дар даврони истиқлол соҳаи нақлиёт ва инфрасохтори роҳҳои мошингард дар Тоҷикистон тағйироти калонро паси сар кард. Фаъолияти кори ҳамаи намудҳои нақлиёт – боркашонӣ ва мусофирбарӣ дар Тоҷикистон вобаста ба дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии мамлакат пешрафтро касб кард. Дар солҳои аввали соҳибихтиёрӣ ва гузариш соҳаи нақлиёт низ ба душвориҳои мураккаб дучор омад. Масалан, агар соли 1991 ҳаҷми боркашонӣ 303,1 млн тонна ва ҳаҷми мусофирбарӣ 510,4 млн нафарро ташкил медод, дар соли 2000-ум ин нишондиҳанда, ба 27,7 млн тонна ва 151,4 млн нафар расид, ки нисбат ба соли 1991 боркашонӣ 10,9 ва мусофиркашонӣ 3,4 баробар кам шуданд. Аз соли 2001сар карда, фаъолияти кории ҳама намудҳои нақлиёт, боркашонӣ ва мусофирбарӣ фаъол гардида, нисбат ба соли 2000 мувофиқан 8,3% ва 13,3% афзудааст. Соли 2017-ум ҳаҷми ин нишондиҳандаҳо нисбат ба соли 2001 2,5 - 3,4 маротиб зиёд шуданд [204, с. 42-51].

Шабакаи нақлиётии кишвар дар се даҳсолаи истиқлолият зиёда аз 26,5 ҳазор км роҳҳои автомобилиро ташкил додааст, ки 13,8 ҳазор км он роҳҳои истифодабарии умумӣ мебошанд. Дар доираи роҳҳои умумӣ, 12,7 ҳазор км ё худ 92,1 дарсадро роҳҳое ташкил медиҳанд, ки рӯйпӯши мустаҳкам дошта, 10,1 ҳазор км (ё 73,1%) роҳҳо рӯйпӯши такмилёфта доранд. Роҳҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ 35,4 дарсади тамоми роҳҳои умумии истифодаи кишварро ташкил дода, 99,4% бо рӯйпӯши мустаҳкам таъминанд.

Бо сохтмон ва ба истифода додани нақбҳо, ба монанди «Истиқлол», «Шаҳристон», «Дӯстӣ», «Хатлон», «Озодӣ», «Тоҷикистон» ва идомаи сохтмони нақби «Бадахшон» мактаби касбии нақбканону нақбсозони тоҷик ташаккул ёфт. Дар ин давра Тоҷикистон тавонист бо ҷалби сармояи дохилӣ

ва хориҷӣ як инфрасохторӣ мукамали нақлиётии худро таъсис дода, робитаҳои тиҷоратии худро бо кишварҳои ҳамсоя ва ҷаҳон фароҳам овард. Ҳамзамон, дар корҳои сохтмони нақбҳо зиёда аз 865 нафар коргарону мутахассисони маҳаллӣ ҷалб карда шуданд, ки ин барои беҳтару хубтар гардидани шароити ичтимоии онҳо кумак кард.

## 6.2. Вижагиҳои нақлиёти роҳи оҳан дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ

Нақлиёт ҳамчун яке аз бахшҳои калидии иқтисоди миллӣ арзёбӣ мешавад ва рушди соҳаҳои дигари иқтисодӣ то ҳадде ба фаъолияти самаранокиии он такя мекунад. Ҳар як навъи нақлиёт дорои хусусиятҳои хосси худро дорост, ки бо такя ба онҳо мавқеи муайянро дар низоми умумии нақлиёт ишғол мекунад. Дар миёни онҳо нақлиёти роҳи оҳан бо афзалиятҳои худ мавқеи махсус дорад. Ин соҳа тавассути роҳҳои асосӣ ва иншооти сунъӣ ҳамлунақли молу маҳсулот ва мусофиронро анҷом дода, имкони интиқол ба масофаҳои дур, арзиши нисбатан пасти хизматрасонӣ, мутобиқати экологӣ, эътимоднокӣ ва маҳсулнокии баланд фарқ мекунад. Фаъолияти мунтазам дар тамоми фаслҳои сол, ҳамчунин имконияти ҳамлунақли борҳои махсус бо истифода аз таркиби ҳаракаткунандаи махсусгардонидашуда, бартариҳои дигари он мебошанд. Аз ин рӯ, нақлиёти роҳи оҳан нисбат ба дигар намудҳои нақлиёт бо иқтидори баланди борбардорӣ фарқ намуда, вобастагӣ ба шароити обу ҳаво надорад ва фаъолияти устувори худро дар ҳама фаслҳо таъмин месозад [190, с. 157-164].

Роҳи оҳан ҳамчун унсури муҳимми низоми нақлиётӣ дар кишварҳои дар марҳилаи рушд қарордошта нақши муассир дорад. Тоҷикистон ҳамчун давлати кӯҳистон бо захираҳои табиии фаровон ба рушди роҳи оҳан эҳтиёҷи зиёде дорад, ки ин масъала аз лиҳози сиёсӣ ва иқтисодӣ аҳаммияти бештар дорад.

Ҳангоми интиқоли ҳаҷми бузурги бор миёни минтақаҳо, мушкилоти роҳҳои душворгузар ва номураттабии бозори нақлиёт эҳсос мешавад. Бо

мақсади рушди устувори иқтисод ва бехтарсозии инфрасохтори нақлиёт, Ҳукумати Тоҷикистон сохтмони роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлобро оғоз кард. Ҳарчанд ин тарҳ қаблан дар доираи нақшаҳои панҷсолаи Шуравӣ ҷой дошт, амалӣ нагардид, зеро омилҳои сиёсиву иқтисодӣ ба он монеа мешуданд. Сохтмон соли 1990 шуруъ шуда маблағгузорӣ ва идоракунӣ он аз ҷониби марказ – Маскав сурат мегирифт. Масолеҳи сохтмонӣ ва нақлиёти заруриро корхонаҳои умумииттифоқӣ таъмин менамуданд. Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ, амалисозии ин лоиҳа боз дошта шуд, зеро кишвар ба давраи бухрони шадиди иқтисодиву сиёсӣ ва мушкилоти идоракунӣ ворид гардид [220, с.148].

Корҳои сохтмони роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб дар моҳи марти соли 1991 оғоз гардида, нақша ин буд, ки он то моҳи майи соли 1996 ба истифода супурда шавад. Бо вуҷуди ин, оғози ҷанги шаҳрвандии соли 1992 раванди иҷрои лоиҳаро ба таъхир андохт. Таҷҳизоту масолеҳи сохтмонӣ асосан аз Русия ворид мешуданд, ки бо мурури замон ин раванд низ душвор гардид. Ҳамчунин, маблағгузории сохтмон низ ба яке аз монеаҳои ҷиддӣ табдил ёфт. Барои пешбурди сохтмон, сокинон ва корхонаҳои минтақаи Кӯлоб дар маҷмуъ 490 ҳазор рубл саҳм гузоштанд. Аз ин рӯ, ноҳияи Данғара 155 ҳазор, Восеъ 178 ҳазор, Совет (ҳозира Темурмалик) 143 ҳазор ва автобазаи «Тоҷикпотребсоюз» 29 ҳазор рубл пардохт намуданд [153]. Саҳми аҳолии маҳаллӣ, ноҳия ва корхонаҳо дар маблағгузории лоиҳа назаррас буд, ки ин нишонаи ҳамбастагӣ ва хоҳиши мардум барои анҷоми лоиҳаи мазкур буд. Лоиҳаи аввалияи хатти нави роҳи оҳан 149 км-ро дар бар гирифта, истгоҳҳои Сангтӯда, Данғара, Фархор, Восеъ ва Кӯлобро пешбинӣ мекард. Бо вуҷуди он ки пас аз соли 1992 ҷанги шаҳрвандӣ ва бухрони иқтисодӣ ҷараёни корҳои сохтмониро душвор гардонд, 21-уми сентябри соли 1993 Шурои Вазирони Тоҷикистон бо қабули қарори №494 барои суръат бахшидан ба бунёди роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб иқдом намуд. Ин тасмим яке аз чораҳои калидӣ дар самти барқарорсозии иқтисод ва густариши инфрасохтори нақлиётии кишвар маҳсуб мешуд [172, с. 532].

Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ, кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, дар бахши нақлиёт ва истифодаи роҳҳои минтақавӣ ба мушкилоти зиёд дучор шуданд. Яке аз омилҳои асосии монеасоз сиёсати ҳамсоякишвар - Ҷумҳурии Ӯзбекистон буд. Ин кишвар бо ҷорӣ кардани низоми раводид дар сарҳадди муштарак, ки қаблан озод буд, ҳаракати озоди мардум ва ҳамкориҳои дуҷонибаро маҳдуд сохт. Ин иқдом ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар ду кишвар таъсири манфӣ расонд. Ғайр аз ин, афзоиши нархи газ, болоравии тарифҳои транзит ва тахриби бахши Тирмиз – Амузанги роҳи оҳан дар соли 2012 низ вазъро барои Тоҷикистон боз ҳам душвортар кард [266, с. 30]. Бо гузашти вақт ва натиҷаи ин амалҳо, вилояти Хатлон ва минтақаи атрофи он аз дигар минтақаҳо ва хориҷи кишвар аз назар ҷудо ва маҳрум монд, ки манфиатҳои иқтисодии кишварро зери хатар гузошт.

Аз соли 1993 сохтмони роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон ҳамчун як тарҳи стратегии муҳим пайгирӣ гардид. Ин лоиҳа барои кишвар рамзи истиқлолият ва рушди инфрасохтор ба ҳисоб мерафт. Сохтмон дар шароити вазнин ва бо мушкилоти зиёд амалӣ мешуд, зеро баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, Тоҷикистон дигар ба сармоя ва техникаву технологияи лозимӣ барои идомаи сохтмон дастрасӣ надошт.

Корхонаи воҳиди давлатии Роҳи оҳани Тоҷикистон 7-уми августи соли 1994 бо қарори Шурои Вазирони ҷумҳурӣ дар заминаи базаи Душанбегӣ ва минтақаи Ленинободӣ таъсис ёфт [85, с. 195]. Тибқи қарори Шурои Вазирон таҳти №403 аз 17-уми августи ҳамон сол, «Роҳи оҳани Тоҷикистон» аз сохтори роҳи оҳани Осиёи Миёна ҷудо гардида, ба як ниҳоди алоҳида табдил ёфт [198].

Бо таъсиси Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон», кишвар на танҳо як бахши муҳимми инфрасохториро ба вуҷуд овард, балки барои рушди ҳамлунақл ва бахши иқтисодии худ устуворӣ пайдо кард. Пас аз таъсиси КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон», бунёд ва ташаккули шабакаи роҳи оҳан дар мамлакат идома ёфта, барои рушди иқтисодиёт ва инкишофи

кишвари ҷавон накши муҳим ва арзишманд гузошт [338]. Дар ҳамин сол Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони ҳамкориҳои Роҳи оҳан ворид гардид. Дар соли 1995 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони байналмилалии ҳаракат дар роҳ низ шомил гардид, ки ин ба кишвари мо имконияти васеъ ҳаракат дар роҳҳои байналмилалиро таъмин намуд [235, с. 231].

Соли 1995 дар Тоҷикистон аввалин корхонаи таъмири вагонҳо бо номи «Маҳрам»-ро бунёд кард, ки он як ҷузъи муҳимми рушди бахши нақлиёти роҳи оҳан мебошад. Мақсади бунёди корхона, ҷорӣ кардани технологияҳои муосир дар соҳаи роҳи оҳан, таҳкими инфрасохтори нақлиётии кишвар ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шабакаи умумии роҳи оҳан маҳсуб меёфт.

15-уми августи соли 1996 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ дар вилояти Хатлон аз ҷараёни сохтмони роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб ва сохтмони купрукҳо дар дарёи Вахш шинос шуд [269, с. 53]. Сохтмони роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб яке аз лоиҳаҳои муҳимму мураккаб дар таърихи роҳи оҳан дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Барои анҷоми ин лоиҳа, ки дар шароити душворгузарии заминҳои кӯҳии минтақа амалӣ мешуд, мушкилоти зиёде пеш омад. Ҳамлунақли молу мусофирон дар ин минтақа талаботи махсуси техникиро тақозо мекард ва сохтмони роҳро боз ҳам мушкилтар мегардонид.

Шоҳроҳи Қӯрғонтеппа – Кӯлоб бо истифода аз технология ва имкониятҳои мавҷуда ва заҳматҳои пайвастаи кормандон ва мутахассисон, нақши муҳимми худро дар инфрасохтори Тоҷикистон пайдо кард. Ин шоҳроҳ барои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва нақлиёти кишвар аҳаммияти бузург ва беназир пайдо кард [220, с. 148]. Сохтмони хатти роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб як лоиҳаи муҳимму мураккаби инфрасохтории Тоҷикистон дар давраи истиқлолият буд. 7-уми сентябри соли 1998 маросими ифтитоҳи навбати аввали хатти 54 км роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб, ки то истгоҳи Саргазони ноҳияи Данғара ба анҷом расида буд, баргузор гардид [30].

Дар ин давра афзоиши ҳиссаи сармоягузориҳо, ки барои инфрасохтори нақлиётӣ равона мешуданд, бараъло мушоҳида мешуд. Агар дар соли 1996

ҳиссаи онҳо 11,8% ва пас дар соли 1998 ин нишондиҳанда ба 45,5% мерасид. Албатта, ин тағйирот асосан бо сохтмони роҳи оҳани Курғонтеппа – Кӯлоб ва таҷдиди инфрасохтори нақлиётӣ ва шуруъ намудани корҳои таҳқиқотӣ ва лоиҳакашӣ барои сохтмони роҳи оҳани Кофарниҳон – Ёвон ва дигар лоиҳаҳои марбут ба он буд [202, с. 35].

2-юми сентябри соли 1999 марҳилаи дуюми сохтмони роҳи оҳани Данғара – Олимтой – Қурбоншаҳид – Кӯлоб оғоз ёфт ва ба ифтихори 1100–солагии давлати Сомониён ба истифода дода шуд. Дар натиҷа, масири умумии роҳ 132 км-ро ташкил дода, панҷ пул ва даҳҳо иншооти муҳандисӣ сохта шуданд, ки ҳаракати нақлиётро осонтар ва амнтар гардонд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи пули бузургтарини ин масир иштирок намуда, роҳсозонро табрик гуфт. Ҳамчунин, дар пикетаи 848-ум охирин релс гузошта шуд, ки рамзи анҷоми расмии лоиҳа ба шумор мерафт.

Дар масофаҳои хеле тулонӣ низ роҳи оҳан метавонад бо дигар намудҳои нақлиёт рақобат кунад. Ҳиссаи асосии интиқоли мусофирон дар дохили шаҳр (наздики 60%) ва қисми қобили мулоҳизаи ҳаракати наздишаҳрӣ, бахусус дар роҳҳое, ки хатти роҳи оҳан вуҷуд надорад, тавассути нақлиёти автомобилӣ таъмин мегардад. Ин навъи нақлиёт дар масофаҳои то 200 км ва бештар аз он нақши калидӣ мебозад [209, с. 5-15].

Соли 1998 тавассути роҳи оҳан дар кишвар 637,8 ҳазор тонна бор интиқол ёфт, ки нисбат ба соли қаблӣ 2,3% маротиб зиёд гардидааст. Ин нишондиҳанда аз рушди инфрасохтор ва афзоиши талабот ба боркашонӣ шаҳодат медиҳад.

Дар 6 моҳи аввали соли 1999 боркашонии роҳи оҳан ба таври назаррас афзоиш ёфта, то анҷоми сол ҳаҷми интиқоли бор ба 467,3 ҳазор тонна расид, ки ин қариб 67% зиёдтар аз нишондиҳандаҳои соли 1998 мебошад. Ин нишондиҳанда эҳтимолан шаҳодат медиҳад, ки дар соли 1999 талабот ба нақлиёти роҳи оҳан афзоиш ёфта, ё шояд шартҳои иқтисодӣ ва инфрасохторӣ боис шуданд, ки ҳаҷми боркашонӣ ба таври назаррас бештар гардад [16-М, с.

68-75]. Истифодаи роҳи Қӯрғонтеппа – Кӯлоб имконият дод, ки шабакаҳои маҳаллии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» бо шабакаҳои ҷаҳонӣ пайваст шуда, тамоми раванди нақлиёт автоматизатсия карда шавад. Ҳамчунин, шабакаи алоқаи роҳи оҳан бо шабакаҳои дахлдори кишварҳои ИДМ, Балтик ва Созмони ҳамкориҳои роҳи оҳан (СҲРО) ҳамоҳанг гардад.

Дар ифтитоҳи хатти нави роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок намуда, ҳамчун аввалин мусофири ин масир ба қатора ворид гардид ва чиптаи рамзии рақами 1 ба ӯ тақдим карда шуд [265, с. 266].

Бо ҳадафи навсозии инфрасохтори роҳи оҳан, КВД-и «Роҳи оҳани Тоҷикистон» аз Қазоқистон 6 адад тепловози навъи ТЭЗЗА «Evolution» харидорӣ намуд. Ҳар яке аз ин қаторбарҳо 4,6 млн доллар арзиш дошта, муҳлати истифодаашон то 40 солро дар бар мегирад. Арзиши умумии ин лоиҳа беш аз 27 млн долларро ташкил дода, тепловозҳо бо рангҳои парчами миллӣ оро ёфтаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди 50 сол, яъне аз соли 1962 бори аввал барои харидории қаторбарҳои нав иқдом намуд. Пеш аз ин, як аср дар мамлакат ба хариди технологияҳои муосир ва қаторбарҳои нави роҳи оҳан имконият пайдо нагардида буд. Аз ду қаторбари нахустин, ки бо рангҳои хосси Тоҷикистон зиннат ёфтаанд, алакай ду адад дар охири моҳи феврал ба Душанбе расидаанд, ки ин такони ҷиддӣ барои пешбурди нақлиёт ва иқтисоди кишвар буд [220, с. 149].

Солҳои 2001–2002 КВД-и «Роҳи оҳани Тоҷикистон» хатти роҳи оҳани Вахш – Ёвонро бо дарозии 8 км ба истифода дод, ки як қадами муҳимми рушди инфрасохтори нақлиёти роҳи оҳан дар кишвар буд. Аз соли 2002 инҷониб усул ва меъёрҳои истифодаи роҳҳои оҳан ба таври куллӣ тағйир ёфта, на танҳо дар соҳаи роҳи оҳан, балки дар тамоми иқтисодиёти кишвар таъсири назаррас гузошта шуд.

Дар солҳои аввали истиқлол, вазъи молиявии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» хеле заиф буд. Нооромиҳои дохилӣ ва ҷудошавӣ аз маркази Шуравӣ боиси

ихтилоф дар мусофиркашонӣ ва кам шудани шумораи қатораҳо гардид. Хусусан, шумораи мусофирон ба самти Федератсияи Русия зиёд шуд, вале барои танзими вазъият заминаи муассири корӣ вуҷуд надошт. Моликияти роҳи оҳан зери назорати гурӯҳҳои ғайриқонунӣ қарор гирифта, пешбурди ислоҳот душвор гардид.

То соли 2002 соҳа ба буҳрони шадид гирифтор буд: қарзҳои зиёд, таҷҳизоти фарсуда ва норасоии маблағ барои навсозии инфрасохтори роҳи оҳан монеаи асосӣ мешуданд. Танҳо баъд аз соли 2002, бо иқдоми ҳукумат, раванди ислоҳоти ҷиддӣ оғоз ёфт. Таҷдиди паркҳои локомотивҳо ва вагонҳо, ворид намудани техникаи нав ва беҳтарсозии хизматрасонӣ амалӣ шуд.

Дар солҳои 2002–2005 Идораи роҳи оҳан тавонист қарзҳои бузурги худро пардохт кунад. Қарзи умумии 36,1 млн доллар тадриҷан кам гашта, аз ҷумла 24,6 млн доллар ба кишварҳои ИДМ ва 5,5 млн доллар ба Олмон баргардонида шуд [243, с. 125].

Бо дарназардошти вазъи душвори молиявӣ, роҳбарияти нави КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» аз соли 2002 ҷорӣ кардани назорати хароҷот ва мутамарказонии маблағҳоро оғоз намуд. Ин иқдом ба зудӣ натиҷа дод: то соли 2014 ҳамаи қарзҳои кредитӣ пардохта шуданд ва вазъи молиявии корхона беҳтар гардид. Дар ин давра сехи таъмири муҳаррикҳои электрикӣ бо таҷҳизоти олмонӣ ба истифода дода шуда, 30 вагони нав харидорӣ, 455 вагон ва 5 локомотив таъмири куллӣ карда шуданд.

Барои беҳтар кардани ҳаракати мусофирон ва мутамарказ намудани хизматрасонӣ, бо фармони №131 аз 12-уми апрели соли 2002, Корхонаи воҳиди «Мусофирбарӣ» таъсис ёфт. Дар замони ҷудошавӣ аз роҳи оҳани Осиёи Миёна, ба Тоҷикистон парки кухна ва фарсудаи вагонҳои мусофирбар ба мерос монд, ки наметавонист ниёзҳои мусофиронро қонеъ созад. То моҳи майи соли 2002, ҳамаи вагонҳои самти «Душанбе – Астрахан» таъмири ҷорӣ карда шуда, дохилии онҳо навсозӣ шуданд [16-М, с. 68-75].

Дар ибтидои солҳои 2000-ум, барои рушди соҳаи роҳи оҳан Тоҷикистон ба сармоягузориҳои назаррас ниёз дошт. Бо вуҷуди вазъи душвори молиявӣ,

роҳбарияти мамлакат тавонист соли 2002 таъмири даҳҳо вагони мусофирбарро дар корхонаҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба роҳ монад. Барои кам кардани хароҷот, ҳамон сол коргоҳи таъмири асосии вагонҳо дар дохили кишвар таъсис ёфт ва 38 вагон таъмир карда шуд.

То соли 2010, 153 вагони мусофирбар харидорӣ ва беш аз 500 вагон дар дохили коргоҳҳо таъмиру навсозӣ шуданд. Илова бар ин, коргоҳҳои махсус барои таъмири муҳаррикҳо ва шабакаи ҳавополой ташкил гардиданд, ки ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар шудани сифати хизматрасонӣ мусоидат намуданд. Шароити терминалҳо низ хуб шуда, сатҳи хизматрасонӣ ба мусофирон беҳтар гардид.

Дар самти равобити дохилию хориҷӣ низ пешравиҳо ба назар мерасиданд. Аз соли 2002 то 2005 хатсайрҳои байналмилалии муҳимме чун Душанбе – Астрахан, Кӯлоб – Маскав, Хуҷанд – Саратов ва Душанбе – Маскав фаъол гаштанд. То соли 2005 дар як ҳафта 16 қатора дар 6 самт мусофиронро интиқол медод ва солона зиёда аз 600 ҳазор нафар аз ин хизматрасонӣ истифода мебурданд. Ҳарчанд дар соли 2002 ҳаракти қатораи Душанбе – Астрахан муваққатан қатъ гардид, баъд аз гуфтушунидҳо ҳаракат дубора барқарор гардид.

Дар самти истеҳсолоти ватанӣ низ қадамҳои муҳим гузошта шуданд. 9-уми сентябри соли 2003 дар шаҳри Сарбанд (ҳоло Леваканд) аввалин корхонаи истеҳсоли шпалаҳои бетонию оҳанӣ ба фаъолият оғоз намуд. Ҳамзамон, дар корхонаи «Маҳрам» коргоҳи рангубор ва истеҳсоли қисмҳои эҳтиётии вагонҳо таъсис ёфт, ки ба беҳтар гардидани кори шабакаи роҳи оҳан мусоидат намуд.

Аз соли 2003 то аввали соли 2011 истеҳсоли шпалҳои оҳану бетонии ватанӣ дар Тоҷикистон ба 127 000 адад расид [219, с. 92-93]. Дар соли 2004 Роҳи оҳани Тоҷикистон қариб 90 % маҳсулоти кишоварзиро кашонида, то охири сол 12 млн тонна бор кашонида шудааст. Соли 2005 дарозии умумии хатҳои он 950,7 км, дарозии хатҳои асосӣ 679,9 км, роҳҳои истгоҳ 216,7 км, роҳҳои воридшавӣ 54,1 км буд. Дар паркҳои роҳи оҳан 1760 вагонҳои боркаш

ва 291 вагонҳои мусофирбарӣ мавҷуд буданд, ки онҳоро 57 тепловоз ба ҳаракат медаровард. Дар саросари кишвар 33 истгоҳ ва вокзал фаъолият мекарданд, ки шабонарӯзӣ ба мусофирон хизмат мерасонданд [243, с. 124].

Соли 2005 Ҳукумати Тоҷикистон барои такмили инфрасохтори роҳи оҳан се кони нави сангрезакунӣ дар Душанбе, Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) ва Суғд бунёд карда, сохтмони хатҳои нави роҳи оҳанро бо маводди инертӣ таъмин намуд. Ин конҳо барои сохтмони роҳҳои нави оҳан, аз ҷумла хатти Душанбе – Қӯрғонтеппа ва Ваҳдат – Ёвон, истифода шуданд.

Муҷаҳҳаз гардонидани нуқтаҳои барқӣ барои беҳтар кардани ҳаҷми боркашонӣ ва бехатарии ҳаракати қатораҳо, ки аз замони Шуравӣ дар нақша буд, дар даврони соҳибистиқлолӣ амалӣ гашт. Истгоҳҳои Пахтаобод, Хонақоҳ, Регар, Чиптӯра ва Айнӣ бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз шуданд.

Соли 2005 хатсайри байналмилалии «Душанбе – Москва» баъд аз чор соли қатъ бозсозӣ шуд, ки барои иқтисоди кишвар ва муҳоҷирони корӣ аҳаммияти калон дошт. Дар соли 2006 хатсайри нав «Кӯлоб – Москва» таъсис ёфта, минтақаҳои дури ҷанубиро ба шабакаи нақлиётии байналмилалӣ пайваст намуд.

Дар соли 2006 истгоҳи нави Истиқлол дар минтақаи Суғд бо таҷҳизоти навини барқӣ ба истифода дода шуд. Ҳамчунин, дар зеристгоҳи Сарбанд таҷдиди трансформатор ва хатти барқӣ ба корхонаву пойгоҳҳои маҳаллӣ таъмин гардид.

Дар шашмоҳаи аввали соли 2008 тавассути роҳи оҳан 434 ҳазор тонна маҳсулот содирот шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта камтар буд. Ин коҳиш ба беҳтар шудани хизматрасонии нақлиёти автомобилӣ рабт дошт.

Роҳи оҳани Душанбе – Ваҳдат – Ёвон, ки лоиҳаи он соли 1967 таҳия шуда буд, пас аз истиқлол ба истифода дода шуд.

Соли 2009 лоиҳаи роҳи оҳани Душанбе – Қӯрғонтеппа бо сохтмони нақбҳо ва пулҳо ба маблағи зиёда аз 500 млн сомонӣ оғоз шуд ва дар ҳамон сол ба истифода дода шуд. Ин роҳ масофаро байни Душанбе ва Қӯрғонтеппа то 125 км кӯтоҳ мекунад ва хароҷоти интиқолро то 4 баробар кам менамояд.

Сохтмони роҳ бо техникаи муосир ва ҳамкории ширкатҳои маҳаллӣ сурат гирифт. Барои таъмири қисматҳои роҳ шпалҳои чӯбин аз Русия харидорӣ шуданд. Ин роҳ имкон медиҳад, ки ҳаракат ва интиқоли молу маҳсулот ва мусофирон осон ва хароҷоти камтар сурат гирад.

Қобили зикр аст, ки барои сохтмони роҳи оҳани Душанбе – Қӯрғонтеппа бо дарозии 41 км, 450 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки 359 млн сомонӣ ба корҳои сохтмонӣ ва 43,6 млн сомонӣ барои хариди таҷҳизоту техникаи замонавӣ равона гардидааст. Талоши калон барои сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиёт, бахусус дар бахши роҳи оҳан, нишон медиҳад, ки ин соҳа барои рушди стратегӣ ва устувории инфрасохтори моддию техникии Тоҷикистон аҳаммияти калон дорад [322].

Омода намудани зиёда аз 41 км таҳкурсии роҳ ва мустаҳкам намудани қисми болоии он, чандин корҳои муҳимро дар бар мегирифт, ки дар маҷмуъ барои таъмини сифати баланд ва мувофиқати ҳадафҳои стратегӣ амалӣ карда шуд. Ба ин мақсад, 12 млн 374 ҳазор $м^3$ хок канда шуд, ки барои таҳкурсии роҳ ва устувории инфрасохтор зарур буд. Ғайр аз ин, барои тарконидани роҳ 4 млн 230 ҳазор $м^3$ корҳо анҷом ёфт. Ҳамчунин, барои таъмини интиқоли неруи барқ 20 км хатти барқгузар насб карда шуд ва 110 хандак барои идораи ҷараёни обҳои борон ва барф, ки таъсири манфӣ ба бехатарии роҳ нарасонанд, бунёд гардид. Ғайр аз ин, ду бинои истгоҳи муосир бо сатҳи баланди техникӣ сохта шуданд, ки ба меъёрҳои байналмилалии сохтмони роҳи оҳан мувофиқат мекунанд. Пас аз анҷоми корҳои сохтмонӣ, ду минтақаи асосии роҳи оҳан минтақаҳои марказӣ ва ҷанубӣ бо ҳам муттаҳид шуданд, ки барои беҳтар шудани ҳамлунақл ва кӯтоҳшавии масофаҳо аҳаммияти зиёд дорад [296].

Бо назардошти мухлати 100-солаи кафолатноки истифода, роҳи оҳани Ваҳдат – Ёвон барои муддати дароз ниёзҳои иқтисодию иҷтимоии кишварро қонеъ хоҳад кард. Чен Шаошан таъкид намуд, ки ин роҳ дар даҳсолаи наздик ба як бахши муҳимми инфрасохтори нақлиётӣ табдил ёфта, рушди минтақа ва таҳкими ҳамкориҳои Чин бо Осиёи Миёнаро тақвият мебахшад [296].

Бо мақсади иҷрои Нақшаи стратегии хусусигардонии корхонаҳои миёна ва калон ва таҷдиди субъектҳои монополияи табиӣ, 27-уми феврали соли 2010 ҲҶТ қарори №95-ро қабул кард, ки барои солҳои 2010-2017 Нақшаи инфиродии таҷдиди КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» таҳия ва амалӣ гардад. Ин қарор ба хусусигардонии тадриҷии корхона ва кам кардани таъсири монополияҳо равона шуда буд.

Нақшаи инфиродии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» бо мақсади бартараф кардани монеаҳои иқтисодӣ, беҳтар намудани хизматрасонӣ, афзоиши самаранокӣ, ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, ҳамчунин, татбиқи технологияҳои муосир ва идораи навини роҳсозӣ таҳия шудааст.

То соли 2010 дарозии умумии роҳи оҳан дар Тоҷикистон 954,4 км буд, ки аз он 679,9 км роҳҳои асосӣ ва 74,5 км роҳҳои воридшавӣ ба ҳисоб мерафтанд. Роҳҳои асосӣ нақши муҳим дар интиқоли молу мусофирон доранд, роҳҳои воридшавӣ барои воридоти мол аз кишварҳои ҳамсоя ва густариши тиҷорат аҳаммият доранд.

Қитъаҳои дуроҳа, ки 62,1 км-ро ташкил мекард, барои таъмини ҳаракати дуҷониба ва самараноки нақлиёт дар сатҳи кишвар ва ҷаҳонӣ сохта шуданд. Роҳи оҳан, ки барои истифодабарии умумӣ ва амалиёти нақлиётӣ дар дохили кишвар дарозии 616 км-ро ташкил медод. Дарозии роҳи оҳани аҳаммияти маҳаллидошта, ба 132 км мерасид. Ин роҳҳо бо ҳадафи таҳким ва рушди инфрасохтори нақлиёт ва пешбурди иқтисоди маҳаллӣ сохта шуда, ҳамчун василаи мусоидат ба ҳаракати молу одамон дар дохили мамлакат хизмат мекарданд [305].

Дар ин давра, дар Тоҷикистон 43 истгоҳи роҳи оҳан фаъолият мекарданд, ки истгоҳҳои асосӣ дар Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва Конибодом қарор доштанд. Ин истгоҳҳо ҳамчун марказҳои муҳимми интиқоли бору мусофирон дар дохил ва бо кишварҳои ҳамсоя хизмат мекарданд. Барои мусоидат ба ҳаракати фаъоли қаторахо, 8 нуқтаи таваққуф ва 5 нуқтаи убури алоҳида низ сохта шуда буданд.

Соли 2010 бо мақсади сохтмони қитъаи нави роҳи оҳани Ваҳдат – Ёвон ва такмили инфрасохтор, корхонаи махсуси сохтмонии «Роҳсоз» таъсис ёфт. Ин корхона масъули иҷрои тамоми марҳилаҳои сохтмон буд ва бо хариди 89 адад техникаи вазнин ва муосир, ки ба меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқ буданд, барои иҷрои корҳо бо сифати баланд ва самаранокӣ мусоидат намуд. Техникаҳо барои корҳои замингузорӣ, ҳамворсозӣ ва нигоҳдорӣ истифода мешуданд ва бо назардошти амнияти нақлиётӣ ва стандартҳои сифат таъмин карда шуданд.

Президенти мамлакат оид ба нақши роҳҳои оҳан дар рушди иқтисодиёти кишвар дар соли 2012 супориш доданд, ки Вазорати нақлиёт, Хадамоти гумрук, КВД-и «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва ширкатҳои ҳавопаймоӣ сохтмону таъмири роҳҳои мошингарду оҳан, аз ҷумла қитъаи роҳи оҳани «Ваҳдат – Ёвон»-ро тезонида, доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ дар фурудгоҳу истгоҳҳои роҳи оҳан ва гузаргоҳҳои гумрукӣ, ҳамчунин ташкили марказҳои логистик чораҳои ҷиддӣ андешанд. Илова бар ин, КВД-и «Роҳи оҳани Тоҷикистон» вазифадор карда шуд, ки дар самти бартараф намудани монеаҳои сунъии бюрократӣ ҳангоми воридоту содироти молу маҳсулоти соҳибкорону тоҷирон чораҷӯӣ намояд [8]. Дар ин робита, Президенти кишвар дар Паёми худ ба Маҷлиси олӣ соли 2013 масъалаи сохтмону барқарорсозии роҳи мошингарди Айнӣ – Панҷакент, Душанбе – Турсунзода, Кӯлоб – Қалъаи Хумб, сохтмони тирминали замонавӣ дар фурудгоҳи байналмилалии Душанбе, хатти роҳҳои оҳани Душанбе – Қӯрғонтеппа (қитъаи Ваҳдат – Ёвон) ва Қӯрғонтеппа – Панҷи Поён ёдовар шуда, ҷиҳати ҳарчи зудтар ба истифода додани ин лоиҳаҳо супоришҳои мушаххас доданд [9].

Бо вуҷуди аҳаммияти бузург доштани роҳҳои оҳан, дар солҳои охир гардиши боркашонӣ тавассути ин роҳҳо коҳиш ёфтааст. Сабабҳои асосӣ коҳишёбии боркашониро дар омилҳои зерин метавон дид:

1. Буҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ, ки аз соли 2008 оғоз гардид, ба кишварҳои гуногун зарари калон расонид, аз ҷумла ба иқтисоди Ҷумҳурии

Тоҷикистон. Талабот ба маҳсулот ва молҳо дар бахши гуногуни хоҷагии халқ коҳиш ёф ва ин боиси паст шудани гардиши боркашонӣ тавассути роҳи оҳан гардид. Мушкилоти молиявӣ ва кам шудани тиҷорат бо кишварҳои хориҷӣ, махсусан аз тариқи роҳи оҳан, яке аз сабабҳои асосии ин вазъият буд.

2. Монеаҳои транзитӣ ва шартҳои мураккаби институтсионалӣ, имкониятҳои истифодаи роҳи оҳанро маҳдуд карданд, ки ин боиси пастравии гардиши борҳои интиқолшаванда гардид.

Агар дар соли 2007 гардиши бор тавассути нақлиёти роҳи оҳан 1,3 млрд тонна км-ро ташкил медод, пас то соли 2013 ин рақам ба 0,4 млрд тонна км коҳиш ёфт. Аз ин нишондод маълум мегардад, ки бо вуҷуди сармоягузориҳо ва воридоти техникаву таҷҳизоти муосир дар инфрасохтори роҳи оҳан, таъсироти бухрони ҷаҳонии иқтисодӣ ва монеаҳои транзитӣ тавонистанд ба гардиши боркашонӣ дар роҳи оҳан таъсири манфӣ расонанд.

Ҳамин тавр, дар доираи амалишавии лоиҳа қисматҳои якум ва дуюм, хатти 24 км роҳи оҳани мавҷудаи қитъаҳои Роҳатӣ – Ваҳдат – Элок ва Ёвон 1 – Ёвон 2 навсозӣ карда шуданд. Навсозии роҳҳо, ки барои таъмини ҳаракати бемамоният ва бехатарӣ дар интиқоли боркашонӣ кумак мекарданд, барои афзоиши иқтидори инфрасохтори нақлиётӣ, хусусан дар минтақаҳои наздик ба шаҳрҳои Душанбе ва Қӯрғонтеппа хеле муҳим буданд. Навсозии роҳҳои мавҷуда имкон дод, ки даромад ва интиқоли бору мусофирон ба ин минтақаҳо беҳтар карда шавад.

Дар қисмати сеюми сохтмон, 40 км роҳи оҳан дар қитъаи Элок – Ёвон 2 сохта шуд. Ин қисм аз мавзеъҳои вазнини кӯҳу пушта мегузашт, ки барои сохтмон ва навсозӣ дар онҳо зарур буд. Бо вуҷуди шароити ҷуғрофии душвор, корҳои сохтмонӣ ва навсозӣ бо истифода аз технологияҳои муосир ва техникаи вазнин ба таври самаранок анҷом ёфтанд.

Дар доираи ин лоиҳа, нақби дарозиаш 2340 метр бунёд шуд, ки барои убури кӯҳҳо ва тақсимоти қисматҳои роҳ нақши муҳим дошт ва ҳамчунин, барои осон кардани ҳаракати қаторахо дар ин минтақа мусоидат кард. Ғайр аз он, 12 пули нақлиётӣ ва дигар иншооти зарурӣ сохта шуданд, ки барои

таъмини амният ва ҳаракати бехатари қатораҳо ва ҷорӣ намудани инфрасохтори муосир дар роҳи оҳан нақши муассир доранд. Бо ба итмом расидани ин корҳо, дар соли 2013 дарозии умумии хатти роҳи оҳан дар Тоҷикистон ба 957,7 км расид. Ин дастовардҳо нишон медиҳанд, ки инфрасохтори роҳи оҳан дар кишвар ба таври назаррас рушд ёфта, имкониятҳои иқтисодӣ ва тиҷоратиро хеле беҳтар кардааст [264, с. 305-306].

Роҳи оҳани Душанбе – Ваҳдат – Ёвон – Қӯрғонтеппа, ки арзиши умумии лоиҳавии он беш аз 765 млн сомониро ташкил медиҳад, як тарҳе васеъ ва мураккаб аст. Дар масири он 3 нақб бо дарозии умумии тақрибан 3700 метр сохта шуда, ки дарозтарин нақбаш 2209 метр мебошад. Илова бар ин, бо мақсади мутобиқсозии инфрасохтор ба стандартҳои замонавӣ ва таъмини ҳаракати бефосилаи қатораҳо, 8 пули нақлиётӣ бо дарозии умумии тақрибан 700 метр бунёд гардид, ки барои равонасозии устувори ҳаракат нақши калидӣ мебозанд [224].

Сарвари давлат ҳангоми вохӯрӣ бо сокинон ва роҳсозон чунин иброз доштанд: «Сохтмони роҳи оҳан дар шароити кӯҳистон хеле мушкил аст. Азбаски тасмими ҲҶТ барои бунёди ин роҳ қатъӣ буд, аз ин хотир ҳамаи душвориҳо паси сар шуданд. Ин роҳ идомаи татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегӣ – раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ мебошад» [114, с. 76].

Бо вуҷуди таҷрибаи азбаршуда ва мутахассиси маҳаллӣ дар сохтмони инфрасохтори роҳи оҳан, қарор карда шуд, ки сохтмони ин қитъаи махсус ба ширкатҳои сохтмонии Ҷумҳурии Мардумии Чин вогузор карда шавад. Ин тасмим дар асоси Созишномаи дуҷонибаи байниҳукуматӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии мардумии Чин дар бораи сармоягузорӣ ва маблағгузории лоиҳа гирифта шуд. Ширкати сохтмонии «China ROE» ба ҳақси иҷрокунандаи асосии ин лоиҳа интихоб карда шуд.

Дарозии роҳи оҳани байни Душанбе ва Қӯрғонтеппа 432 км-ро ташкил медод, аммо бо бунёди нақбҳо ва пулҳои нав масири он то 119 км кӯтоҳ карда шуд, ки дар маҷмуъ, ба 313 км баробар гашт. Қитъаи Ваҳдат – Ёвон, ки

41 км-ро дар бар мегирад, дар роҳи мазкур нақши махсус дорад. Дар ин бахш 3 нақб ва 8 пул бунёд гардиданд, ки барои убури минтақаҳои кӯҳистонӣ ва таъмин намудани ҳаракати бехатари қаторахо муҳим буданд. Бо ба истифода додани ин роҳ, интиқоли молу бор дар масири Душанбе – Қӯрғонтеппа – Кӯлоб ба таври муассиртар сурат гирифт ва хароҷоти интиқол хеле коҳиш ёфт. Агар қаблан барои интиқоли як тонна бор 160 сомонӣ пардохт мешуд, пас ҳоло ин маблағ ба 35-40 сомонӣ поин омад, ки ин нишондиҳандаи беҳбудии назарраси иқтисодиву техникӣ мебошад [322].

Албатта, бунёди роҳи оҳани Душанбе – Қӯрғонтеппа – Кӯлоб ҳамчун яке аз лоиҳаҳои муҳимму стратегӣ дар рушду таҳкими инфрасохтори нақлиётии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар ин шохроҳ, дар се мавзеъ, роҳи оҳан ба воситаи нақбҳо аз зери замин мегузарад, ки барои осон кардани ҳаракати поездҳо дар мавзеъҳои душворгузар ниҳоят зарур буданд. Пулу нақбҳоро дар ин масир дар давоми як сол Ширкати идораи 19-уми роҳи оҳани Чин ва ҶДММ «Муомилот» бунёд намуданд.

Дар корҳои сохтмонӣ ва бунёди иншооти роҳи оҳан зиёда аз 40 ширкату корхонаҳои лоиҳакашӣ ва сохтмонии ватанӣ ва хориҷӣ ширкат доштанд. Дар баробари ширкатҳои хориҷӣ, 11 ширкатҳои миллӣ низ дар корҳои сохтмонӣ, аз ҷумла нақбсозӣ ва сохтмони дигар иншоотҳои марбут, нақши фаъол бозиданд. Дар байни онҳо метавон ҶДММ «Роҳсоз», ҶДММ «Оби ҳаёт», ҶДММ «Ғаюр-1», ҶДММ «Бинокор», ҶДММ «Ормон сохтмон», ҶДММ «Роҳи нав 21», ҶСК «Тоҷик СГЭМ» (Спетсгидроэнергомонтаж), ҶДММ «Тоҷиквзривпром» ва ғайраҳоро метавон зикр кард. Дар тули муддати сохтмони роҳи оҳан, ки як солро дар бар гирифт, 900 нафар коргар бо ҷойи кор таъмин гардида, дар баробари гирифтани маоши хуб, таҷрибаи арзишманд ба даст овардaнд.

Лоиҳа бо маблағгузории ҲҶТ ва қарзи грантии Ҷумҳурии Мардумии Чин амалӣ карда шуд. Лоиҳа бо сармоягузории умумии 71 млн 992 ҳазор доллари ИМА амалӣ гардид, ки ин маблағ барои сохтмони роҳ, нақбҳо, пулҳо

ва дигар иншооти муҳандисӣ, ҳамчунин рушди инфрасохтори масири Душанбе – Ваҳдат – Ёвон сарф гардид [299].

24-уми августи соли 2016 хатти нави роҳи оҳани байни Душанбе, Ваҳдат ва Ёвон расман кушода, мавриди истифода қарор дода шуд [135].

Тибқи таҳлили мутахассисон ин роҳ дар як сол тақрибан 46 млн сомонӣ ба буҷаи давлат даромад ворид мекунад. Яъне, дар давоми даҳ сол тамоми хароҷоти сохтмонро баробар мекунад [323].

Сохтмони хатти роҳи оҳан Душанбе – Ваҳдат – Ёвон, ки дар маҷмуъ хатти Душанбе – Қӯрғонтеппа – Кӯлобро пурра мекунад, аҳаммияти калон дошта, барои рушди минтақа нақши калидӣ хоҳад дошт. Он имконият фароҳам меорад, ки дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон шумораи зиёди корхонаҳои нави саноатӣ таъсис дода шаванд [118].

Бо бунёди хатти роҳи оҳани Душанбе – Ваҳдат – Ёвон Тоҷикистон имкони беҳтар кардани ҳамлунақли транзитии бору мусофиронро пайдо намуд. Ифтитоҳи хатти роҳи оҳани Душанбе – Ваҳдат – Ёвон дар заминаи рушди инфрасохторӣ, иҷтимоии ва иқтисодии Тоҷикистон нақши муҳим мебозад. Он на танҳо барои рушди минтақаҳои маҳаллӣ, балки барои ҳамгироии иқтисодии кишвар ва таҳкими ваҳдати миллӣ таъсири назаррас хоҳад дошт.

Барои суръат бахшидан ба амалишавии лоиҳа, қарор қабул гардид, ки ҷадвали корҳои семоҳа ҷорӣ карда шавад. Ин тадбир бо мақсади беҳтар кардани назорат ва ҳамоҳангии корҳо дар тамоми марҳилаҳои сохтмон андешида шуд. Корҳо дар се марҳила анҷом ёфта, барои ҳар як марҳила коргоҳҳои махсус ташкил шуданд. Барои фароҳам овардани муҳити хуби кории кормандон ва таъмини бехатарии фаъолияти онҳо, бештари коргарон дар қитъаи корӣ ба сар мебаранд [118]. Дар сохтмони иншоот зиёда аз 250 нафар мутахассис ва корманд кор мекарданд, ки барои иҷрои корҳои сохтмонӣ 34 мошини боркаш ва 22 экскаватору булдозер истифода мешуд. Барои таъмини маводҳои лозима ва дастрасии таҷҳизот ба роҳсозон

шартномаҳои сариваќтӣ баста шуданд, ки аҳаммияти бузурги иқтисодӣ ва молиявӣ доштанд.

Ҳамчунин, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ», ки дар соли 2015 қабул шуда буд, махсус ба иҷрои корҳои сохтмонӣ дар лоиҳаи хатти нави роҳи оҳани Душанбе – Қӯрғонтеппа таваҷҷуҳ зикр шудааст [307]. Ҳарчанд муҳлат барои анҷом додани ин лоиҳа то соли 2014 муқарраршуда буд, вале бо сабабҳои мушкилотҳои молиявию техникӣ, лоиҳаи мазкур соли 2016 ба анҷом расид.

Роҳи оҳани Душанбе, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб, ки бо маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гранти Чин сохта шудааст, дарозии он ба 119 км дарозӣ дорад. Арзиши интиқоли як тонна бор аз ин масир тақрибан 37 сомониро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса бо роҳҳои қаблӣ бо хароҷоти то 115 сомонӣ ба маротиб камтар аст. Ин коҳиши хароҷот дар рушди иқтисодиёт нақши муҳим мебозад [220, с. 150].

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми декабри соли 2018 самти мувофиқ барои роҳи оҳан дар қитъаи Ҷалолиддини Балхӣ – Ҷайҳун – Панҷи Поён муайян ва тасдиқ карда шуд. 30-юми декабри соли 2019 байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон созишномае ба имзо расид, ки тибқи он сохтмони роҳи оҳан дар қитъаи Ҷалолиддини Балхӣ – Ҷайҳун – Панҷи Поён амалӣ карда шуд. Лоиҳаи мазкур ба ду кишвар ва дигар иштирокдорони он имкон дод, ки на танҳо иқтисод, балки равобити сиёсӣ ва иҷтимоии худро низ ба сатҳи нав бароранд. Ворид шудани чунин шоҳроҳи нави транзитӣ дар минтақа тавонист марҳалаи нави ҳамкориҳои минтақавиро оғоз намуда, боиси рушди ҳамгироии беҳтари кишварҳо дар бахши нақлиёт ва энергетика гардад.

Бо мақсади беҳтар кардани фаъолияти соҳибкорон, кам кардани хароҷот ва ҳаракати бемайлони мусофирон дар вилояти Хатлон, хатти роҳи оҳани Бохтар – Тирмиз ва нуқтаи гузариши байнидавлатии Амузанг дар соли 2018 барқарор шуд.

Ҳамкориҳои байналмилалӣ ва мақсадноки роҳандозишуда байни кишварҳои минтақа, боиси роҳандозии чандин чораҳо барои дастгирии содирот ва транзити молу маҳсулот гардид. Ба хусус, ҶСК «Российские железные дороги» (РЖД) дар соли 2021 ба КВД-и «Роҳи оҳани Тоҷикистон» сабукии назаррас дар соҳаи боркашонӣ пешниҳод кард. Аз ҷумла, барои боркашонии маҳсулоти зудвайроншаванда дар вагонҳои рефрижераторӣ роҳи оҳани Тоҷикистон, ширкати мазкур сабукии 50%-ро дар қаламрави Русия барои интиқол пешниҳод намуд.

Чунин сабукӣ ба транзити алюминий тавассути Федератсияи Русия то бандари тиҷории Новоросийск пешниҳод карда шуд. Барои воридоти чӯбу тахта Қазоқистон сабукии 30%-ро пешниҳод кардааст, ки ба содироткунандагони мол дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Миёна имкон медиҳад, то ҳаҷми воридоти чӯб ва тахта бо арзиши ками андозҳои боркашонӣ иҷро карда шавад. Барои содироти маҳсулоти кишоварзӣ, ки як соҳаи муҳимми иқтисодии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Миёна мебошад, Қазоқистон сабукии 50%-ро пешниҳод кардааст. Ин амал ба он мусоидат мекунад, ки ҳисоб кардани нархи умумии интиқоли молҳо дар бозорҳои хориҷӣ пасттар шавад ва содирот бо арзиши рақобатпазир амалӣ гардад.

Илова бар ин, барои борҳои транзитӣ, ки тавассути бандари Оқтов-Курик иҷро мешаванд, Ҷумҳурии Қазоқистон сабукии то 50%-ро дар назар гирифтааст. Яъне, барои интиқоли молҳои транзитӣ, ки тавассути бандари баҳрии Қазоқистон интиқол дода мешаванд, тарифҳо паст карда шудаанд, ки барои кишварҳои транзитӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, шароити хуби иқтисодию тиҷорати ва дастрасии беҳтари бозорҳои байналмилалиро фароҳам меорад.

12-уми феврали соли 2021 дар асоси Протоколи баимзорасидаи байни КВД-и «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва ҶС «Роҳи оҳани Ӯзбекистон», барои соли 2021 пешниҳод карда шуд, ки сабукии тарифҳо барои ҳамлунақли борҳо аз 35% то 60% варид карда шавад. Ҳамзамон, дар давоми давраи муайяншуда, яъне аз 01.04.2021 то 30.06.2021 дар қитъаи роҳи оҳани Амузанг

– Келес барои содироти маҳсулоти пиёз сабукӣ то 60% ба тасвиб расида, бо мақсади беҳтар намудани ҳамлунақли молҳо, вақти ҳаракати қатора барои ба нуқтаи таъинот расонидани борҳо 72 соат муқаррар карда шуд [303].

Ҳамин тавр, дар солҳои соҳибистиқлолӣ КВД-и «Роҳи оҳани Тоҷикистон» чандин корҳои назаррасро барои такмили инфрасохтори роҳи оҳан анҷом дод. Аз ҷумла, истгоҳи «Истиқлол» дар қитъаи Суғд, ки дар соли 2008 ба истифода дода шуд, истгоҳи «Хонақо» дар шаҳри Душанбе дар соли 2011, истгоҳи «Ёвар» дар Душанбе дар соли 2015 ва истгоҳи «Айнӣ» дар соли 2018 сохта ба истифода дода шуданд. Дар ин давра корҳои таъмири меҳмонхонаи «Пойтахт» ба маблағи 10,4 млн сомонӣ анҷом дода шуда, беҳбудии инфрасохтори хизматрасонии нақлиётӣ таъмин гардид. Ғайр аз ин, истгоҳҳои «Хатлон», «Кӯлоб», «Данғара», «Шаҳритус» ва «Носири Хусрав» (Хушодӣ) аз таъмири ҷорӣ бароварда шуданд, ки ҳамаи ин тадбирҳо ба сифати хизматрасониҳо ва рушди соҳаи роҳи оҳан кумак расониданд. Барои мисол, барои интиқоли маҳсулоти тезвайроншавандаи кишоварзӣ, ки аз вилояти Хатлон ба минтақаҳои дигари Тоҷикистон ва берун аз он содир мешавад, тахфифи 90 дарсадӣ ҷорӣ шудааст. Ҳамзамон, барои алюминий сабукии 60%, барои гилхок 10%, ва барои семент дар масири байни истгоҳҳои «Ёвон» ва «Амузанг» бо истифодаи нимвагон 50% ва бо вагонҳои болопӯш 40% сабукӣ пешбинӣ шудааст.

Илова бар ин, сабукиҳои алоҳида барои интиқоли намудҳои дигари борҳо низ таъйин гардидаанд. Масалан, барои интиқоли бор аз ҳама истгоҳҳои минтақаи Суғд ба самти истгоҳи «Истиқлол» 20%, аз истгоҳи «Хуҷанд» то истгоҳи «Бекобод» 30%, аз истгоҳҳои «Спитамен» ва Ҷ. Расулов ба самти «Бекобод» 40% ва аз истгоҳи «Исфара» то истгоҳи «Бекобод» барои содироти меваи хушк 30% сабукӣ дода мешавад.

Барномаи давлатӣ барои рушди комплексҳои нақлиётӣ дар Тоҷикистон бо мақсади татбиқи стратегияи рушди иқтисодӣ ва такмили инфрасохтори нақлиёт то соли 2025 таҳия карда шудааст. Мақсади асосӣ дар доираи ин барнома ин аст, ки иқтидори техникии КВД-и «Роҳи оҳани Тоҷикистон»

мустаҳкам гардад ва низоми самараноки нақлиёт ва логистикаи бору мусофирон дар кишвар ва минтақа ташаккул ёбад. Барои расидан ба ин ҳадаф, чораҳои зиёд ҷиҳати рушди инфрасохтори роҳи оҳан, ҷорӣ намудани вагонҳои нав ва таъмини нақлиёти боркашонӣ мусофирбарӣ роҳандозӣ шудаанд.

Дар ҳоли ҳозир, барнома ба барқарорсозии иқтидори техникии роҳи оҳан ва қонеъ кардани талаботи аҳолӣ ва иқтисодиёти кишвар ба нақлиёти бору мусофиркашон диққат медиҳад. Дар доираи он 937 вагони нави боркаш ва мусофирбар харидорӣ ва ба истифода дода шудаанд, ки аз онҳо 769 вагони боркаш ва 168 вагони мусофирбар барои интиқоли молу маҳсулот ва мусофирон ба кор андохта шудаанд. Ин ивазкунӣ ва таҷдид дар оҳа, махсусан дар бахши интиқоли бор, шароити мусоид барои афзоиши ҳаҷми гардиши борҳоро фароҳам оварда, иҷрои нақшаҳои рушди иқтисодии кишварро таъмин мекунад. Дар доираи дигаргуниҳо, 2 вагон-тарабхона ва 7 тепловоз харид карда шуданд. Муҳимтарин дастоварди дигар дар самти мусофирбарӣ фаъол гардидани қатораҳои мусофирбари байналмилалии Кӯлоб – Маскав соли 2006 ва Хуҷанд – Маскав соли 2011 мебошад, ки барои аввалин маротиба дар даврони Истиқлолият фаъол шуданд [261, с. 49].

Баъд аз муваффақиятҳои бадастомада дар ин самт, таваҷҷуҳи махсус ба инфрасохтори роҳи оҳан равона карда шудааст. Дар натиҷа, зиёда аз 34 истгоҳ ва 4 вокзали роҳи оҳан дар қаламрави кишвар таъмир ва аз нав сохта шуданд. Ин таъмиру навсозиҳо бо мақсади беҳтар кардани сифати хизматрасониҳои нақлиётӣ ва ворид кардани технологияи муосир дар соҳаҳои роҳсозӣ, дақиқии пайдарпайии қатораҳо ва таъмини сатҳи баландтари хидматрасонӣ барои мусофирон ва боркашонҳо анҷом ёфт [303].

Роҳҳои оҳан дар системаи нақлиёти Тоҷикистон аҳаммияти калидӣ доранд, зеро қариб 90% интиқоли борҳо тавассути онҳо сурат мегирад. Тақрибан тамоми содирот бештар аз 90% ва воридоти тиҷорати хориҷӣ наздикии 87% аз ҳамин шабака амалӣ мешавад, ки ба нақши назарраси он дар

рушди иқтисоди миллӣ ишора мекунад. Айни ҳол, дар кишвар 944,4 км роҳи оҳани васеъ ва 422 км роҳи камбар фаъол аст.

Роҳи оҳан нақши марказӣ дар интиқоли борҳои хориҷӣ дорад, ки тақрибан 90%-и ҳаҷми умумиро ташкил медиҳад. Ин дар ҳолест, ки 7% боркашонӣ байниноҳиявӣ ва 3% -и дигар ба интиқоли маҳаллӣ рост меояд. Тоҷикистон тавассути ин шабака бо кишварҳои ИДМ табодули молӣ мекунад: аз хориҷ маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва ашёи хом ворид мекунад, дар ҳоле ки аз дохил маҳсулоти коркардшуда ва ашёи содиротӣ, аз ҷумла алюминий, ангишт, консентрати металлҳо, мева, сабзавот ва ғайра содир менамояд.

Дар давраи Шуравӣ «Тоҷикистон бо 30 кишвари ҷаҳон равобити иқтисодӣ дошт, ки дар ҷараёни он барои онҳо яхдон, қолин, арматура, дастгоҳҳои бофандагӣ, пахта, кабел, алюминий ва дигар молҳо истеҳсол мешуданд. Ҳамчунин, роҳи оҳан барои мусофирон низ хизмат мерасонад. Қаторҳои мусофиркашӣ, ба монанди Конибодом – Душанбе, Турсунзода – Душанбе ва Қӯрғонтеппа – Кӯлоб, барои интиқоли мусофирон фаъолият мекунанд, ки боиси рушди тиҷорат ва таҳкими равандҳои иҷтимоии кишвар гаштааст» [165, с.116].

Таҳлилҳо нишон доданд, ки айни ҳол дар парки техникии КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» 2000 вагонҳои боркаш, 424 вагонҳои мусофиркашонӣ, 57 тепловоз ва 42 локомотив мавҷуд буда, барои ҳамлунақли молу маҳсулот ва мусофиркашонӣ хизмат мекунанд [337]. Чӣ тавре, ки маълум карда шуд, танҳо дар соли 2021 тавассути роҳи оҳан 56 млн 81 ҳазор тонна бор ва 443 ҳазор мусофир интиқол ёфтааст, ки ин нисбат ба соли 2020 90,2% афзоиш дар боркашонӣ ва 97,8% афзоиш дар интиқоли мусофиронро нишон медиҳанд.

Афзоиши назарраси ҳаҷми интиқоли боркашонӣ ва мусофирон дар муқоиса бо соли 2020 нишон медиҳад, ки сабаби асосии коҳиш ёфтани ҳаҷми боркашонӣ ва мусофирбарӣ паҳншавии вируси COVID-19 ва маҳдудиятҳо дар рафту омади мусофирон ва интиқоли боркашонӣ буд.

Дар доираи ҳамкориҳои судманд, миёни Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон 20-уми июни соли 2022 хатсайри нави қатора миёни Душанбе ва Тошканд ба истифода дода шуда, то охири сол хатсайрҳои нави қатораҳои мусофирбарӣ, ки байни шаҳрҳои Кӯлоб – Волгоград, Душанбе – Волгоград, ҳамчунин Хуҷанд – Волгоград таъсис ёфта, ба фаъолият шуруъ намуданд [88]. Барои беҳтар кардани шароити интиқоли бор, роҳҳои оҳани Тоҷикистон бо ҷорӣ кардани сабукиҳои нархӣ то 80 дарсад барои боркашонӣ аз Ӯзбекистон мусоидат намуд. Дар натиҷа, ҳаҷми боркашонии транзитӣ ба 7,7 ҳазор тонна расид, ки нишонаи рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад.

Ҳаҷми умумии интиқоли борҳо байни Тоҷикистону Ӯзбекистон, ки дар баробари содироти маҳсулоти кишоварзӣ бо 103 ҳазору 918 тонна ва воридоти молҳо бо 4 млн 504 ҳазор тонна муайян мешавад, ҳамчунин интиқоли мусофирон бо шумори 456,1 ҳазор нафар, гувоҳ аз устуворӣ ва рушди пайвастаи равобити иқтисодӣ ва нақлиётии ду кишвар мебошад. Зиёдшавии содироти маҳсулоти кишоварзӣ, бахусус пиёз ва меваҳои хушк ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон омилҳои асосии афзоиши содиротро ташкил медиҳанд. Дар маҷмуъ, 107 вагон, аз ҷумла 103 вагон боркаш ва 4 вагон мусофирбар, пас аз таъмири асосӣ ба кор андохта шуданд. Ҳамчунин, 1004 вагон, аз ҷумла 898 вагони боркаш ва 106 вагони мусофирбар, пас аз таъмири пойгоҳӣ ба хизматрасонӣ фиристода шуданд. Ҳамаи ин тадбирҳо бо маблағи умумии 20 млн 225 ҳазор сомонӣ ба анҷом расонида шуданд. Таъмини хизматрасонии устувор ва самаранок дар бахши нақлиёт барои минтақаи Осиёи Марказӣ ва барои рушди иқтисодии Тоҷикистон аҳаммияти калон дорад.

Дар ин замина Вазорати нақлиёт дар ҳамкорӣ бо КВД-и «Роҳи оҳани Тоҷикистон» лоиҳаҳои сармоягузории муҳимми навсозии парки вагонҳои мусофирбар ва боркашро таҳия намуд. Лоиҳаи мазкур бо мақсади харидории 1000 адад вагонҳои боркаш ва 30 адад вагонҳои мусофирбар таҳия шудааст. Ин тадбир бо мақсади амиқ кардани ҳамкориҳои дуҷониба ва афзоиши ҳаҷми интиқоли молу маҳсулот ва мусофирон мусоидат менамояд.

Барои ҷалби маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ ба ин лоиҳаҳо, Вазорати нақлиёт ва КВД-и «Роҳи оҳани Тоҷикистон» лоиҳаҳоро ба Вазорати корҳои хориҷӣ ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ пешниҳод намуданд, то манбаъҳои маблағро пайдо кунанд ва ҳамкорӣ бо шарикони рушдро оғоз намоянд. Ин лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба навсозӣ ва такмили инфрасохтори нақлиёт равона шуда, сифати хизматрасониро беҳтар намуда ва рақобатпазирии Тоҷикистонро дар бахши нақлиёти байналмилалӣ тақвият хоҳанд дод [88].

КВД-и «Роҳи оҳани Тоҷикистон» барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва навсозии парки вагонҳо бо Бонки аврупоии таҷдид ва рушд созишномаи пешакӣ ва индикативӣ дар бораи хариди вагонҳои боркаш омода намуда, дар ин самт комёбиҳои муҳимме ба даст овард. Ҳар сол, бо дастгирӣ ва ғамхории Президенти кишвар, тадбирҳои муассир барои беҳтар кардани сатҳи хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт амалӣ карда мешаванд, ки натиҷаҳои назаррас ва зиёдро ба бор меоранд.

Ҳамин тариқ, дар солҳои истиқлоли давлатӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ва дастгирии Созмонҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла Созмони ҳамкориҳои роҳи оҳан, Созмони байналмилалии ҳаракат дар роҳ ва дигар созмону ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ роҳи оҳани Тоҷикистон рушду такомул ёфта, ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Чӣ тавре ки аз таҳлили зербоб маълум мегардад, барои рушди роҳи оҳан, пеш аз ҳама Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таваҷҷуҳи бештар намуда, барои танзим ва идоракунии он КВД-и «Роҳи оҳани Тоҷикистон»-ро таъсис дод, ки дар оянда тавонист, доираи ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалии худро васеъ намояд.

Дар ин давра хатҳои роҳи оҳан нисбатан васеъ гардиданд, ки онҳо ҳам дар дохил ва ҳам берун аз кишвар дар самти ҳамлунақли боркашонӣ ва ҳаракати мусофирон мусоидат намудааст. Дар дохили ҷумҳурӣ, махсусан минтақаҳои саноатӣ (шаҳри Душанбе, Ваҳдат, Ёвон, Бохтар, Кӯлоб) бо роҳи оҳан прайваст гардиданд, ки дар самти боркашонию мусофирбарӣ ва

ҳамчунин, рушди иқтисод ва тиҷорати кишвар саҳми назаррас гузоштааст. Дар баробари ин дар сохтмони роҳҳои оҳан коргарони маҳаллӣ ҷалб карда шуданд, ки ин амал мактаби кормандони роҳи оҳани тоҷикро боз ҳам мустаҳкам намуда, шароити иҷтимоию иқтисодии онҳоро боз ҳам беҳтар гардонидааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо азнавсозӣ ва сохтмони роҳҳои нави оҳан тавонист молу маҳсулоти худро ба кишварҳои хориҷӣ бемамониат интиқол дода, маҳсулотҳои заруриро барои рушди соҳаҳои гуногун ворид намояд.

## 6.3. Таҳаввули авиатсияи гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: марҳала ва равандҳо

Авиатсияи гражданӣ яке аз унсурҳои муҳимми низоми нақлиёти Тоҷикистон ба шумор меравад ва барои аз байн бурдани маҳдудиятҳои коммуникатсионӣ дар кишвар нақши асосӣ дорад. Бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва қатъ гардидани маблағгузории марказӣ, ин бахш дар кишварҳои пасошуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, ба мушкилоти ҷиддӣ рӯбарӯ шуд. Пас аз қатъ шудани дастгирии молиявӣ ва кумакҳои давлатӣ аз марказ, шумораи зиёди ширкатҳои ҳавопаймоӣ бо мушкилоти ҷиддии молиявӣ ва камбуди қисмҳои эҳтиётӣ рӯбарӯ гаштанд, ки ин боиси маҳдуд гардидани фаъолияти роҳҳои ҳавоӣ гардид. Дар баробари ин, ҷанги шаҳрвандӣ ва нооромиҳои сиёсӣ дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба иқтисод ва инфрасохтори нақлиётӣ таъсири манфӣ расонида, равобити байналмилалиро то ҷое суст ва пешрафти авиатсияи дохилиро боздошт.

Бисёре аз мутахассисони соҳа ва коршиносон Тоҷикистонро тарк намуданд. Техника, хусусан сӯзишворӣ, таҷҳизот ва қисмҳои эҳтиётии ҳавопаймоҳо гарон шуд [243, с. 127]. Дар аввали давраи истиқлолият шумораи мусофирон дар парвозҳои ҳавоӣ ба таври ҷиддӣ коҳиш ёфт. Парвозҳои дохилӣ ба шумори Душанбе – Хуҷанд ва қисман Душанбе – Хоруғ пурра қатъ шуданд. Масалан, агар дар солҳои 1980 тавассути ҳавопаймоҳо

тақрибан 2,5 млн нафар мусофир интиқол ёфта бошад, соли 1998 ин шумора то 200 ҳазор нафар коҳиш ёфт [319].

Парки ҳавопаймоҳо ба таври назаррас заиф ва ба ҷумҳурӣ шумораи ками ҳавопаймову чархболҳо ворид гардиданд. Ба замми ҳаммаи мушкилиҳо, соҳаи авиатсияи гражданӣ оҳиста-оҳиста аз нав эҳё мегардид. Дар натиҷа, дар як муддати кӯтоҳ даҳҳо ва садҳо мутахассиси соҳаи авиатсия, аз ҷумла ҳавонавардон, штурманҳо, муҳандисони парвоз, агентҳои хадамоти ташкили нақлиёт, мутахассисони таъминоти радиотехникӣ ва таҷҳизоти авиатсионӣ, бодуҳавошиносон, стюардессаҳо ва дигар коршиносони соҳа омода карда шуданд.

Дар ҳамин ҳол, барои таъмини амнияти авиатсионӣ ва мубориза бо хатарҳои эҳтимолӣ дар фурудгоҳи шаҳри Душанбе дастгоҳҳои муосири хориҷии рентгенӣ-телевизионии навъи «Хейнеман» ва «Ропискап», детектори металлии статсионарии «Метор-250» ва детектори металии дастӣ (таҳвилшаванда) барои сканеркунӣ ва ташхиси бағоч ва мусофирон ворид карда шуда, дар фурудгоҳҳо, махсусан дар фурудгоҳи байналмилалии Душанбе, насб карда шуданд.

Аз соли 1991 то соли 1994 барои ширкати ҳавопаймоии «Тоҷикистон» давраи хеле мураккаб ва пурмасъул маҳсуб меёфт. Новобаста аз он, ки мамлакат дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба бuҳрони сиёсиву иқтисодӣ дучор гардида буд, ин ширкат тавонист хатсайрҳои нави ҳавоиро дар манотиқи Осиёи Марказӣ, Африқо ва Аврупо ташкил намояд. Ин раванд бо дастгирии молиявии, пеш аз ҳама Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки аврупоии таҷдид ва рушд, ширкати сохтмонии ҳиндии «Тани Констракшн Компанӣ», ки навсозии инфрасохтори фурудгоҳҳо, аз ҷумла фурудгоҳи Душанбе маблағгузорӣ намуданд, татбиқ карда мешуд.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ ширкати ҳавопаймоии «Тоҷикистон» ба ҳайати Ҷамъияти байналмилалии алоқаи барқии авиатсионӣ (SITA) қабул гардид, ки ин барои беҳтар гардидани ҳамкориҳои байналмилалии ширкат мусоидат намуда, робитаҳо бо шабакаи ҷаҳонии авиатсионӣ ба сатҳи

баландтар бароварда шаванд. Новобаста аз шароити вазнини иқтисодиву сиёсии малакат, ба даст овардани чунин муваффақиятҳо аз кӯшишҳо барои ҳифзи ва рушди соҳаи авиатсия дар кишвар шаҳодат медиҳанд [336, с. 146-151].

Дар ҳамин давра Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайати Ташкилоти байналмилалии авиатсияи граждан̄ӣ (IKAO) шомил шуда, бо Ассотсиатсияи байналмилалии нақлиёти ҳавоӣ (IATA) шартнома дар бораи расонидани кумак оид ба назорати пардохт барои истифодаи фазои ҳавоиро ба имзо расонид. Ҳамчунин, Созишнома бо Ҷамъияти байналмилалии алоқаи барқии авиатсионӣ (SITA) низ ба тасвиб расонида шуд. Дар давраи кӯтоҳи фаъолият ширкат тавонист равобити ҳавоиро бо чандин кишварҳои хориҷӣ ба роҳ монад, аз ҷумла Эрон, Арабистони Саудӣ, Ҳиндустон, АМА, Покистон, Туркия, Олмон, ҳамчунин бори аввал парвозҳо бо ИМА, Ҷопон ва кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ташкил карда шуданд.

Соли 1992 ширкати миллии ҳавопаймоии «Тоҷикистон» таъсис ёфта, аз аввали моҳи март парвозҳо зери тамғаи он оғоз ёфтанд. Бори аввал сарнишинони ҳавопаймоҳои ҷумҳурӣ 15-уми майи соли 1992 парвози худро зери нишони ширкати авиатсионии «Тоҷикистон» оғоз карданд. Дар ҳамон сол шуъбаи байналмилалии ширкати ҳавопаймоӣ барои роҳандозии парвозҳои мусофирон ба кишварҳои ИДМ ва дигар давлатҳои хориҷӣ кумак расонд. Масалан, хатсайри ҳавоӣ байни Душанбе ва Урумчӣ (Ҷумҳурии Мардумии Чин) ташкил гардид.

Бо дархости коллективи корхонаи ҳавопаймоӣ, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 30-юми август солии 1994, №320 ба тавсиб расид ва рӯзи 3-юми сентябр расман ҳамчун Рӯзи авиатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шуд [14-М, с. 245-254]. Яке аз масъалаҳои меҳварӣ барои ҳавонавардони тоҷик таъсиси роҳҳои байналмилалии парвоз буд, ки аз фазои ҳавоии кишвар убур мекарданд. Бо талошҳои пайвастаи кормандони Хадамоти идоракунии ҳаракати ҳавоӣ, солҳои 1994–1996 дар сарҳадди Тоҷикистон бо Афғонистон чор роҳи нави

байналмилалии ҳавоӣ ташкил карда шуд. Ин иқдом дод, ки Аврупо бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба таври мустақим пайваст гардад ва Тоҷикистон дар шабакаи авиатсионии ҷаҳон нақши транзитии муҳимро ба уҳда гирад [308].

Моҳи марти соли 1995 парвозҳо ба Ҷумҳурии Исломии Покистон оғоз шуда, сипас дар моҳи апрел ба Ҳиндустон, моҳи май ба Афғонистон ва Олмон ҳам парвозҳо роҳандозӣ шуданд. Дар соли 1996 парвозҳо ба Туркия, Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва дигар кишварҳо таъсис ёфтанд. Маврид ба зикр аст, ки аз солҳои 90-уми асри XX чандин хатсайрҳои байналмилалӣ ба кишварҳои Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон ва чандин кишварҳои Аврупову соҳилҳои Баҳри Миёназамин кушода шуданд. Новобаст ба ин, дар соли 1999 шумораи фурудгоҳҳои фаъол дар кишвар ба 10 адад коҳиш ёфт. Парки ҳавопаймо ва чархболҳои мамлакат тақрибан 40 адад техникаро дар бар мегирифт.

Дар солҳои 1995–1996 бо кумаки ширкатҳо ва сармоягузорони хориҷӣ фурудгоҳи Душанбе, пас аз он тирминал ва фурудгоҳҳои шаҳрҳои Хуҷанду Кӯлоб низ таъмиру таҷдид карда шуданд. Ҳамчунин, аз ҳисоби худи корхонаҳо зиёда аз 10 ҳавопаймо ва чархбол ва наздики 150 муҳаррикҳои гуногун аз таъмири капиталӣ баровարда шуданд. Фурудгоҳҳои шаҳри Душанбе, Хуҷанд ва Кӯлоб бо таҷҳизоти муосир ва системаҳои пешрафтаи аэронавигатсионӣ муҷаҳҳаз гардонида шуданд, ки имкон доданд намудҳои гуногуни ҳавопаймоҳои босуръат, аз қабили Ту-154, Ил-76, Boeing ва чархболҳои Ми-8, Ми-26 ва дигар техникаҳои ҳавоӣ аз кишварҳои хориҷӣ қабул карда шавад.

Дар дасолҳои соҳибистиқлолӣ дар фаъолияти фурудгоҳи Кӯлоб тағйироти ҷиддӣ ба амал омад. Нахуст, масири фурудгоҳ то 3000 метр тамдид ёфта, барои ҳавопаймоҳои ИЛ-76 ва ТУ-154 майдонҳои нави таваққуф сохта шуданд. Ҳамчунин, системаи нишасти «СП-80», таҷҳизоти сигналии категорияи якуми «Идман» ва таҷҳизоти метеорологии «КРАМС-4» насб гардиданд.

30-юми декабри соли 1995 дар фурудгоҳи шаҳри Кӯлоб бори аввал ҳавопаймои ТУ-154 бо муваффақият ба замин фуруд омад. Ҳамин тавр, дар соли 1997 ба фурудгоҳи Кӯлоб мақоми фурудгоҳи байналмилалӣ дода шуд.

Кормандони корхонаи ҳавопаймоии «Тоҷикистон» барои омӯзиши нозукиҳои соҳаи авиатсия ва гирифтани малакаи касбӣ ба муассисаҳои таълимии пешрафтаи кишварҳои ИДМ сафарбар карда мешуданд. Онҳо ба колеҷу, донишкада ва донишгоҳҳои авиатсионӣ, ки барномаҳои таълимии мукаммал ва курсҳои тахассусии муосири авиатсия таълим дода мешуданд, донишу таҷриба ва малакаи заруриро аз худ мекарданд. Аз ҷониби корхонаи авиатсионии «Тоҷикистон» як гурӯҳ мутахассисон барои таҳсил ва такмили ихтисос ба чандин марказҳои таълимии бонуфузи авиатсионӣ фиристода шуданд, аз ҷумла ба Коллеҷи парвози Кременчуги Ҷумҳурии Украина, Академияи авиатсияи граждании Санкт-Петербург, Коллеҷи авиатсияи граждании Рилск, Коллеҷи авиатсионӣ-техникии Егоревск ва Институти авиатсияи граждании шаҳри Маскав.

Дар баробари ин, Ҷумҳурии Қазоқистон дар омодасозии мутахассисони соҳаи авиатсия, дастрасии шароити таълим ва мубодилаи таҷриба барои Тоҷикистон нақши назаррас дошт. Кумакҳои касбӣ аз ҷониби мутахассисони Қазоқистон, бахусус дар тайёр кардани халабонҳо ва операторони идоракунии ҳаракати ҳавоӣ, барои рушди ин бахш дар кишвар, бисёр муҳим буданд. Барномаҳои таълимӣ ва машғулиятҳои амалие, ки бо иштироки коршиносони хориҷи кишвар баргузор мегардиданд, ба баланд шудани сатҳи омодагии техникии мутахассисон мусоидат карда, заминаи мустаҳками рушди авиатсияро дар Тоҷикистон ба вуҷуд оварданд. Кумакҳои Қазоқистон дар рушди соҳаи авиатсия на танҳо ба муваффақиятҳои Тоҷикистон дар ин бахш мусоидат кард, балки барои ба роҳ мондани роҳҳои ҳавоии байналмилалӣ ва таъмини шароити ҳамкориҳои муфид дар миқёси ҷаҳонӣ низ аҳаммияти зиёд дошт [243, с. 127].

Ба ифтихори ҷашни 2700-солагии шаҳри Кӯлоб бо дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ бинои фурудгоҳи Кӯлоб ва майдони назди истгоҳ аз таъмири асосӣ

баровада шуда, бо техникаву технологияи муосир муҷаҳаз гардонида шуд. Ҳамин тавр, аз феврали соли 2004 парвози мунтазами чартерӣ аз тариқи хатсайри Маскав – Кӯлоб – Маскав бо ҳавопаймоҳои Оренбург оғоз гардид.

Соли 2004 дар Тоҷикистон 80-солагии авиатсияи гражданӣ ҷашн гирифта шуда, Ширкати давлатии ҳавопаймоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи «Муассисаи давлатии воҳиди ҳавопаймоии Тоҷикистон» иваз карда шуд [267, с. 59].

Дар соли 2005 дар асоси созишномаҳои дуҷониба дар соҳаи алоқаи ҳавоӣ, фурудгоҳҳои Душанбе, Хуҷанд ва Кӯлоб парвозҳои мунтазами зиёда аз 15 ширкати ҳавопаймоӣ аз кишварҳои Қирғизистон, Федератсияи Русия, Эрон, Чин ва Афғонистон дар 24 хатсайрҳои мухталифро ба роҳ монданд [91]. Дар ҳамин раванд, фурудгоҳҳои байналмилалии Душанбе ва Хуҷанд бо таҷҳизоти муосири аэронавигатсионӣ таъмин гардиданд, ки ба талабот ва меъёрҳои Созмони байналмилалии авиатсияи гражданӣ (ICAO) мувофиқат мекунанд.

Бо Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми сентябри соли 2006, №416 Ширкати ҳавопаймоии «Тоҷикистон» ба КВД-и «Тоҷик Эйр» ивази ном кард [330]. Ин қарор боис гардид, ки ширкати ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» низоми муайян кардани тарифҳоро барои интиқоли мусофирону бор, дар хатсайрҳои хориҷӣ ва маҳаллӣ бозбинӣ намуда, ба он ислоҳот ворид намояд. Пас аз ивази номи ширкат ва қабули қарорҳои дахлдор, назорати марказии тарифҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ қатъ карда шуд.

Дар доираи барномаи навсозии парки авиатсионӣ, дар охири соли 2007 «Тоҷик Эйр» 2 ҳавопаймои «Boeing B737-200» ва 1 «Boeing B757-200»-ро харидорӣ намуд, ки парвозҳои мунтазамро бо логотипи ширкати ҳавопаймоии тоҷик анҷом медоданд. Ин ҳавопаймоҳо аз ширкати қирғизии «Eastок Avia FZE», ки иҷорадеҳи «Boeing B737-200» ва ширкати русии «ВИМ-АВИА» буданд, ба иҷора гирифта шуданд. Аммо ҳавопаймоҳои дар боло зикргардида, ба рушди авиатсияи Тоҷикистон на он қадар кумак

расониданд, зеро онҳо, алакай, 20 сол боз истифода шуда, яке аз аввалин тамғаҳои «Boeing» буданд [14-М, с. 245-254].

Ин дигаргуниҳо ба ширкати «Тоҷик Эйр» имконият доданд, то мустақилона ва бидуни дахолат тарифи хизматрасониҳояшро барои ҳамлунақли маҳаллию байналмилалӣ муайян намояд. Раванди мазкур барои ширкати «Тоҷик Эйр» як усули нави идоракунӣ ва самаранокии амалиро таъмин кард, ки ба рушди фаъолият ва афзоиши рақобатпазирӣ дар бозор мусоидат намуд.

Пас аз таҷдиди сохтори ширкати «Тоҷик Эйр» дар соли 2008 ширкат ба ҷамъияти саҳомии кушода табдил ёфт ва назорати он пурра ба дастгоҳи марказӣ гузашт. Ин тағйирот як қадами муҳимми сиёсӣ ва иқтисодӣ барои таҳкими авиатсияи граждании кишвар буд. Бо вуҷуди ин, «Тоҷик Эйр» дар натиҷаи таҷдиди сохторӣ фақат як қисми асосии марҳилаи муҳимро ба анҷом расонид. Ин раванд на танҳо барои бозсозии сохтори ширкат кумак намуд, балки дар натиҷа, ширкат мероси зиёд, аз ҷумла қарзҳои калон ва парки куҳнаи техникаи авиатсионӣ, ки манфиатҳои ширкатро бо мушкилот рӯ ба рӯ месохт, ба даст овард. Таҷдиди сохторӣ, ки бо мақсади беҳтар кардани фаъолияти ширкат ва мусоидат ба рушди он сурат гирифт, наметавонист бо як марҳила анҷом ёбад ва бо гузашти вақт чунин тағйирот ба натиҷаҳои ниҳоӣ ва зиёд шудани рақобатпазирии ширкат мусоидат хоҳад кард.

Парки ҳавопаймоии ширкати «Тоҷик Эйр» аз намудҳои гуногуни техникӣ иборат буд, ки бо пешрафтҳои навтарини технологӣ ҳамоҳанг набуданд ва бештар куҳна ҳисоб мешуданд. Ширкат меросбари 28 ҳавопаймои навъи ТУ-154, ТУ-134, АН-24, АН-28, ЯК-40 ва ҳамчунин 4 чархболи МИ-8 буд, ки ин омил маҳдудиятҳои ҷиддӣ барои самаранокӣ ва қатъияти парвозҳои ширкатро эҷод мекард.

Ҳамчунин, ёдовар бояд шуд, ки дар ин давра танҳо 10 ҳавопаймо ва 3 чархбол дар парки ширкат барои парвоз омода буданд. Миқдори ками техника, ки барои парвозҳо истифода мегардид нишон медиҳад, ки ширкати «Тоҷик Эйр» дар марҳалаи оғози таҷдиди сохторӣ бо мушкилоти ҷиддии

техникӣ ва молиявӣ рӯ ба рӯ гардида буд. Ин ҳолат ифодагари он буд, ки барқарор кардани иқтидор ва таҳкими инфрасохтори соҳаи авиатсияи граждании Тоҷикистон вазифаи душвор ва замина барои рушди минбаъда буд [280, с. 128].Фаъолияти ширкати «Тоҷик Эйр» дар солҳои минбаъда такмил ёфта, аз 35 ҳавопаймоҳои навъи «BOEING 757-200», «BOEING 737-300», «Ма-60», «Ан-28», «Ан-26» ва «Ми-8 МТВ» истифода мекард [325].

Фурудгоҳҳои маҳаллӣ, ки дар вазъи молиявии ногувор қарор доштанд, наметавонистанд фаъолияти худро бо усулҳои нав ба роҳ монанд. Барои беҳтар кардани хизматрасонӣ ва такмили инфрасохтор онҳо ба сармоягузории иловагии бештар ниёз доштанд, ки дастрасӣ ба онҳо маҳдуд буд. Дар натиҷа, фурудгоҳҳои маҳаллӣ ба мушкилоти молиявӣ рӯ ба рӯ шуда, натавонистанд фаъолияти худро дар сатҳи зарурӣ идома диҳанд. Ҳамчунин, фурудгоҳҳои маҳаллӣ бо камбуди миқдор ва сифат дар интиқоли мусофирон низ дучор шуда буданд. Ин ҳолат сабаби мушкилоти ҷиддӣ дар таҳкими инфрасохтор ва идомаи фаъолияти онҳо гардид, ки боиси қатъ шудани фаъолияти 21 фурудгоҳ гардид.

Бо дарназардошти ниёзҳои бозори меҳнат, 1-уми октябри соли 2008, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 491, КВД авиатсионии «Тоҷик Эйр» ба шаш воҳиди мустақили алоҳида ҷудо гардид. Ҳар яке аз ин корхонаҳо фаъолияти худро ҳамчун субъектҳои мустақил бо низоми идоракунии худ ва буҷети ҷудогона оғоз намуданд. Аз ҷумла: КВД-и «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе», КВД «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд», КВД-и «Фурудгоҳи байналмилалии Қӯрғонтеппа», КВД-и «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб», КВД-и авиатсионии «Тоҷик Эйр» ва КВД-и «Тоҷикаэронавигатсия».

Ҳадафи аслии таҷдиди сохторӣ аз таъмини самаранокӣ дар фаъолияти ҳар як фурудгоҳ ва корхонаи авиатсионӣ иборат буд. Чораҳои мазкур бо бо ҳадафи беҳтар намудани сатҳи хизматрасонӣ, боло бурдани масъулият, такмил додани усулҳои идоракунӣ ва рушди инфрасохтори авиатсионӣ дар кишвар амалӣ карда шуданд.

Дар баробари ин, дар фурудгоҳҳои Хуҷанд, Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа сохторҳои махсуси авиатсионӣ таъсис ёфтанд, ки барои назорат ва танзими парвозҳо дар хатсайрҳои дохилӣ ва хориҷӣ масъул буда, иҷрои қоидаҳои парвозро таъмин мекарданд. Бархе аз ин ниҳодҳо ба навоварӣ дар идоракунии фурудгоҳҳо, самаранокӣ дар амалиётҳои парвоз ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба мусофирон ва интиқоли боркашонӣ дар дохил ва хориҷи кишвар равона шудаанд [187, с. 95].

Дар соли 2009 КВД-и «Тоҷикаэронавигация» зиёда аз 16 ҳазор парвозҳо дар фазои ҳавоии кишвар анҷом дод, ки чунин натиҷа як дастоварди муҳимми соҳа шуморида мешуд. Ин нишондоди ширкат ба амалишавии хидматрасонии роҳи ҳавоӣ ва таъмини бехатарии парвозҳо дар кишвар аҳаммияти муҳим дошт. Ҳамин тариқ, дар 8 моҳи аввали соли 2013, шумораи хизматрасониҳои анҷомдодашуда ба 27,463 расид, ки аз 16,368 хизматрасонӣ дар соли 2009 хеле зиёдтар буд. Ин нишондод аз рушди соҳаи авиатсия ва беҳтар шудани инфрасохтор ва хидматрасонии ҳавоии кишвар дарак медод ва заминаи муҳимму рақобатпазирро фароҳам оварда, ба беҳбудии сифат ва беҳтар гардидани хидматрасонӣ мусоидат кард.

Бо дарназардошти зарурати беҳтар кардани имкониятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии кормандони авиатсия 20-уми ноябри соли 2008 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 568, қабул карда шуд, ки тибқи он маҷмааи фарҳангию солимгардонии «Авиатор» таъсис ёфт. Дар ҳамин давраи рушд, дар Тоҷикистон 16 фурудгоҳи наву муосир фаъол буданд ва аз онҳо чор фурудгоҳ мақоми байналмилалӣ доштанд. Бо истифода аз таҷҳизоти муосир ва беҳбуди инфрасохтор, кишвар тавонист хизматрасониҳои босифатро барои мусофирон ва ҳавопаймоҳо пешниҳод намояд [109].

Ҳамин тавр, дар солҳои 2008–2013 чахор фурудгоҳи байналмилалӣ дар Тоҷикистон фаъолият мекард, ки барои такмили инфрасохтори авиатсионӣ ва беҳтарсозии сатҳи хизматрасонии мусофирон ва боркашонӣ мусоидат намуд. Барқарорсозӣ ва навсозии фурудгоҳҳои мавҷуда барои беҳтар кардани хизматрасониҳои ҳавоӣ дар сатҳи маҳаллӣ ва байналмилалӣ нақши калидӣ

дошт. Ин фурудгоҳҳо ҳамчун нуқтаҳои муҳимми воридоту содироти ҳавоӣ ва алоқаи байналмилалиро таъмин мекарданд. Аз ҷумла, фурудгоҳҳои байналмилалии Душанбе ва Хуҷанд ҳамчун нуқтаҳои калидии ҳамлунақл дар Тоҷикистон шинохта шудаанд, ки на танҳо барои мусофирон, балки барои рушди иқтисодиёт ва такмили низоми логистик аҳаммияти зиёд дошта, заминаи муҳимми робитаҳои ҳавоӣ бо дигар кишварҳоро фароҳам оварданд.

Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе, ки яке аз муҳимтарин фурудгоҳҳои кишвар ба шумор меравад. Он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2009, таҳти № 707 ба шакли ҷамъияти саҳомии кушода (ҶСК) табдил дода шуд [81]. Ин тағйирот замима фароҳам овард, то фурудгоҳ имкони ҷалби сармоягузорӣ, беҳтар кардани идоракунӣ ва афзоиши самаранокии хидматрасонӣ дар самти авиатсияро дошта бошад ва ҳамзамон, дар рушди имконоти фурудгоҳ ва рақобатпазирии он дар миқёси байналмилалӣ аҳаммияти калон дошт [187, с. 98].

Соли 2008 авиатсияи граждании Тоҷикистон бо зиёда аз 58 ҳазор км хатсайрҳои ҳавопаймоӣ фаъолият мекард, ки аз пешрафту рушди инфрасохтори авиатсионӣ шаҳодат медод.

Дар соли 2008 авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хатҳои ҳавопаймоии маҳаллӣ ба 188,4 ҳазор мусофир ва дар хатҳои байналмилалӣ ба зиёда аз 709,7 ҳазор мусофир хизматрасонӣ анҷом додааст. Ҳамлунақли ҳавопаймоҳои мусофирбарӣ ва боркашонии маҳаллӣ бештар аз ҷониби КВД-и «Тоҷик Эйр» роҳандозӣ мешуд. Аксари мусофирон аз хатсайрҳои Душанбе – Хуҷанд ва Душанбе – Хоруғ истифода мебурданд, зеро ин самтҳо ба таври муассир ба эҳтиёҷоти сокинони кишвар ҷавобгӯ буданд. Миқдори мусофирон дар ин хатсайрҳо 89 %-и шумораи умумии мусофиркашонии кишварро ташкил медод.

Дар моҳи апрели соли 2009 миёни ҳукуматҳои Тоҷикистон ва Фаронса созишнома оид ба бунёди терминали нав дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе ба имзо расонид. Тибқи шартҳои созишнома, лоиҳаи сохтмони

тирминал арзиши умумии 27 млн евро дошта, 7 млн евро ба ҳиссаи Ҳукумати Тоҷикистон ва 20 млн евро ба ҳиссаи ҷониби Фаронса мансуб буд. Дар чаҳорчӯбаи ин лоиҳа, Ҳукумати Тоҷикистон уҳдадор шуд, то саҳмгузории молиявии худро барои иҷрои сохтмони тирминал таъмин кунад.

Афзоиши шумораи парвозҳо дар як шабонарӯз аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоии Тоҷикистон танҳо дар фурудгоҳҳои шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд мушоҳида мегардид. Дар ин давра дар ҷумҳурӣ шумораи умумии ҳавопаймоҳо 37 адад, аз ҷумла 33 адад ҳавопаймо ва 4 адад чархболро ташкил медод. Таҳлилҳо нишон доданд, ки аз шумораи умумии нақлиёти ҳавоӣ: ҳавопаймоҳо – 45% ва чархболҳо – 75% дар ҳолати коршоям буда, синни миёнаи ҳавопаймоҳо зиёда аз 20 солро ташкил медод [234, с. 146-151].

Соли 2008 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ширкати хусусии «Сомон Эйр», ки фаъолияти худро аз моҳи феврали соли 2008 бо парвозҳо ба самти Маскав оғоз намуда буд, дар муддати кӯтоҳ ба яке аз ширкатҳои муваффақ дар соҳаи авиатсия табдил ёфт. Ҳамзамон, «Сомон Эйр» бо афзоиши парвозҳо ва хатсайрҳои нав, сифати баланди хизматрасонӣ ва ҳамкори бо ширкатҳои авиатсионии байналмилалӣ мусоидат намудааст. Аз соли 2009 «Сомон Эй» парвозҳоро ба кишварҳои хориҷии дур шуруъ карда, ба системаи BSP дохил шуд ва аввалин шуда аз Тоҷикистон ба Олмон парвоз кард*.

Парвозҳо асосан бо ҳавопаймоҳои «Як-40», «Ан-28», «Ан-24», «Ан-26» ва «Boeing 737/200» анҷом дода мешуданд. Аввалин ҳавопаймои ҷадиди турбовинтӣ, ки ширкати «Тоҷик Эйр» дар охири соли 2011 мавриди истифода қарор дод, ин тамғаи «МА-60» буд, ки дар Ҷумҳурии Мардумии Чин истеҳсол карда шуда буд. Бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то аввали соли 2013 ҳамагӣ се ширкати ҳавопаймоӣ «Тоҷик Эйр», «Сомон Эйр», ва «Ист Эйр» фаъолият мекарданд. Моҳи феврали соли 2013 дар авиатсияи Тоҷикистон ширкати нави хусусии ҳавопаймоӣ «Asian

* BSP системаи ҳисоббаробаркунӣ мебошад, ки бо мақсади содда кардани раванди бақайдгирии парвозҳо, омода кардани ҳисоботҳо дар бораи фурӯш ва гузаронидани ҳисоббаробаркунӣ байни Агентҳо ва Ширкатҳои Ҳавопаймоӣ барои хидматҳои расонидашуда сохта шудааст.

Exprеss Airlines» ба кор шуруъ карда, ҳавопаймоҳои истеҳсоли давлатҳои Ғарбро ба фурудгоҳи шаҳри Душанбе ворид намуд.

Қайд кардан зарур аст, ки ширкатҳои ҳавопаймоии миллӣ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз ҷумҳурӣ ба мусофиркашонию боркашонӣ машғул гардида, дар ин давра шумораи парвозҳо дар як ҳафта ба 86 маротиба мерасид.

Дар ҳудуди ҷумҳурӣ парвози ҳавопаймоӣ ба самти Душанбе – Хуҷанд – Душанбе, Душанбе – Панҷакент – Душанбе, Душанбе – Хоруғ – Душанбе анҷом дода мешаванд. Илова бар ин, аз рӯйи талаботи мусофирон, парвозҳо ба Душанбе – Ванҷ – Душанбе, Душанбе – Калъаи Хумб – Душанбе, Душанбе – Ғарм – Душанбе, Душанбе – Ҷиргатол (ҳоло Лахш) – Душанбе анҷом дода мешуданд. Айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 ширкати ҳавопаймоии хориҷӣ ба 36 хатсайр дар як ҳафта 92 парвоз анҷом медиҳанд.

Дар хатсайрҳои ҳавопаймоӣ, ба ҷуз тарифҳои «Бизнес-класс», «Оила», «Ҷавонон», «Сайёҳӣ», ҳамчунин «Донишҷӯ», ки бо тасдиқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми вохӯрӣ бо тоҷикони муқими Русия изҳор карда шуда буд, ҷорӣ карда шуданд.

Дар соли 2008 тавассути нақлиёти ҳавоӣ дар ҷумҳурӣ ба 1349,5 ҳазор мусофир хизматрасонӣ карда шудааст, ки хизматрасонӣ ба 609,5 ҳазор мусофирон аз ин шумора тавассути ширкатҳои ватанӣ анҷом дода шудааст. Дар ҳамин давраи таҳқиқ, ҳаҷми мусофиркашонӣ тариқи ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷӣ нисбат ба соли 2007 қариб 112,8% ва ширкатҳои ватанӣ 123,5% афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми боркашонӣ 117,5 % афзуда, гардиши мол 4 млн 918 ҳазор тонна, аз ҷумла: КВД-и «Тоҷик Эйр» – 5113,5 ҳазор, тонна км, «Сомон Эйр» – 194,7 ҳазор тонна км ташкил дод. Дар соли 2009 шумораи мусофироне, ки аз нақлиёти ҳавоӣ истифода бурданд, ба 727,2 ҳазор нафар расид, ки ин нишондиҳанда қариб 18 дарсад аз соли 2008 зиёд аст. Дар ин давра бо нақлиёти ҳавоӣ 2480,68 тонна бор интиқол дода шуд, ки аз он 1,6 ҳазор тонна ба КВД-и «Тоҷик Эйр» ва 0,6 ҳазор тонна ба ширкати ҳавопаймоии «Сомон Эйр» тааллуқ дошт [193].

Интиқоли байналмилалии мусофирон тавассути ҳавопаймоҳо, асосан байни Тоҷикистон ва Русия (87%), Чин (4,7%) ва Туркия (4,1%), ҳамчунин Қазоқистон, Қирғизистон, Эрон ва АМА амалӣ карда мешуд. Ба ҳиссаи ҳавопаймоҳои ватанӣ тақрибан 45% интиқоли мусофирони байналмилалӣ рост омада аст.

Ҳарчанд ширкатҳои миллии авиатсионӣ фаъол буданд, аз соли 2007 ширкати «Ист Эйр», бахши «Easton Avia FZE», ба бозори ҳавопаймоии Тоҷикистон ворид гардид. Фаъолияти он асосан ба лизинг ва хизматрасонии ҳавопаймо равона шуд. Дар солҳои 2007–2011 ширкати ҳавонавардии «Ист Эйр» бо ду ширкати миллӣ – «Тоҷик Эйр» ва «Сомон Эйр» робитаҳои ҳамкории стратегиро ба роҳ монд. Дар муддати кӯтоҳ, ширкати мазкур тавонист мавқеи худро дар бозорҳои хатсайрҳои байналмилалӣ устувор намуда, нишондиҳандаҳои баланд ба даст орад. Барои таҳлил агар дар соли 2012 ҳамагӣ ба 53 ҳазор мусофир хизмат расонида шуда бошад, пас дар соли 2013 ин нишондод ба 209 ҳазор мерасид, ки беш аз панҷ маротиба афзоишро нишон медиҳад. Ин ширкати парвозҳоро аз фурудгоҳҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб ба шаҳрҳои Федератсияи Русия, аз қабили Маскав, Санкт-Петербург, Қазон, Новосибирск, Екатеринбург ва Оренбург амалӣ менамуд [187, с. 249].

Моҳи октябри соли 2009 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои анҷоми корҳои бунёд ва таҷҳизи тирминали Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе 5 млн евро ҷудо намуд. Ин иқдом ба афзоиши иқтидор ва фаъолияти фурудгоҳ, ҳамчунин, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ мусоидат намуд [251]. Иҷрои лоиҳаи мазкур ба ширкати фаронсавии «Alpha Airport ва Sofema Group» вогузор карда шуд. Аммо бо сабаби аз ҷониби ширкати фаронсавӣ талаб кардани маблағҳои иловагӣ, боиси боздоштани лоиҳа гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ, 15-уми апрели соли 2009 қайд намуданд, ки: «Вазъи мураккаби иқтисоди ҷаҳонӣ моро водор месозад, ки барои беҳтар кардани сифату самаранокии хизматрасонии соҳаи нақлиёт ва алоқа аз технологияҳои пешрафта истифода барем. Дар ин замина, рушди нақлиёти ҳавоӣ низ бояд суръат гирифта,

такони қавӣ гирад. Дар соли гузашта сохтори соҳаи нақлиёт таҳти ислоҳот қарор гирифт ва ҳоло зарур аст, ки инфрасохтори фурудгоҳҳо ва авиатсия бо талаботи иқтисоди миллӣ ва меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардад. Ғайр аз ин, бояд шумораи хатсайрҳои парвозии ширкатҳои дохиливу хориҷӣ зиёд шуда, барои беҳбуди сифат, бехатарӣ ва арзон кардани хизматрасонии ҳавопаймоӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад» [5].

Дар чунин шароит Вазорати нақлиёт ва коммуникатсия ҳамроҳ бо КВД-и «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» вазифадор шуданд, ки хизматрасонии фурудгоҳи Душанберо бо талаботи байналмилалӣ таъмин намоянд. Дар доираи ин барнома, сохтмони тирминали нави стандарти ҷаҳонӣ бо арзиши 140 млн сомонӣ тарҳрезӣ шуд, ки ин иқдом барои рушди инфрасохтор ва мутобиқсозии он ба меъёрҳои байналмилалӣ аҳаммияти калон дошт [5]. Ин иқдом, ки ба ҳалли масъалаҳои навсозии инфрасохтор ва таҳкими бехатарии парвозҳо равона шудааст, боиси густариши равандҳои авиатсионӣ ва беҳтар шудани хидматрасонӣ дар фурудгоҳ хоҳад шуд [19-М, 205-210].

Дар муддати кӯтоҳ ширкати «Сомон Эйр» натиҷаҳои назаррас нишон дод. Тибқи маълумот, дар соли 2009 ширкати мазкур наздики 140 ҳазор мусофирро интиқол дода буд, аммо то моҳи августи соли 2013 шумори онҳо аз 300 ҳазор нафар гузашт. Илова бар ин, ҳаҷми умумии борҳои интиқолёфта низ босуръат афзоиш ёфта, аз нишондиҳандаи 760 тонна боло рафт. Комёбиҳои назаррас, асосан пас аз ворид намудани ҳавопаймоҳои муосиру пешрафтаи тамғаҳои «Boeing» ва «Аэробус» мушоҳида гардид.

Ҳамзамон, ширкати «Сомон Эйр» бо таълим ва омодасозии мутахассисони баландпоя муваффақиятҳои бештарро соҳиб гардид, ки дар баланд бардоштани сифати хидматрасонӣ ва эътимоди мусофирон ба ширкат кумак намуданд.

Ширкати «Сомон Эйр» дар тули чанд соли охир қадамҳои муҳим ва устуворро барои модернизатсия ва рушд дар соҳаи авиатсия гузошт. Моҳи

июни соли 2008 ширкат аввалин ҳавопаймои «Boeing 737-400»-ро ворид намуд. Бо пешрафт дар амалишавии лоиҳаҳои худ, дар октябри ҳамон сол, ҳавопаймои Boeing «737-800»-ро низ ворид кард, ки онро ба номи Исмоили Сомонӣ номгузорӣ карданд. Дар аввали соли 2009 ширкат як ҳавопаймои «Boeing 737-800»-и дигарро низ ворид намуд, ки он ба шарафи нависандаи маъруфи тоҷик ва Қаҳрамони Тоҷикистон – Садриддин Айнӣ номгузорӣ шуд. Ин иқдоми наҷибонаи ширкат дар эҳтиром ва арҷгузорӣ ба шахсиятҳои бузург ва фарҳангии кишвар маҳсуб меёфт.

Ширкати «Сомон Эйр» соли 2010 дар шароити иҷораи молиявӣ, «Boeing 737-800»-ро ба кор бурд, ки иқдоми хеле муассир ва пурмаҳсул буд. Дар идомаи фаъолият ширкат соли 2011 бо истифода аз захираҳои қарзии молиявӣ чор адад ҳавопайморо ба парки худ илова намуд [302]. Моҳи августи соли 2010 ширкат тавассути 80 млн доллар қарз аз Бонки давлатии содироту воридоти ИМА барои давраи даҳсола, нахустин ҳавопаймои «Boeing 737-900 ER»-ро ба ихтиёри худ ворид намуд.

Моҳи октябри соли 2011 ширкати «Сомон Эйр» ба парки ҳавопаймоии худ тамғаи нави «Boeing 737-900»-ро ворид намуд ва бо ин сатҳи хизматрасонии ширкат ба маротиб беҳтар гашт. Ҳавопаймоҳои «Boeing 737-900»-и дуюм ва сеюм низ ба номи шахсиятҳои машҳур ва номии кишвар гузошта шуданд. Дар ин давра, ширкати мазкур ба узвияти Созмони байналмилалии авиатсияи граждании, ки ба он 191 кишвар ворид аст, қабул гардид. Ҳамзамон, ширкат бо чандин созмони авиатсионӣ, аз ҷумла «DUL», «HYATT», «DNATA», «FAAPORT», «THY» ва «BOEING» ҳамкории фаъолро роҳандозӣ намудааст [187, с. 255].

11-уми октябри соли 2017 ширкати «Сомон Эйр» ба узвияти Ассотсиатсияи байналмилалии нақлиёти ҳавоӣ (IATA) пазируфта шуд [339]. Яке аз бартариҳои калидии «Сомон Эйр» ҳамчун узви IATA бастани шартномаҳои «интерлайн»* ва «код-шеринг»* бо интиқолдиҳандагони

* Интерлайн- созишномаест, ки ба ширкати ҳавопаймоӣ имкон медиҳад, ки барои парвозҳои ширкати ҳавопаймоии шарик фармоиш диҳад. Дар натиҷа, мусофире, ки хатсайри он парвозҳои ширкатҳои

маъруфи байналмилалӣ мебошад. Ширкати «Сомон Эйр» аввалин ширкати ҳавопаймоӣ дар Тоҷикистон ва сеюм дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад, ки ба гирифтани шаҳодатномаи узвият дар IATA комёб гаштааст. Ассотсиатсияи байналмилалии нақлиёти ҳавоӣ (IATA) ҳамчун як ниҳоди байналмилалӣ фаъолият карда, аз манфиатҳои ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва бахши нақлиёти ҳавоии ҷаҳон дар сатҳи байналмилалӣ пуштибонӣ мекунад.

Айни ҳол, ширкати «Сомон Эйр» парвозҳоро ба самти Олмон, АМА, Туркия, Чин, Русия ва Қазоқистон бо ҳавопаймоҳои «Boeing 737-300,-800 ва -900» анҷом медиҳад [339].

Соли 2013 ширкатҳои ҳавопаймоии кишвар дар доираи 46 хатсайр 97 парвоз анҷом дода, шумораи мусофирони интиқолёфтаро беш аз 680 ҳазор расониданд. ҶДММ-и «Тоҷик Эйр» тақрибан 249 ҳазор, ҶДММ-и «Сомон Эйр» 306 ҳазор ва ҶДММ-и «Ист Эйр» зиёда аз 124 ҳазор ба мусофирро интиқол доданд. Ҳамзамон, парки авиатсионӣ бо иштироки 17 ширкати хориҷӣ фаъол буда, дар 52 хатсайр 114 парвоз амалӣ карда шуд. Ҳамчунин, фурудгоҳҳои байналмилалии Тоҷикистон зиёда аз 1,4 млн мусофирро қабул ва хизматрасонӣ карданд, ки бештари онҳо тақрибан 1,38 млн нафар мусофирон парвозҳои хориҷӣ анҷом додаанд.

Бо вуҷуди муваффақиятҳои назаррас дар интиқоли мусофирон, соҳаи авиатсия дар интиқоли боркашонӣ ҳанӯз бо миқдори кам ва дар сатҳи паст қарор дошт. Ширкатҳои ҳавопаймоии Тоҷикистон танҳо 1,5 ҳазор тонна борро интиқол доданд, ки ин ҳолат аз сатҳи ками интиқоли боркашонӣ хабар медиҳад.

Дар аввали соли 2013 ширкати фаронсавии «ВИНСИ» бо мақсади бозсозӣ ва беҳтар кардани инфрасохтори «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» ба сохтмони тирминали нави он шуруъ намуд. Сохтмони тирминал, ки аз ҷониби мутахассисони ширкати мазкур ба роҳ монда шуда

---

ҳавопаймоии гуногунро дар бар мегирад, бояд танҳо як чипта харад. Ин парвозҳоро парвозҳои пайвасткунанда меноманд.

* Код-шеринг (амалиёти муштараки парвозҳо) як шакли ҳамкории байни ширкатҳои ҳавопаймоӣ мебошад, ки дар он як самт аз ҷониби ду ё якчанд интиқолдиҳанда хидматрасонӣ карда мешавад.

буд, бо вуҷуди камбуди техникӣ ва дигар ҷузъиётҳо, дар муддати 20 моҳ ба итмом расид ва тирминал ба истифода дода шуд. Дар азнавсозии тирминал зиёда аз 110 нафар мутахассиси маҳаллӣ ҷалб шуданд, ки ин аз дастгирӣ ва таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба кор таъмин кардани аҳолии маҳаллӣ дарак медиҳад.

Тирминали нави фурудгоҳ дар масоҳати 11 ҳазор $м^2$ ва бо маблағи умумии беш аз 280 млн сомонӣ бунёд шуд. Бо вуҷуди ин, тирминал метавонад ба 500 мусофир дар як соат хизмат расонад ва омода аст, ки ҳаҷми бузурги мусофиронро дар сатҳи байналмилалӣ қабул намояд [38].

3-юми сентябри соли 2014 маросими расмии ифтитоҳи тирминали нави «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» баргузор шуд, ки дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иштирок дошт. Дар суханронӣ худ Эмомалӣ Раҳмон таъкид кард, ки: «тирминали нав на танҳо инфрасохторро тақвият медиҳад, балки сифати хизматрасонӣ, амнияти парвозҳо ва ҳамкориҳои байналмилалиро дар авиатсия тақвият медиҳад» [328].

Дар соли 2015 ширкати ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» ба сифати яке аз ширкатҳои пешқадами авиатсияи Тоҷикистон фаъолият мекард. Ширкат дорои 36 ҳавопаймо буда, танҳо 5 ададаш дар ҳолати корбарӣ қарор дошт. 31 ҳавопаймо дар ҳолати нигоҳдорӣ ва таъмир буданд. Бо вуҷуди ин, ширкат дар ин сол ба натиҷаҳои назаррас расид. Ҳавопаймоҳои ширкат 3 062 парвози маҳаллӣ ва байналмилалӣ анҷом дода, 311 800 мусофирро интиқол доданд. Интиқоли мусофирон дар хатҳои ҳавоии байналмилалӣ ба 272 660 мусофир мерасид. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ширкат бо вуҷуди камбудиҳои техникии ҷойдошта, тавассути имкониятҳои мавҷуда, тавонист ба теъдоди зиёди мусофирон хизматрасонӣ намояд.

Дар ин давра, ҳаракати мусофирон дар хатҳои дохилӣ беш аз ду маротиба, ба 39140 мусофир расонида шуд. Бо вуҷуди мушкилоти ҷойдошта, ширкат тавонист ҳаҷми парвозҳо ва ҳаракати мусофиронро васеъ намуда, талаботи онҳоро қонеъ гардонад [181].

Соли 2017 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти куллии бахши авиатсияи гражданӣ оғоз ёфт. Ваколатҳои идоракунӣ ба Вазорати нақлиёт вогузор шуда, соли 2018 бо қарори Ҳукумат Агентии авиатсияи гражданӣ бо се шуъба таъсис дода шуд: сиёсати идоракунӣ, назорату сертификатсия ва таъмини амнияти парвозҳо. Ин раванд талаботи таҳияи стратегия ва қоидаҳои махсусро барои такмили сатҳи амнияти ҳавопаймо ба вуҷуд оварда, мавқеи Тоҷикистонро дар бозори ҷаҳонии хизматрасониҳои авиатсионӣ тақвият мебахшад [208].

Дар давраи охир дар соҳаи авиатсияи гражданини Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила дастовардҳои назаррас ба амал омадаанд. Бо мақсади иҷрои талаботи муосир, таҷҳизоти аэронавигатсионӣ бо технологияи пешрафта, аз ҷумла таҷҳизоти рақамии «СМАРТ-Т», ду пойгоҳи обуҳавошиносии нав барои фурудгоҳ ва чор системаи нави радионавигатсионӣ (радиоплигатор) дар чор фурудгоҳи байналмилалӣ насб карда шуданд. Илова бар ин, ҳафт радиостансияи алоқаи ҳавоӣ (ДМДМ) дар фурудгоҳҳои байналмилалии кишвар ва минтақаҳои ноҳияи Данғара, шаҳри Истаравшан ва Мурғоб ба истифода супурда шуданд. Бо вуҷуди ин, бозори транзитии Тоҷикистон асосан аз ҷониби ширкатҳои ҳавоии бузурги хориҷӣ истифода мешуд. Дар аксар мавридҳо, парвозҳои анъанавӣ аз Аврупо ва Осиё ба Тоҷикистон тавассути ширкатҳои байналмилалӣ анҷом дода мешаванд.

Яке аз мушкилоти асосии соҳа дар ин раванд заифии низоми хизматрасониҳои мусофирон ва боркашонӣ дар бозори ҷаҳонӣ мебошад, ки бояд бо тадбирҳои муассир ҳаллу фасл шавад. Барои ташкили парвозҳо, ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ бояд бо экспедиторҳои маҳаллӣ, брокерҳо ва агентиҳои байналмилалӣ ҳамкории самаранок дошта бошанд. Ҳоло, танҳо як қисми хурди истеъмолгарони хизматрасониҳои нақлиётӣ дар ҷаҳон бо интиқолдиҳандагони хизматрасониҳои авиатсияи Тоҷикистон ошноӣ доранд. Бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ ва экспедиторӣ дар сатҳи зарурии рушд қарор надорад.

Тибқи ҳисоботҳои коршиносони Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (OECD), афзоиши 10 дарсади самаранокии системаи нақлиётии кишвар метавонад ба афзоиши 0,8 дарсади маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мусоидат кунад.

Нақлиёти ҳавоӣ дар бахши логистик байналмилалӣ имрӯз соҳаи махсуси интиқоли боркашонӣ ва мусофирон дар саросари ҷаҳон мебошад, ки бо рушди назария ва амалияи логистик дар замон ва макон пайваста рушд мекунад. Ин намуди нақлиёт, ки яке аз зудтарин воситаҳои ҳаракати боркашонӣ аст, асосан барои интиқоли мусофирон ба масофаи зиёда аз ҳазор км истифода мешавад. Ҳаво барои интиқоли маҳсулоти тезвайроншаванда ва борҳои қиматбаҳо, ҳамчунин почта, асосан ба кор бурда мешавад.

Дар даврони истиқлол, ба хотири таъмини рақобатпазирӣ ва беҳтар кардани сифати хизматрасонии мусофирон, аз соли 2006 то кунун 16 адад тайёраҳои муосири «Боинг» ва «МА» харидорӣ шудаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки воридшавии ҳавопаймоҳои мазкур ба афзоиши ҳаҷми хизматрасонии мусофирон мусоидат карда, суръати миёнаи рушди мусофирбарӣ дар ширкатҳои ватанӣ дар солҳои 2006–2012 ба 55% расидааст. Масалан, ҳаҷми мусофирбарӣ дар соли 2012 нисбат ба соли 2011 ба андозаи 15,7%, нисбат ба соли 2010-23,9%, нисбат ба соли 2008-58,4% ва нисбат ба соли 2006-2,3% зиёд гардид [261, с. 50].

Ҳамин тариқ, дар соли 2012 ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ ва хориҷӣ ба 2,2 млн нафар мусофирон хизмат расонидаанд, ки ин нишондод нисбат ба соли 2006 беш аз 2,6 маротиб афзоиш ёфтааст. Ҳиссаи ширкатҳои миллии Тоҷикистон дар интиқоли мусофирон ва боркашонӣ низ дар ин муддат аз 33 то 44 дарсад зиёд шуда, авиатсияи мамлакат рушд кардааст. Бо таъсиси хатсайрҳои нав дар дохил ва хориҷӣ кишвар, аз ҷумла роҳандозии хатсайрҳои нави байналмилалӣ ба кишварҳои ҷаҳон, ҳамчунин бо имзои созишномаҳои ҳамкорӣ бо 17 кишвари хориҷӣ, имкониятҳои транзити ҳавоӣ ва хизматрасонии мусофиронкашонӣ дар Тоҷикистон васеъ гардид.

Соҳаи авиатсия дар кишвар ҳамоно, ба мушкилиҳои ҷиддӣ рӯбарӯ буда, шумори мусофирони байналмилалӣ солона ҳудуди 500 ҳазор ва дохилӣ тақрибан 200 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Ҳамлунақли бор тавассути роҳи ҳавоӣ хеле паст аст. Дар баробари ин, тадбирҳои ҷиддӣ барои беҳбудии инфрасохтори фурудгоҳҳо ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ амалӣ карда шуданд. Масалан, таҷдиди тирминалҳои мусофирбарӣ ва бунёди иншооти нав дар фурудгоҳҳои Хоруғ, Хуҷанд ва Душанбе, ки бо иштироки ширкатҳои байналмилалӣ ба анҷом расид, ба афзоиши иқтидори фурудгоҳҳо ва беҳтаршавии хизматрасонии мусофирон мусоидат намуд. Ин равандҳо на танҳо сатҳи хизматрасониро беҳтар намуда, балки Тоҷикистонро ҳамчун кишвари транзитӣ дар минтақа муаррифӣ мекунанд.

## 6.4. Ҳамкориҳои байналмилалӣ ва рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири асри XX ва аввали асри XXI

9-уми сентябри соли 1991 барои миллати тоҷик муҳимтарин воқеаи таърихӣ ба ҳисоб меравад, чунки маҳз дар ҳамин рӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлоли давлатии худро ба даст овард. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан, роҳбарияти олии мамлакат, ба таҳкими низоми нақлиётӣ ҳам дар дохил ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир менамуд. Мақсад аз роҳандозии алоқаҳо, устувор гардонидани пайвастагии мустақими мутақобила бо дигар давлатҳо, рушди ҳамлунақл маҳсуб меёфт. Дар ин замина, сохтмону таҷдиди роҳҳо имкониятҳои транзитии кишварро афзоиш дода, Тоҷикистонро ба як ҳалқаи муҳимми алоқаи нақлиётӣ дар минтақа табдил дод. Тоҷикистон бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофии худ, ки дар маркази қитъаи Осиё ҷой гирифтааст, аҳаммияти стратегӣ дорад ва метавонад ҳамчун пайвандгари муҳимми кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Ховари Миёна ва қитъаи Аврупо баромад намояд [97]. Мавқеи транзитии кишвар имконият медиҳад, ки он нақши калидии пайвасткунандаро дар равандҳои ҳамгироии минтақавию байналмилалӣ иҷро намояд. Дар ҳамин асос такмилу азнавсозии роҳҳои ҷумҳурӣ ҳамчун пайвандгари стратегии байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ва дигар кишварҳо хидмат

намуда, ба рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва транзитӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Барои татбиқи чунин лоиҳаҳои бузург, зарурати ҳамкории бештар миёни давлатҳои минтақа ва созмонҳои байналмилалӣ ба миён меояд. Ин ҳамкорӣ бояд дар заминаи сохтмони роҳҳои нави нақлиётӣ, таҷдиди инфрасохтори нақлиётӣ ва беҳтар намудани шароити интиқоли боркашонӣ ва мусофирон равона шавад.

Яке аз самтҳои муҳимми такмили ҳамлунақли байналмилалӣ - истифодаи технологияи муосир дар тирминалҳо мебошад. Технологияи муосир имкон медиҳад, ки ҳаракати боркашонии нақлиёти автомобилӣ мунтазам ба роҳ монда шуда, раванди корҳои борфарорӣ ва боркунӣ ба таври худкор роҳандозӣ шавад, ки ин ҳолат самаранокии интиқоли борҳои воридотию содиротиро таъмин мекунад. Масъалаи мазкур дар пажӯҳиши Р.С. Бобиев мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф дар таҳқиқоти худ ҷанбаҳои асосии ин равандро ба таври муфассал нишон додааст [278].

Рушди истеҳсолот, саноат ва инфрасохтори роҳҳо ҳамчун заминаи муҳимми табдили Тоҷикистон ба давлати транзитӣ хизмат мекунад, ки баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ҳамчун ҳадафи стратегӣ муайян шудааст. Дар ин раванд нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳалкунанда буда, иқдомҳои созандагии роҳбарият рушди иқтисод ва нақлиётро таъмин менамоянд. Самаранокии хизматрасониҳои нақлиётӣ ва логистик калиди қонеъсозии талаботи бозор дар оянда ба шумор меравад [191, с. 81-85]. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми соли 2018 таъкид намуданд, ки «барои беҳбуди инфрасохтори нақлиёт ва логистик, аз ҷумла бунёди тирминалҳои сарҳаддӣ, таъмини дастрасӣ ба бандарҳои баҳрӣ ва навсозии техникаи нақлиётӣ, тадбирҳои зарурӣ бояд амалӣ гарданд» [15]. Роҳбари давлат дастур доданд, ки барои амалӣ кардани ин ҳадафҳо, бояд дар бунёди тирминалҳои наздисарҳаддӣ ва марказҳои логистик корҳо дуруст ба роҳ монда шаванд, то ба беҳтар шудани ҳамлунақли маҳсулот ва афзоиши тиҷорати кишвар мусоидат намоянд.

Рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат, таъмини низоми логистик гузариши иқтисодиёт ба сатҳи сифатан нав, рушди робитаҳои бйналмилалии нақлиётию тиҷоратии кишвар, таъмини сатҳу сифати зарурии инфрасохтори нақлиётию логистик яке аз ҳадафҳои асосии давлату ҳукумати ҷумҳурӣ мебошад [189, с. 155-157]. Чӣ тавре ки дар боло қайд намудем, бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофии худ, Тоҷикистон метавонад ҳамчун як пайванди муҳимми иртиботӣ байни халқҳо ва тамаддунҳои гуногун хидмат намояд. Ин ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки ҳамчун пайвандгари муоширាву ҳамкориҳо миёни давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Шарқи Наздик ва қитъаи Аврупо баромад намояд [201, с. 97-110].

Нақши инфрасохтори нақлиётӣ ва логистик то андозае ба рушди иқтисоди минтақа вобаста аст, зеро маҳз тавассути онҳо қисми зиёди молу маҳсулоти истеҳсолшуда ба бозорҳои хориҷӣ содирот мегардад. Самаранок истифода бурдани захираҳои транзитии кишвар на танҳо ба рушди инфрасохтори нақлиётии минтақа аҳаммияти зиёд дорад, ҳамзамон, яке аз омилҳои асосии таҳкими фаъолияти иқтисодӣ дар сатҳи миллӣ низ ба ҳисоб меравад [95, с. 112-115]. Таъмиру таҷдиди роҳҳои аҳаммияти транзитии байналмилалидошта дар таҳкими иқтисодиёти кишвар нақши назаррас доранд. Аз давраҳои қадим нақлиёт воситаи муттаҳидсозии халқҳо ва кишварҳо дар рушди иқтисодиёт, иҷтимоиёт, тиҷорат, фарҳанг ба шумор мерафт. Кишварҳои Осиёи Марказӣ бо ҷойгиршавии мавқеи стратегӣ дар чорроҳаи Авруосиё нақши калидӣ дар ташаккули долонҳои байналмилалии нақлиётӣ доранд. Рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, на танҳо ба тиҷорати дохилӣ, балки ба ҳамгироии минтақавӣ ва воридшавӣ ба занҷирҳои ҷаҳонии таъминот мусоидат мекунад, ки дар доираи ташаббуси Чин «Як камарбанд як роҳ» аҳаммияти махсус касб намудааст [161, с. 114-121].

Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба ин масъала соли 2014 чунин таъкид карда буданд: «Роҳҳои нақлиёти автомобилӣ дар қаламрави кишвар барои таҳкими робитаҳои транзитӣ ва рушди иқтисодӣ

накши муҳим доранд. Онҳо ба як шабакаи мустаҳками наклиётӣ пайваст гардида, ба кишвар имкон медиҳанд, ки ҳамчун маркази муҳимми стратегӣ барои интиқоли молу маҳсулот байни кишварҳои гуногун хидмат намояд» [10].

Вобаста ба ин, дар доираи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, чандин долонҳои наклиётӣ мавҷуданд, ки барои транзити борҳо, кашонидани мусофирон ва таҳкими робитаҳои сиёсию иқтисодӣ аҳаммияти зиёд доранд. Ба ин қабил долонҳо дохил мешаванд:

1. Долони наклиётии Хавост, ки аз сарҳадди Ӯзбекистон оғоз шуда, тавассути шаҳрҳои Хуҷанд, Душанбе ва минтақаҳои сарҳаддии Панҷи Поён то сарҳадди Афғонистон паҳн мешавад ва накши муҳимро дар иртиботи Тоҷикистон бо Афғонистон ва таъмини транзити минтақавӣ байни Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ дорад.

2. Роҳи наклиётии Уш – Саритош – Қарамиқ (сарҳадди Қирғизистон) – Ҷиргатол – Рашт – Ваҳдат – Душанбе – Турсунзода (сарҳадди Ӯзбекистон), ки ҳамчун долони транзитии автомобилгарди байналмилалӣ аз шаҳри Уши Ҷумҳурии Қирғизистон то сарҳадди Ҷумҳурии Ӯзбекистон тул мекашад ва барои ташаккули ҳамкориҳои тиҷоративу наклиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя аҳаммияти стратегӣ дорад.

3. Долони наклиётии Қаросӯ (сарҳадди Чин) – Қулма – Мурғоб – Хоруғ – Кӯлоб – Ваҳдат – Душанбе – Сариосиё (сарҳадди Ӯзбекистон), ки барои пайвасти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишвари Чин ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ мавқеи стратегӣ дошта, ба рушди транзити молу маҳсулот ва кашонидани мусофирон хизмат менамояд.

4. Роҳи наклиётии Уш – Саритош – Қизил Арт (Сурхкутал) (сарҳадди Қирғизистон) – Мурғоб – Хоруғ – Кӯлоб – Фархор – Панҷи Поён (сарҳадди Афғонистон), ки ҳамчун долони транзитии байналмилалӣ фаъолият намуда, Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Афғонистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ мепайвандад.

Дар доираи шабакаи роҳҳои байналмилалии Осиё, якчанд долони нақлиётӣ мавҷуд аст, ки бо пайваст намудани кишварҳои ҳамсарҳад ба густариши ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистон мусоидат мекунанд:

1. Роҳи нақлиётии Хавост (сарҳадди Ӯзбекистон) – Хуҷанд – Душанбе – Қӯрғонтеппа – Панҷи Поён (сарҳадди Афғонистон), ки дар таъмин кардани робитаҳои нақлиётӣ ва афзоиши транзитӣ ва рушди транзити молу мусофирон байни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Афғонистон ҳамчунин бо дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ нақши муҳим дорад ва ҳамчун ҷузъи муҳимми инфрасохтори нақлиёти минтақавӣ шинохта шудааст.

2. Долони нақлиётии Иркештам – Саритош – Қарамиқ (сарҳадди Қирғизистон) – Душанбе – Турсунзода – Узун (сарҳадди Ӯзбекистон), ки иртиботи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ҷумҳуриҳои Қирғизистон ва Ӯзбекистон таъмин намуда, ҳамчун як долони транзитии муҳим дар афзоиши гардиши молу маҳсулот ва ҳаракати мусофирон ба рушди иқтисодии минтақа мусоидат менамояд.

3. Долони нақлиётии сарҳадди Чин – Қулма – Хоруғ – Кӯлоб – Ваҳдат – Душанбе – Турсунзода – Узун (сарҳадди Ӯзбекистон), ки ҳамчун гарданаи асосӣ барои робитаҳои байни Тоҷикистон ва Чин, ҳамчунин, кишварҳои дигари минтақа, аз ҷумла Ӯзбекистон, хизмат мекунад. Ин масир дар содироту интиқоли молу бор ва мусофирон нақши муҳим дошта, рушди транзити минтақавиро тақвият мебахшад.

Дар доираи қонунгузориҳои аврупоӣ оид ба роҳҳои мошингарди байналмилалӣ ва дигар санадҳои меъёрии соҳа, долони нақлиётии Тирмиз – Душанбе – Ваҳдат – Ҷиргатол – Қарамиқ – Саритош – Иркештам – Чин фаъолият менамояд. Ин роҳ Тоҷикистонро бо кишварҳо Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Чин мепайвандад ва дар ташкили шабакаи байналмилалии транзитии нақлиётӣ нақши муҳим дорад.

Ҳамзамон дар доираи фаъолияти долони нақлиётии Қафқоз – Аврупо – Осиёи Марказӣ, ду роҳи стратегӣ вуҷуд дорад, ки барои тақвияти робитаҳои иқтисодӣ ва транзитӣ аҳаммияти бузург доранд.

1. Долони наклиётии Тирмиз (сарҳадди Ӯзбекистон) – Турсунзода – Душанбе – Ваҳдат – Ҷиргатол – Қарамиқ – Саритош – Уш (сарҳадди Қирғизистон). Долони мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Қирғизистон ва дигар кишварҳо пайваст намуда, як роҳи муҳимми транзити молу маҳсулот ва рафтуомади мусофирон мебошад. Ин роҳ барои беҳтар гардидани равобити иқтисодию тиҷоратӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ бағоят муҳим аст.

2. Долони наклиётии Тирмиз (сарҳадди Ӯзбекистон) – Турсунзода – Душанбе – Ваҳдат – Кӯлоб – Қалъаи Хумб – Хоруғ – Мурғоб – ағбаи Қулма (сарҳадди Чин). Роҳи мазкур, Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ӯзбекистону Чин васл намуда, ҷиҳати рушд ва афзоиши транзити молу маҳсулот ва ҳаракати мусофирон мавқеи стратегӣ дорад.

Дар доираи ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ тавассути Созмони ҳамкориҳои минтақавии иутисодӣ дар Осиёи Марказӣ (САРЭС) чандин роҳҳои муҳимми наклиётӣ амал мекунанд, ки равобити транзитӣ ва тиҷорати байни кишварҳои Осиёи Марказиро тақвият медиҳанд. Аз ҷумла:

1. Долони наклиётии Хавост (сарҳадди Ӯзбекистон) – Хуҷанд – Душанбе – Қӯрғонтеппа – Панҷи Поён (сарҳадди Афғонистон). Ин роҳ накши калидӣ дар муттаҳидсозии Тоҷикистон бо Афғонистон ва дигар давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дошта, барои интиқоли молу маҳсулот ва ҳаракати мусофирон аҳаммияти махсус дорад.

2. Долони наклиётии Шерхон – Бандар (сарҳадди Афғонистон) – Панҷи Поён – Қӯрғонтеппа – Душанбе – Ваҳдат – Ҷиргатол – Қарамиқ (сарҳадди Қирғизистон) барои гардиши молу маҳсулот ва таҳкими робитаҳои иқтисодӣ дар минтақа хидмат намуда, дар таҳкими равобити Афғонистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, махсусан Ҷумҳурии Тоҷикистон, накши калидӣ дорад.

3. Долони наклиётии Уш – Саритош (сарҳадди Қирғизистон) – Ваҳдат – Душанбе – Турсунзода (сарҳадди Ӯзбекистон). Ин роҳ Тоҷикистонро бо ҷумҳуриҳои Қирғизистон ва Ӯзбекистон мепайвандад ва дар таҳкими

равобити тиҷоратӣ ва рушди транзитӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ нақши муҳим мебозад.

4. Долони нақлиётии Хавост (сарҳадди Ӯзбекистон) – Хуҷанд – Конибодом – Андиҷон – Уш – Иркештам, ки кишварҳои Осиёи Марказиро бо ҳам пайваст намуда, ҷиҳати афзоиши имкониятҳои транзитии Тоҷикистон бо дигар кишварҳои минтақа аҳаммияти стратегӣ дорад [265, с. 53-54].

Албатта, ҳар яке аз ин долонҳои нақлиётӣ барои таҳкими робитаҳои иқтисодӣ, беҳтар кардани робитаи нақлиётӣ ва рушди транзит дар байни кишварҳои минтақа нақши хосса доранд. Қаюмов Н.К. дар таҳқиқоти худ, ташкили долонҳои байналмилалии нақлиётӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун як самти афзалиятноки сиёсати нақлиётии кишвар арзёбӣ карда, қайд мекунад, ки баланд бардоштани самаранокии сатҳу сифати хизматрасониҳо дар таъмини саривақтии ҳамлунақли байналмилалӣ ва транзитӣ мусоидат менамояд. Ба гуфтаи муҳаққиқ, ин раванд дар асоси талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ роҳандозӣ шуда, шароити институтсионалӣ ва ҳуқуқиро барои рушди инфрасохтори нақлиётии кишвар тақвият мебахшад [143].

Бо вуҷуди аҳаммияти стратегӣ доштани долонҳои байналмилалии нақлиётӣ, рушди онҳо бо чандин мушкилоти сохторӣ ва инфрасохторӣ маҳдуд мегардад. Дар таҳқиқоти анҷомдодаи худ А. Рауфӣ таъкид намудааст, ки мушкилоти асосии Тоҷикистон дар ҷойгиршавии мавқеи ҷуғрофии кишвар, аз роҳҳои баҳрӣ ва марказҳои асосии иқтисодии ҷаҳон дур будан, маҳдуд будани дастрасии роҳи оҳан ба кишварҳои хориҷӣ, робитаи сусти долонҳо бо шабакаи дохилии роҳҳои автомобилгард, набудани марказҳои муосири логистик, номувофиқати инфрасохтор ба стандартҳои байналмилалӣ ва сатҳи афзояндаи ифлосшавии муҳити зист мебошанд. Муҳаққиқ илова мекунад, ки назорати нокифояи мақомоти масъул аз болои партовҳои воситаҳои нақлиётӣ вазъиятро боз ҳам мураккабтар мегардонад, ва дар баробари ин пешниҳод менамояд, ки барои рушди устувори долонҳои

нақлиётӣ андешидани тадбирҳои муассир ва ҳамоҳангсозии сиёсати нақлиётӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ зарур мебошад [284].

Бояд қайд намуд, ки барои амалӣ намудани ҳадафи стратегии раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ки ба рушди иқтисодӣ равона шудааст, ду самти асосии фаъолияти нақлиётӣ муайян гардидааст:

1. Тақвияти инфрасохтори дохилии нақлиёт ва пайвасти он ба роҳҳои байналмилалӣ. Албатта ташкили шабакаи мукаммали инфрасохтори нақлиётӣ мамлакат ва пайвасти он ба дигар шабакаҳои глобалии нақлиётии хориҷӣ аҳаммияти муҳим дорад ва он барои ташаккули ҳамлунақли молу маҳсулот ва ҳаракати мусофирон шароиту имкониятҳои навро бунёд хоҳад кард.

2. Пайвастшавии мамлакат ба конвенсияҳо ва созишномаҳои амамлкунандаи байналмилалӣ, ки барои тевсеаи ҳамкориҳо дар соҳаи нақлиёт қабул гардидаанд. Ин пайвастшавӣ барои тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ бо меъёрҳои техникӣ дар соҳаи нақлиёт, ки ба беҳтар гардидани муносибатҳои тиҷоратӣ ва нақлиётӣ байни давлатҳо мусоидат мекунад равона шудааст [114, с. 134].

Амалӣ гардидани ин ду самти стратегӣ, ки ҷузъи муҳимми Стратегияи рушди иқтисодӣ ва нақлиёти Тоҷикистон маҳсуб мешавад, бо таҷдиди роҳҳои асосии мошингард ва татбиқи чораҳои муассир ҷиҳати бартараф кардани монеаҳои коммуникатсионӣ амалӣ мегардад. Ин раванд ба кишвар имконият медиҳад, ки инфрасохтори нақлиётии худро такмил диҳад, ҳамкориҳои байналмилалиро густариш диҳад ва нақши худро дар транзити байналмилалӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ тақвият бахшад.

Барои расидан ба ин ҳадафҳо, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ 23 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ бо маблағи умумии 3,2 млрд сомониро татбиқ намудааст, ки ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва пайвастшавии Тоҷикистон бо шабакаи нақлиётии ҷаҳонӣ мусоидат намуд.

Бо татбиқи лоиҳаҳо, зиёда аз 1650 км роҳҳои мошингард бо 109 пул ва 27 км нақбҳо барои истифода омода гардиданд. Дар соҳаи нақлиёти ҷумҳурӣ айни замон 11 лоиҳаи бузурги сармоягузории давлатӣ дар доираи таҳкими инфрасохтори нақлиётӣ, хусусан пайвастшавии Тоҷикистон ба шоҳроҳҳои байналмилалӣ, барои беҳтар кардани низоми транзитӣ ва нақлиётии кишвар бо маблағи умумии 5,5 млрд сомонӣ амалӣ карда шуд [7]. Албатта, ҷалби сармоя ба соҳаи нақлиёти автомобилӣ дар шароити имрӯза яке аз самтҳои асосии ислоҳоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, нақши калидӣ дар рушди иҷтимоиву иқтисодӣ дорад. Ин соҳа метавонад таъсири манфии буҳронҳоро коҳиш дода, ба густариши муносибатҳои бозорӣ, баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ мусоидат кунад. Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, яке аз ҳадафҳои муҳимми кишвар расидан ба суръати воқеии рушд тавассути ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ мебошад, ки ба болоравии истеҳсолот, тақвияти рақобатпазирии корхонаҳои нақлиётӣ, афзоиши ҷойҳои корӣ ва беҳбудии сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд [244, с. 349-355].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар се даҳсолаи охир ҷиҳати беҳтар гардидани инфрасохтори нақлиётӣ ва барқарорсозии шабакаи роҳҳои мошингарди мамлакат тадбирҳои муҳим андешидааст. Дар ин замина, соли 2015 чандин лоиҳаи стратегӣ амалӣ карда шуда, ки барои рушди алоқаи нақлиётии дохилӣ ва байналмилалӣ пешбинӣ шудаанд. Бо вуҷуди ин, рушди роҳҳои алтернативӣ ва сохтмони шабакаҳои нави нақлиётиро дар мамлакат таҳким намудан зарур аст. Аз ин рӯ, ҳукумати кишвар бунёди шабакаҳои нақлиётии байналмилалӣ ва пайваст ба онҳоро дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва дар асоси муқаррароти меъёрҳои байналмилалӣ ба як самти муҳим табдил додааст. Ҳамзамон, дар соли 2011 ҳукумати кишвар Барномаи рушди нақлиётиро барои солҳои 2011–2025 таҳия намуд, ки он бо мақсади навсозии шабакаи нақлиётӣ ва беҳтар намудани дастрасии ҳама минтақаҳо ба роҳҳои байналмилалӣ равона шудааст.

Татбиқи барномаи мазкур имкон медиҳад, ки зиёда аз 4000 км роҳ ва 576 адад пул бунёд ва азнавсозӣ шаванд. Маблағи умумии корҳои барои барнома муқарраргардида 4,4 млрд сомониро ташкил медиҳад. Дар ин давра барои рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ташаккули инфрасохтори нақлиётӣ корҳои назаррас анҷом дода шуда, 34 созишномаи дуҷониба, аз ҷумла бо 9 кишвари аъзои ИДМ ва 7 давлати Осиёи Марказӣ ва Аврупо ба имзо расонида шудаанд. Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон узви 27 созмон ва иттиҳод, 7 эъломия ва 11 ташкилоти байналмилалӣ мебошад, ки амалии онҳо ба татбиқи меъёрҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи нақлиёт ва логистик мусоидат намуда, ба тақвияти ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Тоҷикистон бо мақсади рушди соҳаи нақлиёт ва ҳамгироии байналмилалӣ ба 9 санади муҳимми байналмилалӣ ҳамроҳ гардидааст, ки ҳадафи онҳо мутобиқсозии стандартҳо ва таҳкими ҳамкориҳои нақлиётӣ мебошад. Аз ҷумла:

1. Эъломияи байналмилалӣ оид ба ҳамоҳангсозии назорати интиқоли мол тавассути сарҳадҳо, ки 21-уми октябри соли 1982 қабул шуда, равандҳои гумрукӣ ва санҷиши интиқолро дар марзҳо беҳтар мекунад.

2. Эъломияи байналмилалӣ оид ба ҳаракат дар роҳ, ки 8-уми ноябри соли 1968 қабул гардида, стандарти ягонаи ҳаракат дар роҳҳоро дар сатҳи ҷаҳонӣ муайян менамояд.

3. Эъломияи байналмилалӣ дар бораи нишондиҳандаҳои огоҳкунанда дар роҳҳо, ки 8-уми ноябри соли 1968 қабул шуда, стандарти ягона барои аломатгузории роҳу сигнализатсия дар кишварҳои иштирокдор ташкил мекунад.

4. Эъломияи байналмилалӣ, ки меъёрҳо ва қоидаҳои интиқол ва нигоҳдории молҳоро бо дарназардошти бехатарӣ муайян мекунад, 19 майи соли 1956 тасдиқ гардидаст.

5. Эъломияи байналмилалӣ оид ба транзити мол бо системаи TIR, ки равандҳои содакардашударо барои интиқоли транзитии мол байни

кишварҳои узв фароҳам меорад, 14-уми ноябри соли 1975 қабул шудаст.

6. Созишномаи аврупоӣ оид ба молҳои интиқолашон хатарнок, ки соли 1957 қабул шуда, бехатарии ҳаракат ва интиқоли чунин молҳоро дар роҳҳои байналмилалӣ кафолат медиҳад.

7. Созишномаи байнидавлатӣ оид ба интиқоли озуқаворӣи тезвайроншаванда ва истифодаи нақлиёти махсус барои онҳо, ки 1-уми сентябри соли 1970 қабул шуда, талаботи махсусро барои интиқоли молҳои осебпазир муқаррар мекунад.

8. Созишномаи аврупоӣ оид ба истифодаи воситаҳои нақлиётӣ барои хизматрасонӣ дар роҳҳои байналмилалӣ, ки 15-уми ноябри соли 1975 ба тасвиб расидааст ва истифодаи нақлиёт ва хизматрасониҳои алоқамандаро мураттаб менамояд.

9. Созишномаи байналмилалӣ оид ба воридоти техникаи бехатарӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ барои воситаҳои нақлиёт, ки 25-уми июни соли 1998 қабул шуда, стандартҳои бехатариро барои таъмир ва истифодаи нақлиёт муайян мекунад [336].

Татбиқ ва амали намудани ҳамкориҳои байналмилалӣ, ҳамроҳшавӣ ба эъломияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ имкон фароҳам меорад, ки соҳаи нақлиёти Тоҷикистон ба стандартсозӣ ва ҳамоҳангсозии равандҳои ҳамлунақл ва транзит дар сарҳадот ва дар шоҳроҳҳои байналмилалӣ мувофиқ гардонида шавад.

Дар робита ба ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи Созмони ҷаҳонии гумрук ба якчанд созишнома ва эъломияҳои муҳим ҳамроҳ шудааст, ки онҳо бо мақсади осон ва ҳамоҳангсозии равандҳои гумрукӣ ва беҳтар намудани интиқоли байналмилалии молу одамон қабул карда шуданд. Аз ҷумла:

1. Эъломияи Киото, ки соли 1999 қабул шуда, барои осон гардонидани расмиёти гумрукӣ ва ҳамоҳангсозии он байни кишварҳо, монеаҳои гумрукӣ ва мураккабӣ дар марзҳоро коҳиш медиҳад.

2. Эъломияи Чикаго, ки соли 1944 қабул шуда, меъёрҳои асосии авиатсияи гражданиро муайян мекунад, бо мақсади таъмини бехатарӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти парвозҳои байналмилалӣ амал менамояд.

3. Созишномаи Созмони ҳамкории роҳи оҳан аз соли 1957. Ин созишнома бо мақсади таҳкими ҳамкорӣ ва таъмини пайвастагиҳои нақлиёти роҳи оҳан дар минтақаи АвруОсиё ва дигар минтақаҳои ҷаҳон таъсис ёфтааст.

4. Эъломияи СММ «Оид ба нақлиёти роҳи оҳан ва автомобилӣ» аз соли 1949. Эъломияи мазкур бо мақсади стандартсозӣ ва танзими ҳаракати нақлиёти роҳи оҳан ва нақлиёти автомобилӣ дар сарҳадди давлатҳо қабул гардида, дар таъмини бехатарии ҳаракат ва хатсайрҳои нақлиётӣ аҳаммияти калон дорад.

5. Эъломияи гумрукӣ «Оид ба интиқоли байналмилалии бор» аз соли 1959. Санади мазкур барои беҳтар намудани ҷараёни интиқоли молу маҳсулот дар марзи давлатӣ ва бартараф намудани монеаҳои гумрукӣ дар иртибот ба транзити мол миёни кишварҳо амалӣ мегардад [86, с. 44].

Дар ин замина, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки Тоҷикистон ба беш аз 80 созмони байналмилалӣ ва ниҳодҳои молиявӣ пайваст аст ва бо дигар кишварҳо дар ҳалли масъалаҳои гуногуни глобалӣ ҳамкорӣ мекунад [35]. Тоҷикистон бо имзои зиёда аз 350 санади байналмилалӣ вазифаҳои худро дар рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист бо масъулияти баланд иҷро мекунад. Яке аз санадҳои асосии ҳамкориҳои минтақавӣ «Созишнома дар бораи принсипҳо ва шартҳои муносибатҳо дар соҳаи нақлиёт» бо кишварҳои ҳамсоя мебошад, ки 23-юми апрели соли 1992 дар шаҳри Бишкек байни панҷ кишвари Осиёи Марказӣ – Қирғизистон, Туркманистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон имзо шуд. Ин санад барои Тоҷикистон аҳаммияти стратегӣ дошта, татбиқи он барои робитаҳои нақлиётӣ бо кишварҳои минтақа дар сатҳи хуб ва мунтазам имкон фароҳам меорад.

Бо вуҷуди душвориҳои ҷойдошта, Тоҷикистон тавонист дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо чандин кишвари ҷаҳон, аз ҷумла Афғонистон, Туркманистон, Арманистон, Русия, Озарбойҷон, Туркия, Покистон, Белорус, Эрон, Украина, Гурҷистон, Чин, Қазоқистон, Қирғизистон, Тайланд, Лаҳистон, Молдова, Чехия ва дигар давлатҳо, санадҳои мушаххасеро барои танзими соҳаи нақлиёт ва густариши равобити транзитӣ ба имзо расонд [76, с. 69-70].

26-уми марти соли 1997 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №123 ба тавсиб расид, кидар барои рушди нақлиёти автомобилӣ ва осон кардани транзити мол тавассути роҳҳои кишвар нақши муҳим дошт [79]. Ҳамчунин, 26-уми апрели соли 2004 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Шанхай созишномаи байниҳукуматиро дар бораи шабакаи роҳҳои мошингарди Осиё ба имзо расонид [280, с. 143]. Тибқи шартҳои дар созишнома пешбинишуд, Ҷумҳурии Тоҷикистон муваззаф гардид, ки дар тули 5 соли дигар роҳҳое, ки ба шабакаи роҳҳои мошингарди Осиё шомил мегарданд, ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намоянд.

Шабакаи роҳҳои мошингарди Осиё аз роҳҳои АН-7, АН-65 ва АН-66 бо дарозии умумии 1987 километр, як қисми муҳимми таркибии шабакаи нақлиётии Осиё буда, Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо давлатҳои ҳамсоя, аз қабили Ӯзбекистону Афғонистон, Қирғизистон ва Чин мепайвандад. Ин шоҳроҳ на танҳо барои рафтуомад ва транзит дар минтақаи Осиё аҳаммияти калон дорад, балки дар рушду таҳкими муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷи дуру наздик нақши муҳим дошта, ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Долони нақлиётии АН-7, ки дар масофаи 550 км аз самти Панҷи Поён то Чаноқ идома меёбад, ба Тоҷикистон имконият медиҳад, то бо Афғонистон робитаи худро мустаҳкам намояд. Тавассути ин роҳ Тоҷикистон бо кишварҳои Покистон ва Ҳиндустон низ равобити нақлиётӣ пайдо менамояд. Долони мазкур барои таҳким ва рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва транзитӣ бо кишварҳои минтақа аҳаммияти муҳимми стратегӣ дорад.

Долони АН-65, ки дарозиаш он 414,3 км мебошад, аз Қарамик то Турсунзода тӯл мекашад. Долони мазкур Тоҷикистонро дар қисмати ғарб бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дар самти шарқ бо Қирғизистон мепайвандад ва барои таҳкими равобити тиҷоратӣ ва нақлиётӣ байни кишварҳо нақши муҳим мебозад, ҳамчунин дар пешбурди транзити минтақавӣ саҳми назаррас дорад.

Самти муҳимми долони АН-66, ки дар масофаи 1023,1 км аз ағбаи Кулма то Душанбе тул мекашад, ба шоҳроҳи байналмилалии Қароқурум пайваст мегардад. Ин роҳи стратегӣ ба Тоҷикистон имконият медиҳад, ки тавассути як шоҳроҳи муҳимми байналмилалӣ бо кишварҳои дигар, махсусан Чин робитаи мустаҳкам пайдо кунад.

Дар давраи истиқлолияти давлатӣ, Тоҷикистон бо ҳадафи густариши ҳамкориҳо дар соҳаи нақлиёт ва транзит ба чанд созишномаи байналмилалӣ ҳамроҳ шуд, аз ҷумла ба Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ) ва лоиҳаи бисёрҷонибаи ТРАСЕКА, ки барои беҳтар кардани ҷараёнҳои транзитӣ ва тиҷоратӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва берун аз он равона шудаанд. Ин созишнома дар шакли ду шартнома, яъне Т-23 ва Т-34 қабул гардида, ҳадафи он пайваст гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Чин мебошад.

Моҳи октябри соли 2004 Тоҷикистон ба Созишномаи транзити Шимол – Ҷануб, ки соли 2000 дар Санкт-Петербург байни кишварҳои минтақа имзо шуда буд, ҳамроҳ гардид. Мақсади он беҳбуди интиқол ва нақли молу мусофирон дар самтҳои шимол ва ҷануб аст [280, с. 143].

24–25-уми апрели соли 2002 дар пойтахти Ҷумҳурии Ӯзбекистон шаҳри Тошканд ҷаласаи дуюми солонаи Конфронси комиссияи байниҳукуматии ТРАСЕКА баргузор гардид. Созишномаи ТРАСЕКА як лоиҳаи бисёрҷонибае буд, ки ҳадафи асосии он рушди ҳамлунақли транзитӣ, ташаккули инфрасохтор ва тавассути чандин марҳилаҳои стратегӣ ба беҳтар гардидани шартҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ дар минтақаҳои зиёде равона шудааст [309].

Барномаи ТРАСЕКА бори аввал дар конфронс дар Брюссел бо иштироки вазирони нақлиёт ва тиҷорати ҳашт кишвар: Озарбойҷон, Арманистон,

Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон моҳи майи соли 1993 расман қабул гардид [122, с. 74]. Татбиқи барномаи ТРАСЕКА барои Тоҷикистон муҳим буда, он ба ҳамкории байналмилалӣ ва рушди инфрасохтори нақлиётии кишвар заминаи мусоид фароҳам оварда, боиси таҳкими робитаҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бо кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ мегардад.

Дар Душанбе 17–18-уми сентябри соли 2013 ҷаласаи даҳуми солонаи Комиссияи байниҳукуматии ТРАСЕКА баргузор шуд, ки дар он масъалаҳои рушди инфрасохтори нақлиёт, тақвияти ҳамкориҳои минтақавӣ, беҳтарсозии гумрук, навсозии роҳҳои оҳан ва нақлиёти автомобилӣ, ҳамчунин стратегияи рушди 2014–2023 баррасӣ гардид. Дар ҷаласа беш аз 145 намоянда аз кишварҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Комиссияи Аврупо, ОБСЕ, СҲШ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, лоиҳаҳои ТРАСЕКА, Ташкилоти байналмилалии авиатсионӣ ва Бонки Осиёии Рушд ҳузур доштанд [336]. Қарор карда шуд, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон расмиёти гумрукӣ дар сарҳад беҳтар гардад, ҳаракати воситаҳои нақлиёти байналмилалӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ва ҷойҳои муваққатии қарор доштани онҳо таъмин карда шавад, тасдиқи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ барои интиқолдиҳандагон ва тартиби муайяни ҳаракати воситаҳои нақлиёти автомобилӣ роҳандозӣ шавад.

29-уми декабри соли 2006, №779 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи қоидаҳои аз роҳҳои автомобилгард гузаштани воситаҳои нақлиёт бо вазн ва андозаҳое, ки аз меъёрҳои муқарраргардида зиёданд» ба тавсиб расид, ки тартиби убури нақлиёти вазнин ва махсусро танзим мекард. Ҳамчунин, Низомномаи тирминалҳои наздисарҳаддии байналмилалии автомобилӣ барои танзим ва назорати онҳо тасдиқ шуд [80].

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми майи соли 2007, таҳти №212 акнун барои воситаҳои нақлиёти транзитӣ дар қаламрави кишвар харитаҳои технологӣ барои хатсайрҳои нақлиётӣ таҳия карда мешаванд [77].

Дар давоми солҳои истиқлол, бо ҳадафи беҳсозии низом ва мутобиқ кардани он ба меъёрҳои байналмилалӣ, ҳамчунин, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, ба қарори мазкур тағйиру иловаҳо ворид шуданд. Ин тағйиру иловаҳо 2-юми октябри соли 2010 бо Қарори №527-и Ҳукумати Тоҷикистон расман қабул шуда, асосан барои бартараф гардидани камбудиҳои ҷории системаи интиқол ва такмил додани хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёти байналмилалӣ пешбинӣ гардида буданд [78].

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рушди муносибатҳои хориҷӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ соли 2011 «Созишномаи интиқоли фаромарзӣ»-ро бо Ҷумҳурии Қирғизистон ба имзо расонд. Ин созишнома дар доираи Барномаи ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ (ҲИМОМ) таҳия карда шудааст. Созишномаи интиқоли фаромарзӣ ба давлатҳои минтақа имкон дод, ки интиқоли мол ва васоили нақлиётӣ байни ду кишварро ба осонӣ ва дар муҳити муназзам ба анҷом расонанд [280, с.148].

Дар Тоҷикистон бахши асосии интиқоли байналмилалӣ тавассути вилояти Суғд сурат мегирад, ки соли 2013 зиёда аз 30% ҳаҷми ҳамлунақлро ташкил дод. Таҳлили вазъи имрӯза ва дурнамои рушди системаҳои нақлиётии вилояти Суғд дар корҳои илмии Т.И. Тоҳиров инъикос ёфтааст. Муаллиф дар мақолаи худ ба омӯзиши ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти шабакаи нақлиётии минтақа пардохта, омилҳои асосии таъсиргузор ба сатҳи истифодаи инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар шароити транзитии боркашониро таҳлил намудааст [228].

Дар Тоҷикистон шабакаи густурдаи роҳҳои автомобилӣ амал мекунад, ки 17 - тои онҳо роҳҳои байналмилалӣ ва беш аз 80 роҳ бо ҳамсояҳо мепайванданд. Яке аз лоиҳаҳои муҳим дар соҳаи нақлиёт сохтмони роҳи оҳани Колхозобод – Панҷи Поёнӣ мебошад, ки Тоҷикистонро бо Чин, Қирғизистон, Афғонистон, Эрон ва Туркия пайваст мекунад. Ин роҳ ҳамчун роҳи транзитии байналмилалӣ нақши калидӣ дар тақвияти робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодии кишвар мебозад.

Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон 9-10-уми марти соли 2018 ва боздиди ҷавобии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ӯзбекистон рӯзҳои 17-18-уми августи ҳамон сол барои тақвияти муносибатҳои дуҷониба ва густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ ва нақлиётӣ аҳаммияти калон дошт. Дар анҷоми мулоқотҳо зиёда аз 50 санад ва созишнома дар бахшҳои мухталиф, аз ҷумла нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан ва авиатсия ба тасвиб расиданд. Бо қабул ва тасдиқи онҳо, Тоҷикистон тавонист монеаҳои коммуникатсиониро бартараф намуда, шароити нақлиётӣ ва транзитии худро беҳтар созад, ки дар навбати худ, барои рушд ва тавсеаи ҳамкории иқтисодӣ ва муколамаи байнидавлатӣ заминаи мусоид фароҳам овард [301].

Бо мақсади барқарорсозии инфрасохтори нақлиёт, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан 60 млн доллари ИМА-ро аз ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ҷалб намудааст. Ин маблағҳо ба таъмиру навсозии роҳҳои автомобилгард ва таҷдиди инфрасохтори фурудгоҳҳои Душанбе ва Хуҷанд равона шудаанд [24, с. 69].

Аз солҳои 1992 то 2017 алоқаи ҳавоии байни Тоҷикистону Ӯзбекистон бо чандин сабабҳо қатъ гардида, соли 2017 байни ду кишвари ба ҳам дӯсту наздик алоқаи ҳавоии дар самти Душанбе ва Тошканд дубора барқарор карда шуд. Барқарор кардани алоқаи ҳавоӣ на танҳо барои беҳтар кардани робитаҳои иқтисодӣ, балки барои таҳкими робитаҳои фарҳангӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии ҳар ду кишвар мусоидат намуда, баъд аз ҳафт соли танаффус дубора ҳаракати қаторҳо дар хатти роҳи оҳани Амузанг – Ғалаба ба фаъолият шуруъ кард. Дубора фаъол намудани ҳаракати қаторахо имкон дод, ки ҷонибҳо дар соҳаи нақлиёти транзитӣ, махсусан дар ҳудуди Осиёи Марказӣ, ҳамкориҳоро боз ҳам густурда намоянд. Баъд аз ин имконияти истифодабарии инфрасохтори нақлиётии ҳар ду кишвар зиёд гардида, ба рушди тиҷорат, истифодаи захираҳои табиӣ ва рафъи мушкилоти иқтисодӣ мусоидат намуданд.

Барқарорсозии хатсайрҳои нақлиёти мусофирбар байни шаҳрҳои калидии стратегӣ, аз қабили Хуҷанд – Тошканд, Душанбе – Тирмиз, Душанбе – Деҳнав ва Пенҷакент – Самарқанд барои таҳкими муносибатҳои байни Тоҷикистону Ӯзбекистон ва такмили ҳамкорӣ аҳаммияти махсус дорад. Дар робита ба беҳтар гардидани ҳамкориҳои иқтисодӣ ва нақлиётӣ, 18 нуқтаи гузариш тавассути сарҳадди давлатии Ӯзбекистон кушода шуд, ки имкониятҳоро барои беҳтар кардани алоқаи транзитӣ ва тиҷоратӣ миёни ҳар ду кишвар ва минтақа беҳтар намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло дорои зиёда аз 28 нуқтаи гузаргоҳи сарҳадӣ мебошад, ки ин омил барои кишвар имконияти назарраси транзити молу воситаҳои нақлиётро таъмин мекунад. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки то соли 2006 ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ асосан бо 16 кишвар, махсусан кишварҳоиҳамсоя маҳдуд буд. Бо вуҷуди ин, робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ васеъ гардида, то соли 2012 шумораи кишварҳое, ки бо Тоҷикистон ҳамкории фаъол доштанд, ба 24 расид. Ин раванд то соли 2016 идома ёфта, теъдоди давлатҳои шарик ба 37 расид, ки нишондиҳандаи назарраси ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад. Албатта тағйиротҳои мусбӣ дар робитаҳои иқтисодӣ ба афзоиши назаррас дар ҳаҷми содироти мол таъсир расонид. Агар дар соли 2006 ҳаҷми содирот 49 000 ҳазор долларро ташкил медод, пас дар соли 2012 ин рақам ба 230 000 ҳазор доллари ИМА расид, ки 7 маротиба афзоишро нишон медиҳад.

Соли 2010 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фаъолияти транзити бор ва воситаҳои нақлиёт ба буҷети давлатӣ даромади назаррасро ҷалб намуд. Дар ин давра ба буҷаи давлат, аз ҳисоби транзити бор 5421750,2 сомонӣ ва аз транзити воситаҳои нақлиёт 8 674 296,8 сомонӣ ворид шудааст [280, с. 150]. Соли 2016 Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳкими инфрасохтори нақлиётӣ ва муассисаҳои гузаргоҳҳои сарҳадӣ барои мусоидат ба ҳамлунақли байналмилалӣ тадбирҳои муҳимро амалӣ намуд. Аз ҷумла, гузаргоҳҳои марзӣ ба монанди Фотеҳобод, Патар ва Дӯстӣ дар марзи Ӯзбекистон, Кулма дар марзи Чин, Карамиқ, Қизил Арт, Гулистон, Овчӣ – Калъача ва Маданият

дар марзи Қирғизистон, Панҷи Поён дар марзи Афғонистон ва се нуқтаи роҳи оҳан Спитамен – Бекобод, Конибодом – Суванобод ва Пахтаобод – Сариосиё дар марзи Ӯзбекистон мавриди истифода қарор дода шуданд [15-М, с. 200-209].

Ҳоло дар ҷумҳурӣ 7 адад тирминал, аз ҷумла дар Душанбе, Бохтар, Истаравшан, Хоруғ, Ваҳдат, Хуҷанд ва Турсунзода фаъолият доранд.

Дар шаҳри Хуҷанд маркази логистик, ки як корхонаи махсусгардонидашударо ташкил медиҳад, бунёд карда шудааст. Ин марказ хидматрасониҳои дар самти коркард ва нигоҳдории борҳо, барасмиятдарории гумрук ва хадамоти иттилоотиро амалӣ менамояд.

Барномаи ҲИМОМ, ки соли 1997 қабул шуд, барои рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва транзитӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дигар кишварҳо, аз ҷумла Афғонистон, Озарбойҷон, Чин, Муғулистон равона шудааст. Лоиҳаи мазкур аз ҷониби давлатҳои Осиёи Марказӣ ва созмонҳои байналмилалии молиявӣ, ки ҳадафашон рушди иқтисодии минтақа мебошад, дастгирӣ меёбанд. Созмонҳои муҳим мисли ADB, EBRD, IMF, IDB, UNDP ва WB ҳамчун шарикон дар ин лоиҳа иштирок мекунанд ва кумакҳои молиявӣ, техникӣ ва машваратӣ мерасонанд [344].

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун иштирокдори фаъол дар ин барнома ҳузур дорад, барои густариши ҳамкориҳо бо кишварҳои ҳамсоя, ҳамчунин Шарқи Миёна ва Осиёи Ҷанубӣ дар соҳаи нақлиёт, тиҷорат ва энергетика саҳм мегузорад. Маҳз барномаи ҲИМОМ ва долонҳои транзитии он ба Тоҷикистон имконият медиҳад, ки ҳамчун як нуқтаи муҳимми транзитӣ дар минтақа ва дар доираи робитаҳои байналмилалӣ шинохта шавад.

Вобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ Тоҷикистон аз шаш долони транзитии ҲИМОМ бо чор долони он пайвастагӣ дорад. Дарозии роҳи долонҳо 1511 км буда, барои интиқоли молу маҳсулот, мусофирон ва хизматрасонии нақлиётии байналмилалӣ аҳаммияти муҳим дорад [326].

Долонҳои транзитии ҲИМОМ, ки тавассути Тоҷикистон мегузаранд, шомили масирҳои муҳимми минтақавӣ ва байналмилалӣ мебошанд. Аз ҷумла:

1. Долони ҲИМОМ-2: Ин роҳи нақлиётӣ дорои як шабакаи бисёрҷониба буда, аз нуқтаҳои марзӣ дар қаламрави Чин то Туркия паҳн шудааст. Дар ҳудуди Тоҷикистон хатсайри мазкур аз гузаргоҳи Спитамен шуруъ шуда, ба шаҳрҳои Хуҷанд ва Конибодом мерасад ва сипас ба Қирғизистон ворид мешавад. Роҳи мазкур барои интиқоли молу маҳсулот байни Чин, кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва Туркия тавассути нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан нақши асосӣ дорад.

2. Долони ҲИМОМ-3: Ин долон Русияро тавассути Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Афғонистон бо кишварҳои Шарқи Миёна ва Осиёи Ҷанубӣ мепайвандад. Дар Тоҷикистон, гузаргоҳи сарҳаддии Қаромиқ ҳамчун нуқтаи воридшавӣ хизмат мекунад ва роҳҳои Лахш, Ваҳдат, Душанбе ва Турсунзода онро бо ҳам мепайванданд. Ин хатсайр барои интиқоли мол, хизматрасонии нақлиётӣ ва рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ дар минтақа аҳаммияти стратегӣ дорад.

3. Долони ҲИМОМ-5: Роҳи мазкур яке аз муҳимтарин роҳи воридоти мол аз кишварҳои Чин ва Покистон ба давлатҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Он ба воситаи гузаргоҳи Иркештам ба Ҷумҳурии Қирғизистон ва Қаромиқ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешавад. Аз Тоҷикистон хатсайрҳои Лахш, Ваҳдат, Душанбе, Қӯрғонтеппа ва Панҷи Поён ба Афғонистон мебароянд. Ин долон барои рушди тиҷорат ва транзити мол дар байни кишварҳои Осиёи Шарқӣ, Осиёи Марказӣ ва Афғонистон нақши асосӣ мебозад.

4. Долони ҲИМОМ-6 ҳамчун пайванди муҳимми нақлиётӣ минтақаҳои Аврупо, Шарқи Миёна ва Осиёи Ҷанубиро муттаҳид менамояд. Ин масир аз қаламрави Русия оғоз ёфта, тавассути Қазоқистон ва Ӯзбекистон ба Тоҷикистон ворид мегардад. Роҳ аз нуқтаҳои Спитамен, Шаҳристон, Айнӣ, Душанбе, Бохтар ва Панҷи Поён убур намуда, дар ниҳоят ба Афғонистон мерасад.

Долонҳои мазкур имкон медиҳанд, то кишварҳо тавассути нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан ва ҳавоӣ ба ҳамдигар пайваст шуда, афзоиши

гардиши мол, кумак ба рушди тиҷорат ва ҷалби сармоягузориҳоро афзоиш диҳанд.

Бо вуҷуди ин, ташкили долонҳои нақлиётӣ ва густариши инфрасохтор дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳанӯз ба рушд ва тақвият зарурат дорад. Кишварҳои минтақа, махсусан Тоҷикистон барои тавсеа ва такмили долонҳои транзитии мавҷуда ва рушди инфрасохтори нақлиётии нав дар минтақа кумак намуда, тадбирҳои муҳимро роҳандозӣ намоянд.

Ташаккул ва рушди долонҳои нақлиётии минтақавии, ки ба бандарҳои баҳрӣ пайваст мешаванд, барои афзоиши транзити молу маҳсулот ва кумак ба иқтисодиёти кишварҳо зарур аст. Ҳамкории доимӣ миёни кишварҳои минтақа ва шарикони байналмилалӣ дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва сохтмони гузаргоҳу марказҳои логистик барои суботи иқтисодӣ ва беҳбуди сатҳи зиндагии сокинони Осиёи Марказӣ нақши муҳим мебозад [34].

21-уми декабри соли 2001 Асамблеяи генералии СММ Қатъномаи 56/8-ро оид ба кишварҳое қабул намуд, ки ба роҳи баҳрӣ дастрасӣ надоранд ва ёрии иқтисодиро ба ин кишварҳо пешбинӣ менамуд. Тоҷикистон, ки дар қалби Осиё ҷойгир аст ва дорои имкониятҳои транзитии муҳим аст, кӯшишҳои зиёдро ба харҷ дода истодааст.

Рӯзҳои 28 ва 29-уми августи соли 2003 Тоҷикистон дар конфронси байналмилалӣ оид ба Эъломияи Алмаато ва барномаи амалии он барои кишварҳои дар ҳоли рушд дар баҳр иштирок кард. Дар солҳои охир ин санадҳо ҳамчун заминаи муҳимми ҳамкории нақлиётӣ ва тиҷоратӣ барои солҳои 2014–2024 дар минтақаҳои бидуни баҳр қабул шудаанд. Эъломияи Алмаато ва тавсияҳои қабулшуда ба сохтмон, рушди инфрасохторҳои нақлиётӣ, тиҷорати минтақавӣ, транзити мол ва коҳиш додани хатари маҳдудиятҳои инфрасохтории нақлиётӣ мусоидат мекунанд [21].

Тайи солҳои истиқлолият Тоҷикистон ба як маркази муҳимми баргузории чорабиниҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ табдил ёфта, ба таҳкими ҳамкориҳои иқтисодӣ ва нақлиётӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва

Аврупо мусоидат намуд. Аз ҷумла, Тоҷикистон ҷонибдори рушди робитаҳои худ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқоз мебошад [21].

Тоҷикистон дар доираи ҳамкорӣ ба Ассотсиатсияи боркашонҳои байналмилалии автомобилии «АВВАТ», тавонист ҳамкориҳои самарабахшро дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ бо дигар кишварҳо ба роҳ монад. 6-уми декабри соли 1995 Ассотсиатсия «АВВАТ» расман ҳамчун иттиҳодияи ҷамъиятии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуд [294].

«АВВАТ» барои пайваст кардани Тоҷикистон ба низоми ҷаҳонии нақлиёти автомобилӣ саҳми калидӣ гузошт. Қадами муҳим дар ин роҳ дар соли 1995 воридшавии Тоҷикистон ба Иттиҳоди байналмилалии нақлиёти автомобилӣ (IRU) буд, ки имкониятҳои нави ҳамкориҳои байналмилалиро дар соҳаи нақлиёт фароҳам овард. Дар ин замина, Тоҷикистон тавонист ба чандин созишнома ва эъломияҳои байналмилалӣ ворид шавад. Пас аз узвият ба IRU ва «АВВАТ», Тоҷикистон ба низоми ҷаҳонии нақлиётӣ ворид шуда, мавқеи худро таҳким бахшид.

Солҳои охир ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи роҳу нақлиёт бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, низ рӯ ба беҳбудӣ ниҳод, чунки ҳар ду кишвар бо шароити ҷуғрофӣ ва инфрасохторӣ ба ҳам алоқамандии зич доранд. Имзо шудани созишномаҳо оид ба интиқоли молу маҳсулот, таъсиси гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва амалиётҳои нақлиётӣ байни ду ҷониб барои рушди тиҷорат ва транзити молҳо мусоидат мекунад. Махсусан, гузаргоҳи сарҳаддии Панҷи Поён, ки дар марзи байни кишварҳо қарор дорад ва шароити мусоидро дар транзити боркашонии Афғонистон ба минтақаи Осиёи Марказӣ ва берун аз он фароҳам меорад. Ҳамзамон, Тоҷикистон дар амалӣ намудани лоиҳаҳои калони нақлиётӣ ва дастгирии Афғонистон барои пайвастшавӣ бо бозорҳои ҷаҳонӣ ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ саҳми муассир дорад.

Дар доираи сафари расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Афғонистон, 27–28-уми апрели соли 2005 11 санади муҳимми ҳамкорӣ ба

имзо расид, ки ба таҳким ва рушди соҳаҳои иқтисод, сиёсат ва нақлиёт мусоидат намуд [297]. Созишномаи дӯстӣ байни Тоҷикистон ва Афғонистон заминаи ҳамкориҳои мутақобиларо, махсусан дар бахшҳои иқтисод ва нақлиёт, фароҳам овард. Дар ин замина, ду созишномаи калидӣ оид ба транзити бору мусофирон ва назорати сарҳадӣ ба имзо расиданд, ки ҳадафашон соддасозии равандҳои нақлиётӣ ва таҳкими амнияти марзӣ мебошад. Амалигардонии ин созишномаҳо метавонад ҳамкориҳои иқтисодию нақлиётии ду кишварро ба сатҳи нав бардорад ва шароити транзитро беҳтар намояд.

То соли 1998, вақте ки роҳи мошингарди Кӯлоб – Дарвоз ва пулҳои дарёи Панҷ сохта нашуда буданд, танҳо шоҳроҳи Уш – Хоруғ – Файзобод роҳе буд, ки Тоҷикистонро ба минтақаи Бадахшони Афғонистон мепайваст. Бо ба истифода додани роҳи мазкур, дар инфрасохтори нақлиёти ҳар ду кишвар заминаи мусоид гузошта шуд.

Соли 2002 бо мақсади беҳтар кардани ҳолати инфрасохтор сохтмони пул дар деҳаи Мотравн дар роҳи мошингарди Мотравн – Андарбаки деҳаи Язгулом ба анҷом расид. Ин пули сарҳадӣ дар деҳаи Тем, бо дарозии 135,5 метр, паҳноии 3,5 метр ва иқтидори борбардории 25 тонна, тибқи созишномаҳои байни Тоҷикистону Афғонистон ва бо маблағгузории Фонди Оғохон дар муддати 11 моҳ аз ҷониби Иттиҳодияи истеҳсолии Бадахшонроҳ сохта шуда, ба истифода дода шуд [158, с. 192].

Моҳи мартӣ соли 2005 дар ВМКБ се нуқтаи тиҷорат дар гузаргоҳҳои Тем, Ишкошим ва Рузвай ба фаъолият оғоз карданд. Ин иқдом бо ҳадафи таҳкими равобити иқтисодию тиҷоратӣ бо Афғонистон ва беҳсозии транзит ва гардиши мол роҳандозӣ шуд.

6-уми июли соли 2004 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов бо сафари корӣ ба вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон омада, пули дуюми миёни Тоҷикистону Афғонистонро аз болои дарёи Панҷ ифтитоҳ кард [255, с. 100]. Пули нав дар минтақаи Бадахшон, дар ҳудуди хатти сарҳадди ду кишвар сохта шудааст ва яке аз муҳимтарин объектҳои

инфрасохтори нақлиётии минтақавӣ ба шумор меравад. Ифтитоҳи он барои минтақаҳои наздисарҳадӣ, бахусус сокинони ВМКБ ва вилоятҳои Бадахшони Афғонистон, имкониятҳои нав барои ҳамлунақл ва таҳкими равобит фароҳам овард. Пули мазкур бо харҷи 500 ҳазор доллари ИМА маблағҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи Оғохон оид ба рушд сохта шуда, дарозиаш 135 метр, паҳноияш 3,5 метр ва иқтидори борбардориаш 25 тоннаро ташкил медиҳад [254, с. 90].

Соли 2005 таҷдиди пули мошингузар дар ноҳияи Ишкошим бо дарозии 99,3 метр ва паҳноияш 4,5 метр оғоз гардид. Хароҷоти татбиқи лоиҳаи сохтмони пули нав миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Афғонистон 350 ҳазор долларро ташкил дод. Баъди таҷдид ва барқарорсозии пули мазкур иқтидори борбардории он аз 10 тонна ба 30 тонна расид, ки ин имкониятҳои навро барои ҳамлунақли борҳо бо вазнҳои калонтар ба вуҷуд овард [346].

31-уми октябри соли 2006 Президенти Тоҷикистон дар маросими ифтитоҳи пули сеюм, ки Тоҷикистону Афғонистонро дар ноҳияи Ишкошим мепайвандад, ширкат варзид [158, с. 7]. Ин пул, ки дар соҳили дарёи Панҷ сохта шудааст, барои тақвияти ҳамкорӣ дар минтақа ва афзоиши транзити молу маҳсулот нақши калидӣ мебозад [264, с. 153].

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо амалисозии 12 лоиҳаи сармоягузорӣ, ки арзиши умумии онҳо беш аз ду миллиард сомониро ташкил медод, барои рушди шабакаи роҳу нақлиёт дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ роҳандозӣ кард. Ин иқдом барои пешрафти иқтисоди худи кишвар ва тамоми минтақа аҳаммияти калон дорад [39]. Ҳамзамон, 18-уми июни соли 2005 сохтмони пули нави пайвасткунанда байни шаҳраки Панҷи Поёни Тоҷикистон ва Шерхон Бандари Афғонистон бо дарозии 672 метр ва паҳноии 11 метр оғоз шуд [253, с. 141].

Бунёди пул дар Панҷи Поён ва таҷдиди роҳҳои шимоли Афғонистон ба тақвияти равобити нақлиётии кишварҳои минтақа сабаб шуд ва аз лиҳози сиёсӣ, геостратегӣ ва иқтисодӣ нақши муҳим дошт. Барои сохтмони он ҳукумати ИМА 37,1 млн доллар ҷудо кард. Ин лоиҳа намунаи муваффақи

ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи инфрасохтори нақлиётӣ мебошад. Дар иҷрои лоиҳа зиёда аз 450 коргари маҳаллӣ ва низ шаҳрвандони Афғонистон, ҳамчунин, 40 муҳандис аз чанд кишвари хориҷӣ иштирок карданд. Сохтмон дар давоми 19 моҳ анҷом ёфт. Пул барои ҳаракати мошину пиёдагардон бо иқтидори то 1000 нақлиёт дар як шабонарӯз тарҳрезӣ шуда, устувории он ба заминларзаҳои шадид ба назар гирифта шудааст. Дар тули сохтмон ҳамкории кишварҳо намунаи барҷастаи ҳамкории минтақавӣ ва байналмилалӣ буд. Ин лоиҳа бо роҳбарии муҳандисони артиши ИМА ва ширкати итолиёвии «Ризанни де Эккер» ба анҷом расид ва 26-уми августи соли 2007 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Афғонистон Ҳомид Карзай ва намояндагони ИМА мавриди истифода қарор гирифт. Ифтитоҳи пули нав дар маросими тантанавӣ, ки дар он ҳазорон сокинони ноҳияҳои ду кишвар иштирок карданд, ҳамчун як қадами муҳимми беҳтар кардани муносибатҳои иқтисодӣ, транзитӣ ва амниятӣ миёни Тоҷикистону Афғонистон ба ҳисоб меравад. Вазири тиҷорати ИМА Карлос Гутерес ин сохтмонро натиҷаи мусбати ҳамкориҳои сеҷониба донист ва қайд кард, ки «ин инфрасохтор барои ҷалби сармоя, рушди тиҷорат, таъсиси минтақаҳои тиҷоратии озод ва таъмини амният дар минтақа нақши муҳим хоҳад дошт» [300].

Шарифзода А. ва Қосимӣ З. дар асари худ таҳти унвони «Пайвандгар» таъкид мекунанд, ки сохтмони роҳу пулҳои нав байни Тоҷикистон ва Афғонистон, на танҳо шароити транзитро беҳтар кардааст, балки рушди инфрасохтор ва робитаҳои минтақаӣ бо Ҷануби Осиё ва Аврупоро тақвият додааст [264, с. 142].

Кушодашавии пули «Дӯстӣ» дар Панҷи Поён дар тиҷорат байни Тоҷикистону Афғонистон хеле назаррас буда, пас аз ифтитоҳи он ҳаҷми боркашонӣ беш аз панҷ маротиба афзоиш ёфт. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъди истифода додани пули мазкур, ҳаҷми боркашонӣ ба 440 ҳазор тонна ва тиҷорат ба 60 млн доллари амрикоӣ расидааст [268, с. 177].

Гардиши афзояндаи мол дар як давраи кӯтоҳ нишон медиҳад, ки рушди мутақобилаи молӣ дар ҷалби сармоя ва иқтисоди мутақобили минтақа нақши муҳим дорад. Гардиши 123 млн доллари ИМА дар соли 2011, ки нисбат ба соли 2010 қариб 53,8% зиёд шудааст, далели ин рушди назаррас шуда метавонад [280, с. 161].

Пули шашуми байни Тоҷикистон ва Афғонистон 16-уми августи соли 2011 дар ноҳияи Ванҷ бо маблағи зиёда аз 3 млн доллари ИМА бо дастгирии фонди Бунёди Оғохон сохта ба истифода дода шуд. Ин пул бо дарозии 216 метр, паҳноии 5 метр ва иқтидори борбардории 30 тонна сохта шуда, дар сохтмонаш беш аз 450 коргар иштирок доштанд [327].

31-уми октябри соли 2011 санги асоси сохтмони пули мошингард дар дарёи Панҷ дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин гузошта шуд. Пул бо дарозии 182 метр дар км 269-уми шоҳроҳи Кӯлоб – Қалъаи Хумб ҷойгир буда, барои пайваст намудани минтақаҳои ҷанубии Тоҷикистон бо шимоли Афғонистон сохта шудааст ва рушди равобити тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва транзитиро устувор мекунад. Лоиҳа бо харҷи умумии 17 млн сомонӣ, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии федералии Олмон сармоягузорӣ гардидааст, амалӣ шуд. Пули нав бо иқтидори борбардории 30 тонна сохта шудааст [342]. Мутобиқи маълумоти дигар, ин пул бо маблағгузории ҳукумати Олмон ва тавассути Бунёди Оғохон оид ба рушд (AKDN) сохта шудааст. Арзиши умумии лоиҳа тахминан 3,1 млн доллар буд [108, с. 149-162].

Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил сайъ дорад, ки тавассути қаламрави Афғонистон ва Покистон ба бандарҳои баҳрии уқёнуси Ҳинд, дастрасӣ пайдо кунад. Барои расидан ба ин мақсад зарур аст, ки чандин лоиҳаи муҳимми сохтмони роҳ амалӣ гардад. Роҳи мошингарди Душанбе – Хоруғ – Лангар – Вахон – Карочӣ ба Тоҷикистон имконият медиҳад, ки тавассути Афғонистон ва Покистон бо бандарҳои баҳрии Осиёи Ҷанубӣ робита barқарор намояд. Ин роҳ лоиҳаи стратегӣ барои кишвар буда, амалӣ шудани он на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои дигар давлатҳои минтақа низ шароитҳои нави транзитиро фароҳам меорад. Ҳамзамон, 20-уми марти

соли 2013 дар мулоқоти сатҳи олӣ дар Ашқобод, роҳбарони Тоҷикистон ва Афғонистон ёддошти тафоҳум оид ба сохтмони роҳи оҳани трансафғонӣ имзо карданд, ки ин қадам ба таҳкими равобити нақлиётӣ ва транзитӣ байни ду кишвар хизмат мекунад [15-М, с. 200-209].

Тавре ки Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд, «байни солҳои 2007 ва 2013 ҳаҷми гардиши молу маҳсулот миёни Тоҷикистон ва Афғонистон қариб 100 баробар афзоиш ёфт. Бунёди роҳу пулҳои аҳаммияти байналмилалидошта ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафи то соли 2030 ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон мусоидат намуда, ҳукумати мамлакат дар замони соҳибистиқлолӣ лоиҳаҳои давлатии сармоягузориро бо ҷалби беш аз 12 млрд сомонӣ амалӣ гардонидааст» [14].

26-уми апрели соли 2019 дар шаҳри Пекин Форуми дуюми ҳамкории байналмилалии «Як камарбанд–як роҳ» баргузор гардид, ки дар он Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок намуда, таъкид доштанд, ки Тоҷикистон мисли дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ дастрасӣ ба баҳр надорад. Аз ин сабаб, мо ба татбиқи лоиҳаҳои сохтмони шоҳроҳҳои мошингарди Чин – Тоҷикистон – Ӯзбекистон ва Чин – Тоҷикистон – Афғонистон таваҷҷуҳ дорем [226].

Аз соли 2020 оғоз карда, чандин лоиҳаҳои муҳим оид ба азнавсозӣ ва сохтмони роҳҳо амалӣ мегардад. Ба онҳо қитъаи роҳи Обигарм – Нуробод дар масири шоҳроҳи Ваҳдат – Қарамиқ (яъне Лахш) бо арзиши умумии 3,5 млрд сомонӣ, Қалъаи Хумб – Ванҷ бо маблағи 2,2 млрд сомонӣ, сохтмони роҳи Ҳулбук – Темурмалик бо маблағи 200 млн сомонӣ, ҳамчунин бунёди пулу роҳи мошингарди 18-километра дар мавзеи Кокули дарёи Панҷ, ки Тоҷикистонро бо Афғонистон мепайвандад ва маблағгузории он 70 млн сомониро ташкил медиҳад, дохил мешаванд. Илова бар ин, чандин лоиҳаҳои дигари инфрасохторӣ низ роҳандозӣ шудаанд [16].

Дар Паёми солонаи худ 21-уми декабри соли 2021, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки то имрӯз 59 лоиҳаи сармоягузорӣ бо маблағи 24 млрд сомонӣ амалӣ шуда, дар

маҷмуъ, 2400 км роҳ, 326 пул, 6 нақб ва 219 км роҳи оҳан сохта ва ба истифода дода шудаанд. Ин иншоот барои рафтуомади осон дар тамоми фаслҳо ва раҳоӣ аз бунбаст нақши муҳим доранд [18].

Азбаски Тоҷикистон роҳи мустақим ба бандарҳои баҳрӣ надорад, такя ба шабакаҳои автомобилӣ ва роҳи оҳан барои пешрафти иқтисоди миллӣ аҳаммияти асосӣ дорад. Қисми бештари ҳаракати мусофирон – зиёда аз 90 дарсади ва тақрибан 70 дарсади боркашонӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ анҷом меёбад. Илова бар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даҳ созмон ва барномаи байналмилалии соҳаи нақлиёт, ба монанди ESCAP, UN, TRACECA, Созмони ҳамкории Шанхай, SPECA ва ECO ҳамроҳ мебошад.

Дар солҳои истиқлол Тоҷикистон бо 21 кишвари дур ва 13 кишвари ҳамсояву наздик созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба имзо намуда, барои тақвияти робитаҳои байналмилалӣ дар соҳаи нақлиёт ба 12 эъломия ва созишномаҳои ҷаҳонӣ ҳам пайваст [102, с. 93-98].

Ташаббусҳои Президенти мамлакат барои татбиқи чандин лоиҳаи калидӣ дар самти роҳҳои байналмилалӣ ба мисли хатсайрҳои Душанбе – Бохтар – Панҷи Поён (сарҳадди Афғонистон), Душанбе – Кӯлоб – Қалъаи Хумб – Хоруғ – Кулма (сарҳадди Чин), ҳамчунин Душанбе – Бӯстон – Чанок̧ ва Душанбе – Айнӣ – Панҷакент бо муваффақият ба поён расиданд. Ифтитоҳи қисматҳои роҳи Душанбе – Данғара бо нақбҳои Хатлон, Озодӣ ва Дарвоз, оғози корҳои сохтмонӣ дар масири Қалъаи Хумб то сарҳадди Рӯшон ва пешрафти лоиҳакашӣ дар самти Рӯшон – деҳаи Варшези ноҳияи Шуғнон боқӣ мемонанд, ки ҳамаҷониба ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ таъсири назаррас мерасонанд [314].

Хамин тариқ, бо мақсади роҳандозии ҳадафи аз бумбасти коммуникатсионӣ баромадан, тайи солҳои охир дар Тоҷикистон бо ҷалби сармояи хориҷӣ наздики 40 лоиҳа татбиқ ва зиёда аз 2000 км роҳҳои автомобилгард бунёд ва таъмиру таҷдид гардиданд. Ҳамзамон, зиёда аз 120 адад купрук, беш аз 130 км хатҳои роҳи оҳан ва наздики 32 км нақбу иншооти садгузори тарма мавриди истифода қарор дода шуданд.

Аз ҷумлаи лоиҳаҳое, ки бо натиҷаҳои хуб иҷро шудаанд, метавон чанд масири муҳимми автомобилиро ном бурд. Аз ҷумла, роҳи автомобилгарди Душанбе – Данғара бо дастгирии «Эксимбонк»-и Ҷумҳурии Мардумии Чин ба маблағи 256,27 млн доллар таъмир ва таҷдид гардид. Ҳамчунин, лоиҳаи роҳҳои Душанбе – Турсунзода – сарҳадди Ҷумҳурии Ӯзбекистан ба маблағи 131,2 млн доллар ва роҳи Душанбе – сарҳадди Қирғизистон бо маблағгузории 76,5 млн доллар бо кумаки Бонки осиёии рушд навсозӣ шуданд. Лоиҳаи роҳи Кӯлоб – Қалъаи Хумб дар қитъаи Шамсиддин Шоҳин – Шоҳон аз ҳисоби фондҳои байналмилалии Рушди Қувайт ва Абудабӣ ба маблағи умумии 92,9 млн доллар дастгирӣ шуд. Ба ин рӯйхат сохтмони роҳи Душанбе – Хуҷанд – Чанок ва сохтмони нақби «Шаҳристон» низ дохил аст, ки онро ширкати чинии «China Road and Bridge Corporation» бо 310 млн доллар иҷро намудааст [271, с. 103-108].

Дар маҷмуъ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани шароит ва баланд бардоштани самаранокии бахши нақлиёт ва транзити молҳо тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ намуд [159]. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рушди инфрасохтори нақлиётӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои истифодаи роҳҳои нақлиётӣ, ки дар оянда байни Осиё ва Аврупо масирҳои трансконтиненталиро ташкил медиҳанд, корҳои сохтмонию азнавсозиро идома диҳад [141, с. 53].

Тоҷикистон бо мақоми стратегии худ дар Осиёи Марказӣ барои рушди иқтисод ва ҳамкориҳои байналмилалӣ нақши муҳим дорад. Аммо, дар ин самт баъзе мушкилоту душвориҳо низ ба назар мерасад. Бартараф кардани маҳдудиятҳои коммуникатсионӣ ду ҷанба дорад: аввал, таҳия ва ҳамоҳангсозии нақлиёти дохилии кишвар, ки роҳи оҳан, ҳавоӣ ва обиро якҷоя мекунад. Дуюм, пайвасти ин шабака ба долонҳои нақлиётии байналмилалӣ мебошад, ки барои соҳиб шудан ба мақоми муҳим дар транзити минтақавӣ ва ҷаҳонӣ зарур аст. Ин иқдомҳо на танҳо барои рушди иқтисоди миллӣ муҳимманд, балки барои иҷрои вазифаҳои стратегӣ дар арсаи байналмилалӣ низ нақши муҳим доранд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба сатҳи байналмиллаӣ баровардани инфрасохтори нақлиётӣ корҳои муҳимро ба анҷом расонидааст. Аз ҷумла, ширкатҳои бузурги логистик, ки тамоми хизматрасониҳои зарурӣ, аз ҷумла, анбордорӣ, интиқол, борбандӣ ва расмиёти гумрукро бо технологияҳои муосир пешкаш кунанд, таъсис додааст. Ҳамзамон, норасоии мутахассисони байналмилалӣ, ки дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ мушоҳида мегардиданд, бартараф карда шуданд.

Инфрасохтори пешрафтаи нақлиётӣ ва истифодаи технологияҳои муосир, заминаи устувори рушди иқтисодӣ ва тиҷоратиро фароҳам меорад. Аз ин рӯ, таҳкими бахши соҳаи нақлиёт дар Тоҷикистон барои тақвияти мақоми иқтисодӣ ва стратегӣ дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ аҳаммияти зиёд дошта, бо татбиқи сиёсати дуруст ва барномаҳои амалишаванда метавонад натиҷаҳои мусбат ба бор оварад.

Ҳамин тариқ, боби панҷуми рисолаи мазкурро ба анҷом расонида, ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

– дар давраи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи нақлиёт ба яке аз самтҳои афзалиятнок ва стратегӣ табдил ёфт. Мавқеи ҷуғрофӣ ва релефи кӯҳии кишвар ниёз ба таъмини рушди пайвастаи инфрасохтори нақлиётро боз ҳам бештар намуд;

– сохтмон ва навсозии роҳҳои мошингард дар ин давра бо дастгирии фаъолонаи давлат ва ҳомкорон (донорҳо)-и байналмилалӣ суръат гирифт. Бунёди роҳҳои стратегӣ, аз ҷумла роҳи Душанбе – Хуҷанд, Душанбе – Кулма, Кӯлоб – Дарвоз ва дигар шоҳроҳҳо муҳимми маҳаллӣ ва минтақавӣ на танҳо иртиботро беҳтар кард, балки ба ба рушди соҳаҳои тиҷорат, сайёҳӣ, мусофиркашони ва дигархизматрасониҳо такони ҷиддӣ бахшид;

– нақбсозӣ, бахусус сохтмони нақбҳои «Истиқлол», «Дустӣ», «Шаҳристон», «Озодӣ», «Хатлон», ҳамчунин «Тоҷикистон» ва «Бадахшон», ки то ҳол марҳилаҳои корӣ дар баъзеи онҳо идома доранд, яке аз дастовардҳои муҳим ва муваффақи даврони истиқлол ба ҳисоб меравад.

Сохтмони нақбҳо иртиботи дохилии кишварро дар ҳама фаслҳо таъмин карда, масофаи байни минтақаҳои ҷумҳуриро кӯтоҳ намуд, ба рушди тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ замина гузошт, бехатарии ҳарати мусофирон, махсусан дар фасли сармо таъмин намуд;

– нақлиёти роҳи оҳан дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ бо душвориҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид, аз ҷумла бо ҷудошавӣ аз шабакаи умумии роҳҳои оҳани Шуравӣ. Бо вуҷуди мушкилот, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист роҳҳои мавҷударо қисман нигоҳ дошта, ҳамзамон хатсайрҳои нави минтақавӣ ва байналмилалиро ба вуҷуд оварад;

– дар давраи истиқлолият авиатсияи гражданӣ дар Тоҷикистон бо навсозӣ ва таҷҳизонидани фурудгоҳи байналмилалӣ бо технологияи муосир, ворид кардани ҳавопаймоҳои муософирбарӣ мувофиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ва зиёд намудани парвозҳои дохилӣ ва хориҷӣ такмил ёфт. Дар ин давра фурудгоҳи Душанбе, фурудгоҳҳои Хуҷанд, Кӯлоб ва Бохтар низ бо меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида шуданд;

– дар давраи истиқлол Тоҷикистон барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва тақвияти ҳамкориҳояш дар соҳаи инфрасохтори нақлиёт бо ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ, қабили Бонки ҷаҳонӣ, Бонки осиёии рушд, Бонки исломии рушд, ЮСАИД ва дигар ниҳодҳо, тадбирҳои муассир андешид. Лоиҳаҳои бузурги роҳсозӣ ва таҷдидӣ инфрасохтори нақлиётӣ бо маблағгузории ин ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ шуданд, ки ба рушди устувори иқтисодӣ ва пайвасти Тоҷикистон ба шабакаҳои транзити байналмилалӣ мусоидат намуд;

– раванди ҳамгироии минтақавӣ ва нақлиёти транзитӣ, махсусан тавассути шабакаи CAREC ва ташабусҳои минтақавии «Як камарбанд-як роҳ» Тоҷикистонро дар мавқеи муҳимми геостратегӣ қарор дод. Дар замони истиқлол, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кушиш кард, ки шаҳрвандони кишвар аз роҳи транзитии Осиёи Марказӣ ба ҷануб ва шарқ истифода бурда, нақши калидиро дар ҳамлунақли байналмилалӣ иҷро намоянд;

– таъсири рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар истиқлолияти давлатӣ хеле фарох буда, ба рушди иҷтимоӣ, дастрасӣ ва таҳсилу тандурустӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва коҳиши сатҳи камбизоат таъсири мусбат расонид. Ба шарофати роҳҳо ва нақбҳои нав, минтиқаҳои зиёди кишвар ба ҳам пайваст гардида, мутамарказонидани хизматрасониҳо беҳтар гардид;

– ҳарчанд рушди соҳа бо монеаҳо, аз ҷумла ба норасоии сармоя, муҳити мураккаби ҷуғрофӣ ва камбудии технология рӯ ба рӯ шуда бошад ҳам, вале бо қабули стратегияҳои миллии рушд, барномаҳои давлатии рушди роҳу нақлиёт ва ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, тадриҷан мушкиҳо бартараф карда шуда, рушди соҳа босубот идома дорад;

– таҳлили боби панҷум нишон медиҳад, ки соҳаи нақлиёти Тоҷикистон дар давраи истиқлол таҳаввулоти амиқ ва бунёдиро аз сар гузаронидаст. Рушд ва густариши роҳҳои мошингард, беҳтарсозии вазъи нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан, афзоиши ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ ва ба роҳ мондани низоми муосири инфрасохтори нақлиётӣ Тоҷикистонро ба як узви фаъол дар низоми ҳамлунақли минтақа ва ҷаҳон табдил дод.

## ХУЛОСА

## НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ БАДАСТОМАДАИ ТАҲҚИҚОТ

Дар рисолаи мазкур яке аз масоили мубрами таърихи халқи тоҷик - равандҳои ташаккул ва рушди соҳаи роҳу нақлиёт ва инфрасохтори он дар Тоҷикистон, аз таъсисёбиии ҶМШС Тоҷикистон то ҷашни 30-юмин солгарди Истиқлоли давлатӣ дар асоси таҳлили манбаъҳои бойгонӣ, матбуоти даврӣ ва таҳқиқоти илмии олимону мутахассисон таҳқиқ ва баррасӣ шудааст. Мақсади асосии таҳияи рисолаи мазкур омӯзиши ташаккул ва рушди соҳаи нақлиёт, инфрасохтори зарурии он дар давраи таҳқиқшаванда мебошад.

Таҳқиқи мавзуъ нишон дод, ки соҳаи нақлиёт, аз соҳаҳои калидии кишоварзии Тоҷикистон буда, давра ба давра ташаккул ва рушд ёфтааст.

Агар дар даврони Шуравӣ ба соҳаи нақлиёт ва инфрасохтори он замина гузошта шуд, пас таҳаввулоти ҷиддӣ дар солҳои Истиқлоли давлатӣ ба миён омадааст. То барпошавии ҳокимияти Шуравӣ дар Осиёи Миёна ва таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон ва баъдан ҶШС Тоҷикистон, агар воситаи асосии нақлиёт ҳайвонот (хар, асп, шутур) буда ва мардум аз роҳҳои корвонӣ ва пайроҳаҳои касногузару душворгузар истифода мекарданд, бо таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон оҳиста-оҳиста ин мушкилот бартараф шуданд. Дар даврони Шуравӣ шароити мусоид барои ташкили инфрасохтори нақлиёт ва роҳсозӣ гузошта шуд. Дар аввал роҳҳои нақлиётӣ дар Тоҷикистон хеле маҳдуд буданд ва дар асоси якчанд хатсайрҳо амал мекарданд. Шуруъ аз солҳои 20-уми асри XX техникаҳои муосир ба Тоҷикистон ворид карда мешуданд. Дар давоми солҳои 20-30-юми асри XX бо сабаби вазъи иқтисодии кишвар ва мушкилоти зиёде, ки боиси норасоии маблағ барои инфрасохтори нақлиётӣ мегардид, роҳсозӣ дар кишвар дар сатҳи ба талабот мувофиқ рушд карда натавонист. Бо вуҷуди ин, бо кӯшишҳои пайвастаи ҳукумат ва таваҷҷуҳ ба бунёди роҳҳо, шохаҳои насли аввалини роҳсозӣ пайдо гардиданд, ки ин ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат таъсир гузошт. Роҳҳои оҳан ва ҳавоӣ рушд намуда, сатҳу сифати боркашонӣ ва мусофиркашонӣ беҳтар мегардид. Барои беҳтар кардани равандҳои нақлиёт, истифодаи техникаи муосир ва таҷҳизоти сохтмонӣ, ки пештар барои сохтмони роҳҳо дастрас набуданд, оғоз шуд. Ба туфайли таҳаввулоти техникӣ, роҳсозӣ дар Тоҷикистон хеле осонтар ва самараноктар гардид.

Дар солҳои 50–80-ум, бо рушди саноат ва истифодаи таҷҳизоти муосир, Тоҷикистон шоҳроҳҳои наву механикунонидашкдаро бунёд кард. Таъминоти мошинии соҳаи роҳсозӣ таъсири амиқе ба рушди иқтисодӣ ва таҳкими инфрасохтор гузошт. Роҳҳои мошингард дар Тоҷикистон васеъ шуданд, ки ин ба афзоиши фаъолияти иқтисодӣ ва рушди соҳаи саноат мусоидат намуд. Техникаҳои мусоир на танҳо барои боркашонӣ ва ё ҳаракати мусофирон, балки дар хоҷагии халқ ва кишоварзӣ васеъ истифода мешуданд. Тибқи сиёсати нақшаи истеҳсолӣ ва транзитӣ дар барқарорсозии роҳи оҳан ва

авиатсия барои кишвар аҳаммияти бештар пайдо намуд, ки дар натиҷа авиатсия ва роҳҳои оҳан дар якҷоягӣ дар шакли шабакаҳои транзитӣ омода шуданд. Ҷанбаҳои гуногуни авиатсияи гражданӣ ташаккул ёфт ва то охири солҳои 70-80-ум, ҶШС Тоҷикистон як маркази муҳим барои нақлиёт ва ҳамкориҳо гардид. Дар ин давра мактаби роҳсозони миллӣ, ҳавонавардон (аз ҷумла занҳо), кормандони роҳи оҳан ва ронандагон ташаккул ёфт.

Пас аз расидан ба Истиқлоли давлатӣ соҳаи роҳу нақлиёт ҳамчун яке аз хадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ гардид ва дар ин замина соҳаи мазкур рушду такомул ёфта, таҳаввулот ва дигаргунию пешравиҳои назаарасро касб кард. Вақте ки кишвар ҳокимияти мустақилона ва дастрасӣ ба сармоягузориҳои хориҷиро ба даст овард, инфрасохтори роҳсозӣ ва нақлиётӣ як ҷузъи муҳим дар таъмини рушди иқтисоди мамлакат гардид. Бунёди роҳҳои мошингард ва нақбҳо, ки дар шароити кӯҳистонии Тоҷикистон сохта шуданд, ба муҳимтарин муваффақиятҳо дар ин соҳа табдил ёфт. Истиқлол барои Тоҷикистон имконият дод, то сармоягузорӣ дар соҳаи роҳсозӣ афзоиш ва сифату ҳолати роҳҳо беҳтар карда шавад.

Маҳз, дар солҳои истиқлоли давлатӣ бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ дар минтақа табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар қарор дода шуд, ки дар ташаккул ва пайвасти роҳҳои дохиливу байналмиллалӣ нақши калидӣ гузошт.

Дар маҷмуъ, дар асоси таҳлили маводҳои зиёди илмӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, масъалаи роҳу роҳсозӣ ва ташаккули инфрасохтор онро таҳлилу баррасӣ намуда, ба хулосаҳои зерин расидем:

1. Таҳлили заминаҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки то солҳои 20-уми асри XX роҳсозӣ дар ҳудуди Тоҷикистон хусусияти суннатӣ ва маҳаллӣ дошта, ба сабаби шароити мураккаби ҷуғрофӣ ва набудани сиёсати марказонидашуда, суст рушд ёфта буд. Кӯҳҳо, водиҳо ва монеаҳои табиӣ

пешрафти инфрасохторро ба мушкилот рӯбарӯ мекарданд. Ғайр аз ин, сиёсати маҳаллӣ ва аз марказ дур будани идоракунии роҳсозӣ дар давраҳои гузашта, таъсири манфӣ ба рушди соҳа дошт [2-М, 6-М, 15-М, 17-М, 23-М].

2. Бо таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон ва баъдан ҶШС Тоҷикистон (1924–1929) заминаҳои ташаккули бахши роҳ ҳамчун бахши муҳимми хоҷагии халқ фароҳам омада, идоракунии давлатӣ ва банақшагирии соҳа оғоз гардид. Дар ин давра идоракунии давлатӣ ва банақшагирии соҳа оғоз ёфт, ки ин амалҳо барои рушди инфрасохтор ва беҳбудии роҳсозӣ дар кишвар зарурӣ буданд. Ҳукумати кишвар бо барномаҳои махсуси марказӣ, ки таҳти сиёсати Ҳукумати Шуравӣ роҳандозӣ мешуданд, кӯшиш мекард, то роҳҳо ва хатҳои нақлиётиро дар тамоми ҷумҳурӣ ташаккул ва имконияҳои иқтисодиву иҷтимоии мардуми маҳаллиро беҳтар созад [2-М, 6-М, 15-М, 17-М, 23-М].

3. Дар солҳои 20–30-уми асри XX рушди инфрасохтори роҳҳо нақши назаррас дар тезонидани равандҳои иқтисодӣ ва тақвияти робитаҳои иҷтимоӣ бозид. Густариши шабакаи роҳҳо ва беҳтар шудани шароити нақлиёт дастрасии минтақаҳои дурдаст ва кӯҳӣ ро осонтар сохт. Ин мустақиман ба фаъолиятҳои хоҷагӣ ва рӯзгории аҳолӣ таъсир гузошт. Дастрасӣ ба ҳудудҳое, ки қаблан душворгузар буданд, рушди тиҷорат, таъминот ва фаъолиятҳои истеҳсолиро суръат бахшид. Ҳамзамон, дастрасии нақлиётӣ ба соҳаи иҷтимоӣ низ таъсир кард: имкониятҳо барои таҳсил ва хизматрасонии тиббӣ васеъ гардиданд. Аз ин рӯ, инфрасохтори роҳҳо на танҳо унсури техникӣ дар хоҷагӣ, балки омилҳои муҳими тағйиротҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба шумор меравад [2, 6, 15, 17, 23].

4. Сохтмони роҳҳо дар ин давра на танҳо аҳамияти иқтисодӣ дошт, балки аҳамияти иҷтимоию сиёсӣ дошт, ки ба тақвияти ҳокимияти давлат ва муттаҳид сохтани ҷумҳурӣ мусоидат мекард. Бо пайдоиши роҳҳои нави автомобилгарди муносибат байни минтақаҳои гуногуни кишвар беҳтар шуд, ки ин ба тақвияти идоракунии давлатӣ ва сиёсати ҳокимияти марказӣ кӯмак

расонд. Ин раванд, ба навбати худ, ба рушди робитаҳои иҷтимоӣ ва муттаҳидии миллӣ низ замина фароҳам овард [1, 3. 11, 21].

5. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ шабакаи роҳу нақлиёт ба унсури муҳимми таъмини низомӣ ва иқтисодӣ табдил ёфт, ки имконият фароҳам овард роҳҳоро дар шароити маҳдудияти захираҳо нигоҳ доштан ва самаранок истифода бурдан. Фурудгоҳҳо ва хатҳои нави ҳавоӣ, ҳамчунин таҷдиди роҳи оҳан, зарбаи ҷиддӣ ба рушди равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ заданд. Сохтмони роҳҳо ва ташкили нақлиёт на танҳо ба фронт кӯмак мерасонд, балки ба иқтисодиёт ва тақвияти ҳокимияти давлатӣ низ таъсири муҳим дошт, ки дар шароити ҷанг, барқарорсозии робитаҳо ва интиқоли молу борҳо аҳамияти Давраи баъдиҷангӣ бо барқарорсозии роҳҳо ва инфрасохтори фарсудаи иқтисодӣ хос буд, ки заминаҳои устувор барои рушди минбаъдаи соҳаи хоҷагии роҳ ва нақлиётро фароҳам овард. Барқарорсозии инфрасохтор талаб мекард, ки тамоми захираҳои мавҷуд ба сохтмон ва таъмири роҳҳо ва ташкили хатсайрҳои нави нақлиёт равона карда шаванд. Ин барқарорсозӣ, ки бо ташаббус ва сиёсати мақсадноки давлат амалӣ гардид, замина барои рушди минбаъдаи иқтисод, ҳаёти иҷтимоӣ ва нақлиётро фароҳам овард. Пояи роҳи оҳан, рушди авиатсия ва беҳтар шудани сифати роҳҳои автомобилгарди асосӣ ба рушди иқтисодиёт дар солҳои баъдиҷангӣ мусоидат намуд ва имкониятҳои нави таъмин намудани робитаҳо байни минтақаҳои гуногуни кишварро фароҳам овард [1, 2, 6].

6. Ташаккул ва рушди шабакаи роҳи оҳан дар солҳои 20–40-уми асри XX ба ҳамгироии иқтисодии Тоҷикистон бо минтақаҳои дигар, рушди саноат ва афзоиши гардиши мол мусоидат намуд. Бо бунёди хатсайрҳои нави роҳи оҳан, Тоҷикистон имкон ёфт, ки бо дигар минтақаҳо, ҳам дар дохил ва ҳам бо кишварҳои ҳамсоя, иртиботи мустақим ба вуҷуд оварад. Ин раванд ба рушди саноат, махсусан дар бахшҳои истихроҷи маъдан ва коркардҳои саноатӣ, такони ҷиддӣ бахшид. Афзоиши гардиши мол ва ҳамгироии иқтисодӣ бо

минтақаҳои дигар, инчунин, имкониятҳои рушди иҷтимоӣ ва беҳбудии ҳаёти мардумро фароҳам овард [3, 11, 13, 15].

7. Ташаккул ва густариши шабакаи роҳҳои оҳан дар солҳои 20–40-уми асри XX ба ҳамгироии иқтисодии Таджикистан бо дигар минтақаҳо ва қаламравҳо мусоидат намуда, ба рушди иқтисоди миллӣ ва афзоиши гардиши мол таъсири назаррас расонд. Бо мавриди истифода қарор гирифтани хатсайрҳои нави роҳи оҳан, ҷумҳурӣ имконият пайдо кард, ки ҳам дар фазои дохилӣ ва ҳам бо кишварҳои дигар робитаҳои мустақим барқарор намояд. Ин раванд барои пешрафти соҳаҳои саноатӣ такони ҷиддӣ бахшид, махсусан дар самти истихроҷ ва коркарди саноатии канданиҳои фоиданок. Афзоиши ҳаҷми ҳамлу нақли бор, тақвияти ҳамгироии иқтисодӣ бо минтақаҳои дигар ва фароҳам омадани имкониятҳои нави рушд дар маҷмӯъ ба баланд гардидани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ мусоидат намуд [3, 11, 13, 15].

8. Рушди авиатсияи гражданӣ дар ҶШС Тоҷикистон пеш аз ҳама бо хусусияти кӯҳистонии релеф ва дурии як қатор ноҳияҳо асос меёфт. Дар чунин шароит нақлиёти ҳавоӣ на танҳо воситаи иловагӣ, балки амалан ягона имкони таъмини робитаи мунтазами нақлиётӣ ба шумор мерафт. Бо назардошти маҳдуд будани имкониятҳои сохтмони роҳҳои заминӣ, маҳз парвозҳои ҳавоӣ пайвастагии устувори байни минтақаҳои ҷумҳурӣ ва дигар қаламравҳои Иттиҳоди Шуравиро таъмин мекарданд. Ин раванд ба табиати робитаҳои дохилии кишвар таъсири ҷиддӣ расонд: сатҳи ҷудоии ноҳияҳои дурдаст коҳиш ёфт, таъминоти моддӣ осонтар гардид ва муносибатҳои иҷтимоиву фарҳангӣ густариш пайдо карданд. Ба ин тартиб, авиатсия дар ҳамгироии Тоҷикистон ба фазои умумии Иттиҳоди Шуравӣ нақши муҳим бозид [8, 9, 13, 14, 20, 28].

9. Дар солҳои 50–80-уми асри XX ташаккули низоми ягонаи коммуникатсионии нақлиётӣ миёни минтақаҳо имкон фароҳам овард, ки ҷудоиҳои иқтисодӣ тадриҷан бартараф карда шаванд. Пешрафти роҳҳои автомобилгард ва оҳан, инчунин тавсеаи шабакаи парвозҳо, сатҳи

пайвастагии ҳудудҳоро ҳам дар дохили ҷумҳурӣ ва ҳам дар доираи Иттиҳоди Шуравӣ боло бурд. Кам гардидани хароҷоти нақлиётӣ ва осон шудани интиқоли захираҳо истифодаи имкониятҳои истеҳсолиро самараноктар гардонд. Ин омилҳо ба афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва гардиши мол бевосита таъсир расонида, фаъолияти соҳаҳои саноат ва кишоварзиро фаъолтар намуданд [3, 6, 8, 9, 11, 15].

10. Баланд бардоштани сатҳи таҷҳизоти техникии соҳаи роҳу нақлиёт ва ҷорӣ намудани техникаи нав суръати корҳои сохтмонӣ ва таҷдиди роҳҳоро ба таври назаррас афзоиш дод. Истифодаи технологияҳои муосири ҳамон давра сифати иҷрои корҳоро беҳтар намуда, имкони густариши шабакаи роҳҳоро бидуни хароҷоти аз ҳад зиёди вақт ва захираҳо фароҳам сохт. Механиконидани равандҳои истеҳсолӣ муҳлати сохтмон ва таъмирро кӯтоҳ намуда, устувории низоми нақлиётии кишварро тақвият бахшид. Дар натиҷа, рушди инфрасохтор хусусияти муназзамтар ва дурнамодортар касб кард [1, 2, 3, 6, 13, 15, 23].

11. Барқарорсозӣ ва рушди авиатсияи гражданӣ дар нимаи дуюми асри XX имкониятҳои нави иқтисодӣ ва иҷтимоиро фароҳам оварда, нақлиёти ҳавоиро ба бахши ҷудонашавандаи инфрасохтори ҷумҳурӣ табдил дод. Бо беҳтар гардидани инфрасохтори авиатсионӣ ва ба кор даромадани хатсайрҳои нави парвоз, Тоҷикистон тавонист, ки иртиботи зуд ва самарабахшро бо дигар минтақаҳо ва ҷумҳуриҳои шуравӣ таъмин намояд. Дар натиҷа гардиши молу маҳсулот ва интиқоли мусофирон афзоиш намуда, соҳаи авиатсия заминаи муҳимро барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва таҳкими иртиботи минтақаҳои ҷумҳурӣ ва кишварҳои аъзои иттиҳод гардид [8, 9, 13, 14, 20, 28].

12. Дар солҳои истиқлоли давлатӣ рушди роҳҳои мошингард, сохтмони нақбҳо ва долонҳои нақлиётӣ ба яке аз самтҳои стратегии сиёсати давлатӣ табдил ёфта, ба таъмини истиқлолияти коммуникатсионии кишвар мусоидат намуд. Раванди мазкур ба таъмини истиқлолияти коммуникатсионии кишвар

мусоидат намуда, имкон дод, ки Тоҷикистон на танҳо аз ҷиҳати ҷуғрофӣ, балки аз лиҳози иқтисодӣ ва сиёсии ба даст овардани иртиботи мустақил бо дигар кишварҳо ва минтақаҳо тавсеа ёбад. Сохтмони роҳҳои мошингард ва нақбҳо, ки ба рушди нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан кумак намудаанд, барои барқарор кардани иртиботи мустаҳкам байни минтақаҳо ва баланд бардоштани сатҳи амният ва устувории кишвар аҳммияти калон пайдо намуд. Ин тадбирҳо боиси баҳамомадани рушди иқтисодӣ ва беҳбудии шароити зиндагии мардум гардиданд [4; 5, 7, 17, 19, 22, 23, 24].

13. Навсозии инфрасохтори нақлиётӣ дар давраи истиқлол ба беҳтар гардидани алоқаи дохилӣ, рушди минтақаҳои дурдаст ва таҳкими ваҳдати иқтисодии ҷумҳурӣ замина гузошт. Бо бунёд ва таҷдиди роҳҳо, нақбҳо ва шабакаи роҳи оҳан, имкониятҳои алоқаи байни минтақаҳои гуногуни кишвар беҳтар гардид, ки ин барои рушди иқтисодии ҳар як минтақа ва амалишавии барномаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ хеле муҳим буд. Роҳҳои нав ва инфрасохтори муосир, ки барои ҳаракати осон ва бехатар тавассути кишвар зарур буданд, ба беҳбудии шароити зиндагии мардум ва тақвияти робитаҳои иқтисодӣ байни минтақаҳо мусоидат карданд, ки дар натиҷа ба таҳкими ваҳдати иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар ва ба расидан ба истиқлолияти коммуникатсионии Тоҷикистон кумак расонид [14, 19, 23, 24, 25, 26].

14. Бо гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ, соҳаҳои роҳи оҳан ва авиатсияи гражданӣ ба шароити куллан нав рӯ ба рӯ шуданд. Низоми қаблии идоракунӣ, ки бар асоси модели банақшагирии марказонидашуда ташаккул ёфта буд, дигар наметавонист мутобиқшавӣ ба талаботи тағйирёбандаи бозор ва таъмини суботи молиявиро кафолат диҳад. Аз ин рӯ, зарурати гузаронидани ислоҳоти сохторӣ, ҷалби сармоягузориҳо ва мутобиқ сохтани фаъолияти соҳа ба меъёрҳои иқтисоди рақобатпазир ба миён омад. Масъала танҳо ба навсозии техникии инфрасохтор маҳдуд набуда, бознигарии принсипҳои асосии фаъолияти низомро низ дар бар мегирифт. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маҳз тағйироти институтсионалӣ ба беҳтар гардидани

сатҳи хизматрасонӣ ва ҳифзи қобилияти рақобатпазирии низоми нақлиётӣ дар самти байналмилалӣ мусоидат намуданд [9, 13, 14, 20, 24, 25, 26, 27].

15. Дар даҳсолаҳои охири асри XX ва ибтидои асри XXI ҳамкории байналмилалӣ ба яке аз омилҳои муҳими рушди инфрасохтори нақлиётии Таджикистан табдил ёфт. Иштирок дар тарҳҳои минтақавӣ ва ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳамсоя имкон фароҳам овард, ки на танҳо қитъаҳои алоҳидаи шабака таҷдид гарданд, балки низоми нақлиётии кишвар ба масирҳои фарохтари минтақавӣ ҳамгиро карда шавад. Ин раванд хусусияти робитаҳои иқтисодии хориҷиро тағйир дод: нақлиёт аз воситаи ёрирасон ба унсури стратегии рушд мубаддал гардид. Ҷалби сармояи хориҷӣ имкониятҳои молиявии навсозиро тавсеа бахшида, мавқеи геоиқтисодии ҷумҳуриро тақвият дод. Дар ҳамин замина гузариш аз модели нисбатан маҳдуди рушд ба низоми бозтар ва ҳамгиротар равшан мушоҳида мешавад [7, 10, 12, 16, 18, 24].

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти мазкур нишон медиҳад, ки таҳлили таърихии ташаккули хоҷагии роҳу инфрасохтори нақлиёт дар Тоҷикистон дар давоми солҳои 1924–2021 собит месозад, ки ин соҳа яке аз пояҳои муҳим ва омили бунёдии рушди иқтисодӣ, устувории иҷтимоӣ ва ҳамгироии байналмилалии кишвар ба шумор рафта, ба унсури калидии рушди стратегӣ, иқтисодӣ ва геополитикии кишвар табдил ёфтааст. Дар давраи Шуравӣ ва солҳои истиқлолият, соҳаи нақлиёт нақши калидӣ дар таҳкими ҳокимияти давлатӣ, беҳбудии шароити зиндагӣ ва рушди иқтисодӣ бозид. Ҳамкориҳои байналмилалӣ ва сармоягузориҳои хориҷӣ ба ҳамгироии Тоҷикистон бо шабакаҳои минтақавию байналмилалӣ мусоидат карданд, ки ин боиси тақвияти мавқеи геополитикии Тоҷикистон гардид.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Натиҷаҳои таҳқиқи заминаҳои таърихии ташаккули хоҷагии роҳ ва инфрасохтори роҳсозӣ дар Тоҷикистон, мумкин аст, ҳангоми таҳияи консепсия-

ҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди инфрасохтори нақлиётӣ бо дарназардошти хусусиятҳои таърихию ҷуғрофии ҷумҳурӣ истифода карда шаванд.

2. Хулосаҳои илмӣ оид ба рушди инфрасохтори роҳсозӣ ва нақлиёти автомобилӣ дар солҳои 20–30-юми асри XX мумкин аст дар асосноккунии нақши роҳҳо дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо ва такмили сиёсати минтақавии давлат мавриди истифода қарор гиранд.

3. Натиҷаҳои таҳлилӣ вобаста ба вазъи сохтмон ва нигоҳдории роҳҳо дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ мумкин аст дар таҳияи механизмҳои идоракунии инфрасохтори нақлиётӣ дар шароити фавқулода ва маҳдудияти захираҳо истифода шаванд.

4. Таҷрибаи барқарорсозии роҳҳо дар давраи баъдиҷангӣ собит менамояд, ки ҳатто дар шароити маҳдудияти захираҳо низ имкон дорад низоми марҳилавӣ ва аз ҷиҳати мантиқӣ асосноки таҷдид ба роҳ монда шавад. Дар он солҳо авлавиятҳо на ба таври расмӣ, балки бо такя ба эҳтиёҷоти воқеии иқтисод ва сатҳи пайвастагии ҳудудҳо муайян мегардиданд. Ба назари мо, чунин равиш имрӯз низ аҳаммияти худро аз даст надодааст, зеро гузариш ба иқтисоди устувор татбиқи қарорҳои парокандаро не, балки банақшагирии пайгирона ва муайянсозии дақиқи самтҳои афзалиятноки рушди низоми нақлиётиро тақозо мекунад.

5. Таҳлили марҳилаҳои ташаккул ва рушди роҳҳои оҳан дар солҳои 20–40-уми асри XX имкон медиҳад дарк намоем, ки чӣ гуна заминаи нақлиётии ҳамгироии иқтисодӣ ба вуҷуд омад. Дар он давра роҳи оҳан сохтори робитаҳои хоҷагиро тағйир дода, сатҳи ҷудоии минтақаҳоро коҳиш бахшид ва интиқоли ашёи хом ва маҳсулоти тайёрро осон гардонд. Ин раванд ба рушди саноат ва густариши бозори дохилӣ таъсири бевосита расонд. Маҳз дар ҳамин замина робитаи зич миёни пешрафти инфрасохтор ва болоравии рақобатпазирии низоми нақлиётии кишвар мушоҳида мегардад.

6. Омӯзиши рушди авиатсияи гражданӣ дар ҶШС Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар шароити релефи кӯҳистон нақлиёти ҳавоӣ аз нақши ёрирасон

берун рафта, ба унсури калидии таъмини пайвастагии нақлиётӣ табдил ёфт. Он дастрасӣ ба ҳудудҳоеро таъмин мекард, ки сохтмони роҳҳои заминӣ дар онҳо душвор ё аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайримақсаднок буд. Тавре таҳлилҳо собит месозанд, ин таҷрибаи таърихӣ метавонад ҳангоми такмили барномаҳои давлатии рушди нақлиёти ҳавоӣ мавриди истифода қарор гирад. Хусусан барои ноҳияҳои кӯҳистон, ки дар онҳо авиатсия ҳамоно боэътимодтарин василаи нигоҳдории робитаҳои мунтазам ба шумор меравад, чунин натиҷагирӣ аҳаммияти амалӣ дорад.

7. Натиҷаҳои таҳқиқи масоили ташкили алоқаи нақлиётии минтақаҳо ва рушди роҳҳои мошингард дар солҳои 50–80-уми асри XX мумкин аст ҳангоми таҳияи барномаҳои муосири ҳамгироии минтақавӣ ва коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифода шаванд.

8. Хулосаҳои марбут ба равандҳои механикунонии соҳаи роҳу нақлиёт мумкин аст дар асосноккунии зарурати навсозии техникию технологии соҳа, баланд бардоштани самаранокии меҳнат ва оптимизатсияи хароҷоти сохтмонӣ ба кор бурда шаванд.

9. Натиҷаҳои таҳқиқи барқарорсозӣ ва рушди авиатсияи гражданӣ дар нимаи дуюми асри XX мумкин аст ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди инфрасохтори фурудгоҳӣ ва такмили сифати хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоӣ истифода гарданд.

10. Хулосаҳои илмӣ оид ба фаъолияти ташкилӣ ва иқтисодии роҳи оҳан дар таъмини соҳаҳои асосии хоҷагии халқ мумкин аст дар такмили низоми идоракунии соҳа, ҳамоҳангсозии фаъолияти он бо дигар бахшҳои иқтисод ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидорҳо мавриди истифода қарор гиранд.

11. Мавод ва натиҷаҳои асосии рисола мумкин аст дар раванди таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла ҳангоми таҳияи курсҳои махсус, дастурҳои таълимӣ ва барномаҳои фаннӣ оид ба таърихи иқтисод, нақлиёт ва идоракунии инфрасохтор истифода карда шаванд.

12. Натиҷаҳои таҳқиқи сохтмон ва навсозии роҳҳои мошингард ва нақбҳо дар солҳои истиқлол мумкин аст ҳангоми таҳияи стратегияҳои таъмини амнияти нақлиётӣ ва истиқлолияти коммуникатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

13. Хулосаҳои илмӣ оид ба фаъолияти нақлиёти роҳи оҳан дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ мумкин аст дар раванди ислоҳоти институтсионалӣ, такмили механизмҳои идоракунӣ ва ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ба кор бурда шаванд.

14. Натиҷаҳои таҳқиқи таҳаввули авиатсияи граждании дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолро метавон ҷиҳати муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди соҳа, мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ истифода кард.

15. Таҷрибаи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири асри XX ва аввали асри XXI мумкин аст ҳангоми таҳияи сиёсати ҳамгироии минтақавӣ, ҷалби захираҳои молиявӣ ва иштироки кишвар дар долонҳои байналмилалии нақлиётӣ мавриди истифода қарор гирад.

Дар умум, рисолаи докторӣ таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёти Тоҷикистонро аз солҳои аввали ташкили ҶМШС Тоҷикистон то давраи истиқлол ба таври ҳамаҷониба таҳлил менамояд. Дар он равандҳои бунёд ва такмили роҳҳои мошингард, роҳи оҳан ва авиатсияи гражданӣ дар марҳалаҳои гуногуни сиёсиву иқтисодӣ, инчунин нақши онҳо дар рушди хоҷагии халқ ва ҳамгироии минтақавӣ баррасӣ шудаанд. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун омили калидии рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва таҳкими робитаҳои дохилию байналмилалӣ амал кардааст. Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки таҷрибаи таърихии соҳа барои муайян намудани самтҳои афзалиятноки сиёсати муосири нақлиётӣ ва рушди устувори кишвар истифода гардад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## 1. ОСОР, СУХАНРОНӢ ВА ПАЁМҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

1. Аз Паём то Паём [Матн] / мураттибон Р.М. Шарипов, Қ.А. Тураев. – Душанбе, 2022. – 723 с.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.04.2006 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.prezident.tj/event/missives/20 (Санаи муроҷиат: 25.08.2025).

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2007 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.prezident.tj/event/missives/19 (Санаи муроҷиат: 25.08.2025).

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2008 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.prezident.tj/event/missives/17 (Санаи муроҷиат: 25.08.2025).

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 15.04.2009 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/16 (Санаи муроҷиат: 14.04.2025).

6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 24.04.2010 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.prezident.tj/event/missives/14 (Санаи муроҷиат: 25.08.2025).

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 20.04.2011 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.prezident.tj/event/missives/15 (Санаи муроҷиат: 25.08.2025).

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 20.04.2012 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.prezident.tj/event/missives/854 (Санаи муроҷиат: 25.08.2025).

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26.04.2013 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.prezident.tj/event/missives/3949 (Санаи муроҷиат: 25.08.2025).

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 23.04.2014 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.prezident.tj/event/missives/6146 (Санаи муроҷиат: 25.08.2025).

11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 23.01.2015 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.prezident.tj/event/missives/12756 Санаи муроҷиат: 25.08.2025.

12. Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.01.2016 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.prezident.tj/event/missives/9777 (Санаи муроҷиат: 25.08.2025).

13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2016 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.prezident.tj/event/missives/12756 (Санаи муроҷиат: 25.08.2025).

14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2017 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.prezident.tj/event/missives/15376 (Санаи муроҷиат: 25.08.2025).

15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.prezident.tj/event/missives/17365 (Санаи муроҷиат: 25.08.2025).

16. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26.12.2019 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.prezident.tj/event/missives/19839 (Санаи муроҷиат: 25.08.2025).

17. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.01.2021. [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/berlin/view/7039/pajomi–prezidenti–tojikiston–peshvoi–millat–ba–majlisi–olii–tojikiston (Санаи муроҷиат: 21.11.2024).

18. Паёми Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21 декабри соли 2021 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/main/view/9389/pajomi–prezidenti–tojikiston–peshvoi–millat–dar–borai–samthoi–asosii–sijosati–dokhili–va–khorijii–jumhuri (Санаи муроҷиат: 12.02.2025).

19. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2022 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.prezident.tj/event/missives/27245 (Санаи муроҷиат: 25.08.2025).

20. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.prezident.tj/event/missives/36370 (Санаи муроҷиат: 25.08.2025).

21. Рахмон, Э. Выступление на Форуме высокого уровня развивающихся стран без выхода к морю от 29 сентября 2015 года [Электронный ресурс] / Э. Рахмон. – Режим доступа: https://dialog.tj/world/foundation/vystuplenie-na-forume-vysokogo-urovnya-razvivayushchihsya-stran-bez-vyhoda-k-moryu/ (Дата обращения: 25.08.2023).

22. Рахмонов, Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации [Текст] / Э. Рахмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – Т.1. – 480 с.

23. Рахмонов, Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации [Текст] / Э. Рахмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – Т.3. – 454 с.

24. Рахмонов, Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации [Текст] / Э. Рахмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – Т.4. – 416 с.

25. Рахмонов, Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации [Текст] / Э. Рахмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – Т.5. – 570 с.

26. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2007. – Ҷ.7. – 480 с.

27. Раҳмон, Э. Уфуқҳои истиқлол [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018. – 436 с.

28. Раҳмон, Э. Ҷашни истиқлол [Матн]: бахшида ба 15-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2007. – 355 с.

29. Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – Ҷ.6. – 544 с.

30. Раҳмонов, Э. Суханронӣ дар маросими кушодани қитъаи аввали роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб, 7 сентябри соли 1998 [Матн] / Э. Раҳмонов // Ҷумҳурият. – 1998. – 8 сентябр.

31. Раҳмонов, Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – Ҷ.3. – 510 с.

32. Раҳмонов, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён[Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.3. – 228 с.

33. Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолону сокинони н. Балҷувон [Матн] // Ҷумҳурият. – 2019. – 7 август.

34. Суханронии Президент дар ифтитоҳи 16-умин Конфронси вазирони Барномаи ҳамкориҳои минтақавии иқтисодии Осиёи Марказӣ (CAREC) 27 октябри соли 2017 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/main/view/2651/sukhanronii–prezident–dar–iftitohi–16–umin–konfronsi–vazironi–barnomai–hamkorihoi–mintaqavii–iqtisodii–osijoi–markazi–carec (Санаи муроҷиат: 25.08.2023).

35. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба нахустин таҷлили Рӯзи кормандони хидмати дипломатӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/main/view/1705/sukhanronii–prezidenti–jumhurii–tojikiston–bakhshida–ba–nakhustin–tajlili–ruzi–kormandoni–khizmati–diplomati (Санаи муроҷиат: 19.08.2023).

36. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ба истифода додани нақби Шар–Шар ва оғози азнавсозии роҳи Душанбе–Ваҳдат–Данғара, 30 августи соли 2009 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=2934 (Санаи мурочиат: 21.01.2020).

37. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми мулоқот бо сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 11 сентябри соли 2012 [Матн]. – Душанбе: Шарқи озод, 2012. – 39 с.

38. Суханронии Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маросими ба истифода супоридани тирминали нави фурудгоҳи байналмилалии Душанбе, 3 сентябри соли 2014 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://peshina.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=15734 (Санаи муроҷиат: 14.04.2025).

39. Эмомалӣ Раҳмон ва соли тамаддуни ориёӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://president.tj/node/25030 (Санаи мурочиат: 02.09.2023).

## 2. МАВОДИ БОЙГОНӢ

40. Бойгонии давлатии ВМКБ. – Ф.1. – Оп.2. – Д.1. – Л. 35.

41. Бойгонии давлатии ВМКБ. – Ф.2. – Оп.1. – Д.121. – Л. 26-28.

42. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.1. – Оп.1. – Д.3. – Л. 7.

43. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.1. – Оп.1. – Д.921. – Л. 1.

44. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.1. – Оп.3. – Д.1394. – Л. 36.

45. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.6. – Оп.1. – Д.17. – Л. 15.

46. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.9. – Оп.1. – Д.33. – Л. 291-292.

47. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.9. – Оп.1. – Д.41. – Л. 525, 529, 537, 538, 540.

48. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.10. – Оп.1. – Д.15. – Л. 43.

49. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.10. – Оп.1. – Д.234. – Л. 5.

50. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.17. – Оп.1. – Д.84. – Л. 101.

51. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.18. – Оп.1. – Д.54. – Л. 63.

52. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.18. – Оп.1. – Д.991. – Л. 73.

53. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.18. – Оп.1. – Д.1259. – Л. 37.

54. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.18. – Оп.1. – Д.2001. – Л. 12.

55. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.18. – Оп.2. – Д.1035. – Л. 46.

56. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.19. – Оп.1. – Д.510. – Л. 9.

57. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.19. – Оп.1. – Д.511. – Л. 10.

58. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.19. – Оп.1. – Д.518. – Л. 48, 61, 62.

59. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.19. – Оп.1. – Д.519. – Л. 99, 123, 200.

60. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.19. – Оп.1. – Д.530. – Л. 402.

61. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.19. – Оп.1. – Д.540. – Л. 8, 54, 62.

62. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.19. – Оп.1. – Д.545. – Л. 11.

63. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.19. – Оп.1. – Д.551. – Л. 2.

64. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.20. – Оп.1. – Д.14. – Л. 2.

65. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.20. – Оп.2. – Д.807. – Л. 15-17, 53.

66. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.20. – Оп.2. – Д.2126. – Л. 61.

67. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.282. – Оп.1. – Д.156. – Л. 65.

68. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.282. – Оп.1. – Д.215. – Л. 121.

69. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.894. – Оп.3. – Д.53. – Л. 130-133; 150-153.

70. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.894. – Оп.6. – Д.29. – Л. 10, 26, 320.

71. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.1595. – Оп.1. – Д.5. – Л. 29, 214.

72. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.1595. – Оп.1. – Д.27. – Л. 146.

73. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.1595. – Оп.1. – Д.66. – Л. 28, 31.

74. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.1595. – Оп.3. – Д.7. – Л. 53.

75. Бойгонии маркази давлатӣ. – Ф.1595. – Оп.3. – Д.25. – Л. 33-35.

76. Маълумот дар бораи натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва истеҳсолӣ дар 1 сентябри соли 2013 [Матн] // Бойгонии ҷории Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – С. 69-70.

## 3. САНАДҲОИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚӢ

77. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи убури транзитии воситаҳои нақлиёти автомобилии байналмилалӣ тавассути

қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бунёди терминалҳои наздисарҳаддии байналмилалии автомобилӣ», аз 2 майи соли 2007, №212 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://tajtrade.tj/procedure/544?l=tj (Санаи муроҷиат: 19.08.2023).

78. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба баъзе қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 2 октябри соли 2010, №527 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=35877 (Санаи муроҷиат: 19.08.2023).

79. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои рушду такомули ташкили боркашониҳои байналмилалии автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 26 марти соли 1997, №123 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=29264 (Санаи муроҷиат: 19.08.2023).

80. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои аз роҳҳои автомобилгард гузаштани воситаҳои нақлиёт бо вазн ва андозаҳое, ки аз меъерҳои муқарраргардида зиёданд», аз 29 декабри соли 2006, №779 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=30686

81. Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба ҷамъиятҳои саҳомии кушода табдил додани корхонаҳои воҳиди давлатии «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе», «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд», «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб», «Фурудгоҳи байналмилалии Қӯрғонтеппа» ва Корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр»»», аз 3 декабри соли 2009, №707 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=15137 (Санаи муроҷиат: 14.04.2025).

82. Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Масъалаҳои Корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр»»», аз 7 сентябри соли 2006, №416 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ:

https://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=29274&compareid=29274# (Санаи мурочиат: 14.04.2025).

83. Постановление ЦК КП (б) Таджикистана от 15 января 1931 года [Текст] // Коммунист Таджикистана. – 1931. – 13 апреля.

## 4. МОНОГРАФИЯ, БРОШУРА ВА МАҚОЛАҲО

84. Абдулқаюмпур, Ҷ. Роҳи ҳаёт кушода шуд [Матн] / Ҷ. Абдулқаюмпур // Нақлиёт. – 2003. – 25 декабр.

85. Абулҳаев, Р. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / Р. Абулҳаев, З.И. Акрамӣ, Р. Масов; зери таҳрири З. Акрамӣ. – Душанбе: Дониш, 2016. – 463 с.

86. Автомобильный транспорт Таджикистана 2008-2009. «Синяя книга» IRU [Текст]. – М., 2009. – 160 с.

87. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби Бухоро [Матн] / С. Айнӣ. – Сталинобод, 1947. – Ҷ.10. – 167 с.

88. Аламшозода, А.А. Раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва пайванди наслҳо дар солҳои истиқлолият [Матн] / А.А. Аламшоев // Ҷумҳурият. – 2023. – 30 март.

89. Алиева, Д.Х. История сооружение грунтовых колесных дорог в Таджикистане [Текст] / Д.Х. Алиева, Л.Ш. Алимов // Вестник Таджикского национального университета. – 2023. – №12/1. – С.42-48.

90. Алимов, Р.К. О роли Китая в выходе Таджикистана из транспортного тупика [Текст] / Р.К. Алимов // Китай в мировой и региональной политике. История и современность. – 2015. – Вып.20. – Т.20. – С.292-305.

91. Анваров, М. Мы готовы к конструктивному диалогу [Текст] / М. Анваров // Азия-плюс. – 2005. – 29 декабря.

92. Анисимов, Н. Дорожное хозяйство Таджикистана [Текст] / Коммунист Таджикистана. – 1946. – 29 ноября.

93. Ахмедов, К.М. Международные автомобильные дороги [Текст] / К.М. Ахмедов, Б.Б. Каримов. – М.: МПК, 2013. – 399 с.

94. Ашуров, Н.А. Таҳлили ҳолат ва рушди роҳҳои автомобилгард ва нақлиёти автомобилӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2021. – №1/3(89). – С.213-220.

95. Ашуров, Н.А. Транспортно-логистическая инфраструктура – основа развития внешнеэкономической деятельности региона [Текст] / Н.А. Ашуров, М.Х. Холназаров // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – 2020. – №4(261). – С.112-115.

96. Бобоев, Б. Дар бораи нақшаи тарққиёти иқтисодӣ ва сотсиалистии ҶШС Тоҷикистон барои солҳои 1984 ва иҷрои он дар соли 1983 [Матн] / Б. Бобоев // Роҳи Ленинӣ. – 1984. – 17 январ.

97. Бобоев, К.О. Модернизация транспортно-коммуникационной модели Республики Таджикистан [Текст] / К.О. Бобоев. – Душанбе: Надир, 2012. – 317 с.

98. Бронштейн, Я.Т. Перспективы развития транспорта Таджикской ССР [Текст] / Я.Т. Бронштейн. – Душанбе, 1973. – 221 с.

99. Бронштейн, Я.Т. Развитие транспорта Таджикистана в девятой пятилетке [Текст] / Я.Т. Бронштейн, А.Н. Заманов. – Душанбе, 1972. – 64 с.

100. Бронштейн, Я.Т. Транспорт Таджикистана и его развитие в девятой пятилетке [Текст] / Я.Т. Бронштейн, А.Н. Заманов. – Душанбе, 1972. – 32 с.

101. Бутлицкий, Ю.В. Автомобильные дороги Таджикистана [Текст] / Ю.В. Бутлицкий, Б.Б. Каримов. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 232 с.

102. Вализода, Р.Ф. Достижения в развитии системы транспорта в период государственной независимости республики Таджикистан [Текст] / Р.Ф. Вализода // Таджикистан и современный мир. – 2016. – №3(53). – С.93-98.

103. Васильев, А.П. Реконструкция автомобильных дорог. Технология и организация работ [Текст]: учебное пособие / А.П. Васильев, Ю.М. Яковлев, М.С. Коганзон и др. – М., 1998. – 125 с.

104. Васильев, П.А. Транспорт и связь [Текст] / П.А. Васильев // Советский Таджикистан: сб.ст. – Сталинабад, 1950. – С.113.

105. Гадоева, Ф.С. Мушкилотҳои ташаккул ва рушди системаҳои нақлиётӣ-логистикии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.С. Гадоева, С.М. Раҷабова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – №3 (48). – С. 39-45.

106. Гафуров, Б.Г. Таджики [Текст]: древнейшая, древняя и средневековая история / Б.Г. Гафуров. – М.: Наука, 1972. – 392 с.

107. Гафуров, Х. Таджикистан на рубеже XXI веке: Президент Эмомали Рахмонов и национальная экономика [Текст] / Х. Гафуров. – Душанбе, 1999. – 216 с.

108. Гафурова, Г.Г. Таджикско-афганское сотрудничество в области транспортной коммуникации в годы независимости [Текст] / Г.Г. Гафурова // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия гуманитарно-общественных наук. – 2013. – №4 (37). – С.149-162.

109. Государственная целевая программа. Развитие транспортного комплекса Республики Таджикистан на 2010-2025 годы [Текст] // Ҷумҳурият. – 2011. – 2 апрел.

110. Ғафурзода, А.Д. Асосҳои ҳуқуқии ташаккул ва рушди муносибатҳои нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Д. Ғафурзода, Б.А. Абдуғанизода // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №4/2 (59). – С.217-224.

111. Ғоибназаров, Ғ.У. Нақши сармоягузорӣ дар рушди соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ғ.У. Ғоибназаров // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2022. – №4/2. – С.121-127.

112. Ғоибов, Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз [Матн]: монография / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 2006. – 906 с.

113. Давлатзода, Э.Д. Масъалаҳои мубрами ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Э.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2024. – №1/4 (128). – С.537-547.

114. Дадабаева, З.А. Транспорт и связь в новых независимых государствах: особенности и факторы развития [Текст] / З.А. Дадабаева, Л.Б. Вардомский; под общ. ред. Л.Б. Вардомского. – М.: Изд-во ИЭ РАН, 2013. – 196 с.

115. Дар бораи буҷети давлатии РСС Тоҷикистон дар соли 1980 [Матн] // Роҳи Ленинӣ. – 1979. – 15 декабр.

116. Джумаев, Д. Проблемы комплексного развития пассажирского автомобильного транспорта Таджикской ССР [Текст] / Д. Джумаев. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 224 с.

117. Дустматов, Д. Работники автотранспорта в борбе за новый расцвет хозяйства и культуры Таджикистана [Текст] / Д. Дустматов. – Сталинабад, 1951. – 26 с.

118. Душанбе – Ваҳдат – Ёвон [Матн]: роҳи нав барои берун шудан аз бунбаст // Чархи гардун. – 2013. – 2 август.

119. Ёшмуҳаммедов, П. Роҳҳоро обод намоем [Матн] / П. Ёшмуҳаммедов // Ҳақиқати Кӯлоб. – 1957. – 20 сентябр.

120. Заманов, А. Транспорт Таджикистана [Текст] / А. Заманов. – Душанбе, 1964. – 119 с.

121. Заманов, А.Н. Вопросы эксплуатации и строительства, автомобильных дорог в Таджикистане [Текст] / А.Н. Заманов. – Душанбе, 1971. – 25 с.

122. Зоҳидӣ, Н. 25 қадам дар паҳнои олам [Матн] / Н. Зоҳидӣ, В. Ниятбеков, А. Камолов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 220 с.

123. Из истории индустриализации Таджикской ССР [Текст]. – Душанбе, 1972. – Т.1. – 535 с.

124. Иркаев, М. История гражданской войны в Таджикистане [Текст] / М. Иркаев. – Душанбе, 1963. – 760 с.

125. Иркаев М. Очерки истории Советского Таджикистана (1917-1957 гг.) [Текст] / М. Иркаев, Ю. Николаев, Я. Шарапов. – Сталинабад, 1957. – 503 с.

126. Искандаров, Б. Восточная Бухара и Памир во второй половине XIX [Текст] / Б. Искандаров. – Душанбе, 1963. – Ч.2. – 352 с.

127. Искандаров, Б. О некоторых изменениях в экономике Восточней Бухары на рубеже XIX – XX вв. [Текст] / Б. Искандаров; Тр.АН.Тадж.ССР. – Душанбе, 1968. – Т.83. – 141 с.

128. Исмоилов, А. Нақлиёт ва роҳҳои кишвари кӯҳӣ [Матн] / А. Исмоилов, А.В. Суцепин. – Душанбе, 1974. – 160 с.

129. Исмоилов, А. Тараққиёти транспорт ва роҳ дар Тоҷикистон [Матн] / А. Исмоилов // Тоҷикистони Советӣ. – 1957. – 22 октябр.

130. Исоев, Г. Роҳсозӣ кори муҳим [Матн] / Г. Исоев // Ҳаёти қишлок. – 1965. – 26 сентябр.

131. Исоев, С. Муждаҳо аз сохтмони вилоят [Матн] / С. Исоев // Роҳи Ленинӣ. – 1980. – 16 сентябр.

132. История таджикского народа (1917-1941 гг.) [Текст]: новейшая история. – Душанбе: Империал-групп, 2004. – Т.V. – 752 с.

133. История таджикского народа (1941-2010 гг.) [Текст]: новейшая история / под общ. ред. Р. Масов. – Душанбе: Империал-Групп, 2011. – Т.VI. – 688 с.

134. История Таджикской ССР [Текст] / под ред. Б.А. Антоненко. – Душанбе, 1983. – 398 с.

135. Ифтитоҳи роҳи оҳани Душанбе – Қӯрғонтеппа – Кӯлоб [Матн] // Ҷумҳурият. – 2016. – 24 август.

136. Каримзода, Б. Тоннель «Шахристан» открылся [Текст] / Б. Каримзода // Садои мардум. – 2012. – 13 декабр.

137. Каримов, Б. Дороги [Текст]: связь времен / Б. Каримов. – М., 1998. – 270 с.

138. Каримов, Б. Дороги [Текст]: философия, поэзия, история и мы / Б. Каримов. – М., 2003. – 336 с.

139. Каримов, Б.Б. Автомобильные дороги в условиях гор и жаркого климата [Текст] / Б.Б. Каримов, А.М. Алиев. – М.: МПК, 2014. – Т.1. – 335 с.

140. Каримов, Б.Б. Дорожное хозяйство Таджикистана [Текст]: пути совершенствования / Б.Б. Каримов. – М.: Можайский полиграфический комбинат, 1993. – 327 с.

141. Каримов, Б.Б. Система управления финансирования дорожного хозяйства СНГ [Текст] / Б.Б Каримов, Г.Ю. Мирзаянц, В.А Згардан // Пути совершенствования системы управления, финансирования и нормативно-технической базы дорожной отрасли: материалы международ. науч.-практ. конф., посвящ 45-летию Казахстана. Дорож. науки. – Астана – Алматы, 2004. – С.53.

142. Кахаров, Б.А. Таджикская ССР [Текст] / Б.А. Кахаров. – М., 1961. – 92 с.

143. Каюмов, Н.К. Переходная экономика Таджикистана [Текст]: концепции, цели и механизмы развития / Н.К. Каюмов. – Душанбе: ИЭ и Д АН РТ, 2013. – 661 с.

144. Климов, И.П. Правовые аспекты национализации транспорта в период формирования советской государственности: октябрь 1917 – середина 1918 г. [Текст]: на материалах Урала / И.П. Климов // Черные дыры в российском законодательстве. – 2006. – №1. – С.437.

145. Коммунист Таджикистана. – 1931. – 10 августа.

146. Коммунист Таджикистана. – 1934. – 2 октября.

147. Коммунист Таджикистана. – 1941. – 4 июля.

148. Қосимов, А. Болҳои республика [Матн] / А. Қосимов // Комунисти Тоҷикистон. – 1974. – С.51.

149. Қурбонов, А.А. Таҳлили фаъолияти системаи наклиёти автомобилӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.А. Қурбонов, П.Д. Хоҷаев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – №3 (48). – С.87-98.

150. Лебейко, А.М. Воздушный транспорт РТ [Текст] / А.М. Лебейко. – Душанбе, 1971. – 151 с.

151. Ленин, В.И. Полное собрания Сочинений [Текст] / В.И. Ленин. – М., 1974. – Т.43. – 562 с.

152. Лорнеок, А. Крылям Таджикистана - 70. Страница героизма и славы авиаторов Таджикистана [Текст] / А. Ларенок, В. Гладких, В. Блинкевич. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 332 с.

153. Люди, соединяющие берега [Текст] // Народная газета. – 1992. – 19 июня.

154. Малиновская, О.В. Совершенствование инвестиционного механизма в условиях государственно-частного регулирования инвестиционного процесса на транспорте [Текст] / В.О. Маликовская // Transport Business In Russia. – 2017. – №1. – С.134-138.

155. Мальцев, А. Строительство и ремонт дорог нашей республики [Текст] / А. Мальцев // Коммунист Таджикистана. – 1938. – 12 октября.

156. Мамадризоев, М. Роҳи диловарию мардонагӣ [Матн] / М. Мамадризоев, Н. Шоҳинбодов // Бадахшони советӣ. – 1989. – 24 октябр.

157. Марсаков, П. Развитие народного хозяйства Таджикистана [Текст] / П. Марсаков. – Душанбе, 1954. – 218 с.

158. Масов, Р. Файзи истиқлол дар «Боми ҷаҳон» [Матн] / Р. Масов, Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе: Дониш. – 412 с.

159. Материалы международной научно-практической конференции «Логистика и её преимущества в развитии транспортных сообщений Таджикистана с государствами региона», г.Душанбе, 18-19 октября 2022 г. – Душанбе, 2022. – 172 с.

160. Маҳмудзода, М. Лочинҳои осмони соф [Матн] / М. Маҳмудзода, Х. Шукуров. – Хуҷанд: Ношир, 2014. – 320 с.

161. Мирзобеков, Х.Д. Аҳаммияти робитаҳои нақлиётӣ дар рушди тиҷорат байни кишварҳои Осиёи Марказӣ [Матн] / Х.Д. Мирзобеков // Паёми политехникӣ. Бахши: Интеллект, Инноватсия, инвеститсия. – 2025. – №1 (69). – Р.114-121.

162. Мирзоев, К.Х. «Як камарбанд – як роҳ» ҳамчун лоиҳаи геополитикӣ [Матн] / К.Х. Мирзоев // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2024. – №4. – Р.327-332.

163. Мирзоева, Н.Ш. Современное состояние и особенности развития сети автомобильных дорог Таджикистана в контексте экономической безопасности [Текст] / Н.Ш. Мирзоева, С.С. Умаров // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – 2018. – №3. – С.57-63.

164. Муродов, А. Вараҷе аз таърихи Кӯлоб [Матн] / А. Муродов // Роҳи Ленинӣ. – 1981. – 1 март.

165. Муҳаббатов, Х.М. Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон [Матн] / Х.М. Муҳаббатов, Р.Д. Диловаров, М.Р. Раҳимов. – Душанбе, 2011. – 235 с.

166. Набиев, Р.Н. Болҳои тавонои республика [Матн] / Р.Н. Набиев // Тоҷикистони Советӣ. – 1985. – октябр.

167. Нажмудинов, Ф.Н. Анализ и перспективы развития мултимодальных перевозок грузов в Республике Таджикистан [Текст] / Ф.Н. Нажмудинов, Ф.Д. Гафуров, М.Ш. Набизода // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. – 2020. – №3 (51). – С.80-84.

168. Назаров, Т. Ремонти роҳҳо ба охир расид [Матн] / Т. Назаров // Ҳақиқати Кӯлоб. – 1946. – 23 июн.

169. Назаршоев, М. Партийная организация Памира в борьбе за социализм и коммунизм [Текст] / М. Назаршоев. – Душанбе, 1970. – 200 с.

170. Назаршоев, М.Н. Исторический опыт КПСС по руководству социалистическим строительством в Горно-Бадахшанской автономной области Таджикской ССР (1917-1941 гг.) / М.Н. Назаршоев. – Душанбе: Дониш, 1982. – 292 с.

171. Назиров, К. Сохтмони роҳ [Матн] / К. Назиров // Ҳақиқати Кӯлоб. – 1947. – 17 апрел.

172. Назриев, Д. Республика Таджикистан: История независимости (Хроника событий), 1993 [Текст] / Д. Назриев, И. Саттаров. – Душанбе: Ирфон, 1996. – 864 с.

173. Нақби Шар-шар [Матн]: аз оғози сохтмон то имрӯз [Матн] // Ҷумҳурият. – 2007. – 12 июл.

174. Нарзуллоев, С. Аз таърихи сохтмони роҳҳои Кӯлоб [Матн] / С. Нарзуллоев // Аз таърихи шаҳри Кӯлоб: маҷмуи мақолаҳо. – Душанбе, 2006. – С.63-72.

175. Нарзуллоев, С. Дороги и транспорт Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.) [Текст] / С. Нарзуллоев, А.С. Назруллозода. – Душанбе, 2025. – 588 с.

176. Нарзуллоев, С. Дорожное строительство и развитие транспорта в Таджикистане в 1917-1941 гг. [Текст] / С. Нарзуллоев. – Душанбе, 1979. – 240 с.

177. Нарзуллоев, С. История дорог и дорожников Таджикистана [Текст] / С. Нарзуллоев. – Душанбе, 2019. – 399 с.

178. Нарзуллоев, С. Таджикистан [Текст]: выход из коммуникационной изоляции / С. Нарзуллоев. – Душанбе, 2011. – 128 с.

179. Нарзуллоев, С. Из истории транспорта и дорожного хозяйства Таджикистана (1917-2013 гг.) [Текст]: краткая история / С. Нарзуллоев, А. Нарзуллоев. – Душанбе: Олами дониш, 2014. – 184 с.

180. Народная газета. – 2006. – 26 августа.

181. Народная газета. – 2016. – 3 февраля.

182. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1960 г. [Текст]: ст. сб. – Душанбе, 1961. – 330 с.

183. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1962 г. [Текст]: ст. сб. – Душанбе, 1963. – 394 с.

184. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1985 г. [Текст]: ст. сб. – Душабе, 1986. – 288 с.

185. Наҷмиддинов, Д.И. Инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар [Матн] / Д.И. Наҷмиддинов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2023. – №1/3 (113). – С.346-351.

186. Наҷмудинов, Ф.Н. Муайяннамоии ҳаҷми боркашонӣ тавассути долонҳои байналмилалии нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.Н. Наҷмудинов, Ф.Ҷ. Ғафуров, Т.У. Самадов // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Самти иқтисодӣ. – 2018. – №2 (33). – С.60-66.

187. Неъмат, Ҳ. Болҳои Тоҷикистон [Матн] / Ҳикмати Неъмат, Гулнисои Одилбек. – Душанбе: Орбита, 2014. – 336 с.

188. Низомзода, Ф.Н. Мукаммалгардонии ҳамлу нақли байналмилалии автомобилии борҳои воридотию содиротӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.Н. Низомзода // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2022. – №2 (49). – С.64-71.

189. Низомзода, Ф.Н. Нақш ва аҳаммияти логистикаи нақлиётӣ дар рушди иқтисодиёти мамлакат [Матн] / Ф.Н. Низомзода // Паёми политехникӣ. Бахши таҳқиқоти муҳандисӣ. – 2024. – №1 (65). – С.155-157.

190. Низомзода, Ф.Н. Таҳлили ҳолати кунунии боркашонӣ тавассути нақлиёти роҳи оҳан ва дурнамои рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.Н. Низомзода, Д.Х. Худойкулов // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2023. – №1 (52). – С.157-164.

191. Низомзода, Ф.Н. Таҳлили ҳолати кунунии хизматрасониҳои нақлиётию логистик, мушкилиҳо ва дурнамои рушди онҳо [Матн] / Ф.Н. Низомзода, Ш.К. Шодиев // Паёми политехникӣ. Бахши таҳқиқоти муҳандисӣ. – 2023. – №4 (64). – С.81-85.

192. Орзуев, М. Роҳи ҳавоӣ [Матн] / М. Орзуев // Ҳақиқати Кӯлоб. – 1975. – 1 феврал.

193. Отчёт Министерство транспорта [Текст]: сводка о перевозке и нагрузке транспортной системы в РТ за 2010 г.

194. Очерки истории Коммунистической партии Таджикистана [Текст]. – Душанбе, 1964. – 454 с.

195. Очерки истории народного хозяйства Таджикистана (1917-1965 гг.) [Текст]. – Душанбе, 1967. – 493 с.

196. Передовики дорожного строительства [Текст] // Коммунист Таджикистана. – 1941. – 7 мая.

197. Пирумшоев, Х. Город Куляб в конце XIX – начале XX вв. [Текст] / Х. Пирумшоев // Аз таърихи шаҳри Кӯлоб: маҷмуи мақолаҳо. – Душанбе, 2006. – С.21.

198. Поезда идут с Востока на Запад и с Запада на Восток [Текст] // Народная газета. – 2008. – 16 апреля.

199. Попов, Д.С. Таджикистан в контексте внешнеэкономических стратегий крупных государств [Текст] / Д.С. Попов // Проблемы национальной стратегии. – 2011. – №3 (8). – С.10.

200. Пятилетний план дорожного строительства в Таджикистане [Текст] // Дорога и автомобиль. – 1930. – №8 (11). – С.10.

201. Раджабов, Р.К. Зелёные транспортные коридоры и их роль на развитие экономики Республики Таджикистан [Текст] / Р.К. Раджабов, М.Б. Алиев, К.Р. Раджабов // Международные отношения и безопасность. – 2014. – №3 (11). – С.97-110.

202. Раджабов, Р.К. Проблемы формирования и развития транспортной инфраструктуры [Текст] / Р.К. Раджабов; под ред. А.Х. Катаева. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 180 с.

203. Рауфи, А. Инновационное развитие транспорта Таджикистана [Текст] / А. Рауфи // Экономика Таджикистана. – 2020. – №2. – С.69-77.

204. Рауфӣ, А. Сиёсати нақлиёти Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ [Матн] / А. Рауфӣ // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2018. – №2. – С.42-51.

205. Рауфӣ, А. Таъмини нақлиётии рушди индустриалии минтақаҳои деҳоти Тоҷикистон [Матн] / А. Рауфӣ // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2022. – №4-2. – С.76-84.

206. Рауфи, А. Транспорт в системе рыночной экономики [Текст] / А. Рауфи. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 255 с.

207. Рауфи, А. Транспорт независимого Таджикистана [Текст] / А. Рауфи // Экономика Таджикистана. – 2016. – №2-3. – С.90.

208. Раҳмон, Ю.А. Идоракунии комплекси авиатсионии Тоҷикистон [Матн] / Ю.А. Раҳмон. – Душанбе, 2024. – 170 с.

209. Раҷабов, Р.К. Соҳаҳои истифодаи оқилонаи нақлиёти роҳи оҳан ҳангоми боркашонӣ ва мусофиркашонӣ [Матн] / Р.К. Раҷабов, Ш.О. Саидмуродова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – №4/2. – С.5-15.

210. Республиканское совещание дорожных работников [Текст] // Коммунист Таджикистана. – 1943. – 9 февраля.

211. Роҳи Ленинӣ. – 1981. – 29 январ.

212. Роҳи Ленинӣ. – 1981. – 31 январ.

213. Роҳсозӣ аҳаммияти калон дорад [Матн] // Ҳақиқати Кӯлоб. – 1961. – 23 июл.

214. Садулаев, М. Пятилетний план восстановления народного хозяйства Таджикской ССР на 1946-1950 гг. [Текст] / М. Садулаев // Коммунист Таджикистана. – 1946. – 9 августа.

215. Саид, Н. Роҳҳо ва нақлиёт [Матн] / Нақиб Саид; муҳ. Ф. Ҷураққулов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 48 с.

216. Саидмуродов, Х.М. Создание промышленности и формирование рабочего класса в Горно-Бадахшанской автономной области [Текст] / Х.М. Саидмуродов // Очерки по истории Советского Бадахшана. – Душанбе: Ирфон, 1981. – С.102.

217. Саидов, М. Трудящиеся Таджикистана в борьбе за освоение Вахшской долины и создание в ней базы тонковоломкнистого хлопка [Текст] / М. Саидов. – Сталинабад, 1956. – 164 с.

218. Самадов, Т.У. Транспортная система города, проблемы и перспективы [Текст] / Т.У. Самадов // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. – 2020. – №1 (49). – С.128-132.

219. Сангинов, М.М. Развитие транспортной железной дороги в период независимости в южных районах Таджикистана (1991-2016 гг.) [Текст] / М.М. Сангинов // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. – №3. – С.92-93.

220. Сангинов, М.М. Сохтмон ва рушди роҳи оҳан дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон (солҳои 1991-2019) [Матн] / М.М. Сангинов // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2010. – №10. – С.148-150.

221. Сафар, М. Нақби «Истиқлол» бозсозӣ мешавад [Матн] / Мунаввари Сафар // Ҷумҳурият. – 2013. – 13 апрел.

222. Свириденко, А. Вопросы дорожного дела в Средней Азии [Текст] / А. Свириденко // Народное хозяйство Средней Азии. – 1926. – №6-7. – С.89.

223. Советский Таджикистан - за 60 лет [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 352 с.

224. Сохтмони роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб [Матн] // Нақлиёт. – 2011. – 19 январ.

225. Спирин, В. Народная стройка [Текст] / В. Спирин // Коммунист Таджикистана. – 1941. – 7 мая.

226. Таҳкими муносибатҳои дӯстона тақозои замон аст [Матн]: Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон 26 апрели соли 2019 дар Форуми дуюми ҳамкории байналмилалии «Як камарбанд – як роҳ» // Ҷумҳурият. – 2019. – 29 апрел.

227. Тваровская, А.И. Зарубежный опыт использования транспортных систем в качестве фактора регионального развития [Текст] / И.А. Тваровская // Стратегия устойчивого развития регионов России. Кировской филиал

Санкт-Петербургского государственного университета сервиса и экономики (г. Киров-2012 г.). – Киров, 2012. – С.14-20.

228. Тохиров, Т.И. Анализ состояния и перспективы развития транспортной системы региона [Текст] / Т.И. Тохиров // Научно-образовательный журнал для студентов и преподавателей «StudNet». – 2021. – №6. – С.1536-1550.

229. Тохиров, Т.И. Развитие автотранспортной системы региона: опыт Республики Таджикистан [Текст] / Т.И. Тохиров // Вестник Поволжской академии государственной службы. – 2013. – №6 (39). – С.38-42.

230. Тоҷикистон (Маҷаллаи ҷашнии ширкати ҳавопаймоии ҶТ). – Душанбе, 1999. – С.3-10.

231. Усмонов, И. Роҳҳои нақлиёти ҷумҳурӣ [Матн] / И. Усмонов // Агитатори Тоҷикистон. – 1981. – №2. – С.13-14.

232. Ӯҳдадориҳои сотсиалистии меҳнаткашони шаҳр ва ноҳияи Кӯлоб дар соли 1981 [Матн] // Роҳи Ленинӣ. – 1981. – 22 январ.

233. Файзалиев, Ш. Таърихи Фархор [Матн] / Ш. Файзалиев, Х. Сафаров. – Кӯлоб, 1992. – 151 с.

234. Фарход, И. Гражданская авиация Таджикистана в годы независимости [Текст] / И. Фарход // Вестник Педагогического университета. – 2013. – №4-2 (53). – С.146-151.

235. Хайати дипломатӣ [Матн] / Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – 283 с.

236. Хайдаров, Г.Х. История таджикского народа: XX век [Текст] / Г.Х. Хайдаров. – Худжанд, 2001. – 508 с.

237. Халилов, А. Ремонти Шурообод – Даштиҷум ба охир расид [Матн] / А. Халилов // Ҳақиқати Кӯлоб. – 1945. – 19 июл.

238. Хамидов, З. Автомобильный транспорт Таджикской ССР за 40 лет [Текст] / З. Хамидов // Автомобильный транспорт. – М., 1957. – №10. – С.29.

239. Хамидов, С. Из истории борьбы Коммунистической партии за преобразование Вахшской долины (1930-1939 гг.) [Текст] / С. Хамидов // Уч. зап. Ленинабадского гос. пед. ин-та им. Кирова. – 1959. – Вып.9. – С.71-72.

240. Хасанов, Ш.Р. Исторически эзтапы зарождения и развития Таджикской промышленности / Ш.Р. Хасанов // Вестник Таджикского национального университета. – 2024. – №6-2. – С.84-91.

241. Холов, М. Қарори Совети олии РСС Тоҷикистон дар бораи ҳолат ва тадбирҳои беҳтар намудани роҳҳои мошингард ва хизматрасонии нақлиёти мусофиркашонӣ ба аҳолии ҷумҳурӣ [Матн] / М. Холов // Роҳи Ленинӣ. – 1978. – 21 июл.

242. Хорошая работа вагонников [Текст] // Коммунист Таджикистана. – 1941. – 24 июня.

243. Хотамов, Н.Б. Социально-экономические преобразования Республики Таджикистан в период суверенитета (1991-2006 гг.) [Текст] / Н.Б. Хотамов. – Душанбе, 2008. – 268 с.

244. Хоҷаев, П.Д. Баъзе ҷанбаҳои арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт дар шароити муосир [Матн] / П.Д. Хоҷаев, Ф.Х. Хидиров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2025. – №1-2 (134). – С.349-355.

245. Хоҷаев, П.Д. Дурнамои рушди нақлиёти роҳи оҳан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Д. Хоҷаев, С.Ҷ. Мутиева, К.Р. Раҷабов, Ш.О. Саидмуродова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – №4/2. – С.14-18

246. Худоиев, А.Б. Роль авиация в развитии медицинского обслуживания горных районах Таджикистана [Текст] / А.Б. Худоиев // Вестник Педагогического университета. – 2023. – №1 (102). – С.235-239.

247. Ҳабибов, М.Х. Роҳ дар масири асрҳо. Ҷашнвораи мусаввар [Матн] / М.Х. Ҳабибов. – Душанбе, 1999. – 63 с.

248. Ҳасанов, Т. Ховалинг [Матн] / Т. Ҳасанов // Ҳақиқати Кӯлоб. – 1949. – 25 май.

249. Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик [Матн] / Н. Ҳотамов, Д. Довуди, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе, 2011. – 646 с.

250. Ҷалилов, И. Ҷидду ҷаҳди роҳсозон [Матн] / И. Ҷалилов // Ҳаёти қишлок. – 1965. – 1 январ.

251. Ҷумҳурият. – 2014. – 4 сентябр.

252. Шарипов, А. Эмомали Рахмонов: Год арийской цивилизации (внутренняя и внешняя политика Президента Таджикистана в 2006 году) [Текст] / А. Шарипов, З. Сироджов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 420 с.

253. Шарипов, А. Эмомали Рахмонов: Год культуры мира (внутренняя и внешняя политика Президента Таджикистана в 2005 году) [Текст] / А. Шарипов, З. Сироджов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 404 с.

254. Шарипов, А. Эмомали Рахмонов: Год, равный векам (внутренняя и внешняя политика Президента Таджикистана в 2004 году) [Текст] / А. Шарипов, С. Шамсиддинов. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 200 с.

255. Шарипов, А. Эмомалӣ Раҳмонов: Соле, ки ба қарнҳо баробар аст (сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар соли 2004) [Матн] / А. Шарипов, С. Шамсиддинов. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 220 с.

256. Шарипов, А. Эмомалӣ Раҳмонов: Соли тамаддуни ориёӣ (сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар соли 2006) [Матн] / А. Шарипов, З. Сироҷов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 442 с.

257. Шарипов, А.Н. Эволюция внешней политики Таджикистана и Казахастана по отношению Китая (в контексте проекта «один пояс – один путь) [Текст] / А.Н. Шарипов, Н.И. Комилов // Вестник Педагогического университета. – 2021. – №3 (92). – С.272-279.

258. Шарипов, С.М. История транспорта и профессионального союза работников транспорта Республики Таджикистан [Текст] / С.М. Шарипов. – Душанбе, 2008. – 96 с.

259. Шарипов, С.Х. Анализ современного состояния и перспектив развития наземной инфраструктуры автотранспорта республики

Таджикистан [Текст] / С.Х. Шарипов // Государственное управление. – 2022. – №4-2 (59). – С.192-203.

260. Шарипов, Я. Из истории построения фундамента социализма в Таджикистане (1929-1932 гг.) [Текст] / Я. Шарипов. – Душанбе, 1962. – 164 с.

261. Шарифзода, А. 7 соли Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. –Душанбе, 2013. – 336 с.

262. Шарифзода, А. Начало покорения вершин [Текст] / А. Шарифзода, З. Косими // Вестник Национального Университета. Серия гуманитарных наук. – 2014. – №3/3 (136). – С.3-16.

263. Шарифзода, А. Оғози фатҳи қуллаҳо [Матн] / А. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2014. – №3 (58-2). – С.48.

264. Шарифзода, А. Пайвандгар [Матн] / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2013. – 336 с.

265. Шарифзода, А. Фархундапай [Матн] / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2014. – 336 с.

266. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва Роғун [Матн] / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2013. – 336 с.

267. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва соле, ки ба қарнҳо баробар аст (сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар соли 2004) [Матн] / А. Шарифзода, С. Шамсиддинов. – Нашри дуюм. – Душанбе: Ирфон, 2011. – К.4. – 372 с.

268. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва ҷомеаи ҷаҳон [Матн] / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 372 с.

269. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон поягузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ (сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1996-1999) [Матн] / А. Шарифзода, С. Фаттоев. – Нашри дуюм. – Душанбе: Ирфон, 2011. – К.2. – 372 с.

270. Шарифов, А. Архитектура автомобильных дорог Республики Таджикистан (пути совершенствования) [Текст] / А. Шарипов. – Душанбе: Граф-полиграф, 2010. – 244 с.

271. Шодиев, Ш.К. Самтҳо ва ҷанбаҳои асосии таъсири инфрасохтори нақлиётию логистик ба рушди иқтисодиёти минтақа [Матн] / Ш.К. Шодиев, Ф.Н. Низомзода // Паёми донишгоҳи политехникӣ. Бахши Интеллект, Инноватсия, инвеститсия. – 2024. – №1 (65). – С.103-108.

272. Шоидарвозова, М.С. Роль и место транспортной системы в социально-экономического развития региона [Текст] / М.С. Шоидарвозова, А. Абдурахмонова, О.А. Айдармамадова // Вестник Хорогского университета. – 2022. – №4 (24). – С.263-268.

273. Шокиров, М. Стахановчиёни сохтмони роҳ [Матн] / М. Шокиров // Ҳақиқати Кӯлоб. – 1943. – 14 январ.

## 5. АВТОРЕФЕРАТ ВА ДИССЕРТАТСИЯҲО

274. Алимов, Д.Х. Водохозяйственное строительство и освоение целинных земель южных районов Таджикистана (20-80-е годы XX в.) [Текст]: автореф. дис... д-ра истор. наук: 07.00.02 / Алимов Давлатали Халилович. – Душанбе, 2020. – 49 с.

275. Алимов, Д.Х. Хатлонская область Республики Таджикистан в годы Великой Отечественной Войны (1941-1945 гг.). [Текст]: автореф. дис... канд. истор. наук: 07.00.02 / Алимов Давлатали Халилович. – Душанбе, 2012. – 22 с.

276. Арефьев, И.А. Деятельность Компартии Таджикистана по развитию транспорта в период развертывания строительства коммунизма (1956-1965 гг.) [Текст]: дис... канд. истор. наук: 07.00.02 / Алимов Давлатали Халилович. – Душанбе, 1970. – 183 с.

277. Ашуров, Н.А. Рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн]: дис... номзади илмҳои иқтисодӣ: 08.00.04 / Ашуров Носир Амонқулович. – Бохтар, 2022. – 240 с.

278. Бобиев, Р.С. Совершенствование методики размещения и развития терминальных комплексов в условиях Республики Таджикистан [Текст]:

дис... канд. техн. наук: 05.22.01 / Бобиев Рахмидин Саломович. – М., 2004. – 181 с.

279. Бобоев, К.О. Эффективность функционирования и развития региональной транспортной инфраструктуры (на примере Республики Таджикистан) [Текст]: автореф. дис... канд. эконом. наук: 08.00.05 / Бобоев Комилджон Олимджонович. – Душанбе, 2016. – 26 с.

280. Гафурова, Г.А. Развитие дорожного строительства и транспорта в Таджикистане в годы независимости (1991-2016 гг.) [Текст]: дис... канд. истор. наук: 07.00.02 / Гафурова Гульсара Абдулатиповна. – Худжанд, 2018. –188 с.

281. Мирзаянц, Г.Ю. Совершенствование методического и организационного обеспечения управления дорожными хозяйствами стран СНГ [Текст]: автореф. дис... канд. эконом. наук: 08.00.05 / Мирзаянц Гоар Юрьевна. – Москва, 2010. – 27 с.

282. Назруллоев, С. Из истории дорожного строительства и развития транспорта в Таджикистане (1917-1941 гг.) [Текст]: автореф. дис... канд. истор. наук: 07.00.02 / Назруллаев Садулло. – Душанбе, 1973. – 28 с.

283. Расулов, Т.А. Обоснование границ дорожно-климатических зон и расчетных характеристик крупнообломочных грунтов при проектировании дорожных одежд в условиях Республики Таджикистан [Текст]: дис... канд. техн. наук: 05.23.11 / Расулов Тоджиддин Абдуваххобович. – М., 2019. – 191 с.

284. Рауфи, А. Региональные проблемы развития транспорта в системе рыночной экономики Таджикистана [Текст]: дис... д-ра эконом. наук: 08.00.05 / Рауфи Абдугаффор. – Душанбе, 2008. – 312 с.

285. Саидов, Х. Экономико-географические особенности развития транспортного комплекса Республики Таджикистан [Текст]: дис... канд. геогр. наук: 25.00.24 / Саидов Худойназар. – Душанбе, 2010. – 184 с.

286. Хамидов, Ф.М. Из истории сроительства Вахской ирригационной системы [Текст]: автореф. дис... канд. истор. наук: 07.00.02 / Хамидов Фуркатджон Мукумович. – Душанбе, 1998. – 26 с.

287. Ходжаев, П.Д. Инновационное развитие рынка услуг пассажирского автомобильного транспорта в Республике Таджикистан [Текст]: дис... д-ра эконом. наук: 08.00.05 / Ходжаев Парвиз Давронович. – Душанбе, 2016. – 172 с.

288. Ходжибеков, Э.Х. Социально-экономическое и культурное развитие Горно-Бадахшанской автономной области Республики Таджикистан в годы советской власти (1917-1991 гг.) [Текст]: автореф. дис... д-ра истор. наук: 07.00.02 / Ходжибеков Эльбон Ходжибекович. – Душанбе, 2021.– 45 с.

289. Шарипов, Н.А. История развития дорожного хозяйства Кулябской области Таджикской ССР: 20-е – 80-е гг. XX в. [Текст]: дис... канд. истор. наук: 07.00.02 / Шарипов Нахтулло Айнулоевич. – Душанбе, 2016. – 167 с.

290. Шарифов, А. Реструктуризация дорожной отрасли транспортного комплекса Республики Таджикистан [Текст]: автореф. дис... канд. эконом. наук: 08.00.05 / Шарифов Абдулмаджид. – Душанбе, 2003. – 24 с.

291. Шодипур, Ю. История путей сообщения и транспорта Таджикистана во второй половине XIX – начала XX в. [Текст]: автореф. дис... канд. истор. наук: 07.00.02 / Юсуфи Шодипур. – Душанбе, 1992. – 26 с.

## 6. МАНОБЕИ ЭЛЕКТРОНӢ

292. Абдураҳмонов Давлат Маҳмадюнусович. Нақши нақлиёт дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ] // ELS. – 2023. – июнь. – Низоми дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/na–shi–na–liyot–dar–rushdi–i–tisodii–um–urii–to–ikiston (Санаи муроҷиат: 14.12.2024).

293. Авиаторы Таджикистана отмечают свой день [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.narodnaya.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=11971:2020–09–11–03–42–07&catid=76:komunicatsiya&Itemid=264

294. Ассоциация международных перевозчиков Республики Таджикистан «АВВАТ» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://unece.org/DAM/trans/doc/2009/wp5/GE2–wkshp1–TIR–Tajikistan_ru.pdf (Дата обращения: 25.08.2023).

295. Бобоев, Ш. Ганҷҳои нуҳуфтаро самаранок истифода бояд кард [Манобеи электронӣ] / Ш. Бобоев. – Низоми дастрасӣ: https://sadoimardum.tj/i–tisod/gan–oi–nu–uftaro–samaranok–istifoda–boyad–kard/ (Санаи муроҷиат: 06.07.2024).

296. В рамках концепции «Один пояс, один путь» мир соединяется построенными Китаем дорогами и мостами [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://russian.cri.cn/3069/2017/02/13/1s596211.htm (Дата обращения: 09.08.2023).

297. Вохӯрии Эмомалӣ Раҳмон бо Ҳомид Карзай [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://peshina.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=2772 (Санаи муроҷиат: 12.02.2025).

298. Все тоннели Таджикистана: сколько в километрах и в долларах? [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20201001/vse-tonneli-tadzhikistana-skolko-v-kilometrah-i-v-dollarah

299. Встреча на железнодорожной станции Яванского района [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://president.tj/ru/node/12792 (Дата обращения: 09.08.2023).

300. Глава МИД РТ и афганский дипломат обсудили вопрос обслуживания грузопотока через мост «Дусти» в Нижнем Пяндже [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/20071127/glava–mid–rt–i–afganskii–diplomat–obsudili–vopros–obsluzhivaniya–gruzopotoka–cherez–most–dusti– (Дата обращения: 16.09.2023).

301. Государственный визит Президента Ӯзбекистана в Таджикистан [Электронный ресурс]. – Режим

доступа:https://cis.minsk.by/news/8948/gosudarstvennyj–vizit–prezidenta–uzbekistana–v–tadzikistan (Дата обращения: 21.08.2023).

302. Гражданская авиация Таджикистана [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.tajik–gateway.org/wp/transport–tadzhikistana/grazhdanskaya–aviatsiya–tadzhikistana/ (Дата обращения: 13.08.2023).

303. Дастовардҳои назарраси Роҳи оҳани Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://farazh.tj/sahifai–asosy/iqtisod/dastovardhoi–nazarrasi–rohi–ohani–tojikiston/ (Санаи муроҷиат: 10.08.2024).

304. День гражданской авиации в Таджикистане [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://anydaylife.com/calendar/4685

305. Дорога через века/Евразия вести [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://eav.ru/publ1.php?publid=2009–04a07 (Дата обращения: 10.08.2024).

306. Дустов, С. Процедура ОВОС в Таджикистане [Электронный ресурс]. – Душанбе, 2007. – 28 с. – Режим доступа: http: //www.unease.org/filcadmin/DAM/envy/eia/...Events/.Dushanbe07_Dustov.pdf (Дата обращения: 13.08.2025).

307. Загадки «Таджикской железной дороги» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://kazakh–zerno.net/110693–zagadki–tadzhikskoj–zheleznoj–dorogi/ (Дата обращения: 09.08.2023).

308. История аэронавигации Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.airnav.tj/ru/company/history (Дата обращения: 13.08.2023).

309. История ТРАСЕКА [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.traceca–org.org/ru/o–traseka/istorija–traseka/ (Дата обращения: 17.08.2023).

310. История–ГУП «Таджикаэронавигация» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://airnav.tj/ru/company/history

311. Камол Насрулло. Аз овринг то шоҳроҳи байналмилалӣ. Ва ё чӣ тавр бо талоши сарвари давлат Тоҷикистони сепорча ба қаламрави воҳид табдил ёфт [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2023/08/az–ovring–to–sho–ro–i–bajnalmilal–va–yo–ch–tavr–bo–taloshi–sarvari–davlat–to–ikistoni–seporcha–ba–alamravi–vo–id–tabdil–yoft/ (Санаи мурољиат: 12.04.2024).

312. Караев, С. Первые из первых: «Таджик Эйр» отметил день гражданской авиации [Электронный ресурс] / С. Караев. – Режим доступа: https://asiaplustj.info/news/tajikistan/society/20180904/tadzhik–eir–otmetil–den–grazhdanskoi–aviatsii–tadzhikistana

313. Кароматулло, А. Роҳу нақлиёт: аз дастовард то мушкилот [Манобеи электронӣ] / А. Кароматулло. – Низоми дастрасӣ: https://jumhuriyat.tj/2866–rou–naliet–az–dastovard–to–mushkilot.html (Санаи мурољиат: 07.12.2024).

314. Комилбек, А. Тоҷикистон ва имкониятҳои транзитии он [Манобеи электронӣ] / А. Комилбек. – Низоми дастрасӣ: https://sadoimardum.tj/maorif/to–ikiston–va–imkoniyat–oi–tranzitii–on/ (Санаи мурољиат: 22.04.2025).

315. Мадалиев, Қ. Нақби Истиқлол–вақоеъномаи роҳсозон [Манобеи электронӣ] / Қ. Мадалиев. – Низоми дастрасӣ: http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=2257 (Санаи мурољиат: 20.01.2020).

316. Маҳмудов, Д. Вазъ ва дурнамои роҳҳои мошингарди Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ [Манобеи электронӣ] / Д. Маҳмудов. – Низоми дастрасӣ: https://vk.com/@donishgohiomuzgori–vaz–va–durnamoi–rooi–moshingardi–toikiston–dar–soloi–soibist (Санаи мурољиат: 20.11.2024).

317. Мельник, М. Все началось с полета Бухара – Душанбе: развитие авиации Таджикистана [Электронный ресурс] / М. Мельник. – Режим доступа: https://tj.sputniknews.ru/20170903/aviatsiya–tadzhikistan–samolet–polet–1023051891.html

318. Место авиации в жизни Таджикистана [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.tajik–gateway.org/wp/transport–tadzhikistana/grazhdanskaya–aviatsiya–tadzhikistana/

319. Мирзобекова, Р. Доживет ли таджикская авиация до своего 100–летия? [Электронный ресурс] / Р. Мирзобекова. – Режим доступа: https://asiaplustj.info/news/tajikistan/economic/20210903/dozhivet–li–tadzhikskaya–aviatsiya–do–svoego–100–letiya

320. Нақби Шар–Шар кушода шуд [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=2955 (Санаи мурочиат: 20.01.2020).

321. Нақлиёти роҳи оҳан [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://kitobam.com/cr/nakliyoti–rohi–ohan/

322. Открытие железной дороги Душанбе – Кургантюбе – Куля. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://khovar.tj/rus/2016/08/otkrytie–zheleznoj–dorogi–dushanbe–kurgantyube–kulyab/ (Дата обращения: 10.08.2024).

323. Открытие и сдача в эксплуатацию железной дороги Душанбе – Кургантюбе – Куляб [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://ru.wikinews.org/wiki/Открытие_и_сдача_в_эксплуатацию железной дороги_Душанбе–Кургантюбе–Куляб (Дата обращения: 10.08.2023).

324. Очерк: В Таджикистан дует «Китайский ветер». 2014. 12 сентября [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://russian.people.com.cn/n/2014/0912/c31519–8781603.html (Дата обращения: 13.08.2025).

325. Первые в Аэрофлоте СССР. Как развивалась гражданская авиация Таджикистана [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20200903/pervie–v–aeroflote–sssr–kakoi–razvivalas–grazhdanskaya–aviatsiya–tadzhikistana

326. Перемещая товары быстрее и лучше. Деятельность Программы Центрально–Азиатского регионального экономического сотрудничества в сфере транспорта и содействия торговле в Таджикистане [Электронный

ресурс]. – Режим доступа: https://www.adb.org/sites/default/files/publication/29168/ (Дата обращения: 22.08.2023).

327. Построен шестой мост через реку Пяндж на границе Афганистана и Таджикистана [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://afghanistan.ru/doc/20692.html (Дата обращения: 13.09.2023).

328. Президент пожелал «безопасных полетов» пассажирам нового тирминала Душанбинского аэропорта 3 сентября 2014 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://avesta.tj/2014/09/03/prezident–pozhelal–bezopasnyh–poletov–passazhiram–novogo–terminala–dushanbinskogo–aeroporta/.

329. Президент Таджикистана открыл в Худжанде Мост национального единства [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://ru.trend.az/casia/tajikistan/1492516.html (Дата обращения: 13.08.2025).

330. Раҳмон, Ю. Рушди нақлиёти ҳавоӣ. Дар Паёми президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мамлакати транзитӣ табдил додани Тоҷикистон таъкид гардид [Манобеи электронӣ] / Ю. Раҳмон. – Низоми дастрасӣ: https://amit.tj/tj/rushdi–nakliyoti–khavoi–dar–payomi–prezidenti–chumkhurii–tochikiston–ba–mamlakati–tranziti–tabdil?page=44 (Санаи муроҷиат: 26.03.2025).

331. Рашид-Бек Ахриев стоял у истоков авиации Таджикистана [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://gazetaingush.ru/obshchestvo/rashid–bek–ahriev–stoyal–u–istokov–aviacii–tadzhikistana

332. Роҳи оҳани Тирмиз – Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://kitobam.com/cr/ro–i–o–ani–tirmiz–dushanbe/ (Санаи муроҷиат: 31.01.2024).

333. Саидов, Х. Вклад героев таджикистана в строительство дорог и транспортных сооружений [Электронный ресурс] / Х. Саидов. – Режим доступа: httpscyberleninka.ruarticlenvklad–geroev–tadzhik.

334. Сангинов, М.М. Сохтмони роҳи оҳани вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои ҳокимияти Шуравӣ (с. 1925-1970) [Манобеи электронӣ] / М.М. Сангинов, М.С. Курбонова, Ш.М. Маҳмадов, А.А. Валиев // ELS. 2023. – Низоми дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/sohtmoni–ro–i–o–ani–viloyati–hatloni–um–urii–to–ikiston–dar–sol–oi–okimiyati–sh–rav–s–1925–1970 (Санаи муроҷиат: 28.09.2025).

335. Се рӯзи тирамоҳ дар Рашту Тоҷикобод ва Ҷиргатолу Тавилдара [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://peshina.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=207

336. Соҳаи нақлиёти Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/main/tojikiston/naqlijot (Санаи муроҷиат: 08.12.2023).

337. Судьбоносные артерии Таджикистана [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://eav.ru/publ1p.php?publid=2007–06a10.

338. Табрикоти Вазир ба ифтихори Иди касбии роҳиоҳанчиён [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.mintrans.tj/en/news–page/details/186 (Санаи муроҷиат: 10.08.2024).

339. Таджикская авиакомпания «Сомон Эйр» стала членом IATA [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://irtag.info/ru/news/tadzhikskaya–aviakompaniya–somon–eyr–stala–chlenom–iata (Дата обращения: 13.08.2023).

340. Трапезникова, К. День работников железной дороги: как в Таджикистане появились поезда [Электронный ресурс] / К. Трапезникова. – Режим доступа: https://halva.tj/articles/analytics/den_rabotnikov_zheleznoy_dorogi_kak_v_tadzhikistane_poyavilis_poezda.

341. Умар, А. Роҳи оҳани Тирмиз – Душанбе [Манобеи электронӣ] / А. Умар. – Низоми дастрасӣ: http://cccp.tj/tj/2016–02–23–16–45–52/tarikhi–sssr/item/8994–rohi–ohani–tirmiz–dushanbe.html (Санаи муроҷиат: 06.06.2023).

342. Хамрабаева, Н. Эмомали Рахмон и Ага Хан IV отправились в Шуроабад [Электронный ресурс] / Н. Хамрабаева. – Режим доступа:

https://www.asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/power/20111031/emomali–rakhmon–i–aga–khan–iv–otpravilis–v–shuroabad (Дата обращения: 16.09.2023).

343. Чоршанбиев, П. Бо қарори ҳукумати Тоҷикистон нақби «Чормағзак», ки моҳи ноябри соли гузашта ифтитоҳ гардида буд, ба «Хатлон» тағйири ном кард [Манобеи электронӣ] / П. Чоршанбиев. – Низоми дастрасӣ: https://asiaplustj.info/news/tajikistan/economic/20140212/na–bi–chorma–zak–ro–khatlon–va–shar–shar–ro–ozod–nomguzor–kardand (Санаи муроҷиат: 31.01.2020).

344. Чоршанбиев, П. В Программу ЦАРЭС приняты новые члены: [Электронный ресурс] / П. Чоршанбиев. – Режим доступа: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/20101103/v–programmu–tsares–prinyaty–novye–chleny (Дата обращения: 22.08.2023).

345. Шерматов, Г. Как развивалась гражданская авиация Таджикистана [Электронный ресурс] / Г. Шерматов. – Режим доступа: https://ia–centr.ru/publications/kak–razvivalas–grazhdanskaya–aviatsiya–tadzhikistana/

346. Э. Рахмонов и принц Карим Ага–Хан IV открыли мост в Ишкашиме [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/power/20061031/e–rakhmonov–i–prints–karim–aga–khan–iv–otkryli–most–v–ishkashime (Дата обращения: 02.09.2023).

## 2. ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### 1. МОНОГРАФИЯҲО

[1-М]. Айнулозода, Н.А. Аз таърихи рушди роҳсозӣ дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 20-80-уми асри XX) [Матн] / Н.А. Айнулозода. – Душанбе, 2022. – 144 с.

[2-М]. Айнулозода, Н.А. Таърихи рушди роҳсозӣ ва инфрасохтори нақлиётӣ дар Тоҷикистон дар замони шуравӣ [Матн] / Н.А. Айнулозода. – Душанбе, 2025. – 307 с.

### 2. МАҚОЛАҲОИ ИЛМИЕ, КИ ДАР МАҶАЛЛАҲОИ ТАҚРИЗШАВАНДАИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИИКСТОН ЧОП ШУДААНД

[3-М]. Шарипов, Н. Из истории дорожного строительства на юге Таджикистана (1920-1941 гг.) (на примере Кулябского региона) [Текст] / Н. Шарипов // Вестник Педагогического университета. – Душанбе, 2013. – №4-2 (53). – С.201-205. – EDN SAUCQD.

[4-М]. Шарипов, Н. Развитие дорожного строительства в Кулябском регионе (1946-1960 гг.) [Текст] / Н. Шарипов // Вестник Педагогического университета. – Душанбе, 2014. – №1 (56). – С.72-76. – EDN SABYOH.

[5-М]. Шарипов, Н. История дорожного строительства в Кулябском регионе (1960-1976 гг.) [Текст] / Н. Шарипов // Вестник Педагогического университета. – Душанбе, 2014. – №1 (56-2). – С.73-79. – EDN SACIMT.

[6-М]. Шарипов, Н. Из истории дорожного строительства Кулябского региона в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.) [Текст] / Н. Шарипов, Ш. Шарифов // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №3-1. – С.72-75. – EDN XOITPN.

[7-М]. Шарипов, Н.А. Интенсивное дорожное строительство и развитие транспорта в первой половине XX в. [Текст] / Н.А. Шарипов // Историк. – 2018. – №3 (15). – С.35-39. – EDN BBJXLI.

[8-М]. Шарипов, Н.А. Вазъи сохтмони роҳҳо дар ноҳияи Восеъ дар солҳои 60–80-уми асри XX [Текст] / Н.А. Шарипов, Р. Рисолати // Вестник Педагогического университета. – 2018. – №5-1 (77). – Р.246-248. – EDN SHMQCA.

[9-М]. Айнулозода, Н. Аз таърихи сохтмони нақбҳо дар Тоҷикистон [Матн] / Н. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2020. – №1 (84). – Р.234-238. – EDN GYZDUK.

[10-М]. Айнулозода, Н. Первые шаги Таджикистана по выходу из внутренней и внешней коммуникационной изоляции в годы независимости [Текст] / Н. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2022. – №6-1 (101). – С.286-289. – EDN CGJPUO.

[11-М]. Айнулозода, Н.А. Аз таърихи пайдоиш ва рушди роҳсозӣ [Матн] / Н.А. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2023. – №1 (102). – Р.208-211. – EDN BXPEGZ.

[12-М]. Айнулозода, Н.А. Политика транспортного сектора Таджикистана и его развитие в годы независимости [Текст] / Н.А. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2023. – №2 (103). – С.213-216. – EDN VRSJCX.

[13-М]. Айнулозода, Н.А. Хусусиятҳои ташаккул ва рушди авиатсияи гражданӣ дар ҶШС Тоҷикистон [Матн] / Н.А. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2023. – №5 (106). – Р.227-232. – EDN KPBIIK.

[14-М]. Айнулозода, Н.А. Рушди авиатсияи гражданӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ [Матн] / Н.А. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2023. – №5 (106). – Р.245-254. – EDN TQEVNY

[15-М]. Айнулозода, Н.А. Рушди робитаҳои берунаи Тоҷикистон дар соҳаи нақлиёт [Матн] / Н.А. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2023. – №6 (107). – Р.200-209. – EDN EMBBSQ.

[16-М]. Айнулозода, Н.А. Назаре ба таърихи пайдоиш ва рушди роҳи оҳан дар Тоҷикистон [Матн] / Н.А. Айнулозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – №9. – Р.68-75. – EDN AGDTSV.

[17-М]. Айнулозода, Н.А. Нақши долонҳои байналмилалии нақлиётӣ дар Тоҷикистон: ҳолат, дурнамо ва рушд [Матн] / Н.А. Айнулозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №1. – Р.49-57. – EDN CYQOWE.

[18-М]. Айнулозода, Н.А. Марҳилаи муҳим дар самти сохтмон ва навсозии роҳҳои мошингарди Тоҷикистон [Матн] / Н.А. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2024. – №1 (108). – Р.202-207. – EDN BTYOAW.

[19-М]. Айнулозода, Н.А. Инъикоси сохтмону навсозии роҳу пул ва нақбҳо дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олӣ (аз соли 2006 то соли 2023) [Матн] / Н.А. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2024. – №2 (109). – Р.205-210. – EDN FTFIJC.

[20-М]. Айнулозода, Н.А. Из истории развития дорожного хозяйства Таджикской ССР [Текст] / Н.А. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2024. – №4 (111). – С.192-198. – EDN SGNHKO.

[21-М]. Айнулозода, Н.А. Таъсири лоиҳаҳои стратегӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Н.А. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2024. – №5–6 (112-113). – Р.182-187. – EDN KCYZYA.

[22-М]. Айнулозода, Н.А. Дорожное хозяйство Таджикистана в период первой и второй пятилетки (1929-1937 гг.) [Текст] / Н.А. Айнулозода // Вестник Таджикского национального университета. – 2025. – №1. – С.74-79. – EDN STHFBL.

[23-М]. Айнулозода, Н.А. Стратегияҳои нақлиётии Тоҷикистон ва таъсири онҳо ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ [Матн] / Н.А. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2025. – №2 (115). – Р.236-242. – EDN PEPHGP.

[24-М]. Айнулозода, Н.А. Таҳлили рушд ва хусусиятҳои асосии соҳаи нақлиёти Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият [Матн] / Н.А. Айнулозода, Ф.М. Абдурашитов // Вестник Педагогического университета. – 2025. – №3 (116). – Р.260-266. – EDN YXABUQ.

[25-М]. Айнулозода, Н.А. Историческая эволюция транспорта и логистики в Таджикистане: проблемы, возможности и цифровые перспективы [Текст] / Н.А. Айнулозода, Ф.М. Абдурашитов // Вестник Педагогического университета. – 2025. – №4 (117). – С.304-311. – EDN MDTSIA.

[26-М]. Айнулозода, Н.А. Аҳаммияти таърихӣ-иқтисодии сохтмони роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб дар таҳкими инфрасохтори нақлиёти Тоҷикистон [Матн] / Н.А. Айнуллозода // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2025. – №4. (850). – С.14-20 (ISSN 2077-4990)

### 3. МАҚОЛАҲОИ ДАР ДИГАР НАШРИЯҲО БА ТАБЪРАСИДА

[27-М]. Айнулозода, А.Н. Қадамҳои нахустини Тоҷикистон барои баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ дар солҳои истиқлолият [Матн] / А.Н. Айнулозода // Истиқлоли давлатӣ: марҳилаи тақдирсоз дар сарнавишти халқи тоҷик (ба муносибати 30-солагии истиқлолияти ҶТ). Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ (шаҳри Душанбе, 4 сентябри соли 2021. – Душанбе, 2021. – С.388-396.

[28-М]. Айнулозода, Н.А. Вазъи роҳу нақлиёти Тоҷикистон дар солҳои аввали ҳокимияти шуравӣ [Матн] / А.Н. Айнулозода // Международный научно-практический журнал Endless Light in Science. – Алматы, 2023. – 30 декабря. – С.129-135.

[29-М]. Айнулозода, А.Н. Ташаккул ва рушди инфрасохтори нақлиётии дохиливу байналмилалии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият [Матн] / А.Н. Айнулозода // Конференсияи байналмилалӣ: «Рушди забони ишора ва таҳсилоти фарогир, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар ҷаҳони муосир» 13 июни соли 2024. – Душанбе, 2024. – С.254-259.

[30-М]. Айнулозода, А.Н. Саҳми Пешвои миллат дар рушди соҳаи роҳу нақлиёт ва ҳалли масъалаи аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Н. Айнулозода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон дар партави суханронии Пешвои муаззами миллат, Асосугузори сулҳу ваҳдаи миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба «Рӯзи дониш» таҳти унвони «Нақш ва масъулияти омӯзгор дар замони истиқлол» 12 декабри соли 2024. – Душанбе, 2024. – Қ.2. – С.80-86.

[31-М]. Айнулозода, А.Н. Таъсири инфрасохтор ва нақлиёт ба рушди иқтисоди Тоҷикистон. Ҷанбаҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ [Матн] / А.Н. Айнулозода // Конференсияи илмӣ-назариявӣ байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои экологӣ ва роҳҳои иқтисоди сабз дар замони муосир» (Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявӣ байналмилалӣ). – Душанбе, 2025. – С.260-265.

[32-М]. Айнулозода, А.Н. Саҳми пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб [Матн] / А.Н. Айнулозода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик» (ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 29 апрели соли 2025). – Душанбе, 2025. – С.43-49.